УРВАТУЛЛОИ ТОИР
САИДМУРОДИ САИДАЛӢ

# ҚОМУСИ ҚОФИЯ ВА АРӮЗИ ШЕЪРИ АЧАМ

ҶИЛДИ I
А–М

УРВАТУЛЛОИ ТОИР
САИДМУРОДИ САИДАЛӢ

# ҚОМУСИ ҚОФИЯ ВА АРӮЗИ ШЕЪРИ АҶАМ

ДАР ДУ ҶИЛД

Ҷилди I

А — М

ДУШАНБЕ, «ИРФОН», 1994

ББК 68.38 (2)
Т 51

Муҳаррири нашриёт М. Валихоҷаев

**Урватуллои Тоир, Саидмуроди Саидалӣ.**

Т 51 Қомуси қофия ва арӯзи шеъри Аҷам. Душанбе, «Ирфон», 1994. — 512 саҳ.

Шеър фарзанди шоир аст. Шеъри хубу дилкаш ба ҳунару истеъдоди шоир вобастагӣ дорад. Шоир баъзан дар як байт ҷаҳонеро мегунҷонаду ба воситаи як байт ҳазор дилро мусаххар месозад. Шеър ҳамон вақт ба дилҳо роҳ меёбад, ки агар маънии хубу вазни дилкашу қофияи зебо дошта бошад.

Ин китоб, пеш аз ҳама, ба ҳамин масъала, яъне ба санъати баланди шеъру шоирӣ бахшида шудааст. Муаллифон кӯшидаанд, ки тамоми истилоҳоти адабиро мухтасар шарҳу эзоҳ диҳанд. Бехтарин байтҳои шоирони бузурги гузаштаю имрӯза чун мисоли шеърӣ оварда шудаанд. Қомус барои муаллимони мактабҳои миёнаю олӣ, омӯзишгоҳҳои педагогӣ, ҳонандагони мактабҳои миёнаю донишҷӯёни донишкадаю донишгоҳҳо, инчунин барои онҳое, ки завқе доранд, таълиф шудааст. Китоб қариб ду ҳазор истилоҳро дарбар мегирад ва он як навъ санъати сухани шоиру нависандаро мемонад.

**Урватуллои Тоир, Саидмуроди Саидали.**

Словарь рифм и стихосложений поэзии Аджама.

Т $\frac{4603010000 - 04}{501(12) - 94}$ — 94

ББК 68.38 (2)

© Урватуллои Тоир 1994

## ДАРЁИ РАВОН

Ҳар иқдом мақсадею ҳар оғоз анҷоме дорад. Мутолиаи муттасили ашъори посдорони сухани форсӣ-тоҷикӣ ва таҳқиқу омӯзиши рисолаҳои арӯздонону қофиясанҷони гузаштаю имрӯза аз як тараф, таълими адабиёт дар курсҳои тайёрии шабонаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, сӯҳбати ҷудогона бо шоирону донишмандони илми адаб, инчунин, вохӯриҳои алоҳида бо муаллимони забон ва адабиёти мактабҳои миёна ва донишҷӯёни факултетҳои филологияи тоҷику забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, аз тарафи дигар, маро ҳидоят намуданд, ки дар иҷрои мақсади наҷибе камари ҳиммат бандам ва даст ба коре занам, ки анҷомаш дидаи мардумро рушан созад. Ба ин мақсад, миқдори зиёди рисолаҳои арӯзу қофияро, ки дар мамолики Шарқу Ғарб ба табъ расида буданд, ба даст овардам. Ба вазъи илми адабиётшиносӣ ва танқиди адабии тоҷик бисьёр таваҷҷуҳ намудам. Дидам, ки дар ин соҳа корҳои зиёде анҷом ёфтааст. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти намояндагони назми классикӣ ва имрӯзаи тоҷик рисолаҳои алоҳида таълиф шудаанд. Ашъори баргузидаи бисёр шоирони гузаштаи тоҷикро аз ҳуруфи арабӣ ба алифбои имрӯза баргардонидаанд. Ҳоло устодони мактабҳои олӣ, миёна ва миёнаи махсуси ҷумҳурӣ имконият доранд, ки барои мутолиа ба шогирдони хеш илова ба китобҳои дарсӣ ва дастурҳою васоили таълимӣ, асарҳои зиёдеро тавсия намоянд.

Чунин ҳолат ба дил сафо мебахшаду ба дидаҳо нур. Аммо агар аниқтар назар андозед, мебинед, ки савияи шеърфаҳмию шеърдонии аксари дорандагони «Номаи камол» паст аст. Бисёр хатмкунандагони факултетҳои забон ва адабиёти тоҷики донишкадаҳои олӣ дар таҳлили шеър азоб мекашанд. Гурӯҳи зиёди донишҷӯён (баъзе муаллимони мактабҳои миёна низ) ашъори шоирони классикиро маънидод карда наметавонанд. Дар баъзе мақолаҳое, ки дар маҷмӯа, маҷалла ва рӯзномаҳо чоп мешаванд, шеъри шоирон қариб ҳамеша яктарафа мавриҷ

ди таҳлил қарор мегиранд. «Чиддитарин нуқсоне, ки ба назар мерасад, ба фикри мо он аст, ки аксари иштирокчиёни баҳс, ҳатто мунаққидони касбиамон ҳам ҳангоми таҳлилу тадқиқ ва баёни фикр, мутаассифона, шеъри нағзу бад, сараву носараро паҳлӯи ҳам оварда, шоирони соҳибистеъдодро ба ҷавонони навмашқ ба ҳам баробар мегузоранд» (Абдунабӣ Сатторов, Нуқтаи пайванд, Д. — Ирфон, 1982, сах. 90). Аксари мунаққидон ҳангоми таҳлили ашъори шоирон бештар ба маънии он диққат дода, ба тарзи баёни шоир, вазн, қофия, мавқеъ ва таносуби сухан умуман эътибор намедиҳанд. Дар мақолаи «Масъуди Марвазӣ», ки дар мӯътабартарин китоби тоҷикӣ — «Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» дарҷ гардидааст, чунин ҷумлаҳоро мехонем: «М. М. (Масъуди Марвазӣ) маснавии бузургҳаҷме доштааст, ки ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ монанд буда, дар он сарнавишти шоҳону паҳлавонони пешини форс-тоҷик тасвир ёфтааст. ...Маснавии М. М. (Масъуди Марвазӣ) дар баҳри ҳазаҷи мусаддас буда, с. 955 таълиф шудааст... Абъёти зерин аз маснавии шоиранд:

Нахустин Қаюмарс омад ба шоҳӣ,
Гирифташ ба гетӣ—даруи подшоҳӣ.
Чу сӣ соле ба гетӣ подшо буд,
Ки фармонаш ба ҳар чое раво буд».

Оиҳое, ки аз илми арӯз бохабаранд, медонанд, ки ҳар як баҳри солим, аз он ҷумла, баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Рачаз, Мутақориб, Тавил, Мутадорик, Мадид, Басит, Вофир, Комил шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъю мусаннои солим доранд. Агар сухан фақат дар хусуси баҳри Ҳазаҷ равад, пас навъҳои мусаддаси он аз инҳо иборатанд: Ҳазаҷи мусаддаси солим /мафойлун/мафойлун/мафойлун/, Ҳазаҷи мусаддаси мақбуз /мафоилун/мафоилун/мафоилун/, Ҳазаҷи мусаддаси мақбузи мусаббағ /мафойлун/, мафоилун/, мафойлон ё мафойлун/мафойлун/мафоилон, ё ки: мафоилун/мафоилун/мафоилон/, Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мусаббағ /мафъӯлу/мафойлун/мафоилон ё ин ки мафъӯлу/мафоилун/мафоилон), Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф /мафойлун/мафойлун/фаӯлун/, Ҳазаҷи мусаддаси мақсур /мафойлун/, мафойлун/мафойл), Ҳазаҷи мусаддаси ахраб /мафъӯлу/мафойлун/мафойлун/, Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф /мафъӯлу/мафоилун/фаӯлун/, Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур /мафъӯлу/мафоилун/мафойл/, Ҳазаҷи мусаддаси макфуф /мафойлу/мафойлу/ мафойлун ё мафойлун/мафойлу/мафойлун/, Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуф /мафъӯлу/мафойлу/мафойлун/, Ҳазаҷи мусад-



даси ахраби мақфуфи мусаббағ /мафъӯлу/мафойлу/мафойлон/, Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи мақбузи мусаббағ /мафъӯлу/мафойлу/мафоилон/, Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи маҳзуф /мафъӯлу/мафойлу/фаӯлун/, Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи мақсур /мафъӯлу/мафойлу/мафойл/, Ҳазаҷи мусаддаси ахраби аштари мусаббағ /мафъӯлу/фоилун/мафойлон/, Ҳазаҷи мусаддаси ахраби ахрами аштар /мафъӯлу/мафъӯлун/фоилун/, Ҳазаҷи мусаддаси ахраби ахрами мақбуз /мафъӯлу/мафъӯлун/, мафоилун/, Ҳазаҷи мусаддаси ахрами мақбуз /мафъӯлун/мафоилун/мафойлун ё мафъӯлун/мафойлун/мафоилун/, Ҳазаҷи мусаддаси ахрами мақбузи маҳзуф /мафъӯлун/мафоилун/фаӯлун), Ҳазаҷи мусаддаси ахрами мақбузи мақсур /мафъӯлун/мафоилун/мафойл), Ҳазаҷи мусаддаси ахрами макфуф мафъӯлун/мафойлу/мафойлун), Ҳазаҷи мусаддаси ахрами макфуфи мақбуз /мафъӯлун/мафойлу/мафоилун/, Ҳазаҷи мусаддаси ахрами макфуфи мақбузи мусаббағ /мафъӯлун/мафойлу/мафоилон/, Ҳазаҷи мусаддаси ахрами муханнақи мақбуз /мафъӯлун/мафъӯлун/мафоилун/, Ҳазаҷи мусаддаси ахрами муханнақи мақбузи мусаббағ /мафъӯлун/мафъӯлун/мафоилон/, Ҳазаҷи мусаддаси ахрами муханнақи мусаббағ /мафъӯлун/мафъӯлун/мафойлон/, Ҳазаҷи мусаддаси абтар /мафойлун/мафойлун/фаъ/, Ҳазаҷи мусаддаси азалл /мафойлун/мафойлун/фоъ/, Ҳазаҷи мусаддаси мақбуб /мафойлун/мафойлун/фаал/, Ҳазаҷи мусаддаси ахтам /мафойлун/мафойлун/фаӯл/, Ҳазаҷи мусаддаси мақбузи абтар /мафойлун/мафоилун/фаъ ё мафоилун/мафойлун/фаъ/, Ҳазаҷи мусаддаси мақбузи азалл /мафоилун/мафоилун/фоъ ё мафойлун/мафоилун/фоъ/, Ҳазаҷи мусаддаси мақбузи мақбуб / мафоилун/мафоилун/фаал ё мафойлун/мафоилун/фаал/, Ҳазаҷи мусаддаси мақбузи ахтам /мафоилун/мафоилун/фаӯл ё мафойлун/мафоилун/фаӯл ва ғайра. Пас, аз гуфтаи муаллиф, ки «баҳри ҳазаҷи мусаддас» мегӯяд, барои ҳамаида маълум нест, ки кадом навъи мусаддаси баҳри Ҳазаҷ дар назар дошта шудааст. Аз тарафи дигар, муаллифи мақола таъкид мекунад, ки байтҳои зикршуда аз як маснавии шоиранд, вале онҳо дар яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷи мусаддас суруда шудаанд. Ку, бубинем, ки гуфтаҳои муаллифи мақола то кадом дараҷа ба ҳақиқат наздиканд. Дар ин кор ба мо тақтеъ (ба ҳиҷо, рукнҳо ҷудо кардани мисраъҳои шеърро тақтеъ меноманд) ёрӣ мерасонад. Байти якумро ба ҳиҷоҳо ҷудо намуда тақтеъ менамоем:

На-хус-тин-Ка-ю-мар-с-о-мад-ба-шо-хӣ,
Ги-риф-таш-ба-ге-тӣ-да-руи-по-д-шо-хӣ.

Агар мисраъи аввали ин байтро ба ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ҷудо намоем, ҳиҷои аввал (на) кӯтоҳ, ҳиҷои дуюм (хус) дароз, ҳиҷои сеюм (тин) дароз, ҳиҷои чаҳорум (ка) кӯтоҳ, ҳиҷои панҷум (ю) дароз, ҳиҷои шашум (мар) дароз, ҳиҷои ҳафтум (с) кӯтоҳ, ҳиҷои ҳаштум (о) дароз, ҳиҷои нуҳӯм (мад) дароз, ҳиҷои даҳум (ба) кӯтоҳ, ҳиҷои ёздаҳум (шо) дароз, ҳиҷои дувоздаҳум (ҳӣ) дароз мешавад. Дарозию кӯтоҳии ҳиҷоҳои мисраъи дуюм низ мисли ҳиҷоҳои мисраъи якуманд. Вобаста ба оҳанг ва тарзи талаффузи ин байт порчаҳои тараннумии он ба оҳанги рукни фаӯлун мувофиқат мекунанд. Фаӯлун бошад рукни асосии баҳри Мутақориб аст. Пас, вазни аввали абёти боло дар баҳри Мутақориби мусаммани солим /фаӯлун/фаӯлун/фаӯлун/фаӯлун/ эҷод шудааст.

Акнун бо ҳамин усул байти дуюмро ба ҳиҷоҳо ҷудо намуда тақтеъ менамоем:

Чу-сӣ-со-ле-ба-ге-тӣ-по-д-шо-буд
Ки-фар-мо-наш-ба-ҳар-ҷо-е-ра-во-буд.

Чи тавре ки мебинед, ҳарду мисраъ ёздаҳҳиҷоӣ буда, ҳиҷои якуму панҷуму нуҳуми мисраъи якуму дуюм ҳиҷоҳои кӯтоҳ ва ҳиҷоҳои дуюму сеюму чаҳоруму шашуму ҳафтуму ҳаштуму даҳуму ёздаҳум ҳиҷоҳои дарозанд. Аз рӯи оҳанг ва тарзи талаффуз порчаҳои тараннумии ин байт ба рукнҳои мафоӣлун ва мафоӣли баҳри Ҳазаҷ мувофиқат мекунанд. Пас, вазни байти дуюми абёти боло баҳри Ҳазаҷи мусаддаси мақсур /мафоӣлун/мафоӣлун/мафоӣл/ аст. Ҳамин тариқ, «абьёти зерин аз маснавии шоиранд» ва вазни он «баҳри ҳазаҷи мусаддас» гуфтани муаллифи мақола тасдиқ нагардид, зеро ҳангоми тақтеъи байтҳои боло дидем, ки байти якум дар баҳри Мутақориби мусаммани солим /фаӯлун/фаӯлун/фаӯлун/фаӯлун) ва байти дуюм дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси мақсур /мафоӣлун/мафоӣлун/мафоӣл/ таълиф шудааст. Аз рӯи вазни ин ду байт ба хулоса омадан мумкин аст, ки Масъуди Марвазӣ онди вокеаҳои таърихию асотирию афсонавии гузаштагони хеш як достон не, балки ду достон офаридааст, ки яке дар баҳри Мутақориби мусаммани солим ва дигаре дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси мақсур будааст.

Чи тавре ки мебинед, чи гуфтани шоирро донистан кам аст, чи тавр гуфтани ӯро низ бояд донем.

Боре донишҷӯе аз устоди мӯҳтарам, шодравон Шарифҷон Ҳусейнзода хоҳиш кард, ки барояш тарзи таҳлили шеърро фаҳмонад. Устоди бузургвор хоҳиши шогирдро ба инобат гирифта, барои таҳлили шеър чанд соати вақти худро сарф кард. Пеш аз ҳама, ба шогирдҳо фаҳмонданд, ки дар таҳлили шеър донистани илмҳои арӯз, қофия ва бадеъ (санъатҳои шеърӣ) ҳатмист, яъне ҳангоми таҳлил баробари маънидоди мақсади шоир бояд гуем, ки он дар кадом навъи шеърӣ (қасида, ғазал, қитъа, маснавӣ, рубой, дубайтӣ, таркиббанд, тарҷеъбанд, мухаммас, мусаммат ва ғайра) аст, дар кадом вазн (баҳр) суруда шудааст ва қофияаш кадом ва шоир барои ифодаи маънӣ ва мақсади хеш аз саноеъи бадеъӣ чи тавр истифода бурдааст.

Баъди ин сарсухан донишҷӯеро назди тахтаи синф даъват карданду шеъри зеринро нависонданд:

Адои қатраи обам, ки дарё мешавад рӯзе,
Фидои зарраи хокам, ки дунё мешавад рӯзе.
Нашуд гум бо дили равшан касе дар кӯрароҳи умр,
Ки ҳар истораи гумгашта пайдо мешавад рӯзе.
Ба чашми дилшиносон рози дил пӯшида натвон дошт,
Агар дар боғ бошад ғунчае, во мешавад рӯзе.
Зи гавҳарҳои уммеду зи нақди синаҳои мо
Якин донам, ки хоки тира тилло мешавад рӯзе,
Диле гар ҳаст, месӯзад шабе дар меҳнату ҳайрат,
Саре гар ҳаст, саргардони савдо мешавад рӯзе.
Машав афтода, гар ҳарфи наве пайдо нашуд, эй дил,
Ки бар мову ту фардо ҳасту фардо мешавад рӯзе.

Аз бачаҳо пурсиданд, ки ин абёт ба кӣ тааллуқ дорад ва он дар кадом навъи шеърӣ эҷод шудааст? Яке аз шогирдон:

— Ин ғазали машҳури шоири тоҷик — Гулназар аст, — гуфт. Ҷавоб саҳеҳ буд, вале барои он ки дигарон низ фаҳманд, устод сабаби ғазал гуфтани ин абётро пурсиданд. Шогирд хусусият ва нишонаҳои шаклии ғазал ва тафовути онро аз қасида баён карда, ғазалсароёни номии адабиётамонро ном бурд.

— Кадом байти ин ғазал бештар ба шумо маъқул, яъне бехтарин байти он кадом аст — пурсиданд боз устод. Аксарият байти аввалро писандиданд. Баъди ин устод байти аввалро таҳлил карданд. Гуфтанд, ки байти аввали ғазал ё қасидаро матлаъ (мусарраъ) ва байти охири онро мақтаъ меноманд. Аксари шоирони бузурги мо кӯшидаанд, ки матлаъи шеърро бо калимоту иборoти дилкаш ва маънии хуб оғоз намоянд, то ки хонанда ё шунаванда ба хондану шунидани давоми шеър рағбат пайдо кунад. Агар байти аввалу охири ғазал ё қасида дар ниҳояти зебоию равонӣ таълиф шуда бошад, онро ҳусни матлаъ ва ҳусни мақтаъ меноманд. Яке аз шартҳои ғазали хуб ҳусни матлаъ доштани он аст. Дар ҳақиқат, байти аввали ин ғазал ҳусни матлаъ аст. Ва ин байт

матлаъ ном дорад, барои он ки ҳар ду мисраъи он ҳамқофияанд.

Мазмуни байти аввал душвор нест, ба фаҳми хонандагон наздик аст. Шоир аз он меболад, ки дарёҳои бузург аз қатраи обе ибтидо мегиранду рӯдҳои бузург умед аз чашмаҳо доранд. Мақсади шоир аз ин байт он аст, ки инсони кӯчак (тифл) ба воситаи меҳнати ҳалолу самимӣ, кӯшишу ғайрат ва сабру тоқат ҳатман ба мартабаи олӣ мерасад. Шоир дар назди инсоне, ки тавассути саъю кӯшиш ва азми дуруст сохибэҳтиром гардидааст, сари таъзим фуруд меорад. Бо ин шоир сабру тоқат ва кӯшишу ғайрат барин хислатҳои хуби инсониро тараннум менамояд, — гуфтанд устод ва боз суханашонро давом доданд:

— Матлаъ ва байтҳои дигари ғазал дар вазни Ҳазаҷи мусаммани солим таълиф шудааст. Чаро? Барои он ки рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун дар як байт хашт маротиба бетағйир омадааст ва агар ҳар ду мисраъро ба ҳиҷоҳо тақсим кунем, ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи он ба шакли овозии рукни мафойлун баробар мешавад:

А-до-и-қат/мафойлун/, ра-и-о-бам/мафойлун/, ки-дар-ё-ме/мафойлун/, ша-вад-рӯ-зе/мафойлун.

Фи-до-и-зар/мафойлун/, ра-и-хо-кам/мафойлун/, ки-дун-ё ме/мафойлун), ша-вад-рӯ-зе/мафойлун.

Чи тавре ки дидем, ин байт аз ҳашт рукн иборат аст. Азбаски воҳиди асосии шеър дар адабиётшиносӣ байт аст, ҳар як рукни он номи махсус дорад. Рукни аввали мисраъи якуми ин байт — «А-до-и-қат» /мафойлун/ садр, рукни охири мисраъи аввал — «ша-вад-рӯ-зе» /мафойлун/ арӯз, рукни аввали мисраъи дуюм — «Фи-до-и-зар» /мафойлун/ ибтидо, рукни охири мисраъи дуюм — «ша-вад-рӯ-зе» /мафойлун/ зарб, рукнҳое, ки дар байни садру арӯз /«ра-и-о-бам» — мафойлун/, /«ки-дар-ё-ме» — мафойлун/ ва ибтидою зарб /«ра-и-хо-кам» — мафойлун, «ки-дун-ё-ме» — мафойлун/ ҷой гирифтаанд, ҳашв ном доранд.

Ҳамин тариқ, байти боло дар яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаммани солим эҷод шудааст.

Дар ин байт калимаҳои «дарё» ва «дунё» қофия буда, решаи он «ё» аст. Азбаски дар қофияи боло ҳарфи равӣ (охирин ҳарфи решагии қофия /ба ҳарфи васл/ ҳамсадое, ки баъди равӣ меояд/ начаспидааст, онро қофияи муқайяд мегӯянд.

Дар илми қофия ҳар як ҳарфи он номи махсус дорад. Ҳар-



фи «ё», ки ҳарфи охири решагии қофия аст, равӣ буда, ҳамсадоҳои «р»-и калимаи «дарё» ва «н»-и калимаи «дунё», ки пеш аз равӣ омадаанд, қайд /ҳамсадоеро, ки пеш аз равӣ омадааст, қайд номидаанд/ мебошанд. Қалимаҳои «мешавад» ва «рӯзе», ки дар охири ҳар ду мисраъ такроран омадаанд, радифи /калима ё иборае, ки баъди қофияи шеър такрор мешавад/ байтро ташкил медиҳанд.

Шоир барои он ки фикри оддӣ—«дарё» аз «қатра» ва «дунё» аз «зарра» иборат астро ба таври шоирона баён кунад, аз санъатҳои таносуби сухан, тарсеъ, такрор, мураддаф, мусарраъ, таъкид, салосату ҷазолат, хусни баён, хусни таълиф ва ғайра истифода кардааст. Аввалин санъати бадеие, ки дар ин шеър ба назари хонанда мерасад, тарсеъ /баробар омадани калимаҳои мисраъҳои якуму дуюм аз ҷиҳати миқдори ҳиҷо, талаффуз ва оҳанг/ мебошад.

Шоир калима ва ибораҳои ҳар ду мисраъро тарзе зери ҳам гузоштааст, ки онҳо ҳам аз ҷиҳати ҳиҷо, ҳам аз ҷиҳати талаффуз ва ҳам аз ҷиҳати оҳанг ба ҳам баробаранд: «адои» — «фидои», «қатраи» — «зарраи», «обам» — «хокам», «ки» — «ки», «дарё» — «дунё», «мешавад» — «мешавад», «рӯзе» — «рӯзе». Дар ин байт қариб тамоми калимаҳо байни худ ё ҳамқофияанд, ё мураддаф (радифдор). Дуввумин санъати ин байт таносуби сухан аст байни калимаҳои «қатра», «об», «дарё» (дар мисраъи аввал/, «зарра», «хок», «дунё» /дар мисраъи дуюм/. Яъне чое, ки об аст, қатра ва дарё вучуд дорад ва «зарра», «хок», «дунё» /ба маънии замин/ низ чузвҳои якдигаранд. Шоир калимаҳои «адои», «фидои», «мешавад», «рӯзе»-ро барои пур кардани байт не, балки барои диққатҷалбкунанда баромадани мақсади худ такроран овардааст. Чунин ҳунармандии шоирро дар илми бадеъ санъати такрор ва таъкид меноманд. Такрори калимаҳои «мешавад рӯзе» дар ҳар ду мисраъ, ки маънии байтро боз ҳам пурзӯр менамоянд, санъати мураддаф аст. Шоир фақат маъниро баён накардааст, балки онро хубу дилнишин ва хеле гуворо ифода намудааст.

Хулоса, шоир ҳам аз ӯҳдаи чӣ гуфтан ва ҳам чӣ хел гуфтан ба хубӣ баромадааст, ки онро дар илми бадеъ салосату ҷазолат, хусни баён ва хусни таълиф меноманд.

Барои мисол ин шеъри устод Рӯдакиро таҳлил кунем:

Нигорино, шунидастам, ки гоҳи меҳнату роҳат
Се пироҳан салаб будаст Юсуфро ба умр андар:
Яке аз қайд шуд пурхун, дигар шуд чок аз тӯҳмат,
Савум Яъқубро аз бӯш равшан гашт чашми тар.

Дилам монад бад-он аввал, рухам монад бад-он сонӣ.
Насиби ман шавад дар асл он пироҳани дигар.

Абёти зикршуда дар шакли шеърии қитъа /қитъа низ мисли ғазал ва қасида буда, тафовут дар он аст, ки ду мисраъи аввали он ҳамқофия нест, яъне матлаъ надорад/ эҷод шудааст. Вазни он низ мисли ғазали болоист, яъне Ҳазаҷи мусаммани солим / мафойлун/мафойлун/мафойлун/мафойлун мебошад. Чаро? Барои он ки ҳангоми тақтеъи (ба рукнҳо ҷудо кардан) шеър рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун дар як мисраъ чаҳор бор ва дар як байт ҳашт бор бетағйир омадааст. Агар ҳар ду мисраъро ба ҳиҷоҳо ва рукнҳо ҷудо кунем, ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи байти аввал ва дигар абёти он ба афоили мафойлун баробар мешавад:

Ни-го-ри-но / мафойлун / шу-ни-дас-там / мафойлун / ки-го хи-мех / мафойлун / на-ту-ро-ҳат / мафойлун.
Се-пи-ро-ҳан/мафойлун/са-лаб-бу-дас/мафоилун/т-юсуф-ро/мафойлун/ба-ум-ран-дар/мафойлун).

Таҳлили ин се байт аз таҳлили ғазали Гулназар тамоман фарқ мекунад, — таъкид карданд устод. Сабаб ин ки асоси шеърро қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» ташкил медиҳад. Қасе, ки аз санъати талмеҳ /ишора кардани шоир дар шеъри худ ба қисса, ривоят, масали машҳуре/ огоҳ бошад ва қиссаю ривоятҳои зиёдеро донад, мазмуни шеърро дуруст мефаҳмад. Мазмуни мухтасари қисса чунин аст: Фарзандони Яъқуб чун диданд, ки падари онҳо бародари хурдиашон — Юсуфро бештар навозиш мекунад, ҳасад бурданд ва аз падар иҷозат гирифтанд, ки Юсуфро ҳамроҳи худ ба шикор баранд. Вақте ки аз чашми Яъқуб дур шуданд, Юсуфро ба чоҳе партофтанд ва кабӯтареро /ба ривояти дигар гургеро/ кушта, пироҳани бародарашон — Юсуфро бо хуни он олуда назди падарашон — Яъқуб бурда гуфтанд, ки гурге Юсуфро хӯрдааст ва аз ӯ ин пироҳани хунолуд боқӣ мондааст. Яъқуб аз ин хабари мудҳиш ба дараҷае ғамгин шуду гирист, ки оқибат чашмонаш кӯр гаштанд. Аммо корвониён Юсуфро аз чоҳ берун оварда ба Миср бурда фурӯхтанд. Юсуф дар Миср баъди таъбири хобе подшоҳ шуд. Дар солҳои фаровонӣ гандуми бисёре захира кард ва солҳои қаҳтӣ мардумро аз гуруснагӣ наҷот дод. Солҳои қаҳтӣ бародарони Юсуф дар ҷустуҷӯи ғалла аз Канъон ба Миср рафтанду гандум хариданд. Юсуф бародаронашро шинохт ва худро ба онҳо муаррифӣ кард ва пироҳани худро барои падараш фиристонд. Вақте ки бародарон пироҳани Юсуфро ба падараш доданд, Яъқуб онро ба дидагонаш молид ва аз бӯи он чашмонаш бино гаштанд. Чи тавре ки мебинед, Рӯдакӣ дар ду байти аввали шеър мазмуни мухтасари қиссаи «Юсуф ва Зулайхо»-ро баён кардааст. Мазмуни ду мисраъи охири шеър ба ҳаёти худи Рӯдакӣ сахт алоқаманд аст. Фочиае, ки айёми пиронсолӣ ба сари шоир омада буд, дили ӯро мисли пироҳани хунолуди Юсуф пурхун карда буд. Тӯҳмату бӯҳтоне, ки дарбориён дар ҳаққи Рӯдакӣ раво дида буданд, рухи шоирро мисли пироҳани дуюми Юсуф, ки аз тӯҳмат чок шуда буд, пажмурда гардонида буд. Пешгӯии шоир дар мисраъи охир аз бузургвории ин устоди шеъри дарӣ гувоҳӣ медиҳад. Шоир тақдири худро ба ҳамон ҳолати дили Яъқуб, ки аз бӯи пироҳани фарзандаш — Юсуф равшан гаштааст, монанд мекунад. Шоир умед ва боварӣ дорад, ки дар оянда авлодаш ба қадри ӯ мерасад. Имрӯз баъди ҳазор сол шоҳиди онем, ки устоди бузург ҳато накардааст. Қадру қимат ва эътибори Рӯдакӣ ва шеъри ӯ ҳоло ҳам хеле баланд аст. Тамоми шоирону адабиётшиносони гузаштаю имрӯза Рӯдакиро сардафтари адабиёти классикии форс-тоҷик меноманд. Аз ашъори пандомези вай насли имрӯза дарси иборат меомӯзад. Чи тавре ки дидем, шоир барои ифодаи мақсади хеш аз санъати шеърӣ—талмеҳ хеле хуб ва бамаврид истифода кардааст. Санъати дигари шеърӣ, ки шоир барои ифодаи мақсади хеш ба кор бурдааст, ки ҷамъу тақсим аст. Вай аввал аз се пироҳан доштани Юсуф хабар медиҳад, ки ин санъати ҷамъ, баъд ҳар якеро шарҳ медиҳад, ки ин санъати тақсим аст. Шоир дилашро ба пироҳани аввали Юсуф, рухашро ба пироҳани дуюм ва тақдирашро ба пироҳани сеюм шабоҳат медиҳад, ки ин санъати ташбеҳ ва дар навбати худ истиора мебошад. Барои он ки шеър ҷолиб барояд, шоир онро бо санъати нидо оғоз кардааст. Калимаи «нигорино», ки рукни аввали шеърро ташкил медиҳад, нидо аст. Байни калимаҳои «меҳнат» ва «роҳат» тазод ва мукобала қарор гирифтааст.

Дар ин қитъа калимаҳои «андар», «тар» ва «дигар» қофия буда, решаи онҳо «ар» аст. Дар ин қофияҳо ҳарфи равӣ /охирин ҳарфи решагии қофия/ ба ҳарфи васл /ҳамсадое, ки баъди ҳарфи равӣ меояд/ начаспидааст, аз ин рӯ, ин навъи қофияро қофияи мукайяд меноманд. Чи тавре ки гуфтем, дар илми қофия ҳар ҳарфи он номи махсус дорад. Ҳарфи «р», ки охирин ҳарфи решагии қофия аст, равӣ буда, садоноки «а»-и калимаҳои «андар», «тар» ва «дигар», ки пеш аз равӣ, яъне пеш аз ҳарфи «р» омадааст, тавҷеҳ (садоноки кӯтоҳе, ки пеш аз равӣ омадааст) мебошад.

Чи хеле ки мебинед, барои таҳлили чанд байт истилоҳоти

зиёди шеъриро истифода бурдем. Азбаски каломи мавзун, яъне шеър ҳам маънӣ, ҳам вазн, ҳам қофия ва ҳам ҳусн (саноеъи бадеъӣ) дорад, пас барои таҳлили он тамоми истилоҳоти маъмули анвои шеърӣ, /ғазал, қасида, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ, байт, мисраъ, фард, таркиббанд, тарҷеъбанд, мухаммас, мураббаъ, мусаллас, мусаммат ва ғайра /, истилоҳоти илми арӯз /баҳр, вазн, рукн, зиҳоф, афоил, доира, сабаб, фосила, фозила, солим, хафиф, мутаносиб, мутавасит, Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Тавил, Мадид, Басит, Вофир, Комил, ахраб, ахрам, абтар, азалл, аштар, барӣ, вофӣ, макфуф, махбун, матвӣ, макшуф, максур, маҳзуф, мутаввал, мураффал, мухаззал, муоқабат, мақбуз, мақтуъ, маҷдуъ, махбуни макшуф, мураффали мақсур, музол, мусаббағ, муханнак, аслам, аслами мусаббағ, марфуъ, рукни солим, махбуни матвӣ, матвии махбун, заҳф, фаъулун, фоилун, мафоилун, фоилотун, мустафъилун, мафъӯлоту, мутафоилун, мафоилатун, баҳрҳои аслӣ, баҳрҳои фаръӣ, Муштабаҳа, Мунфарида, Мутафиқа, Мунъалиқа, Муштарак ва ғайра/, истилоҳоти қофия /равӣ, қайд, ридф, мазид, ноира, расс, ишбоъ, ҳазв, тавҷеҳ, маҷро, нафоз, мутлақ, қофияи пурбаҳо, муқайяд, муқайяди муҷаррад, ридфи мураккаб, ақзо, икфо, синод, ито, шойгон ва ғайра/, анвоъи саноеи бадеъӣ /маҷоз, ташбеҳ, истиора, киноя, ташреъ, тафлиқ, муболиға, ғулув, иғроқ, тавсиф, сифатчинӣ, тазод, муқобала, таҷнис, иҳом, тафсир, лаффу нашр, шумур, ҷамъ, тафриқ, тақсим, ҷамъу тафриқ, ҷамъу тақсим, суолу ҷавоб, тааҷҷуб, руҷӯъ, ташхис, гардиш, нидо, талмеҳ, ирсоли масал, тазмин, бароати истеҳлол, ҳусни матлаъ, ҳусни тахаллус, ҳусни мақтаъ, моддаи таърих, муаммо, чистон, луғз, тарсеъ, илтизом, мусаҷҷаъ, такрор, баргардониш, мудаввар, табдил, истидрок, ҳашв, таворуд, мутайяр, муаққад ва ғайра /-ро бояд донад. Шояд донишҷӯён ғӯянд, ки наход барои таҳлили шеър донистани ин қадар истилоҳот шарт бошад?

Бале, шарт аст. Истилоҳоте, ки ном бурдем, маҷмӯъи тамоми истилоҳоти адабиётшиносӣ не, балки як миқдори онҳост. То истилоҳоти маъмули адабиётшиносӣ ва мавриди истифодаи онро надонем, маъниҳои борику нозуки шеъри шоирони бузургамонро дарк карда наметавонем. Аз тарҷуман ҳоли шоирону ноқидони гузашта (мисли Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Анварӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Шамси Қайси Розӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон) маълум аст, ки то онҳо улуми адабӣ, яъне илми луғат, илми маъонӣ, илми баён, илми арӯз, илми қофия, илми бадеъ, илми таворих, илми наҳв (синтаксис), илми сарф (морфология), илми баҳс (мантиқ) ва



ғайраро аз худ накарданд, шеъре ё такризе наменавиштанд. Аз ин рӯ, ба мо — муаллимони мактабҳои миёнаю олӣ, адибону олимони соҳаи адабиётшиносӣ, донишҷӯёни факултетҳои забон ва адабиёту забонҳои Шарқ ва онҳое, ки завқи шеъру шоирӣ доранд, лозим, ки илми арӯз, илми қофия, илми санъатҳои шеърӣ ва истилоҳоти маъмули адабиётшиносиро ба қадри кофӣ омӯзем. То улуми зикршударо пурра наомӯзем, ба асрори шеъри Ҳофизу Ҷомию Бедил ва дигар намояндагони адабиёти ҳазорсолаи худ сарфаҳм намеравем.

Агар мазмун сирати шеър бошаду вазну қофияю саноеъи бадеъ сурати он, пас шеър ҳамон вақт ба дили хонанда роҳ меёбад, ки маънии хубу вазни хушу қофияи дилкаш дошта бошад. Агар дар шеър яке аз рукнҳои он халал ёбад, ҳеҷ гоҳ онро шеъри хубу дилкаш нашояд гуфт. Касе, ки ақаллан боре қалам ба даст гирифта байте ё шеъреро рӯи коғаз оварданӣ шудааст ва ё донишманде девон ва куллиёти шоири гузаштаи тоҷикро ба ҳуруфи имрӯза гардониданӣ шудааст, пеш аз ҳама, бояд аз вазни он андеша кунад. Хоҳ шоир, хоҳ муҳаққиқи шеър то нозукиҳои вазни арӯзро надонад, на шеъри хуб гуфта метавонаду на шеъри шоири гузаштаро бе нуқс ба хати имрӯза гардонида.

19 октябри 1986 рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» шеъреро чоп кард, ки се байти онро ин ҷо меорам:

Фозилон бисьёр андар ҳар замон,
Лек Устод, ту аз он сон носирӣ.
Бо ҳамон қилке? бар ту Айнӣ дод,
Гул намуд бо ранги нав лафзи дарӣ...
Асрхо Фирдавсӣ будӣ чашмдор,
Ту варо пайдо кунӣ, ҳамдам шавӣ.

Вазни ин шеър Рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур аст ва дар асоси рукнҳои фоилотун/фоилотун/фоилун (рукни охири мисраъҳои сеюму панҷум — фоилон) мебошад. Ҳар се байт аз ҷиҳати вазн нуқс дорад, яъне дар мисраъи дуюм «д»-и калимаи «устод» зиёдатист, дар мисраъи сеюм як ҳиҷои кӯтоҳ намерасад («килке», «ки» бояд навишта шавад) ва ба ҷои ҳиҷои «нӣ»-и «Айнӣ» бояд ҳиҷои кӯтоҳ ояд, зеро «нӣ» ҳиҷои дароз аст. Ҳиҷои «сӣ»-и калимаи Фирдавсӣ чун ҳиҷои кӯтоҳ омадааст, ки ин ғалати маҳз аст. Қалимаи «намуд» дар вазни арӯз се ҳиҷоро ташкил медиҳад, аммо дар ин шеър ба вазифаи ду ҳиҷо омадааст.

Дар китоби «Осори мунтахаб»-и Адиб Собири Тирмизӣ аз

сабаби эътибор надодан ба вазни ашъори ӯ байтҳои ғалат бисьёр гузаштааст:

Зи бими боди самуму балои хунравон
Равони шахс ҳамекард орзӯи фано (саҳ. 165)

Дар натиҷаи ба эътибор нагирифтани вазн ва мазмун дар байти боло ибораи «балои хунравон» пайдо шудааст. Агар ҳангоми хондан ва ба ҳуруфи имрӯза гардонидани ашъори шоири покизаназм (Анварӣ шоирро ҳамин тавр номидааст — *У. Т.*) вазни ин байтро, ки Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф аст, ба эътибор мегирифтанд, ба хубӣ мефаҳмиданд, ки дар мисраъи якум як ҳиҷои кӯтоҳ намерасад. Пас мувофиқи тақозои вазни шеър байти болоро ин тавр бояд хонд:

Зи бими боди самуму балои хуни равон
Равони шахс ҳамекард орзӯи фано

Ҳам ба шоирон ва ҳам ба аҳли илму адаб маълум аст, ки ибораҳои «зи ин», «зи он», «ки аз», «зи оташ», «зи об» ва ғайраро барои он ба шакли: «з-ин», «з-он», «к-аз», «з-оташ», «з-об» менависанд, ки аз ҳиҷои кӯтоҳ («зи») ҳиҷои дароз созанд. Дар ду байти поёнӣ, ки аз ашъори Адиб Собири Тирмизӣ аст, талаботи вазнро ба назар нагирифтаанд ва дар натиҷа ибораҳоро дар шакли ғалат овардаанд:

Рӯят з-об равшану ишқат з-оташ аст,
Ба обу оташи ту бағоят дилам х/в/ аш аст. (с. 202)

ва

Чизе наёфтанд бузургони хурдаёб
Сӯзандатар з-оташу созандатар з-об (с. 202)

Ҳар ду байт ҳам дар вазни баҳри Музореъи мусаммани ахраби макфуфи мақсур /мафъӯлу/фоилоту/мафойлу/фоилун/ навишта шудааст. Вазни мисраъи дуюми байти аввал ва вазни мисраъи аввали байти дуюм ба шакли афоили баҳри Музореъи мусаммани ахраби макфуфи мақсур пурра мувофиқат мекунад, аммо вазни мисраъи аввали байти якуму мисраъи дуюми байти дуюм ғалат аст. Дар ҳар мисраъ ду ҳиҷои кӯтоҳ намерасад. Пас, барои он ки вазни байтҳои болоӣ дуруст шавад, ибораҳои «з-об» ва «з-оташ»-и ҳар ду байтро ба шакли дурусти онҳо, яъне «зи-об» ва «зи оташ» хондан лозим аст:



Рӯят зи об равшану ишқат зи оташ аст,
Бо обу оташи ту бағоят дилам х(в)аш аст.

* * *

Чизе наёфтанд бузургони хурдаёб
Сӯзандатар зи оташу созандатар зи об.

Аз сайри андак ба ҷаҳони шеъру шоирӣ ва вазъияти имрӯзаи шеърфаҳмии ҷомеаи мо маълум шуд, ки дар ислоҳи ин кор кӯшише карда шавад, то ки толибилми имрӯза аз он баҳравар гардад. Аз тарафи дигар, агар накди адабӣ ва адабиётшиносӣ ҳар қадар инкишоф ёбад, истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илми адабиёт низ зиёд мешаванд. Оғози шеъри тоҷикиро, ки бо вазни арӯз эҷод шудааст, баъди истилоҳи араб ҳисоб кунем ҳам, ин муддат барои таърихи инкишофи шеъру шоирии халқе давраи хурд нест. Дар ин муддат дар назми халқҳои форс-тоҷик асарҳои гаронбаҳое ба вуҷуд омаданд, ки ҳар кадом ақидаҳои инсондӯстӣ, ватанпарварӣ ва панду ахлоқиро тарғиб кардаанд.

Ба аҳли илм маълум аст, ки таълифи асарҳои назарӣ дар адабиёти форс-тоҷик таърихи хеле қадимӣ дорад. Олимону донишмандони гузаштаи мо назарияи адабиётро аз се илми мустақил (илми арӯз, илми қофия ва илми бадеъ) иборат донистаанд. Доир ба вазни арӯз ва илми қофия асарҳои зиёде таълиф шудаанд. Мувофиқи маълумоти муаллифи «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ шоир ва донишмандони асри 10 форс-тоҷик — Абулъалои Шуштарӣ ва Абуюсуф аз ҷумлаи аввалин касоне мебошанд, ки дар илмҳои қофияю арӯз ба забони тоҷикӣ асарҳо таълиф карда буданд. «Чунин гӯяд Муҳаммад Умар-ар-Родуёнӣ, ки таснифҳо бисьёр дидам, мар-донишиён ҳар рӯзгореро андар шарҳи балоғат ва баёни аҳли синоат ва он чи аз он хезад ва ба вай омезад чун арӯз ва маърифати алқобу қавофӣ ҳама ба тозӣ дидам ва фондан вай як гурӯҳ мардумро махсус дидам ва магар арӯз, ки Абуюсуфу Абулъалои Шуштарӣ ба порсӣ кардаанд».

Адиб ва донишманди асри 12 Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» таъкид мекунад, ки Абулҳасан Алии Баҳромии Сарахсӣ (вафоташ — 1106) дар илми арӯз ва қофия бо номи «Ғоят-ул-арӯзайн» ва «Қанз-ул-қофия» ном асарҳо иншо карда будааст. Низомии Арӯзии Самарқандӣ «Ғоят-ул-арӯзайн» ва «Қанз-ул-қофия»-ро аз ҷумлаи китобҳое меҳисобад, ки хондани онҳо барои ҳар як шоир зарур аст: «Ҳар киро табъ дар назми шеър росих (устувор) шуду суханаш ҳамвор гашт,

рӯй ба илми шеър орад ва арӯз бихонад ва гирди тасонифи устод Абулҳасан ас-Сарахсӣ ал Бахромӣ гардад, чун «Ғоят-ул-арӯзайн» ва «Ганз-ул-қофия» ва нақди маонию нақди алфоз ва сарақоту (шеърдуздиҳою) тароҷим (тарҷумаҳо)». Мутаассифона, аз таълифоти муаллифони зикршуда ба ҷуз ном дигар чизе боқӣ намондааст.

Шоир ва назариётчии форс-тоҷики асри 11 Абӯабдулоҳи Фӯзии Қурашӣ, ба қавли Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам», Бузургмеҳри Қойинӣ (асри 11) ва Бахромии Сарахсӣ дар таърихи илми арӯзи Аҷам доираи Мунъакисаро ихтироъ кардаанд, ки он нӯҳ баҳри (Сарим, Қабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асам/м/, Салим, Ҳамим) хоси шеъри тоҷикиро дар бар гирифтааст.

Адиби охири асри 11 ва ибтидои асри 12 Айнуззамон Имом Абӯалӣ Ҳасан доир ба илми арӯз рисолае навишта будааст. Шаҷараҳои ахрабу ахрами 24 вазни рубоӣ аз ихтирооти ӯ мебошад. Аксари адабиётшиносони баъдина аз асри 12 то имрӯз ихтирооти ӯро дар вазни рубоӣ айнан ё бо андак тағйирот истифода бурдаанд.

Олим ва донишманди номӣ Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ дар асри 13 «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам» («Фарҳанги меъёрҳои шеъри Аҷам») ном асаре таълиф кард, ки он як навъ ҷамъбасти муваффақиятҳои пештараи илми бадеъи классикии тоҷик аст. «Ал-мӯъҷам» роҷеъ ба илмҳои сегонаи шеър—илми арӯз, илми қофия ва илми бадеъ маълумоти хеле муфассал медиҳад. Дар ҳамин китоб бори аввал илми арӯзи Аҷам бо тамоми нозукиҳояш таҳлил шудааст. Асарҳое, ки баъди ин китоб оиди илми арӯз таълиф ёфтанд, ҳама як навъ такрори гуфтаҳои Шамси Қайси Розианд. Донишманди номии Эрон Муҳаммад Қазвинӣ, ки «Ал-мӯъҷам»-ро барои чоп таҳия кардааст, дар сарсухани китоб дар хусуси қимат ва аҳамияти он чунин овардааст: «Бо камоли ҷуръат метавон даъво кард, ки аз аввали таълифи ин илм ба забони форсӣ баъд аз ислом то ҳол ҳеҷ як асар бе истисно, ба ин камоли таҳқиқу танқеҳ ва пуррагӣ дар илмҳои сегона таълиф нашудааст ва агар таълиф шуда бошад ҳам, дастраси мо нашудааст».

Олим ва файласуфи асри 13 форс-тоҷик Насируддини Тӯсӣ (1201—1272) пас аз «Ал-мӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ соли 1254 бо номи «Меъёр-ул-ашъор» рисолаи мухтасаре таълиф кард, ки як қисмати он доир ба илми арӯз аст.

Мувофиқи гуфтаи муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» — Муҳаммад Ғиёсуддин шоири асри 14 Салмони Совачӣ (1310—1376) дар илми арӯз рисолае таълиф карда будааст ва гӯё Муҳаммад



Ғиёсуддин дар иншои асари худ — «Меъроҷ-ул-арӯз» аз он истифода кардааст. Дар асрҳои 15—16 рисолаҳои «Арӯз»-и Сайфии Бухорой, «Мизон-ул-авзон»-и Алишери Навой, «Рисолаи арӯз»-и Бобур Мирзо (ба забони туркӣ), «Ҷамъи мухтасар»-и Ваҳиди Табрезӣ, «Бадоъ-ус-саноеъ»-и Атоуллоҳи Ҳусайнӣ иншо шуданд, ки ҳар кадоми онҳо аз боби илми арӯз ва истилоҳоти ин илм маълумот медиҳанд. Шоир ва олими тоҷик Ҳоҷа Ҳасани Нисорӣ (1516—1597) бо номи «Чаҳор гулзор» асаре таълиф кард, ки гули (фасли) дуюми гулзори (боби) сеюми он ба илмҳои қофия ва арӯз тааллуқ дорад. Луғатнависи форс-тоҷик — Муҳаммад Ғиёсуддин соли 1827 «Ғиёс-ул-луғот»-ро навишт ва зимни истилоҳи «Арӯз» маълумоти муфассале доир ба ин илм ҷой дода, онро «Меъроҷ-ул-арӯз» («Дараҷаҳои арӯз») ном ниҳод. Вай дар ибтидои асараш қайд мекунад, ки дар иншои он аз «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашиди Ватвот, «Меъёр-ул-ашъор»-и Насируддини Тӯсӣ, «Рисола»-и Салмони Совачӣ, «Ал-мӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, «Арӯз»-и Сайфии Бухорой, «Ҳадоиқ-ул-Аҷам»-и Муҳаммад Ибнулқайс ва дигарон истифода кардааст. Муаллиф дар ин асар истилоҳоти маъмули арӯзро ба таври хеле содда ва оммафаҳм шарҳ медиҳад.

Мусташриқи мушҳури советӣ Е. Э. Бертельс дар асараш «Грамматика персидского языка» (Ленинград, 1926) зимни боби «Номгӯи баҳрҳои форсӣ» роҷеъ ба 14 баҳри арӯзи тоҷикӣ-форсӣ, авзони рубоӣ, баҳрҳои нав: Мадиди махбун, Ариз, Амиқ, Сарим, Қабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асам (м), Салим, Ҳамим маълумоти иҷмолӣ дода, барои навъҳои мухталифи баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб мисолҳои шеърӣ овардааст.

Олими машҳури Эрон Хонларӣ (тав. 1913) дар асарҳои мӯътамади худ «Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форсӣ ва чигунагии таҳаввули авзони ғазал», «Вазни шеъри форсӣ» ҷиҳатҳои мухталифи вазни арӯз, робитаи вазну шеър, нуқсҳои илми арӯз, қоидаи ёфтани ҷинс ва навъҳои вазн, вазнҳои кӯтоҳ, вазнҳои миёнаи хафиф (сабук) ва сақил (вазнин), вазнҳои мутановиб, таҳаввули авзони ғазал ва ғайраро бо мисолҳои зиёди шеърӣ мавриди баҳс қарор додааст.

Таълиф шудани асарҳои хеле мукаммали донишманди тоҷик, доктори илмҳои филология Баҳром Сирус (1885—1981) «Қофия дар назми тоҷик» (1955), «Арӯзи тоҷикӣ» (1963) барои адабиётшиносии тоҷик воқеаи хеле муҳим буд. Муаллиф тавассути ин асар бори аввал доир ба илмҳои арӯз ва қофия маълумоти муфассале медиҳад. Дар ин асарҳо муносибати арӯзу мусиқӣ, татбиқи арӯз дар назми имрӯзаи тоҷик, доира-

ҳои арӯзи араб, зиҳофҳои муфрад, зиҳофҳои мураккаб, баъзе нуқсҳои арӯзи арабӣ ва тоҷикӣ, бахрҳо ва навъҳои мустаъмали онҳо бо мисолҳои зиёди шеърӣ таҳлил шудааст. Муаллиф дар боби алоҳидае мулоҳизаҳои худро зимни баъзе асарҳое, ки доир ба илми арӯз навишта шудаанд, баён карда, доир ба мавқеъи зада дар вазни арӯз, сакта ва навъҳои он, инчунин доир ба бахрҳое, ки номи умумӣ доранду авзонашон мухталиф аст, қофия ва навъҳои он маълумоти муфассал додааст.

Соли 1966 китоби Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдуҷабборов Т. бо номи «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» дастраси дӯстдорони адабиёт гардид, ки дар охири он дар бораи арӯз маълумот дода шудааст. Ҳарчанд маълумот хеле мухтасар аст, аммо бори аввал дар ин қисмати китоб рӯйхати зиҳофҳои маъмули арӯзи тоҷикӣ дарҷ ёфтааст, ки ин кор аҳамияти маърифатии асарро афзудааст. Ниҳоят адабиётшиноси нуктасанҷи тоҷик Зеҳнӣ Т. дар нашри дуюми асари худ — «Санъати сухан» (Душанбе, 1967) бо унвони «Мӯхтасари арӯзи тоҷикӣ» боби алоҳидае ҷой дода, зимни он роҷеъ ба арӯз ва вазн, номи доираҳои арӯз, қоидаи ҳазф, қоидаи афзоиш, қоидаи табдил, тақтеъ ва ҳиҷо, навъҳои ҳиҷо ва ғайра маълумоти мухтасар додааст.

Соли 1976 китобчаи Субҳонҷон Давронов «Сохти шеъри тоҷикӣ» тавассути нашриёти «Ирфон» пешкаши хонандагон гардид, ки муаллиф ба тариқи хеле мухтасар доир ба пайдоиши арӯз, тақтеъ ва рукн, ҳиҷо ва хелҳои он, баҳрҳои аслӣ ва фаръӣ, қоидаи зиҳофот, вазн, бахрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик, Музореъ, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб, баъзе истисноҳои арӯз, вазъияти арӯз дар назми имрӯза маълумот медиҳад.

Чи навъе ки мебинем, таърихи илми назарияи адабиёт, ки арӯз ва қофия ҷузвҳои он мебошанд, хеле қадимӣ буда, кам бошад ҳам, оиди онҳо мақолаю асарҳои алоҳида ба табъ расидаанд.

Мутаассифона, то имрӯз қомусе, ки истилоҳоти илмҳои арӯзу қофияю бадеъро дар бар гирад, таълиф наёфтааст. Ҳоло вақти он расидааст, ки вобаста ба талаботи давру замон барои хонандагони сершумору илмдӯсти тоҷик асосҳои назм ва назарияи шеъри тоҷикӣ қомуси мукаммали истилоҳоти адабиётшиносӣ тартиб дода шавад. Ин асар аз рӯи тарзи баён хусусияти энциклопедӣ дорад, ҳамаи мақолаҳо, яъне моддаҳои луғавӣ мувофиқи тартиби алифбо ҷой дода шудаанд, ки ин кор бояд мушкилии хонандаро хеле осон намояд. Ҳар як моддаи луғавӣ аз назари луғат шарҳ дода шудааст. Ба китоб зиёда аз 1500 истилоҳ дохил шуд, ки яке дигареро такмил меди-



ҳад. Як зумра истилоҳоте ҳаст, ки шаклан дигар бошанд ҳам, мазмунан як чизро ифода мекунанд, аз ин рӯ, дар шарҳи онҳо системаи ҳавола ба кор бурда шуд. Дар ин маврид барои беҳтар шудани услуби кор яке аз онҳоро чун моддаи асосии луғавӣ шарҳ дода, дигареро ба моддаи асосӣ ҳавола кардем. Масалан, истилоҳоти зарб, Мутадорик, Мутақориб, Мушокил, Ҷадид ва дигар истилоҳотро ҳамчун моддаи асосии луғавӣ шарҳ дода, истилоҳоти Аҷзро ниг. Зарб: Савтунноқусро ниг. Мутадорик, Муттасиқ ниг. Мутақориб, Ахир ниг. Ҷадид зикр кардем. Дар асарҳои оиди арӯз баҳрҳо, зиҳофҳо ва рукнҳое ҳастанд, ки бо ду-се ном машҳуранд. Дар ин маврид низ истилоҳе таҳти моддаи луғавӣ шарҳ дода шуд, ки нисбати дигар муродифҳои худ серистеъмоланд. Масалан, баҳри Мутадорик бо номҳои Раҳзулҳайл, Савтунноқус, Ғариб ва баҳри Мутақориб бо номҳои Мутадонӣ, Тақориб ва Муттасиқ дучор меоянд, аз ин рӯ, Раҳзулҳайл ниг. Мутадорик, Савтунноқус ниг. Мутадорик, Ғариб, ниг. Мутадорик, Мутадонӣ, ниг. Мутақориб, Муттасиқ, ниг. Мутақориб, Тақориб, ниг. Мутақориб гуфтем. Зиҳофҳои мураккабе ҳастанд, ки дар натиҷаи истифодаи якчанд амал ба вуҷуд меоянд. Масалан, зиҳофи Матвии махбуни музол дар натиҷаи ба кор бурдани се амал (амалҳои тай, хабн, изолат) ба вуҷуд меояд. Ҳамин зиҳоф дар байни арӯзшиносон бо номи Махбули музол низ машҳур аст. Ҳангоми дар қомус ҷой додани ин ду ном дар зери моддаи асосии луғавӣ Махбули музол оварда, Матвии мухбуни музол ниг. Махбули музол зикр шуд. Зиҳофҳои мавқуфи матвӣ, мафқуфи махбун, махбуни матвии мавқуф, махбуни матвии музол, ки мисли зиҳофҳои болоянд, онҳо низ дар луғат ба тарзи:

Мавқуфи матвӣ, ниг. *Матвии мавқуф,*
Мавқуфи махбун, ниг. *Махбуни мавқуф,*
Махбуни матвии мавқуф ниг. *Махбули мавқуф,*
Махбуни матвии музол, ниг. *Махбули музол* ҷой дода шуд.

Истилоҳоте низ дучор мешаванд, ки аз ҷиҳати мазмун ба ҳам хеле наздиканд, барои ҳамин мо якеро чун моддаи асосӣ қабул карда, дигареро ба моддаи асосӣ ҳавола намудем. Масалан, Фосилаи кубро, ниг. Фосила, Фосилаи суғро, ниг. Фосила, Фосилаи узмо, ниг. Фосила, Фозилаи кубро, ниг. Фозила, Фозилаи суғро, ниг. Фозила ва ғайра. Баъзе аз истилоҳот дар як шакл ду-се мафҳумро ифода мекунанд, дар чунин маврид ҳар яки он чун моддаи асосии луғавӣ шарҳ дода шуд. Масалан, Арӯз ҳамчун вазни шеър ва Арӯз чун рукни охири мисраъи аввал.

Баробари истилоҳоти арӯз, қофия, номи асарҳо ва ашхос ба китоб инчунин истилоҳоте дохил карда шуд, ки дар шарҳи истилоҳоти арӯз ё ёрӣ мерасонанд, ё ин ки алоқае доранд, аз қабили сукун, ҳарака (ҳаракат), таҳрик, иҷтимоъ, шаҷара (ба хотири шаҷараи ахрабу ахрам), мулавван, муталаввин (ба хотири вазн) ва ғайра.

Ҳангоми интихоби мисолҳо кӯшидем байтҳоеро биорем, ки мазмун ва маънии баланд дошта бошанд. Дар китоб як миқдор бахрҳое ҷой дода шуданд, ки хеле камистеъмол буда, аз тарафи арӯздонони форс-тоҷик ихтироъ гардидаанд. Барои чунин бахрҳо дар ашъори шоирони гузашта шеъре дастрас нашуд ва қариб ҳамаи мисолҳоро барои бахрҳои Амиқ, Ариз, Асам, Боис, Бадил, Қабир, Ахрас, Салим, Муайян, Сарим, Мусаттар, Қотеъ, Сағир, Қалиб, Ҳамид, Ҳамим, Маъкӯс, Маснӯъ, Мустаъмал, Мубҳам, Мӯҳмал аз ашъори шоири шодравон — Муҳиддин Фарҳат овардем. Ҳангоми шарҳи бахрҳои аслӣ ва фаръӣ кӯшидем, ки дар зери моддаи луғавии ҳар бахр тамоми навъҳои онро дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъю мусаннӣ ҷой диҳем ва барои ҳар навъи он мисоле биорем. Мақсад аз овардани тамоми навъҳои бахрҳо дар зери моддаи асосии луғавии ҳамон бахр он аст, ки хонандагони имрӯза бидонанд, ки дараҷаи истеъмоли бахрҳои арӯзи тоҷикӣ дар гузашта ва имрӯза чи гуна аст.

Дар ин китоб, инчунин оиди бахрҳои хоси шеърии арабӣ, мисли Тавил, Мадид, Вофир, Комил, Басит маълумот дода шудааст. Сабаби ба ин китоб даровардани панҷ бахри арӯзи араб дар он аст, ки шоирони гузаштаи форс-тоҷик дар навъҳои мухталифи он, кам бошад ҳам, шеър гуфтаанд.

Мақсад аз иншои ин комус он аст, ки муаллимон ва хонандагони синфҳои болоии мактабҳои миёна, донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус, шоирони ҷавон, хулоса онҳое, ки ба шеъру шоирӣ майле доранд, дар бораи қофия ва вазни шеъри тоҷикӣ ва таҳаввулоте, ки дар он ворид гаштааст, маълумоти умумӣ гирифта тавонанд.

Дар хотима бояд гуфт, ки устоди мӯҳтарам, марҳум Шарифҷон Ҳусейнзода, аъзо-корреспонденти АФ РСС Тоҷикистон А. Маниёзов, номзади илми филология А. Зухуруддинов, шоири номии тоҷик, марҳум Муҳиддин Фарҳат, шоири хушсалиқа —Ҳайрат Шанбезода, муаллими мактаби миёнаи рақами 63-юми ш. Душанбе — номзади илми филология, шоир Қиром Остон, муҳаррири калони илмии Энциклопедияи Советии Тоҷик — С. Маҳмадуллоев ва дигар ҳамкасбон бо ин асар шинос шуда, маслиҳатҳои судманд доданд. Ба ашхоси номбурда, ки аксарашон ҳаққи устодӣ доранд, изҳори ташаккур мекунам ва байти шоирро ба андак тағйирот чун арзи эҳтиром садоқат нисбати онҳо меорам:

Ин дили як пораро садпора бояд сохтан,
То диҳем дар дасти хар донишваре як порае.

Ин асар кӯшиши аввалин аст ва табиист, ки аз камбудиҳо холӣ нест. Боварӣ дорем, ки дӯстдорони шеър, алалхусус, дӯстдорони қофия ва арӯзи тоҷикӣ бо маслиҳат ва тақризоти хайрхоҳонаи худ ин камбудиҳоро ислоҳ хоҳанд кард.

Дар китоб ихтисораҳои зерин истифода шудааст:

ар. — арабӣ,
ваф. — вафот,
диг. — дигарон,
ниг. — нигаред ба...
с. — соли...
т. — таваллуд,
ғ. — ғайра,
ҳ. — ҳоказо.

## ОҒОЗИ КИТОБ

**Абдулқаххо́ри Самарқандӣ** عبدالقهار سمرقندی Исҳоқ (с. тав. номаълум — ваф. 1493), арӯздон ва шоири форс-тоҷик. А. С. аз мардони фозили асраш буда, доир ба илми қофия ва арӯз рисолаи *«Арӯзи Ҳумоюн»*-ро таълиф кардааст. Ҳарчанд ин рисола дар тақлиди *«Ал-мӯъҷам»*-и Шамси Қайси Розӣ ва *«Меъёр-ул-ашъор»*-и Насируддини Тӯсӣ таълиф шудааст, мисолҳои овардаи ӯ аз ашъори шоирони а. 15 қимати таълимию маърифатии асарро зиёд намудаанд. А. С. бо тахалл. Ш а р и ф низ шеър гуфтааст ва дар рисолаи хеш дар мавриди вазнҳои алоҳидаи арӯз ва ашъораш мисолҳо овардааст.

**Абка́м** (ар. ابكم -лол, безабон, кару гунг), номи яке аз баҳрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик Баҳромии Сарахсӣ (асри 11) ва Бузургмеҳри Қоинӣ (асри 11) баъди *Халил ибни Аҳмад* ихтироъ кардаанд. Дар бораи рукн, зиҳоф ва аз кадом доира берун омадани он дар ягон китоби арӯз маълумоте нест. Шамси Қайси Розӣ дар китоби «Ал-мӯъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам» А.-ро дар қатори дигар баҳрҳои эҷодкардаи арӯзиёни форс-тоҷик ном бурда, чунин мегӯяд: «Ҷамоате мутааххирон ба хаёли маҳорате, ки худро дар илми арӯз тасаввур кардаанд, дар он саъйҳои ботил намудаанд ва баҳрҳое тахриҷ карда, ки то ин ғоят хеч соҳибтабъ бар он авзон шеър нагуфтааст ва баъд аз ин низ нахоҳад гуфт ва бештари он аз буҳури қадим берун метавон овард ва ҳар якро... номе ниҳодаанд чун баҳри Асамму баҳри Ахрасу баҳри Абкаму баҳри Сариму баҳри Салим ва онро дар чаҳор доира оварданд».

**Абта́р** (ар. ابتر -думбурида), дар арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ-мафойлун /у — — —/ соқит кардан, яъне партофтани як *ватади* маҷмӯъ ва як *сабаби* хафиф (ду ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ) ва аз рукни фаъулун /у — —/ соқит кардани як ватади маҷмӯъ ва аз рукни фоилотун /— у — —/ соқит кардани як ватади



мафруқ (як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ) ба вуҷуд меояд. А. дар рукнҳои мафойлун ва фаъулун дар шакли фаъ /— /, дар фоилотун бошад, дар сурати фаълун /— —/ дучор меояд. Зиҳофҳои аслам ( اثلم ) /— —/ аҳазз /— —/, манҳур /— /, матмус /— /, мақтӯъ /— —/, маҷҳуф /— /, аҳаззи маҳзуф /— / ва аслам ( /اصلم/ ) шакли афоили А-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагие надоранд, зеро зиҳофи аслам аз рукнҳои мафъӯлоту /— — — у/ ва фоилотун /— у — —/, зиҳофҳои аҳазз ва аҳаззи маҳзуф аз рукни мустафъилун /— — у — /, зиҳофи манҳур аз рукни солими мафъулоту /— — — у/, зиҳофи матмус аз рукни солими фоилотун /— у — —/, мақтӯъ аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун /— у —/, зиҳофи маҷҳуф аз рукни асосии баҳри Рамал-фоилотун /— у — —/, зиҳофи аслам аз рукни асосии баҳри Мутақориб-фаъулун /у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи А. бошад аз рукнҳои мафойлун, фоилотун ва фаъулун ҳосил шудааст. А. бештар ба баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Мутақориб, Музореъ, Муҷтас (с) ва Хафиф хос аст. Баъзе арӯзиён А.-ро бо номҳои м а қ т ӯ ъ, а х р а м, м а ҳ з у ф ва м а ҷ б у б зикр кардаанд. Мисол: Рамали мусаммани махбуни А.:

Сохт барги тарабу айш муҳайё наргис,
То кашад бо дафу най соғари сахбо наргис.
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаълун
— у — — / у у — — / у у — — / — —

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи А.:

Ишқи ту маро мӯъҷизаи дил бодо!
Аз ҳар суханат ҳал ҳамеша мушкил бодо!
Гулзори рухат зевари манзил бодо!
Шамшоди қадат машъали маҳфил бодо! *(Улфат)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлун / фаъ
— — у / у — — у / у — — — / —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами ахраби А.:

Чун ҳастам пайваста ба роҳат маътал,
Дар шомам аз чеҳра фурӯзон машъал.
Хуршедӣ, субҳам бидамон аз васлат,
Дар лутф аз хубони чаҳонӣ афзал! *(Шоҳид)*
мафъӯлун / мафъӯлу / мафойлун / фаъ
— — — / — — у / у — — — / —

Муҷтасси мусаммани махбуни А.:

Лаби ту таъна занад гавҳари бадахшонро,
Рухи ту тира кунад офтоби тобонро. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаълун
у — у — / у у — — / у — у — / — —

Хафифи мусаддаси махбуни А.:

Ҷавр аз ин баркашида айвон аст,
Ки дар ӯ Муштариву Кайвон аст. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
фоилотун / мафоилун / фаълун
— у — — / у — у — / — —

Мутақориби мусаммани А.:

Маро бо нигорам суҳан бошад
Ниҳонӣ суханҳон чун шаккар. *(аз «Ал-мӯъҷам»)*
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаъ
у — — / у — — / у — — / —

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи А. *(ҳашви* дуюм — *солим)*:

Гар даст диҳад зи мағзи гандум ноне,
Аз май ду мане зи гӯсфанде роне.
Бо моҳрухе нишаста дар вайронӣ,
Айшест, ки нест дар хури султоне. *(Хайём)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойлун / фаъ
— — у / у — у — / у — — — / —

Музореъи мусаддаси мақфуфи А.:

Дил аз ёри бевафо бикаш,
Бувад ёри бевафо на х(в)аш. *(аз «Ал-мӯъҷам»)*
мафойлу / фоилоту / фаъ
у — — у / — у — у / —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами аштари А.:

Ҳар дам хоҳам, ки дар канорат бошам,
Хуррам чун орази баҳорат бошам.
Чун бо завқ аз лаби ақиқат бӯсам,
Махмур аз наргиси хуморат бошам. *(Шоҳид)*
мафъӯлун / фоилун / мафойлун / фаъ
— — — / — у — / у — — — / —



**Абулъалои Шуштарӣ** ( ابوالعلای ششتری ) яке аз шоирони а. 10. Доир ба ҳаёт ва фаъолияташ маълумот хеле кам аст. Асадии Тӯсӣ дар «Луғати фурс» ва Родуёнӣ дар «Тарҷумон-ул-балоға» ҳангоми шарҳи луғат ва санъатҳои шеърӣ аз ашъори ӯ мисолҳо овардаанд. Ба қавли Родуёнӣ вай аз ҷумлаи нахустин адабиётшиносонест, ки доир ба илми арӯз ба забони тоҷикӣ асаре таълиф карда будааст, мутаассифона то замони мо боқӣ намондааст. Аз ашъори ӯ то имрӯз ҳамагӣ 19 байт шеър боқӣ мондааст, ки дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) фароҳам омадаанд.

**Авзо́н** (ар. اوزان -вазнҳо), ҷамъи *вазн*.

**Авто́д** (ар. اوتاد -мехҳо), ҷамъи *ватад*.

**Адво́р** (ар. ادوار ҷамъи دور -доира, яъне доираҳо), дар илми арӯз ва мусиқии классикии форс-тоҷик доираҳои вазниро лаҳниро гӯянд. Ниг. *Доираҳои арӯз*.

**Адиби Нишопурӣ** ادیب نیشاپوری Мирзо Абдулҷавод ибни Мулло Аббос (1867, Нишопур — 1926, Машҳад), шоир, нависанда ва донишманди эронӣ. Давраи наврасӣ ва ҷавонии худро дар зодгоҳаш Нишопур гузаронида, дар синни 13-солагӣ, яъне с. 1880 ба Машҳад рафта, то охири умр дар он ҷо зиндагӣ кардааст. Вай бо номи *«Рисола дар илми арӯзи форсӣ ва араби»* китобе навиштааст.

**Аза́л(л)** (ар. ازل -бегӯштини рон), дар арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи иҷтимоъи ҳиҷоҳои дарози рукни мафоӣлун / у — — — / ба вуҷуд меояд. Агар аз мафоӣлун ҳиҷои якуму чоруми онро соқит кунем, «фоӣ» боқӣ мемонад, ки ба ҷояш фоъ / ~ / навишта А. мехонанд. Зиҳофҳои аҳаззи мақсур / ~ /, маслух / ~ /, маҷдӯъ / ~ /, маҷҳуфи мусаббағ /~ / шакли афоили А.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи маслух аз рукни фои-ло-тун / — у — — /, зиҳофи аҳаззи мақсур аз рукни асосии баҳри Раҷаз-мустафъилун / — — у — /, зиҳофи маҷдӯъ аз рукни мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи маҷҳуфи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Рамал-фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи А. бошад, аз рукни мафоӣлун / у — — — / ҳосил шудааст. А. дар шеър фақат дар охири мисраъ меояд ва бештар ба баҳрҳои Ҳазаҷу Музореъ хос аст. Мисол: Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақфуфи А. (рубоӣ):

Аз ғамза туро тири бало пайкон ёфт
В-аз номи ту номаи ҷафо унвон ёфт.

Дар ту зи ҷафо ҳарчи фалак ҷуст, он ёфт,
Аз дасти ҳинобаста вафо натвон ёфт. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлун / фоъ
— — у / у — — у / у — — — / ~

Ҳазаҷи мусаммани ахрами ахраби А.:

Аз ишқат як-умр хушам, эй дилдор!
Хуш бошад як рах бинамой дидор!
Ҷононӣ, бинвоз маро бо гуфтор!
Дар васфат ҷовид бихонам ашъор! *(Шоҳид)*
мафъӯлун / мафъӯлу / мафойлун / фоъ
— — — / — — у / у — — — / ~

Ҳазаҷи мусаммани ахрами аштари А.:

Ди субҳ омад насими субҳ аз гулзор,
Нармак-нармак давон-давон безор.
Аз шодӣ дидаам фурӯзон гардад,
Ҷонро кардам ба роҳи ҷонон нисор. *(Шодӣ)*
мафъӯлун / фоилун / мафойлун / фоъ
— — — / — у — / у — — — / ~

Ҳазаҷи мусаммани ахрами аштари А.:

То ҳушьёрам, тараб зи ман пинҳон аст,
Чун маст шудам, дар хирадам нуқсон аст. *(Хайём)*
мафъӯлун / фоилун / мафойлун / фоъ
— — — / — у — / у — — — / ~

Ҳазаҷи мураббаъи А. *(арӯз — абтар)*:

Ба ман бобоям
Китоб оварданд,
Ба ман момоям
Китоб оварданд. *(Фарҳат)*
мафойлун / фоъ
у — — — / ~

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби А.:

Дилсӯхта аз зулфат-мушк,
Ҳичлатзада аз рӯят-моҳ. *(Насируддини Тӯсӣ)*
мафъӯлу / мафойлун / фоъ
— — у / у — — — / ~



**Азизӣ** عزیزی Юсуф (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва арӯздони форс-тоҷики а. 15. Давраи ҷавонӣ ва таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш — Ҳирот гузаронида, дар илмҳои мутадовили замона, алалхусус арӯз ва қофия дастболо будааст. Девони ашъор ва рисолаҳои илмӣ доштааст, ки мутаассифона, то имрӯз дастрас нашудаанд. Вай бо номи *«Арӯзи Юсуфӣ»*, рисолае навиштааст, ки як нусхаи он дар шӯъбаи Ленинградии Ин-ти шарқшиносии АФ СССР маҳфуз аст. Ин асар, пеш аз ҳама дар натиҷаи таъсири «Ал-мӯъҷам»-и Шамси Қайс ба вуҷуд омадааст. Абьёти ҷудогонаи А. дар баёзу тазкираҳо боқӣ мондааст.

**Азоҳиф** (ар. ازاحیف -зиҳофҳо), ниг. *Зиҳоф*.

**Айто́** (ар. ایطا -қадами бар ҷои қадами дигар ниҳодан, мувофиқати корею сухане), ниг. *Ито*.

**Акфо́** (ар. اکفا -каҷ кардан, аз мақсад рӯй баргардонидан), ниг. *Икфо*.

**«Ал-кофӣ фи-л-арӯзайн ва-л-қавофӣ»**, ниг. *«Ал-мӯъҷам»*.

**«Ал-мӯъҷам»** (номи пурраш «А л - м ӯ ъ ҷ а м ф ӣ м а ъ о й и р и а ш ъ о р - и л - А ҷ а м» المعجم فی معاییر اشعار العجم / «Фарҳанги андозаҳои ашъори Аҷам»), асари Шамси Қайси Розӣ дар боби илмҳои арӯз, қофия ва нақди шеъри форсӣ-тоҷикӣ, ки солҳои 1218—33 таълиф намудааст. Аз дебочаи китоб маълум мешавад, ки Шамси Қайси Розӣ с. 1218 дар ш. Марв бо хоҳиши яке аз донишмандон ба таълифи ин асар сар карда будааст. Баъди як сол, яъне с. 1219, вақте ки шоҳи Хоразм— Муҳаммади Хоразмшоҳ (ваф. 1220) аз ҳуҷуми муғулҳо гурехта, ба Ироқ сафар мекунад. Шамси Қайси Розӣ низ дар қатори дигар шоирону донишмандон ба Ироқ меравад. С. 1220 Муҳаммади Хоразмшоҳ дар назди қалъаи Фарразин аз дастаи лашкари муғулҳо шикаст мехӯрад. Дар ин воқеа низ муаллифи «А.» дар қатори дигар мулозимони рикоби султон ҳозир буд, мусаввадаи китоби «А.» ва дигар китобҳои нодирро, ки ҳамроҳи ӯ буданд, талаф дод. Баъди вафоти шоҳи Хоразм Муҳаммади Хоразмшоҳ, Шамси Қайси Розӣ с. 1226 аз Ироқ ба Форс омада, ба хидмати дарбори Атобак Саъд ибни Зангӣ ибни Мавдуд, ки аз атобакони Форс буд ва с. 1231 ба дарбори писараш — Абӯбакр ибни Саъд ибни Зангӣ дохил шуд. Дар ин муддат, ки хаёти Шамси Қайси Розӣ нисбатан ором буд, донишмандони Форс аз таълифу тақдири «А.» хабар ёфта, як қисми мусаввадаи онро тавассути деҳқонони атрофи қалъаи Фарразин ёфта ба муаллиф доданд ва аз ӯ хоҳиш карданд, ки таълифи онро ба охир расонад. Шамси Қайси Розӣ дар муддати хеле кӯтоҳ, с. 1233 таълифи «А.»-ро ба поён расонид. Вале асли китоб ба

забони арабӣ таълиф шуда, мавзӯъи он фақат аз баёни арӯзу қофия иборат буд. Дар мавриде, ки сухан дар хусуси шеъри арабӣ мерафт, мисолҳои шеърӣ низ ба забони арабӣ ва ҷое, ки сухан оид ба шеъри форсӣ-тоҷикӣ мерафт, мисолҳои шеърӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ оварда мешуданд. Ҳаҷми китоб дар ин шакл хеле калон буд. Адибон ва донишмандони Форс ба муаллиф арз карданд, ки вазн (арӯз) ва қофияи шеъри ду забонро дар як асар мавриди баҳс қарор додан он қадар ба мақсад мувофиқ нест, зеро онҳое, ки забони арабиро хуб намедонанд, аз фаҳми асли китоб маҳрум мемонанд ва баръакс, мисолҳое, ки аз шеъри форсӣ-тоҷикӣ оварда мешаванд, барои арабизабонон бефоидаанд. Аз ин рӯ, онҳо аз Шамси Қайси Розӣ хоҳиш карданд, ки аз он китоб ҳар чи ки ба забони форсӣ ва мутааллиқ ба ашъори дарист, интихоб намуда дар шакли китоби алоҳида дароварад. Муаллиф эътироз ва хоҳиши адибонро пазируфт ва китобро ду қисмат намуд. Он чи ки ба забон ва шеъри форсӣ-тоҷикӣ оид буд, чудо намуда ва ба он илми нақди шеър-ро (санъатҳои бадеъиро) илова карда, «А.» номид. Ва зоҳиран, он чи ки ба забони арабӣ ва ашъори тозӣ дахл дошт, дар китоби чудогона ҷамъ намуда, онро «Ал-мӯъраб фӣ маъойири ашъор-ил-Араб» («Фарҳанги андозаҳои ашъори Араб») ном ниҳад.

«А.» аз дебоча, ду қисм ва хотима иборат аст. Дебочан китоб характери тарҷуманҳолӣ дошта, муаллиф дар он роҷеъ ба ҳаёти давраи ҷавонӣ, зодгоҳ, сафару азиматҳои худ ба киш-варҳои гуногун, ҳуҷуми муғулҳо ба Осиёи Миёна ва ваҳшонияту берахмии онҳо, гирифтори азобу машаққат шудан ва дар Рай ду маротиба асир афтодани худ, инчунин дояр ба сабаби таълиф ва тақдири китоб сухан меронад. Қисми аввал дар фанни арӯз буда, дорои чаҳор боб мебошад. Боби аввал «Дар маънии арӯзу шарҳи аркону зикри асомию алқобе, ки дар ин фанн мусталаҳи (истилоҳи) аҳли ин илм аст», боби дуюм, «Дар зикри аҷзоъю авзоне, ки аз таркиби аркони арӯзӣ ҳосил шаванд»; боби сеюм «Дар зикри тағйироте, ки бад-он аҷзоъе лоҳиқ (воқеъ) гардад бо фурӯъи афоъил, ки аз он муншаъиб (чудо) шавад»; боби чаҳорум «Дар зикри буҳури қадим ва ҳадис (нав) ва нақши давоиру тақтеъи абьёт ва факки (чудо кардани) аҷзоъи буҳур аз якдигар» ном дорад. Муаллиф дар ин қисм дар хусуси маънии арӯз, маърифати каломи мавзун ва номавзун, рукнҳои аслӣ ва зиҳофот, садр, ибтидо, арӯз (рукни охири мисраъи аввал), зарб, ҳашв, Ҳазаҷ, Рамал, Рачаз, Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб, доираҳои арӯзи араб ва доираҳои авзони арӯзи Аҷам, рукнҳои солими ҳар баҳр (мас, ма-



фоилун — рукни асосии баҳри Ҳазаҷ, фоилотун—рукни асосии баҳри Рамал, фаъулун — рукни асосии баҳри Мутақориб ва ғ.), ватад, сабаб, фосила, фозила ва навъҳои онҳо, зиҳофҳои ахраб, ахрам, аҳтам, абтар, мақтӯъ, мақсур, маҷдӯъ, макфуф, махбун, асрам, аштар, ақсам, аҳазз, аҷам; мавқус, мавқуф, макшуф, мамсуҳ, манқус, манҳур, матвӣ, матмус, махбул, машкул, маъсуб, маъқул, маъқус, магзуб, маҳзуф, маҷзул, музмар, музол, мусаббағ, мураффал, мушаасс, мавфур, вофӣ, мӯътадил, маштур, солим, маҷзув, манҳук, баҳрҳои арӯзи араб: Тавил, Мадид, Вофир, Басит, Комил, доираи Мухталифа, доираи Муҷталаба, доираи Мӯъталифа, доираи Муштабаҳа, доираи Муттафиқа, доираи Мунтазиа, шаҷараи ахрабу ахрам, доираи Мунъакиса, доираи Мунғалата, доираи Мунъалиқа, баҳрҳое, ки арӯзиёни Аҷам ихтироъ кардаанд: Сарим, Қабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асамм, Салим, Ҳамим, Маснӯъ, Мустаъмал, Ахрас, Мубҳам, Маъкӯс, Муҳмал, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян, Бонс ва ғ. маълумоти пурра ва саҳеҳ додааст.

Қисми дуюм дар илми қофия ва нақди шеър буда, шомили шаш боб аст. Боби аввал «Дар зикри маънии шеъру қофия ва ҳадду ҳақиқати он»; боби дуюм «Дар зикри ҳуруфи қофия ва алқобу ашқоқи (пайдоиши) он»; боби сеюм «Дар зикри ҳаракати ҳуруфи қофия ва асомии он»; боби чаҳорум «Дар зикри ҳудуди қофия ва аснофи (навъҳои) он»; боби панҷум «Дар зикри уюби қавофӣ ва аснофи (навъҳои) нописандида, ки дар каломи манзум афтад»; боби шашум «Дар зикри маҳосини шеър ва тарфе аз синооти мустаҳсан (писандида), ки дар назму насри қалом бошад», номида шудааст. Муаллиф дар ин қисмат шеърро чунин таъриф кардааст: «Бидон, ки шеър дар асли луғат дониш аст ва идроки маъонӣ ба ҳадси соиб ва андешаю истидлолрост. Ва аз рӯи истилоҳ суханест (андешида) мураттабу маънавӣ мавзун, мутакаррари мутасовӣ. Ҳуруфи охирини он ба якдигар монанда ва дар ин ҳадд гуфтаанд сухани мураттаби маънавӣ, то фарқ бошад миёни шеъру ҳазьёну каломи номураттаби бемаънӣ. Ва гуфтаанд мавзун, то фарқ бошад миёни назму насри мураттаби маънавӣ. Ва гуфтаанд мутакаррар, то фарқ бошад миёни байте зумисроайн (думисраъӣ) ва миёни ним байт, ки ақалли шеър байте тамом бошад, чунон ки пеш аз ин гуфтаем. Ва гуфтаанд мутасовӣ, то фарқ бошад миёни байте тамому миёни масореъи мухталиф ҳар як бар вазни дигар. Ва гуфтаанд ҳуруфи охирини он ба якдигар монанда, то фарқ бувад миёни муқаффӣ ва ғайри муқаффӣ, ки сухани бекофияро шеър нашумуранд, агарчи мавзун афтад». Баъди чунин таърифи шеър маънии қофия ва ҳарф-

ҳои он: равӣ, ридф, қайд, таъсис, дахил, васл, хурӯҷ, мазид, ноира; ҳаракоти қофия: рас, ишбоъ, ҳазв, тавҷеҳ, маҷро, натфоз; ҳудуди қофия: мутаковис, мутарокиб, мутадорик, мутавотир, мутародиф; аснофи қофия: равии муқайяд, равии мутлақ, мутлақ ба ридф, мутлақ ба хурӯҷ, мутлақ ба қайд; айбҳои қофия: ақво (иқво), икфо (акфо), санод (синод), ито (айто), муноқаза; санъатҳои шеърии тарсеъ, тафвиф, таҷнис, такрир, мутобақа, ташбеҳ, ҷамъ ва тафриқ, иҳом, такмил, иғроқ, истиора, тамсил, ирдоф, табийин, тафсир, тақсим, тавсим, тасҳим, тафреъ, иститрод, талмеҳ, эҷоз, мусовот, эътироз, илтифот, тадорик, тақобул, таъкидулмадҳ, зуқофиятайн, тансиқи сифот, сиёқатулаъдод, тавшеҳ, тасмит, тарҷеъ, ҳусни матлаъ, ҳусни мақтаъ, лутфи тахаллус (ҳусни тахаллус), адаби талаб (ҳусни талаб), навъҳои адабии: насиб, ташбиб, ғазал, рубоӣ, муздавоҷ, мусарраъ, муқаффӣ, маҳдуд, маҷмӯъ, байти қасида, луғз, муаммо, мутакаллаф, матбӯъ ва ғ. шарҳ дода шудааст. Хотимаи асар ба касби шоирӣ, шарту шароити он ва шеъри матбӯъ оид буда, муаллиф дар ин ҷо ақида ва нуқтаи назари худро дар хусуси шеър, муносибати мунаққиду шоир баён менамояд: «Ва бибояд донист, ки шоир дар ҷавдати (бартарии) шеъри хеш ба бештари улум ва одоб мӯҳтоҷ бошад ва бад-ин ҷиҳат бояд, ки мустатриф (аҷобатписанд) бувад. Ва чизе нагӯяд, ки мардум истидлол (далел) кунанд бад-он ки ӯ он маънӣ надонистааст».

«А.» яке аз қадимтарин ва муҳимтарин асарҳои адабиётшиносии форс-тоҷик буда, доир ба назарияи шеъру шоирӣ манбаъи бебаҳое ба шумор меравад. Ин асар ҳам аҳамияти таърихӣ ва ҳам аҳамияти адабӣ дорад. Вай барои омӯхтани бисьёр воқеаҳои муҳимми а. 13 сарчашмаи боэътимод мебошад, зеро муаллиф дар асар воқеа ва ҳодисаҳоеро ҷой додааст, ки худ шоҳиди онҳо будааст. Доир ба ҳуҷуми чингизиён ва оқибати зарари онҳо боистироб сухан меронад. Дар «А.» номи як зумра шоирони форс-тоҷики то истилои муғулҳо ва намунаи ашъори онҳо, инчунин номи олимону донишмандон мисли Баҳромии Сарахсӣ, Амир Абӯмансур Қасим ибни Иброҳими Қойинӣ маъруф ба Бузургмеҳри Қойинӣ, Имом Ҳасани Қаттон ва таълифоти онҳо оварда шудааст, ки маҳз тавассути ҳамин асар намунаи ашъору номи таълифоти онҳо то замони мо омада расидааст. Аввалин маротиба дар ҳамин асар илова ба 19 баҳри машҳури арӯзи арабу аҷам боз номи 21 баҳри нав эҷодкардаи арӯзиёни аҷамро дар доираҳои Мунъакиса, Мунъалиқа, Мунғалата оварда, монандию тафовути онҳоро аз баҳрҳои дигар бо мисолҳои шеърӣ нишон додааст.

Шамси Қайси Розӣ дар таълифи «А.» аз «Тарҷумон-ул-ба-



лоғат»-и Радуёнӣ ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашиди Ватвот истифода бурдааст. «А.» ҳамчун сарчашмаи илмӣ мавриди тадқиқ ва истифодаи донишмандони баъдина қарор гирифт. Абдулқаҳҳор ибни Асҳақ мулаққаб ба Аш-Шариф «А.»-ро мухтасар намуда, онро «Мизон-ул-авзон ва лисон-ул-қалам дар шарҳи алфози Аҷам» номид. Азуддини Фазлулоҳ ибни Абдуллоҳи Қазвинӣ дар таълифи «Ал-муъҷам фӣ осори мулук-ул-мӯъҷам», Атоуллоҳи Ҳусайнӣ дар таълифи «Бадоеъ-ус-саноеъ» ва «Рисолаи қофия», Нуруддини ибни Аҳмад ибни Абдулҷалили Зиёратгоҳӣ дар таълифи «Рисолаи қофия», Шамси Фахри Исфаҳонӣ дар таълифи «Меъёри Ҷамолӣ», Муҳаммад Ғиёсуддин ибни Ҷамолуддин дар таълифи «Меъроҷ-ул-арӯз», Ҷамолуддин Ҳусайни Ноҷу дар таълифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», Муҳаммад ибни Ҳасан дар таълифи «Табсират-уш-шуаро», Муҳаммади Наҷмадхон дар таълифи «Наҳҷ-ул-адаб», олими машҳури Эрон Нотил Парвези Хонларӣ дар таълифи асари машҳури худ «Вазни шеъри форсӣ», шарқшиноси машҳури советӣ Э. Бертельс дар таълифи «Грамматика персидского языка» («Грамматикаи забони форсӣ», 1926), Баҳром Сирус дар навиштани асарҳои «Қофия дар назми тоҷик» (1955) ва «Арӯзи тоҷикӣ» (1963) аз «А.» истифода бурдаанд. «А.» бори аввал бо эҳтимоми шарқшиноси англис Э. Браун ва тасҳеҳи адабиётшиноси маъруфи эронӣ Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ с. 1327 ҳиҷрии шамсӣ (1909 м.) ва боз ду бори дигар бо тасҳеҳи донишманди машҳури эронӣ Мударрис Ризавӣ с. 1338 ҳиҷрӣ-шамсӣ (1960 м.) ба табъ расидааст. «А.» бо номҳои «Ҳадоиқ-ул-мӯъҷаз», «Ал-кофӣ фӣ л-арӯзайн ва л-қавофӣ» низ машҳур аст.

«Ал-қистос ул-мустақим фӣ илм-ил-арӯз» القسطاس المستقيم في علم العروض (ё «Тарозуи дақиқ дар илми арӯз»), асари донишманди эронинажоди араб Ҷоруллоҳ Абулқосим ибни Маҳмуд ибни Умар ал-Хоразмӣ аз-Замахшарӣ (1075—1144) дар илми арӯз, ки охирҳои ҳаёташ ба забони арабӣ таълиф намудааст. «А.» нурра ба арӯзи арабӣ бахшида шудааст. Замахшарӣ арӯзро яке аз илмҳои дувоздаҳгонаи улуми адабия донista, илова бар ин таъкид менамояд, ки қоида ва қонунҳои он вобаста ба даҳр ва шароити муайян бояд тағйир ва такомул ёбад. Мақсади Замахшарӣ аз нишон ин рисола он будааст, ки вазни ашъори шоирони арабро тадқиқу таъйин намояд. Ӯ низ мисли дигар арӯзшиносони араб буньёди шеърро аз *сабабу* (сабаби хафифу сабаби сақил) *ватад* (ватади маҷмӯъ ва ватади мафруқ) медонад. Вай *фосиларо* ба қатори рукнҳои шеър дохил накарда, исбот кардааст, ки фосилаи суғро аз омехтан сабаби сақилу /уу/ сабаби хафиф /—/ ва фосилаи кубро бо-

шад аз омехтан сабаби сақилу ватади маҷмӯъ ба вуҷуд меояд. Замахшарӣ ҳангоми шарҳи афоили аслӣ, яъне рукнҳо (мафойлун, фоилотун, мустафъилун, мафъӯлоту, фаъулун, фоилун, мафоилатун, мутафоилун) таркиби ҷузвҳои ҳар якеро нишон дода, сипас дар хусуси миқдори фарӯъе, ки аз рукнҳои солим ба вуҷуд меоянд, сухан меронад. Пас аз ин муаллиф дар хусуси роҳҳои ба вуҷуд омадани зиҳофу иллатҳо, сохтани баҳрҳои Ҳазаҷу Рамалу Раҷазу Мутақорибу Мутадорику Музореъю Хафифу Муҷтассу Сареъю Мунсареҳу Муқтазаб, Тавил, Мадид, Васит, Вофир, Комил ва навъҳои мухталифи он, доира ва зиҳофоти арӯз, *тақтеъ* ва аҳамияти он изҳори ақида менамояд. Ҳангоми овардани навъҳои гуногуни баҳрҳо ва гузаронидани тақтеъ мисолҳои зиёди шеърӣ оварда шудааст, ки қимати амалию таълимии асарро зиёд менамояд. «А.» аз ҷумлаи сарчашмаҳои хеле муҳиммии илми арӯз буда, бисьёр арӯзиёни минбаъда ҳангоми таълифи асарҳои худ аз он ба таври фаровон истифода кардаанд. Муҳаққиқ ва донишманди араб (Ироқ) доктор Баҳиҷа Боқир ал-Ҳасанӣ «А.»-ро таҳия намуда бо мукаддимаю тавзеҳот с. 1969 дар Бағдод аз чоп баровард. Арӯздони номии тоҷик М. Умаров дар шумораи 147-уми г. «Маориф ва маданият» (1980) онди ин китоб мақолаи муфассале чоп намуда, хонандаи тоҷикро бо мазмун ва мундариҷаи он шинос намуд.

**Ама́л** (ар. عمل -фаъолият, кору кирдор), дар илми арӯз яке аз роҳҳои сохтани *зиҳофро* гӯянд. Мас., барои сохтани зиҳофи *мақфуф* амали к а ф, барои сохтани зиҳофи *мақбуз* амали қ а б з р о ба кор мебаранд. Ҳамин тариқ, барои сохтани зиҳофҳои арӯзи арабу аҷам А.-ҳои: батар, залл, салм (ثلم), салм (صلم), сарм, харб, харм, шатар, қасам, ҳазз, ҳатм, ҷамм, вақс, вақф, касф, кашф, масх, нақс, рабъ, рафъ, тай, кашф, тамс, хабл, қатъ, шакл, ақл, ақс, ғазб, қабз, қаср, қатф, қатъ, ҳазз, ҳазф, ҷаб, ҷадъ, ҷазл, ҷаҳф, тавсеъ, тазвият, измор, исбоғ, изолат, тарфил, татвил, ҳазл, тахлеъ, тахниқ, ташъис мавриди истифода қарор гирифтаанд. Зиҳофҳое хастанд, ки дар натиҷаи гузаронидани як А. (мас. мақфуф, махбун, мақбуз, матвӣ ва ғ.), аммо зиҳофҳое низ дучор меоянд, ки баъди гузаронидани ду ё се А. ба вуҷуд меоянд. Мас., барои сохтани зиҳофи *махбуни матвии макшуф* зарур аст, ки се А.-хабн, тай ва кашфро истифода баранд. Роҳи баровардани зиҳофи махбуни матвии макшуф чунин аст: Аз рукни солими мафъулоту /— — — у/ аввал тавассути амал х а б н ҳиҷои дарози аввали рукнро кӯтоҳ мекунем, яъне ҳамсадои «ф»-ро мепартоем. Дар натиҷа аз мафъӯлоту /— — — у/ «маӯлоту» /у — — у/ боқӣ



мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафойлу /у — — у/-ро гузошта, махбун меноманд. Баъди ин ба воситаи А.-и т а й ҳиҷои дарози дуюми маӯлоту /у — — у/-ро кӯтоҳ мекунем, яъне ба ҷои садоноки дарози «ӯ» садоноки кӯтоҳи «у»-ро мегузорем, дар натиҷаи «маӯлоту» /у — — у/ шакли «маулоту» /у у — у/-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаилоту /у у — у/-ро гузошта, матвии махбун ё махбул меноманд. Дар охир, агар ба воситаи А.-и к а ш ф ҳиҷои охири «маулоту» /у у — у/, яъне «ту»-ро партоем, «муло», /у у —/ боқӣ мемонад ва ба ҷояш рукни мустаъмали фаилун /у у —/-ро гузошта, махбуни матвии макшуф меноманд. Аммо барои сохтани зиҳофи махбуни рукнҳои асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун /— — у —/ ва Мутадорик — фоилун /— у —/ факат як А., яъне А.-и хабиро истифода мебаранд. Барои ин аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун /— — у —/ ҳарфи «ъ» ва аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун /— у —/ ҳарфи «о»-ро иҷот мекунанд, яъне мепартоянд, ки дар натиҷа аз мустафъилун /— — у —/ «мутафъилун» /у — у —/ ба ҷояш рукни мустаъмали мафоилун /у — у —/-ро мегузоранд) ва аз фоилун /— у —/ фаилун /у у —/ боқӣ мемонад, ки ҳардуро махбун меноманд. Дар баъзе зиҳофҳо воситаи ба истифодаи А.-ҳо ном гузошта мешавад. Мас., аз номи зиҳофи махбуни матвии музол маълум мешавад, ки дар сохтани он А.-ҳои хабн, тай, изолат, истифода шудааст. Чунин зиҳофҳоро дар арӯз зиҳофҳои мураккаб меноманд. Аммо зиҳофҳое низ хастанд, ки аз номи онҳо миқдори истифодаи А.-ҳоро муайян кардан мушкил аст. Чунин зиҳофҳоро дар арӯз зиҳофи мураккабе меноманд, ки номи м у ф р а д доранд. Зиҳофи махбул ба гурӯҳи чунин зиҳофҳои муфрад дохил мешавад. Барои сохтани ин зиҳоф ду А.-ро (х а б н ва т а й) истифода мебаранд. Агар аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/ ба воситаи А.-и хабн (яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷои дарози аввалин рукн) ҳамсадои «ф»-ро партоем, мафъӯлоту /— — — у/ шакли «маӯлоту» /у — — у/-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафойлу /у — — у/-ро гузошта, махбун меноманд. Баъди ин тавассути амали тай, яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷои дарози дуюми рукн ба ҷои садоноки дарози «ӯ» садоноки кӯтоҳи «у»-ро гузорем, «маӯлоту» /у — — у/ шакли «маулоту» /у у — у/-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаилоту /у у — у/-ро гузошта махбул меноманд. Барои ҳосил кардани зиҳофи ахраби рукни асосии баҳри Ҳазаҷ низ ду А.-ро истифода мебаранд. Агар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун /у — — —/ тавассути амали х а р б ҳиҷои якум, яъне «ма» соқит шавад, «фойлун» /— — —/ боқӣ мемонад,

баъди ин ба воситаи амали к а ф ф, яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷои дарози охир ҳамсадои «н»-ро соқит мекунем, ки «фойлу» / — — у / боқӣ мемонад ва ба ҷои он рукни мустаъмали мафъӯлу / — — у /-ро гузошта ахраб меноманд. Барои ҳосил кардани зиҳофи ахрам бошад, танҳо як А.-ро ба кор мебаранд. Агар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ҳиҷои аввалро партоем, «фойлун» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафъӯлун / — — — /-ро гузошта, ахрам мехонанд. Зиҳофҳое низ ҳастанд, ки дар натиҷаи гузаронидани 4, 5, 6 А. ба вуҷуд меоянд. Мас., барои сохтани зиҳофи м а ҷ з у л и м у р а ф ф а л и м а х б у н и м а қ с у р ҷаҳор А.-А.-ҳои ҷазл, тарфил, хабн, қаср, барои сохтани зиҳофи м а ҷ з у л и м у р а ф ф а л и м а х б у н и м а қ с у р и м у в а с с а ъ панҷ А.-А.-ҳои ҷазл, тарфил, хабн, қаср, тавсеъ, барои сохтани зиҳофи м а ҷ з у л и м у р а ф ф а л и м а х б у н и м а қ с у р и м у в а с с а ъ и м у з о л шаш А.-А.-ҳои ҷазл, тарфил, хабн, қаср, тавсеъ ва изолатро истифода мебаранд.

**Амиқ** (ар. عميق -чуқур, бепоён), номи яке аз баҳрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик баъди *Халил ибни Аҳмад* ихтироъ кардаанд. Ин баҳрро барои он А. меноманд, ки вазни он сақил (вазнин) буда, рукнҳои *сабабаш* нисбат ба *ватадаш* зиёдтаранд. Яъне ҳиҷоҳои дарозаш нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳаш бештар аст. А. рукни махсус надошта, дар асоси омезиши рукнҳои асосии баҳри Мутадорик (фоилун) ва баҳрҳои Рамал (фоилотун) ба вуҷуд меояд. Азбаски дар ин баҳр шеър кам сурудаанд, он аз дараҷаи эътибор афтодааст. А. бар хилофи баҳрҳои аслии арӯз навъҳои зиёд надорад. Ашъоре, ки дар ин баҳр сурудаанд, асосан дар шакли солими он аст (фоилун / фоилотун / фоилун / фоилотун). Баъзе арӯзиёни форс-тоҷик мисли Баҳромӣ ва Бузургмеҳри Қойинӣ (а.-XI) ин шаклро аз доираи Мухталифа ҷудо кардаанд. Вай аз ҷузви панҷуми доира шурӯъ мегардад, яъне лун, фаӯлун мафоъӣ, ки бар вазни фоилун / фоилотун / фоилун /фоилотун хонда мешавад. Шоирон фақат дар шакли мусаммани солими он шеър гуфтаанд. Шаклҳои мусаддасу мураббаъи он маъмул нест. Мисол: А.-и мусаммани солим:

Бомдоди баҳорон нузҳати рӯҳпарвар,
Боди анбарфишонро файзи эъҷозгустар. *(Фарҳат)*

фоилун / фоилотун / фоилун / фоилотун
— у — / — у — — / — у — / — у — —



А.-и мусаммани мусаббаг:

Бар машом аз лаби ҷӯй мерасад бӯи хулбӯй,
Нашъае бар тан ояд аз шамими суманбӯй. *(Мақсуд)*
фоилун / фоилийён / фоилун / фоилийён
— у — / — у — — / — у — / — у — —

Арӯз (ар. عروض -паҳн васеъ, кушод), номи яке аз баҳрҳост, ки арӯзиёни форс-тоҷик баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Ин баҳрро барои он А. меноманд, ки онро аз рӯи ғояи доираи Мухталифа, яъне аз рукнҳои баҳрҳои Тавил, Мадиду Басит ҷудо кардаанд. Дар ҳар ду рукни А. вазни ҳаҷмӣ мукаддамтар аст нисбат ба сабаби хафиф. А. рукни махсус надошта, дар натиҷаи омезиши рукнҳои аслии баҳри Ҳазаҷ (мафойлун) ва баҳри Мутақориб (фаӯлун) ба вуҷуд меояд. Дар ин баҳр шеър хеле кам суруда шудааст. А. бар хилофи баҳрҳои аслии арӯз навъҳои зиёд надорад. Шеърҳое, ки дар ин баҳр сурудаанд, асосан дар шакли солими он аст (мафойлун / фаӯлун / мафойлун / фаӯлун). Шоирон фақат дар шакли мусаммани А. шеър сурудаанд. Шаклҳои мусаддасу мураббаъи он низ маъмул нест. Баъзеҳо баҳри А.-ро М а қ б у л Тавил меноманд, вале рукнҳои солими А. ва Тавил ин аст, фақат аз ҷиҳати тартиби ҷойгиршавии рукнҳо фарқ мекунанд. Агар дар баҳри А. рукни фаӯлун / у — — / баъди рукни мафойлун / у — — — / ҷой гирад, дар баҳри Тавил аввал фаӯлун, сипас мафойлун меояд.

Ин ду навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаммани маҳзуф (мафойлун / фаӯлун / мафойлун / фаӯлун / низ шакли афоили А.-и мусаммани солимро дорад. Мисоли А.-и мусаммани солим:

Нигори моҳрӯям, гули атрофаринам,
Чароғи ӯрӯям, фароғи дилнишинам. *(Фарҳат)*
мафойлун / фаӯлун / мафойлун / фаӯлун
у — — — / у — — / у — — — / у — —

Арконӣ (ар. ارکان -сутунҳо), ҷамъи *рукн*.

Арконӣ арӯз ( ارکان عروض), дар илми арӯз *сабабу ватаду фосилаю фосилаҳо* гӯянд.

Арконӣ қавл, инг. *Афоил*.

Арӯз (ар. عروض -арз кардан, баён кардан), илми шинохтан ва донистани шеър, усули муайян кардани дурустии калому мавзун ва оҳанги шеър. Баъди оғози шеъри дарӣ-тоҷикӣ илми шеър батадриҷ ривоҷ ёфта дар ин хусус чандин рисолаҳои

илмию таълимӣ ба миён омаданд. Олимони гузашта илми шеърро ба се тақсим намуданд: 1) арӯз, 2) қофия, 3) бадеъ. Ин гуна илм дар асрҳои миёна дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷик барои шинохтан ва муайян намудани ҷиҳатҳои хубу бади шеър муқаддимаи адаб (адабиёт) шумурда мешуд. Дар хусуси маънию мафҳуми А. дар асарҳои илмию адабиётшиноси ақидаҳои мухталиф баён шудаанд. Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» навиштааст, ки «аз баҳри он арӯз хонанд, ки маърӯзи алайҳи шеър аст, яъне шеърро бар он арз кунанд, то мавзуни он аз номавзун падид ояду мустақим аз номустақим мумтоз гардад». Аммо баъзеҳо (Ваҳиди Табрезӣ) чунин ақида доранд, ки А. аз номи рукни охири мисраъи аввали байт, ки низ «арӯз» меноманд, гирифта шудааст. Сайфӣ дар «Арӯзи Сайфӣ» менависад, ки «баъзе мегӯянд арӯз ба маънии тараф аст ва чун ин илм тарафи баъзе аз улум бувад, онро «арӯз» ном кардаанд. Ва баъзе мегӯянд, ки дар таркиби ин се ҳарф, ки «айн»-у ( ع ) «ро»-ю ( ر ) «зод ( ض ) аст, маънии кашфу зуҳур аст ва чун аз ин илм зоҳир ва пайдо мешавад вазни саҳеҳ ва вазни ғайри саҳеҳ, пас аз ин ҷиҳат, ин илмро «арӯз» ном ниҳоданд». Асли пайдоиши А. ба ҳаёти мардуми араб пайвастагӣ дорад. Бештари истилоҳоти А. аз номи лавозимоти зиндагии арабҳои бодиянишин (чодарнишин), шутур ва ғ. гирифта шудааст. Дар бораи вазъи системаи А. ақида ва мулоҳизаҳои мухталиф мавҷуд аст. Арабшиносони машҳури немис Г. Эвальд (1803—75), Р. Вестфаль (1826—92) пайдоиши А.-ро бо сохти шеъри давраи антиқии Юнони Қадим, аммо академик Ф. Е. Корш (1843—1925) ва шарқшинос А. Кристенсен (ваф. 1945) бо вазни шеъри забони паҳлавии давраи Сосониён вобаста медонанд. Адабиётшиноси машҳури Эрон Хонларӣ чунин ақида дорад, ки арабҳо «дар ихтироъ қавоиди арӯз ба усули илми авзони санскрит назар дошта ва қонунҳои арӯзро аз рӯи он сохта ва пардохтаанд». Лекин ҳеҷ аз ин мулоҳиза ва фаразияҳо ҳанӯз бо далелҳои илмӣ тасдиқ ва қабул нашудаанд. Халил ибни Аҳмад с. 767 дар асоси комёбиҳои шеъри араб, ки пеш аз зуҳури ислом ҳам ривоҷ босазо дошт, қонуну қоидаҳои А.-и арабро кашф кард. А. баъди истилои араб аз оғози шеър ба забони дарӣ-тоҷикӣ (а. 9) то имрӯз вазни асосии шеъри форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Аммо ин маънои онро надорад, ки тамоми вазнҳои шеъри форсӣ-тоҷикӣ аз арабӣ гирифта шудаанд. Баъзе вазнҳо хоси шеъри форсӣ-тоҷикӣ буда, пеш аз пайдоиши А.-и араб дар шеърҳои халқӣ—фаҳлавиёт, сурудҳо ва ғ. вуҷуд доштанд. Шоирон ва донишмандони тоҷик А.-ро на дар шакли арӯзи арабӣ, балки аз рӯи қонун ва хусусиятҳои овозии забони дарӣ-тоҷикӣ ва дар заминаи шеърҳои



аслӣ нав намудаанд, ки ҳоло мо онро «арӯзи форсӣ-тоҷикӣ» меномем. Абулҳасани Ахфаши Балхӣ (ваф. байни 830—833) бо таҳлилу таҳқиқи А. исбот намуд, ки системаи А.-и Халил ибни Аҳмадро, ки хоси шеъри арабист, пурра дар шеъри дарӣ-тоҷикӣ татбиқ намудан дуруст нест. Бай ба ҷои системаи Халил ибни Аҳмад дар А. усули нав ихтироъ кард. Пас аз Ахфаши Балхӣ дар а.-ҳои 10—11 Юсуфи Арӯзӣ, Баҳроми Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қоинӣ аз диг. вобаста ба хусусиятҳои забони дарӣ қоидаҳои нав кашф карда бошанд ҳам, дар бораи чигунагии ин кашфиёт ба мо маълумоте нуқтаҳое, ки ба туфайли гуфтаҳои Шамсуддини Муҳаммад Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» ва Насриддини Тусӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» ба мо маълум аст, ҳеҷ боқӣ намондаанд.

Донишмандони илми А. барои осон шудани дарёфти баҳрҳо ва дар ҳотир нигоҳ доштани ном ва тарзи ташкили онҳо доираҳои Мухталифа, Муъталифа, Муҷталиба, Муштабаҳа, Мутафиқа, Мунтазиа, Муҷтамеаро тартиб додаанд, ки дар онҳо ҳамаи 19 баҳри А. ҷой дода шудааст. Ҳангоми ба доираҳо ҷудо кардани баҳрҳо, пеш аз ҳама, ҳамнавъ будани аҷзои таркибии онҳо ва баробар будани адади унсурҳои онҳо ба инобат гирифта шудааст. Фикру ақидаи арузиёни арабу аҷам дар ҳусуси адад, номи доираҳо ва баҳрҳое, ки дар атрофи онҳо ҷой дода шудаанд, мухталифанд (нис. *Доираҳои арӯз*).

Дар натиҷаи ба ҳам омадани ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ, яъне вазну сабабу фосила 10 рукни солим сохта шудааст, ки онҳо аввал А. ё арабу аҷамро ташкил медиҳанд. Ин даҳ рукни солим инҳоянд:

фаъулун / у — — —/, фоилун / — у — —/,
мафоилун / у — — — —/, фоилотун / — у — — —/,
мустафъилун / — — у — —/, мафъӯлоту / — — — у —/,
мафоилатун / у — у у — —/, мутафоилун / у у — у — —/,
фои-ло-тун / — у — — —/ ва мус-тафъи-лун / — — у — —/.

Ҳарчанд рукнҳои солими фоилотун / — у — — —/ ва мустафъилун / — — у — —/ бо рукнҳои фои-ло-тун / — у — — —/ ва мустафои-лун / — — у — —/ аз ҷиҳати шакл ба ҳам монанданд, аммо аз ҷиҳати таркиби аҷзо аз ҳамдигар тафовут доранд. Рукни солими фоилотун / — у — — —/ аз як сабаби хафиф — «фо» / — —/, ки ватади мафмӯъ — «сило» / у — —/ ва боз як сабаби хафиф — «тун» / — —/ сохта шудааст ва рукни солими фои-ло-тун аз ин ватади мафруқ — «фои» / — у —/ ва ду сабаби хафиф — «ло» ва «тун» / — — —/ таркиб ёфтааст. Агар рукни солими мустафъилун / — — у — —/ аз ду сабаби хафиф — «мус» / — —/,

«таф» / — / ва як ватади маҷмӯъ — «илун» / у — / таркиб ёфта бошад, дар рукни солими мус-тафъи-лун аввал як сабаби хафиф — «мус» / — /, баъд як ватади мафруқ — «тафъи» / — у / ва дар охир боз як сабаби хафиф — «лун» / — / омадааст. Барои ҳамин ҳам, рукни солими фоилотун рукни асосии баҳри Рамал, рукни солими мустафъилун рукни асосии баҳри Рачазро ташкил дода, рукни фои-ло-тун / — у — — / дар сохтани баҳрҳои Қариб, Музореъ, Мушокил ва рукни солими мустафъилун дар сохтани баҳрҳои Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс иштирок менамоянд. Буньёди А.-и форсӣ-тоҷикӣ бо се роҳ анҷом ёфтааст. Якум — ба қолибҳои А.-и анъанавӣ дохил намудани баъзе вазнҳои махсуси форсӣ-тоҷикӣ, ки дар шеърҳои халқӣ вуҷуд доштанд; дуюм — тағйири талаффузи баъзе калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ мувофиқи талаботи вазни А. (мас.: аз ин — а зин, бар ин — ба рин, ман ин ҷо — ма нин ҷо, бинишин — биншин, натавонам — натвонам ва ғ.); сеюм — даровардани тағйирот ба А.-и араб: а) аз 16 баҳри А.-и араб арӯзиёни форс-тоҷик баҳрҳои Тавил, Мадид, Басит, Вофир, Комилро партофта, баҳрҳои Ҷадид, Қариб ва Мушокилро, ки дар А.-и араб набуд, ба он ҳамроҳ карда, ҷамъ 14 баҳрро барои шеъри форсӣ-тоҷикӣ мувофиқ донистанд, ки инҳо иборатанд аз Ҳазаҷ, Рамал, Рачаз, Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб; б) тағйири баъзе баҳрҳои арабӣ. Мас., агар баҳрҳои аслии А. — Ҳазаҷ, Рамал, Рачаз дар адабиёти араб, асосан, дар шакли мусаддаси солим маъмул бошад, арӯзиёни форс-тоҷик онҳоро дар доира дар шакли мусаммани солим ҷой дода, дар шаклҳои мусаддаси солим ва мураббаъи солим имконияти навиштани шеърро низ таъкид кардаанд. Агар баҳрҳои фаръии Мунсареҳ, Музореъ, Муқтазаб ва Муҷтасс дар доираи А-и араб дар шакли мусаддаси солим ҷой гирифта бошанд, арӯзиёни форс-тоҷик ҳамин баҳрҳоро бештар дар доира ҳам дар шакли мусаммани музоҳаф (Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ) ва ҳам дар шакли мусаддаси музоҳаф (Ваҳиди Табрезӣ) ҷой додаанд; в) тағйири баъзе азоҳифи (ниг. *Зиҳоф*) арабӣ ва илова намудани зиҳофҳои нав: аҳазз, аҳаззи махбун, аҳаззи мақсур, аҳаззи маҳзуф, аҳаззи музол, аҳаззи мусаббағ, марбӯъ, марбӯъи мусаббағ, марфӯъ, марфӯъи мутаввал, мувассаъ, мувассаъи махбун, мутаввал, мутаввали мақсур, мутаввали матвии мақсур, маҷдӯъ, аҳтам, маҷҳуф, муханнак, матмус, маслух, маҷбуб, азалл, манҳур, абтар, музаффо ва ғ.

Вобаста ба таърихи инкишофи шеъри форсӣ-тоҷикӣ А. чандин марҳалаҳои таҳаввулу такомулро аз сар гузаронидааст: 1) нимаи дуюми а. 9 оғози А. дар шеъри дарӣ-тоҷикӣ; 2) а-ҳои



10—11 мавқеи А. дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ бештар гардид, авзони шеър нисбат ба асрҳои гузашта матбӯътару дилнишинтар шудаанд, вале дар ин давра низ баъзе вазнҳои номатлубу номатбӯъ дар истеъмол буданд, ки баъдтар аз доираи истифодаи шеъри форсӣ-тоҷикӣ хориҷ шудаанд; 3) аз а. 12 то замони ҳозира. Дар ин марҳалаи нисбатан тӯлонӣ шеър ҳам аз ҷиҳати маъни ва ҳам аз ҷиҳати сохт хеле комил гардид. Забони адабии тоҷик боз ҳам никишоф ёфта, авзони шеър низ бо хусусиятҳои лафзии он мувофиқат пайдо карда, торафт табиитару дилнишинтар шуд. Қонун ва усулҳои А. такмил ёфта, вазнҳои нав кашф гардиданд. Илова бар ин, баъзе арӯзиёни форс-тоҷик мисли Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ ва диг. аз омезиши рукнҳои солими: мафоилун / у — — — /, фоилотун / — у — — /, фои-ло-тун / — у — — /, мустафъилун / — — у — /, мус-тафъи-лун / — — у — / ва мафъӯлоту / — — — у / баҳрҳои: Сарим, Қабир, Бадил, Ҳамид, Сағир, Асам (м), Салим, Ҳамим, Масиӯъ, Мустаъмал, Ахрас, Мубҳам, Маъкӯс, Мухмал, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян, Боис, Ариз, Амиқро эҷод карданд. Доир ба қоидаю қонунҳои А.-и форсӣ-тоҷикӣ ва муносибату тафовути он ба А-и арабӣ рисолаҳои зиёде таълиф гардидаанд, ки «Ал-мӯъҷам»-и Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ, «Рисолаи арӯз»-и Рашиди Ватвот, «Меъёр-ул-ашъёр»-и Насируддини Тусӣ, «Мизон-у-л-авзон»-и Алишери Навой, «Ҷамъи Мухтасар»-и Ваҳиди Табрезӣ, «Арӯзи Сайфӣ», «Меъроч-ул-арӯз»-и Муҳаммад Ғиёсуддин, «Ҳафт кулзум»-и Қабулмуҳаммад, «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун»-и Воҷидалии Муҷмалӣ, «Вазни шеъри форсӣ» ва «Таҳқиқи интиқоди дар арӯзи форсӣ ва чигунагии таҳаввули авзони газал»-и донишманди машҳури Эрон — Хонларӣ, «Арӯзи тоҷикӣ»-и Баҳром Сирус ва ғ. аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Шеъри арӯзӣ ё ки усули арӯзӣ дар шеър бар ҳиҷо асос ёфтааст. Дар ҳиҷоҳои забони тоҷикӣ овозҳои садонок мавқеи хос доранд. Вобаста ба садонокҳои дарозу кӯтоҳ ва мавқеи ҳиҷо (ҳиҷои баста ва кушода) ҳиҷоҳо ба кӯтоҳ ва дароз тақсим мешаванд. Ҳиҷоҳое, ки аз як садоноки кӯтоҳ (мас.: «а», «и», «у») ё ин ки аз як ҳамсадо ва як садоноки кӯтоҳ (мас. «ба», «би», «бу») иборатанд, ҳиҷоҳои кӯтоҳ ва ҳиҷоҳое, ки аз як садоноки дароз (мас.: «о», «ӯ», «й») ё аз як ҳамсадою як садоноки дароз (мас.: «бо», «бӯ», «бӣ»), ё ин ки аз ду ҳамсадо ва як садоноки кӯтоҳ (мас.: «дар», «бар», «мис») ташкил ёфтаанд, ҳиҷоҳои дароз меноманд. Ҳиҷоҳои бастаи типи «ар», «ад», «ид» ва ётбарсарҳои «ё», «е» низ ба гурӯҳи ҳиҷоҳои дароз дохил мешаванд. Дар А. ҳиҷоҳоро бо аломатҳои шартӣ (дарозро бо — ва кӯтоҳро бо V) ишорат мекунанд. Мас., калимаи «модар» аз

дӯ ҳиҷо (мо-дар) иборат буда, ҳар ду ҳиҷои дарозанд / — —/. Калимаи «дара» из ду ҳиҷо (да-ра) иборат буда ҳар ду ҳиҷои кӯтоҳ / у у/ мебошанд. Ё ки дар калимаи «муаллим» ҳиҷои якум кӯтоҳ, ҳиҷоҳои дуюм, сеюм дароз мебошанд / у — —/. Ҳиҷоҳои типи «кор», «шӯр», «даст» ва ғ. дар шеъри арӯзӣ ба воситаи кашиши ҳарфи охир ба як ҳиҷои дароз ва як ҳиҷои кӯтоҳ тақсим мешаванд: «ко-р» / — у/, «шӯ-р» / — у/, «дас-т» / — у/. Агар ин навъи ҳиҷоҳо дар рукнҳои *садр, ибтидо* ва *ҳашвайн* оянд, якуним ҳиҷо, яъне ба шакли — у нишон дода мешаванд, вале дар охири рукнҳои *арӯз* ва *зарб* оянд, бо аломати мад / ~ / ишорат мешаванд. Ҳиҷоҳои бастае, ки аз як садоноки дароз ва як ҳамсадо ташкил ёфтаанд (мас.: «ор», «об» ва ғ.) низ якуним ҳиҷо мебошанд. Илова бар ин, ҳиҷоҳое вуҷуд доранд, ки аз се ҳамсадо ва як садоноки дароз (мас.: «кошт», «дошт», «дӯст», «бехт» ва ғ.) сохта шудаанд. Дар А. ин навъи ҳиҷоро низ якуним ҳиҷо ҳисоб мекунанд, чунки ҳангоми *тақтеъи* шеър ҳарфи охиринро партофта, аз се ҳарфи боқимонда ду ҳиҷо месозанд, ки яке дароз / —/, дигаре кӯтоҳ / у/.

Мас. дар ин байти Ҳофиз:

Салоҳи кор кучою мани хароб кучо,
Бубин тафовути рах аз кучост то ба кучо?
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилун
у — у —/ у у — —/ у — у —/ у у —

ки дар баҳри Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф суруда шудааст, аз ҳиҷои «ҷост» (дар калимаи «куҷост») ҳарфи «т»-ро соқит карда, се ҳарфи он, яъне «ҷос»-ро ба ду ҳиҷо / — у/ ҷудо кардем, то ки миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи ҳар ду мисраъ баробар шаванд. Дар ҳиҷоҳое, ки ҳамсадои «н» баъди садонокҳои дароз (мас.: «дон», «ҷон» ва ғ) хоҳ дар аввал, хоҳ дар мобайн ва хоҳ дар охири мисраъ омада бошанд ҳам, бештар ҳиҷои дарозро ташкил медиҳанд. Ҳангоми ба ҳиҷоҳо тақсим кардани калимаҳо садонокҳои кӯтоҳи «а», «и» ва «у» вобаста ба мавқеи талаффуз гоҳ кӯтоҳ, гоҳ дароз мешаванд. Мисол барои садоноки «и».

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро *(Ҳофиз)*
мафойлун / мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — —/ у — — —/ у — — —/ у — — —

Дар ин байт ҳиҷои «ки» (дар ибораи «турки шерозӣ») дар вазни шеър ҳамчун ҳиҷои кӯтоҳ, аммо ҳиҷои «ли» (дар ибораи «дили моро») чун ҳиҷои дароз иштирок кардааст.



Мисол барои садоноки **«у»**:

Баду неки мо бигзарад бегумон,
Рахой набошад зи чанги замон. *(Фирдавсӣ)*

Ҳиҷои «ду» (дар калимаи «баду») вобаста ба вазни шеър чун ҳиҷои дароз, ҳиҷои «гу» (дар калимаи «бегумон») ба вазифаи ҳиҷои кӯтоҳ омадааст.

Дар А. ҳар як ҳиҷо вобаста ба дарозу кӯтоҳ буданаш номи махсус дорад. Як ҳиҷои дарозро / — / сабаби хафиф, ду ҳиҷои кӯтоҳро / у у/ сабаби сақил, як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дарозро / у —/ ватади маҷмӯъ, як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳро / — у/ ватади мафруқ, ду ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дарозро / у у —/ фосилаи сугро, се ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дарозро / у у у —/ фосилаи кубро, чаҳор ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дарозро / у у у у —/ фозилаи сугро ва панҷ ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дарозро / у у у у у —/ фозилаи кубро номидаанд. Аз ин ҳиҷоҳо ватаду сабаб серистеъмол буда, дар анвоъи фосилаю фозила шеър хеле кам суруда шудааст.

Дар шеъри А.-й чун шеъри ҳиҷоӣ миқдори ҳиҷоҳои мисраъҳои байт бо якдигар баробаранд, вале фарқ дар он аст, ки дар шеъри А.-й фақат шумораи ҳиҷоҳо не, балки дарозию кӯтоҳии онҳо низ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Яъне ҳиҷоҳои дарози мисраи якум бояд мукобили ҳиҷоҳои дарози мисраи дуюм ва ҳиҷоҳои кӯтоҳ мукобили кӯтоҳ қарор гиранд. Мас., дар ин байти Ҳофиз:

Ба хар коре, ки ҳиммат баста гардад,
Агар хоре бувад, гулдаста гардад.

тансубии ҳиҷоҳо чунин аст:

Ба-хар-ко-ре-ки-ҳим-мат-бас-та-гар-дад
А-гар-хо-ре-бу-вад-гул-дас-та-гар-дад

Ҳар мисраъ 11-той ҳиҷо дорад, ки аломати шартнашон ин аст:

у — — —/ у — — —/ у — —
у — — —/ у — — —/ у — —

Мисоли дигар:

Сад бор бадӣ кардию шарми ту наёмад,
Некӣ чӣ бадӣ дошт, ки як бор накардӣ?!

Таносуби ҳиҷоҳои байт чунин аст:

Сад-бор-ба-дӣ-кар-дӣ-ю-шар-ми-ту-на-ё-мад
Не-кӣ-чӣ-ба-д-й-дошт-ки-як-бор-на-кар-дӣ

Мисраъи аввал 13 ҳиҷо ва мисраъи дуюм 12 ҳиҷо дорад, аммо ҳиҷои «бор»-и мисраъи якум ва ҳиҷоҳои «дошт», «бор»-и мисраъи дуюм ҳангоми хондан ба воситаи кашиши овоз ба ду ҳиҷои мустақили яке дарозу яке кӯтоҳ /— у/ ҷудо шуда, миқдори умумии ҳиҷоҳои ҳар ду мисраъи байт ба 14-тоӣ мерасад. Аломати шартиашон чунин аст:

— — у/у — — у/у — — у/у — —
— — у/у — — у/у — — у/у — —

Дар байти:

Ба лутфу марҳамат дилҳо нигаҳ дор,
Кас аз дасту забони худ маёзор! *(Носири Хисрав)*

ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани мақсур эҷод шудааст, ҳиҷоҳои «ба», «фу» (аз калимаи «лутфу»), «ту» (аз калимаи «дасту») ва «ни» (аз калимаи «забони») аз рӯи қоидаи арӯз ҳиҷои кӯтоҳанд, зеро ҳар чор ҳиҷо аз як ҳамсадо ва як садоноки кӯтоҳ сохта шудаанд. Лекин талаффузи «а»-и ҳиҷои «ба» аз талаффузи «у»-и ҳиҷоҳои «фу», «ту» ва «и»-и ҳиҷои «ни» фарқ дорад. Задаи мантиқӣ ҳиҷоҳои «фу», «ту» ва «ни»-ро ба ҳиҷои дароз табдил додааст. Аломати шартии ҳиҷоҳои байти болоӣ чунин аст:

у — — —/у — — —/у — ~
у — — —/у — — —/у — ~

Шеър аз байт ва байт аз мисраъҳо иборат аст. Ҳар мисраъ ба порчаҳои тараннумӣ ҷудо мешаванд, ки ин гуна порчаҳои тараннумиро рукн меноманд. Рукнҳо аз 1 то 6 ҳиҷоро дарбар мегиранд. Дар арӯз рукнҳои байтро аз якдигар бо хати моил (/) ҷудо мекунанд. Ин амал, яъне ба рукнҳои ҷудо намудани байтро т а қ т е ъ меноманд. Агар тартиби ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ дар рукнҳо тағйир ёбад, оҳанги шеър низ дигар шуда, вазнҳои нав пайдо мегарданд. Барои мисол ду байти Бозор Собирро меорем:

Қиссаи мурғи Самандар пеши ман афсона нест,
Саргузашти мардуми бечидафарьёди ман аст.



Таносуби ҳиҷоҳо чунин аст:

Қис-са-и-мур-ғи-са-ман-дар-пе-ши-ман-аф-со-на-нест
Сар-гу-заш-ти-мар-ду-ми-бе-ч-и-да-фар-ё-ди-ма-наст

Аломати шартиашон ин аст:

— у — —/— у — —/— у — —/— у ~
— у — —/— у — —/— у — —/— у ~

Байти дуюм:

Тамоми неъмати дуньё чи гам, ки моли кас аст,
Тамоми неъмати дуньё ба ҳукми хору хас аст.

Таносуби ҳиҷоҳо чунин аст:

Та-мо-ми-неъ-ма-ти-ду-нё-чи-гам-ки-мо-ли-ка-саст
Та-мо-ми-неъ-ма-ти-ду-нё-ба-ҳук-ми-хо-ру-ха-саст
у — у —/у у — —/у — у —/у у ~
у — у —/у у — —/у — у —/у у ~

Ҳар ду байт ҳам дар шакли мусаммани (яъне миқдори рукнҳо 8-тост) навишта шудааст, миқдори ҳиҷоҳо низ баробар аст (16-тост). Аммо аз ҷиҳати вазну оҳангноки фарқ мекунанд, зеро тартиби ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ дар ҳар ду байт гуногун аст. Байти аввал дар баҳри Рамали мусаммани мақсур, байти дуюм дар баҳри Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур навишта шудааст.

Аруздонони пешин барои андоза ва чен кардани рукнҳои шеър аз шаклҳои мухталифи калимаи «фаъал» қолабҳои лафзӣ ё формулаҳои шартие сохтаанд, ки онҳоро «афоилу тафоил» меноманд. Аммо барои андоза кардани рукнҳои шеърҳои арӯзӣ лафзи «мафойлун» қолаби асосӣ ба шумор рафта, асоси ҳамаи рукнҳои баҳрҳои арӯзиро ташкил медиҳад. Ҳиҷоҳои дароз ва кӯтоҳи рукнҳо бо овози ҳамин формула ва шаклҳои гуногуни он андоза карда мешаванд. Масалан, дар байти зерини Гулназар:

Дар қатрае дарьё бубин, дар заррае дунёе бубин,
Ҳам тоҷики ширинсухан, ҳам Тоҷикистонам туӣ.

Тамоми ҳашт руки бо формулаи «мустафъилун /— — у — / баробар ва ҳамвазн аст, ки агар ба ҳиҷоҳо ҷудо кунем, чунин мешавад:

Дар-қат-ра-е / дар-ё-бу-бин / дар-зар-ра-е / дун-ё-бу-бин
Ҳам-то-ҷи-ки / ши-рин-су-хан / ҳам-то-ҷи-кис / то-нам-ту-й
мус-тафъ-и-лун / мус-тафъ-и-лун / мус-тафъ-и-лун / мус тафъ-и-лун

Дар илми арӯз гурӯҳ ё навъҳои гуногуни каломи мавзун, ки дар зери як номи умумӣ оварда мешаванд, баҳр меноманд. Дар шеъри арӯзи арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ 19 баҳр мавриди истифодаанд. Ин баҳрҳо аз ҷиҳати таркиби рукн ба ду гурӯҳ: аслӣ ва фаръӣ ҷудо мешаванд. Баҳрҳои аслӣ ё онҳоро баҳрҳои солим низ меноманд, баҳрҳоеанд, ки рукни махсус доранд. Миқдори баҳрҳои аслӣ ҳафтоянд: 1. Ҳазаҷ—рукни асосиаш мафойлун / у — — — /. 2. Рамал—рукни асосиаш фоилотун / — у — — /. 3. Раҷаз—рукни асосиаш мустафъилун / — — у — /. 4. Мутақориб—рукни асосиаш фаӯлун / у — — /. 5. Мутадорик—рукни асосиаш фоилун / — у — /. 6. Вофир—рукни асосиаш мафоилатун / у — у у — /. 7. Комил—рукни асосиаш мутафоилун / у у — у — /.

Аз баҳрҳои аслӣ—Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик байни арӯзи арабу арӯзи форсӣ-тоҷикӣ муштараканд. Баҳрҳои Вофиру Комил хоси шеъри арабӣ буда, шоирони форс-тоҷик барои санҷидани ҳунари шоирии худ дар навъҳои гуногуни онҳо шеър эҷод кардаанд. Баҳрҳои ҲазаҷуРамалу Раҷазу Мутақориб серистеъмолтарин баҳрҳои шеъри тоҷикӣ мебошанд.

Баҳрҳои Фаръӣ ё онҳоро ғайриаслӣ низ меноманд, баҳрҳоеанд, ки рукни махсус надошта, дар натиҷаи омезиши рукнҳои солими баҳрҳои аслӣ ва зиҳофҳои онҳо ба вуҷуд меоянд. Миқдори баҳрҳои фаръӣ дувоздаҳтоянд: Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб, Тавил, Мадид, Басит. 1. Қариб—рукнҳояш: мафойлун / мафойлун / фои-ло-тун / у — — — / у — — — / — у — — /. 2. Музореъ—рукнҳояш: мафойлун / фои-ло-тун / мафойлун / фои-ло-тун / у — — — / — у — — / у — — — / — у — — /. 3. Мушокил—рукнҳояш: фои-ло-тун / мафойлун / мафойлун — у — — / у — — — / у — — — /. 4. Ҷадид—рукнҳояш: фоилотун / фоилотун / мус-тафъи-лун / — у — — / — у — — / — — у — /. 5. Хафиф—рукнҳояш: фоилотун /мус-тафи-лун/ фоилотун / — у — — / — — у — / — у — — /. 6. Муҷтасс—рукнҳояш: мус-тафъилун / фоилотун / мус-тафъи-лун / фоилотун / — — у — / — у — — / — — у — / / — у — — /. 7. Сареъ—рукнҳояш: мустафъилун / мустафъилун / мафъӯлоту / — — у — / — — у — / — — — у /. 8. Мунсареҳ—рукнҳояш: мустафъилун / мафъӯлоту / мустафъилун / мафъулоту / — — у — / — — — / — — у — / — — — у /. 9. Муқтазаб — рукнҳояш: мафъӯлоту / мустафъилун /



/ мафъӯлоту / мустафъилун / — — — у / — — у — / — — — у / / — — у — /. 10. Тавил — рукнҳояш: фаӯлун / мафойлун / / фаӯлун /мафоилун / у — — / у — — — / у — — / у — — — /. 11. Мадид— рукнҳояш: фоилотун / фоилун /фоилотун / фоилун / / — у — — / — у — / — у — — / — у — /. 12. Басит—рукнҳояш: мустафъилун / фоилун / мустафъилун / фоилун / — — у — / — у — / — — у — / — у — /. Аз ин баҳрҳо Тавил, Мадид, Басит хоси шеъри арабӣ, Қариб, Ҷадид, Мушокил хоси шеъри форсӣ-тоҷикӣ буда, баҳрҳои Музореъ, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ ва Муқтазаб байни арӯзи арабу арӯзи форсӣ-тоҷикӣ муштараканд. Ҳарчанд баҳрҳои Тавил, Мадид ва Басит аз баҳрҳои шеъри арабианд, бисьёр шоирони форс-тоҷик дар навъҳои мухталифи онҳо шеър гуфтаанд. Илова бар баҳрҳои фаръӣ арӯзиёни форс-тоҷик мисли Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ ва дигарон аз омезиши рукнҳои солими мафойлун / у — — — /, фоилотун / — у — — /, фои-ло-тун / — у — — /, мустафъилун / — — у — /, мус-тафъи-лун / — — у — / ва мафъӯлоту / — — — у / бисту як баҳри нав эҷод карданд, ки аз сабаби авзони номатбӯъ доштанашон дар байни аҳли адаб шӯҳрат наёфтаанд. Дар байни баҳрҳои фаръӣ Қариб, Музореъ, Мушокил, Хафиф, Сареъ серистеъмол мебошанд.

Агар рукнҳои ин ё он баҳри аслӣ дар як байт ҳашт маротиба бетағйир такрор шаванд, мусаммани солим, шаш бор такрор шаванд, мусаддаси солим, чор бор такрор шаванд, мураббаъи солим, ду бор такрор шаванд, мусаннои солим меноманд. Таркиби рукнҳои баҳрҳо ҳамеша дар як шакл ва бетағйир нахоҳанд монд. Баробари каму зиёд кардани ҳиҷову ҳарфҳо ё дигар шудани мавқеъи ҳиҷоҳои дарозу кутоҳ таркиби рукнҳо дигар гардида, вазнҳои нави шеър ба вуҷуд меоянд. Мас., байти зерини Ҳабиб Юсуфӣ дар баҳри Рамали мусаммани махбуни маҳзуф гуфта шудааст ва рукнҳои фоилотун, фаилотун, фаилотун, фаилун дар мисраъҳои байт пан ҳам омадаанд:

Ҳандан лаъли лабат бурда қарори дили ман,
Наргисат бо нигаҳе карда шикори дили ман.
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаилун
— у — — / у у — — / у у — — / у у —

Аммо агар аз рукни охирин як ҳиҷоро партоем, вазни дигар — баҳри Рамали мусаммани махбуни аслам ҳосил мешавад. Мисолаш:

Чашми шўху бари симин, дили сангин дорӣ,
Холи мушкин, рухи рангин, лаби ширин дорӣ.
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаълун
— у — — / у у — —/ у у — — / — —

Нўҳ баҳри фаръие (Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ ва Муқтазаб), ки дар арӯзи тоҷикӣ маъмуланд, дар натиҷаи омезиши чаҳор рукни солим — мафойлун / у — — —/, фоилотун / — у — —/, мустафъилун / — — у — / ва мафъӯлоту / — — — у / ҳосил мешаванд. Баҳрҳои Қариб, Музореъ ва Мушокил дар асоси рукнҳои якуму дуюм, яъне мафойлуну фоилотун, баҳрҳои Ҷадиду Хафифу Муҷтасс дар асоси рукнҳои дуюму сеюм, яъне фоилотун мустафъилун, баҳрҳои Сареъю Мунсареҳу Муқтазаб бошанд дар асоси рукнҳои сеюму чаҳорум, яъне мустафъилуну мафъӯлоту ба вуҷуд меоянд. Дар се баҳри аввала, яъне дар баҳрҳои Қарибу Музореъю Мушокил баробари рукнҳои асосӣ— мафойлун / у — — —/ ва фои-ло-тун / — у — —/ зиҳофҳои ахраб / мафъӯлу — — у /, макфуф / мафойлу у — — у ва фоилоту — у — у /, маҳзуф / фаӯлун у — — ва фоилун — у —/, мақбуз / мафоилун у — у —/, аҳрам / мафъӯлун — — —/, абтар / фаъ —/, мақсур / мафойл у — ~ ва фоилон — у ~ /, матмус / фаъ —/, муханнақ / мафъӯлун — — —/, муханнақи мақсур / мафъӯл — ~ /, маслух / фоъ /, мусаббағ / мафойлон у — — ~ ва фоилийён — у — ~ /, дар баҳрҳои Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс баробари рукнҳои солими фоилотун / — у — —/ ва мустафъи-лун / — — у —/ зиҳофҳои махбун / фаилотун у у — — ва мафоилун у — у —/, марфӯъ / фоилун — у —/, машкул / фаилоту у у — у ва мафоилу у — у у /, аслам / фаълун — —/, мушаасс / мафъӯлун — — —/, маҷҳуф / фаъ —/, мақсур / фоилон — у ~ /, маҳзуф / фоилун / — у —/ ва дар баҳрҳои Сареъю Мунсареҳу Муқтазаб баробари рукнҳои солими мустафъилун / — — у —/ ва мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофҳои матвӣ / муфтаилун — у у — ва фоилоту — у — у /, маҳбун / мафоилун у — у — ва мафойлу у — — у / мақтӯъ / мафъӯлун — — —/, марфӯъ / фоилун — у — ва мафъӯлу — — у /, аҳазз / фаълун — —/, маҷдӯъ / фоъ ~ /, манҳур / фаъ —/, махбуни макшуф / фаӯлун у — —/, махбуни мавқуф / фаӯлон у — ~ / ва ғ. иштирок менамоянд. Рукнҳои нӯҳ баҳри фаръӣ инҳоянд:

1. Қариб: мафойлун / мафойлун / фои-ло-тун
2. Музореъ: мафойлун / фои-ло-тун / мафойлун / фои-ло-тун
3. Мушокил: фои-ло-тун / мафойлун / мафойлун
4. Ҷадид: фоилотун / фоилотун / мус-тафъи-лун



5. Хафиф: фоилотун / мус-тафъи-лун / фоилотун
6. Муҷтасс: мус-тафъи-лун / фоилотун / мус-тафъи-лун / фоилотун
7. Сареъ: мустафъилун / мустафъилун / мафъӯлоту
8. Мунсареҳ: мустафъилун / мафъӯлоту / мустафъилун / мафъӯлоту
9. Муқтазаб: мафъӯлоту / мустафъилун / мафъӯлоту / мустафъилун

Нақшаи ин 9 баҳр аз рӯи аломатҳои шартӣ ин тавр аст:

1. у — — — / у — — — / — у — —
2. у — — — / — у — — / у — — — / — у — —
3. — у — — / у — — — / у — — —

1. — у — — / — у — — / — — у —
2. — у — — / — — у — / — у — —
3. — — у — / — у — — / — — у — / — у — —

1. — — у — / — — у — / — — — у
2. — — у — / — — — у / — — у — / — — у —
3. — — — у / — — у — / — — у / — — у —

Агар ба рукнҳои асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/, баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/ ва баҳри Мутақориб — фаӯлун / у — —/ ду ҳарфи охир («ун») партофта шавад, тағйироти зерин ба вуҷуд меояд: мафойлун — мафойл, фоилотун — фоилот / фоилон /, фаӯлун — фаӯл. Чунин тағйироти рукни аслиро дар А. зиҳоф меноманд. Дар мисоли боло фаилотун / у у — —/ ва фаълун / — —/ зиҳофҳои рукни фоилотун / — у — —/ буда, аввалӣ *махбун* ва дуюмӣ *аслам* ном доранд.

Дар натиҷаи тағйироте, ки дар даҳ рукни асосии арӯз ба вуҷуд омадааст, зиҳофҳои абтар, азалл, аслам, аслами мусаббағ, асрам, ахраб, ахрам, ахрами мусаббағ, аштар, аштари мусаббағ, ақсам, ақсами мусаббағ, аҳазз, аҳаззи махбун, аҳаззи мақсур, аҳаззи маҳзуф, аҳаззи музол, аҳаззи мусаббағ, аҳтам, аҷам, аҷами музол, мавқус, мавқуси музол, мавқуси мураффал, мавқуси мураффали мусаббағ, мавқуси мутаввал, мавқуф, мавқуфи матвӣ, мавқуфи махбун, максуф (макшуф), макфуф, макшуф (максуф), макшуфи матвӣ, макшуфи махбун (махбуни макшуф), мамсух, манқус манҳур, марбӯъ, марбӯъи мусаб-

бағ, марфӯъ, марфӯъи махбун, марфӯъи музол, марфӯъи мураффал, марфӯъи мураффали мусаббағ (марфӯъи мутаввал), марфӯъи мутаввал (марфӯъи мураффали мусаббағ), маслух, матвии мавқуф, матвии макшуф (макшуфи матвӣ), матвии махбун (махбул), матвии махбуни мавқуф, матвии махбуни макшуф, матвии махбуни музол, матвии музол, матвии мураффал, матвии мураффали макфуф, матвии мутаввал, матвӣ, матмус, махбул, махбули мавқуф, махбули макшуф, махбули музол, махбун, махбуни аҳазз, махбуни аҳаззи музол, махбуни мавқуф, махбуни макфуф, махбуни макшуф, махбуни матвии мавқуф, махбуни матвии макшуф, махбуни матвии музол, махбуни матвӣ, махбуни мақсур, махбуни мақтӯъ (мухаллаъ), махбуни маҳзуф, махбуни мувассаъ, махбуни музаффо, махбуни музол, махбуни мураффал, махбуни мураффали макфуф, махбуни мусаббағ, махбуни мутаввал, машкул, маъсуб, маъқул, маъқус, мағзуб, мақбуз, мақбузи мусаббағ, мақсур, мақтуф, мақтӯъ, мақтӯъи махбун, мақтӯъи махбуни мусаббағ, мақтӯъи маҳзуф, мақтӯъи маҳзуфи мусаббағ, мақтӯъи мусаббағ, маҳзуз, маҳзузи маҳзуф, маҳзуф, маҳзуфи мақсур, маҳзуфи мақтӯъ, маҳзуфи мусаббағ, маҷбуб, маҷдӯъ, маҷзул, маҷзули мураффали махбуни мақсур, маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъ, маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъи музол, маҷзули мураффали махбуни мақсури музол, маҷҳуф, маҷҳуфи мусаббағ, мувассаъ, мувассаъи махбун, музаффо, музаффои махбун, музмар, музмари аҳазз, музмари аҳаззи мусаббағ, музмари мақтӯъ, музмари мақтӯъи мусаббағ, музмари музол, музмари мураффал, музмари мураффали мусаббағ, музол, мураффал, мураффали матвии мақсур, мураффали матвӣ, мураффали махбун, мураффали махбуни мақфуф (махбуни мураффали мақфуф), мураффали махбуни матвии мақсур, мураффали махбуни матвии мақсури мувассаъ, мураффали мақсур, мураффали мақсури музол, мураффали мусаббағ (мутаввал), мусаббағ, мутаввал (мураффали мусаббағ), мутаввали матвии мақсур (мураффали матвии мақсур), мутаввали матвӣ (матвии мутавваl), мутаввали мақсур, мухаззал, мухаззали музол, мухаллаъ, мухаллаъи музол, мухаллаъи мусаббағ, муханнақ, муханнақи маҳзуф, мушаасс, мушаасси мусаббағ ва ғ. ҳосил шудаанд.

Ҳангоми тағйир додани рукнҳои аслӣ шакли зиҳофҳое пайдо мешаванд, ки ба рукни солими он қариб монандие надоранд. Мас., зиҳофҳои аҳазз (фаълун), аҳаззи махбун, (фаал), аҳаззи мақсур (фоъ), аҳаззи маҳзуф (фаъ)-и рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / аз рукни солимаш, ки низ мустафъилун / — — у — / аст, ба тамомӣ фарқ дорад. Сабаб дар он аст, ки ҳангоми ба дигаргунӣ дучор гардидани рукнҳои



солим шаклҳои афоиле ба вуҷуд меоянд, ки ҳам талаффузи онҳо душвор асту ҳам намуди зоҳириашон аз шаклҳои афоили арӯзӣ дур. Барои ҳамин, ба ҷои шакли нави афоили ҳосилшуда яке аз ашколи мустаъмалу маъмули арӯзиро мемонанд. Чунончӣ, агар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / тавассути амали харм ҳиҷои аввали он, яъне «ма»-ро партоем, «фойлун» / — — — / мемонад, баъд ба воситаи амалиёти кафф (кӯтоҳ кардан) ҳарфи охири «фойлун», яъне «н»-ро партоем, аз «фойлун» / — — — / «фойлу» / — — у / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали «мафъӯлу» / — — у /-ро гузошта ахраб меноманд. Барои ҳамин ҳам, зиҳофҳое, ки аз рукнҳои мухталиф ҳосил шудаанд, ҳарчанд шаклҳои якхела доранд, вале номҳои онҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Мас., шакли овозии мафъӯлун / — — — / ҳам дар баҳри Ҳазаҷ (номаш — ахрам ё муханнақ), ҳам дар баҳри Рамал (номаш — мушаасс), ҳам дар баҳри Вофир (номаш — ақсам), ҳам дар рукни мафъӯлоту (номаш — макшуф) ва ҳам дар рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун (номаш — мақтӯъ) дучор меояд. Илова бар ин, гоҳе дар зери номи як зиҳоф шаклҳои афоили мухталиф дучор мешаванд. Мас., шакли афоили мафойлун / у — у — /, ки аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд омадааст, махбун ном дорад. Зиҳофи махбуни рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / дар шакли фаилотун / у у — — /, зиҳофи махбуни рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / дар шакли фаилун / у у — /, зиҳофи махбуни рукни солими мафъӯлоту / — — — у / дар шакли мафойлу / у — — у / дучор мешавад. Баъзе арӯздонони форс-тоҷик ҳамаи тағйироте, ки дар рукнҳои аслӣ рӯй медиҳанд, зиҳоф номедонанд. Рашиди Ватвот, Насируддини Тӯсӣ, Салмони Совачӣ дигаргуниҳои дар *сабаб* рӯйдодаро *зиҳоф* ва дигаргуниҳои дар *ватад* рӯйдодаро *илал* номидаанд.

Ҳар вазни наве, ки дар натиҷаи тағйири рукнҳои солими ягон баҳр ба вуҷуд меояд, бо номи ҳамон баҳр хонда мешавад.

Мисоли баҳри Мутақориби мусаммани маҳзуф *(арӯз — мақсур)*:

Забон дар даҳон, эй хирадманд, чист?
Қалиди дари ганҷи соҳибхунар.
Чу дар баста бошад, чи донад касе,
Ки ҷавҳарфурӯш аст ё пилавар? *(Саъдӣ)*
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаал
у — — / у — — / у — — / у —

Мисоли баҳри Ҳазаҷи мусаддаси мақсур:

Қасоне, ки ғами дунъё надоранд,
Ба сар андешаи фардо надоранд.
Ҳама доранд аз моли ҷаҳон лек
Дар ин дунъёи равшан ҷо надоранд. *(Лоиқ)*
мафойлун / мафойлун / мафоил
у — — — / у — — — / у — ~

Мисоли баҳри Рамали мусаддаси маҳзуф:

Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад,
Машварат идроку ҳушьёрӣ диҳад. *(Ҷалолуддини Румӣ)*
фоилотун / фоилотун / фоилун
— у — — / — у — — / — у —

Донистани илми А. ба шахс имконият медиҳад, ки шеърро муддатҳои тӯлонӣ дар хотир нигоҳ дорад ва ҳусну кубҳи онро муайян намояд. Аз тарафи дигар, донистани нозукиҳои ин илм ба олимони соҳаи забоншиносӣ ёрӣ мерасонад, то ки қоидаҳои имлои забони тоҷикиро дуруст мураттаб созанд.

**Арӯз** (ар. عروض -арз кардан, баён кардан), дар илми адабиётшиносӣ *рукни* охирини мисраъи аввали байтро гӯянд. Ҳар як байт вобаста ба вазни худ ба рукнҳо тақсим мешавад ва ҳар як рукн мувофиқи ҷойгиршавиаш (мавқеаш) дар мисраъҳои байт номи махсус дорад. Барои мисол байти зеринро аз назар мегузаронем, ки дар баҳри Рамали мусаддаси маҳзуф суруда шудааст:

Номи ман чун дар шумори ишқ шуд,
Ранҷам афзун аз шумор олд ҳаме. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
Но-ми-ман-чун / дар-шу-мо-ри / иш-қу шуд
Ран-ҷа-маф-зун / аз-шу-мо-ро / яд-ҳа-ме.
фоилотун / фоилотун / фоилун
— у — — / — у — — / — у —

Дар ин байт рукни якуми мисраи аввал / номи ман чун — у — — / *садр*, рукни дуюми мисраи аввал / дар шумори — у — — / *ҳашв*, рукни охири мисраи аввал / ишқ шуд — у — / арӯз, рукни якуми мисраи дуюм / ранҷам афзун — у — — / *ибтидо*, рукни дуюми мисраи дуюм / аз шуморо — у — — / ҳашв, рукни охири мисраи дуюм / як ҳаме — у — / *зарб* мебошад.

Мисоли дигар: баҳри Ҳазаҷи мусаддаси мақсур:



Ҷавонмардо, ҷавонмардӣ биёмӯз.
Зи мардони ҷаҳон мардӣ биомӯз. *(Ҷомӣ)*
мафойлун / мафойлун / мафоил
у — — — / у — — — / у — ~

Рукни аввали мисраъи якуми байти боло /ҷавонмардо у — — — / с а д р, рукни дуюми мисраъи аввал / ҷавонмардӣ у — — — / ҳ а ш в, рукни охири мисраъи аввал / биомӯз у — ~ / а р ӯ з, рукни аввали мисраъи дуюм / зи мардони у — — — / и б т и д о, рукни дуюми мисраъи сонӣ / ҷаҳон мардӣ у — — — / ҳ а ш в, рукни охири мисраъи дуюм / биомӯз у — ~ / з а р б мебошад.Ниг. низ *Арӯз* (вазни шеър).

**«Арӯзи Сайфӣ** عروض سیفی рисолаи Сайфии Арӯзии Бухорой ки соли 1491 таълиф намудааст. «А. С.» бо номҳои «Р и с о л а и а р ӯ з», «И л м-ул-а р ӯ з», «М и з о н-ул-а ш ъ о р» ва «Р и с о л а и С а й ф ӣ» низ машҳур аст. Мазмун ва мундариҷаи рисоларо таърифи шеъру шоирӣ, шарҳу баёни истилоҳоти арӯз, номи баҳрҳо ва доираҳои арӯз ташкил медиҳанд. Рисола аз муқаддима ва 112 фасл иборат аст. Муқаддима оид ба таълифи рисола буда, фаслҳои 1—13 ба таърифи шеър ва баёни шоир; аввалин шоирони тоҷик, нахустин касе, ки қасидаи тоҷикӣ сурудааст; ҳоҷат ба илми арӯз ва сабаби чунин ном гирифтани ин илм; мавзун ва номавзунӣ, маънии тақтеъи байт ва кайфияти он; баёни ҳарфҳое, ки талаффуз мешаванду навишта не; баёни «алиф»-у «вов»-у «ҳо»-ю «ё», баёни «нун»-и сокин ва баъзе ҳарфҳое, ки ҳангоми тақтеъи шеър ба эътибор гирифта намешаванд, баёни ҷузвҳои байт (ватад, сабаб, фосила); сабаби байт номидани ду мисраъи шеърӣ; баёни рукнҳои аслии баҳрҳои арӯзӣ (фаӯлун, фоилун, мафойлун, мустафъилун, мафоилатун, мутафоилун, фоилотун, мафъӯлоту), баёни миқдори баҳрҳо, баёни рукни солим ва ғайрисолим, баёни баҳрҳо баҳшида шудаанд. Дар фаслҳои 14—91 навъҳои баҳри Ҳазаҷ (19 навъи баҳри Ҳазаҷ дар шаклҳои мусамману мусаддас), Раҷаз (8 навъи он дар шаклҳои мусамману мусаддас), Рамал, (19 навъи он дар шаклҳои мусамману мусаддас), доираҳои Муҷталиба, баҳри Мунсареҳ (6 навъи баҳри Мунсареҳ дар шаклҳои мусамману мусаддас), баҳри Музореъ (7 навъи баҳри Музореъ дар шаклҳои мусамману мусаддас), баҳри Муқтазаб (ду навъи баҳри Муқтазаб фақат дар шакли мусамман), баҳри Муҷтасс (шаш навъи баҳри Муҷтасс фақат дар шакли мусамман), баҳри Сареъ (ду навъи баҳри Сареъ дар шакли мусаддас), баҳри Ҷадид (як навъ, баҳри Ҷадиди мусаддаси маҳбун), баҳри Қариб (ду навъи баҳри Қариб дар шакли мусаддас), баҳри Хафиф (5 навъи Хафиф фақат дар шакли му-

саддас) ҷой дода шудааст, фасли 92 дар хусуси бахрҳои доираи Муштабаҳа (Муштабеҳа) ва сабабҳои дар ин доира ҷой додани бахрҳои Мунсареҳ, Хафиф, Музореъ, Муқтазаб, Муҷтасс, Сареъ маълумот медиҳад. Дар фаслҳои 93—111 доир ба навъҳои бахрҳои Мушокил (як навъ, бахри Мушокили мусаддаси мақфуф), бахри Мутақориб (шаш навъи бахри Мутақориб дар навъҳои мусамману мусаддас), бахри Мутадорик (чор навъи бахри Мутадорик дар шакли мусамман), сабабҳои дар доираҳои Мунфарида ва Муттафиқа ҷой додани бахрҳои Мутақорибу Мутадорик, бахри Тавил (як навъи он, бахри Тавили мусаммани солим), бахри Ариз ва сабаби мақлуби Тавил номидани ин бахр, бахри Мадид (як навъи он, бахри Мадиди мусаммани солим), бахри Амиқ ва сабаби мақлуби Мадид номидани ин бахр, бахри Басит) як навъи он, бахри Басити мусаммани солим), дар хусуси доираи мухталифа ва сабабҳои дар ин доира ҷой додани бахрҳои Тавилу Мадиду Басит; бахри Вофир (як навъи он, бахри Вофири мусаммани солим), бахри Комил (як навъи он, бахри Комили мусаммани солим), дар хусуси доираи Муттафиқа ва сабаби дар ин доира ғунҷонидани бахрҳои Вофиру Комил ва ғ. маълумот дода шудааст. Боби охирини китоб, яъне боби 113-уми он дар хусуси авзони рубоӣ, шаҷараҳои ахрабу ахрам баҳс мекунад. Ба ақидаи муаллиф, авзони шаҷараи ахрабро дар чор мисраъи як рубоӣ ғунҷонидан мумкин, аммо нигимсъи авзони шаҷараҳои ахрабу аҳрамро дар як рубоӣ ҷой додан некӯ набувад.

Забони иншои рисола хеле соддаю равон буда, барои онҳое, ки ба омӯхтани илми арӯз майл доранд, дастури муфиде ба шумор меравад. «А. С.» аз маъхазҳои асосии рисолаҳои арӯзи минбаъда гардида, то имрӯз ҳамчун китоби дарсӣ қиммати худро гум накардааст. Ин рисола солҳои 1867 ва 1872 бо тарҷумаи англисиаш дар Қалкатта чоп гардид.

**«Арӯзи тоҷикӣ»**, асари Баҳром Сирус дар боби илми арӯз, ки с. 1963 ба забони тоҷикӣ таълиф намудааст. Ин асар аз муқаддима, шаш боб ва мулҳақот иборат аст. Муқаддима дар сабаби таълифи китоб буда, дар боби аввал доир ба мафҳуми арӯз дар сарчашмаҳои адабӣ, дар боби дуюм доир ба сохти арӯзи арабӣ, дар боби сеюм дар хусуси арӯзи форсию тоҷикӣ, дар боби чаҳорум роҷеъ ба алоқаи зичи мусиқию ашъори арӯзӣ, дар боби панҷум дар хусуси баъзе нуқсонҳои арӯзи арабию тоҷикӣ сухан рафта, дар боби шашум муаллиф мулоҳизаҳои худро зимни асарҳое, ки доир ба илми арӯз навишта шудаанд, баён кардааст. Мулҳақоти он ба таърифи шеъри матбӯъ оид буда, муаллиф доир ба мавқеъи зада дар вазни арӯз, сакта ва навъҳои он, инчунин доир ба баҳрҳое, ки номи умумӣ, аммо



авзони мухталиф доранд, маълумоти муфассал медиҳад. «А. т.» аз муҳимтарин асарҳои адабиётшиносии тоҷик аст, ки баъди Революцияи Октябрь таълиф шудааст. Муаллиф дар ин асар таърихи пайдоиши арӯзи арабӣ ва тоҷикӣ, сабабҳои ривоҷи авзони арабӣ дар шеъри тоҷикӣ ва баъзе нуқсонҳои арӯзро нишон додааст. Аввалин маротиба дар ҳамин асар илова бар истилоҳоти маъмули арӯзи арабу аҷам боз доир ба доираҳои Мухталифа, Мӯъталифа, Муҷталиба, Муштабаҳа, Муттафиқа маълумоти муфид дода шудааст. Муаллиф дар мавриди навъҳои мухталифи баҳрҳои арӯз аз ашъори шоирони классикию советии тоҷик мисолҳо овардааст, ки аҳамияти маърифатию таълимии асарро боз ҳам зиёд мекунад. «А. т.» барои омӯхтани таърихи илми адабиётшиносии тоҷик, алалхусус, илми арӯз сарчашмаи хуб буда, барои мунаққидони илми бадеъ, муаллимону донишҷӯёни мактабҳои олӣ, инчунин барои шоирону дӯстдорони адабиёт дастури муҳиме ба шумор меравад.

**«Арӯзи Юсуфӣ»** عروض یوسفی рисолаи *Азизӣ* дар боби илми арӯз, ки ох. а. 15 ба забони тоҷикӣ таълиф намудааст. Як нусхаи дастнависи он дар шӯъбаи ленинградии Ин-ти шарқшиносии АФ СССР маҳфуз мебошад.

**«Арӯзи Ҳумоюн»** عروض همایون рисолаи *Абдулқаҳҳори Самарқандӣ* дар боби илмҳои арӯз ва қофия, ки ох. а. 15 ба забони тоҷикӣ таълиф намудааст. Номи аслии китоб «Мизонул авзон» буда, Муҳаммад Ҳасани Адиби Ҳиравӣ саҳван онро бо иловаи унвони «А. Ҳ.» (Техрон, 1959) ба табъ расонид. Рисола аз ду боб (асл) иборат буда, боби аввал дар хусуси илми арӯз ва истилоҳоти маъмули ин илм ва боби дуюм дар хусуси қоида ва қонунҳои илми қофия баҳс мекунад. Муаллифи рисола дар таълифи он аз «Ал-мӯъҷам» — Шамси Қайси Розӣ ва «Меъёр-ул-ашъор»-и Насируддини Тӯсӣ пурра истифода бурдааст. Абдулқаҳҳори Самарқандӣ дар «А. Ҳ.» баъзан навиштаҳои Шамси Қайси Розиро айнан овардааст.

**Асам (М)** (ар. اصم -мустаҳкам, зич), номи яке аз бахрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмехри Қойинӣ (а. 11) ва диг. баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Ин бахрро барои он А. номидаанд, ки вазни он сақил (вазнин) буда, дар рукнҳои солимаш сабаб нисбат ба ватад зиёд аст. Яъне ҳиҷоҳои дарози рукнҳои солимаш нисбат ба ҳиҷоҳояш бештар мебошад. А. рукни махсус надорад ва дар натиҷаи омезиши рукни фои-ло-тун /—у——/ ва рукни аслии бахри Ҳазаҷ — мафойлун /у.———/ ба вучуд меояд. Агар аз ҷузви якуми рукни сеюми доираи Мунъакиса, яъне аз «фо»-и фои-ло-тун /— у — —/ сар кунем, фои-ло-тун /— у

— —/, мафойлун /у — — —/, фои-ло-тун /— у — —), фои-ло-тун /— —/, мафойлун /у — — —/, фои-ло-тун /— у — —/ ба вуҷуд меояд, ки вазни як байт шеъри баҳри А.-и мусаддаси солимро ташкил медиҳад. Дар ин баҳр шеър хеле кам сурудда шудааст, барои ҳамин он аз дараҷаи эътибор афтодааст. А. бар хилофи баҳрҳои аслии арӯз навъҳои зиёд надорад. Ашъоре, ки дар ин баҳр сурудаанд, асосан дар шакли мусаддаси солим ва мусаддаси махбуну мусаддаси муханнақ аст. Шоирон фақат дар шакли мусаддаси он шеър гуфтаанд. Шаклҳои мусаддасу мураббаъ ва мусаннои он маълум нест.

Мисоли баҳри А.-и мусаддаси солим:

Мурғи шабгир аз гулҳо месарояд,
Аз шукӯҳи чаман — оро месарояд. *(Фарҳат)*
фои-ло-тун / мафойлун / фои-ло-тун
— у — —/ у — — —/ — у — —

Мисоли баҳри А.-и мусаддаси махбуни мақбуз:

Аҷамӣ турки ман бирафт ба ғурбат,
Зи ғами ишки ӯ чу зеру зарирам. (аз *(Ал-мӯъҷам)*
фаилотун / мафоилун / фаилотун
у у — — /у — у —/ у у — —

Яке аз навъҳои баҳри Хафиф — Хафифи мусаддаси махбун /фаилотун мафоилун / фаилотун/ низ шакли афоили баҳри А.-и мусаддаси махбуни мақбузро дорад.

Мисоли баҳри А.-и мусаддаси махбуни муханнақи мақсур *(ибтидо — солим, зарб — махбуни мақсур)*:

Табаре чӯбин, мехе оҳанин,
Ошиқи мискин чун бишканад ин? *(Рӯдакӣ)*
фаилотун / мафъӯлун / фоилон
у у — —/ — — —/ — у ~

Яке аз навъҳои баҳри Рамал — Рамали мусаддаси мушаасси мақсур /фаилотун / мафъӯлун /, фоилон / низ шакли афоили А.-и мусаддаси махбуни муханнақи мақсурро дорад.

**Асб** (ар. عصب -фароҳам кардани шохҳои дарахт барои буридан; хушк шудани оби даҳон), дар илми арӯз номи зиҳофест.Ниг. *Маъсуб*.

**Асбо́б** (ар. اسباب -ҷамъи сабаб), ниг. *Сабаб*.

**Аско́н** (ар. اسكان -ҷамъи сукун), ниг. *Сукун*.



**Аслам́** (ар. اصلم -гӯшбурида), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи аз охири рукни мафъӯлоту /— — — у/ соқит кардани як ҳиҷои дарозу як кӯтоҳ ва аз охири рукни фоилотун /— у — —/ соқит кардани як *сабаби* хафиф ва қатъ намудани *ватади* маҷмӯъ /у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафъӯлоту ду ҳиҷои охирро /— у/ партоем, «мафъӯ» /— —/, агар аз рукни фоилотун ҳиҷои дарози охири онро партоем, «фоило» /— у —/ мемонад ва баъди қатъ намудани ватади маҷмӯи он, яъне партофтани садоноки «о»-и охир, «фоил» /— —/ боқӣ мемонад, ки ҳам ба ҷои «мафъӯ» ва ҳам ба ҷои «фоил» фаълун /— —/ гузошта А. мехонанд. Зиҳофҳои аҳзаз ва аслам ( اثلم ) шакли афоили А.-ро дошта бошанд ҳам, ба он алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аҳзаз аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун /— — у —/ ва зиҳофи аслам ( اثلم ) аз рукни асосии баҳри Мутақориб фаъӯлун /у — —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи А. бошад, аз рукнҳои фоилотун /— у — —/ ва мафъӯлоту /— — — у/ ҳосил шудааст. Баъзе арӯзиён (Шамси Қайси Розӣ) зиҳофи А.-и мафъӯлотуро ҳам А. ва ҳам аҳзаз номидаанд. А. дар шеър, асосан, дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд ва бештар ба баҳрҳои Рамал, Сареъ, Мунсареҳ ва Муқтазаб хос аст. Мисол: Рамали мусаммани махбуни А.:

Аз кадомин чаман, эй сарв, равон меӣ?
Ҳамчу гул барзада доман ба миён меӣ? *(Сайидо)*
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаълун
— у — —/ у у — —/ у у — —/ — —

Рамали мусаддаси А.:

Буд андар дехи мо як марде,
Марди бодониши оламгарде. *(Лоҳутӣ)*
фоилотун / фоилотун / фаълун
— у — —/ — у — —/ — —

Агар дар ҷузви сабаби хафифи зиҳофи А. садоноки «о»-ро афзоянд, яъне ба ҷои садоноки «у» садоноки «о»-ро гузоранд, фаълун шакли фаълонро /— ~ / мегирад, ки онро А.-и мусаббағ меноманд. Мисол:

Рамали мусаддаси махбуни А.-и мусаббағ:

Нарму ширину ҷавон аст ин мағз,
Бехтарин мағзи ҷаҳон аст ин мағз. *(Лоҳутӣ)*
фоилотун / фоилотун / фаълон
— у — —/ — у — —/ — ~

**Аслáм** (ар. اثلم -сӯрох кардашуда, рахна кардашуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи соқит кардани ҳиҷои аввали рукни асосии баҳри Мутақориб — фаӯлун / у — — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни фаӯлун ҳиҷои аввалашро гирем, «ӯлун» боқӣ мемонад, ки ба ҷояш фаълун / — — / ниҳода А. мехонанд. Зиҳофҳои аҳзаз / — — / ва аслам ( اصلم ) / — — /, мақтӯъ / — — /, маҳзуфи мақтӯъ / — — / шакли афоили А.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аҳзаз аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ва зиҳофи аслам ( اصلم ) аз рукнҳои мафъӯлоту / — — — у / ва рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи А. бошад, аз рукни фаӯлун / у — — / ҳосил шудааст. А. фақат дар баҳри Мутақориб истифода мешавад. Шакли дигари он: А.-и мусаббағ низ вуҷуд дорад. Агар дар ҷузъи *сабаби* хафифи А. садоноки «о.»-ро афзоянд, яъне ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у» садоноки дарози «о»-ро гузоранд, фаълун шакли фаълонро / — ~ ) мегирад, ки онро А.-и мусаббағ меноманд. А. дар шеър қариб дар ҳамаи рукнҳои он (садр, ибтидо, арӯз, зарб ва ҳашв), яъне дар аввал, байн ва охири байт омада метавонад. Мисоли баҳри Мутақориби мусаммани мақбузи А.:

Гарам бихонӣ в-арам биронӣ,
Дили ҳазинро ба ҷои ҷонӣ. *(Ҳофиз)*
фаӯлу / фаълун / фаӯлу / фаълун
у — у / — — / у — у / — —

Мутақориби мусаммани А.-и мусаббағ:

Эй кош, ки халқ бар пой хезанд,
Ҷангида хуни душман бирезанд. *(Лоҳутӣ)*
фаълун / фаӯлун / фаълун / фаӯлон
— — / у — — / — — / у — ~

Мутақориби мураббаъи А. *(арӯз — мусаббағ)*:

Аз дидаи абр
Ашке равон шуд.
Ашки равонаш
Тирукамон шуд. *(Аҳмадзода)*
фаълун / фаӯлун
— — / у — —



Мутақориби мураббаъи мақбузи А.:

Парида омад
Рӯзе мусича,
Нишаста гуфто
Рӯи курсича: *(Аҳмадзода)*
фаӯлу / фаълун
у — у / — —

**Аслáми мусаббáғ** (аз *аслам* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз зиҳофест, ки аз охири рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / дар натиҷаи искоти як сабаби хафиф ва қатъ намудани ватади маҷмӯъ ва аз охири рукни мафъӯлоту / — — — у / дар натиҷаи партофтани ду ҳиҷои он ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафъӯлоту ду ҳиҷои охирро / — у / партоем, «мафъӯ» / — — /, агар аз рукни фоилотун ҳиҷои охири онро партоем, «фоило» / — у — / боқӣ мемонад ва баъди қатъ намудани ватади маҷмӯъи он / у — /, яъне соқит кардани садоноки «о»-и охир, «фоил» / — — / боқӣ мемонад, ки ҳам ба ҷои «мафъӯ» ва ҳам ба ҷои «фоил» рукни мустаъмали фаълунро / — — / гузошта, аслам мехонанд. Баъди ин ба ҷузъи дуюми сабаби хафифи зиҳофи аслам садоноки «о»-ро афзоянд, яъне ба ҷои садоноки «у»-и фаълун / — — / садоноки «о»-ро гузоранд, фаълун шакли фаълонро / — ~ / мегирад, ки онро А. м. меноманд. Зиҳофҳои *аҳаззи мусаббағ, мақтӯъи маҳзуфи мусаббағ* ва *муханнаки мақсур* шакли афоили А. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофҳои аҳаззи мусаббағу мақтӯъи маҳзуфи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун, зиҳофи муханнаки мақсур аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / А. м. бошад, аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ва рукни мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. А. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккаб буда, дар шеър фақат дар рукнҳои охир, яъне дар арӯз ва зарб меояд ва бештар ба баҳри Рамал хос аст. Мисоли баҳри Рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ:

Бо дилам дӯш сари зулфи ту бозӣ мекард,
Хоҷа бо бандаи худ бандanавозӣ мекард. *(Лоҳутӣ)*
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаълон
— у — — / у у — — / у у — — / — ~

Мисоли баҳри Рамали мусаддаси махбуни аслами мусаббағ:

Сина бори тану дил сарбор аст,
Достони ману дил бисьёр аст. *(Лоҳутӣ)*
фоилотун / фаилотун / фаълон
— у — — / у у — — / — ~

Мутақориби мураббаъи А. м.:

Бӯстон рафтанд,
Тозон рафтанд. *(Фарҳат)*
фаълун / фаълон
— — / — ~

Ниг. низ *Аслам.*

**Асра́м** (ар. اثرم -дандоншикаста), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи иҷтимоъи зиҳофи мақбуз ва аслами рукни асосии баҳри Мутақориб — фаӯлун / у — — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни фаӯлун ҳамсадои «н»-ро соқит кунем, яъне гирифта партоем, «фаӯлу» / у — у / боқӣ мемонад. Баъди ин тавассути амали с а л м, яъне партофтани ҳиҷои кӯтоҳи якум «улу» / — у / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш фаълу / — у / гузошта, А. мехонанд. Агар А. дар рукнҳои садр, ибтидо ё ҳашви (рукнҳои аввал ё мобайнӣ) байт ояд, дар шакли «фаълу» / — у / ва агар дар рукнҳои арӯзу зарб (яъне рукнҳои охири байт) ояд, дар шакли «фоъ» / ~ / навишта мешавад. А. дар шеър асосан дар аввал ва мобайни мисраъ меояд ва бештар ба баҳри Мутақориб хос аст.

Мисоли Мутақориби мусаммани асрами мақсур:

Эй шаби зулфат ғолиясой
В-эй маҳи рӯят ғолияпӯш. *(Хоҷу)*
фаълу / фаӯлун / фаълу / фаӯл
— у / у — — / — у / у ~

Мутақориби мусаммани асрами маҳзуф:

Меҳри ту, эй моҳи некӯсияр,
Кард маро аз ҷаҳон бехабар. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фаълу / фаӯлун / фаӯлун / фаул
— у / у — — / у — — / у —

**Атоулло́ҳи Ҳусайнӣ** عطاالله حسینی (с. тав. номаълум — ваф. 1513, Машҳад), адабиётшинос ва шоири форсточик. Давраи ҷавонӣ ва таҳсилро дар Ҳирот гузаронида, дар мадрасаҳои машҳури Ҳирот—Ихлосия ва Султония ба таълими



шогирдон машғул гардидааст. Вай аз ашхоси машҳури замонаш буда, аз афкори пешқадами Ҷомӣ ва сӯҳбатҳои адабии Навой баҳра бурдааст. Аз мероси адабӣ ва илмии ӯ асарҳои *«Бадоеъ-ус-саноеъ»* ва *«Рисолаи Кофия»* то замони мо боқӣ мондааст. Ӯ бо тахаллусҳои «Ато», «Атой» ва «Атоуллоҳ» низ шеър гуфтааст, ки дар асарҳои илмии хеш — дар мавриди санъатҳои бадей аз онҳо мисол овардааст.

**Афои́л** ( افاعیل аз ар. فعل -кор кардан, амал кардан), дар илми арӯз маҷмӯъи рукн ва зиҳофотеро меноманд, ки дар натиҷаи ҷойивазкунии (пешу қафо гузоштани) ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ба вуҷуд меояд. А. ду хел мешавад: А.-и а с л ӣ ва А.-и ф а р ъ ӣ.

1) А.-и а с л ӣ низ аз унсурҳои ибтидоии вазн, яъне аз тағйир додани ҷои сабаб, ватад, фосила ва фозила ҳосил мешаванд.

Миқдори А.-и аслиро баъзе арӯзиён (Шамси Қайси Розӣ) 10-то ва баъзеҳо (Насируддини Тӯсӣ) 8-то қабул кардаанд, ки тамоми бинои ашъори арабу аҷам бар онҳо ниҳода шудааст. А.-и аслӣ инҳоянд:

Мафойлун / у — — — /, фоилотун / — у — — /,
мустафъулун / — — у — /, мафъӯлоту / — — — у /,
фаӯлун / у — — /, фоилун / — у — /, мафоилатун
/ — у у у — /, мутафоилун / у у — у — /, фои-ло-тун
/ — у — — /, мус-тафъи-лун / — — у — /. Аз ин 10 А. рукни мустафъилун / — — у — / бо мус-тафъи-лун / — — у — / ва рукни фоилотун / — у — — / бо фои-ло-тун / — у — — / аз ҷиҳати вази баробаранд (яъне ҳар ду рукн ҳам аз ду ҳиҷои дарозу як ҳиҷой кӯтоҳ ва як ҳиҷои дароз) / — — у — ташкил ёфтааст /, вале аз ҷиҳати таркиб аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ин тафовут аз он иборат аст, ки рукни мустафъилун / — — у — / аз ду сабаби хафиф ва як ватади маҷмӯъ, рукни мус-тафъилун / — — у — / бошад аз як сабаби хафиф, як ватади мафрук ва боз як сабаби хафиф ба вуҷуд омадааст. Чунин тафовут дар рукнҳои фоилотун / ва фои-ло-тун низ мушоҳида мешавад, яъне рукни фоилотун / — у — — / аз як сабаби хафиф / — /, як ватади мамӯъ / у — / ва боз як сабаби хафиф / — /; рукни фои-ло-тун бошад аз як ватади мафрук / — у / ва аз ду сабаби хафиф / — — / ташкил ёфтаанд. Ҳамин тариқ, агар дар ибтидои рукн аввал як ватади маҷмӯъ, баъд як сабаби хафиф омада бошад, вазни фаӯлун / у — — /; агар дар ибтидои рукн аввал як сабаби хафиф, баъди як ватади маҷмӯъ омада бошад, вазни фоилун / — у — /, агар дар ибтидои рукн аввал як ватади маҷмӯъ, баъд ду сабаби хафиф омада бошад, вазни

мафойлун / у — — —/, агар дар ибтидои рукн аввал ду сабаби хафиф, баъд як ватади маҷмӯъ омада бошад, вазни мустафъилун / — — у —/; агар дар ибтидои рукн аввал як сабаби хафиф, баъд як ватади маҷмӯъ ва боз як сабаби хафиф омада бошад, вазни фоилотун / — у — —/; агар дар ибтидои рукн аввал ду сабаби хафиф, баъд як ватади мафрук омада бошад, вазни мафъӯлоту / — — — у/; агар дар ибтидои рукн аввал як ватади мафрук, баъд ду сабаби хафиф омада бошад, вазни фои-ло-тун / — у — —/; агар дар ибтидои рукн аввал як сабаби хафиф, баъд як ватади мафруқу як сабаби хафиф омада бошад, вазни мус-тафъи-лун / — — у —/; агар дар ибтидои рукн аввал як ватади маҷмӯъ, баъд як фосилаи суғро омада бошад, вазни мафоилатун / у — у у —/; агар дар ибтидои рукн аввал як фосилаи суғро, баъд як ватади маҷмӯъ омада бошад, вазни мутафоилун / у у — у —/ ҳосил мешавад. Аксари А.-и аслӣ рукнҳои асосии ин ё он баҳрро ташкил медиҳанд. Мас, мафойлун / у — — —/ рукни асосии баҳри Ҳазаҷ, фоилотун / — у — —/ рукни асосии баҳри Рамал, мустафъилун / — — у —/ рукни асосии баҳри Раҷаз, фаъулун / у — —/ рукни асосии баҳри Мутақориб, фоилун / — у —/ рукни асосии баҳри Мутадорик, мафоилатун / у — у у —/ рукни асосии баҳри Вофир, мутафоилун / у у — у —/ рукни асосии баҳри Комил мебошад. А.-ҳои дигар: фои-ло-тун / — у — —/, мус-тафъи-лун / — — у —/ ва мафъӯлоту / — — — у/ рукни асосии баҳреро ташкил надиҳанд ҳам, дар сохтани баҳрҳои фаръӣ иштирок мекунанд. Мас, баҳрҳои Сареъ, Мунсареҳ ва Муқтазаб ва навъҳои онҳо дар натиҷаи омехташавии рукнҳои мафъӯлоту / — — — у/ ва мустафъилун / — — у —/ ба вуҷуд меоянд. Дар арӯзи форс-тоҷик аз ин даҳ А.-и аслӣ бештар шаштои он (фаъулун, мафойлун, фоилотун, мустафъилун, мафъӯлоту) сериствемол мебошад. 2. А-и фаръӣ, А.-еро мегӯянд, ки аз тағйири рукнҳои А.-и аслӣ ва дигаргуниҳое, ки дар аҷзои онҳо рӯй медиҳанд, пайдо мешаванд. Ин дигаргуниҳо дар А.-и аслӣ ба воситаи каму зиёд кардани ҳиҷо ба аввал ё охири рукн, инчунин, ба воситаи кӯтоҳ ё дароз кардани ҳиҷоҳо ба вуҷуд меоянд. Дар байни арӯзиён доир ба миқдори А.-и фаръӣ фикрҳои гуногун вуҷуд дорад. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» миқдори А.-и фаръиро 35-то гӯяд, Баҳром Сирус дар «Арӯзи тоҷикӣ» 45-то мешуморад. Шумораи А.-и фаръие, ки аз А.-и аслӣ ба вуҷуд меоянд, инҳоянд: Фаъ / —/, Фоъ / ~ /, фаълун / — —/, фаълон / — ~ /, фаълу / — у/, фаал / у —/, мафойл / у — ~ /, мафоилотон / у — у — —/, мустафъилу / — — у у/, фоилот / — у ~ /, муфтаилотун / — у у — —/, муфтаилотон / — у у — ~ /, муфтаилоту / — у у — у/, фаилийётун / у у — — —/,



мафъӯлу / — — у/, мафъӯлун / — — —/, мафъӯлон / — — —/, фоилун / — у —/, фоилон / — у ~ /, фаилун / у у —/, фаӯл / у ~ /, мафоилун / у — у —/, мафъӯлон / — — ~ /, мафойлу / у — — у/, фоилоту / — у — у/, мустафъилу / — — у у/, фаилоту / у у — у/, муфтаилон / — у у ~ /, муфтаилатун / — у у у —/, муфтаилун / — у у —/, фаилатун / у у у —/, фаилатон / у у у ~ /, фаилотун / у у — —/, мафоилон / у — у ~ /, мафоилотун / у — у — —/, фаилотон / у у — ~ /, мафойлу / у — у у/, мафойлун / у — — —/, фаӯлу / у — у/, мафоилон / у — у ~ /, фаилийётун / у у — — —/, фоилот / — у ~ /, фоилийётон / — у — — ~ /, мустафъилун / — — у —/, мустафъилон / — — у ~ /, мутафоилон / у у — у ~ /, мутафоилотун / у у — у — —/, мустафъилотун / — — у — —/, фоилотон / — у — ~ /, мафоилон / у — у ~ /, мустафъилотон / — — у — ~ / ва ғ. Ҳар як А.-и фаръӣ номи махсус дорад. А.-и фаръие, ки аз рукнҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд, ҳарчанд як шакл доранд, аммо номҳои онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Мас., А.-и / у — у —/ ҳам дар баҳри Ҳазаҷ (номаш мақбуз), ҳам дар баҳри Раҷаз (номаш махбун), ҳам дар баҳри Вофир (номаш маъқул) ва ҳам дар баҳри Комил (номаш мавқус) дучор мешавад. Аз тарафи дигар, гоҳе дар зери номи як А. шаклҳои гуногун меояд. Масалан, А.-и фаръии мафоилун / у — у —/, ки аз А.-и аслии мустафъилун (рукни асосии баҳри Раҷаз) ба вуҷуд омадааст, зиҳофи махбун ном дорад, зиҳофи махбуни А.-и аслии фоилотун (рукни асосии баҳри Рамал) бошад, дар шакли фаилотун / у у — —/ меояд. Ҳамин тариқ, зиҳофи махбуни А.-и аслии мафъӯлоту дар шакли мафойлу / у — — у/, зиҳофи махбуни А.-и аслии фоилун дар шакли фаилун / у у —/ дучор мешаванд. Дар баъзе асарҳои доир ба арӯз А.-ро тафоил, афъол, масал, амсол, аҷзо, аркон, мавзин, авзони арӯзӣ мегӯянд.

**Ахзам** (ар. اخزم -халқа дар бинии уштур кардан), дар илми арӯз як ё ду ҳарфест (ҳиҷоест), ки дар аввали мисраъ омада бошад ҳам, ба вазн ва тақтеъ дохил намешавад.

Ниг. *Хазм*.

**Ахир** (ар. اخير -охир, хотима), номи яке аз баҳрҳои фаръии арӯз, ки арӯзиёни форс-тоҷик баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Ин баҳрро барои он А. меноманд, ки онро аз ҷузви доираи Мунтазиа ҷудо кардаанд.Ниг. низ. *Мушокил*.

**Ахраб** (ар. اخرب -харобшуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи иҷтимоъ (ба ҳам омадан)-и зиҳофҳои *ахрам* ва *макфуфи* рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/ ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафойлун ҳиҷои

якум соқит шавад, «фойлун» / — — — / боқӣ мемонад, фоилунро хароб карда «фойлу» / — — у / месозанд ва ба ҷои он рукни маъмули мафъӯлу / — — у / гузошта, А. мехонанд. Зиҳофҳои маъқус / — — у / ва марфӯъ / — — у / низ шакли афоили А.-ро дошта бошанд ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи маъқус аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — /, зиҳофи марфӯъ аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ба вуҷуд омада, зиҳофи А. бошад аз рукни мафойлун / у — — — / ҳосил шудааст. А. дар шеър бештар дар рукнҳои садр, ибтидо ва ҳашв меояд ва асосан ба баҳрҳои Ҳазаҷу Қарибу Музореъ хос аст. Яке аз шаҷараҳои вазни рубоӣ низ А. ном дорад, ки 12 навъи вазнро дар бар мегирад ва ҳар кадоми он бо А. оғоз меёбад. Мисол: Ҳазаҷи мусаммани А.-и макфуфи ахтам (рубоӣ).

Дар авҷи вафо бол занад мурғи умед,
Дар мавҷи сафо бол занад мурғи умед.
Дар маҳви ҷафо бол занад мурғи умед,
Дар тоби шифо бол занад мурғи умед. *(Улфат)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаӯл
— — у / у — — у / у — — у / у ~

Ҳазаҷи мусаммани А.:

Бо ёди ту хобам бурд, дар хоб туро дидам,
Аз панҷараам тобад моҳтоб, туро дидам. *(Лоҳутӣ)*
мафъӯлу / мафойлун / мафъӯлу / мафойлун
— — у / у — — — / — — у / у — — —

Ҳазаҷи мусаммани А.-и макфуфи мақсур:

Он туркӣ паричеҳра, ки дӯш аз бари мо рафт,
Оё чи хато дид, ки аз роҳи хато рафт. *(Ҳофиз)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / мафойл
— — у / у — — у / у — — у / у — ~

Ҳазаҷи мусаммани А.-и макфуфи маҳзуф:

Ман тавба зи ишқат накунам, чунки накардаст,
Ин гуна хато ҳеҷ хирадманд ба олам. *(Нодир)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаӯлун
— — у / у — — у / у — — у / у — —

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб (рубоӣ):



Аз номаи қонфкзоят, эй хурлиқо,
Дидам асаре ниҳон зи сад лутфу ато.
Ҳар ҳарфи турост ғояти меҳру вафо,
Ҳар нуқтаи туст холи рухсори бако.
мафъӯлу / мафоилун / мафойлу / фаал
— — у / у — у — — / у — — у / у —

Музореъи мусаммани А.-и макфуфи мақсур:

Тарфи чаман, ки хилъати фасли баҳор ёфт,
Бе бут чамоли буткадан Қандаҳор ёфт. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилон
— — у / — у — у / у — — у / — у ~

Қариби мусаддаси А.-и мақбуз (мисраъи дуюм — *макфуф*):

Эй моҳи хубию некномӣ,
Рӯзам надиҳад бе ту рӯшноӣ. *(Рӯдакӣ)*
мафъӯлу / мафоилун / фоилотун
— — у / у — у — — / — у — —

Ҳазаҷи мусаддаси А.-и мақбузи мақсур:

Рӯи ту ба ҳусн ҳурайн аст,
Қӯи ту биҳишти рӯзин аст. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойл
— — у / у — у — / у — ~

Музореъи мусаммани А.-и макфуфи маҳзуф:

Рафтӣ ба роҳи охири умр аз канори мо,
Бо ту бирафт шодии мо чун баҳори мо. *(Ниёзӣ)*
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилун
— — у / — у — у / у — — у / — у —

Ҳазаҷи мусаммани А.-и мақбузи маҷбуб:

То аҳли адаб азизу мардум шудаанд,
Бар дидаи эътино таҷассум шудаанд,
Мойил ба назокати табассум шудаанд,
Дар маънию рангубори он гум шудаанд. *(Тоҳир)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойлун / фаал
— — у / у — у — / у — — — / у —

Музореъи мусаммани А.-и мусаббағ:

Уммеду яъси олам вақте ки шакл бастаст,
Дар синаи ману ту дар ранги дил нишастаст. *(Гулназар)*
мафъўлу / фоилотун / мафъўлу / фоилйён
— — у / — у — — / — — у / — у — ~

Хазачи мусаддаси А.-и маҳзуф:

Эй субҳ, бигў чи роз дорй?
Як олами бекнёс дорй.
Бо он ҳама умри кўтаҳи худ
Рўи ба ҳама шинос дорй. *(Одина Мирак)*
мафъўлу / мафойлун / фаўлун
— — у / у — — — / у — —

Музореъи мураббаъи А.:

Хондам чу шеъри худро
Дар рўзнома дирўз,
Ед омадам паси тор,
Тўи шаби дилафрўз. *(Зиё Абдулло)*
мафъўлу / фоилотун
— — у / — у — —

Музореъи мусаммани А.-и макфуфи мақсур:

Душман ба қасди Ҳофиз агар дам занад, чи бок,
Миннат худойро, ки наям шармсори дўст. *(Ҳофиз)*
мафъўлу / фоилоту /мафойлу / фоилон
— — у / — у — у / у — — у / — у ~

Ҳазачи мусаддаси А.-и мақбузи маҳзуф:

Ҳар як ба нигоҳи ҳайратовар,
Мекард назар ба рўи доҳй.
Аз чашми пуризтироби ёрон
Мегашт қатори ашк роҳй. *(Аюбй)*
мафъўлу / мафойлун / фаўлун
— — у / у — у — / у — —

Ҳазачи мусаддаси А.-и мақбуз:

Моро ба балои чшқ рох дода,
В-он гаҳ ба миёни раҳ раҳо кард. *(Адиб Собири Тирмизй)*
мафъўлу / мафойлун / мафойлун
— — у / у — у — / у — — —



**Ахрам** (ар. اخرم -чокбинй, буридашуда), дар илми арўз номи зиҳофест, ки дар натичаи и с қ о т и, яъне партофтани ҳичои якуми рукни асосии баҳри Ҳазаҷ—мафойлун / у — — — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафойлун ҳичои якуми он соқит шавад, «фойлун» / — — — / боқй мемонад, ки онро бо рукни маълум ва серистеъмоли мафъўлун / — — — / иваз карда А. мехонанд. А. дар шеър бештар дар рукнҳои *садр, ибтидо, ҳашв* меояд ва асосан, ба баҳрҳои Ҳазаҷу Қарибу Музореъ хос аст. Зиҳофҳои *ақсам, мақсур, мақтўъ, муханнақ, мушаасс* низ шакли афоили А.-ро доранд, аммо ба ин зиҳоф ҳеч гуна алоқа ва вобастагй надоранд, зеро зиҳофи ақсам аз рукни асосии баҳри Нофир — мафоилатун / у — у у — /, зиҳофи мақсур аз рукни мус-тафъи-лун / — — у — /, зиҳофи мақтўъ аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи муханнақ аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи мушаасс аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи А. бошад аз рукни мафойлун / у — — — / ҳосил шудааст. Яке аз ду шаҷараи вазни рубой ба ҳамин зиҳоф асос ёфтааст, ки онро шаҷараи А. меноманд. Шаҷараи А. 12 навъи вазнро дарбар мегирад ва ҳар яки он бо зиҳофи А. оғоз меёбад. Шакли дигари А. вуҷуд дорад, ки дар натичаи ба ҳичои охири мафъўлун (ба ҷои «у») илова кардани садоноки «о» пайдо мешавад. Агар садоноки «у»-ро бо садоноки «о» табдил диҳем, мафъўлун шакли «мафъўлон» / — — ~ /-ро мегирад, ки онро А.-и м у с а б б а ғ меноманд. Мисоли баҳри Ҳазаҷи мусаммани А.:

Ба Фирдавси ризвон гар на рухсорат далел аст
Мардумро сўи нодида дидан кай сабил астй?
мафъўлун / мафойлун / мафойлун / мафойлун
— — — / у — — — / у — — — / у — — —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами макфуфи аҳтам:

Хурсандем аз меҳнати ғолиб ҳама умр,
Мамнунем аз даври муносиб ҳама умр.
Менозем аз бахти мусоҳиб ҳама умр,
Меболем аз қисмати ҷозиб ҳама умр. *(Толиб)*
мафъўлун / мафъўлу / мафойлу / фаўл
— — — / — — у / у — — у / у ~

Ҳазаҷи мусаммани ахрами муханнақи ахраби аҳтам:

Шоир аз ишқ ангезад ҳикмати умр,
Чобук бо сидқ омезад ҳикмати умр.

Дилдораш гар бахшад аз ханда набот,
Алҳақ, ҷовидон донад давлати умр. *(Улфат)*
мафъӯлун / мафъӯлун / мафъӯлу / фаӯл
— — — / — — — / — — у / у ~

Ҳазаҷи мусаммани А.-и аштари макфуфи аҳтам:

Боре рафтам ба ҷониби боғи баҳор,
Дидам хандон чу лола рухсори нигор.
Шавқам афзуду нағма хондам чу ҳазор,
Дар илҳомам падид шуд авҷу барор. *(Табру)*
мафъӯлун / фоилун / мафойлу / фаӯл
— — — / — у — / у — — у / у ~

Ҳазаҷи мусаммани А.-и ахраби абтар:

Аз ишқат бошад ҳаяҷонам дар дил,
Аз ҳаҷрат дорам хафақони мушкил.
Хоҳам, к-аз васлат бинамой дармон,
Гардад яксар ранҷу азобам ботил. *(Шараф)*
мафъӯлун / мафъӯлу / мафойлун / фаъ
— — — / — — у / у — — — / —

Музореъи мусаддаси ахрами ахраб (мисраи дуюм — **ахрами макфуф**):

Баткак аз он гузидам ин хона
Қам айшу некдахли беандоза. *(Рӯдакӣ)*
мафъӯлун / фоилотун / мафъӯлу
— — — / — у — — / — — у

**Ахра́ми макфу́ф** (аз *ахрам* ва *макфуф*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи кӯтоҳ кардани ҳиҷои дарози мафъӯлун / — — — / ба вуҷуд меояд. Агар аз шакли афоили зиҳофи ахрам — мафъӯлун / — — — / ҳарфи охири он, яъне «н»-ро партоем, мафъӯлу / — — у / боқӣ мемонад, ки онро А. м. меноманд.Ниг. низ *Ахраб*.

**Ахра́ми мусабба́ғ** (аз *ахрам* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / дар натиҷаи партофтани ҳиҷои аввали он ҳосил мешавад. Агар аз мафойлун / у — — — / ҳиҷои якуми он соқит шавад, «фойлун» / — — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали мафъӯлун / — — — / -ро гузошта, ахрам меноманд. Баъди ин ба ҷои садоноки «у»-и рукни мафъӯлун / —



— — / садоноки дарози «о»-ро монем, мафъӯлун / — — — / шавад «мафъулон»-ро / — — — ~ / мегирад, ки онро А. м. меҳонанд. Зиҳофҳои **аксами мусаббағ, мавқуф, мақтӯъи мусаббағ, музмари мақтӯъи мусаббағ, мушаасси мусаббағ** шакли овозии А.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аксами мусаббағ аз рукни асосии баҳри Вофир— мафоилатун / у — у у — /, зиҳофи мавқуф аз рукни солими мафъулату / — — — у /, зиҳофи мақтӯъи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи музмари мақтӯъи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — /, зиҳофи мушаасси мусаббағ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи А. м. бошад, аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун ҳосил шудааст. А. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккаби арӯз буда, дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар *арӯз* ва *зарб* ҷоиз ва асосан ба баҳрҳои Ҳазаҷу Қарибу Музореъ хос аст. Масал:

Ба мактабҳо равонем,
Ҳунарҳоро медонем.
мафойлун / мафъулон
у — — — / — — ~

**Ахра́б** (ар. — ғунг, безабон, лол), номи яке аз баҳрҳост, ки арузшиносони форс-тоҷик *Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қоинӣ* (в. 11) ва дигарон баъди *Халил ибни Аҳмад* ихтироъ кардаанд. Ин баҳрро баъзе он А. номидаанд, ки рукнҳои солими онро аз васати (байни) доираи *Мунъалиқа* ҷудо кардаанд. Агар аз ҷузви аввали рукни дуюми доираи Мунъалиқа, яъне аз «мус» / — / сар кунем, рукнҳои мус-тафъи-лун / — — у — /, фоилотун / — у — — /, мафойлун / у — — — / ба вуҷуд меоянд, ки вазни як мисраъ шеъри А.-и мусаддаси солимро ташкил медиҳанд. Дар рукнҳои солим А. низ *сабаби* хафиф / — / нисбат ба *ватади* маҷмӯъ / у — / ва ватади мафруқ / — у / бештар буда, дар онҳо *фосила* иштирок надорад. Азбаски дар рукнҳои солими А. миқдори ҳиҷоҳои дароз нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳ бештар аст, шакли солими он аз ҷумлаи авзони сакили арӯз ҳисоб меёбад. А. чун ҳамаи баҳрҳои фаръии арӯз рукни махсус надорад ва рукнҳои солими он дар натиҷаи омезиши рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — /, рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ва рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / сохта мешаванд. А. аз ҷумлаи баҳрҳои камистеъмоли арӯз буда, шоирон дар навъҳои он ни-

ҳоят кам шеър эҷод кардаанд. А. бар хилофи баҳрҳои аслии арӯз навъҳои зиёд надорад. Шеърҳое, ки дар авзони ин баҳр суруда шудаанд, фақат дар шакли мусаддаси солим аст. Шаклҳои мусамману мураббаъ, мусаннои солими он тамоман маъмул нест. Мисоли А.-и мусаддаси солим:

Аз шеъри Гулчин бирӯяд гули маънӣ,
Бас табъан ӯ буд гулчини гулпарвар. *(Гулчин)*
мус-тафъи-лун / фоилотун / мафойлун
— — у — / — у — — / у — — —

**Ахра́с,** номи яке аз баҳрҳоест, ки донишманди эронӣ — Маҳдии Ҳамидӣ дар рисолаи «Арӯзи Ҳамидӣ» овардааст. Рукни солим ва аслии онро Мутфо / — —/ медонад. Барои А.-и мусаммани солим байти зеринро овардааст:

Гар дар доман гавҳар дорӣ,
Баҳри Ахрас кам пиндорӣ
фаълун / фаълун / фаълун / фаълун
— —/— —/— —/— —

Маҳдии Ҳамидӣ рукни «мутфо» / — —/-ро оварда, таъкид мекунад, ки ин рукн дар арӯз ҳамном надорад. Дар асл ин тавр нест. Ҳамном ё ҳамвазни рукни «мутфо» рукни «фаълун» аст, ки дар баҳри Мутадорик зиҳофи мақтӯъ ва дар баҳри Мутакориб зиҳофи аслам ном дорад. Пас, байте, ки муаллиф чун авзони баҳри А.-и мусаммани солим мисол овардааст, дар асл яке аз навъҳои баҳри Мутадорик (Мутадорики мусаммани мақтӯъ) ё Мутақориб (Мутақориби мусаммани аслам) мебошад. Дар а. 11 Баҳромии Сарахсӣ ва Бузургмеҳри Қойинӣ аз доираи Мунъалиқа рукнҳои мустафъилун, фоъилотун, мафоъйлунро берун бароварда, номи баҳрро низ Ахрас номида буд.

**Аштáр** (ар. اشتر -буридашуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи иҷтимоъи зиҳофҳои ахрам ва мақбузи рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/ ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафойлун / у — — —/ ҳарфи панҷуми он, яъне «ى»-ро (қабз кунем) партоем, мафоилун / у — у — / боқӣ мемонад ва баъди ин тавассути амали харм, яъне партофтани ҳиҷои якуми рукни мафоилун / у — у— / фоилун / — у —/ ҳосил мешавад, ки онро А. мехонанд. А. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи муфрад дорад. Ин зиҳоф камистеъмол буда, фақат дар баҳри Ҳазаҷ истифода мешавад. А. дар шеър, асосан, дар рукнҳои аввал ва мобайни байт, яъне дар *садр, ибтидо* ва *ҳашвайн* меояд. Зиҳофҳои аҷам / — у — /,



макшуфи матвӣ / — у —/, марфӯъ / — у —/, матвии макшуф / — у —/, маҳзуф / — у —/ низ шакли афоили А.-ро дошта бошанд ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагие надоранд, зеро зиҳофи аҷам аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у —/, зиҳофҳои макшуфи матвӣ ва матвии макшуф аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи марфӯъ аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/ ва зиҳофи маҳзуф аз рукни асосии баҳри Рамал —фоилотун / — у — —/ ва рукни фои-ло-тун / — у — —/ ба вуҷуд намеоранд, зиҳофи А. бошад фақат аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/ ҳосил шудааст.

Агар дар ҷузъи *сабаби хафифи* А. садоноки «о»-ро афзоянд, яъне ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и рукни фоилун / — у —/ садоноки дарози «о» гузоранд, фоилун шакли фоилунро / — у — / мегирад, ки онро А.-и *мусаббағ* меноманд. Мисоли Ҳазаҷи мусаммани А.:

Дилам ту ан худ рафтан, тарзи ошноиҳо
Пеши он санам будан, олами чудоиҳо.
фоилун / мафойлун / фоилун / мафойлун
— у — / у — — — / — у — / у — — —

Ҳазаҷи мусаддаси ахрами А.:

Дилбаре ҳаво мон намедонад
Ё аз рӯи гусса барнамехонад. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлун / фоилун / мафоилун
— — — / — у — / у — — —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами А.-и азалл:

Ман боре сайр дар чаман хоҳам кард,
Дил шод аз накҳати суман хоҳам кард.
Об аз дарьёи ишқ хоҳам нӯшид,
Шодӣ аз бахти хештан хоҳам кард. *(Толиб)*
мафъӯлун / фоилун / мафойлун / фоъ
— — — / — у — / у — — — / ~

Ҳазаҷи мусаммани абтар:

Сарвӣ, гар сарв моҳ дорад бар сар.
Моҳӣ, гар моҳ мушк дорад анбар. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлун / фоилун / мафойлун / фаъ
— — — / — у — / у — — — / —

**Аштáри мусаббáғ** (аз *аштар* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун /у — — —/ дар натиҷаи иҷтимоъи зиҳофҳои ахрам ва мақбузи он ба вуҷуд меояд. Агар аз мафойлун /у — — —/ ҳарфи панҷуми он, яъне «ی» -ро партоем, мафоилун /у — у —/ боқӣ мемонад ва баъди ин тавассути амали харм, яъне партофтани ҳиҷои якуми он, фоилун /— у —/ ҳосил мешавад, ки онро аштар мехонанд. Агар дар ҷузви сабаби хафифи рукни фоилун /— у —/ садоноки «о»-ро афзоянд, яъне ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и фоилун /— у —/ садоноки дарози «о»-ро гузоранд, фоилун /— у —/ шакли фоилонро /— у ~/ мегирад, ки онро А. м. меноманд. Зиҳофҳои матвии мавқуф, мақсур, музол ва марфӯъи музол шакли афоили А. м.-ро дошта бошанд ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи матвии мавқуф — фоилон /— у ~/ аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/, зиҳофи мақсур — фоилон /— у ~/ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун /— у — —/ ва рукни фои-ло-тун /— у — —/, зиҳофи музол — фоилон /— у ~/ аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун /— у —/, зиҳофи марфӯъи музол аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун /— — у —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи А. м. бошад, аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун /у — — —/ ҳосил шудааст.

**«Аш-шеър ва-ш-шуарó»** (الشعر و شعرا) асари Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ *ибни Қутайба,* ки дар шакли тазкира ох. а. 9 ба забони арабӣ таълиф намудааст. «А.» аз муқаддима ва ду қисм иборат аст. Муаллиф дар қисми дуюми асари худ дар қатори унсурҳои дигари шеър вазн ва қофияро дар алоҳидагӣ таҳлил кардааст. Ӯ ҳамчун адабиётшинос шеъреро меписандад, ки ҳам мазмуни баланду ҳам шакли хубу ҳам вазни дилкашу ҳам қофияи марғуб дошта бошад.

**Аъорúз** (ар. اعاريض -ҷамъи арӯз), ниг. *Арӯз.*

**Акво́** (ар. اقوا -тоб додани ресмон; устувортар), иқво, дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз айбҳои қофия, яъне ихтилофи *тавҷеҳу ҳазвро* гӯянд. Агар шоир дар шеъри худ қофияҳоеро биорад, ки садонокҳои кӯтоҳи пеш аз *равӣ* ва *қайд* ӯмада якхела набошанд, онро қофияи ноқис ва нуқси онро А. номанд.

Мисоли А. дар мавриди ихтилофи ҳазв:

Ҳар вазиру муфтию шоир, ки ӯ Тӯсӣ бувад,
Чун Низомулмулку Ғаззолию Фирдавсӣ бувад.



Мисоли А. дар мавриди ихтилофи тавҷеҳ:

Аз гуссаи ҳичрони ту дил пур дорам,
Пайваста аз он дида ба хун тар дорам.

Дар байти якум калимаҳои «Тӯсӣ» ва «Фирдавсӣ» қофия буда, «и» равӣ, «с» қайд ва «ӯ»-и калимаи «Тӯсӣ» ва «а»-и калимаи «Фирдавсӣ» ҳазв мебошанд. Калимаҳои «пур» ва «тар» қофияҳои байти дуюмро ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҳарфи «р» — равӣ, садоноки «у»-и калимаи «пур» ва садоноки «а»-и калимаи «тар» ба вазифаи тавҷеҳ омадааст.

Ба гуфтаи Шамси Қайси Розӣ дар *«Ал-мӯъҷам»* дар шеъри араб ихтилофи маҷроро низ. А. гӯянд.

Мисоли дигар:

Дунъё наарзад он ки парешон кунӣ диле,
Зинҳор бад макун, ки накардааст оқиле,
Гар ман сухан дурушт бигӯям, ту нашнавӣ,
Бечахд аз они набарад занг сайқале. *(Саъдӣ)*

Дар ин шеър садонокҳои кӯтоҳи «и»-и калимаҳои «диле», «оқиле» ва садоноки кӯтоҳи «а»-и калимаи «сайқале» тавҷеҳ аст, аммо дар се мавриди якхела наомадаанд.

**Акл** (ар. عقل -бастани бозу ва соқи шутур, ишкел андохтан, ишкел кардан), дар илми арӯз зиҳофи муфрадест.

Ниг. *Маъқул.*

**Акс** (ар. عقص -печидани мӯй), дар илми арӯз номи зиҳофест.

Ниг. *Маъқус.*

**Акса́м** (ар. اقصم -тақсимшуда, шикасташуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи иҷтимои зиҳофҳои *ахрам* ва *маъсуби* рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун /у — у у —/ ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафоилатун /у — у у —/ ҳарфи ҳафтуми он, яъне садоноки кӯтоҳи «а»-ро (қасам кунем) партоем, мафоилтун /у — — —/ боқӣ мемонад ва баъди ин тавассути амали харм, яъне партофтани ҳиҷои якуми рукни мафоилтун /у — — —/ фоилтун /— — —/ ҳосил мешавад ва ба ҷояш рукни мустаъмани мафъӯлунро /— — —/ гузошта А. мехонанд. А. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи муфрад дорад. Ин зиҳоф камистеъмол буда, фақат дар баҳри Вофир дучор мешавад. Зиҳофҳои ахрам, мақсур, мақтӯъ, муханнак, мушаасс низ шакли афоили А.-ро доранд, аммо ба ин зиҳоф ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳо-

фи ахрам аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи мақсур аз рукни мус-тафъи-лун / — — у — /, зиҳофи мақтӯъ аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи муханнақ аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи мушаасс аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи А. бошад аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ҳосил шудааст. А. мисли дигар зиҳофҳои рукни мафоилатун дар шеър, асосан, дар рукнҳои мобайн ва охири байт, яъне дар ҳашв, арӯз ва зарб меояд. А. хоси шеъри арабӣ буда, дар навъҳои гуногуни баҳри Вофир, ки шоирони форс-тоҷик сурудаанд, кам аст.

Вофири мусаддаси А.:

Ҳавои чаман шамими суманҳо орад,
Шамими суман ҳавои чаманҳо орад. *(Гулчин)*
мафоилатун / мафоилатун / мафъӯлун
у — у у — / у — у у — / — — —

**Акса́ми мусабба́ғ** (аз. *ақсам* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба шакли овозии зиҳофи ақсам — мафъӯлун / — — — / гузаронидани амали исбоғ ба вуҷуд меояд. Агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «ӯ»-и зиҳофи ақсам — мафъӯлун / — — — / тавассути амали исбоғ садоноки дарози «о»-ро гузорем, мафъӯлун / — — — / шакли мафъӯлон / — — ~ /-ро мегирад, ки онро А. м. меноманд. Зиҳофҳои аҳрами мусаббағ, мақтӯъи мусаббағ, мавқуф, музмари мақтӯъи мусаббағ, мушаасси мусаббағ шакли овозии А. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аҳрами мусаббағ аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи мавқуф аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи мақтӯъи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи музмари мақтӯъи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — /, зиҳофи мушаасси мусаббағ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи А. м. бошад аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ҳосил шудааст. А. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър хеле кам истифода бурда мешавад. А. м. дар шеър асосан дар рукнҳои охири байт, яъне дар *арӯз* ва *зарб* меояд ва фақат хоси баҳри Вофир мебошад. А. м. хоси шеъри арабӣ буда, дар навъҳои баҳри Вофир хеле кам дучор меояд.



Мисол: Вофири мураббаъи маъсуби А. м. (арӯз — ақсам):

Чаман бо гул месӯзад,
Агар булбул хомӯш аст.
мафойлун / мафъӯлон
у — — — / — — ~

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мураббаъи аҳрами мусаббағ / мафойлун / мафъӯлон / низ шакли афоили Вофири мураббаъи маъсуби А. м.-ро дорад.

**Аҳа́з, аҳаз(з)** (ар. احذ -кӯтоҳшуда, дунболбурида), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи аз охири рукнҳои мустафъилун / — — у — /, фоилун / — у — / ва мутафоилун / у у — у — / соқит кардани як ватади маҷмӯъ / у — /, яъне партофтани як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мустафъилун / — — у — / ду ҳиҷои охирро / у — / партоем, «мустафъ» / — — /, агар аз рукни фоилун / — у — / ду ҳиҷои охирро / у — / партоем, «фо» / — /, агар аз рукни мутафоилун / у у — у — /, ду ҳиҷои охирро соқит кунем, «мутафо» / у у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои «мустаф» / — — / рукни мустаъмали фаълун / — — /, ба ҷои «фо» / — / фаъ / — / ва ба ҷои «мутафо» / у у — / фаилун / у у — /-ро гузошта А. меҳисобанд. Баъзе арӯзиён (Шамси Қайси Розӣ) зиҳофи аслами ( اصلم ) рукни мафъӯлотуро низ А. номидаанд. А. аз ҷумлаи зиҳофҳои муфрад буда, дар шеър, асосан дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд ва бештар ба баҳрҳои Рачаз, Мутадорик, Мунсареҳ ва Комил хос аст. Зиҳофҳои абтар, аслам ( اصلم ), аслам ( اثلم ), манҳур, марфӯъи махбун, матвии махбуни макшуф, матмус, махбун, махбуни матвии макшуф, махбуни маҳзуф, маҷҳуф ва мақтӯъ шаклҳои афоили А.-ро дошта бошанд ҳам, ба ин зиҳоф ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи абтар аз рукнҳои солими мафойлун / у — — — /, фоилотун / — у — — /, фаъулун /, зиҳофи аслам ( اصلم ) аз рукнҳои фоилотун / — у — — / ва мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи аслам ( اثلم ) аз рукни асосии баҳри Мутақориб — фаъулун / у — — /, зиҳофи манҳур аз рукни мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи марфӯъи махбун аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи матвии махбуни макшуф (максуф) аз рукни мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофҳои махбуни маҳзуф, маҳзуф, маҷҳуф, мақтӯъ аз рукни фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи А. бошад, аз рукнҳои мустафъилун / — — у — /, фоилун / — у — / ва

мутафоилун / у у — у — / ҳосил шудааст. Агар ба ҷузъи дуюми сабаби хафифи зиҳофи А. ба ҷои садоноки «у» садоноки «о» илова кунем, «фаълун» / — — / шакли «фаълон»-ро / — ~ / мегирад ва онро А.-и мусаббағ меноманд. Мисол: Комили мураббаъи А.:

На накӯ бувад, ки кунӣ
Ту ба ҳеҷ рӯй бадӣ. *(Насируддини Тӯсӣ)*
мутафоилун / фаилун
у у — у — / у у —

Мунсареҳи мусаддаси матвии А.-и мусаббағ (арӯз — мақтӯъ):

Дур шуд аз ман қарору оромам.
То шудам аз пеши он санам дур. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / фоилоту / фаълон
— у у — / — у — у / — ~

Мунсареҳи мусаддаси матвии А. (ибтидо — махбун):

Рӯй магардон зи ман, ҳабибӣ,
Ки дарди ҷони маро табибӣ (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / фоилоту / фаълун
— у у — / — у — у / — —

Мутадорики мусаммани А. (мисраъи дуюму сеюм — Мутадорики мусаддаси музол):

Окибат офтоби адолат
Бар сари бекавоён битофт.
Аз ҷаҳон нест шуд зулму зулмат,
Мустабид дар ҷаҳаннам шитофт. *(Айнӣ)*
фоилун / фоилун / фоилун / фаъ
— у — / — у — / — у — / —

**Аҳа́ззи махбу́н** (аз *аҳазз* ва *махбун*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба шакли овозии зиҳофи аҳазз — фаълун / — — / гузаронидани амали хабн ба вуҷуд меояд. Агар тавассути амали хабн аз шакли овозии зиҳофи аҳаззи рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун аломати сактаро партоем, аз фаълун / — — / «фалун» / у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаал / у — /-ро гузошта А. м. меноманд. Зиҳофҳои марбӯъ, махбуни мақтӯъ, мухаллаъ, маҳзуф,



маҷбуб шакли овозии зиҳофи А. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагие надоранд, зеро зиҳофи марбӯъ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — /, зиҳофи махбуни мақтӯъ ё мухаллаъ аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — /, зиҳофи маҷбуб аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоъйлун / у — — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи А. м. бошад аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / ҳосил шудааст.

А. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. А. м. хеле камистеъмол буда, фақат дар баҳри Раҷаз дучор меояд.

Мисол: Раҷази мураббаъи мураффали А. м.:

Аз меҳри Модар-Ватан
Пур қалбу ҳассоси ман.
Аз меҳнати бебаҳо
Ободӣ омад ба мо. *(Фарҳат)*
мустафъилотун / фаал
— — у — — / у —

Раҷази мусаддаси махбуни А. м.:

Дорад ҳазор боғ Роҳатӣ,
Сарчашмаи фарағ Роҳатӣ.
Бар чашми дил чароғ Роҳатӣ,
Ҳар ҷо кунам суроғ Роҳатӣ. *(Фарҳат)*
мустафъилун / мафоилун / фаал
— — у — / у — у — / у —

**Аҳа́ззи мақсу́р** (аз *аҳазз* ва *мақсур*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / дар натиҷаи исқоти як *ватади* маҷмӯъ / у — / ва қаср кардани *сабаби* хафиф / — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мустафъилун / — — у — / ду ҳиҷои охир — «илун» / у — / ва аз ду ҳиҷои аввал — «мустаф» / — — / ду ҳарфи охири он («аф»)-ро партоем, «муст / ~ / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фоъ / ~ /-ро гузошта А. м. мехонанд. Зиҳофҳои азал / ~ /, маслух / ~ / маҳдӯъ / ~ /, маҳҳуфи мусаббағ / ~ / шакли афоили А. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи азал / ~ / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи маслух / ~ / аз рукни солими фои-ло-тун / — у — — /, зиҳофи маҳдӯъ / ~ / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи

маҷҳуфи мусаббағ / ~ / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи А. м. бошад аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ҳосил шудааст. А. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър, фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. А. м. ба гурӯҳи зиҳофҳои камистеъмоли арӯз дохил мешавад ва асосан ба баҳри Рачаз хос аст. Мисол.: Рачази мусаддаси А. м.:

Маштоб чандин, эй паризод,
Бар куштани ошиқ ба бедод. (аз *«Ал-мдъҷам»*)
мустафъилун / мустафъилун / фоъ
— — у — / — — у — / ~

Агар байти болоро ба таври:

мустафъилун / мустафъилотон
— — у — / — — у — ~

*тақтеъ* кунем, яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мураббаъи мутаввал / мустафъилун / мустафъилотон / ба вуҷуд меояд.

Рачази мусаммани мураффали мақсури А. м.:

Аз мурғи ҳилоли кӯҳ наво чун аз дами най хест,
Ғулғула ба кӯҳистон ба садои кабк даромехт. *(Улфат)*
мустафъилатун / мустафъилатун / мустафъилатун / фоъ
— — у у — / — — у у — / — — у у — / ~

Рачази мураббаъи А. м.:

Эй мавҷи бехоб,
Эй набзи бетоб,
Дарьёи Варзоб,
Дарьёи Варзоб. *(Лоиқ)*
мустафъилун / фоъ
— — у — / ~

**Аҳа́ззи маҳзу́ф** (аз *аҳазз* ва *маҳзуф*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи и с қ о т и *ватади* маҷмӯъ / у — / ва ҳ а з ф и рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ватади маҷмӯъи / у — / онро, яъне ду ҳиҷои охирро партоем, «мустаф» / — — / боқӣ мемонад, ки



ба ҷои он рукни мустаъмали фаълун / — — /-ро гузашта аҳазз, баъди ин тавассути амали ҳ а з ф аз «мустаф» ҳиҷои дуюми он, яъне «таф» / — /-ро партоем, «мус» боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаъ / — /-ро гузошта А. м. меноманд. Шакли овозии зиҳофҳои абтар / — /, матмус / — /, маҷҳуф / — /, маиҳур / — / шакли афоили А. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа надоранд, зеро зиҳофи абтар / — / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи матмус / — / аз рукни солими фои-ло-тун / — у — — /, зиҳофи маҷҳуф / — / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — /, зиҳофи маиҳур / — / аз рукни солим мафъӯлоту / — — — у / ба вуҷуд омада, А. м. бошад аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ҳосил шудааст. А. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дошта, дар шеър асосан дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. А. м. нисбат ба дигар зиҳофоти арӯз камистеъмол буда, фақат ҳоси баҳри Рачаз аст. Мисол:

Рачази мусаммани мураффали мақсури А. м.:

Дар ранги бунафша ёр биёмад дар бари гулшан,
Шуд гӯшаи ровад Кохкашои аз хандаи гулҳо. *(Улфат)*
мустафъилатун / мустафъилатун / мустафъилатун / фаъ
— — у у — / — — у у — / — — у у — / —

Рачази мусаддаси мураффали А. м.:

Ҳар барги ларзон, ҳар нахли урён
Гуяд ҳадисе аз навбаҳорон.
Гул мекунад боз дар сафҳаи дил
Як байти уммед, як байти армон. *(Гулназар)*
мустафъилотун / мустафъилун / фаъ
— — у — — / — — у — / —

Агар байти болоро ба таври:

мустафъилотун / мустафъилотун
— — у — — / — — у — / —

*тақтеъ* кунем, навъи дигари баҳри Рачаз — Рачази мураббаъи мураффал ба вуҷуд меояд.

**Аҳа́ззи музо́л** (аз *аҳазз* ва *музол*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи аз охири рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / с о қ и т кардани як *ватади* маҷмӯъ ва гузаронидани амали и з о л а т ба вуҷуд меояд. Агар аз

рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / тавассути амали искот ду ҳиҷои охири он, яъне «илун»-ро партоем, фо / — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаъ / — /-ро гузошта аҳазз меноманд. Баъди ин ба воситаи амали изолат ба ҷои садоноки кӯтоҳ «о»-ро гузорем, фаъ / — / шакли фоъ / ~ /-ро мегирад, ки онро А. м. мехонанд.

Зиҳофи *азалл, аҳаззи мақсур, маслух, маҷҳуфи мусаббағ* шакли овозии А. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи азалл аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/, зиҳофи аҳаззи мақсур аз рукни асосии баҳри Рамал — мустафъилун / — — у —/, зиҳофи маслух аз рукни солими фои-ло-тун / — у — —/, зиҳофи маҷдуъ аз рукни солими мафъулоту / — — — у/, зиҳофи маҷҳуфи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи А. м. бошад аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у —/ ҳосил шудааст.

А. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. А. м. нисбат ба дигар зиҳофҳои арӯзи тоҷикӣ камистеъмол буда, фақат ба баҳри Мутадорик хос аст. Мисол:

Мутадорики мусаммани А. м. (мисраъи сеюм — Мутадорики мусаддаси музол):

Интиқом, интиқом, эй рафиқон?
Эй ҷафодидагон, эй шафиқон!
Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод
Ранҷбар, барзгар, батифоқ. *(Айнӣ)*
фоилун / фоилун / фоилун / фоъ
— у — / — у — / — у — / ~

**Аҳáззи мусаббáғ** (аз *аҳазз* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз зиҳофест, ки аз рукни асосии баҳри Рамал — мустафъилун / — — у —/ дар натиҷаи искоти як *ватади* маҷмӯъ / у —/, яъне партофтани як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дарози охири он ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мустафъилун / — — у —/ ду ҳиҷои охирро / у —/ партоем, «мустаф» / — —/ боқӣ мемонад ва ба ҷои «мустаф» / — —/ рукни мустаъмали фаълун / — —/ гузошта аҳазз мехонанд. Баъди ин ба ҷои садоноки «у»-и фаълун садоноки «о» илова кунем, шакли «фаълон»-ро / — ~ / мегирад ва онро А. м. меноманд. Зиҳофҳои аслами мусаббағ, мақтӯъи маҳзуфи мусаббағ ва муханнаки мақсур шакли афоили А. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аслами мусаббағ аз рукнҳои асосии баҳри



Мутақориб — фаўлун / у — —/ ва рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/, зиҳофи мақтӯъи маҳзуфи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Рамал — мустафъилун / — — у —/ тавассути амалҳои қатъ, ҳазф ва исбоғ, зиҳофи муханнаки мақсур аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/ ба вуҷуд меояд, зиҳофи А. м. бошад, аз рукни асосии баҳри Рамал — мустафъилун / — — у — / ҳосил мешавад. А. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккаб буда, дар шеър асосан дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд ва бештар ба баҳрҳои Рамал ва Мутақориб хос аст. Мисоли баҳри Мунсареҳ мусаддаси матвии А. м. (арӯз — мақтӯъ):

Дур шуд аз ман қарору оромам,
То шудам аз пеши он санам дур. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / фоилотӯ / фаълон
— у у — / — у — у / — ~

Нигр. низ *Аҳазз*.

**Аҳзáз** (ар. احذذ -дунболбурида, кӯтоҳшуда), дар илми арӯз номи дигари зиҳофи *аҳазз*.

**Ахтáм** (ар. احتم -шикастадандон), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи иҷтимои зиҳофҳои маҳзуф ва мақсури рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/ ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафойлун тавассути амали ҳазф (партофтан) ҳиҷои охири онро партоем, мафойл боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаўлон / у — ~ /-ро гузошта мақсур меноманд. Сипас ба воситаи амали қаср (кӯтоҳ кардан) мафойлро ба «мафоъ» / у ~ / табдил дода, ба ҷои он рукни мустаъмали «фаўл»-ро / у ~ / гузошта, А. мехонанд. А. аз ҷумлаи зиҳофҳое мебошад, ки арӯзиёни форс-тоҷик баъди *Халил ибни Аҳмад* ихтироъ намудаанд. Ин зиҳофи мураккабест, ки номи муфрад дорад ва дар шеър бештар дар рукнҳои охири байт, яъне дар рукнҳои арӯз ва зарб меояд ва асосан, хоси баҳри Ҳазаҷ аст. Зиҳофҳои марбӯъи мусаббағ / фаўл у ~ /, махбуни аҳаззи музол / фаўл у ~ /, мақсур / фаўл у ~ /, мухаллаъи музол / фаўл у ~ / шакли афоили А.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи марбӯъи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/, зиҳофи махбуни аҳаззи музол аз рукни асосии баҳри Рамал — мустафъилун / — — у —/, зиҳофи мақсур аз рукни асосии баҳри Мутақориб — фаўлун / у — —/, зиҳофи мухаллаъи музол аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у —/ ба вуҷуд омадааст зиҳофи А. бошад, аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/.

Мисоли баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби макбузи макфуфи А. (рубоӣ):

Аз ҳаҷри ту гум кардам орому қарор,
Бе тоби рухат мондам аз авҷу барор.
Дар оташи ишқат дил ногоҳ бисӯхт,
Аммо набувад осор аз дуду шарор. *(Улфат)*
мафъӯлу / мафоилун / мафоӣлу / фаӯл
— — у / у — у — / у — — у / у ~

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи А. (рубоӣ):

Донӣ, ки ба ман дурии рӯи ту чи кард?
Рӯзам сияҳу мӯй-сафеду рух зард. *(Лоҳутӣ)*
мафъӯлу / мафоӣлу / мафоӣлу / фаӯл
— — у / у — — у / у — — у / у ~

**Аҷа́м** (ар. اجم -бенайза, ҷангал), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ҷобаҷошавии ҳиҷои кӯтоҳи рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафоилатун ҳиҷои якум ва чоруми онро соқит кунем, яъне партоем, «фоитун» боқӣ мемонад, ки ба чояш рукни мустаъмали фоилун / — у — /-ро гузошта А. меҳонанд. А. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи муфрад дорад. Ин зиҳоф камистеъмол буда, дар шеър фақат дар рукнҳои аввали байт, яъне дар рукнҳои садру ибтидо меояд ва бештар ба баҳри Вофир хос аст. Зиҳофҳои аштар / — у — /, маҳзуф / — у — /, матвии макшуф / — у — / ва рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / низ шакли афоили А.-ро доранд, аммо ба ин зиҳоф ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагие надоранд, зеро зиҳофи аштар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоӣлун / у — — — /, зиҳофи маҳзуф аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — /, зиҳофи матвии макшуф аз рукни мафъӯлоту / — — — у / ба вуҷуд омада, рукни фоилун рукни асосии баҳри Мутадорик аст, зиҳофи А. бошад, аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун ҳосил шудааст. Ҳарчанд А. хоси шеъри арабӣ буда, дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ кам дучор шавад ҳам, шоирони мо дар навъҳои гуногуни баҳри Вофир А.-ро истифода кардаанд.Мисоли Вофири мусаддаси А.-и маъқул:

Он нигори хубчеҳра симзақан,
Рӯи хеш дар ниҳон намуд ба ман. *(аз «Ал-мӯъҷам»)*
фоилун / мафоилун / мафоилатун
— у — / у — у — / у — у у —



**Аҷа́ми музо́л** (аз *аҷам* ва *музол*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба ҷои садоноки кӯтоҳи «ӯ»-и фоилун / — у — /-и зиҳофи аҷами рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / гузоштани садоноки «о» ба вуҷуд меояд. Агар ба ҷои садоноки «у»-и шакли овозии зиҳофи аҷам — фоилун / — у — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, фоилун / — у — / шакли фоилон / — у ~ /-ро мегирад, ки онро А. м. меноманд. Зиҳофҳои аштари мусаббағ, мавқуфи матвӣ ё матвии мавқуф, марфӯъи музол, мақсур, музол шакли овозии А. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аштари мусаббағ аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоӣлун / у — — — /, зиҳофи мавқуфи матвӣ аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи марфӯъи музол аз рукни асосии Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи мақсур аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ва рукни солими фои-ло-тун / — у — — /, зиҳофи музол аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи А. м. бошад аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ҳосил шудааст. А. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад, дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд ва фақат ба баҳри Вофир хос аст. Мисол: Вофири мураббаъи манқуси А. м.:

Рафиқони арҷманд,
Ба гуфтори дилписанд,
Ба кирдори дилнишин,
Ба рафтори беҳтарин.
Мададгори ҳам шавед,
Сазовори ҳам шавед. *(Фарҳат)*
мафоӣлу / фоилон
у — — у / — у ~

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мураббаъи макфуфи аштари мусаббағ / мафоӣлу / фоилон / низ шакли овозии баҳри Вофири мураббаъи манқуси А. м.-ро дорад.

**Аҷз** (ар. عجز -нотавонӣ, сустӣ), номи дигари *зарб*.

**Аҷи́б** (ар. عجيب -ҳайратовар), номи дигари баҳри *Ҷадид*.

**Аҷӯ́з** (аз. ар. عجز -заъиф шудан, заъф пайдо кардан), дар илми арӯз рукни охири байтеро гӯянд, ки ба *муоқабат* дучор гардидааст ва пеш аз он рукни солиме омадааст. Мас., вақте ки фоилотун / фаилоту / — у — — / у у — — / мегӯем, рукни дуюм, яъне фаилотун / у у — — / А. аст, чунки он та-

вассути партофтани ҳарфи «алиф» (1)-и рукни фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омадааст: Мисол: Ҳазаҷи мусаддаси мақсур:

Ғамаш то дар дилам маъво гирифтаст,
Сарам чун зулфи ӯ савдо гирифтаст. *(Ҳофиз)*
мафоӣлун / мафоӣлун / мафоӣл
у — — — / у — — — / у — ~

Дар ин байти Ҳофиз рукни сеюми он, яъне мафоӣл / у — ~ / А. буда, рукнҳои якуму дуюм *солим* мебошанд.

Баъзе арӯзиён дар боби А. ҳарфи устуворро ба инобат гирифтаанд. Аз ин рӯ, онҳо рукнеро А. номидаанд, ки дар шакли солим пеш аз рукни ба муоқибат дучоршуда ҷой гирифта бошад.

**Бадеъӣ** بدیعی **Мавлоно Юсуф** (с. тав. номаълум — ваф. 1485, Сарахс), аз донишмандон ва арӯзиёни форс-тоҷик. Маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш — Андиҷон гирифта, барои такмили илму дониш ба Самарқанд сафар кардааст. Дар замони салтанати Ҳусайни Бойқаро ба Ҳирот рафта ба доираи адабии ин шаҳр ворид мегардаду бо Алишери Навоӣ дӯстӣ пайдо мекунад. Б. аз мардони донишманди замони хеш буда, дар илмҳои арӯз, муаммо дастболо будааст. Дар баёни қондаҳои муаммо ва арӯз рисолае таълиф кардааст.

**Бади́л,** м а з и л, н а д и л (ар. بدیل -иваз, бадал), номи яке аз баҳрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик (Баҳромии Сарахсӣ ва Бузургмеҳри Қойинӣ (а. 11) баъди *Халил ибни Аҳмад* ихтироъ кардаанд. Ин баҳрро барои он Б. номидаанд, ки *афоили* онро аз ҷузви чорумӣ доираи *Мунъакиса,* яъне аз рукнҳои мустафъи-лун / — — у — / ва фоилотун / — у — — / ҷудо кардаанд. Агар аз ҷузви чаҳоруми рукни аввали доираи Мунъакиса, яъне аз «лун»-и / — / мафоӣлун / у — — — / сар кунем, «лунфоило» / — — у — /, «тунфоило» / — — у — /, «тунмафоӣ» / — у — — /, «лунфоило» / — — у — /, «тунфоило» / — — у — /, «тунмафоӣ» / — у — — / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мус-тафъи-лун / — — у — /, мус-тафъи-лун / — — у — /, фоилотун / — у — — /, мус-тафъи-лун / — — у — /, мус-тафъи-лун / — — у — /, фоилотунро / — у — — / мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Б.-и мусаддаси солимро ташкил медиҳад. Дар рукнҳои он *сабаби* хафиф / — / муқаддамтар аст нисбат ба *ватади* мафруқ, / — у / ва в а т а д и м а ҷ м ӯ ъ / у — /. Дар ин рукнҳо *фосила* иштирок надорад. Ҳиҷоҳои дарози рукнҳои солими Б. нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳаш зиёд аст. Б. рукни махсус надошта, дар натиҷаи омезиши рукни мус-тафъ-лун / — — у — — / бо рукни асосии баҳри Рамал —



фоилотун / — у — — / ба вуҷуд меояд. Шакли солими Б. мустафъи-лун (мус-тафъи-лун) фоилотун мебошад. Дар ин баҳр ашъори кам суруда шудааст. Б. бар хилофи баҳрҳои аслӣ навъҳои зиёд надорад. Шеърҳое, ки дар ин баҳр суруда шудаанд, бештар дар шакли мусаддаси солим ва мусаддаси махбун аст. Шаклҳои мусамман, мураббаъ ва мусаннои он мавҷуд нест.

М и с о л: Б.-и мусаддаси солим:

Шамс аз канори осмон сар бароварад,
Аз талъаташ ҳар сӯйро босафо кард.
мус-тафъи-лун / мус-тафъи-лун / фоилотун
— — у — / — — у — / — у — —

**Бадил,** номи яке аз баҳрҳоест, ки донишманди эронӣ дар рисолаи «Арӯзи Ҳамидӣ» ҷой додааст. Ҳамидӣ рукни асосии Б.-ро мутафоъил / у у — — / медонад ва дар китобаш менависад, ки «мутафоъил ҳамном надорад». Дар асл бошад, зиҳофи махбуни баҳри Рамал — фаъилотун / у у — — / ҳамвазни мутафоъил аст. Маълум аст, ки агар тавассути амали хабн ҳиҷои дарози аввали фоилотун / — у — — /-ро кӯтоҳ кунем, фоилотун шакли фаъилотунро мегирад, ки онро махбун меноманд. Пас, шакли овозии мутафоъил, ки ҳамном ва ҳамвазни фаъилотун аст, рукни асосии Бадил не, балки шакли овозии зиҳофи махбуни баҳри Рамал аст. Мисоле, ки Ҳамидӣ барои Б. овардааст:

Ҳар кӣ донандаи рамзи сухан аст,
Зи наваш огаҳею аз кӯҳан аст.
фоъилотун / фаъилотун / фаъилон
— у — — / у у — — / у у ~

дар асл баҳри Рамали мусаддаси махбуни мақсур аст (садр — солим). Ҳамон тавре ки дар илми арӯз маълум аст, дар асри 11 Баҳромии Сарахсӣ ва Бузургмеҳри Қойинӣ аз доираи Мунъакиса рукнҳои мус-тафъи-лун, мус-тафъи-лун, фоъилотунро берун оварда, рукнҳои асосии баҳри Бадил донистааст. Ниг. *Бадил.*

**«Бадо́еъ-ул-афко́р фӣ сано́еъ-ил-ашъо́р».** بدایع الافکار فی صنایع الاشعار яке аз асарҳои машҳури Камолуддин Ҳусайн Воизи *Кошифист,* ки дар байни солҳои 1488—89 таълиф кардааст. «Б.» аз муқаддима, ду боб ва хотима иборат аст. Муқаддима дорои чор фасл, як фонда ва як нукта мебошад. Фасли аввал «Дар таърифи шеър», фасли дуюм «Дар баёни анвоъи шеър», фасли сеюм «Дар баёни ақсоми шеър», фасли чаҳорум «Дар зикри баъзе алфоз, ки мустаъмал ва му-

тадовили ин тоифа аст» ном дошта, Кошифӣ оид ба таърифи шеър, сабаби шеър ном гирифтани каломи мавзун, дар хусуси қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, фард, маснавӣ, мусаммат, тарҷеъот, мувассат, мураддаф, маҳҷуб, маҳдуд, матбӯъ, мулойим, салис, саҳли мумтанеъ, ҷазл, муртаҷал, фикрӣ, маснӯъ, зуулнавъайан, мутанавайн, эҷоз, баст, мусовот, матлаъ, мақтаъ, мусарраъ, байт, назм, наср, насри мураҷҷаз, насри мусаҷҷаъ, насри орӣ, насиб, ташбиб, байтулқасида, муворида, дуъои таъбид, тавҳид, наът, мунқибат, мавъиза, асрор, мадҳ, ҳаҷв, ҷид, ҳазл, мутоиба, марсия, мунозира, хамриёт, қисмиёт маълумот медиҳад. Боби аввал «Дар саноеъи шеърӣ», боби дуюм «Дар баёни уюби назм, ки онро илми нақд хонанд» аз шарҳи истилоҳоти: тафвиф, тарсеъ, тарсеъ ва таҷнис, таҷнисот (таҷниси том, таҷниси мураккаб, таҷниси муташобеҳ, таҷниси мафрӯқ, таҷниси марфӯ, таҷниси ноқис, таҷниси зоид, таҷниси мукаррар, таҷниси мураддад, таҷниси мутарраф, таҷниси лоҳиқ, таҷниси хат), иштиқоқ, такрир, такрири мутлақ, мутлақи муфрад, мутлақи ҷомеъ, такрири мусанно, такрири мушобеҳ, такрири мустаъниф, такрир ва алвосита, такрири мӯкид, такрири ҳашв, мақлубот (мақлуби баъз, мақлуби кул, мақлуби муҷаннаҳ, мақлуби лоҳиқ, мақлуби маснавӣ), маъкӯсот (маъкӯси муратаб, маъкӯси мушавваш), тард ва акс, асҷоъ (саҷъи мутавозӣ, саҷъи мутарраф, саҷъи мутавозин, саҷъи мунфарид), радулаҷз илассадр, мутасадри мутлақ, мутахалали мутлақ, мутасдри муҷаннас, мутахалали муҷаннас, мутасадри муқтазаб, мутахалали муқтазаб, мутасадри муштақ, мутахалали муштақ, алмутазод, эънот, тазмини муздавоҷ, муздавоҷи муфрад, муздавоҷи мусанно, истиора, тамсил, ирдоф, мушокила, табийин, тафсири ҷалӣ, тафсири хафӣ, ташбеҳот (ташбеҳи мутлақ, ташбеҳи мусарраҳ, ташбеҳи мукнӣ, ташбеҳи машрут, ташбеҳи маъкӯс, ташбеҳи музмар, ташбеҳи мустаъӣ, ташбеҳи муфаззал, ташбеҳи муғолата), иҳом (иҳоми мурашшаҳ, иҳоми муҷаррад, иҳоми мураккаб, икмол, такмил, муболиға, таблиғ, иғроқ, ғулув, тансиқуссифот, сиёқатулаъдод, муроотунназир, эътироз, ҳашв (ҳашви малеҳ, ҳашви мутаввасит, ҳашви қабеҳ), тавшеҳот (мувашшаҳи совиҷ, мувашшаҳи мусаддар, мувашшаҳи мубтадо, мувашшаҳи ҷомеъ, мувашшаҳи арӯзӣ, мувашшаҳи муҷтамаъ, мувашшаҳи мукаммал, мувашшаҳи мушавваш, мувашшаҳи муҷаззо, мувашшаҳи зулаҷзо, мувашшаҳи муаввақ, мувашшаҳи мултаво, мувашшаҳи муаммад, мувашшаҳи муташаккил, мувашшаҳи музаллаъ, мувашшаҳи назир, мувашшаҳи мушаҷҷар, мувашшаҳи мураббаъ, мувашшаҳи мудаввар, мувашшаҳи муаққад, мувашшаҳи мураттаб, мувашшаҳи мухайяр, мувашшаҳи мурашшах), ирсолулмасал, ирсоми малеҳ, ирсолалмусалайн, муталаввин



(муталаввини мураккаб, муталаввини муҷаннаҳ, муталаввини музайял, муталаввини маъкӯс), илтифот, тадорук, истидрокулибтидо, таъкидулмадҳ би мо яшбаҳуззам, таъкидуззам би мо яшбаҳулмадҳ, мадҳи муваҷҷаҳ, муҳтамилуззидайн, зубаҳрайн, муаммо (тибоқ, марказӣ, тансифӣ, иттифоқӣ), луғз, иқтифо, зуқофиятайн, зулқавофӣ, таҷоҳули ориф, такрорулқавофӣ, қалбулқавофӣ, саволуҷавоб, мутазалзал, ҳусни матлаъ, бароати истеҳлол, радди матлаъ, ҳусни тахаллус, ҳусни талаб, ҳусни мақтаъ, мадҳи мусанно, тавсим, итрод, тасҳим, муқаттаъ, мавсил, ҳазф, муҷаррад, манқута, хайфо, мӯъҷам, мутатобеъ, тааҷҷуб, ҳусни таълил, тарҷума, ҷамъ, тафриқ, тақсим, тақсими тасреъ, тақсими тазмин, ҷамъ бо тафриқ, ҷамъ бо тақсим, ҷамъ бо тафриқу тақсим, лаффу нашр, мумраттаб, мушавваш, тасҳиф, мусаҳҳафи мунтаззам, мусаҳҳафи музтариб, мусаҳҳафи зуллисонайн, каломи ҷомеъ, ибдоъ, иқтибос, ақад, ҳал, тарвиҷ, таркиб, сеҳри ҳалол, муламмаъ, истидрод, тазмин (тазмини мусарраҳ, тазмини мубҳам), зуллисонайн, тавассул, тадвир, (мудаввари муфрад, мудаввари ҷомеъ), тазлеъ, таъриб, тасғир, изморулҳуруф, мавқуф, ҳомили мавқуф, истифҳом, мустазод, мустазоди мавқуф, мусалсал, афрод (муфради мутлақ, муфради ҷомеъ), илҳоқ (мулҳақи мустақим, мулҳақи муталаввин, мулҳақи муҷаннаҳ), мазил, мусолата, салҳ, масх, илмом, муноқиза, удул, зиёдат, ҳазф, тағйирот, илғо, таҷмеъ, ибтидо, инҳироф, интиҳо, мухолифоти васибу ташбиб, ракокатуттахаллус, ибромуссавол, такаллуф, мутакаллифи мазмум, мутакаллифи маҳмуд, тахлеъ нузул фӣ мадҳ иборат аст. Хотимаи «Б.» дар илми кофия буда, аз ҳафт фасл фароҳам омадааст. Фасли аввал «Дар маънии кофия ва хуруфу ҳаракоти ӯ», фасли дуюм «Дар анвоъи қавофӣ, ки бо ҳам ҷамъ тавонад шуд», фасли сеюм «Дар авсофи қавофӣ», фасли чаҳорум «Дар баёни кофияи аслӣ ва маъмул», фасли панҷум «Дар зикри қофияи шойтон», фасли шашум «Дар баёни уюби қавофӣ», фасли ҳафтум «Дар зикри уюбе, ки тааллуқ ба радиф дорад» ном дошта, муаллиф дар ин ҷо дар хусуси истилоҳоти машҳури илми қофия: равӣ, таъсис, дахил, ридф, қайд, васл, хурӯҷ, мазид, ноира, рас, ишбоъ, ҳазв, тавҷеҳ, мачро, нафоз, муқайяд, мутлақ, муқайяди муҷаррад, муқайяди муҷарраф, қофияи мурдаф, мутаковис, мутарокиб, мутадорик, мутавотир, мутародиф, қофияи аслӣ, қофияи маъмул, қофияи шойгон, акво, икфо, синод, ито, тазмин, лағв, илтизоз ва ғайра сухан ронда, барои ҳар кадоми он аз ашъори шоирони гузашта ва муосири худ мисолҳо меорад. «Б.» аз ҷумлаи асарҳои муҳимми адабиётшиносӣ буда, барои омӯхтани таърихи афкори илмию адабии халқи тоҷик маъхази боэътимод ба шумор меравад.

Кошифӣ дар ин асар оид ба нақди адабӣ боби алоҳидае ҷудо карда, дар он вазифаи мунаққидро, ки муайянкунандаи нуқсонҳои шеъру салосату ҷазолати он аст, таъкил намудааст. Матни як нусхаи хаттии он бо муқаддима ва феҳристи истилоҳот бо саъӣ ва кӯшиши донишманди номии тоҷик — Раҳим Мусулмонқулов с. 1977 дар нашриёти «Дониш»-и ш. Москва ба табъ расидааст.

**«Бадо́еъ-ус-сано́еъ»** بدايـــع الصنايـــع яке аз асарҳои машҳури адабиётшиноси а. 15 форс-тоҷик *Атоуллоҳи Ҳусайнӣ*, ки бо ташвиқи Навоӣ ба забони тоҷикӣ таълиф намудааст. Аз рубоии зерин, ки дар таърихи иншои ин рисола суруда шудааст:

Ин нусха, ки да саноеъ омад нодир,
Чун гашт тамом, кардам ӯро ҳозир.
Пурсид зи омиёи яке таърихаш,
Бо вай гуфтам: даҳи ҷимодулохир,

маълум мешавад, ки Атоуллоҳ онро 10-уми ҷимодулохири 898 ҳиҷрии қамарӣ (мутобиқи 9 апр. 1493 милодӣ) ба охир расонида будааст. «Б.» аз дебоча, муқаддима, се санъат (боб) ва хотима иборат мебошад. Дебоча сабаби иншои китобро дарбар гирифта, муқаддима «Дар усули илми арӯз» ном дошта, муаллиф дар он дар хусуси маънии арӯз ва истилоҳоти ин илм, баҳрҳои машҳури арабу аҷам: Ҳазаҷ, Раҷаз, Рамал, Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб; зиҳофҳои ахраб, аштар, аҳтам, абтар, макфуф, махбуни макшуф, махбуни мавқуф ва ғайра баҳс мекунад. Дар боби аввал «Дар баёни санъатҳои лафзӣ» тарсеъ, тарсеъ бо таҷнис, таҷнис (таҷниси том, таҷниси ноқис, таҷниси музайял, таҷниси музореъ, таҷниси лоҳиқ, таҷниси акс, таҷниси мураккаб, таҷниси хаттӣ, таҷниси мушаввас, таҷниси би-л-ишорат), иштиқкоқ, раддулаҷуз, минассадр, қалб, мақлуби муставфӣ, саҷъ (саҷъи мутавозӣ, саҷъи мутарраф, саҷъи мутавозин), мумосила, таштир, таҷзия, тасреъ, тасмит, акс, тардид, тааттуф, ташреъ, тафлиқ, тавшеҳ (мувашшаҳ), талаввун, тарофуқ, мақрӯи назму наср, мақрууллуғатайн, муламмаъ, ҳазор, эънот, тазмини муздавач, мутазалзил, мураббаъ, мудаввар, мушокила; дар боби дуюм — «Дар баёни санъатҳои маънавия» тавҷеҳ, иҳом, таъкидулмадҳ, таъкидуззам, идмоҷ, таълиқ, ҳазлуни эроҳ, таҷоҳули ориф, талмеҳ, ирсоли масал, ирсолулмасалайн, каломи ҷомеъ, мазҳаби каломӣ, хусни таълил, тафреъ, таҳаккум, ҷамъ, тафриқ, тақсим, ҷамъ ва тафриқ, ҷамъ бо тақсим, ҷамъ бо тафриқу тақсим, ҷамъ бо тақсиму ҷамъ, лаффу нашр, му-



болиғаи мақбула, таблиғ, иғроқ, ғулувв, айғол, такмил, тазйил, татмим, эътироз, эзоҳ, руҷӯъ, тадорук, такрир, тарҷеъ, итноб, мусовот, эҷоз, иститрод, тафсир, илтифот, услубҳаким, қавли би-л-мӯҷиб, саволу ҷавоб, ибдоъ, муаммо, луғз, ташбеҳ (ташбеҳи мутлақ, ташбеҳи киноят, ташбеҳи машрут, ташбеҳи тасвит, ташбеҳи акс, ташбеҳи измор, ташбеҳи тафзил), истиора, тамсил, киноя, таъриз, тааҷҷуб, сеҳри ҳалол, таърих; дар боби сеюм — «Дар муҳассаноти лафзия ва маънавия» мутобиқа, тадбеҳ, муқобала, мумроотунназир, тафвиф, таъзил, тансиқуссифот, ирсод, музовиҷа, иқд, ҳал, тазмин, хусни ибтидо, бароати истеҳсол, хусни тахаллус, хусни матлаб, хусни мақтаъ ва ғайра шарҳу тафсир ёфтаанд. Хотимаи «Б.» аз ду баҳс иборат буда, дар баҳси аввал иллатҳои шеърии лафзию маънавӣ ва дар баҳси дуюм 15 истилоҳи адабӣ: ташбиб, насиб, ғазал, мусарраъ, муздавач, муқаффо, муҷаммаъ, байтулқасида, матбӯъ, мутакаллаф, хасӣ, ҷазолат, салосат, иртиҳол, саҳли мумтанеъ тафсир шудаанд.

Қимати бузурги ин асар, пеш аз ҳама, дар он аст, ки муаллиф ба баҳсу мунозира ва таҳлилу таҳқиқ бештар диққат медиҳад. Ҳангоми баҳсу мунозира аз осори донишмандони гузаштаи форс-тоҷик иқтибос меорад. Дар бештари маврид, хусусан ҳангоми баёни навъҳои баҳрҳои арӯзи аҷам аз шоирони бузурги адабиёти тоҷик мисолҳои шеърӣ оварда, муаллифони онҳоро нишон медиҳад. «Б.» арзиши бузурги илмии амалӣ ва адабӣ дорад, барои омӯзиши сайри таърихии афкори суханварони номии тоҷик маъхази боэътимод мебошад. Ин китоб с. 1974 тавассути нашриёти «Ирфон» бо кӯшишу ғайрати донишманди барҷастаи тоҷик — Раҳим Мусулмонқулов ба табъ расид.

**Байт** (ар. بيت -хона), воҳиди асосии шеър, ду мисраъи ба ҳам алоқаманд ва мустақилмаъно, ки хоҳ ҳамқофия бошад, хоҳ не. Дар эҷодиёти даҳонакии халқ Б. яке аз навъҳои лирикист, ки аз ду мисраъи ҳамқофия иборат аст. Дар арӯз ҳар байт аз чанд *рукн* ташкил меёбад. Рукни аввали мисраъи якумро *садр*, рукни охири мисраъи якумро *арӯз*, рукни аввали мисраъи дуюмро *ибтидо*, рукни охири мисраъи дуюмро *зарб* ва рукнҳое, ки дар байни с а д р у а р ӯ з ва и б т и д о ю з а р б ҷой мегиранд, *ҳашв* мегӯянд.

Мисол: Рамали мусаддаси мақсур:

Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст
Дар парешонҳолию дармондагӣ. *(Саъдӣ)*
фоилотун / фоилотун / фоилон
— у — — / — у — — / — у ~

Дар ин байт фоилотуни /— у — —/ аввали мисраъи якум с а д р, фоилотуни /— у — —/ аввали мисраъи дуюм и б т и д о, фоилотуни /— у — —/ дуюми мисраъҳои якуму дуюм ҳ а ш в, фоилони /— у —/ мисраъи якум арӯз, фоилони /— у —/ мисраъи дуюм з а р б мебошанд.

Дар абёти поён, ки дар баҳри Рамали мусаддаси солим суруда шудааст,

Ҳар ки аз қисмат бадар омад аламкаш,
Мекунад қисмат варо охир қаламкаш,
То кашад умре қалам бо амри қисмат,
Бар хатои зиндагонӣ, то кашад хат. *(Низом Қосим)*
фоилотун / фоилотун / фоилотун
— у — —/ — у — —/ — у — —

рукнҳои садру /— у — —/, ибтидо /— у — —/, ҳашв /— у — —/, арӯз /— у — —/ ва зарб /— у — —/ аз шакли овозии рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун /— у — —/ иборат шудааст. Агар Б. аз ҳашт рукн иборат бошад, Б.-и м у с а м м а н, аз шаш рукн иборат бошад, Б.-и м у с а д д а с, аз чаҳор рукн иборат бошад, Б.-и м у р а б б а ъ, аз ду рукн иборат бошад, Б.-и м у с а н н о меноманд.

Мисол: Б.-и мусамман (Ҳазаҷи мусаммани мақбуз):

Ҳамин замон зи хоки ман, зи хоки поки ин Ватан
Парида духтари ватан, бигашт ахтари баланд. *(М. Қаноат)*
мафоилан / мафоилун / мафоилун / мафоилун
у — у — / у — у — / у — у — / у — у —

Б.-и мусаддас (Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф):

Чаҳолат пешаи мардон набошад,
Чафо оини ҳамдардон набошад. *(Абдулло Қодирӣ)*
мафойлун / мафойлун / фаўлун
у — — — / у — — — / у — —

Б.-и мураббаъ (Рачази мураббаъи солим):

Дуньёи савдо бигзарад,
Андӯҳи дилҳо бигзарад.
Ҳамчун замини бекарон,
Некӣ бимонад ҷовидон. *(Лоиқ)*
мустафъилун / мустафъилун
— — у — / — — у —



Б.-и мусанно (Рачази мусаннои мутаввал):

Эй мавҷи бехоб,
Э набзи бетоб,
Дарьёи Варзоб,
Дарьёи Варзоб. *(Лоиқ)*
мустафъилотон
— — у — ~

**Барӣ** (ар. برى солим; холӣ, пок, соф), дар илми арӯз рукнеро гӯянд, ки ба тағйирот дучор нашудааст, яъне ба *муоқибат* наафтодааст. Агар дар шеър яке аз рукнҳои солим (мафойлун, фоилотун, мустафилун, мафъӯлоту, фаўлун, фоилун, мутафоилун, мафоилатун) хоҳ дар шакли мусамман, хоҳ дар шакли мусаддас ва хоҳ дар шакли мураббаъ бе ҳеҷ дигаргунӣ омада бошад, онро рукни Б. номанд. Мас., байти:

Як нафас дар зиндагонӣ фориғ аз кӯшиш набудам,
Ё шино дар хун намудам, ё ғазал аз гул сурудам, *(Лоҳутӣ)*
фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилотун
— у — —/ — у — —/ — у — —/ — у — —

ки дар баҳри Рамали мусаммани солим суруда шудааст, тамоми рукнҳояш Б. мебошад. Дар байти:

Шакар борад ҳаме аз нардбонаш,
Қамар тобад ҳаме аз гулситонаш, *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
мафойлун / мафойлун / фаўлун
у — — — / у — — — / у — —

рукнҳои садру ибтидою ҳашвайн Б. буда, рукнҳои охир, яъне арӯзу зарб зиҳофанд.

Дар байти:

Ман тавба зи ишқат накунам, чунки накардаст
Ин гуна хато ҳеҷ хирадманд ба олам, *(Нодир)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаўлун
— — у / у — — у / у — — у / у — —

ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (арӯз — мақсур) суруда шудааст, ягон Б. иштирок надошта, тамоми рукнҳои он дар асосии зиҳофҳои ахраб, макфуф ва маҳзуфи рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоилун / у — — —/ сохта шудаанд. Ҳамин тариқ, тамоми шаклҳои солими баҳр-

ҳои Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсарех, Муқтазоб, Тавил, Мадид, Басит, Вофир, Комил, Сарим, Кабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асам, Салим, Маснӯъ, Мустаъмал, Ахрас, Мубҳам, Маъкӯс, Мӯҳмал, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян, Боис, Ариз, Амиқ ва Ҳамим фақат аз рукни Б. иборат буда, шаклҳои дигари онҳо ҳам аз омехтаи рукнҳои Б. ва ҳам зиҳофҳо сохта мешаванд.

**Баси́т** (ар. بسيط -фарох, васеъ, паҳншуда, густурдашуда), номи яке аз баҳрҳои панҷгонаи махсуси арӯзи араб. Ин баҳрро барои он Б. номидаанд, ки дар аввали рукнҳои мустафъилуни он ду *сабаби* хафиф / — / густаронида шудааст ва *Халил ибни Аҳмад* онро аз ҷузви чоруми доираи якуми арӯзи арабӣ, яъне аз доираи *Мухталифа* дар шакли мусамман ҷудо кардааст. Рукнҳои мустафъилун / — — у —/ ва фоилун / — у —/ афоили аслии онро ташкил медиҳад. Дар ҳар ду рукни солими Б. с а б а б и х а ф и ф нисбат ба в а т а д и м а ҷ м ӯ ъ зиёд ва муқаддамтар аст. Шакли солими он аз ҷумлаи вазнҳои сақили арӯз ҳисоб мешавад. Б. мисли дигар баҳрҳои доираи Мухталифа (Тавил, Мадид) рукни махсус надошта, дар натиҷаи омехташавии рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/ ва рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у —/ сохта мешавад. Барои сохтани дигар навъҳои ин баҳр аз рукни мустафъилун зиҳофҳои махбун / мафоилун у — у —/, мақтӯъ / мафъӯлун — — —/, мухаллаъ / фаӯлун у — —/, мазол / мустафъилон — — у ~ /, махбул / фаилатун у у у —/ ва аз рукни фоилун зиҳофи махбунро / фаилун у у —/ истифода мебаранд. Баъзе намояндагони адабиёти классикии форс-тоҷик барои санҷидани маҳорати шоирии худ дар ин баҳр шеър гуфтаанд. Аз омезиши рукнҳои солими Б. / мустафъилун / фоилун / ва зиҳофҳои онҳо дар шаклҳои мусамману мусаддас навъҳои зерини он сохта мешаванд. Мисоли баҳри Б.-и мусаммани солим:

Чун хору хас рӯзу шаб афтодаам раҳат,
Бошад ки бар ҳоли ман афтад назар ногаҳат. *(Ҷомӣ)*
мустафъилун / фоилун / мустафъилун / фоилун
— — у —/ — у —/ — — у —/ — у —

Б.-и мусаммани махбун:

Донӣ чӣ гуфт маро он булбули саҳарӣ?
Ту худ чӣ одамӣ, к-аз ишқ бехабарӣ/! *(Саъдӣ)*
мустафъилун / фаилун / мустафъилун / фаилун
— — у —/ у у —/ — — у —/ у у —



Б.-и мусаммани солим:

Аз савту сози ачиб, аз хониши дилфиреб,
Аз нағмаи ракзеб, аз чах-чахи андалеб. *(Фарҳат)*
мустафъилун / фоилун / мустафъилун / фоилун
— — у —/ — у —/ — — у —/ — у —

Б.-и мусаддаси солим:

Бар мустаманде макун чандин ситам,
К-ӯ барнаёрад зад аз ишқи ту дам. *(Насируддини Тӯсӣ)*
мустафъилун / фоилун / мустафъилун
— — у —/ — у —/ — — у —

Б.-и мусаддаси мухаллаъ:

Гаштам ба дард аз ту, нигоро!
Он бех, ки як раҳ куни мудаво. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун фоилун / фаӯлун
— — у —/ — у —/ у — —

Б.-и мусаддаси махбули махбун (*ҳашви* якуми мисраъи дуюм — *солим*):

Чи ба вафо ту бутӣ, чи ба сазо санамӣ,
Ки ба забон н-оварӣ, ки ту чаро ба ғамӣ. *(аз «Ал-мӯъҷам»)*
фаилатун / фаилун / фаилатун / фаилун
у у у —/ у у —/ у у у —/ у у —

Б.-и мураббаъи махбун:

Набераи нағзи мо,
Камоли бомағзи мо. *(Фарҳат)*
мафоилун / фоилун
у — у —/ — у —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мураббаъи мақбузи аштар / мафоилун / фоилун / низ шакли афоили Б.-и мураббаъи махбунро дорад.

**Батр** (ар. بتر -дунбол буридан, кӯтоҳ кардан), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои мураккабро гӯянд, ки номи муфрад дорад. Ниг. низ *Абтар*.

**Баҳр** (ар. بحر -шикофтан), 1) дар илми арӯз гурӯҳ ё навъҳои каломи мавзун (вазнҳое)-ро гӯянд, ки дар зери як

номи умумӣ гирд оварда мешаванд. Тамоми Б.-ҳои арӯзи араб бу аҷам аз даҳ рукни солими арӯз: фаӯлун / у — —/, фоилун /— у —/, мафойлун / у -- -- —/, фоилотун /— у — —/, мустафъилун /— — у —/, фои-ло-тун /— у — —/, мус-тафъилун /— — у —/, мафъӯлоту /— — — у/, мафоилатун / у — у у —/, мутафоилун / у у — у —/ ҳосил мешаванд. Дар асоси ин даҳ рукн баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб, Тавил, Мадид, Басит, Вофир, Комил ба вуҷуд омадааст.

Шоире ҳамаи Б-ро дар китъаи зерин ҷой додааст:

Раҷазу Хафифу Рамал, Мунсареҳ, дигар Муҷтасс,
Баситу Вофиру Комил, Ҳазаҷ, Тавилу Мадид.
Мушокилу Мутақориб, Сареъю Муқтазаб аст,
Музореъю Мутадорик, Қарибу низ Ҷадид.

Арӯзиёни араб ва арӯзиёни форсу тоҷик барои осон шудани дарёфт ва дар хотир нигоҳ доштани ному тарзи ҷойгиршавии Б.-ҳо ва вобаста ба ҳамнавъу баробарии адади унсурҳои таркибии баъзеи онҳо Б.-ҳоро дар доираҳои Мухталифа, Мӯътолифа, Мунфарида, Мунъакиса, Мунҳалата, Муштабаҳаи зоида, Муштабаҳаи музоҳофа, Муҷталабаи зоидаи музоҳофа, Муҷтамеъа, Муҷталаба, Муштабаҳа, Муттафиқа, Мухталита, Мунтазиа ҷой додаанд (ниг. *Доираҳои арӯз*). Баъзе арӯзиёни баъдинаи форс-тоҷик, мисли *Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ* дар асоси рукнҳои солими арӯз боз бисту як баҳри нав (Сарим, Қабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асамм, Салим, Ҳамим, Маснӯъ, Мустаъмал, Ахрас, Мубҳам, Маъкӯс, Мӯҳмал, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян, Боис) ихтироъ карда, дар доираҳои Мунъакиса, Мунъалақа, Мунҳалта ҷой доданд.

Б.-ҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: баҳрҳои аслӣ ва баҳрҳои фаръӣ. Аз нуздаҳ Б.-и маъмулу машҳур ёздаҳтояш (Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик, Музореъ, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб) байни арӯзи арабу аҷам муштарак буда, панҷтояш (Тавил, Мадид, Вофир, Басит, Комил) танҳо дар арӯзи араб ва сетоаш (Қариб, Мушокил, Ҷадид) фақат дар арӯзи форсӣ-тоҷикӣ истифода шудаанд. Баъзе шоирони гузашта ва имрӯзаи адабиёти тоҷик барои озмоиши табъи шоирии худ дар баҳрҳои махсуси араб шеърҳо эҷод кардаанд.

**Баҳри тавил** (аз *баҳр* ва *тавил*), шеърест, ки аз такрори номаҳдуди рукнҳои арӯзӣ сохта мешавад, яъне ҳар мисраъи



он бар хилофи шеърҳои муқаррарӣ (мисраъҳои шеърҳои муқаррарӣ аз як то чаҳор рукн доранд) аз 6 то 94 рукн иборатанд. Азбаски мисраъҳои чунин шеър аз мизони оддӣ зиёданд, ба ҳамин сабаб, онро Б. т. ном ниҳодаанд. Ин Б. т. ба он *Тавиле*, ки аз авзони арӯзии араб асту рукнҳои асосии онро дар як мисраъ (агар мусаммани солим бошад) ду маротиба фаӯлун / мафойлун / у — —/ у — — —/ ташкил медиҳад, ҳеҷ гуна алоқа надорад. Дар Б. т. аз ҳама бештар рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун /— у — —/ ва зиҳофи махбуни ҳамин рукн — фаилотун / у у — —/ иштирок менамояд. Инчунин, дар Б. т.-е, ки дар асоси як тазмини ғазали Ҳофиз ба ин матлаъ:

«Ало ё айюҳан соқӣ, адир каъсан ва новилҳо,
Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо.
мафойлун / мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — —/ у — — —/ у — — —/ у — — —

иншо шудааст, рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/-ро ба кор бурдаанд. Муҳаммад Ғиёсуддин дар *«Меъроҷул-арӯз»* дар хусуси Б. т. чунин навиштааст: «Баъзе Рамали махбунро ба 16 рукн бино кардаанд ва дар урф новоқифон аз ғалати баҳри Тавил гумон баранд. Мисол аз Исматуллоҳи Бухорӣ:

Рангу рухсору дури гӯшу хату хадду қаду оразу холу лабат, эй сарви парирӯи суманбар.

Шафақу кавкаби шому саҳару тӯбию гулзори биҳишт асту ҳилолу тарафи чашмаи кавсар» фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаилотун / фаилотун / фаилотун / фаилотун / фаилотун — у — —/ у у — —/ у у — —/ у у — —/ у у — —/ у у — —/ у у — —. Хусусияти муҳимми Б. т. аз он иборат аст, ки ҳар мисраъи он як банди шеърро ташкил медиҳад ва миқдори рукнҳои бандҳои он ба ҳам баробар нестанд. Мас., дар Б. т.-е, ки Фавқӣ ном шоири а. 17 тоҷик сурудааст, аз чаҳор мисраъ иборат буда, мисраъи аввал аз 22 рукн; мисраъи дуюм аз 24 рукн, мисраъи сеюм аз 19 рукн ва мисраъи чаҳорум аз 36 рукн сохта шудааст: Мисраъи аввал:

«Дӯш сармаст ба гулгашти саҳаргаҳ шуда будам, ки яке сарвқаде, лоларухе, ҳуру парӣ, лабшакаре, симбареҳ, турфа нигоре, ки хиромидану рафтору шакарханда ву гуфтору ду чашмаш ба фусун ҳар як аз инҳо ба ҷудоӣ бирабоянд зи ошиқ дилу ҷонро».

Мисраъи дуввум:

«Гуфтам, эй ҷони ҷаҳон, сарви равон, мӯрмиён, пистадаҳон, абрӯкамон, ҷумла ҷаҳон сарфи қадамҳои ту созам, агар аз ро-

ҳи яқин бандanавозӣ бикунӣ бар сару чашмам қадаме ранҷа намоӣ, ки бувад боиси хушҳолию фархундагию айни сарафрозии ин мухлиси дерини шуморо».

Мисраъи саввум:

«Охируламр ба сад нозу карашма ба хиромидану рафтор даромад, ки ту гӯӣ магар ин кабки дарӣ ё ки тазарвест, ки дар боғи чинон чилвакунон бо ҳаракоту саканоту ба табассум ҳамагӣ сайд кунад шоҳу гадоро».

Мисраъи чаҳорум:

«Дар таҳи гулбуни наврустаи пероста биншасту бигуфта, ки ҳоло, ошиқи побастаи ман, пеш биёр он чи ту дорӣ зи шаробу зи кабобу газак аз қанду наботу шакару себу анору биҳию олуву шафтолуву гулқанд зи ҳар навъ, ки бошад, ба назар ор, ки то ҳар ду ба ҳам хандазанон, айшкунон чуръа бинӯшему хурӯшем, ки кайфияту завқи дигар аст ин маи гулталъати фархундаи монанди шафақ сурхлиқоро».

Тамоми рукнҳои аввали мисраъҳои шеъри боло аз рукни асосии бахри Рамал — фоилотун / — у — — / ва ҳамаи руknҳои бақимондаи чаҳор мисраъ аз зиҳофи махбун — фаилотун / у у — — / сохта шудааст.

Б. т.-и зерин бошад фақат аз рукни асосии бахри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / иборат шудааст:

Мисраъи аввал:

«Ало, ё айюҳан сокӣ, ки махмурам зи муштоқӣ, ба абрӯ дар чаҳон токӣ, ки хуршеде дар офоқӣ, шудам маҳви чамоли ту, манам масти дилоли ту, асири тори гесӯят, шаҳиди чашми чодуят, дилам савдои мӯят, макаш аз ноз абрӯят, ки бинам ман гули рӯят, чу булбул дар фиғон оям, биё дар кулбаам, ёрам, замоне, орзу дорам, ба ҳар ду наргиси мастат, бинӯшам бода аз дастат, ки ман аз ишқ ранчурам, ба май дерина махмурам, адир каъсан ва новилҳо».

Мисраъи дуюм:

«Ки ишқ осон намуд аввал, ба дил дармонӣ худ аввал, зи ошиқ чон рабуд охир, чу шуд ҳусни рухаш зоҳир, шудам бетобу саргардон, ки худ гаштам чу майхорон, нашуд дарди маро фармон, бишуд рӯзам сияҳ чун шаб, аз он зулфи сияҳ, ё раб, чафо бехад аз ӯ дидам, гаҳе кӯят напурсидам, паёми васл нашнидам, ба зулфат ишқ варзидам, вале афтод мушкилҳо».

Агар шеъри болоро ба тарзи:

«Ало, ё айюҳан сокӣ»,
Ки махмурам зи муштоқӣ,
Ба абру дар чаҳон токӣ
Ки хуршеде дар офоқӣ



Шудам маҳви чамоли ту,
Манам масти дилоли ту.
Асири тори гесӯят,
Шаҳиди чашми чодӯят,
Дилам савдои мӯят,
Макаш аз ноз абрӯят,
Ки бинам ман гули рӯят,
Биё дар кулбаам, ёрам,
Замоне, орзу дорам.
Ба ҳар ду наргиси мастат,
Бинӯшам бода аз дастат,
Ки ман аз ишқ ранчурам,
Ба май дерина махмурам,
Адир каъсан ва новилҳо
Ки ишқ осон намуд аввал,
Ба дил дармонӣ худ аввал,
Зи ошиқ чон рабуд охир,
Чу шуд ҳусни рухаш зоҳир,
Шудам бетобу саргардон,
Ки худ гаштам чу майхорон,
Нашуд дарди маро дармон,
Бишуд рӯзам сияҳ чун шаб,
Аз он зулфи сияҳ, ё раб!
Чафо бехад аз ӯ дидам,
Гаҳе кӯят напурсидам,
Паёми васл нашнидам,
Ба зулфат ишқ варзидам,
«Вале афтод мушкилҳо»!

нависем, шеъре ба вуҷуд меояд, ки дар вазни Ҳазаҷи мураббаъи солим / мафойлун / мафойлун / у — — — / у — — — / таълиф шудааст.

Б. т. аз чумлаи анвоъи мушаххасу муътабари шеър набуда, воситаи адабиест, ки гоҳе шоирону соҳибтабъон барои озмоиши ҳунари хеш ва хуш гузаронидани вақт дар мавриди мутоиботу ширинкориҳо аз он истифода бурдаанд. Гӯё ин навъи шеър дар таъзияҳою навҳасароиҳои қадим ба кор мерафтааст ва аслу маншаи пайдоиши онро аз тарзу услуби адои суҳани ҳамон намоишномаҳои мазҳабӣ медонанд. Б. т. аз чанд қисмати (банди) хурду калон таркиб ёфта, ҳар банд монанди байтҳои қасида ё ғазал ба калимае, ки ҳукми қофияро дорад, ба охир мерасад. Латофати Б. т. дар равонию соддагии алфозу маъонӣ ва ба сурати мусаҷҷаъ будани калима ва таркиботи ҳар банд зоҳир мегардад. Б. т.-ро аз чумлаи анвоъи

санъати лафзӣ низ медонанд ва шарти асосӣ он аст, ки қироаткунанда ҳар мисраъи онро бояд бо як нафас гирифтан хонад.

Сурудани чунин Б. т. дар байни шоирони адабиёти классикии форс-тоҷик ривоҷ зиёд надошта ва дар ашъори шоирони советии тоҷик низ шӯҳрат надорад. Як намунаи он дар эҷодиёти Боқӣ Раҳимзода мавҷуд аст.

**Баҳро́м Сиру́с** (1.I.1885, Ленкорани Озарбойҷон — 6.6.1981, Душанбе), арӯзӣ ва адабиётшиноси советии тоҷик, доктори илмҳои филология (1962), Ходими Хизматнишондодаи Илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (1965). Аз оилаи духтур. Маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта ва дар ҳамин ҷо мактаби 6-солаи русиро хатм намудааст. Ҳангоми таҳсил бо донишҷӯёне, ки рӯҳияи революционӣ доштанд, дӯстӣ пайдо карда, ба ташкилотҳои пинҳонии онҳо дохил гардид. С. 1908 ба Эрон рафт, муддате муаллими мактаби халқии Астара буд ва дар ҳаракатҳои озодихоҳии миллӣ иштирок намуд. С. 1920 бо В. И. Ленин вохӯрда сӯҳбат кардааст. С. 1925 ба Иттифоқи Советӣ омад ва то охири умр дар ҳамин ҷо зиндагӣ кард.

С. 1929, баъди хатми курси 2-солаи байналхалқии ленинӣ бо хоҳиши худ аз тарафи ҚМ ПК Иттифоқи Советӣ ба Тошканд, ба ихтиёри Бюрои Осиёимиёнагии ҚМ ВКП(б) омада ба вазифаи инструктор таъин гардида, зимнан дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон, ки дар он солҳо маркази фаъолияташ дар Тошканду Самарқанд буд, вазифаи сармуҳаррирӣ ва дертар муҳарририи маҷаллаи «Раҳбари дониш»-ро иҷро мекард. С. 1930 ба Душанбе омада, дар системаи маориф ва матбуоти Тоҷикистон хизмат кард. Сипас ходими илмии Ин-ти таърих, забон ва адабиёти филиали тоҷикистонии АФ СССР шуд.

Аз с. 1958 ходими калони илмии Шӯъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии (ҳоло Ин-ти шарқшиносии) АФ РСС Тоҷ. буд. Ашъораш аз с. 1932 дар матбуот дарҷ мешаванд.

Нахустин асари бадеии Б. С. достони «Атака» аст, ки с. 1931 дар газетаи «Тоҷикистони Сурх» чоп шуда буд. Муаллиф дар ин достон аз муборизаи шадиди коргарон бо дарьёи саркаши Варзоб ва таслим шудани он ҳикоят мекунад. Аввалин маҷмӯаи шеъру достонҳояш бо номи «Ҳадья» с. 1975 ба табъ расид. Дар ашъори Б. С. мавзӯъи инқилоби Октябрь ва музаффариятҳои он мавқеи муҳим дорад ва ин табиист, зеро ӯ аз ҷумлаи ашхосест, ки тамоми ҳаёти худро барои ба вуҷуд овардан ва пойдор намудани ғалабаҳои революция сарф кардааст ва ашъори ба ин мавзӯъ бахшидаи шоир бештар ҳамон таассурот ва рӯҳияи шахсии шоирро дарбар мегирад:



Нури хуршед ба домон ту напӯшӣ, душман,
На ба доллар, на ба зӯр, на бо хушк сухан.
Қавкаби сурх намудаст ҷаҳонро равшан,
Фикри озодӣ чу шаҳбоз кушода парру бол.

Солҳои баъди ҷанг ба фаъолияти илмӣ машғул гардид. Муаллифи китобҳои *«Қофия дар назми тоҷик»* (1955), *«Арӯзи тоҷик»* (1963), *«Назарияи нави қофиябандӣ дар назми тоҷик»* (1972) ва ғ. мебошад. Дар чопи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (ч-ҳои 1—9, 1964—66) хеле фаъолона иштирок кардааст. Бо ордени Ленин, ду ордени «Нишони Фахрӣ» ва медалҳо мукофотонида шудааст. Аз с. 1944 узви Ин. СССР мебошад.

**Баҳромӣи Сарахсӣ** بهرامی سرخسی Абулҳасан Алӣ (с. тав. номаълум — ваф. 1106), шоир ва арӯзидони форс-тоҷик. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти илмию адабии ӯ маълумот кам аст. Ба гуфтаи Авфӣ дар тазкираи «Лубоб-ул-албоб» Б. С. табъи баланди шоирӣ дошта, дар иншои рисолаҳои назарӣ дастболо будааст. Бо номи «Ҳуҷистанома» рисолае дар илми арӯз таълиф намуда будааст. Муаллифи «Чаҳор мақола» — Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар хусуси ду рисолаи ӯ: «Ғоят-ул-арӯзин» ва «Қанз-ул-қофия» хабар медиҳад, ки мутаассифона онҳо то замони мо боқӣ намондаанд. Мувофиқи гуфтаи муаллифи *«Алмӯъҷам»* вай ҳамроҳи Бузургмеҳри Қойинӣ се доираи арӯзӣ форсӣ-тоҷикӣ — Мунғалата, Мунъалиқа ва Мунъакисаро мураттаб сохтанд, ки аз таркиби афоили онҳо бисту як баҳр: Боис, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян, Маснӯъ, Мустаъмал, Ахрас, Мубҳам, Муҳаммал, Маъкӯс, Қабир, Сарим, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асамм, Салим, Ҳамим берун меоянд, ки ҳамаи онҳо дар шакли мусаддаси солиманд. Аз ӯ абьёти парокандае низ боқӣ мондааст.

**Баҳрҳо́и Аслӣ,** б а ҳ р ҳ о и с о л и м (аз *баҳр* ва ар. اصل — реша; асос), дар илми арӯз баҳрҳоеро гӯянд, ки рукни махсус доранд. Ҳазаҷ — рукни асосиаш — мафоӣлун / у — — — /, Рамал — рукни асосиаш — фоилотун / — у — — /, Раҷаз — рукни асосиаш — мустафъилун / — — у — /, Мутақориб — рукни асосиаш — фаӯлун / у — — /, Мутадорик — рукни асосиаш — фоилун / — у — /, Вофир — рукни асосиаш — мафоилатун / у — у у — / ва Комил — рукни асосиаш — мутафоилун / у у — у — / аз ҷумлаи Б. а. ба шумор мераванд. Аз Б. а. Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутадорик, Мутақориб байни арӯзи арабу арӯзи форсӣ-тоҷикӣ муштарак буда, баҳрҳои Вофиру Комил хоси шеъри араб бошанд ҳам, шоирони форс-тоҷик барои санҷидани табъи шоирии худ дар навъҳои гуногуни онҳо шеър эҷод кардаанд. Баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз ва Мутақориб

серистеъмолтарин баҳрҳои шеъри тоҷикӣ мебошанд.Ниг. низ. *Баҳр.*

**Баҳрҳо́и Соли́м** (аз *баҳр* ва *солим*), номи дигари баҳрҳои аслӣ.Ниг. *Баҳрҳои аслӣ.*

**Баҳрҳо́и Фаръӣ,** ғайриаслӣ (аз *баҳр* ва ар. فرعی -дуюмдараҷа), дар илми арӯз баҳрҳоеро гӯянд, ки рукни махсус надошта, дар натиҷаи омезиши рукнҳои солими баҳрҳои аслӣ ва зиҳофҳои онҳо ба вуҷуд меоянд. Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб, Тавил, Мадид, Басит аз гурӯҳи Б. ф. мебошанд. Аз ин баҳрҳо Тавил, Мадид, Басит хоси шеъри арабӣ, Қариб, Ҷадид, Мушокил хоси шеъри форсӣ-тоҷикӣ буда, баҳрҳои Музореъ, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ ва Муқтазаб байни арӯзи форсӣ-тоҷикӣ муштараканд. Ҳарчанд баҳрҳои Тавил, Мадид ва Басит аз баҳрҳои шеъри арабианд, бисьёр шоирони адабиёти классикии форс-тоҷик дар навъҳои мухталифи онҳо шеър гуфтаанд. Вобаста ба иштироки зиҳофҳои *мақфуф, маҳбун* ва *матвӣ* Б. ф. ба се гурӯҳ чудо мешаванд. Ба гурӯҳи якум баҳрҳои Қариб, Музореъ, Мушокил дохиланд, чунки рукнҳои солими онҳо — мафойлун / у — — —/ ва фоилотун / — у — —/ зиҳофи мақфуф доранд. Баҳрҳои Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс гурӯҳи дуюми Б. ф.-ро ташкил медиҳанд, зеро дар рукнҳои фоилотун / — у — —/ / — у — —/ ва мустафъилун / — — у —/ зиҳофи маҳбун иштирок менамояд. Баҳрҳои гурӯҳи сеюм: Сареъ, Мунсареҳ ва Муқтазаб буда, дар рукнҳои солими онҳо: мустафъилун / — — у —/ ва мафъӯлоту / — — — у/ зиҳофи матвӣ мавҷуд аст. Илова бар ин, баъзе арӯзиёни форс-тоҷик, мисли Баҳромии Сарахсӣ ва Бузургмеҳри Қойинӣ ва диг. аз омезиши рукнҳои солими: мафойлун / у — — —/, фоилотун / — у — —/, фоилотун / — у — —/, мустафъилун / — — у —/, мустафъилун / — — у —/ ва мафъӯлоту / — — — у/ баҳрҳои зеринро эҷод кардаанд: Сарим, Кабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асам (м), Салим, Ҳамим, Маснӯъ, Мустаъмал, Ахрас, Мубҳам, Маъкӯс, Мӯҳмал, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян, Боис, Ариз, Амиқ, ки аз сабаби авзони номатбӯъ доштанашон дар байни аҳли адаб шӯҳрат наёфтаанд. Баъзе шоирон барои озмоиши ҳунари шоирии худ дар баъзе навъҳои баҳрҳои зикршуда шеър гуфтаанд. Баҳрҳои Қариб, Музореъ, Мушокил, Хафиф ва Сареъ серистеъмолтарин Б. ф. мебошанд. Ниг. низ *Баҳр.*

**Баҳрҳо́и Ғайриаслӣ,** номи дигари баҳрҳои фаръӣ. Ниг. *Баҳрҳои фаръӣ.*



**Бе́ртельс** Евгений Эдуардович (25.12.1890, Петербург — 7.10.1957, Москва), шарқшиноси советии рус, АФ СССР (1939), Ходими хизматнишондодаи илми РСС Ӯзб. (1944) ва РСС Тоҷ. (1946), аъзо-корр. Фарҳангистони улуми Эрон (1944) ва Академияи Араб дар Димишқ (1956). Муаллифи асарҳои зиёди илмист. С. 1926 бо унвони *«Грамматика персидского языка»* («Грамматикаи забони форсӣ») асаре таълиф намуд, ки як боби он ба илми арӯз ва қофия бахшида шудааст. Ин боб хеле мухтасар буда, дар хусуси баҳрҳои Ҳазаҷ (19 навъи он), Раҷаз (8 навъи он), Рамал (18 навъи он), Мунсареҳ (6 навъи он), Музореъ (7 навъи он), Муқтазаб (2 навъи он), Муҷтасс (6 навъи он), Сареъ (2 навъи он), Ҷадид (1 навъи он), Қариб (2 навъи он), Хафиф (5 навъи он), Мушокил (1 навъи он), Мутақориб (6 навъи он), Мутадорик (4 навъи он), авзони рубоӣ (шаҷараҳои ахрабу ахрам), баҳрҳои Мадиди маҳбун, Ариз, Амиқ, Сарим, Кабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асамм, Салим, Ҳамим ва зиҳофҳои мақфуф, маҷдӯъ, манҳур, мақтӯъ, максуф, машкул, маҳбун, матвӣ, ахрам, ахраб, маҳзуф, мусаббағ, аштар, мақбуз ва ғ. маълумот дода, барои ҳар навъи баҳрҳои зикршуда мисолҳои шеърӣ меорад.

**Бисёрҳиҷо,** калимаи содда, сохта ё мураккабе, ки аз ҳиҷоҳои зиёд иборат аст. Дар илми а р ӯ з шакли овозии ҳар рукни ё зиҳоф вобаста ба миқдори ҳиҷоҳо номи махсус дорад. Масалан, рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/ аз чаҳор ҳиҷо (як ҳиҷои кӯтоҳ, се ҳиҷои дароз) иборат аст, яъне аз як *ватади* маҷмӯъю / «мафо» у —/ ду *сабаби* хафиф / «йлун» — —/; рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у —/ аз панҷ ҳиҷо, яъне аз як в а т а д и маҷмӯъю / «мафо» у —/, як *фосилаи* суғро / «илатун» у у —/; рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/ аз чаҳор ҳиҷо, яъне аз д у с а б а б и х а ф и ф у / «мустаф» — —/ як в а т а д и м а ҷ м ӯ ъ / «илун» у —/; зиҳофи мураффали махбуни матвии мақсур — мутафаилун / у у у у — / аз панҷ ҳиҷо, яъне аз як *фосилаи* суғро / «мутафаилун» у у у у —/ ва зиҳофи мураффали махбуни матвии мақсури мувассаъ — мутафаилатун / у у у у у — / бошад, аз шаш ҳиҷо, яъне аз як ф о з и л а и к у б р о / «мутафаилатун» у у у у у —/ иборат аст.

Шеърҳое, ки дар асоси рукнҳои сеҳиҷоӣ, чаҳорҳиҷоӣ, навишта шудаанд, хеле зиёд мебошанд. Тамоми навъҳои баҳрҳои маъмули шеъри арабу аҷам — Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик ва тамоми навъҳои б а ҳ р ҳ о и ғ а й р и а с л ӣ дар асоси рукнҳои сеҳиҷоию чаҳорҳиҷоӣ эҷод гардидаанд. Аммо дар рукнҳои панҷ ё шашҳиҷоӣ шеър хеле кам аст. Фақат, навъҳои баҳрҳои Вофиру Комил ва ду навъи баҳри Ра-

ҷаз (навъи баҳри Раҷазе, ки дар асоси зиҳофҳои мураффал — мустафъилотун / — — у — —/ мутаввал — мустафъилотон / — — у — ~ / ва мураффали мақсур — мустафъилатун / — — у у — / ба ин гурӯҳ дохил мешаванду халос.

Мисол:

Шакарак аз он ду лабаки ту бичинам, агар ту яла кунӣ,
Ба сараки ту, ки бизанамат ба бадар, агар ту гила кунӣ (*Унсурӣ*)
мутафаилун / мутафаилун / мутафаилун / мутафаилун
у у у ў — / у у у у — / у у у у — / у у у у —

Мисоли дигар:

Шапалак агар ояд ба гӯлзор,
Гулу гияҳи морост бозор. (*Мақсуди Гулчин*)
мутафаилатун / фоилотон
у у у у у — / — у — ~

**Бойс** (ар. باعث -сабаб, мӯҷиб), номи яке аз баҳрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик *Баҳромии Сарахсӣ* ва *Бузургмеҳри Қойинӣ* (а. 11) баъди *Халил ибни Аҳмад* ихтироъ кардаанд. Сабаби Б. ном гирифтани ин баҳр он аст, ки доираи Мунғалата аз он оғоз ёфта ва бо он ба охир мерасад. Рукнҳои асосии Б.-ро аз ҷузви якуми рукни аввали доираи Мунғалата — мафойлун / у — — —/ ҷудо кардаанд. Агар аз ҷузъи аввали рукни якуми доира, яъне аз «ма» / у / сар кунем, мафойлун / у — — —/ фоилотун / — у — —/, мус-тафъи-лун / — — у —/ ба вуҷуд меояд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Б.-и мусаддаси солимро ташкил медиҳад. Дар ҳар се рукни Б. *сабаби* хафиф / — / нисбат ба *ватади* маҷмӯъ / у —/ ва ватади мафруқ / — у / зиёдтар аст. Дар ин рукнҳо фосила иштирок надорад. Вазни солими Б. аз ҷумлаи авзони сақили арӯз ҳисоб меёбад, зеро ҳиҷоҳои дарози он нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳаш бештар аст. Б. рукни махсус надошта, дар натиҷаи омезиши рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/, рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/ ва рукни солими мус-тафъи-лун / — — у —/ сохта шудааст. Шакли солимаш мусадас буда, шаклҳои мусамману мураббаъю мусанно надорад. Б. нисбат ба дигар баҳрҳои арӯз хеле камистеъмол буда, шоирони форс-тоҷик дар навъҳои он шеър ниҳоят кам сурудаанд. Мисол: Б.-и мусаддаси солим:

Гули бахтам, тоҷи тахтам, фарзанди ман,
Дилу ҷонам, шаъну шонам пайванди ман. (*Мақсуди Гулчин*)
мафойлун / фоилотун / мус-тафъи-лун
у — — —/ — у — —/ — — у —



**Бузургме́хри Қойинӣ** بزرگمهر قاینی Абӯмансур Қосим ибни Иброҳим (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва арӯзшиноси форс-тоҷики а. 11. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти илмию адабии ў маълумот хеле кам аст. Ба забонҳои тоҷикию арабӣ шеър эҷод мекардааст. *Низомии Арӯзии Самарқандӣ* ӯро аз шоирони дарбори султон Маҳмуди Ғазнавӣ медонад. Мувофиқи гуфтаи муаллифи *«Ал-мӯъҷам»* — Шамси Қайси Розӣ Б. Қ. ҳамроҳи *Баҳромии Сарахсӣ* дар асоси рукнҳои мафойлун / у — — —/, фоилотун / — у — —/ ва мустафъилун / — — у —/ доираҳои Мунғалата, Мунъалиқа, Мунъакисаро мураттаб сохтанд, ки аз афоили онҳо бисту як баҳри арӯзи форсӣ-тоҷикӣ: Бойс, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян, Маснӯъ, Мустаъмал, Ахрас, Мубҳам, Муҳаммал, Маъкӯс, Қабир, Сарим, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асам(м), Салим, Ҳамим берун меояд, ки ҳамаи онҳо шакли мусаддаси солимро доранд.

Аз ашъори ӯ абьёти парокандае боқӣ мондааст.

**Бухӯр** (ар. بحور -ҷамъи баҳр), ниг. Баҳр.

**Вазн** (ар. وزن -гарон), дар илми адабиётшиносӣ андоза ва ченаки каломи мавзун, яъне шеърро гӯянд. В. аз унсурҳои асосӣ ва муҳимми шеър буда, сухани мавзунро аз сухани муқаррарӣ — аз наср ҷудо мекунад. В. ва оҳанги шеър дар замонҳои хеле қадим, пеш аз ҳама, дар процесси меҳнати бошууронаи инсоният ба вуҷуд омадааст. Дар В. талабот ва шарти асосӣ бо тартибу интизоми муайян ва такроран пай ҳам омадани порчаҳои тараннумӣ (ниг. *Рукн*), ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ва ё зада мебошад. Баъзан шоир вобаста ба В.-и шеър калимаҳоро ихтисор ва ҷои онҳоро дигар мекунад, калимаҳои ташдиддорро беташдид ва калимаҳои беташдидро боташдид меоварад. В. вобаста ба мавқеъи ҳиҷо ба арӯзӣ (агар миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи мисраъҳои байт баробар бошанд), ба ҳиҷоӣ (агар миқдори ҳиҷоҳо баробар бошанд, ниг. *Вазни ҳиҷо*) ва аз рӯи мавқеъи зада ба шеъри оҳангӣ (тонӣ) ҷудо мешавад. Дар назми атиқа В. таносуб ва баробарии мисраъҳо буда, дар асрҳои миёна ба маънии «оҳангҳо», ки дар асоси задаю миқдори умумии ҳиҷо ва қофия ташкил меёфт, маънидод карда мешуд. Ҳоло дар назми ҷаҳон, асосан, ду навъи В.: квалитативӣ — сифатӣ ва квантитативӣ — миқдорӣ мушоҳида мешавад. Дар назми муосири тоҷик ҳам ду навъи В.—асосан арӯзӣ ва гоҳо (хусусан, дар шеърҳои бачагона) ҳиҷоиро истифода мебаранд. Навъи В.-и ҳиҷо нисбат ба В.-и арӯз таърихи хеле қадимӣ дошта, мувофиқи баъзе ақидаҳо намунаи ашъоре, ки пеш аз истилои араб то замони мо боқӣ мондаанд («Готҳо»-и Авасто, «Ёдгори Зарирон», «Дарах-

ти асурӣ», «Суруди оташкадаи Қаркӯй ва ғ.) бо ин В. суруда шудаанд. Баъди ҳуҷуми арабҳо ба Осиёи Миёна дар шеъри халқҳои форс-тоҷик В.-и арӯз дохил гардид, ки то имрӯз В.-и асосии шеъри тоҷикӣ ба шумор меравад. Ҳоло дар назми советии тоҷик дар натиҷаи таъсири назми рус ва назми дигар халқҳои советӣ В.-и озод дохил шудааст.

В. дар мусиқӣ ҳамчун табдили овозҳо яке аз воситаҳои таъсир ва шаклсозӣ буда, ҷузъи ҳама гуна асари мусиқӣ ҳисоб меёбад. Мавзунии савту овоз ва нағамоти марғуб таъсири оҳангро зиёд мекунад. Шеъре, ки дар В-и хубу дилкаш эҷод шудааст, оҳанги дилрабою муассирро талаб мекунад. Аз ин рӯ, мутобиқати В.-и каломи мавзуну В.-и оҳанги шеър аз шартҳои муҳимми сурудэҷодкунӣ буда, иҷрои он барои оҳангсоз бояд ҳатмӣ бошад. В. аз ҷиҳати таркиб содда (ду ё сеҳиссагӣ), мураккаб (чор, шаш, нӯҳ, дувоздаҳҳиссагӣ) ва ивазшавандаю омехта (панҷҳиссагӣ) мешавад. Ҳар як гурӯҳи ҳиссаҳо бо як зада зарбро ташкил медиҳанд. В.-и мусиқии тоҷик (хусусан, В.-и мусиқии классикии тоҷик «Шашмақом») аз бисьёр ҷиҳатҳо ба қонуниятҳои В.-и арӯзӣ мувофиқат мекунад. Бештари истилоҳоти В.-и мусиқӣ ва номи оҳангу зарбҳо бо истилоҳоти арӯз якхела аст. Мас., истилоҳоти: сабаб, ватад, фосила, Рамал, Рамали Сақил, Рамали Тавил, Сақил, Тавил, Хафиф байни В.-и арӯз ва В.-и мусиқӣ баробар хизмат мекунанд. В. аз хусусиятҳои шаклии шеър ва мусиқӣ буда, хеле суст тағйир меёбад.

**Вазни Арӯз,** ниг. *Арӯз.*

**«Вазни Шеъри Форсӣ»** وزن شعر فارسی асари адабиётшиноси эронӣ Парвиз Нотил *Хонларӣ,* ки с. 1345 ҳичрӣ таълиф намудааст. «В.» аз ду боб иборат буда, боби аввал «Шеър ва вазн» ном дорад. Боби аввал, дар навбати худ, аз се фасл таркиб ёфтааст, ки муаллиф дар фасли нахустин — «Шеър-вазн-қофия» дар хусуси мафҳуми шеър, вазн ва қофия сухан ронда, ақидаи худро низ баён месозад. Ақидаи муаллиф дар ин бобат он аст, ки дар забонҳое, ки шеъру шоирӣ вуҷуд дорад, нишонаи асосии онҳо баъди маънӣ вазн ва қофия мебошад. Дар фасли дуюми ҳамин боб «Вазн — вазни шеър ва анвоъи он» ба гуфтаҳои олимону донишмандони Юнони Қадим ва дигар халқҳо такья намуда, ба шеър ва мусиқӣ вазнҳои зарбӣ, каммӣ, оҳангӣ, танинро нисбат дода, вобаста ба ин дар хусуси вазни як қатор халқҳо, аз қабили англисҳою олмониҳо, чиниҳо (хитоиҳо) ва ғ. ба таври бисёр мухтасар сухан рондааст. Фасли сеюм — «Таърихчаи вазни шеър» ном дошта, ба таҳқиқи шеърҳои халқҳое, ки забонашон ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ тааллуқ доранд, оид аст. Дар ин ҷо муаллиф зимни вазни забонҳои ориёӣ: ведой ва санскрит сухан ронда, таъкид мекунад, ки асоси вазни шеъри ин забонҳоро дарозию кӯтоҳии ҳиҷоҳо ташкил медиҳад. Дар шеърҳои Юнони Қадим, лотинӣ низ дарозию кӯтоҳии ҳиҷоҳои мисраъҳо ҷои аввалро ишғол менамоянд. Дар ҳамин қисмат нисбати вазн дар забонҳои эронӣ сухан ронда, муаллиф вазни ашъори порсии бостон (форсии қадим) ва вазни Авасторо мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Ҳангоми таҳлили шеъри давраи ашконию сосониён, яъне вазни шеъри забони паҳлавӣ, муаллиф ба хулосае меояд, ки вазни шеърҳои ин забон, асосан ҳиҷоӣ буда, дар баъзе абьёти он қофия риоя шудааст. Баъзе тадқиқотчиёни «Бундаҳишн», аз он ҷумла, шарқшинос Х. С. Ньюберг баъзе порчаҳои қофиядори ба вазни ҳиҷо навишташударо («Суруд дар бораи Зрвана») мураттаб сохта, дар асоси ин байт:

زمان اوز و مندتر هیچ هردو دامان
زمان هند اچك او كاری داتستان

ба хулоса меояд, ки вазни он ба баҳри Мутақориби мусаммани мақсур ё маҳзуф:

фаўлун / фаўлун / фаўлун / фаўл
у — —/ у — —/ у — —/ у ~

монанд аст. Баъди ин муаллиф дар хусуси шеърҳои «Ёдгории Зарирон» (а. 5) ва ба вазни ҳиҷоӣ таълиф шудани он, инчунин оиди усули вазни шеър дар Эрони пеш аз ислом ва ривоҷи арӯзи араб дар шеъри форсӣ сухан меронад. Дар мавриди вазни шеър дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ ва омиёна муаллиф ба гуфтаи соҳиби *«Ал-мӯъҷам»* — Шамси Қайси Розӣ такья карда, вазни ашъори онҳоро Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф, ё Мушокили мусаддаси маҳзуф, ё ин ки Рамали мушаасси маҳзуф номидааст.

Боби дуюм «Баҳс ва таҳқиқ дар бораи арӯзи форсӣ» ном дошта, дар навбати худ, ба ҳафт фасл ҷудо мешавад. Фасли аввал ба таърихи илми арӯз ва возеҳони он бахшида шуда, фасли дуюм оиди нуқсонҳои ин илм ва 35 зиҳофе, ки Шамси Қайси Розӣ ва дигар арӯзиён иштироки онҳоро дар шеър лозим донистаанд. Дар фасли дуюм инчунин тафовутҳои ҷиддии арӯзи арабу аҷам ва дигаргуниҳое, ки арӯзиёни тоҷик дар авзони арӯз дохил кардаанд, нишон дода шудааст. Фасли сеюм — «Мабонии вазни шеъри Форсӣ» ном дорад. Муаллиф дар ин

фасл барои муайян намудани фарқиятҳои арӯзи форсию араб бунёд ва асоси вазни шеъри форсӣ-тоҷикиро аз ҳарф (сомит) хамсадоҳо ва мусавват (садонокҳо), ҳиҷо (камияти ҳиҷо, нишонаҳои ҳиҷоҳо, номҳои ҳиҷоҳо), такья (таъсири такья дар шеъри форсӣ), поя (номи пояҳо) дониста, ҳар як ҳарф ва иштироки онро дар сохтани ҳиҷо ва ба рукнҳо ҷудо кардани ҳиҷоҳоро нишон медиҳад. Дар фасли чаҳорум — «Авзони аслӣ ё буҳур» дар хусуси мафҳуми баҳр, доираҳои арӯзе, ки аз тарафи Халил ибни Аҳмад ихтироъ карда шуда буд (Мухталифа, Мӯъталифа, Муҷталиба, Муштабаҳа, Муттафиқа), доираҳое, ки дар авзони форсӣ истифода мешаванд, доираҳое, ки Насируддини Тӯсӣ ихтироъ кардааст (Муҷталибаи зоидаи музоҳафа, Муштабаҳаи музоҳафа, Муштабаҳаи зоида), гуфтаҳои Шамси Қайси Розӣ зимни доираҳои авзони форсӣ-тоҷикӣ, зарурияти доираҳои арӯз ва ғ. сухан меронад. Фасли панҷум «Аҷнос ва анвоъи вазн» ном дошта, муаллиф дар ин ҷо дар хусуси баҳрҳои аслию фаръӣ ва доираҳои авзони арӯзи арабу аҷам сухан ронда, таъкид мекунад, ки вай дар авзони форсӣ-тоҷикӣ понздаҳ силсила (ба маънии доира) ёфтааст, ки тамоми баҳрҳои мустаъмалу номустаъмали авзони форсӣ-тоҷикӣ аз он берун наменонанд. Ба қавли ӯ, аз ин понздаҳ силсила (доира) чаҳор доираро аз ихтирооти Халил ибни Аҳмад ва се доираро аз ихтирооти арӯзиёни тоҷик гирифта, доираи «Мухталифа»-и арабро, ки дар он баҳрҳои Тавилу Мадиду Басит ҷой дода шуда буданд, партофтааст, ба ин маънӣ, ки ин доира «фаръи доираи дигар аст, ки ӯ ва арӯздонони эронӣ бад-он пай набурдаанд». Доираҳое, ки Хонларӣ тартиб додааст, аз инҳо иборат мебошанд: доираи аввалро силсилаи аввал номида, аз он баҳрҳои Рачаз / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун — — у — / — — у — / — — у — / — — у — /, Рамал / фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилотун — у — — / — у — — / — у — — / — у — — / ва Ҳазаҷ / мафойлун / мафойлун / мафойлун / мафойлун / у — — — / у — — — / у — — — / у — — —/-ро дар шакли мусаммани солим берун овардааст. Аз ин доира инчунин вазни мафъӯлоту / мафъӯлоту / мафъӯлоту / мафъӯлоту / — — — у / — — — у / — — — у / — — — у /-ро баровардан мумкин аст, ки дар авзони он касе шеър нагуфтааст. Ихтироъкунандаи ин доира Халил ибни Аҳмад буда, номи онро «Мӯъталифа» гуфтаанд; доираи дуюмро силсилаи дуввум номида, дар он баҳрҳои Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуф / мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / мафойлун — — у / у — — у / у — — у / у — — /; Рачази мусаммани матвӣ / муфтаилун / муфтаилун / муфтаилун / муфтаилун — у у — / — у у — / — у у — / — у у — /; Рамали мусаммани махбун / фаилотун / фаилотун / фаилотун / фаилотун у у — — / у у — — / у у — — / у у — — /; Ҳазаҷи мусаммани мақфуф / мафойлу / мафоилу / мафойлу / мафойлу у — — у / у — — у / у — — у / у — — у /-ро ҷой додааст. Ин доираро Насируддини Тӯсӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» Муҷталабаи зоидаи музоҳафа номидааст. Доираи сеюм силсилаи сеюм ном дорад, дар он баҳрҳои Мунсареҳи мусаммани матвӣ / муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фоилоту — у у — / — у — у / — у у — / — у — у ; Ҳафифи мусаммани махбун / фаилотун / мафоилун / фаилотун / мафоилун у у — — / у — у — / у у — — / у — у — /; Музореъи мусаммани мақфуфи маҳзуф ё мақсур / у — — у / — у — у / у — — у / — у —, азбаски дар арӯз ҳиҷои охир кӯтоҳ намешавад, аз ин рӯ, ҳиҷои охири ин баҳрро партофта рукни охирро маҳзуф ё мақсур номидаанд /; Музореъи мусаммани ахраби макфуф / мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилотун — — у / — у — у / у — — у / — у —; ин навъи баҳри Музореъ камистеъмол аст, аз ин рӯ, авзони болоро аз рӯи қоидае, ки гуфтем, ба таври мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилун ё фоилот — — у / — у — у / у — — у / — у — / — у ~ / тақтеъ кунем, баҳри Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (ё мақсур) номида мешавад, ки ин дар шеър хеле серистеъмол мебошад; Муқтазаби мусаммани матвӣ / фоилоту / муфтаилун / фоилоту / муфтаилун — у — у / — у у — / — у — у / — у у — /; Муҷтасси мусаммани махбун / мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилотун у — у — / у у — — / у — у — / у у — — / ғунҷонида шудааст. Ин доира низ аз ихтирооти арӯзиёни форс-тоҷик буда, дар «Меъёр-ул-ашъор» бо номи Муштабаҳаи музоҳафа омадааст. Доираи чаҳорум силсилаи чаҳорум ном дошта, аз он баҳрҳои Рамали мусаммани машкул / фаилоту / фоилотун / фаилоту / фоилотун у у — у / — у — — / у у — у / — у — — /; Ҳазаҷи мусаммани мақбузи макфуф / мафоилун / мафойлу / мафоилун / мафойлу у — у— / у — — у / у — у — / у — — у, азбаски аз рӯи қоидаи арӯз дар охири мисраъ ҳиҷои кӯтоҳ намеояд, ҳиҷои охири зиҳофи макфуфро / у — — у / хазф ё каср карда маҳзуф ё мақсур месозанд ва худи баҳрро Ҳазаҷи мусаммани мақбузи макфуфи маҳзуф ё мақсур / мафоилун / мафойлу / мафоилун / фаулун ё мафойл у — у — / у — — у / у — у — / у — — ё у — ~ / хонанд; Рачази мусаммани махбуни матвӣ / мафоилун / муфтаилун / мафоилун / муфтаилун у — у — / — у у — / у — у — / — у у — /; Ҳазаҷи мусаммани мақфуфи мақбуз / мафойлу / мафоилун / мафойлу / мафоилун у — — у / у — у — / у — — у / у — у — /; Рачази мусаммани матвии махбун / муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафоилун — у у — / у — у — / — у

у — / у — у — берун меояд. Ин доира аз ихтирооти худи Хонларӣ мебошад. Доираи панҷум бо номи силсилаи панҷум машҳур буда, дар атрофи он баҳри Рачази мусаммани махбун / мафоилун / мафоилун / мафоилун у — у — / у — у — / у — у — / гуфтааст, ин баҳрро бо ҳамин рукнҳо Ҳазаҷи мусаммани мақбуз номидан мумкин аст, зеро зиҳофи мақбузи рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоӣлун / у — — — / низ аз шакли мафоилун / у — у — / иборат аст; Рамали мусаммани макфуф ё / мафуфи маҳзуфро [фоилоту / фоилоту / фоилоту / фоилоту ё фоилун ё ин ки фоилот — у — у / — у — у / — у — у / — у — у /, ё — у —, ё ин ки — у ~, зеро аз рӯи қоидаи илми арӯз дар охири мисраъ ҳичои кӯтоҳ раво нест, барои ҳамин ҳичои кӯтоҳи охирро ё ҳазф ё қаср намуда, ба шакли фоилун / — у — / ё фоилот / — у ~ / табдил медиҳанд] ҷой додааст. Ин доира низ аз ихтирооти муаллиф мебошад. Доираи шашум силсилаи шашум ном дошта, аз баҳрҳои Мутақориби мусаммани солим / чаҳор бор фаӯлун у — — / ва Мутадорики мусаммани солим / чаҳор бор фоилун — у — / иборат мебошад. Ин доира аз ихтирооти Халил ибни Ахмад аст. Доираи ҳафтум, ки силсилаи ҳафтум ном дорад, аз баҳрҳои Сареъи мусаддаси матвии мавқуф / муфтаилун / муфтаилун / фоилот — у у — / — у у — / — у ~ / ё Сареъи мусаддаси матвии мақшуф / муфтаилун / муфтаилун / фоилун — у у — / — у у — / — у — /; Ҷадиди [Хонларӣ иштибоҳан Қариб гуфтааст] мусаддаси махбун / фаилотун / фаилотун / мафоилун у у — — / у у — — / у — у — /; Қариби мусаддаси макфуф / мафойлу / мафойлу / фоилоту у — — у / у — — у / — у — у, ё ин ки Қариби мусаддаси макфуфи маҳзуф ё мақсур / мафойлу / мафойлу / фоилон ё фоилот у — — у / у — — у / — у — ё — у ~ /; Қариби мусаддаси ахраби макфуф / мафъӯлу / мафойлу / фоилотун [дар китоб иштибоҳан мафойлун омадааст] — — у / у — — у / — у — —/; Хафифи мусаддаси махбун / фаилотун / мафоилун / фаилотун у у — — / у — у — / у у — — /; Мушокили мусаддаси макфуфи маҳзуф ё мақсур / фоилоту / мафойлу / фаӯлун ё мафойл — у — у / у — — у / у — — ё у — ~ / тарккиб ёфтааст. Ин доира низ аз ихтирооти арӯздонони форс-тоҷик буда, дар «Меъёр-ул-ашъор» бо номи Муштабаҳаи мусаддаса омадааст. Доираи ҳаштум бо номи силсилаи ҳаштум машҳур буда, дар атрофи он баҳрҳои Комили мусамман / чаҳор бор мутафоилун у у — у — / ва Вофири мусамман / чаҳор бор мафоилатун у — у у — / гирд оварда шудааст. Ин доира низ аз ихтирооти Халил ибни Ахмад буда, тафовут дар он аст, ки доираи Халил шакли мусаддас дорад. Баъзе шоир, мисли Салмони Совачӣ, Муҳташами Қошонӣ, Ҳотиф, Ошиқ, Мушток ва дигарон дар шакли мусаддаси баҳрҳои Комилу Вофир шеърҳо сурудаанд. Доираи нӯҳум силсилаи нӯҳум ном дорад ва аз баҳрҳои Ҳазаҷи мусаммани мақбуз [дар китоб саҳван аштар навиштаанд] / мафоилун / мафойлун / мафоилун / мафойлун у — у — / у — — — / у — у — / у — — — /; Рамали мусаммани макфуф / фоилоту / фоилотун / фоилоту / фоилотун — у — у / — у — — / — у — у / — у — — /; Рачази мусаммани махбун / мафоилун / мустафъилун / мафоилун / мустафъилун у — у — / — — у — / у — у — / — — у — /; Рачази мусаммани махбун / садр, ибтидо, ҳашвайни дуюм—солим: мустафъилун / мафоилун / мустафъилун / мафоилун — — у — / у — у — / — — у — / у — у — / сохта шудааст. Ин доира низ аз ихтирооти Хонларӣ мебошад. Доираи даҳум, яъне силсилаи даҳум аз баҳрҳои Музореъи мусаммани мақбуз / мафоилун / фоилотун / мафоилун / фоилотун у — у — / — у — — / у — у — / — у — — /; Хафифи мусаммани махбун / фоилотун / мафоилун / фоилотун / мафоилун — у — — / у — у — / — у — — / у — у —, ин навъи баҳри Хафиф дар ашъори шоирон қариб истифода нашудааст, аз ин рӯ, ба ҷои рукни фоилотун / — у — — / шакли махбуни он, яъне фаилотун / у у — — /-ро гузошта, баҳри дуюми силсилаи сеюмро сохтан мумкин, яъне фаилотун / мафоилун / фаилотун / мафоилун у у — — / у — у — / у у — — / у — у —, ки баҳри Хафифи мусаммани махбун ном дорад /; Муқтазаби мусаммани матвии ҳашвайни аввал ва арӯзу зарб солим / фоилоту / мустафъилун / фоилоту / мустафъилун — у — у / — — у — / — у — у / — — у — /; Музореъи мусаммани макфуфи ҳашвайни аввал ва арӯзу зарб солим / мафойлу / фоилотун / мафойлу / фоилотун у — — у / — у — — / у — — у / — у — —, дар китоб саҳван номи ин баҳрро Қариби мусаммани макфуф—садр ва солим арӯз гуфтаанд / сохта шудааст. Ин доира низ аз ихтирооти Хонларӣ мебошад. Доираи ёздаҳум, яъне силсилаи ёздаҳум аз се баҳр. Муқтазаби мусаммани махбуни [садру ибтидо, дар китоб, саҳван садрайн гуфтаанд] матвӣ [арӯз ва зарб, дар китоб саҳван зарбайн гуфтаанд] / мафойлу / муфтаилун / мафойлу / муфтаилун у — — у / — у у — / у — — у / — у у — /; Мушокили мусаммани макфуфи мақбуз / фоилоту / мафоилун / фоилоту / мафоилун — у — у / у — у — / — у — у / у — у — / чунин навъи баҳр дар арӯз хеле камистеъмол аст /, Муҷтасси мусаммани машкули ҳашвайни аввалу арӯзу зарб — солим / мафоилу / фоилотун / мафоилу / фоилотун у — у у / — у — / у — у у / — у — —, ин баҳрро Насируддини Тӯсӣ аз мухтареоти арӯзиёни форс-тоҷик медонад] таркиб ёфтааст ва он

доираи нисбатан нав мебошад. Доираи дувоздаҳум, яъне силсилаи дувоздаҳум дорои баҳрҳои Мунсареҳи мусаддаси матвӣ / мустафъилун / фоилоту / мустафъилун — — у —/ — у — у/— — у —, Шамси Қайси Розӣ ин баҳрро ба таври мустафъилун / фоилон / мустафъилун — — у —/— у —/— — у — тақтеъ намуда, Мунсареҳи мусаддаси мухталифаҷзо номидааст /; Хафифи мусаддаси махбун / фоилотун /мафоилун / фоилотун — у — —/ у — у —/— у — —/; Сареъи мусаддаси матвӣ / мустафъилун / мустафъилун / фоилоту — — у —/ — — у —/— у — у/— у — у, азбаски мувофиқи қоидаи арӯз дар охир ҳиҷои кӯтоҳ намеояд, аз ин рӯ, ҳиҷои кӯтоҳи охирро ҳазф мекунем, яъне мепартоем ва онро бар мустафъилун / мустафъилун / фоилун — — у —/— — у —/— у — тақтеъ карда Сареъи мусаддаси матвии мақшуф ё бар мустафъилун / мафъӯлу / мустафъилун / — — у —/— — у/— — у — тақтеъ карда Мунсареҳи мусаддаси марфӯъ меномем. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» ба таври дуюмӣ, яъне бар мустафъилун / мафъӯлу / мустафъилун — — у —/— — у/ — — у — тақтеъ намуда, онро Мунсареҳи мусаддаси марфӯъ — ҳашв номидааст; Ғариби (Ҷадиди) мусаддаси махбун / фоилотун / фоилотун / мафоилун — у — —/— у — —/ у — у —/ мебошад. Ин доира низ аз ихтирооти Хонларӣ мебошад. Доираи сездаҳум, яъне силсилаи сездаҳум фақат аз як баҳр — Мутадорики мусаммани махбун (чаҳор бор фаилун у у — дар як мисраъ) иборат шудааст. Доираи чаҳордаҳум, яъне силсилаи чаҳордаҳум аз баҳрҳои Басити мусаммани солим / мустафъилун / фоилун / мустафъилун / фоилун — — у —/— у —/— — у —/— у —/; Мадиди мусамани солим / фоилотун / фоилун / фоилотун / фоилун — у — —/— у —/— у — —/— у —/; Тавили мусаммани солим фаӯлун / мафойлун / фаӯлун / мафойлун у — —/у — — —/ у — —/у — — —, ин доираро Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардааст ва он Мухталифа ном дорад. Арӯзиёни форс-тоҷик аз ин доира боз ду баҳри дигар берун овардаанд, ки Насируддини Тӯсӣ якеро Мақлуби Тавил / мафойлун / фаӯлун / мафойлун / фаӯлун у — — —/у — —/у — — —/у — — ва он Ариз низ ном дорад ва дуввумиро Мақлуби Мадид /фоилун / фоилотун / фоилун / фоилотун — у —/— у — —/— у —//— у — —/ ва он Амиқ низ ном дорад / таркиб ёфтааст. Ба фикри Хонларӣ, баҳрҳое, ки аз ин доира берун меоянд, аз доираҳои дигари арӯз ёфтан мумкин аст, барои ҳамин ӯ таъкид мекунад, ки ин доираро аз ҳисоби доираҳои авзони форсӣ-тоҷикӣ баровардан лозим аст. Доираи понздаҳум, яъне силсилаи понздаҳум вазни тарона (рубой)-ро дарбар гирифтааст.



Муаллиф дар ин ҷо ба нақли Шамси Қайси Розӣ такья намуда, ихтироъи ин вазнро ба Рӯдакӣ нисбат медиҳад ва дар асл пайдоиши онро аз эҷодиёти даҳанакии халқ чустучӯ менамояд. Инчунин, дар ҳамин ҷо роҷеъ ба шаҷараҳои ахрабу ахрами вазни рубой, ихтироъи он аз тарафи Ҳасани Қаттон ва истифодаи арабҳо аз ин вазн сухан меронад.

Дар фасли шашум — «Авзони фаръӣ ё муншаъиботи бухур» муаллиф дар хусуси сохтани вазнҳои фаръӣ ва навъҳои гуногуни ҳар як баҳри солим сухан ронда, доир ба навъҳои мухталифи баҳрҳои ҳамаи понздаҳ доираи арӯз (силсила) мисолҳо меорад, масалан, аз доираи (силсилаи) аввал, дар мавриди баҳри Рачаз 11 навъи он, дар мавриди баҳри Рамал 8 навъи он, дар мавриди баҳри Ҳазаҷ 7 навъи он бо байтҳои алоҳида ва тақтеъ нишон дода шудааст. Дар ҳамин фасл доира ба 142 навъи баҳрҳои фаръии арӯз ва эҷодиёти шоирони гузашта ва муаллифони китобҳои арӯз мисолҳои шеърӣ меорад.

Фасли ҳафтум — «Ихтиёроти шоирӣ» ном дошта, муаллиф онди қоидаи ҳазф изҳори ақида карда, дар хусуси зиҳофҳои аслам, ахрам, муханнақ, мушаасс, мақшуф, мавқуф, маъқул, мавқус, маҳзуф, мақсур, марфӯъ, аҳазз, аштар, аҳтам, маҷбуб, марбӯъ; мақсад аз ихтироъи зиҳоф ва қоидаҳои он, қоидаҳои табдил ва қоидаҳои мақлуб маълумот медиҳад. Дар охири «В.» барои дувоздаҳ шаҷараи ахрам ва дувоздаҳ шаҷараи ахраб мисолҳо оварда, тағйироте, ки дар авзони тарона (рубой) рӯй додаат, нишон дода шудааст.

«В.» аз муҳимтарин рисолаҳоест, ки дар а. 20-ум доир ба таҳаввул ва такомули арӯзи форсӣ-тоҷикӣ таълиф ёфтааст. Ин асар барои омӯзиши ақидаҳои адабиётшиносии халқҳои форс-тоҷик маъхази пурқимат мебошад. «В.» с. 1345 ҳиҷрӣ дар Эрон ба табъ расидааст.

**Вариа́нт** (франс. variante, аз лот. varians — ивазшаванда, шаклҳои гуногуни як калима), дар асоси тағйироти фонетикӣ ё морфологӣ ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни калимаро гӯянд. Дар илми арӯз вобаста ба талаботи вазн баъзан ба ҷои як калима (мас. аз — зи, намеравад — менаравад, бигурезад — бигрезад, истодан — ситодан, чор — чаҳор ва ғ.) В.-и онро истифода мебаранд.

Мисол:

Зи ишқи нотамоми мо чамоли ёр мустағнист,
Ба обу рангу холу хат чӣ ҳочат рӯи зеборо!

Ҳадис аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯ,
Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо. *(Ҳофиз)*
мафойлун / мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — — / у — — — / у — — — / у — — —

Дар ин ду байт, ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани солим суруда шудааст, шоир дар рукни аввали мисраъи якум ба ҷои пешоянди «аз» В.-и он «зи» ва дар рукнҳои якуму дуюми мисраъи чаҳорум ба ҷои калимаҳои «накушод»-у «накушояд» В.-и онҳо — «накшуд»-у «накшояд»-ро истифода кардааст. Сабаби истифодаи В.-и калимаҳои «аз», «накушояд» вазни шеър аст. Агар шоир дар шеър ба ҷои «зи — аз» ва ба ҷои «накшуд»-у «накшояд» калимаҳои «накушод»-у «накушояд»-ро меовард, вазни шеър халалдор мешуд, чунки тамоми рукнҳои шеър аз шакли овозии «мафойлун» / у — — — / таркиб ёфтааст. Аз баски мафойлун аз як ҳиҷои кӯтоҳу се ҳиҷои дароз иборат аст, шоир дар мисраъи якум мувофиқи тақозои вазн ба ҷои пешоянди «аз» В.-и «зи»-ро ба кор бурдааст, чунки «аз» ба гурӯҳи ҳиҷоҳои дароз ва «зи» ба гурӯҳи ҳиҷоҳои кӯтоҳ дохил мешавад. Дар мисраъи чаҳоруми мисоли боло низ барои вазн шуда шоир калимаҳои «накшуду накшояд»-ро истифода бурдааст. Сабаб дар он аст, ки калимаҳои «Ки кас накшуду накшояд» бар вазни «мафойлун / мафойлун» мувофиқ аст. Агар шоир ба ҷои «накшуду накшояд» калимаҳои «накушоду накушояд»-ро меовард, вазни шеър ҳатман ғалат мешуд, зеро онҳо ба шакли «мафойлун / мафойлун» мувофиқат намекарданд.

Бузургтарин шоирони гузашта ва имрӯзаи адабиёти тоҷик дар ашъори худ В.-ҳои гуногуни калима ва ибораҳоро хеле бамаврид ба таври фаровон истифода кардаанд.

**Васл** (ар. وصل -пайвастан, пайванд кардани чизе ба чизе), дар илми арӯз амалест, ки тавассути он шоир дар ашъори худ ба *сакта* роҳ намедиҳад. Баъзан ҳамсадои охири калима дар *ҳашв*, яъне дар рукнҳои мобайнии шеър омада, боиси аз вазни матлуб баромадани мисраъ ё байт мегардад. Шоире, ки аз қавоиди авзони арӯзӣ пурра бохабар аст, дар ин маврид баъди ҳамсадои зоид дар шеър калимае меорад, ки ҳарфи аввалаш садонок бошад. Дар ин сурат ҳамсадои зоид ба садоноки калимаи баъдина В. шуда сактаро аз байн мебарад.

Мисол:

Ихвон, ки зи роҳ оянд, оранд раҳоварде,
Ин қисса раҳовард аст аз баҳри дили ихвон. *(Хоқонӣ)*
мафъӯлу / мафойлун / мафъӯлу / мафойлун
— — у / у — — — / — — у / у — — —



Ин байт дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраб суруда шудааст ва шоир барои он ки авзони шеъраш аз аркони ҳамин баҳр набарояду шеър сактадор нашавад, баъди ҳамсадои «ҳ»-и калимаи «роҳ» садоноки «о»-и калимаи «оянд», баъди ҳамсадои «д»-и калимаи «оянд» садоноки «о-»и калимаи «оранд», баъди ҳамсадои «д»-и калимаи «раҳовард» садоноки «а»-и калимаи «аст», баъди ҳамсадои «т»-и калимаи «аст» садоноки «а»-и калимаи «аз»-ро меорад. Агар байти болоро аз рӯи вазн ба ҳиҷоҳо ҷудо кунем, чунин шаклро мегирад.

Их-вон-ки / зи-ро-ҳо-ян / до-ран-д / ра-ҳо-вар-де,
мафъӯлу / мафойлун / мафъӯлу / мафойлун
— — у / у — — — / — — у / у — — —
Ин-кис-са / ра-ҳо-вар-дас / таз-бах-ри / ди-ли-их-вон.
мафъӯлу / мафойлун / мафъӯлу / мафойлун
— — у / у — — — / — — у / у — — —

Дар байти:

Дахрӯза меҳри гардун афсонаест афсун,
Некӣ ба ҷои ёрон фурсат шумор, ёро! *(Ҳофиз)*
мафъӯлу / фоилотун / мафъӯлу / фоилотун
— — у / — у — — / — — у / — у — —

ки дар баҳри Музореъи мусаммани ахраб эҷод шудааст, байни ҳарфҳои «о», «т», «а»-и калимаҳои «гардун»-у «афсонаест»-у «афсун»-и мисраъи аввал В. ба вуҷуд омадааст.

**Васл** (ар. وصل -пайвастан, часпондан), дар илми қофия ҳарферо гӯянд, ки баъди *равӣ* омада ба он пайваст шуда бошад. Ба ақидаи адабиётшиносони гузашта, фақат ҳамсадоҳо, садонокҳои дароз ва ҳарфҳои ётбарсарро чун В. истифода бурдан мумкин аст.

Мисол: «О»-и В.:

Зӣ-он пеш ки аз ҷаври ту, дилбандО,
Гӯям ба сахар зор, худовандО! *(аз «Ал-мӯъҷам»)*

«Ш»-и В.:

Муарраф ба дилдорӣ омад бараШ,
Ки дастори козӣ нихад бар сараШ. *(Саъдӣ)*

«Е»-и В.:

Рози дил мегуфтам, ар як маҳраме медоштам,
Шикваҳо мекардам аз ғам, ҳамдаме медоштам. *(Айнӣ)*

«Й»-и В.:

Эй нигори порсо, аз мо нигаҳдорӣ бикун,
Мо зи по афтодагонро баъд аз ин ёрӣ бикун. *(Лоҳутӣ)*

«М»-и В.:

Ҷонӣ ширин, ин қадар ҷангаМ макун,
Ин қадар беҳуда дилтангаМ макун. *(Мирзо Турсунзода)*

Садонокҳои кӯтоҳи «а», «и» ва «у» баъди ҳарфи равӣ оянд ҳам, В. шуда наметавонанд. Агар В. аз ҳамсадо иборат бошад бо садоноки кӯтоҳ ба ҳарфи равӣ часпад, дар он сурат садоноки кӯтоҳи баъди равӣ омадаро *маҷро* меноманд. Масол:

Хаёли рӯи ту дар коргоҳи дида кашидам,
Ба сурати ту нигоре надидаму нашунидам. *(Ҳофиз)*

Дар ин байт калимаҳои «кашидам» ва «нашунидам» ба вазифаи қофия омада, ҳамсадои «д» равӣ, садоноки «а» маҷро ва ҳамсадои «м» В. мебошанд. Агар шеър бо қофияе тамом шуда бошад, ки ҳарфи охири онро садоноки кӯтоҳи «а» ташкил кардааст, дар он сурат ин садонок вазифаи В.-ро иҷро кардааст. Масалан, дар ин байт:

Ашке чу лаъл резад он лаб маро зи дида,
Дар шиша ҳар чи бошад, аз вай ҳамон чакида. *(Камол)*
мафъӯлу / фоилотун / мафъӯлу / фоилотун
— — у / — у — — / — — у / — у — —

**Ватад** (ар. وتد -мехи калони чӯбин, ки ба он ресмони хаймаро мебанданд), дар назарияи мусиқии классикии тоҷик ва арӯз номи яке аз ҷузвҳои атонин ва афоилест, ки вазн ва зарбро ифода мекунад. Дар арӯз ҳар як рукни асосӣ ва фаръӣ аз ҷузвҳо, яъне аз ҳиҷоҳо иборат аст. Мас., рукни асосии баҳри Ҳазаҷ мафойлун / у — — — / аз се ҷузв / як В.-и маҷмӯъ / у — / ва ду *сабаби* хафиф / — — /, рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / аз се ҷузв (як сабаби хафиф, баъд як В.-и маҷмӯъ ва боз як сабаби хафиф, рукни фаъӯлун / у — — / аз ду ҷузв (як В.-и маҷмӯъ ва як сабаби хафиф) иборат аст. В. ду хел мешавад: В.-и маҷмӯъ ва В.-и мафрук.



1. В.-и маҷмӯъ (ҷамъшуда) ё В.-и мақрун (наздикшуда) аз як ҳиҷои кӯтоҳ ва як ҳиҷои дароз иборат буда, дар шакли «фаъӯл» — «танан» / у — / ифода мешавад. Мас., рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / аз ду сабаби хафиф / — — / ва як В.-и маҷмӯъ / у — /, рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / аз як В.-и маҷмӯъ / у — / ва як фосилаи суғро / у у — / ташкил ёфтааст. Баъзе арӯзиёни форс-тоҷик В.-и маҷмӯъро В.-и касрат низ меноманд. 2. В.-и мафрук (ҷудо кардашуда) баръакси В.-и маҷмӯъ аз як ҳиҷои дароз ва як ҳиҷои кӯтоҳ ташкил меёбад ва шакли он «фаълу» — «танна» / — у / аст. Мас., рукни мафъӯлоту / — — — у / аз ду сабаби хафиф / — — / ва як В.-и мафрук / — у /, рукни фои-ло-тун / — у — — / аз як В.-и мафрук / — у / ва ду сабаби хафиф / — — / иборат аст. Шаклҳои дигари ҷузвҳои рукн ва афоил: сабаб, *фосила* ва *фозила* низ вуҷуд дорад.

**Ватáди Қасрáт** (аз *ватад* ва ар. كثرت -бисёрӣ, зиёдӣ), номи дигари ватади маҷмӯъ.Ниг. низ *Ватад*.

**Ватáди Мафрýқ** (аз *ватад* ва ар. مفروق -ҷудо кардашуда),ниг. *Ватад*.

**Ватáди Мақрýн** (аз *ватад* ва ар. مقرون -наздикшуда, пайваста), номи дигари ватади маҷмӯъ.Ниг. низ *Ватад*.

**Ватáди Маҷмӯъ** (аз *ватад* ва ар. مجموع -ҷамъшуда), ниг. *Ватад*.

**Вақс** (ар. وقص -гардан шикастан), дар илми арӯз номи зиҳофест. Ниг. *Мавқус*.

**Вақф** (ар. وقف -истодан, водоштан), ниг. *Мавқуф*.

**Ваҳúди Табрезӣ** وحید تبریزی (с. тав. ва ваф. номаълум), шоир ва адабиётшиноси форс-тоҷик (ох. а. 14 ва нимаи авв. а. 15). Зодгоҳаш Табрез. Баъзеҳо ӯро иштибоҳан бо шоири мутасаввиф Мавлоно Ваҳиди Табрезӣ (ваф. 1669) як донистаанд. Аз В. Т. то замони мо илова ба ашъори лирикӣ, боз ду асари адабиётшиносӣ: «Мифтоҳ-ул-бадоеъ» ва *«Ҷамъи мухтасар»* боқист, ки аҳамияти илмии назарӣ ва амалӣ доранд. В. Т. ҳар ду асарашро барои таълими бародарзодааш — Сафиуддин таълиф намудааст ва шеърҳое, ки барои шоҳиди санъатҳои бадеӣ овардааст, худ эҷод кардааст. Ҳамин матлабро дар мукаддимаи «Мифтоҳ-ул-бадоеъ» ки... Ваҳиди Табрезиро бародарзодае ҳаст — Сафиуддин ном. Аз банда илтимос кард, ки «Эй ам (м), аз барои ман рисолае бисоз дар саноеъи шеър, ки ашъори шавоҳиди он ҳама шеъри ту бошад. Агарчи зеҳни қабул дорад, аммо чун тифл аст, банда ин рисоларо чунон сохтам, ки

мубтадӣ (талабаи навомӯз) аз ӯ мустафид (баҳраманд) гардад ва ӯро «Мифтоҳ-ул-бадоеъ» ном ниҳодам». Мазмун ва мундариҷаи ашъори В. Т.-ро асосан мавзӯъҳои ишқӣ ташкил медиҳанд. Чанд намуна аз ашъори В. Т.:

Бӯто, дар чини ҳар торе бувад зулфи туро сад чин,
Ки созад бар гули сурхӣ зи сунбул тӯда чин бар чин.

* * *

Туро чун кинаю пайкор кор аст,
Дили мачрӯҳ аз он озор зор аст.

**Во́ви Маъдула́** ( واو معدوله ), дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ номи ҳарфи сиюм, яъне вове ( و ), ки дар калимаҳои тоҷикии «хо» ва «хе»-дор баъди ҳарфи «х» навишта мешавад, аммо талаффуз намекунанд.

Мас., خواندن -хондан, خواهش -хоҳиш, خواجگی -хоҷагӣ, خواب -хоб, خوایش -хеш, خواهر хоҳар, خویشتن -хештан).

**«Вожаноме́аи Форсӣ»** واژه‌نامهٔ فارسی, ниг. *Меъёри Ҷамолӣ».*

**Вофи́р** (ар. وافر -бисёр, фаровон), номи яке аз баҳрҳои панҷгонаи махсуси арӯзи араб. Баъзе намояндагони адабиёти классикии форс-тоҷик барои санҷидани маҳорати шоирии худ дар ин баҳр шеър гуфтаанд. Ин баҳрро барои он В. меноманд, ки дар рукни он ҳичои кӯтоҳ нисбат ба ҳичои дароз бисьёр аст ва бештари ашъори араб дар ин вазн суруда шудааст. Рукни асосии В. мафоилатун / у — у у — / буда, Халил ибни Аҳмад онро аз ҷузви аввали доираи дуюми арӯзи арабӣ, яъне аз доираи *Мӯъталифа* дар шакли мусамман ҷудо кардааст. Рукни солими В. аз *ватади* маҷмӯъ / у — / ва *фосилаи* суғро / у у — / иборат аст, дар ин рукн *сабаб* иштирок надорад. Шакли солими он аз ҷумлаи в а з н ҳ о и х а ф и ф и арӯз ҳисоб меёбад. Аз рукни солими В. чор навъи он: мусаммани солим, мусаддаси солим, мураббаъи солим ва мусаннои солим ба вуҷуд меояд. Барои сохтани дигар навъҳои ин баҳр аз рукни солим — мафоилатун / у — у у — / ва зиҳофҳои он *мақтӯъ* / фаилотун у у — — /, *маҳзуб* / муфтаилун — у у — /, *маъсуб* / мафойлун у — — — /, *маҳқус* / мафъӯлу — — у /, *манқус* / мафойлу у — — у /, *аҷам* / фоилун — у — /, *маҳқул* / мафоилун у — у — /, *аҳсам* / мафъӯлун — — — /, аҳсами мусаббаҳ / мафъӯлон — —



~ /, аҷами музол / фоилон — у ~ /, маъсуби мусаббаҳ / мафойлон у — — ~ /, маҳқули музол / мафоилон у — у ~ /, маҳзуби музол / муфтаилон — у у ~ /, мувассаъ /мафоилиётун у — у у — — /, мувассаъи мусаббаҳ / мафоилиётон у — у у — ~ /, музол / мафоилатон у — у у ~ / ва *мақтуф* / фаӯлун у — — / истифода мебаранд. Аз омезиши рукни солими В. ва зиҳофҳояш дар шакли мусамману мусаддасу мураббаъю мусаннo навъҳои зерини он сохта мешаванд:

М и с о л: В.-и мусаммани солим:

Чӣ шуд, санамо, ки сӯи касе ба чашми ризо наменигарӣ,
Зи расми ҷафо ҳамегузарӣ, тариқи вафо намесипарӣ *(Сайфӣ)*
мафоилатун / мафоилатун / мафоилатун / мафоилатун
у — у у — / у — у у — / у — у у — / у — у у —

В.-и мусаддаси солим:

Бӯто, ғами ту бар ин дили ман бизад аламе,
Чунон ки аз ӯ ба гирди ҷаҳон шудам аламӣ *(Насируддини Тӯсӣ)*
мафоилатун / мафоилатун / мафоилатун
у — у у — / у — у у — / у — у у —

В.-и мураббаъи солим:

Бадӣ чӣ кунӣ ба ҷони касе,
Ки ӯ накунад ба ҷони ту бад?! *(Насируддини Тӯсӣ)*
мафоилатун / мафоилатун
у — у у — / у — у у —

В.-и мусаннои солим:

Ба сабзаи нав
Насим вазад,
Зи лола алав
Ба чашм расад. *(Фарҳат)*
мафоилатун
у — у у —

В.-и мусаддаси маъсуби мақтуф:

Нигорино, бикун фикре ба корам,
Чу медонӣ, ки ман зи ғамат фигорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлун / мафоилатун / фаӯлун
у — — — / у — у у — / у — —

В.-и мусаддаси мақтуф:

Чу баргузарӣ, ҳаменигарӣ ба рӯям,
Чаро накунӣ, буто, назаре ба корам? *(Насируддини Тӯсӣ)*
мафоилатун / мафоилатун / фаӯлун
у — у у — / у — **у у** — / у — —

В.-и мусаддаси манқуси мақтуф:

Агар ёр маро боз навозад,
Дилам бо ғами савдош бисозад.
мафоӣлу / мафоӣлу / фаӯлун
у — — у / у — — у / у — —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаддаси мақфуфи маҳзуф / мафоӣлу / мафоӣлу / фаӯлун у — — у / у — — у / у — — / низ шакли афоили баҳри В.-и мусаддаси манқуси мақтуфро дорад.

В.-и мусаддаси аҷами маъқул:

Он нигори хубчеҳра симзақан
Рӯи хеш дар ниҳон намуд ба ман. *(аз «Ал-мӯъҷам»)*
фоилун / мафоилун / мафоилатун
— у — / у — у — / у — у у —

В.-и мураббаъи музол:

Миёнаи раҳ ситода чанор,
Чапак бизанад ба лайлу нахор. *(Фарҳат)*
мафоилатун / мафоилатон
у — у у — / у — у у ~

**Вофӣ** (ар. وافى -вафокунанда; кофӣ, басанда), дар илми арӯз байтеро гӯянд, ки тамоми рукнҳои он, яъне садр, ибтидо, арӯз, зарб ва ҳашвайн солим бошанд. Агар рукнҳои солими ин ё он баҳрро чи хеле ки дар доираҳои арӯз ҷой гирифтаанд, бетағйирот биорем, В. номида мешаванд. Ҳамин тариқ, тамоми шаклҳои мусаммани баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Рақаз, Мутақориб, Мутадорик, Вофир, Комил, Тавил, Мадид, Басит, Музореъ, Муҷтасс, Мунсареҳ, Муқтазаб ва шаклҳои мусаддаси баҳрҳои Қариб, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Боис, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян, Маснӯъ, Мустаъмал, Ахрас, Мубҳам, Муҳаммал, Маъкӯс, Кабир, Сарим, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асамм, Салим, Ҳамим, Сареъ В. мебошанд.



Мисолаш:

Эй сорбон, оҳиста рон, к-ороми ҷонам меравад
В-он дил, ки бо худ доштам, бо дилситонам меравад *(Саъдӣ)*
мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун
— — у — / — — у — / — — у — / — — у —

Мисоли дигар:

Қушо оғӯшат, эй шаҳри азизам, пахтакор омад,
Саодатманд фарзанди далерат зарбдор омад. *(Боқӣ)*
мафоӣлун / мафоӣлун / мафоӣлун / мафоӣлун
у — — — / у — — — / у — — — / у — — —

Дар ҳар ду мисоли овардашуда, ки якумӣ баҳри Рақази мусаммани солим ва дуюмӣ баҳри Ҳазаҷи мусаммани солим аст, фақат рукнҳои асосии онҳо иштирок доранд, аз ин рӯ, ҳар ду байтро В. мениманд.

**«Грамма́тика перси́дского языка́»** («Грамматикаи забони форсӣ»), асари таълимии Е. Э. *Бертельс*, ки с. 1926 ба забони русӣ таълиф кардааст ва худи ҳамон сол дар нашриёти Институти забонҳои зиндаи Шарқ (Ленинград) ба табъ расидааст. Ин китоб ба сифати китоби дарсӣ барои факултети шарқшиносӣ таълиф шуда, аз ду қисмат иборат аст. Дар қисми аввал дар хусуси алифбои форсӣ ва талаффузи он, исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, пешояндҳо, зарф, ҳиссачаҳо, нидо, калимасозӣ маълумот дода, қисми дуюм оиди вазни шеъри форсӣ—арӯз мебошад. Муаллиф дар ин қисмат хеле мухтасар доир ба таърихи арӯз, таъсири арӯзи арабӣ ба арӯзи форсӣ, баҳрҳои Ҳазаҷ (19 навъи ин баҳр), Рақаз (8 навъи он), Рамал (18 навъи он), Мунсареҳ (6 навъи он), Музореъ (7 навъи он), Муқтазаб (2 навъи он), Муҷтасс (6 навъи он), Сареъ (2 навъи он), Ҷадид (2 навъи он), Қариб (2 навъи он), Хафиф (5 навъи он), Мушокил (1 навъи он), Мутақориб (6 навъи он), Мутадорик (4 навъи он), авзони рубоӣ, Тавили мусаммани солим, Мадиди мусаммани солим, Басити мусаммани солим, Вофири мусаммани солим, Комили мусаммани солим, баҳрҳои нав: Мадиди махбун, Ариз, Амиқ, Сарим, Қабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асамм, Салим, Ҳамим маълумот медиҳад.

Дар қисмати «Қофия ва шакл», ки ҳамагӣ ду саҳифаи китобро ташкил медиҳад, доир ба ҳатмӣ будани қофия дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ, аз як ё якчанд ҳиҷо сохтани он; радиф; шаклҳои шеърии маснавӣ, байт, қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, тарҷеъбанд, тақибанд сухан меронад. «Г.» аз ҷумлаи аввалин ки-

тобҳои дарсист, ки баъди Рев. Қабири Социалистии Октябрь таълиф шуда, хонандаи русро ба авзони шеъри тоҷикӣ ва қофияю навъҳои шеър шинос менамояд. Муаллиф ҳангоми муайян намудани навъҳои гуногуни баҳрҳои маъмули арӯз аз ашъори шоирони гузашта мисолҳо меорад (мутаассифона ҳангоми овардани байтҳо муаллифони онҳоро нишон намедиҳад) ва онҳоро вобаста ба баҳрҳои ҷудогона *тақтеъ* менамояд, ки ин ҷиҳат қимати амалии асарро зиёд мекунад. Аз рӯи мисолҳои шеърие, ки барои навъҳои Ҳазаҷи мусаммани мақбуз, Рачази мусаммани махбуни матвӣ, Рамали мусаддаси солим, Мунсареҳи мусаммани матвии мавқуф, Музореъи мусаддаси ахраби мақфуф, Муқтазаби мусаммани матвии мақтӯъ, Ҷадиди мусаддаси махбун, Мушокили мусаддаси мақфуфи мақсур, Мутақориби мусаммани аслам, Мутақориби мусаммани мақбузи аслам, Мутадорики мусаммани махбун, Тавили мусаммани солим, Мадиди мусаммани солим, Басити мусаммани солим, Вофири мусаммани солим, Комили мусаммани солим ва ғ. овардааст, ба осонӣ муайян кардан мумкин аст, ки ӯ дар таълифи ин асар аз *«Ал-мӯъҷам»*-и Шамси Қайси Розӣ, *«Меъёр-ул-ашъор»*-и Насируддини Тӯсӣ, *«Ҷамъи мухтасар»*-и Ваҳиди Табрезӣ, *«Арӯзи Сайфӣ»*-и Сайфӣ ва боби арӯзи «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддин истифода кардааст. Дар ин китоб, инчунин бори аввал дар хусуси роҳҳои пайдоиши зиҳофҳои мақфуф, мақсуф, маҷдуъ, манҳур, машкул, мақтӯъ, музол, матвӣ, махбун, ахраб, маҳзуф, мақсур ва ғ. маълумот дода шудааст.

**Дахи́л** (ар. دخيل -даҳолаткунанда; ҳамроҳ, шарик), дар илми қофия мутаҳаррике (ҳамсадое)-ро номанд, ки дар байни *таъсис* ва *равӣ* омада бошад. Мисол:

Гарчи дарбастам дари мадҳу ғазал якборагӣ,
Зинн мабар, к-аз назми алфозу маъонӣ қосирам,
Балки дар ҳар навъ, к-аз акрони ман донад касе,
Хоҳ чузве гир онро, хоҳ кулле, моҳирам.
Мантиқу мусиқию ҳайат бидонам андаке,
Ростӣ бояд бигӯям бо насибе вофирам. *(Анварӣ)*

Дар ин се байт калимаҳои «қосирам», «моҳирам» ва «вофирам» қофия буда, ҳамсадоҳои «с», «ҳ» ва «ф» ба вазифаи Д омадаанд.

Дар мисоли боло ҳарфи Д. такрор наёфтааст ва аксари шоирони адабиёти классикии тоҷик такрори Д.-ро дар қофия зарур намешуморанд. Агар такрори ҳарфи Д. дар қофия риоя шавад, онро аз муҳассаноти шеър ҳисоб мекунанд, зеро таъсир ва оҳангнокии шеър зиёд мегардад.



Чашми бадат дур, эй бадеъ шамойил,
Моҳи ману шамъи ҷамъу мири қабойил. *(Саъдӣ)*

* * *

Фалак дар сояи барри ҳавосил,
Заминро парри тӯтӣ кард ҳосил. *(Абулфараҷи Рунӣ)*

**«Дақойиқ-уш-шеър»** دقايق الشعر , асари донишманди а. 13 форс-тоҷик *Тоҷӣ Ҳаловӣ* доир ба илми бадеъ ва баъзе айбҳои қофия. Д. аз се фасл иборат буда, дар фасли аввал роҷеъ ба санъатҳои шеърӣ: тавфиф, тарсеъ, мусаҷҷаоти мувозина, саҷъи мутавозӣ, саҷъи мутарраф, таҷнисот, такрир, мақлубот, раддулаҷз илассадр, мутазод, мутобиқа, ташбеҳот, иҳом, иғроқ, такмил, тамсил, истиора, тазмини муздаввач, эънот, муроотунназир, дувачҳайн, таъкидуззам, таъкидулмадҳ, илтифот, тансиқи сифот, саёқатулаъдод, издивоҷ, эътироз, ҳашв, мадҳи муваҷҷаҳ, зуқофиятайн, мулавван, таҷоҳули ориф, саволу ҷавоб, мусаммат, мувашшаҳ, ғарчеъ, табйину тафсир, лаффу нашр, ҷамъу тафриқу тақсим, тафриқи муҷаррад, тақсими муҷаррад, ҷамъу тафриқ, ҷамъу тақсим, истидрок, мураббаъ, муқаттаъ, мувассал, луғз, муаммо, муҫаххаф, муламмаъ, хайфо, риқто, маҳзуф; дар фасли дуввум дар хусуси ҳусни матлаъ, ҳусни таҳаллус, ҳусни мақтаъ, ҳусни талаб ва адаби савол, насибу ташбиб, маҳдуд (муқтазаб), ғазал, рубой, маснавӣ, муқаффӣ, ридф, мураддаф, байтулқасида, тазмин, муворида, мутакаллиф, маъкӯс, тавсим, тасҳим, тадвир, киноя, тарчума, каломи ҷомеъ, тааҷҷуб, ибдоъ, балоғат ва фасоҳат, баст, танофир, ҷазолат, салосат ва ғ. сухан ронда, маънии ҳар истилоҳро шарҳ дода, барои исботи фикр аз ашъори шоирон мисолҳо меорад. Фасли сеюми рисола «Дар уюби шеър аз алфозу маъонию қавофӣ ва ғайри он» ном дошта, муаллиф онд ба интиҳоли шеър (нақл, насх, салх, илмом, масх), акво, синод, инкфо, ито (айто), мавқуф изҳори акида кардааст. «Д.» бо забони соддаю равон навишта шудааст. Ин асар аз сарчашмаҳои муфиди адабӣ низ ҳисоб меёбад, зеро муаллиф аз ашъори як зумра шоирони адабиёти классикии форс-тоҷик: Хусрави Дехлавӣ, Асвадӣ, Муиззӣ, Имомии Хиравӣ, Абулфарачи Рунӣ, Анварӣ, Авҳадӣ, Пиндори Розӣ, Баҳоуддини Зунҷонӣ, Ҷамолуддини Қошонӣ, Ҷавҳарӣ, Хоқонӣ, Рашиди Ватвот, Рафеъи Ланбонӣ, Рафеъи Бакронӣ, Рӯдакӣ, Рукнуддин, Саъдӣ, Сирочи Қамарӣ, Саноӣ, Санқор, Синон ибни Унс, Фазлуллоҳи Шерозӣ, Шарафуддин, Шамсуддин Ҳасани Домғонӣ, Шамси Розӣ, Шам-

си Саъҷосӣ, Соҳибдевон, Заҳири Форьёбӣ, Убайди Зоконӣ, Абдулвосеъи Ҷабалӣ, Ироқӣ, Узуддини Туғрой, Алӣ ибни Муҳаммад, Абдуллоҳи Ансорӣ, Ғазолӣ, Фирдавсӣ, Фалакии Шервонӣ, Қозии Саъҷос, Қозӣ Баҳои Зунҷонӣ, Қозӣ Имодуддин, Қазвинӣ, Қивомӣ, Камолуддини Исмоил, Муҷируддини Байлақонӣ, Масъуди Саъди Салмон, Муиззӣ, Мануҷеҳрӣ, Маҳастӣ, Мавлоно Румӣ, Низомии Ганҷавӣ, Низомулмулк, Рашиди Ватвот, Восил ибни Ато ва диг. намунаҳои шеърӣ меорад. «Д.» с. 1341 ҳичрии шамсӣ (мутобиқи 1963 милодӣ) бо кӯшиши донишманди эронӣ Сайидмуҳаммади Қозими Имом ба табъ расидааст.

**Дақунноқу́с** (ар. دق الناقوس -зангӯла задан), дар илми арӯз номи дигари баҳри *Мутадорик*.

**Доира́и вата́д** (аз ар. دائرة -хатти гирд ва وتد -мехи чӯбин), дар илми арӯз номи дигари доираи *Муштабаҳа*. (Азбаски дар доираи Муштабаҳа ватади мафрӯқ /— у/ вуҷуд надорад, аз ин сабаб ин доираро Д. в. номидаанд.

**Доира́и мунтазиа́**, ниг. *Мунтазиа*.

**Доира́и мунфарида́**, ниг. *Мунфарида*.

**Доира́и мунъакиса́**, ниг. *Мунъакиса*.

**Доира́и мунъалиқа́**, ниг. *Мунъалиқа*.

**Доира́и мунғалата**, ниг. *Мунғалата*.

**Доира́и муттафиқа́**, ниг. *Муттафиқа*.

**Доира́и мухталита́**, ниг. *Мухталита*.

**Доира́и мухталифа́**, ниг. *Мухталифа*.

**Доира́и муштабаха́**, ниг. *Муштабаҳа*.

**Доира́и муштабаха́и зоида́**, ниг. *Муштабаҳаи зоида*.

**Доира́и муштабаха́и музоҳафа́**, ниг. *Муштабаҳаи музоҳафа*.

**Доира́и муҷталаба́**, ниг. *Муҷталаба*.

**Доира́и муҷталаба́и зоида́и музоҳафа́**, ниг. *Муҷталабаи зоидаи музоҳафа*.

**Доира́и муҷталаба́и солима́**, ниг. *Муҷталабаи солима*.

**Доира́и муҷталиба́**, ниг. *Муҷталаба*.

**Доира́и муҷтамеъа́**, ниг. *Муҷтамеъа*.

**Доира́и мӯъталифа́**, ниг. *Мӯъталифа*.

**Доираҳо́и авзо́ни ара́б** ( دائرەهای اوزان عرب ) дар илми арӯз номи чанд доираест, ки арӯзидон ва забоншиноси машҳури араб Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардааст. Баъзеҳо ба Халил ибни Аҳмад панҷ доира, баъзеҳо шаш доираро нисбат медиҳанд. Мувофиқи таъиноти Халил ибни Аҳмад доираи аввали авзони араб *Мухталифа*, доираи дуюм *Мӯъталифа*, доираи сеюм *Муҷталаба*, доираи чаҳорум *Муштабаҳа*, доираи панҷум *Муттафиқа* ном дорад. Доираи Муттафиқа дар аввал бо номи Мунфарида машҳур буд, зеро мухтареъи он — Халил ибни Аҳмад дар он фақат як рукн — рукни асосии баҳри Мутақориб — фаӯлунро ҷой дода буд. Баъди Халил ибни Аҳмад забоншинос ва арӯзидони дигари араб — Абулҳасан Ахфаши Балхӣ аз таркиби рукни фаӯлун /у — —/ рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилунро /— у —/ берун овард ва он доираро Муттафиқа ном ниҳод. Дар ин панҷ доираи авзони араб шонздаҳ баҳри арӯзи араб (Тавил, Мадид, Басит, Вофир, Комил, Ҳазаҷ, Рачаз, Рамал, Мунсареҳ, Хафиф, Музореъ, Муқтазаб, Сареъ, Муҷтасс, Мутақориб, Мутадорик) гирд омадааст. Арабҳо шеърро дар доираҳои Мухталифа, Мӯъталифа, Муттафиқа дар шакли мусаммани солим, дар доираҳои Муҷталаба ва Муштабаҳа бошад, дар шакли мусаддаси солим овардаанд.

Ниг. низ *Доираҳои арӯз*.

**Доираҳо́и авзо́ни форсӣ** ( دائرەهای اوزان فارسی ), дар илми арӯз номи чанд доираест, ки арӯзиёни форс-тоҷик баъди Халил ибни Аҳмад тартиб додаанд. Ҳангоми дар доираҳо ҷой додани баҳрҳо арӯзиёни форс-тоҷик, пеш аз ҳама, принципи ҳамнавъии ҷузвҳои рукнҳои онҳоро ба назар гирифтаанд. Доираҳое, ки арӯзшиносони форс-тоҷик тартиб додаанд, аз инҳо иборат мебошанд: Мӯъталифа (баҳрҳои Ҳазаҷи мусаммани солим, Рачази мусаммани солим, Рамали мусаммани солим); Мунтазиа (баҳрҳои Сареъи мусаддаси матвӣ, Хафифи мусаддаси махбун, Қариби мусаддаси макфуф, Ҷадиди мусаддаси махбун, Мушокили мусаддаси макфуф); Мухталифа (баҳрҳои Мунсареҳи мусаммани матвӣ, Музореъи мусаммани макфуф, Муқтазаби мусаммани матвӣ, Муҷтасси мусаммани махбун); Муттафиқа (баҳрҳои Мутақориби мусаммани солим, Мутадорики мусаммани солим); Муштабаҳа (баҳрҳои Музореъи мусаммани макфуф, Муқтазаби мусаммани матвӣ, Муҷтасси мусаммани махбун, Мунсареҳи мусаммани матвӣ); Мунъакиса (баҳрҳои Сарим, Кабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Асамм, Салим, Ҳамим, Сағир — ҳама дар шакли мусаддаси солим); Мунғалата (баҳрҳои Боис, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян ҳама дар шакли мусаддаси солим); Мунъалиқа (баҳрҳои Маснӯъ, Мустаъмал, Ахрас, Мубҳам, Мӯҳмал, Маъкӯс — ҳама дар шакли мусаддаси солим); Муштабаҳаи зоида (баҳрҳои Мунсареҳи мусаммани матвӣ, Музореъи мусаммани макфуф, Муқтазаби мусаммани матвӣ, Муҷтасси мусаммани махбун, Мӯҳмали мусаммани макфуф); Муштабаҳаи музоҳафа (баҳрҳои Сареъи мусаддаси матвӣ, Қариби мусаддаси макфуф, Мунсареҳи мусаддаси матвӣ, Хафифи мусаддаси махбун, Музореъи

мусаддаси макфуф, Муқтазаби мусаддаси матвӣ, Муҷтасси мусаддаси махбун); Муштабаҳаи мусаддаса (баҳрҳои Сареъи мусаддаси матвӣ, Қариби мусаддаси макфуф, Хафифи мусаддаси махбун, Мушокили мусаддаси макфуф), Муҷталабаи зоидан музоҳафа (баҳрҳои Ҳазаҷи мусаммани макфуф, Рақази мусаммани матвӣ, Рамали мусаммани махбун); Муҷталабаи солима (баҳрҳои Ҳазаҷи мусаммани солим, Рақази мусаммани солим, Рамали мусаммани солим) ва ғ. Илова бар ин, арӯзиёни форс-тоҷик аз таркиби рукнҳои доираи Мухталифаи арабӣ — фаӯлун / мафоӣлун / у — у / у — — — / рукнҳои солими баҳрҳои Аризу Амиқро беруни баровардаанд, ки фақат ба шеъри тоҷикӣ хос аст. Аз байни арӯзиёни форс-тоҷик Сайфӣ дар «Арӯзи Сайфӣ», Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» доираҳои Мухталифа ва Мӯталифаи арабиро бо баҳрҳои Тавилу Мадиду Баситу Вофиру Комил ва Ваҳиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» ҳамин баҳрҳоро — Вофиру Комилро дар доираи Муттафиқа, Тавилу Мадиду Баситро дар доираи Муҷталаба ҷой дода ба қатори Д. а. ф. дохил кардаанд. Номи Д. а. ф. шартӣ буда, бо баҳрҳое, ки дар гирдогирди онҳо ҷой дода шудаанд, кам алоқа доранд. Дар хусуси ном ва тартиби номи Д. а. ф. низ байни арӯзиёни Аҷам ҳамфикрӣ кам мушоҳида мешавад. Масалан, Шамси Қайси Розӣ дар *«Ал-мӯъҷам»* баҳрҳои Мунсареҳи мусаммани матвӣ (дар як байт ҷор бор — муфтаилун / фоилоту /, Музореъи мусаммани макфуф (дар як байт ҷор бор — мафоӣлу / фоилоту /, Муқтазаби мусаммани матвӣ (дар як байт ҷор бор — фоилоту / муфтаилун/, Муҷтасси мусаммани махбунро (дар як байт ҷор бор — мафоилун / фаилотун / дар доираи Мухталифа, баҳрҳои Сареъи мусаддаси матвӣ (дар байт ду бор — / муфтаилун / фоилоту /, Хафифи мусаддаси махбун (дар як байт ду бор — фаилотун / мафоилун / фаилотун /, Қариби мусаддаси макфуф (дар як байт ду бор — мафоӣлу / мафоӣлу / фоилоту /, Ҷадиди мусаддаси махбун (дар як байт ду бор — фаилотун / фаилотун / мафоилун /, Мушокили мусаддаси макфуфро (дар як байт ду бор — фоилоту / мафоӣлу / мафоӣлу / дар доираи Мунтазоир» доирае, ки баҳрҳои Мунсареҳи мусаммани матвӣ, Музореъи мусаммани макфуф, Муқтазаби мусаммани матвӣ, Муҷтасси мусаммани махбунро дар бар карда буд, Муштабаҳаи зоида ва доирае, ки дар атрофи он баҳрҳои Сареъи мусаддаси матвӣ, Қариби мусаддаси макфуф, Хафифи мусаддаси махбун, Ҷадиди мусаддаси махбун, Мушокили мусаддаси макфуфро ҷой дода буд, Муштабаҳаи мусаддаса ном



додааст. Агар Шамси Қайси Розӣ доираи баҳрҳои Ҳазаҷи мусаммани солим (дар як байт ҳашт бор — мафоӣлун), Рақази мусаммани солим (дар як байт ҳашт бор — мустафъилун), Рамали мусаммани солимро (дар як байт ҳашт бор — фоилотун) Мӯъталифа номида бошад, Муҳаммад Ғиёсуддин ва Сайфӣ доираи ҳамон баҳрҳоро Муҷталаба, Насируддини Тӯсӣ Муҷталабаи солима гуфтаанд. Шамси Қайси Розӣ миқдори Д. а. ф.-ро чорто, Насируддини Тӯсӣ панҷто, Муҳаммад Ғиёсуддин шашто, Ваҳиди Табрезӣ шашто, Алишери Навоӣ ҳафто ва Парвизи Хонларӣ аз ҳама бештар понздаҳто гуфтааст. Ҳамаи доираҳои тартибдодаи арӯзиёни гузашта номи махсус доранд, ба ҷуз доираҳои мураттабкардаи Хонларӣ. Хонларӣ дар доираи якум баҳрҳои Ҳазаҷу Рақазу Рамалро дар шакли мусаммани солим; дар доираи дуюм баҳрҳои Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуф / мафъӯлу / мафоӣлу / мафоӣлу / мафоӣлун — ду бор /; Рақази мусаммани матвӣ (муфтаилун — ҳашт бор); Рамали мусаммани махбун (фаилотун) — ҳашт бор); Ҳазаҷи мусаммани макфуф (мафоӣлу — ҳашт бор); дар доираи сеюм баҳрҳои Мунсареҳи мусаммани матвӣ / муфтаилун / фоилоту—чор бор /, Хафифи мусаммани махбун / фаилотун / мафоилун — чор бор /, Музореъ мусаммани макфуф / мафоӣлу / фоилоту — чор бор /, Музореъи мусаммани ахраби макфуф / мафъӯлу фоилоту / мафоӣлу / фоилотун / — ду бор /, Муқтазаби мусаммани матвӣ / фоилоту / муфтаилун — чор бор /, Муҷтасси мусаммани махбун / мафоилун / фаилотун — чор бор /; дар доираи чаҳорум баҳрҳои Рамали мусаммани машкул / фаилоту / фоилотун — чор бор /, Ҳазаҷи мусаммани мақбузи макфуф / мафоилун / мафоӣлу / мафоилун / мафоӣлу — ду бор /, Рақази мусаммани махбуни матвӣ / мафоилун / муфтаилун / мафоилун / муфтаилун — ду бор /, Ҳазаҷи мусаммани мақфуфи мақбуз / мафоӣлу / мафоилун / мафоӣлу мафоилун — ду бор /, Рақази мусаммани матвии махбун / муфтаилун / мафоӣлун / муфтаилун / мафоилун — ду бор /; дар доираи панҷум баҳрҳои Рақази мусаммани махбун / мафоилун — ҳашт бор /, Рамали мусаммани макфуф / фоилоту — ҳашт бор /: дар доираи шашум баҳрҳои Мутақориби мусаммани солим / фаӯлун — ҳашт бор /, Мутадорики мусаммани солим / фоилун — ҳашт бор /; дар доираи ҳафтум баҳрҳои Сареъи мусаддаси матвӣ / муфтаилун / муфтаилун / фоилоту — ду бор /, Ҷадиди мусаддаси махбун / фаилотун / фаилотун / мафоилун — ду бор /, Қариби мусаддаси макфуф / мафоӣлу мафоӣлу / фоилоту — ду бор /, Қариби мусаддаси ахраби макфуф / мафъӯлу / мафоӣлу / фоилотун — ду бор /, Хафифи мусаддаси махбун / фаилотун / мафоилун / фаилотун — ду бор /, Мушокили мусаддаси

макфуф / фоилоту / мафойлу / мафойлу — ду бор /; дар доираи ҳаштум баҳрҳои Комили мусаммани солим / мутафоилун — ҳашт бор /, Вофири мусаммани солим / мафоилатун — ҳашт бор /; дар доираи нӯҳум баҳрҳои Ҳазаҷи мусаммани мақбуз / мафоилун / мафойлун / мафоилун / мафойлун — ду бор /, Рамали мусаммани макфуф / фоилоту / фоилотун / фоилоту / фоилотун — ду бор /, Раҷази мусаммани махбун / мафоилун / мустафъилун / мустафъилун / мафоилун / мустафъилун / мафоилун /; дар доираи даҳум баҳрҳои Музореъи мусаммани мақбуз / мафоилун / фоилотун / мафоилун / фоилотун /, Муқтазаби мусаммани матвӣ / фоилоту / мустафъилун / фоилоту / мустафъилун — ду бор /, Муқтазаби мусаммани махбун / мафойлу / мустафъилун / мафойлу / мустафъилун — ду бор /, Қариби мусаммани макфуф / мафойлу / фоилотун / мафойлу / фоилотун — ду бор /; дар доираи ёздаҳум баҳрҳои Муқтазаби мусаммани махбуни матвӣ / мафойлу / муфтаилун / мафойлу / муфтаилун — ду бор /, Мушокили мусаммани макфуфи мақбуз / фоилоту / мафоилун / фоилоту / мафоилун — ду бор /, Муҷтасси мусаммани машкул / мафоилу / фоилотун / мафоилу / фоилотун — ду бор /; дар доираи дувоздаҳум баҳрҳои Мунсареҳи мусаддаси матвӣ / мустафъилун / фоилоту / мустафъилун — ду бор /, Хафифи мусаддаси махбун / фоилотун / мафоилун / фоилотун — ду бор /, Мунсареҳи мусаддаси марфӯъ / мустафъилун / мафъӯлу / мустафъилун — ду бор /, Ҷадиди мусаддаси махбун / фоилотун / фоилотун / мафоилун — ду бор /; дар доираи сенздаҳум баҳри Мутадорики мусаммани махбун / фаилун — ҳашт бор /; дар доираи чаҳордаҳум баҳрҳои Басити мусаммани солим / мустафъилун / фоилун — чор бор /, Мадиди мусаммани солим / фоилотун / фоилун — чор бор /, Тавили мусаммани солим / фаӯлун / мафойлун — чор бор /, Аризи (Мақлуби Тавили) мусаммани солим / мафойлун / фаӯлун — чор бор /, Амиқи (Мақлуби Мадиди) мусаммани солим / фоилун / фоилотун — чор бор /; дар доираи понздаҳум навъҳои вазни рубой — шаҷараи ахрабу ахрамро ҷой додааст. Агар дар доираовард шуда бошад, арӯзиёни форс-тоҷик дар Д. а. ф. шаклҳои солими 42 баҳр ва навъҳои зиёди музоҳафи онро ҷой додаанд.

Ниг. низ *Доираҳои арӯз.*

**Доираҳои арӯз,** чанд доираест, ки арӯзиёни араб ва форс-тоҷик барои осон шудани дарёфт ва ҷудо кардани баҳрҳо аз якдигар тартиб додаанд. Ҳар доира гурӯҳи муайяни баҳрҳоро дарбар мегирад. Ҳангоми дар доираҳо ҷой додани баҳрҳо, пеш



аз ҳама, ҳамнавъ будани рукнҳои онҳо ба назар гирифта шудаанд. Мас., баҳрҳои Тавилу Мадиду Баситро барои он дар як доира ҷой додаанд, ки таркиби ҷузвҳои онҳо ба ҳамдигар баробаранд (ниг. *Мухталифа*). Дар натиҷаи ду маротиба такрор шудани рукнҳои фаӯлун / у — — / ва мафойлун / у — — — / вазни як мисраъ шеъри баҳри Тавили мусаммани солим, дар натиҷаи ду маротиба такрор шудани рукнҳои фоилотун / — у — — /, фоилун / — у — / вазни як мисраъ шеъри баҳри Мадиди мусаммани солим ва дар натиҷаи ду маротиба такрор шудани рукнҳои мустафъилун / — — у — /, фоилун / — у — / вазни як мисраъ шеъри баҳри Басити солим ба вуҷуд меояд. Рукни фаӯлун / у — — / аз як ватади маҷмӯъ / «фаӯ у — / ва як сабаби хафиф /«лун» /, рукни мафойлун / у — — — / аз як ватади маҷмӯъ /«мафо» у — / ва ду сабаби хафиф / «лун» /, рукни фоилотун / — у — — / аз як сабаби хафиф /«фо» —/, як ватади маҷмӯъ /«ило» у —/ ва боз як сабаби хафиф /«тун» —/; рукни фоилун /— у —/ аз як сабаби хафиф /«фо» —/ ва як ватади маҷмӯъ /«илун» у —/; рукни мустафъилун /— — у —/ аз ду сабаби хафиф /«мустафъ» — —/ ва як ватади маҷмӯъ /«илун» у —/; рукни фоилун /— у —/ аз як сабаби хафиф /«фо» —/ ва як ватади маҷмӯъ /«илун» у —/ сохта шудааст. Пас рукнҳои фаӯлуну мафойлуни баҳри Тавил, фоилотуну фоилуни баҳри Мадид ва мустафъилуну фоилуни баҳри Басит аз ҷиҳати таркиби ақзо ба ҳам баробаранд, яъне ҳама аз ду ватади маҷмӯъю се сабаби хафиф иборатанд. Дар хусуси ном ва миқдори Д. а. байни муҳаққиқони ин илм ихтилофи зиёд ҳаст. Аввалин мухтареъи илми арӯз — Халил ибни Аҳмад нахустин тартибдиҳандаи Д. а. мебошад. Баъзеҳо ба Халил ибни Аҳмад панҷ доира, баъзеҳо шаш доираро нисбат додаанд. Мувофиқи таъиноти Халил ибни Аҳмад доираи аввали арӯзи арабӣ Мухталифа, доираи дуюм Мӯъталифа, доираи сеюм Муҷталаба, доираи чаҳорум Муштабаҳа, доираи панҷум Муттафиқа (Мунфарида) ном дорад, ки дар ин панҷ доира шонздаҳ баҳри арӯзи араб Тавил, Мадид, Басит, Вофир, Комил, Ҳазаҷ, Раҷаз, Рамал, Мунсарех, Хафиф, Музореъ, Муқтазаб, Сареъ, Муҷтасс, Мутақориб ва Мутадорик гирд омадааст. Арӯзиёни форс-тоҷик баъди Халил ибни Аҳмад дар асоси доираи Муштабаҳаи арабӣ доирае сохтанд ва онро Мунтазиа номиданд, ки дар он илова ба баҳрҳои Сареъю Хафиф, ки хоси ашъори арабу аҷам буд, се баҳри дигарро (Қариб, Ҷадид, Мушокил) ҷой додаанд, ки фақат дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ истифода мешавад. Насируддини Тӯсӣ илова ба дои-

раҳои зикршуда боз се доира (Муштабаҳаи зонда, Муштабаҳаи музоҳафа ва Муҷталабаи зонда, Муштабаҳаи музоҳафа) тартиб дод, ки ҳамагӣ чаҳордаҳ баҳри музоҳафро дарбар мегиранд (Мунсареҳи мусаммани матвӣ, Музореъи мусаммани мақфуф, Муқтазаби мусаммани матвӣ, Муҷтасси мусаммани маҳбун, Сареъи мусаддаси матвӣ, Қаримусаддаси мақфуф, Мунсареҳи мусаддаси матвӣ, Ҳафифи мусаддаси маҳбун, Музореъи мусаддаси мақфуф, Муқтазаби мусаддаси матвӣ, Муҷтасси мусаддаси матвӣ, Ҳазаҷи мусаммани мақфуф, Рачази мусаммани матвӣ, Рамали мусаммани маҳбун. Ғайр аз ин, арӯзиёни форс-тоҷик аз таркиби аҷзои рукнҳои доираи Мухталифаи арабӣ — фаӯлун / мафойлун / у — — / у — — — / рукнҳои солими баҳрҳои Аризу Амикро бе-рун оварданд, ки фақат ба шеъри форсӣ-тоҷикӣ хос аст. Донишманд ва арӯздонони охири а. 11 ва ибтидои а. 12 Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ ва диг. дар асоси рукнҳои мафойлун / у — — — /, фоилотун / — у — — /, мустафъилун / — — у — / доираҳои Мунғалата, Мунъалиқа ва Мунъакисаро мураттаб сохтанд, ки аз онҳо бисту як баҳр: Боис, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян, Маснӯъ, Мустаъмал, Аҳрас, Мубҳам, Мӯҳмал, Маъқус, Қабир, Сарим, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асам (м), Салим, Ҳамим берун меояд, ки ҳама фақат дар шакли мусаддаси солиманд. Баҳрҳое, ки дар ин се доира ҷой дода шудаанд, дар байни шоирони гузаштаю имрӯза хеле кам маъмуланд, фақат баъзе шоирон барои озмоиши табъи шоирии худ абьёте чанд сурудаанду халос. Номи Д. а. шартист ва бо баҳрҳое, ки дар атрофи онҳо ҷой гирифтаанд, қариб алоқае надорад. Байни арӯзиёни арабу аҷам доир ба тартиби номи Д. а. ва баҳрҳои мутааллиқи онҳо ҳамфикрӣ нест. Шамси Қайси Розӣ дар *«Ал-мӯъҷам»*, Ваҳиди Табрезӣ дар *«Ҷамъи мухтасар»*, Алишери Навой дар *«Мизон-ул-авзон»* доираи авалро «Мӯъталифа» номида, аз он баҳрҳои Ҳазаҷи мусаммани солим, Рачази мусаммани солим, Рамали мусаммани солимро баровардаанд, ҳол он ки дар арӯзи араб Мӯъталифа, доираи дуюм буда, дар он баҳрҳои хӯси шеъри араб — Вофир ва Комил ҷой дода шудаанд. Насируддини Тӯсӣ дар *«Меъёр-ул-ашъор»*, Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» доираи дуюмро Мӯъталифа номида, мисли арӯзиёни араб аз он баҳрҳои Вофиру Комилро баровардаанд. Сайфӣ дар «Арӯзи Сайфӣ» бар ҳилофи дигарон баҳрҳои Ҳазаҷу Рамалу Рачазро дар шакли мусаммани солим дар доираи Муҷталаба ғунҷонида, онро доираи аввал ҳисоб кардааст. Дар арӯзи араб бошад, Муҷталаба доираи сеюм буда, дар онҳо баҳрҳои Ҳазаҷу Рачазу Рамал на дар шакли мусаммани солим, балки



дар шакли мусаддаси солим омадаанд. Баъзе арӯзиёни форс-тоҷик, мисли Шамси Қайси Розӣ ва Насируддини Тӯсӣ ду доираи арӯзи арабиро: Мухталифаро бо баҳрҳои Тавилу Мадиду Басит ва Мӯъталифаро бо баҳрҳои Вофиру Комил ба арӯзи форсӣ-тоҷикӣ надаровардаанд. Шамси Қайси Розӣ миқдори доираҳои арӯзи аҷамро чорто (Мӯъталифа, Мухталифа, Мунтазиа, Муттафиқа), Насируддини Тӯсӣ панҷто (Муҷталабаи солима, Муҷталабаи музоҳафа, Муштабаҳаи мусаммана, Муштабаҳаи мусаддаса, Муттафиқа), Муҳаммад Ғиёсуддин шашто (Мухталифа, Мӯъталифа, Муҷталаба, Муштабаҳа, Мунтазиа, Муттафиқа), Ваҳиди Табрезӣ шашто (Мӯъталифа, Муттафиқа, Муҷталаба, Муштабаҳа, Мухталифа, Мунтазиа), Сайфӣ панҷто (Муҷталаба, Муштабаҳа, Муттафиқа, Мухталифа, Мӯъталифа), Алишери Навой ҳафто (Мӯъталифа, Мухталифа, Мунтазиа, Муттафиқа, Муҷтамаа, Муштабаҳа) донистаанд. Мас. баровардани рукнҳои солими баҳрҳои Ҳазаҷ, Рачаз, Рамал аз доираи якум, ки Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» Мӯъталифа номидааст, ба ин тариқа аст. Доира мувофиқи миқдори ҳиҷоҳои мисраъ ба чаҳор порчаи баробар тақсим шуда, дар ҳар як хоначаи он як ҳиҷо навишта шудааст. (Ниг. расм). Агар аз ҷузви якуми рукни аввали доира, яъне аз



«ма» (у) сар кунем, чаҳор карат мафойлун / у — — — / ба вуҷуд меояд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Ҳазаҷи мусаммани солим (Дило, бас, чанд аз ин савдои он дилдор парвардан), агар аз ҷузви сеюми рукни аввали доира, яъне аз «й» / — / сар кунем, «йлунмафо» / — — у — /, «йлунмафо» / — — у — /, «йлунмафо» / — — у — /, «йлунмафо» / — — у — / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мустафъилун / — — у — /, мустафъилун / — — у — /, мустафъилун / — — у — /, мустафъилун / — — у — /-ро мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Раҷази мусаммани солим (Бас, чанд аз ин савдои он дилдор парвардан, дило), агар аз ҷузви ҷоруми рукни аввали доира, яъне аз «лун» / — / сар кунем, «лунмафой» / — у — —/, «лунмафой» / — у — —/, «лунмафой» / — у — —/, «лунмафой» / — у — — / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоилотун / — у — —/, фоилотун / — у — —/, фоилотун / — у — —/, фоилотун / — у — —/-ро мегузарад, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Рамали мусаммани солимро (Чанд аз ин савдои он дилдор парвардан, дило, бас!) ташкил медиҳанд.

Тамоми Д. а., ки арӯзиёни арабу аҷам дар асарҳои худ гирд овардаанд, аз инҳо иборатанд: Мунфарида, Мунтазиа, Муттафиқа, Мунъакиса, Мунғалата, Мунъалиқа, Мухталифа, Муҷталаба, Мӯъталифа, Муштабаҳа, Муҷтамеа, Муштабаҳаи зоида, Муштабаҳаи Музоҳафа, Муҷталабаи Музоҳафа, Муҷталабаи солима, Мухталифа ва ғ.

Ҳарчанд Д. а. бо мақсади фаҳмидану донистани илми арӯз тартиб дода шуда буд, илми арӯзро осон не, балки боз ҳам душвортар гардониданд. Натиҷаи ҳамин аст, ки муҳаққиқони имрӯза истифодаи Д. а.-ро нолозим мешуморанд.

**Дубаҳра́**, ниг. *Зубаҳрайн.*

**Забо́р**, ф а т ҳ а (ар. زبر -боло, рӯй), дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ аломати ҳаракати болоист / шаклаш — /, ки дар болои ҳарфҳои ҳамсадо гузошта мешавад ва садоноки кӯтоҳи «а»-ро ифода мекунад.

Мисол: پدر -падар, مادر -модар, دست -даст ва ғ.

**Завои́д** (ар. زوائد чамъи زائد зиёдшаванда, зиёда, бисьёр), ниг. *Сакта.*

**Зада́**, бо ёрии воситаҳои гуногуни фонетикӣ (пурқувват, бошиддат, дарозтар, кашишноктар кардани овоз) ҷудо кардани ҳиҷоҳои алоҳидаи калима ё калимае дар таркиби с и н т а г м а (баҳамалоқамандшавии ду узв, ки яке муайянкунандаю муайяншаванда аст) ва ё с и н т а г м а е дар таркиби ҷумла мебошад. З. навъҳои зиёд дорад ва дар забонҳои дуньё мавқеъи он гуногун аст. Дар калимаҳои забони тоҷикӣ (дар исмҳо, сифатҳо, шумораҳо, бештари феълҳо) З. асосан, дар ҳиҷои охири калимаҳо меафтад. Бо вуҷуди ин, баъзан дар забони тоҷикӣ вобаста ба мақсадҳои мухталиф мавқеъ ва ҷои З. тағйир меёбад.



**Задаи мантиқӣ**, задаест, ки бо мақсади пурзӯр кардани ифодаи маъно махсус баландтар талаффуз карда мешавад. З. м. дар илми арӯз, хусусан, ҳангоми *тақтеъи* шеър мақоми махсус дорад. Вобаста ба тарзи талаффуз, баъзан ҳиҷои кӯтоҳ ба вазифаи ҳиҷои дароз меояд. Мас.:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро. (*Ҳофиз*)

Дар ин байт ҳиҷоҳои «ли»-и калимаи «дили», «ли»-и калимаи «холи» ва «ду»-и калимаи «Самарқанду» мувофиқи қоидаи вазни арӯз бояд ҳиҷои кӯтоҳ бошанд, аммо вазни шеър, яъне мафойлун/мафойлун/мафойлун/мафойлун талаб мекунанд, ки ибораи «дили моро», рукни якуми мисраъи дуюм («Ба ҳоли ҳин») ва рукни сеюми мисраъи дуюм («Самарқанду») дар вазни рукни мафойлун / у — — — / мувофиқат кунад. Дар ҳақиқат, ҳангоми талаффуз дар ҳар се маврид дар ҳиҷоҳои зикршуда З. м. меафтад ва ҳиҷоҳо чун ҳиҷои дароз талаффуз карда мешаванд.

**Зала́л** (ар. زلل -бегӯштии рон), ниг. *Азал (л).*

**Замахшарӣ** الزمخشری Абулқосим Маҳмуд ибни Умар (18.3.1075, Замахшар — 13.6.1144, ҳамон ҷо), адиб ва донишманди форс-тоҷик. Аз ашхоси машҳури замонааш буд. З. яке аз сермаҳсултарин адибони форс-тоҷик буда, то замони мо зиёда аз сӣ асари ӯ боқӣ мондааст, ки доир ба соҳаҳои мухталифи илм—адабиёт, тафсир, усули ақоиди ислом, сарфу наҳви забони арабӣ, ҷуғрофия ва ғ. маълумот медиҳанд. Вай бо номи «Ал-қистос фи-л-арӯз» («Мизони арӯз») асаре таълиф кардааст, ки доир ба қонуну қоидаҳои арӯз ва баҳрҳои машҳури он: Ҳазаҷ, Раҷаз, Рамал, Мутақориб, Мутадорик, Музореъ, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб, Тавил, Мадид, Басит, Вофир, Комил, доираҳои арӯз ва ғ. баҳс мекунад.

**Замма́**, п е ш (ар. ضمه -пеш), дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ аломатест (ҳаракатест), ки бар болои ҳамсадоҳо мегузаранд ва он садоноки кӯтоҳи «у»-ро ифода мекунад. Азбаски ҳангоми навиштӣ ҳуруфи арабӣ садонокҳои кӯтоҳро менависанд, барои осон шудани шахси навомӯз бар болои ҳамсадое, ки баъди он садоноки кӯтоҳ меояд, аломат З.-ро ( ˌ ) мегузоранд.

Мисол: بخارا -Бухоро, شدگار -шудгор, سرود суруд, شد -шуд ва ғ.

**Зарб** (ар. ضرب -заниш, задан), дар илми арӯз рукни охирини мисраъи дуюми байтро гӯянд. Ҳар як байт вобаста ба вазни худ ба рукнҳо тақсим мешавад ва ҳар як рукн бошад мувофиқи ҷойгиршавиаш (мавқеаш) дар мисраъҳои байт номи махсус дорад. Барои мисол байти зеринро аз назар мегузаронем, ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф суруда шудааст:

Хаёли дӯст то дар хоб дидӣ,
Зи бехобӣ ба кирдори хаёлӣ. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
Ха-ё-ли-дӯс / -ту-то-дар хо / -бу-ди-дӣ
Зи-бе-хо-бӣ / ба-кир-до-ри / ха-ё-лӣ
мафойлун / мафойлун / фаӯлун
у — — — / у — — — / у — —

Дар ин байт рукни якуми мисраъи аввал / хаёли дӯс у — — — / *садр*, рукни дуюми мисраъи аввал / ту то дар хо у — — — / *ҳашв*, рукни аввали мисраъи дуюм / зи бехобӣ у — — — / *ибтидо*, рукни дуюми мисраъи дуюм / ба кирдори у — — — / *ҳашв*, рукни охири мисраъи дуюм. З. мебошад.

Мисоли дигар. Мутақориби мусаммани маҳзуф:

Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,
Ачам зинда кардам бад-ин порсӣ. *(Фирдавсӣ)*
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаал
у — — / у — — / у — — / у —

Дар ин байт рукни аввали мисраъи аввал / Басе ран у — — / с а д р, рукни дуюми мисраъи аввал / ҷу бурдам у — — / ҳ а ш в, рукни сеюми мисраъи аввал / дар ин со у — — / ҳ а ш в (дар якҷоягӣ ҳ а ш в а й н, яъне ду ҳашв мегӯянд), рукни чаҳоруми мисраъи аввал / л с ӣ у — / а р ӯ з, рукни якуми мисраъи дуюм / Ачам зин у — — / и б т и д о, рукнҳои дуюму сеюми мисраъи дуюм / да кардам у — —, бад-ин по у — — / ҳ а ш в а й н, рукни чаҳоруми мисраъи дуюм / р сӣ у — / З. мебошад.

**За́рби мувасса́ъ** (аз *зарб* ва *мувассаъ*), дар илми арӯз вазнеро гӯянд, ки ба *сабаби* хафифи охири рукн боз с а б а б и х а ф и ф е, яъне ҳиҷои дарозе афзуда бошанд. Агар ба охири рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / як ҳиҷои дароз («лун») илова кунем, фоилотун / — у — — / шакли «фоилотунтун»-ро / — у — — — / мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фоилиётунро / — у — — — / гузошта, М. мехонанд.



Шамси Қайси Розӣ дар асари худ «Ал-мӯъҷам фӣ маойири ашъор-ил-Аҷам» зиҳофҳои махбуну / мафоилун / маҷҳуфи / фаъ / байти мазкурро (Муҷтасси мусаммани махбуни маҷҳуф)

Асири меҳнати он рӯи чун нигорам,
Бикард фурқати ӯ талх рӯзгорам.
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаъ
у — у — / у у — — / у — у — / —

якҷоя карда ба ҷои «мафоилун / фаъ» рукни мафоилотун / у — у — — / -ро истифода бурда, онро м у в а с с а ъ ё З. м. хондааст. Пас, байти болоро ба таври зер тақтеъ кардан лозим аст. (Муҷтасси мусаддаси махбуни мувассаъ):

мафоилун / фаилотун / мафоилотун
у — у — / у у — — / у — у — —

Агар ҳиҷои аввали зиҳофи мувассаъ — фоилиётунро / — у — — — / х а б н кунем, яъне ба ҷои садоноки дарози «о»-и ҳиҷои «фо» садоноки кӯтоҳи «а»-ро гузорем, фоилиётун / — у — — — / шакли фаилиётунро / у у — — — / мегирад, ки онро м а х б у н и м у в а с с а ъ ё махбуни зарби м у в а с с а ъ меноманд.

Мисолҳо барои З. м.:

Рамали мусаддаси мушаасси махбуни мувассаъ (и б т и д о — м а х б у н):

Гар ҳама неъмати якрӯза ба мо бахшад,
Наниҳад миннат бар мову пазирад ҳан. *(Рӯдакӣ)*
фоилотун / фаилотун / фаилиётун
— у — — / у у — — / у у — — —

Рамали мураббаъи мувассаъ:

Ман туро, эй бут, харидорам,
Гар ту маро ноҳаридорӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилотун / фоилиётун
— у — — / — у — — —

Рамали мусаммани мувассаъ:

Ё маро чун ҷон бо танаш омез, ё варо чун ҷон дар вуҷудам рез,
Як чаҳон ду на, ду чаҳон як кун, ё ки бодам кун, боди роҳам кун.
*(Зиё Абдулло)*
фоилиётун / фоилиётун / фоилиётун / фоилиётун
— у — — — / — у — — — / — у — — — / — у — — —

Рамали мусаддаси мувассаъ (арӯз — мусаббағ):

Синаҳои холиро пур карда аз ёд,
Тирамӯҳи тира меояд, хира меояд. *(Бозор Собир)*
фоилотун / фоилийётун / фоилийётун
— у — — / — у — — — / — у — — —

**За́рби музаффо́** (аз *зарб* ва *музаффо*), дар илми арӯз вазнеро гӯянд, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / гузаронидани амалҳои тавсеъ ва тазфият ҳосил мешавад. Агар ба охири рукни фоилотун / — у — — / як сабаби хафиф, яъне як ҳиҷои дароз («лун») илова кунем, фоилотун / — у — — / шакли «фоилотунтун»-ро / — у — — — / мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фоилийётунро / — у — — — / гузошта, мувассаъ мехонанд. Баъди ин, агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и рукни фоилийётун / — у — — — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, фоилийётун / — у — — — / шакли фоилийётон-ро / — у — — ~ / мегирад, ки онро музаффо меноманд. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» зиҳофҳои махбун (мафоилун) ва маҷҳуфи мусаббағи (фоъ) байти мазкурро (баҳри Муҷтасси мусаммани маҷҳуфи мусаббағ):

Бикост собирию оби дида бифзуд,
Дил аз нишот тиҳӣ гашту тан бифарсуд.
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фоъ
у — у — / у у — — / у — у — / ~

якҷоя карда, ба ҷои рукнҳои «мафоилун фоъ» рукни мафоилотон / у — у — ~ /-ро истифода бурда музаффо ё З. м. номидааст.

Дар он сурат байти болоиро ин тавр тақтеъ кардан лозим аст (Муҷтасси мусаддаси махбуни музаффо):

Бикост собирию оби дида бифзуд,
Дил аз нишот тиҳӣ гашту тан бифарсуд.
мафоилун / фаилотун / мафоилотон
у — у — / у у — — / у — у — ~

Мисол:

Рамали мусаддаси музаффо ё З. м.:

Зинҳор, эй дил, барнадеҳ туркаки ман зуд,
Бода пеш овар, ки ғамро бода донам суд. *(Масъуди Саъд)*
фоилотун / фоилотун / фоилийётон
— у — — / — у — — / — у — — ~



**За́рби мутавва́л** (аз *зарб* ва *мутаввал*), дар илми арӯз вазнеро гӯянд, ки тавассути гузаронидани амалҳои тарфил ва татвил ҳосил мешавад. Агар ба охири рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / як сабаби хафиф, яъне як ҳиҷои дароз («лун») илова кунем, мустафъилун / — — у — / шакли «мустафъилунтун» / — — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафъилотун / — — у — — /-ро гузошта мураффал мехонанд. Сипас, ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и ҳиҷои охири рукни мустафъилотун / — — у — — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мустафъилотун / — — у — — / шакли «мустафъилотон» / — — у — ~ /-ро мегирад, ки онро мутаввал ё З. м. меноманд. Баъзе арӯзиён аз шакли зиҳофии мутаввал — мустафъилотон / — — у — ~ / ҳиҷои дуюми онро кӯтоҳ карда, яъне ҳарфи «Ф»-и мустафъилотонро партофтаанд, ки дар ин ҳолат мустафъилотон / — — у — ~ / шакли «мустаъилотон» / — у у — ~ /-ро гирифтааст ва ба ҷои он рукни мустаъмали муфтаилотон / — у у — ~ /-ро гузошта мутаввали матвӣ номидаанд. Агар аз шакли зиҳофии мутаввал — мустафъилотон / — — у — ~ / ҳиҷои чорумӣ онро («ло») кӯтоҳ кунем, яъне ба ҷои садоноки дарози «о»-и ҳиҷои «ло» садоноки «а»-ро гузорем, мустафъилотон / — — у — ~ / шакли мустафъилатон / — — у у ~ /-ро мегирад, ки онро мутаввали мақсур меноманд.

Чанд мисол барои З. м.:

Баҳри Раҷази мураббаъи мутаввал ё З. м.:

Маштоб чандин, эй паризод,
Бар куштани ошиқ ба бедод. *(аз «Ал-мӯъҷам»)*
мустафъилун / мустафъилотон
— — у — / — — у — ~

Баҳри Раҷази мураффали мутаввал ё З. м.:

Шаҳри азизам — шаҳри гулобод,
Ман дар канораш хурсандаму шод. *(Убайд Раҷаб)*
мустафъилотун / мустафъилотон
— — у — — / — — у — ~

Баҳри Раҷази мураббаъи мураффали мақсури мутаввали мақсур ё З. м.:

То кай ту ба ман бо нозу итоб,
Бар пурсиши ман надода чавоб,

Бигзашта равӣ монанди насим,
Аҳволи дилам бинмуда хароб. *(Бобо Ҳоҷӣ)*
мустафъилатун / мустафъилатон
— — у у — / — — у у ~

**Зарбулха́йл** (ар. ضرب الخيل -табли саворон), номи дигари баҳри *Мутадорик*.

**Заҳрои Хонларӣ** донишманди муосири эронӣ, ҳамсари Парвизи *Хонларӣ*, муаллифи китоби *«Роҳнамои адабиёти форсӣ»*.

**Заҳф** (ар. زحف -аз асл дур афтодан), дар илми арӯз тағйиротеро гӯянд, ки дар рукнҳои солим воқеъ шавад.Ниг. *Зиҳоф*.

**Зер,** к а с р а, дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ аломати ҳаракати поёнист / шаклаш — /, ки ба зери ҳарфҳои ҳамсадо гузошта мешавад ва садоноки кӯтоҳи «и»-ро ифода мекунад. Мисол: зид, ضد -зикр, ذكر -зиллат, ذلت зиндагонӣ ذندگانی ва ғ.

**Зеҳнӣ** (тахалл. ном ва фам. Тӯ р а қ у л Н а р з и қ у л о в, 1892, Самарқанд — 1983, Душанбе), адабиётшинос ва донишманди тоҷик. Фаъолияти эҷодиаш ҳамчун шоир аз солҳои 1920 оғоз ёфтааст. Ба қалами ӯ якчанд китобҳои дарсӣ тааллуқ доранд. Муҳимтари асари илмии ӯ китоби «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ» (1963) ва нашри такмилёфтаи ӯ *«Санъати суханан»* (1970, 1979) мебошад, ки дар он бори аввал дар адабиётшиносии советии тоҷик санъатҳои шеърӣ ва авзони арӯзи тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта буд. З. доир ба дигар масъалаҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ ва эҷодиёти даҳанакии халқ мақола ва асарҳои ҷудогона таълиф намудааст.

**Зиҳа́ф** (ар. زحف -аз нишон дур афтодани тир; аз мақсад дур рафтан), ниг. *Зиҳоф*.

**Зиҳо́ф** (ар. زحاف -ҷамъи заҳф زحف -дур рафтан аз асл, аз нишон дур афтодани тир), дар илми арӯз тағйир додани (каму зиёд кардани ягон ҷузъи рукн, табдили ҳарфе ё ҳиҷое) ҷузъи ягон рукни солими (мафойлун, фоилотун, мустафъилун, мафъӯлоту, фоилун, фаӯлун, мутафоилун, мафоилатун, фои-ло-тун, мус-тафъи-лун) баҳрҳои аслиро гӯянд. Миқдори З.-ро чи муҳаққиқони а-ҳои миёна ва чи муҳаққиқони муосир— муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» — Муҳаммад Ғиёсиддин 47-то, муаллифи «Ал-мӯъҷам» — Шамси Қайси Розӣ ва муаллифи «Ҷамъи мухтасар» — Ваҳиди Табрезӣ — 35-то ва муаллифи «Вазни шеъри Форсӣ» — Хонларӣ ва муаллифи «Арӯзи тоҷикӣ» — Баҳром Сирус 45-то гуфтаанд. Муаллифони «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» миқдори зиҳофотро аз 50-то ҳам



зиёд донистаанд. Шумораи зиҳофоте, ки дар ашъори арабу аҷам мавриди истифода қарор гирифтаанд, инҳоянд: абтар / батр — /, азалл / залал ~ /, аслам / салм صلم — — /, аслам / салм ثلم — — /, аслами мусаббағ / — ~ /, асрам / сарм — у — /, ахраб / харб — — у /, ахрам / харм — — — /, ахрами мусаббағ / — — ~ /, аштар / шатар — у — /, аштари мусаббағ / — у ~ /, аксам / қ а с а м — — — /, аксами мусаббағ / — — ~ /, аҳазз / ҳазаз — — /, аҳаззи махбун / у — /, аҳаззи мақсур / ~ /, аҳаззи маҳзуф / — /, аҳаззи музол / ~ /, аҳаззи мусаббағ / — ~ /, аҳзаз / ҳазаз у у — /, аҳзам / ҳазм /, аҳтам / ҳатм у ~ /, аҷам / ҷамм — у — /, аҷами музол / — у ~ /, мавқус / / вақс у — у — /, мавқуси музол / у — у ~ /, мавқуси мураффал / у — у — — /, мавқуси мураффали мусаббағ / у — у — ~ /, мавқуси мутаввал / у — у — ~ /, мавқуф / вақф — — ~ /, мавқуфи матвӣ / — у ~ /, мавқуфи махбун / у — ~ /, максуф / касф — — — /, макфуф / кафф у — — у /, макфуф / кафф — у — у /, макфуф / кафф — у у /, макшуф ё максуф / кашф ё касф — — — /, макшуфи матвӣ ё максуфи матвӣ / — у — /, макшуфи махбун ё махбуни макшуф / у — — /, мамсух / масх у — — у /, манқус / нақс у — — у /, манҳур / наҳр — /, марбӯъ / рабъ у — /, марбӯъи мусаббағ / у ~ /, марфӯъ / рафъ — — у, шакли дигараш — у — /, марфӯъи махбун / у у — /, марфӯъи музол / — у ~ /, марфӯъи мураффал / — у — — /, марфӯъи мураффали мусаббағ ё марфӯъи мутаввал / — у — ~ /, марфӯъи мутаввал / — у — ~ /, маслух / салх ~ /, матвии мавқуф / — у ~ /, матвии макшуф ё матвии максуф / — у — /, матвии махбун / у у у —, шакли дигараш у у — у /, матвии махбуни мавқуф / у у ~ /, матвии махбуни макшуф ё матвии махбуни максуф / у у — /, матвии махбуни музол / у у у ~ /, матвии музол / — у у ~ /, матвии мураффал / — у у — — /, матвии мураффали махбун / — у у — у /, матвии мутаввал / — у у — ~ /, матвӣ / тай — у у —, шакли дигараш — у — у /, матмус / тамс — /, махбул / хабл у у у —, шакли дигараш у у — у /, махбули мавқуф / у у ~ /, махбуни макшуф / у у — /, махбуни музол / у у у ~ /, махбун / хабн у у —, шаклҳои дигараш у у — —, у — у —, у — — у /, махбуни аҳазз / у — /, махбуни аҳаззи музол / у ~ /, махбуни мавқуф / у — ~ /, махбуни макфуф / у у — у, шакли дигараш у — у у /, махбуни макшуф ё максуф / у — — /, махбуни матвии мавқуф / у у ~ /, махбуни матвии макшуф ё максуф / у у — /, махбуни матвии музол / у у у ~ /, махбуни матвӣ / у у у —, шакли дигараш у у — у /, махбуни мақсур / у у ~, шакли дигараш у — — /, махбуни мақтӯъ ё мухаллаъ / у — /, махбуни

мақтӯъ ё мақтӯъи махбун / у — — /, махбуни маҳзуф / у у — /, махбуни мувассаъ / у у — — — /, шакли дигараш / у — у — — /, махбуни музаффо / у у — — ~, шакли дигараш у — у — — ~, махбуни музол / у — у ~, шакли дигараш у у ~ /, махбуни мураффал / у — у — — /, махбуни мураффали мақфуф / у — у — у /, махбуни мусаббағ / у у — ~ /, махбуни мутаввал / у — у — ~ /, машкӯл / шакл у у — у, шакли дигараш у — у у /, маъсуб / асб у — — — /, маъқул / ақл у — у — /, маъқус / ақс — — у /, мағзуб / ғазб — у у —/, мақбуз / қабз у — у —, шакли дигараш у — у /, мақбузи мусаббағ / у — у ~ /, мақсур / қаср у — ~, шаклҳои дигараш — у ~, — — —, у ~ /, мақтуф / қатф у — — /, мақтӯъ / қатъ — — —, шаклҳои дигараш у у — —, — — /, мақтӯъи махбун / у — — /, мақтӯъи махбуни мусаббағ / у — ~ /, мақтӯъи маҳзуф / — — /, мақтӯъи маҳзуфи мусаббағ / — ~ /, мақтӯъи мусаббағ / — — ~, шаклҳои дигараш — у , у у — ~ /, маҳзуз / ҳазаз — —, шакли дигараш — /, маҳзузи маҳзуф / — /, маҳзуф ҳазф у — —, шаклҳои дигараш — у —, у — /, маҳзуфи мақсур / — — /, маҳзуфи мақтӯъ / — — /, маҳзуфи мусаббағ / у — ~ /, маҷбуб / ҷабб у — /, маҷдӯъ / ҷадъ ~ /, маҷзул / ҷазл — у у — /, маҷзули мураффали махбуни мақсур / у у у у — /, маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъ / у у у у у — /, маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъи музол / у у у у ~ /, маҷҳуф / ҷахф — /, маҷҳуфи мусаббағ / ~ , мувассаъ / тавсеъ — у — — — /, мувассаъи махбун / у у — — — /, шакли дигараш / у — у — — /, музаффо / тазфиф — у — — ~ /, музаффои махбун / у у — — ~ /, музмар / измор — — у — /, шакли дигараш / у — у — ~ /, музмари аҳазз / — — /, музмари аҳаззи мусаббағ / — ~ /, музмари мақтӯъ / — — — /, музмари мақтӯъи мусаббағ / — — ~ /, музмари музол / — — у ~ /, музмари мураффал / — — у — — /, музмари мураффали мусаббағ / — — у — ~ /, музмари мутаввал / — — у — ~ /, музол / изолат — — у ~, шаклҳои дигараш — у ~, у у — у ~ /, мураффал / тарфил — — у — —, шакли дигараш у у — у — — /, мураффали матвии мақсур / — у у у — /, мураффали матвӣ / — у у — — /, мураффали махбун / у — у — — /, мураффали махбуни мақфуф ё махбуни мураффали мақфуф / у — у — у /, мураффали махбуни матвии мақсур / у у у у — /, мураффали махбуни матвии мақсури мувассаъ / у у у у у — /, мураффали мақсур / — — у у — /, мураффали мақсури музол / — — у у ~ /, мураффали мусаббағ ё мутаввал / — — у — ~ /, мусаббағ / исбоғ у — — ~, шаклҳои дигараш — у — ~, у — ~ /, мутаввал / татвил — — у — ~, шакли дигараш у у — у — ~ /, мутаввали матвии мақсур ё мураффали матвии



мақсур / — у у у ~ /, мутаввали матвӣ ё матвии мутаввал / — у — ~ /, мутаввали мақсур / — — у у ~ /, мухаззал / тахзил — у у — /, мухаззали музол / — у у ~ /, мухаллаъ / тахлеъ у — —, шакли дигараш у — /, мухаллаъи музол / у ~ /, мухаллаъи мусаббағ / у — ~ /, муханнақ / тахниқ — — — /, муханнақи мақсур / — ~ /, муханнақи маҳзуф / — — /, мушаасс / ташъис — — — /, мушаасси мусаббағ / — — ~ /. Баъзе арӯзиён (мас. Шамси Қайси Розӣ) муоқабат, мусаддар, муаққаз, тарафон (турфон), муроқабат, маҷмум (ҷамам) ва ғ.-ро низ ҷун З. маънидод кардаанд, ки нодуруст аст. Онҳо дар асл З. набуда, роҳҳои сохтани З. ва мавқеъи З. дар афоили арӯзӣ мебошад. Ҳар як З. вобаста ба он ки аз кадом рукн ба вуҷуд омадааст, номи махсус дорад. Мас., ҳангоми аз рукни солими фоилотун / — у — — / ду ҳарфи охир, яъне «ун» партофта «қаср» шавад, «фоилот» / — у· ~ / бокӣ мемонад, ки онро З.-и мақсур (яъне кӯтоҳшуда) меноманд. Сабаби мақсур номидани ин З. он аст, ки мақсур аз калимаи арабии «қаср» буда, маънояш кӯтоҳ кардан аст. Ҳамин тариқ, аз рукни солими мафойлун / у — — — / З.-и мафойл / у — ~ /, аз рукни солими фаӯлун / у — / З.-и фаӯл / у ~ / сохта мақсур номидан мумкин аст. Ба ин ё ба он баҳр тааллуқ доштани шеърро аз рӯи тартиби ҷойгиршавии рукнҳои солим ва З.-ҳо муайян мекунанд. Мас., байти:

Баҳори лоларухсорӣ, нигори сарвболой,
Гули шамшодзулфайнӣ, маҳи хуршедсимой, *(Адиб Собири Тирмизӣ)*

баҳри Ҳазаҷи мусаммани солим буда, ин тавр *тақтеъ* мешавад:

мафойлун / мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — — / у — — — / у — — — / у — — —

Дар натиҷаи тағйир ёфтани яке аз рукнҳои вазни болой вазни нав ба вуҷуд меояд, мас., байти:

Хушо вақто, ки вақти навбаҳор аст,
Мусоид рӯзу маймун рӯзгор аст. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
мафойлун / мафойлун / мафойл
у — — — / у — — — / у — ~

баҳри Ҳазаҷи мусаддаси мақсур.

Аз ҷумлаи З.-ҳое, ки ном бурдем, сию ду З.: мақбуз, мақсур, маҳзуф, махбун, мақфуф, машкул, ахраб, ахрам, аштар, мақтӯъ, мушаасс, матвӣ, мавқуф, макшуф (максуф), аслам

اصلم ), муоқабат, садр, аҷз, турфон, муроқибат, мусаббағ, музол, махбул, мураффал, аслам ( اثلم ) асрам, мақтуф, мухаллаъ, маъсуб, манқус, мавқус, музмар аз арӯзи арабӣ ба ашъори форсӣ-тоҷикӣ гузоштааст. З.-хои маҷдӯъ, ахтам, маҷҳуф, муханнак, матмус, маслух, маҷбуб, азалл, манҳур, марфӯъ, марбӯъ, абтар, аҳазз, мувассаъ, тазфият, мутаввал-ро арӯзиёни форс-тоҷик эҷод кардаанд. З.-хои боқимонда, ки дар ашъори мо камистеъмоланду дар бахрхои хоси араб ва форс-тоҷик каму беш дучор мешаванд, аз тарафи арӯзиёни араб ва форс-тоҷик эҷод гардидаанд.

З.-хое, ки аз рукнхои аслӣ фақат дар натиҷаи даровардани як дигаргунӣ ба вуҷуд меояд, З.-хои муфрад меноманд. З.-хои мураккаб бошанд дар натиҷаи даровардани ду ё се хел дигаргунӣ ба рукнхои аслӣ хосил мегарданд. Ҳар як З.-и муфрад номи алоҳида дорад. Баъзе азоҳифи мураккаб низ соҳиби номи махсус аст. Мас., дар рукн ҷамъ омадани ду зиҳоф махбун (хабн) ва матвӣ (тай)-ро махбул (хабл) ва якҷоя омадани З.-хои махбун (хабн) ва макфуф (кафф)-ро машкул (шакл) меноманд. Аммо бештари З.-хои мураккаб номи махсус надошта, бо номи ду ё се хел дигаргуние, ки дар рукни аслӣ дароварда шудааст, шинохта мешаванд, Мас., махбуни маҳзуф ё матвии махбуни макшуф ва ғ. З.-хои муфрад инҳоянд: мақбуз, аслам ( اصلم ), макфуф, махбун, мақсур, маҳзуф, мақтӯъ, музол, музмар, аҳазз, маъқус, мураффал, ахрам, ахраб, матвӣ, мусаббағ, мавқуф, макшуф (мақсуф), аслам ( اثلم ), мушаасс. З.-хои мураккабе, ки номи махсус доранд, махбул, машкул, абтар (якҷоя омадани З.-хои маҳзуф ва мақтӯъ дар рукни фаӯлун), абтар (якҷоя омадани З.-хои мақтӯъ ва маҳзуф дар рукни фоилотун), абтар (якҷоя омадани З.-хои ахрам ва маҷбуб дар рукни мафойлун), асрам, аштар, ахраб, марбӯъ, манқус, мухаззал, маҷмум, ақсам, маъқус, маҷҳуф, азалл, мухаллаъ, манҳур, З.-хои мураккаб, ки номи мураккаб доранд: аслами мусаббағ, ахрами мусаббағ, аштари мусаббағ, макшуфи матвӣ, матвии мавқуф, матвии макшуф, матвии махбун, матвии махбуни макшуф, (ё максуф), матвии музол, матвии мураффал, махбули мавқуф, махбули музол, махбуни мавқуф, махбуни макшуф (максуф), махбуни матвии макшуф (максуф), махбуни матвӣ, махбуни мақсур / — — /, махбуни мақсур / у у ~ /, махбуни маҳзуф, махбуни музол, махбуни мураффал, махбуни мусаббағ, мақбузи мусаббағ, мақтӯъи махбун, маҳзуфи мусаббағ, маҷҳуфи мусаббағ ва ғ. З.-хои мақсур, маҳзуф, мусаббағ, музол, мураффал, ахтам, маҷбуб, азалл, абтар, маҷдӯъ, манҳур, маслух, матмус, маҷҳуф, аҳзаз, мақтуф,



мақтӯъ, аслам, мавқуф, макшуф (максуф) фақат дар арӯз ва зарбҳои байт, яъне дар рукнҳои охири мисраъи якуму дуюм истифода мешаванд. З.-ҳои боқимонда бошанд дар рукнҳои дигари байт (садр, ибтидо, ҳашв) меоянд. З.-ҳои ахрам, ахраб, аслам ( اصلم ), асрам, аштар, мағзуб, ақсам, маъқус ва ғ. ба воситаи кам кардани ҳарфе ё ҳиҷое аз аввали рукнҳои садр ва ибтидо, яъне аз рукнҳои аввалини мисраъ пайдо мешаванд. З.-ҳои маҳзуф, мақтӯъ, мақсур, мақтуф, аҳазз, аслам ( اثلم ), мавқуф, макшуф, абтар, мақбуз, макфуф, маҷбуб бошанд дар натиҷаи аз рукнҳои охир (арӯз ва зарб) гирифта партофтани ҳарфе ё ҳиҷое ҳосил мешаванд. З.-ҳои мусаббағ, музол ва мураффал тавассути зиёд кардани садоноки «о» ё ягон сабаби хафиф / — / дар охири рукнҳои байт (яъне дар рукнҳои а р ӯ з ва з а р б) ба вуҷуд меоянд.

Баъзан ҳангоми тағйир додани рукнҳои аслӣ шаклҳои наве пайдо мешаванд, ки ба рукни аслии он қариб монандӣ надоранд. Мас., З.-ҳои махбуни рукни аслии мустафъилун «мафойлун» аст, ки аз мустафъилун ба тамомӣ фарқ дорад. Сабаб он аст, ки ҳангоми ба дигаргунӣ дучор омадани рукнҳои аслӣ шаклҳое ба вуҷуд меоянд, ки ҳам талаффузи онҳо душвор ва ҳам намуди зоҳириашон аз шаклҳои маъмули арӯз дур аст. Аз ин рӯ, ба ҷои шакли нави ҳосилшуда яке аз шаклҳои маъмули арӯзро мемонанд. Чунончи, агар аз рукни мустафъилун ба воситаи хабн (яъне партофтани ҳарфи дуюми сокин) ҳарфи «с» гирифта шавад, шакли «мутафъилун» / у — у — / боқӣ мемонад, ки аз ҷиҳати ҳиҷою вазн бо мафоилун / у — у — / як аст, барои ҳамин ба ҷои мутафъилун / у — у — / мафоилун / у — у — / гузошта, З.-и махбун номидаанд. Аз ин рӯ, З.-ҳое, ки аз рукнҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд, ҳарчанд як шакл доранд, вале номҳои онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Мас., З.-и мафъӯлун / — — — / ҳам дар баҳри Ҳазаҷ (номаш ахрам), ҳам дар баҳри Рамал (номаш мушаасс) ва ҳам дар рукни мустафъи-лун (номаш мақсур) дучор меояд. Ғайр аз ин, гоҳо дар зери номи як З. шаклҳои мухталиф меоянд. Мас., З.-и мафоилун / у — у — /, ки аз рукни мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд омадааст, махбун ном дорад. З.-и махбуни рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / дар шакли фаилотун / у у — — /, З.-и махбуни рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / дар шакли фаилун / у у — / ва З.-и махбуни рукни мафъӯлоту / — — — у / дар шакли мафойлу / у — — у / дучор мешавад.

Мисоли баҳри Рамали мусаммани махбуни маҳзуф:

Мазраи сабзи фалак дидаму доси маҳи нав
Ед аз киштаи хеш омаду хангоми дарав. *(Ҳофиз)*
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаилун
— у — — / у у — — / у у — — / у у —

Мисоли баҳри Рачази мусаммани матвии махбун:

Он ки наботи оразаш оби ҳаёт мехўрад,
Дар шакараш нигоҳ кунад ҳар ки набот мехўрад. *(Саъдӣ)*
муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафоилун
— у у — / у — у — / — у у — / у — у —

Мисоли баҳри Мутадорики мусаммани махбун:

Чу рухат набувад гули боғи Ирам,
Чу қадат набувад қади сарви чаман
фаилун / фаилун / фаилун / фаилун
у у — / у у — / у у — / у у —

Аз ҷумлаи З.-ҳое, ки ном бурдем, З.-ҳои ахраб / — — у /, ахрам / — — — /, макфуф / у — — у /, мақбуз / у — у — /, маҳзуф / у — — /, мақсури / у — ~ / рукни асосии баҳри Ҳазаҷ, З.-ҳои маҳзуф / — у — /, мақсур / — у ~ / ва махбуни / у у — — / рукни асосии баҳри Рамал ва З.-и матвии / — у у — / рукни асосии баҳри Рачаз хеле серистеъмол мебошанд. Онҳо ҳам дар сохтани навъҳои гуногуни баҳри аслии Ҳазаҷ, Рамал, Рачаз ва ҳам дар сохтани навъҳои гуногуни баҳрҳои фаръӣ: Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Ҳафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб иштирок менамоянд. Мисоли баҳри Ҳазачи мусаммани ахраб:

Гар зулфи парешонат дар дасти сабо афтад,
Ҳар чо, ки диле бошад, дар доми бало афтад. *(Ҳофиз)*
мафъўлу / мафойлун / мафъўлу / мафойлун
— — у / у — — — / — — у / у — — —

Мисоли баҳри Музореъи мусаммани ахраби макфуфи мақсур:

Гуфтам: «Маро дахону лабат комрон кунанд»,
Гуфто: «Ба чашм, харчи ту гўй, хамон кунанд». *(Хофиз)*
мафъўлу / фоилоту / мафоилу / фоилон
— — у / — у — у / у — — у / — у ~



Мисоли баҳри Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф:

Ин чаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ў нигарӣ. *(Рўдакӣ)*
фоилотун / мафоилун / фаилун
— у — — / у — у — / у у —

Мисоли баҳри Сареъи мусаддаси матвии макшуф (максуф):

Пистаи ту ҳаст шифои дилам,
З-он ки шуд ў хастаи бодоми ту. *(Рўдакӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у у — / — у —

Ҳар кадом аз 10 рукни солим аз 10 то 35 зиҳоф доранд, ки ҳар яки онҳо дар сохтани навъҳои мухталифи баҳрҳои аслию фаръӣ иштирок менамоянд. Баъзе арўзиёни форсу-тоҷик мисли Рашиди Ватвот, Насируддини Тўсӣ, Салмони Соваҷӣ дигаргуниҳои дар сабаби хафифу / — / сабаби сакил / у / рўйдодаро З. ва дигаргунии дар ватади маҷмўъ / у — / рўйдодаро илал номидаанд.

**Зоид** (ар. زائد -зиёдшаванда, зиёда), дар илми қофия ҳарферо гўянд, ки ба хурўҷ пайвандад. Мас., дар қофияи «заҳмат», «даамат», ҳарфи «дол» равист ва «ҳо»-е, ки дар ҳоли ҳаракати «ҳамза» дар талаффуз бадали ўст, васл ва «мим» хуруҷ ва «то» зоид мебошад.

**Зубаҳра́йн,** ниг. *Зулбаҳрайн.*

**Зубуҳу́р** (аз ар. ذو -соҳиб, доранда ва, بحور -баҳрҳо), ниг. *Муталаввин.*

**Зулбаҳра́йн,** зубаҳрайн (ар. ذو البحرين -дорои ду баҳр), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои лафзист. Шеърест, ки ба ду баҳри арўз хонда мешавад. Мас.:

Ғунчаи гулшаккари ў дилрабой,
Ғамзаи ҷонпарвари ў дилкушой
Сад дилу ҷон хастаи абрўяш буд,
Сад тану сар бастаи гесўяш буд.
Аз гули ў сунбули тар тоб дошт
В-аз маҳи ў дидаи хур об дошт.
Ахтари ў талъати тобанда дошт,
Ҷокари ў давлати поянда дошт.

Агар баъзе калимаҳои абьёти болоиро қувватноктар хонем, баҳри Рамали мусаддаси мақсур — фоилотун / — у — —/, фоилотун / — у — —/, фоилон / — у ~ / ва агар сабуктар хонем, баҳри Сареъи мусаддаси матвии мавқуф — муфтаилун / — у у —/, муфтаилун / — у у —/, фоилон / — у ~ / мешавад. Маснавиҳои «Маҷмаъ-ул-баҳрайн»-и Котибии Туршезӣ ва «Юсуф ва Зулайхо»-и Амъақи Бухорой дар санъати З. суруда шудааст. Тамоми абьёти ин ду маснавӣ дар баҳрҳои Рамал ва Сареъ хонда мешаванд. Баъзе ғазалҳои машҳури шоирони бузурги адабиёти классикии форс-тоҷик — Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Сайидои Насафӣ ва диг.-ро вобаста ба иваз намудани тақтеъи шеър дар ду баҳри мухталиф метавон хонд. Мас. ин байти Ҳофизро:

Донӣ, ки чист давлат? Дидори ёр дидан,
Дар кӯи ӯ гадой бар хусравӣ гузидан.

ба таври:

мафъӯлу / фоилотун / мафъӯлу / фоилотун
— — у / — у — —/ — — у / — у — —

*тақтеъ* кунем, баҳри Музореъи мусаммани ахраб ва агар ба таври:

мустафъилун / фаъӯлун / мустафъилун / фаъӯлун
— — у — / у — —/ — — у — / у — —

тақтеъ намоем, Мунсареҳи мусаммани махбуни мақшуф мешавад. З. дар илми санъати шеърӣ бо номи муталлаввин низ машҳур аст.

**Зулқофиятайн,** ниг. *Зуқофиятайн.*

**Зуқофиятайн** (ар. ذو قافيتين -дорои ду қофия), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои лафзист. Шеърест, ки дар он ду қофия истифода шудааст. Аксари шоирон ин санъатро барои он кор фармудаанд, ки шеъри онҳо аз ҷиҳати шакл зебо ва дилкаш шавад. Мас. дар ин ғазали Ҷомӣ, ки дар баҳри Музореъи ахраби макфуфи маҳзуф (мақсур):

мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилун
— — у / — у — у / у — — у / — у —

суруда шудааст, аз матлаъ то мақтаъи он дар ҳарду мисраъи аввал ва мисраъҳои ҷуфти байтҳои дигари ғазал санъати З. истифода шудааст:



1) Эй бо лаби ту тӯтии ширинзабон забун,
Кардӣ инон зи панҷаи симинбарон бурун:
2) Бо хусну илтифоти ту мӯътод гаштаам,
Бар мо макун убур тағофулкунон кунун.
3) Гар бишканӣ ба санги ситам хуккаи дилам,
Ҷуз гавҳари ниёз наёбӣ дар он дарун.
4) Лабташна меравам зи паяш, гарчи меравад
Бар рӯям аз ду дидаи пурхун аён уюн.
5) Хохӣ, дило, ба пой кунӣ хаймаи мурод,
З-он мӯ талаб танобу аз он қад ситон сутун.
6) Дар мулки ишқ мансаби олию дун басест,
Некон намуда майл ба олӣ, бадон ба дун.
7) Ҷомӣ алам ба олами девонагӣ фарохт,
Чун сохт ишқ рояти фарзонагон нагун.

Мисоли диг:

Қавокиб ту барбастӣ афлокро,
Ба мардум ту оростӣ хокро.
Ки чун шоҳи Чин зин бар абраш надод,
Фалак наъли зангӣ бар оташ ниход.
Ба ҳар кишваре дидан ороише,
Ба ҳар манзиле кардан осоише. *(Низомӣ)*
фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун / фаал
у — —/ у — —/ у — —/ у —

Дар абёти болой, ки дар баҳри Мутақориби мусаммани маҳзуф (рукнҳои охири байти дуюм — мақсур) суруда шудааст, калимаҳои «барбастӣ» ва «афлокро»-и мисраъи аввал бо калимаҳои «оростӣ» ва «хокро»-и мисраъи дуюм, калимаҳои «абраш» ва «надод»-и мисраъи сеюм бо калимаҳои «оташ» ва «ниҳод»-и мисраъи чаҳорум ва калимаҳои «додан»-у «ороише»-и мисраъи панҷум ва калимаҳои «кардан» ва «осоише»-и мисраъи шашум ҳамқофия шуда, оҳанги шеърро гуворо ва дилкаш гардонидаанд.

Ҳангоми таҳлили абёти:

Ба даври лолаи хумро, биё, ҷоно, сӯи саҳро,
Бикаш хуш соғари саҳбо, барафрӯз он рухи зебо.
Шудем охир зи ҳичронат дилафсурда, биё ин ҷо,
Узори оташин бинмо, фикан оташ ба ҷони мо.
Макун чандин ту истиғно, мапӯшон рух зи мо, ҷоно,
Никоб аз рух фикан боло, масӯз аз ғам дили моро.
мафойлун / мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — —/ у — — —/ у — — —/ у — — —

ба шахс лозим меояд, ки қариб тамоми нозукиҳои илмҳои қофия, арӯз ва саноеъи шеъриро аз худ кунад, зеро мақсади шоир аз эҷоди чунин шеър истеъдод ва ҳунар аст. Тамоми абёти ин ғазал дар асоси санъатҳои ташреъ, тафлиқ, зукофиятайн, талаввун иншо гардидааст. Шоир бинои ғазалро бар се қофия тарзе гузоштааст, ки ҳангоми хондан назм носаҳеҳ ва маънӣ халал намеёбад. Дар ғазали боло калимаҳои «саҳро», «зебо», «ҷо», «мо», «ҷоно», «моро» қофия буда, вазнаш Ҳазаҷи масаммани солим (ҳашт бор мафойлун) мебошад.

Агар бинои ҳамин шеърро бар қофияҳои «ҷоно», «саҳбо», «бинмо», «боло» гузорему вазни онро ба баҳри Ҳазаҷи мусаддаси солим (шаш бор мафойлун) табдил диҳем, ғазали зерин ба вуҷуд меояд:

Ба даври лолаи ҳумро, биё, ҷоно,
Сӯи саҳро, бикаш хуш соғари саҳбо.
Шудем охир зи ҳичронат дилафсурда,
Биё ин ҷо, узори оташин бинмо.
Макун чандин ту истиғно, мапӯшон рух
Зи мо, ҷоно, ниқоб аз рух фикан боло.
мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — — / у — — — / у — — —

Қалимаҳое, ки аз ғазали аввала боқӣ мондаанд, якҷоя кунем, байти зерин дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси солим (шаш бор мафойлун) ҳосил мешавад:

Барафрӯз он рухи зебо, фикан оташ
Ба ҷони мо, масӯз аз ғам дили моро.
мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — — / у — — — / у — — —

Дар ҳолате ки шеъри болоро дар асоси қофияҳои «ҳумро», «саҳро», «ҷо», «ҷоно» ба вазни Ҳазаҷи мураббаъи солим (часеюму панҷум)-и онро ду тақсим намоем, ғазали зерин ба вуҷуд меояд:

Ба даври лолаи ҳумро
Биё, ҷоно, сӯи саҳро.
Шудем охир зи ҳичронат
Дилафсурда, биё ин ҷо.
Макун чандин ту истиғно,
Мапӯшон рух зи мо, ҷоно.
мафойлун / мафойлун
у — — — / у — — —



Агар бинои ғазали авваларо, ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани солим гуфта шуда буд, бар қофияҳои «ҳумро», «саҳро», «саҳбо», «зебо», «ҷо», «бинмо», «мо», «истиғно», «ҷоно», «боло», «моро» гузорем, яъне тамоми мисраъҳои шеърро ду тақсими баробар карда ба шакли мураббаъи солим гардонем, ғазали зерин ҳосил мегардад:

Ба даври лолаи ҳумро
Биё, ҷоно, сӯи саҳро.
Бикаш хуш соғари саҳбо,
Барафрӯз он рухи зебо.
Шудем охир зи ҳичронат
Дилафсурда, биё ин ҷо.
Узори оташин бинмо,
Фикан оташ ба ҷони мо.
Макун чандин ту истиғно,
Мапӯшон рух зи мо, ҷоно.
Ниқоб аз рух фикан боло,
Масӯз аз ғам дили моро.
мафойлун / мафойлун
у — — — / у — — —

Дар сурате, ки бинои байти аввали ғазали якумро дар асоси қофияҳои «ҷоно» ва «саҳбо» сохта, калимаҳои боқимондаи байти нахустинро ба аввали байти дуюм, калимаҳои боқимондаи байти дуюмро ба аввали байти сеюм, калимаҳои боқимондаи байти сеюмро ба аввали байти панҷум илова намоем, ғазали зерин дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси солим (шаш бор мафойлун) ба вуҷуд меояд:

Ба даври лолаи ҳумро биё, ҷоно,
Сӯи саҳро, бикаш хуш соғари саҳбо.
Барафрӯз он рухи зебо, шудем охир
Зи ҳичронат дилафсурда, биё ин ҷо.
Узори оташин бинмо, фикан оташ
Ба ҷони мо, макун чандин ту истиғно.
Мапӯшон рух зи мо, ҷоно, ниқоб аз рух
Фикан боло, масӯз аз ғам дили моро.
мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — — / у — — — / у — — —

Чунин тарзи қофиясозӣ, ки бештар санъати илтизомро ба хотир меорад, асосан дар ашъори шоирони классикии форс-тоҷик бештар дучор шуда, дар ашъори шоирони имрӯзаи тоҷик

бисёр кам мушоҳида мешавад. Шоири тоҷик Гулназар матлаъи ғазали худро дар асоси З. эҷод кардааст, ки дар ниҳояти салосату ҷазолат ба вукӯъ омада, санъати тарсеъро ба хотир меорад:

Адои катраи обам, ки дарё мешавад рӯзе,
Фидои зарраи хокам, ки дунё мешавад рӯзе.
мафойлун / мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — — / у — — — / у — — — / у — — —

Дар ин байт на танҳо калимаҳои «адои», «катраи», «хокам», «дарё»-и мисраъи аввал бо калимаҳои «фидои», «зарраи», «хокам», «дунё» ҳамқофия шуда, санъати З.-ро ба вуҷуд овардаанд, балки ҳар калимаи мисраъи аввал ба ҳар калимаи мисраъи дуюм аз ҷиҳати таркиби афоил низ баробаранд. Калимаҳои «адои», «фидои»-и харду мисраъ бар вазни фаӯлун / у — — /, калимаҳои «катраи» ва «зарраи» бар вазни фоилун / — у — /, калимаҳои «обам» ва «хокам» бар вазни фаълун / — — /, калимаҳои «ки» ва «ки»-и ҳар ду мисраъ бар вазни фа / — /, калимаҳои «дарё» ва «дунё» бар вазни фаълун / — — / ва калимаҳои «рӯзе»-и харду мисраъ бар вазни фаълун / — — / мувофиқ омадаанд. Агар афоили ҳосилшударо, яъне «фаӯлун», «фоилун», «фаълун», «фа», «фаълун», «фоилун» ва «фаълун»-ро ба афоили мустаъмал баргардонем, он гоҳ:

фаӯлун фоилун фаълун фа фаълун фоилун фаълун
у — — — у — — — у — — — у — — —

шакли:

мафойлун / мафойлун / мафойлун / мафойлун-ро
у — — — / у — — — / у — — — / у — — —

мегирад, ки номаш баҳри Ҳазаҷи мусаммани солим мебошад.

**Зуқофиятайни ҳоҷиб** (аз *зуқофиятайн* ва *ҳоҷиб*), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик шеъреро гӯянд, ки дар миёни ду қофияи он ҳоҷиб омада бошад.

Мисол:

Эй шоҳи ҷаҳон, дар осмон дорӣ тахт,
Суст аст адӯ, то ту камон дорӣ сахт,
Ҳамла сабук орию гарон дорӣ рахт.
Пирӣ ту ба тадбиру ҷавон дорӣ бахт. *(Муиззӣ)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойлун / фоъ
— — у / у — у — / у — — — / ~



Дар ин рубоӣ, ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи азал эҷод шудааст, шоир дар ҳар мисраъ ду қофияро истифода намудааст. Қалимаҳои «осмон», «камон», «гарон», «ҷавон» қофия ва ҷузвҳои «он» решаи қофия буда, садоноки «о» ба вазифаи ридфи муфрад, ҳамсадои «н» ба вазифаи равии мукайяд омадааст. Худи қофия низ қофияи мукайяд аст, зеро ҳарфи равӣ ба васл начаспидааст. Қофияҳои дуюми ин рубоӣ аз калимаҳои «тахт», «сахт», «рахт», «бахт» иборатанд. Решаи ин қофияҳо «ахт» мебошад, ки садоноки кӯтоҳи «а» ба вазифаи ҳазв, ҳамсадои «х» ба вазифаи қайд ва ҳамсадои «т» ба вазифаи равии мукайяд омадааст. Ин қофия низ қофияи мукайяд мебошад, зеро ҳарфи р а в ӣ, яъне ҳарфи «т» ба ҳарфи в а с л начаспидааст. Қалимаи «дорӣ», ки дар байни ду қофияи тамоми чаҳор мисраъ айнан такрор омадааст, *ҳоҷиб* мебошад. Ҳамин хусусияти шеърро ба назар гирифта рубоии болоиро З. ҳ. номидан мумкин аст.

**Ибни Сино** ابن سينا Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Алӣ (16.8.980, деҳаи Афшанаи Бухоро — 18.6.1037, Ҳамадон), файласуф, табиб, табиатшинос ва адиби бузурги тоҷик. Вай бо номи *«Ҳикмат-ул-арӯзия»* рисолае таълиф кардааст, ки дар он оиди шеър, масъалаҳои назарияи шеър, санъатҳои бадеӣ ва вазни шеър (арӯз) сухан меравад.

**Ибни Қутайба** ابن قتيبه Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Муслим ибни Қутайбаи Диноварӣ (828, Бағдод — 889, ҳамон ҷо), адабиётшинос ва донишманди эронинажоди араб. Муаллифи *«Аш-шеър ва-ш-шуаро»*.

**Ибтидо** (ар. ابتدا -оғоз, аввал), дар илми арӯз *рукни* аввали мисраъи дуюми байтро гӯянд. Ҳар як байт вобаста ба вазни худ ба рукнҳо тақсим мешавад ва ҳар як рукн бошад мувофиқи ҷойгиршавиаш (мавқеаш) дар мисраъҳои байт номи махсус дорад. Барои мисол байти зеринро аз назар мегузаронем, ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (ё мақсур) суруда шудааст:

Маро гӯй, ки дил дар ишқ хуш дор,
Хушиву ошиқӣ бо ҳам набошад. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
Ма-ро-гӯ-й / ки-дил-дар иш / қ хуш дор
Ху-ши-ву о / ши-кӣ-бо ҳам / на-бо-шад.
мафойлун / мафойлун / фаӯлун
у — — — / у — — — / у — —

Дар ин байт рукни якуми мисраъи аввал (маро гӯй у — — — *садр*, рукни дуюми мисраъи аввал / ки дил дар иш у — — — / *ҳашв*, рукни охири мисраъи аввал / қу хуш дор у — — —

*арӯз*, рукни якуми мисраъи дуюм / хушиву о у — — — / *ибтидо*, рукни дуюми мисраъи дуюм / шиқӣ бо ҳам у — — — ҳ а ш в, рукни охири мисраъи дуюм / набошад у — — / *зарб* мебошад.

М и с о л и д и г:

Ҳамчунон чун тани мо зинда ба об асту ҳаво,
Сухани хуб дили мардумро об асту ҳавост. *(Носири Хисрав)*
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаилун
— у — — / у у — — / у у — — / у у —

Дар ин байт, ки дар баҳри Рамали мусаммани маҳбуни маҳзуф ё мақсур эҷод шудааст, рукни аввали мисраъи якум / ҳамчунон чун — у — — / с а д р, рукни дуюми мисраъи якум / тани мо зин у у — — / ҳ а ш в, рукни сеюми мисраъи якум / ба об ас у у — — / низ ҳ а ш в / ҳар ду ҳашвро дар якҷоягӣ ҳ а ш в а й н меноманд /, рукни чаҳорум, яъне рукни охири мисраъи якумро а р ӯ з, рукни аввали мисраъи дуюм / сухани хуб у у — — / и б т и д о, рукнҳои дуюму сеюми мисраъи дуюм / дили мардум у у — —, ро об ас — — — / ҳ а ш в а й н, рукни охири мисраъи дуюм /ту ҳавост у у ~ / з а р б мебошад.

**Ибқо́** (ар. ابقا -зинда ва бокӣ гузоштан, тараҳҳум намудан), дар илми арӯз тағйиротеро гӯянд, ки ҳангоми муоқибати афоиле ба вуҷуд меояд. Ҳарчанд дар р у к н ҳ о и а с л ӣ ё ф а р ъ и и арӯз тавассути гузаронидани амале (мас., амалҳои х а б н, к а ф ф, т а ӣ, с а л м, қ а б з, ҷ а д ъ, қ а т ъ, ҳ а з ф ва ғ.) дар шакли афоил тағйироте рӯй диҳад, аммо асоси (решаи) афоил боқӣ мемонад. Мас. вақте ки дар рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / амали қ а б з р о мегузаронем (ниг. *Мақбуз*), мафойлун / у — — — / шакли мафоилун / у — у — /-ро мегирад, ҳангоми гузаронидани амали к а ф ф (ниг. *Макфуф*) рукни мафойлун / у — — — / ба мафойлу / у — — у / табдил меёбад. Тамоми тағйироте, ки дар рукни асосии ин ё он баҳр ба вуҷуд меояд, ҳангоми *тақтеъ* бо номи ҳамон баҳр якҷоя ном бурда мешавад. Мас.: рубоии зер дар асоси зиҳофҳои ахраб / мафъӯлу — — у /, мақбуз / мафоилун у — у — /, макфуф / мафойлу у — — у / ва мачбуб / фаал у — / сохта шудааст, ки ҳар чор аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / берун омадаанд. Аз ин рӯ, вазни баҳрро Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи мачбуб меҳонанд:

Ишқи дили ман на ишқи Фарҳод бувад,
Қори дили ман на доду фарёд бувад.



Ишқ аст, ки дил зи ҳастиаш шод бувад,
Аз ғуссаву кулфату ғам озод бувад. *(Ҳабиб Юсуфӣ)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойлу / фаал
— — у / у — у — / у — — у / у —

Абёти поёнӣ дар яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф суруда шудааст:

Агар айби касе аз кас шунидӣ,
Чунон кун он суҳан ҳаргиз надидӣ.
Ҳар он кас айби мардум бо ту гӯяд,
Бидон, бо дигарон айби ту ҷӯяд. *(Рағиб)*
мафойлун / мафойлун / фаӯлун
у — — — / у — — — / у — —

Дар ин вазн ду рукни солим / мафойлун у — — — / ва як зиҳоф фаӯлун / у — — / иштирок дорад, ки дар натиҷаи гузаронидани амали ҳ а з ф ба вуҷуд омадааст, ки он ҳам аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун берун омадааст. И. дар тамоми рукнҳои асосии б а ҳ р ҳ о и с о л и м ва ф а р ъ и и арӯз дучор меояд.

Байти зерин, ки дар асоси зиҳофҳои матвии рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / ва зиҳофи матвии макшуфи рукни солими мафъӯлоту / — — — у / сохта шудааст, дар натиҷаи гузаронидани амалҳои т а ӣ ва т а ӣ ю к а ш ф ҳосил гардидаанд:

Адли ту гар файзрасонӣ кунад,
Бар рамаҳо гург шубонӣ кунад. *(Ҷомӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у у — / — у —

Барои ҳамин, вазни ин байтро Сареъи мусаддаси матвии макшуф меноманд. Сабаби чунин номидани ин вазн аз он иборат аст, ки рукнҳои солими баҳри Сареъ аз мустафъилун / — — у — /, мустафъилун / — — у — /, мафъӯлоту / — — — у / иборат буда, дар натиҷаи гузаронидани амали т а ӣ аз мустафъилуни якуму дуюм зиҳофи муфтаилун / — у у — / ва дар натиҷаи гузаронидани амалҳои т а ӣ ва к а ш ф (ниг. *Макшуф*) зиҳофи матвии макшуф / фоилун — у — / ҳосил шудааст.

**Измо́р** (ар. اضمار -дар замир гирифтан, пӯшида сухан гуфтан, лоғар кардан), ниг. *Музмар.*

**Изола́т**, и з о л а (ар. اذالت -доман дароз кардан, зоилгардонӣ, маҳв кардан), ниг. *Музол.*

**Изофа́т**, бандаки изофӣ (ар. اضافت -афзудан, зиёд кардан), морфемаеро гӯянд, ки аз реша ё асоси калима зиёд аст. И. яке аз воситаҳои серистеъмоли алоқаи тобеъӣ дар ташаккули забон ба шумор меравад. Вай ба калимаи тобеъкунанда васл шуда, калимаи тобеъшавандаро ба он алоқаманд менамояд. Мисол: «китоби ман», «бародари шумо», «боғи калон» ва ғ.

И. дар шеър вобаста ба тарзи талаффуз ҳам ҳиҷои кӯтоҳ ва ҳам ҳиҷои дароз мешавад. Мас.:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро. *(Ҳофиз)*

Дар ин байт И.-и ибораҳои «дили моро» ва «холи ҳиндуяш» ба вазифаи ҳиҷои дароз омадааст.

**Икфо**, акфо (ар. اکفا -кач кардан, аз мақсад рӯй бар-гардонидан), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик қофияи камбаҳоеро гӯянд, ки дар он ҳарфи *равӣ* ба ҳарфи дигар табдил ёфта бошад. Ҳангоми табдили ҳарфи равӣ ба ҳарфи дигар, пеш аз ҳама, дар талаффуз монандии ҳарфҳои И.-шавандаро ба назар мегиранд. Мас.: агар калимаҳои «марг»-ро бо «тарк», «тӯп»-ро бо «хуб», «эҳтиёт»-ро бо «эътимод» қофия бандем, И. ба вуҷуд меояд, чунки дар ин калимаҳо ҳарфҳои «г» бо «к», «п» бо «б», «т» бо «д» равӣ буда, ҳангоми талаффуз қариб як хел шунида мешаванд. Мисол:

Милтиқу шамшер, пулемёту танк,
Ҳамдами рӯзу шаби ҳар марди ҷанг. *Деҳотӣ)*
фоилотун / фоилотун / фаилон
— у — — / — у — — / — у ~

Аксари адабиётшиносони гузашта И.-ро аз айбҳои қофия донистаанд. Мас., Шамси Қайси Розӣ боби панҷуми қисми дуюми китоби «Ал-мӯъҷам»-ро, ки дар хусуси акво, синод, ито сухан меравад, «Дар уюби қавофӣ ва авсофи нописандидае, ки дар каломи манзум афтад» ном ниҳодааст. Агар равӣ аз ҳарфҳое сохта шавад, ки ҳангоми талаффуз монандии онҳо ҳис нагардад (мас., миёни «н»-у «ҷ» ё миёни «х»-ю «б» ва ғ.), онро аз айбҳои қофия ҳисоб накунанд ва он назмро шеър нагӯянд.

**Ила́л** (ар. علل -бемориҳо), дар илми арӯз тағйиротеро гӯянд, ки дар ватади маҷмӯъ /у —/, ватади мафрӯқ /— у/ рӯй дода, дар рукнҳои арӯз ва зарб истифода шуда бошад. Ҳарчанд тағйир ёфтани ҷузви ягон рукни солими



(мафойлун, фоилотун, мустафъилун, фо-ило-тун, мус-тафъилун, мафъӯлоту, фаӯлун, фоилун, мутафоилун, мафоилатун) баҳрҳои аслӣ назди умум зиҳоф бошад, аммо арӯзиён тағйиротеро, ки фақат ба *сабабҳо* тааллуқ дорад, зиҳоф ва тағйироти дар *ватадҳо* рӯйдодаро И. номидаанд. Пас, мақсур, маҳзуф, музол, мусаббағ, мураффал, аҳтам, маҷбуб, азалл, абтар, маҷдӯъ, манҳур, маслух, матмус, маҷҳуф, аҳзаз, мақтуф, мақтӯъ, аслам, мавқуф, макшуф, макфуф, ахрам, асрам, аштар, ахраб, ақсам, маъқус, марфӯъ, мухаллаъ, манҳур ва ғ дар асл И. буда, лекин бо номи зиҳоф машҳуранд.

Ниг. низ *Зиҳоф*.

**«Илм-ул-арӯз»**, ниг. *«Арӯзи Сайфӣ»*.

**Имола́** (ар. امالـه -майлон додан, моил гардонидани чизе ба поён ба сӯи чизе), дар илми арӯз ҳиҷоеро меноманд, ки дар натиҷаи бо кашиш хондани калима ба вуҷуд меояд. И. ҳарчанд бо тақозои вазн пайдо шавад ҳам, аммо он аз ҷумлаи нуқсонҳои шеър ҳисоб меёбад. И. ду хел аст: мақдӯҳ ё нораво ва мақбул ё раво.

1. И.-и мақдӯҳ ( مقدوح -нописандида) ё нораво он аст, ки ҳангоми хондани шеър ҳиҷое аз сабаби нарасидани ҳарфе бо кашиши зӯр дучор мегардад. Ҳиҷое, ки дар ин маврид ба вуҷуд меояд, гӯшхарош ва ғайритабиӣ аст. Мас.:

Дӣ нишаста лаби фантан зани сунбулмӯе,
Дар бағал кӯдаки хандонлабу хушрӯе. *(Суҳайлӣ Ҷавҳаризода)*

Ин байт дар яке аз навъҳои баҳри Рамал — Рамали мусаммани махбуни мақтӯъ:

фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаълун
— у — — / у у — — / у у — — / — —

навишта шудааст. Дар мисраъи дуюм вобаста ба талаботи вазн як ҳиҷои дароз намерасад ва хонанда маҷбур мешавад, ки калимаи «хушрӯе»-ро бо кашиши зиёд хонад. Дар байти:

Ки чи сон бозе, ки орад хонааш,
Бо ҳамон хониши гӯнҷишконааш. *(Ш. Мастон)*
фоилотун / фоилотун / фоилун
— у — — / — у — — / — у —

(Рамали мусаддаси маҳзуф) дар калимаи «хониши» кашиши нораво мушоҳида мешавад. Дар баъзе китобҳои адабиётшиносӣ И.-и мақдӯҳро кашиши нораво навиштаанд.

2. И.-и мақбул ( مقبول -писандида) ё раво он аст, ки ҳангоми хондани шеър кашиши ҳиҷо дар ҳолати мўътадил воқеъ шавад, вазни он аз доираи авзони арўз берун набарояд ва ба гўши хонанда сахт нарасад.

Мас., дар байти:

Ёр мерафту оҳ мекардам
В-аз пан ў нигоҳ мекардам. (аз *«Санъати сухан»*)
фоилотун / мафойлун / фаълун
— у — — / у — у — / — —

ки дар баҳри Хафифи мусаддаси махбуни аслам суруда шудааст, ҳангоми хондан ва тақтеъ калимаҳои «ёр», «оҳ» ва «нигоҳ» бо кашиш талаффуз мешаванд (дар охири ҳар кадоме «у»-и кўтоҳ илова мегардад), ки И.-и мақбул аст. Баъзе арўзиёни гузашта И.-и мақбулро *маҷҳулулҳарака* номидаанд.

Шоирони гузашта баъзан барои қофия шуда, садоноки «о»-ро ба садоноки «е» (мас., китоб — китеб, ҳисоб — ҳисеб, Ҳиҷоз — Ҳиҷез, шитоб — шитеб ва ғ.) табдил додаанд, ки онро низ яке аз навъҳои И. номидаанд. Ҳамин ҳолатро дар байти зерини Саъдӣ мушоҳида кардан мумкин аст:

Ба Ҳинд омадам баъд аз он растахез
В-аз он ҷо ба роҳи Яман то Ҳиҷез.

Дар мисраъи аввали байти Низомӣ:

Силеҳу салаб дод хоҳандаро,
Қавӣ кард пушти паноҳандаро.

ба ҷои «силоҳ» калимаи «силеҳ» истифода шудааст. Баъзе адабиётшиносон И.-ро к а ш и ш меноманд.

**Имтизоҷ** (ар. امتزاج -омезиш, ба ҳам омехта шудан), дар илми бадеъи классикӣ шеъреро номанд, ки дар он радифу қофия ба ҳам омехта шуда бошад. Масалан, Муизии Самарқандӣ дар шеъре ин услубро истифода кардааст:

Баҳоре, к-аз ду рухсораш ҳаме шамсу қамар хезад,
Нигоре, к-аз ду ёқуташ ҳаме шаҳду шакар хезад.
Хурўш аз шаҳр биншонад дар он соҳиб, ки биншинад,
Мазороташ барангезад мар он гоҳе, ки бархезад.

Дар ин шеър шоир калимаи «хезад»-ро радиф, калимаи охири мисраъи чаҳорум «бархезад»-ро қофия ва ҳам радиф сохтааст.



**Инфикок** (ар. انفكاك -аз ҳам ҷудо шудан, ҷудоӣ), дар илми арўз тафовут ва умумияти доираҳои арўзро гўянд. Баъзе баҳрҳо дар асоси рукнҳои солим (ниг. *Баҳрҳои аслӣ*) ва баъзе дар натиҷаи омезиши рукнҳои солиму зиҳофҳои онҳо сохта мешаванд. Сабаби ин дар он аст, ки рукнҳо ва таркиби онҳо тавассути *сабабу ватаду фосила* ба вуҷуд меоянд. Донишманди машҳури араб *Халил ибни Аҳмад* ва пайравони ў барои осон намудани фаҳмиши хонандагон дар асоси И.-и рукнҳо панҷ доираи авзони араб — М у х т а л и ф а, М ў ъ т а л и ф а, М у ҷ т а л и б а, М у ш т а б а ҳ а ва М у т т а ф и қ а р о (доираи Муттафиқа дар ибтидо бо номи М у н ф а р и д а машҳур буд, чунки мухтареъи он — Халил ибни Аҳмад дар он фақат як рукн—рукни асосии баҳри Мутақориб — фаўлунро ҷой дода буд. Баъди вай забоншинос ва арўздони дигари араб — Абулҳасан Аҳфаши Балхӣ аз таркиби рукни фаўлун / у — — / рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилунро / — у — / И. кард ва он доираро Муттафиқа ном ниҳод) ихтироъ карданд. Баъди маъмул шудани арўз дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ, арўзиёни мо дар асоси ҳамнавъии ҷузвҳои рукнҳо доираҳои: М ў ъ т а л и ф а (Ҳазаҷ, Рақаз ва Рамал дар шакли мусаммани солим), М у н т а з и а (Сареъ, Хафиф, Қариб, Ҷадид ва Мушокил дар шакли мусаддаси матвию махбуну мақфуф), М у х т а л и ф а (Мунсареҳ, Музореъ, Муқтазаб ва Муҷтасс ва Мунсареҳ дар шакли мусаммани мақфуфу матвию махбун), М у н ъ а к и с а (баҳрҳои Сарим, Қабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Асамм, Салим, Ҳамим, Сағир — ҳама дар шакли мусаддаси солим), М у н ҳ а л а т а (баҳрҳои Боис, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар, Муайян — ҳама дар шакли мусаддаси солим), М у н ъ а л и қ а (баҳрҳои Маснўъ, Мустаъмал, Ахрас, Мубҳам, Мўҳмал, Маъкўс — ҳама дар шакли мусаддаси солим), М у ш т а б а ҳ а и з о и д а (Мунсареҳ, Музореъ, Муқтазаб, Муҷтасс, Мўҳмал дар шакли мусаммани матвию мақфуфу махбун), М у ш т а б а ҳ а (Сареъ, Қариб, Мунсареҳ, Хафиф, Музореъ, Муқтазаб, Муҷтасс дар шакли мусаддаси матвию мақфуфу махбун), М у ш т а б а ҳ а и м у с а д д а с а (Сареъ, Қабир, Хафиф, Мушокил дар шакли мусаддаси матвию мақфуфу махбун), М у ҷ т а л а б а и з о и д а и м у з о ҳ а ф а (Ҳазаҷ, Рақаз, Рамал дар шакли мусаммани мақфуфу матвию махбун), М у ҷ т а л а б а и с о л и м а (Ҳазаҷ, Рақаз, Рамал дар шакли мусаммани солим)-ро сохтанд. Ғайр аз ин арўзиёни форс-тоҷик аз таркиби рукнҳои доираи М у х т а л и ф а и а р а б ӣ — фаўлун / мафойлун / у — — / у — — — / тавассути И. рукнҳои солими баҳрҳои Аризу Амикро берун овардаанд, ки фақат хоси шеъри тоҷикист. Ҳан-

гоми И.-и бахрҳо аз доира, пеш аз ҳама, таркиби аҷзоъи рукнҳои онро ба инобат мегиранд. Ҳангоми дар доираҳои арӯз ҷой додани бахрҳо низ ҳамин шартро (ҳамнавъ будани аҷзоъи рукн) ба кор мебаранд. Азбаски таркиби аҷзоъи рукнҳои бахрҳои доираи Мухталифа аз ҷиҳати миқдори ҳиҷоҳо, ватаду сабаб якхелаанд, барои ҳамин онҳоро аз як доира И. кардаанд. Масалан, рукнҳои фаӯлуну мафоӣлуни бахри Тавил, фоилотуну фоилуни бахри Мадид, мустафъилуну фоилуни бахри Басит, мафоӣлуну фаӯлуни бахри Ариз ва фоилуну фоилотуни бахри Амиқ аз ҷиҳати таркиби аҷзоъ ба ҳам баробаранд, яъне ҳама аз ду ватади маҷмӯъю се сабаби хафиф иборатанд. Рукни фаӯлун /у — —/ аз як ватади маҷмӯъ («фаӯ») ва як сабаби хафиф («лун»); рукни мафоӣлун /у — — —/ аз як ватади маҷмӯъ («мафо») ва ду сабаби хафиф («ӣлун»); рукни фоилотун /— у — —/ аз як сабаби хафиф («фо»), як ватади маҷмӯъ («ило») ва боз як сабаби хафиф («тун»); рукни фоилун /— у —/ аз як сабаби хафиф («фо») ва як ватади маҷмӯъ («илун»); рукни мустафъилун /— — у —/ аз ду сабаби хафиф («мустафъ») ва як ватади маҷмӯъ («илун») сохта шудааст. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи чор маротиба такрор шудани рукнҳои фаӯлун /у — —/ ва мафоӣлун /у — — —/ вазни як байт шеъри бахри Тавили мусаммани солим, дар натиҷаи чор маротиба такрор шудани рукнҳои фоилотун /— у — —/ ва фоилун /— у —/ вазни як байт шеъри бахри Мадиди мусаммани солим, дар натиҷаи чор маротиба такрор шудани рукнҳои мустафъилун /— — у —/ ва фоилун /— у —/ вазни як байт шеъри бахри Басити солим, дар натиҷаи чор маротиба такрор шудани рукнҳои мафоӣлун /у — — —/ ва фаӯлун /у — —/ вазни як байт шеъри бахри Аризи мусаммани солим ва дар натиҷаи чор бор такрор шудани рукнҳои фоилун /— у —/ ва фоилотун /— у — —/ вазни як байт шеъри бахри Амиқи мусаммани солим ба вуҷуд меояд. Ҳангоми сохтани навъҳои дигари бахрҳои Ҳазаҷу Рамалу Раҷазу Мутақорибу Мутадорик ва бахрҳои фаръӣ аз зиҳофоти рукнҳои аслӣ истифода мебаранд. Дар чунин маврид И.-и рукнҳо ва зиҳофоти ҳар як бахр бояд ба аҷзоъи таркиби рукнҳои солим мутобиқат кунад. Масалан, барои сохтани яке аз навъҳои бахри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақфуфи маҳзуф /мафъӯлу /мафоӣлу /мафоӣлу /фаӯлун/ бояд зиҳофҳои ахраб /мафъӯлу — — у/, мақфуф /мафоӣлу у — — у/ ва маҳзуф /фаӯлун у — —/-и рукни мафоӣлун истифода бурда шаванд. Дар сурати истифодаи зиҳофи мақфуфи /фоилоту — у — у/ рукни асосии бахри Рамал — фоилотун /— у — —/ ба ҷои



зиҳофи мақфуфи /мафоӣлу у — — у/ бахри Ҳазаҷ ҳам қонидан И. вайрон мешаваду ҳам вазни шеър халал меёбад.

Мисол: Музореъи мусаммани ахраби мақфуфи мақсур:

Адл аст вориси ҳама осори ақли пок,
Ақл аст офтоби дилу адл аз ӯ зиёст. *(Носири Хисрав)*
мафъӯлу / фоилоту / мафоӣлу / фоилон
— — у/— у — у/у — — у/— у ~

Мутақориби мусаммани маҳзуф:

Агар додгар чанд бе кас бувад,
Варо ростӣ посбон бас бувад. *(Фирдавсӣ)*
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаал
у — —/у — —/у — —/у —

Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф:

Адл бе илм беху бар накунад,
Ҳукм бе адлу илм асар накунад. *(Авҳадӣ)*
фоилотун / мафоилун / фаилун
— у — —/у — у —/у у —

Рамали мусаддаси мақсур:

Аз ситам ҳар, к-ӯ дилеро реш кард,
Он чароҳат бар вучуди хеш кард. *(Аттор)*
фоилотун / фоилотун / фоилон
— у — —/— у — —/— у ~

Рамали мусаммани мақсур:

Золиму одил на яксонанд дар таъмири мулк,
Хук дигар дар шиёри мулку дехкон дигар аст. *(Фонӣ)*
фоилотун / фоилотун / фоилотун / фаилон
— у — —/— у — —/— у — —/— у ~

Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф:

Тараҳҳум бар паланги тездандон,
Ситамгорӣ бувад бар гӯсфандон. *(Саъдӣ)*
мафойлун / мафойлун / фаӯлун
у — — —/у — — —/у — —

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи мақфуфи маҷбуб:

Золим пӯшад либоси хунбофтаро,
То зер кунад хасми забунёфтаро.
Бо сангдилони шӯълаху сахтӣ бикун!
Бардор ба оҳан оҳани тофтаро. *(Бедил)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойлу / фаал
— — у / у — у — / у — — у / у —

Рачази мураббаъи солим:

Душман чу бинӣ нотавон,
Лоф аз бурути худ мазан!
Мағзест дар хар устухон,
Мардест дар ҳар пираҳан. *(Саъдӣ)*
мустафъилун / мустафъилун
— — у — / — — у —

Хафифи мусаддаси махбуни аслами мусаббағ:

З-омада шодмон бибояд буд
В-аз гузашта накард бояд ёд. *(Рӯдакӣ)*
фоилотун / мафоилун / фаълон
— у — — / у — — у / — ~

Ҳазаҷи мусаддаси мақсур:

Насиҳат бишнав, ар талх ояд аз ёр,
Ки дар охир ба ширинӣ расад кор. *(Носири Хисрав)*
мафойлун / мафойлун / мафойл
у — — — / у — — — / у — ~

**Исбоғ** (ар. اسباغ -пурра ва такмил гардонидан), дар илми арӯз амалест, ки дар натиҷаи ба ҷузви *сабаби* хафифи охири рукнҳои мафойлун / у — — — /, фоилотун / — у — — /, фоило-тун / — у — — / ва фаъӯлун / у — — / илова кардани садоноки дарози «о» ба вуҷуд меояд. Агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и ҳиҷоҳои охири рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, рукни солими фо-ило-тун / — у — — /, рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ва рукни асосии баҳри Мутақориб — фаъӯлун / у — — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мафойлун / у — — — / шакли мафойлон / у — — — ~ /, фаъӯлун / у — — / шакли фаъӯлон / у — ~ /, фоилотуну / у — — — / фо-ило-тун / — у — — / шакли фоилотон / — у — ~ /-



ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фоилийёнро /— у — ~ / мегузоранду мусаббағ меноманд. И. аз ҷумлаи зиҳофотест, ки фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд ва асосан ба баҳрҳои Ҳазаҷу Рамалу Музореъву Мутақориб хос аст.

Мисол: Хафифи мусаддаси махбуни аслами мусаббағ (а р ӯ з ва з а р б и байти дуюм — а с л а м):

Эй забардасти зердастозор!
То ба кай гарм монад ин бозор!
Ба чӣ кор оядат ҷаҳондорӣ?
Мурданат бех, ки мардумозорӣ! *(Саъдӣ)*
фоилотун / мафоилун / фаълон
— у — — / у — у — / — ~

Ниг. низ *Мусаббағ*.

**Ирдоф** (ар. ارداف -аз пас даромадан ва касеро ба ақиби худ савор кардан), ҷамъи *ридф*.

**Иртифоъ** (ар. ارتفاع -баландӣ, фароз, рифъат), дар илми бадеъи классикӣ аз ҷумлаи санъатҳои шеърист, ки зина ба зина ё дараҷа ба дараҷа такомул ёфтани касе, чизе ё ҳодисаеро баён менамояд. Мас., дар байти поёнӣ, ки дар баҳри Музореъи мусаммани ахраби мақфуфи маҳзуф суруда шудааст, шоир калимаҳои «баҳор», «гулбун», «барг», «ғунча», «гул», «гулоб»-ро аз рӯи вазн чунон паси ҳам гузоштааст, ки ҳар яке ҳатман дар натиҷаи такомули аввалӣ ба вуҷуд меояд.

Омад баҳору гулбуни умед барг шуд,
Шуд барг ғунча, ғунча гулу гул гулоб шуд. *(Фарҳанги Онандроҷ)*
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилун
— — у / — у — у / у — — у / — у —

**Исқот** (ар. اسقاط -партофтан, афкандан), дар илми арӯз партофтани ҳарфе ё ҳиҷоеро аз рукн номанд. Бештари зиҳофоти рукнҳои солим дар натиҷаи И.-и ҳарфе ё ҳиҷое ба вуҷуд меояд. Мас., агар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ҳарфи охири он, яъне «н»-ро И. кунем, мафойлу / у — — у / боқӣ мемонад, ки онро макфуф ва агар аз ҳамин рукн, яъне аз мафойлун / у — — — / ҳиҷои аввали он — «ма»-ро И. кунем, «фойлун» /— — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафъӯлунро /— — — / гузошта, ахрам ё муханнақ меноманд. Ҳамин тариқ, дар сохтани зиҳофоти абтар, азалл, аслами мусаббағ, ахраб, ахрам, ахрами мусаббағ,

аштар, аштари мусаббағ, мавқуф, манҳур, марбӯъ, марфӯъ, матвӣ, макшуф, матмус, махбуни макшуф, мақсур, маҳзуф, маҷдӯъ ва ғ. пеш аз ҳама И. ва дигар амалиёти зиҳофсозӣ иштирок менамоянд.

**Итó** — а й т о (ар. ايطا -қадам бар ҷои қадами дигар ниҳодан, мувофиқати корею сухане), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз навъҳои қофияро гӯянд, ки агар қофияи мисраъҳои аввали шеър ба ҳамон маъно такроран дар мисраъҳои баъдина омада бошад. И. дар шеър аз ҷумлаи а й б ҳ о и қ о ф и я ҳисоб меёбад. Вай дар қ о ф и я ҳ о и к а м б а ҳ о е мушоҳида мешавад, ки агар онҳо аз суффиксҳои якхела ё аз калимаҳои ҳаммаъно сохта шуда бошанд. И. ду навъ дорад: И.-и ҷ а л ӣ ва И.-и х а ф ӣ.

И.-и ҷ а л ӣ (ар. جلى -возеҳ, маълум) он аст, ки суффиксҳои ба вазифаи қофия омада дар як шеър такрор шаванд. Мас. «некӯтар»-у «зеботар», «фусунгар»-у «ситамгар», «гуфтан»-у «шунидан», «ёрон»-у «дӯстон», «лолаҳо»-ю «ғунчаҳо», «хандон»-у «гирьён»-у «гардон» ва ғ.

М и с о л:

Ту он шабранги тозиро ба майдон чун барангезӣ,
Адӯро зуд бинвардӣ бад-он теғи балогустар,
Ба андак рӯзғор, эй шаҳ, ду чизам дод бахти нав:
Яке лафзе хирадрутбат, дуввум табъе сухангустар. *(Дақиқӣ)*

Дар мисраъи дуюм ва чоруми байти боло суффикси «густар» дар ҳар ду маврид ба як маъно омадааст ва он қофия И.-и ҷ а л ӣ мебошад.

Дар қофияи шеър овардани И.-и ҷ а л ӣ аз айбҳои фоҳиш ҳисоб меёбад, аз ин рӯ, аксарияти шоирони сухансанҷ аз истеъмоли он худдорӣ кардаанд. Агар миқдори абёти қасида аз ҳудуди муқаррарӣ, яъне аз ҳудуди бист—сӣ байт гузарад ва ё дар қасида ду матлаъ омада бошад, дар матлаъи дуюми он такрори як ё ду қофияи аввале ҷоиз аст, зеро такрори қофияи арӯз (рукни охири мисраъи якуми байт) аз матлаъҳои И. ҳисоб намешавад.

И.-и х а ф ӣ (ар. خفى -пӯшида, пинҳон) он аст, ки такрори калимаҳо (суффиксҳо) дар қофия чандон намоён набошад. Дар ин маврид шоирон қофияро тавре месозанд, ки байни қофияҳои такрор фарқе ниҳодан мумкин аст. Мас., қофияи «созгор» бо «комгор», «шохсор» бо «кӯҳсор», «обдор» бо «пойдор», «ранҷур» бо «муздур», «доно» бо «гӯё», «марзбон» бо «посбон» ва ғ.



И.-и х а ф ӣ нисбат ба И.-и ҷ а л ӣ серистеъмол буда, дар ашъори шоирони машҳур низ дучор меояд.

М и с о л:

Ба мулозимони султон кӣ расонад ин дуъоро
Ки ба шукри подшоҳӣ зи назар марон гадоро. *(Ҳофиз)*

М и с о л и д и г а р:

Он шунидӣ, ки вақти зодани ту
Ҳама хандон буданду ту гирьён.
Ту чунон зӣ, ки вақти мурдани ту
Ҳама гирьён шаванду ту хандон. *(Халқӣ)*

Дар қофияҳои «дуоро», «гадоро»-и байти аввал пасоянди «ро» ва дар қофияҳои «гирьён»-у «хандон»-и қитъаи дуюм ҷузвҳои «ён»-у «он» ба вазифаҳои И.-и х а ф ӣ омадаанд.

И. (махсусан И.-и х а ф ӣ) дар ашъори шоирони классикӣ ва советии тоҷик васеъ истифода мешавад.

М и с о л:

Аҷаб зебо ҳаёти мӯсафедон
Вафодоранд шоғирдони онон.
Агар ҷаннат, чӣ сон дохил шавам ман?
Ки то бар орзуи худ расам ман. *(Миршакар)*
мафойлун / мафойлун / фаӯлун
у — — — / у — — — / у — —

Дар ин абьёти Миршакар, ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф аст, дар қофияҳои «мӯсафедон»-у «онон» суффикси «он» ва дар қофияҳои «шавам»-у «расам»-и байти дуюм бандаки «-ам» ба вазифаи И.-и х а ф ӣ омадаанд. Мисоли диг.:

Паи интиқоми ҳама кӯдакон,
Паи интиқоми ҳама модарон. *(Обидӣ)*
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаал
у — — / у — — / у — — / у —

Вазни ин байт Мутақориби мусаммани маҳзуф буда, қофияҳои он аз суффикси ҷамъбандии «он» сохта шудааст, ки И.-и х а ф ӣ мебошад.

**Ишбóъ** (ар. اشباع -сер кардан, пур кардан), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз ҳаракатҳои қ о ф и я и м у т л а қ р о гӯянд. И. ҳаракати ҳамсадоест, ки дар қофия

ба вазифаи *дахил* омада бошад, яъне садонокҳои кӯтоҳи «а», «и» ва «у», ки дар байни дахил ва *равӣ* ҷой гирифтаанд.

Мисол:

Бигзашт моҳи рӯза ба хайру муборакӣ,
Пур кун қадах зи бодаи гулранги ровакӣ. *(Заҳир)*

Дар ин байт калимаҳои «муборакӣ»-ю «ровакӣ» қофия, ҳамсадои «р»-и калимаи «муборакӣ» ва ҳамсадои «в»-и калимаи «ровакӣ» дахил, садоноки кӯтоҳи «а»-и ҳарду қофия И. мебошад. Баъзе адабиётшиносон аз қабили Шамси Қайси Розӣ чунин ақида доранд, ки садонокҳои кӯтоҳи «а», «и», «у»-и баъди дахил омада дар он сурат И. мешаванд, ки агар ҳарфи равӣ ба васл часпида (дар ҳуруфи арабӣ) бошад. Дар ҳолати ҳарфи равию ҳарфи васл аз ҳам ҷудо навишта шудан (дар ҳуруфи арабӣ), садонокҳои кӯтоҳи «а», «и» ва «у»-и баъди дахил омадаро *тавҷеҳ* меноманд. Мисол: Рақази мусаммани матвии махбун:

Он ки ҳалоки ман ҳамехоҳаду ман саломаташ,
Ҳар чи кунад ба ошиқӣ, кас накунад маломаташ. *(Саъдӣ)*
муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафоилун
— у у — / у — у — / — у у — / у — у —

Ҳазачи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

Эй кушта маро наргиси шӯҳат ба тағофул,
Зулфи ту гирифтаст зи сар расми татовул.
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаъулун
— — у / у — — у / у — — у / у — —

Дар байти аввал калимаҳои «саломаташ» ва «маломаташ» қофия, садоноки «о» таъсис, ҳамсадои «м» дахил, садоноки кӯтоҳи «а» тавҷеҳ, ҳамсадои «т» — равии мутлақ, садоноки кӯтоҳи «а» маҷро, ҳамсадои «ш» васл»; дар байти дуюм бошад, калимаҳои «тағофул» ва «татовул» қофия, садоноки «о» таъсис, ҳамсадои «ф»-и калимаи «тағофул» ва ҳамсадои «в»-и калимаи «татовул» дахил, садоноки кӯтоҳи «у»-и калимаи «тағофул» тавҷеҳ, садоноки кӯтоҳи «у»-и калимаи «татовул» И., ҳамсадои «л» равӣ» мебошанд.

Азбаски И. асосан, ба ҳуруфи арабӣ тааллуқ дорад ва он бо тавҷеҳ қариб як аст, адабиётшиносони муосир, аз қабили Баҳром Сирус, ҳарфҳои садоноки кӯтоҳи «а» «и» ва «у»-ро дар ҳама мавриди, хоҳ равӣ ба васл часпад ва хоҳ ҷудо навишта шавад, тавҷеҳ номидаанд.



Пурра талаффуз кардани садонокҳои кӯтоҳро дар шеър низ И. меноманд. Ниг. низ *Мусаббағ*.

**Ишмом** (ар. اشمام -бӯйидан, бӯйёнидан), дар илми арӯз ҳарфи «вов»-еро / و / гӯянд, ки ҳангоми *тақтеъи* шеър онро ба эътибор намегиранд. Ин ҳодиса дар калимаҳое дучор мешавад, ки «вов» / و / -и онро талаффуз намекунанд. Масалан, калимаҳои Хоразм, хоста, хоб во хоҷа дар хати арабӣ дар шакли خوارزم (Хворазм), خواسته (хвоста), خواب (хвоб) ва خواجه (хвоҷа) менависанд, аммо ҳангоми хондан онро талаффуз намекунанд. Баъзеҳо онро «вов»-и ғайри малфуз ё «вов»-и И. меноманд.

Мисол: Сареъи мусаддаси матвии макшуф:

Хобу хури хочаи ман хуш бувад.
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у у — / — у —

**Иҷтимоъ** (ар. اجتماع -ҷамъ шудан, ҷамъ кардан), дар илми арӯз амалиётеро гӯянд, ки дар сурати истифодаи он зиҳофе ба вуҷуд меояд. Масалан, агар дар рукни асосии баҳри Мутақориб — фаъулун / у — — / амали И.-ро истифода барем, зиҳофи *асрам* ҳосил мешавад. Барои ин аввал аз рукни фаъулун / у — — / ҳамсадои «н»-ро соқит мекунем, яъне мепартоем, ки «фаъулу» / у — у / боқӣ мемонад. Баъди ин тавассути амали салм, яъне партофтани ҳиҷои кӯтоҳи якум «ӯлу» / — у / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаълу / — у / гузошта асрам мехонанд.

Барои ҳосил кардани зиҳофи аслами мусаббағ низ И.-ро ба кор мебаранд. Агар аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ду ҳиҷои охир («лоту»-и)-ро партоем, «мафъӯ» / — — / ва агар аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ҳиҷои охири он («тун»)-ро партоем, «фоило» / — у — / боқӣ мемонад ва баъди қатъи *ватади* маҷмӯъи он / у — /, яъне соқит кардани садоноки «о»-и охир, «фоил» / — — / боқӣ мемонад, ки ҳам ба ҷои «мафъӯ» / — — / ва ҳам ба ҷои «фоил» / — — / рукни мустаъмали фаълун / — — /-ро гузошта, аслам меноманд. Сипас, агар ба ҷузви дуюми сабаби хафифи зиҳофи аслам садоноки «о»-ро афзоянд, яъне ба ҷои садоноки «у»-и фаълун / — — / садоноки «о»-ро гузоранд, фаълун / — — / шакли фаълон / — ~ /-ро мегирад, ки онро аслами мусаббағ гӯянд. Ҳамин тариқ, зиҳофҳои абтар, азалл, ахраб, ахрами мусаббағ, аштари мусаббағ, аксам, аҳазз, мақсур, аҳаззи мусаббағ, аҳ-

там, аҷам, мавқуф, макшуф, макшуфи матвӣ, макшуфи махбун, манқус, манҳур, марбӯъ, марфӯъ, марфӯъи музол, маслух, матвии мавқуф, матвии макшуф, матвии махбун, матвии махбуни макшуф, матвии музол, матвии мураффал, матмус, махбул, махбули мавқуф, махбули музол, махбуни мавқуф, махбуни макшуф, махбуни матвии макшуф, махбуни матвӣ, махбуни мақсур, махбуни мақтӯъ, махбуни маҳзуф, махбуни мувассаъ, махбуни музаффо, махбуни музол, махбуни мураффал, махбуни мусаббағ, машкул, маъкус, мақбузи мусаббағ, мақтӯъи маҳфузи мусаббағ, мақтӯъи махбун, маҳзуф, маҳзуфи мусаббағ, маҳзуфи мақтӯъ, маҷбуб, маҷдӯъ, маҷзул, маҷҳуф, маҷҳуфи мусаббағ, музаффо, мураффали матвӣ, мураффали мақсур, мутаввал, мутаввали матвӣ, мухаззал, мухаллаъ, мухаллаъи музол, муханнақ, муханнақи мақсур, мушаасс, мушаасси мусаббағ ва ғ. пеш аз ҳама, тавассути И. ба вуҷуд меоянд.

**Кабӣр** (ар. كبير -бузург, тавоно), номи яке аз баҳрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик Баҳромии Сарахсӣ ва Бузургмеҳри Қойинӣ (а. 11) баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Сабаби К. номидани ин баҳр он аст, ки ҳиҷоҳои дарози рукнҳои солими он нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳаш се баробар зиёд аст ва вазни солими он аз ҷумлаи в а з н ҳ о и с а қ и л и арӯз ба шумор меравад. Афоили К.-ро аз ҷузви сеюми доираи Мунъакиса, яъне аз рукнҳои мафъӯлоту / — — — у / ва мустафъилун / — — у — / ҷудо кардаанд. Агар аз ҷузви сеюми рукни аввали доираи Мунъакиса — мафойлун / у — — — /, яъне аз «й» / — / сар кунем, «йлунфои» / — — — у /, «лотунфои» / — — — у /, «лотунмафо» / — — у — /, «йлунфои» / — — — у /, «лотунфои» / — — — у /, «лотунмафо» / — — у — / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафъӯлоту / — — — у /, мафъӯлоту / — — — у /, мустафъилун / — — у — /, мафъӯлоту / — — — у /, мафъӯлоту / — — — у /, мустафъилун-ро / — — у — / мегузоранд, ки вазни як байти шеъри баҳри К.-и мусаммани солимро ташкил медиҳад. Дар ҳар ду рукн ҳам сабаби хафиф / — / нисбат ба ватади мафруқу / — у / в а т а д и маҷмӯъ / у — / муқаддамтар аст. К. рукни махсус надошта, дар натиҷаи омезиши рукни мафъӯлоту / — — — у / бо рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд меояд. Шакли солими К. мафъӯлоту / мафъӯлоту / мустафъилун / мебошад. Дар ин баҳр шоирон хеле кам шеър гуфтаанд. Ашъоре, ки дар баҳри К. суруда шудаанд, асосан шакли мусаддаси солим ва мусаддаси матвӣ аст. Шаклҳои мусамман, мураббаъ ва мусаннои он мавҷуд нест.

М и с о л: К.-и мусаддаси солим:



Аз саҳрои бепоёни меҳнатмакон,
Омад бодӣ рӯҳафзои анбарфишон. *(Фарҳат)*
мафъӯлоту / мафъӯлоту / мустафъилун
— — — у / — — — у / — — у —

Яке аз шаклҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаммани ахрами мақфуфи абтар / мафъӯлун / мафойлун / мафойлу / фаъ / — — — / у — — — / у — — у / — низ шакли афоили баҳри К.-и мусаддаси солимро дорад.

К.-и мусаддаси матвӣ:

Он нигори хубчеҳри симзақан,
Рӯи хеш дар ниҳон намуд ба ман. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилоту / фоилоту / муфтаилун
— у — у / — у — у / — у у —

Ин навъи баҳри К. аз ҷумлаи сабуктарин абьёти он ба шумор меравад ва он аз афоили баҳри Вофири аҷами маъқул / фоилун / мафъоилун / мафоилатун / берун омадааст.

**Кабир**, номи яке аз баҳрҳоест, ки арӯзшиноси эронӣ — Маҳдии Ҳамидӣ дар «Арӯзи Ҳамидӣ» ҷой додааст. Ҳамидӣ рукни асосии ин баҳрро мутафоъилатун / у у — у у — / медонад ва барои он ин абётро мисол меорад:

Ба Кабир агарат набувад гузаре,
Беҳ аз он ки бар он фиканӣ назаре.
мутафоъилатун / мутафоъилатун
Зи бунат биканад, надиҳад самаре.
мутафоъилатун / мутафоъилатун
у у — у у — / у у — у у —

Ба гумони мо, байте, ки Ҳамидӣ барои мисол овардааст, бояд дар авзони баҳри Мутадорик суруда шуда бошад, пас байтҳои болоро ба таври:

фаъилун / фаъилун / фаъилун / фаъилун
у у — / у у — у у — / у у —

тақтеъ кардан лозим аст, на ба он тавре ки муаллиф тақтеъ намудааст. Оҳанги шеър низ ба таври фаъилун тақтеъ кардан-ро мепазирад. Яъне: «Ба Кабир / фаъилун /, агарат / фаъилун /, набувад / фаъилун /, гузаре / фаъилун /.

Агар ба ҳамон тарзе, ки Ҳамидӣ тақтеъ намудааст, яъне ба таври: Мутафоъилатун / мутафоъилатун тақтеъ кунем, пас яке

аз навъҳои баҳри Комил — Комили мураббаъи мақфуфи мураффал ҳосил мешавад. Маълум аст, ки рукни асосии баҳри Комил мутафоъилун / у у — у —/ мебошад, агар тавассути амали кафф ҳиҷои охирро кӯтоҳ кунем, мутафоъилу / у у — у у/ ҳосил мешавад, баъди ин агар ба воситаи амали тарфил дар охири рукн як ҳиҷои дароз илова кунем, шакли овозии мутафоъилатун / у у — у у —/ ба вуҷуд меояд, ки мақфуфи мураффал / у у — у у —/ меноманд.

Ниг. низ *Махбун* ва *Комил*.

**«Канз-ул-қофия»** كنز القافيه («Хазинаи қофия»), рисолаи илмии адабиётшиноси охири а. 11 ва ибтидои а. 12 Баҳромии Сарахсӣ дар боби қофия. Худи асар то замони мо нарасидааст. Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» дар хусуси Баҳромии Сарахсӣ маълумоти мухтасар дода, ду асари ӯро: «К» ва *«Ғоят-ул-арӯзайн»*-ро ном бурдааст.

**Касра́** (ар. كسره -аломати зер), дар алифбои арабиасоси тоҷикӣ аломатест, ки ба зери ҳамсадо гузошта мешавад / шаклаш —/.Ниг. *Зер*.

**Касф** (ар. كسف -пайи пошна буридан), номи дигари кашф,ниг. *Макшуф*.

**Каф(ф)** (ар. كف -рӯи даст боздоштан, буридани пошнаи шутур), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои муфрад аст.Ниг. низ *Макфуф*.

**Кашӣш,** ниг. *Имола*.

**Кашӣши норавó**, номи дигари имолаи мақдӯҳ, ниг. *Имола*.

**Кашӣши равó**, номи дигари имолаи мақбул ва мачҳул-ул-ҳарака, ниг. *Имола*.

**Кашф** (ар. كشف -ошкор кардан, бараҳна кардан, кушодан), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои муфрадро гӯянд. Ниг. низ *Макшуф*.

**Комӣл** (ар. كامل -пурра, тамом), номи яке аз баҳрҳои панҷгонаи махсуси арӯзи араб. Ин баҳрро барои он К. меноманд, ки рукни асосии он дар доира тағйир намеёбад ва дар он мутаҳаррик, яъне ҳиҷои кӯтоҳ нисбат ба ҳиҷои дароз бисьёр аст. Ҳарчанд дар рукни асосии баҳри *Вофир* — мафоилатун / у — у у —/ ҳиҷоҳои кӯтоҳ нисбат ба ҳиҷоҳои дароз бештар аст, аммо баҳри Вофир дар ашъори араб ба дараҷаи баҳри К. серистеъмол нест. Рукни асосии К. мутафоилун / у у — у —/ буда, Халил ибни Аҳмад онро аз ҷузви дуюми доираи арӯзи арабӣ, яъне аз доираи *Мӯъталифа* дар шакли мусамман ҷудо кардааст. Рукни солими К. аз *фосилаи* суғро / у у —/ ва *ватади* мачмӯъ / у —/ иборат буда, дар он *сабаб* иштирок надорад. Шакли солими К. аз ҷумлаи вазнҳои хафифи арӯз ҳисоб мешавад. К. хоси шеъри арабӣ бошад ҳам, бисьёр адибони гузашта ва имрӯзаи тоҷик дар ин вазн шеърҳо эҷод кардаанд. Агар дар шеъри арабӣ, асосан, шакли мусаддаси солими К. ривоҷ дошта бошад, дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ бештар шакли мусаммани солими он мавқеъи зиёд дорад. Унсурӣ шеъре дорад, ки дар яке аз навъҳои баҳри К. (К.-и мусаммани мачзули мураффали махбуни мақсур) буда, ҳар рукни он аз чаҳор ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз иборат аст. Байте аз он:

Шакарак аз он ду лабаки ту бичинам, агар ту яла кунӣ,
Ба сараки ту ки бизанамат ба бадар, агар ту гила кунӣ.
мутафаилун / мутафаилун / мутафаилун / мутафаилун
у у у у — / у у у у — / у у у у — / у у у у —

Аз такрори рукни солими К. чор навъи он: мусаммани солим, мусаддаси солим, мураббаъи солим ва мусаннои солим ба вуҷуд меояд. Барои сохтани дигар навъҳои ин баҳр аз рукни солим мутафоилун / у у — у —/ ва зиҳофҳои он: мақтӯъ / фаилотун у у — —/, музмар / мустафъилун — — у —/, музмари аҳазз / фаълун — —/, аҳаз / фаилун у у —/, музол / мутафоилон у у — у ~ /, мавқуси музол / мафоилон у — у~ /, мақтӯъи мусаббағ / фаилийён у у — ~ /, мачзули музол / муфтаилон — у у ~ /, мачзули мураффал / муфтаилотун — у у — —/, мачзули мураффали махбуни мақсур / мутафаилун у у у у —/, мачзули мураффали махбуни мақсури мувассаъ / мутафаилатун у у у у у —/, мачзули мураффали махбуни мақсури мувассаъи музол / мутафаилатон у у у у у ~ /, мачзули мураффали махбуни мақсури музол / мутафаилон у у у у ~ /, мачзули мураффали мусаббағ ё мачзули мутаввал / муфтаилотон — у у — ~ /, мавқуси мураффал / мафоилотун у — у — —/, мавқуси мураффали мусаббағ ё мавқуси мутаввал / мафоилотон у — у — ~ /, музмари аҳаззи мусаббағ / фаълон — ~ /, музмари мақтӯъ / мафъӯлун — — —/, музмари мақтӯъи мусаббағ / мафъӯлон — — ~ /, музмари музол / мустафъилон — — у ~ /, музмари мураффал / мустафъилотун — — у — —/, музмари мураффали мусаббағ ё музмари мутаввал / мустафъилотон — — у — ~ /, мураффал / мутафоилотун у у — у — —/, мураффали мусаббағ ё мутаввал / мутафоилотон у у — у — ~ /, мухаззал ё мачзул / муфтаилун — у у —/, мухаззали музол ё мачзули музол / муфтаилон — у у ~ / истифода мебаранд. Аз омезиши рукни солими К. ва зиҳофҳояш дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъю мусанно навъҳои зерини он сохта мешаванд. Мисол:

К.-и мусаммани солим:

Дили орамида ба худ макаш зи фусуни рангу ҳавои гул,
Ситам аст ғунчаи ин чаман мижа во кунад ба савдои гул. *(Бедил)*
мутафоилун / мутафоилун / мутафоилун / мутафоилун
у у — у — / у у — у — / у у — у — / у у — у —

К.-и мусаддаси солим:

Нафаси саҳар фараҳу сафо ба дил оварад,
Зи фурӯғи ҷон шарафи вафо ба дил оварад. *(Фарҳат)*
мутафоилун / мутафоилун / мутафоилун
у у — у — / у у — у — / у у — у —

К.-и мураббаъи солим:

Чи хуш он ки байраки хун ба по
Паи қатъи решаи ағниё. *(Лоҳутӣ)*
мутафоилун / мутафоилун
у у — у — / у у — у —

К.-и мусаннои солим:

Зи дили Ватан
Раҳи марду зан
Сӯи анҷуман
Шуда гулфикан. *(Фарҳат)*
мутафоилун
у у — у —

К.-и мусаммани музмар:

Санамо, хаёлатро чи шуд, ки ба мо надорад улфате,
Хиҷилам зи доғат, к-аз вафо ба басар гузорад миннате.
мутафоилун / мустафъилун / мутафоилун / мустафъилун
у у — у — / — — у — / у у — у — / — — у —

К.-и мусаддаси мавқус:

Аз он ду чашмакони пурфиреби ӯ
Аҷаб набошад, ки барад шикеби ӯ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / мафоилун / мафоилун
у — у — / у — у — / у — у —



К.-и мусаддаси музмари мураффал:

Ҳар ҷо, ки рафтам, ҳар ҷо, ки дидам, ё худ шунидам,
Ҳар хат, ки хондам, ҳар гул, ки чидам, ё худ шамидам. *(Фарҳат)*
мустафъилотун / мустафъилотун / мустафъилотун
— — у — — / — — у — — / — — у — —

К.-и мусаддаси мавқуси мақтӯъ:

Нигори ман, савори ман ба сафар шуд,
Ҳамеравад чу саркашон ба ҷаҳон дар. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / мафоилун / фаилотун
у — у — / у — у — / у у — —

К.-и мусаддаси мавқуси маҷзул (ҳ а ш в и мисраи якуми — м а в қ у с):

Аз он ду чашмакони пурфиреби ӯ
Аҷаб набошад, ки барад шикеби ӯ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / муфтаилун / мафоилун
у — у — / — у у — / у — у —

К.-и мураббаъи аҳзаз:

На накӯ бувад, ки кунӣ,
Ту ба ҳеҷ рӯй бадӣ. *(Насируддини Тӯсӣ)*
мутафоилун / фаилун
у у — у — / у у —

К.-и мураббаъи мураффал (а р ӯ з — м а қ т ӯ ъ):

Самарӣ шудам ба ҷаҳон дар,
Зи фироқи он сафарин нигорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мутафоилун / мутафоилотун
у у — у — / у у — у — —

К.-и мураббаи музмари музол:

Бар дӯстони некном
Аз мо салому эҳтиром,
Аз дӯстии бардавом
Бошанд мардум шодком. *(Фарҳат)*
мустафъилун / мустафъилон
— — у — / — — у ~

Яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мураббаъи музол / мустафъилун / мустафъилон / низ шакли афоили баҳри К.-и мураббаъи музмари музолро дорад.

Комили мураббаъи маҷзули музмари мақтӯъи мусаббағ:

Ғунча шукуфон имрӯз,
Лола фурӯзон имрӯз.
Дар дили пиру барно —
Шавқ дучандон имрӯз. *(Мақсуд)*
муфтаилун / мафъӯлон
— у у —/— — ~

Яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мурббаъи матвии мақтӯъи мусаббағ / муфтаилун / мафъӯлон / низ шакли афоили баҳри К.-и мураббаъи маҷзули музмари мақтӯъи мусаббағро дорад.

К.-и мусаддаси музмар (ҳашви мисраъи дуюм — солим):

Эй меҳтаре, к-аз меҳтарони худ беҳтарӣ
В-аз беҳтарӣ ҳама кас биёбад меҳтарӣ. *(аз «Ал-мӯъҷам»)*
мустафъилун / мутафоилун / мустафъилун
— — у — / у у — у — / — — у —

К.-и мусаддаси маҷзули музмари аҳаззи музол:

Домани саҳро чамани ёр аст,
Сайр ба он ҷой маро кор аст.
Мақсадам аз сайр бувад дидор,
Дӯсти ҷонист маро дилдор. *(Фарҳат)*
муфтаилун / муфтаилун / фаълон
— у у — / — у у — / — ~

Яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мусаддаси матвии аҳаззи мусаббағ / муфтаилун / муфтаилун / фаълон / низ шакли афоили К.-и мусаддаси маҷзули музмари аҳаззи музолро дорад.

К.-и мураббаъи маҷзули музмари мақтӯъ:

Сайру тамошо хоҳӣ,
Ҷилваи гулҳо хоҳӣ.
Оби мусаффо хоҳӣ.
Мурғи хушово хоҳӣ. *(Мақсуд)*
муфтаилун / мафъӯлун
— у у — / — — —



Яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мураббаъи матвии мақтӯъ / муфтаилун / мафъӯлун / низ шакли афоили К.-и мураббаъи маҷзули музмари мақтӯъро дорад.

К.-и мусаддаси музмари аҳазз:

Рӯзе, ки панҷа занам бари рӯяш,
Сад бор бӯй кунам гули рӯяш. *(Субҳӣ)*
мустафъилун / мутафоилун / фаълун
— — у — / у у — у — / — —

К.-и мусаддаси музмари мураффали мусаббағ (музмари мутаввал):

Дар асри бистум таърихи дуньё аз коммунизм аст,
Хуршеди толеъ дар кишвари мо аз коммунизм аст. *(Фарҳат)*
мустафъилотун / мустафъилотун / мустафъилотон
— — у — — / — — у — — / — — у — ~

Яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мусаддаси мураффали мутаввал / мустафъилотун / мустафъилотун / мустафъилотон / низ шакли афоили баҳри К.-и мусаддаси музмари мураффали мусаббағ ё музмари мутаввалро дорад.

**Кошифӣ** كاشفى Камолуддин Ҳусайн Воиз ибни Алӣ (1420, ноҳияи Байҳаки Сабзвор — 1505, Ҳирот), адиб, файласуф ва донишманди форс-тоҷик. Дар ҷавонӣ кариб тамоми илмҳои маъмули замонаро аз худ карда буд, аз ҳисоби касби воизӣ зиндагӣ мекард. Бо Ҷомию Навоӣ дӯстию рафоқат дошт. Зиёда аз 40 асари илмӣ таълиф намудааст, ки дар мавзӯъҳои гуногун баҳс мекунанд. Доир ба илми бадеъ ва нозукиҳои шеъру шоирӣ с. 1489 бо номи *«Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ил-ашъор»* рисолае таълиф намудааст, ки то имрӯз боқӣ мондааст. К. шеър низ навиштааст. Маснавии тасаввуфии «Зод-ул-мусофирин»-и ӯ то кунун бокист.

**Курси́в** (нем. kursiv аз лот. cursivus-даванда), ҳуруфи типографиеро гӯянд, ки ба дастнавис монанд буда, маҳз барои фарқ кунондани баъзе порчаҳо аз матни асосӣ истифода бурда мешавад. Дар ин рисола тамоми ҳаволаҳо дар шакли К. оварда шудааст.

**Ло** (ар. لا), шакли овозии зиҳофи манҳури рукни солими мафъӯлоту. Ниг. *Фаъ*.

Мисо́л:

Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур:

Аз ту бувад мар-маро ҷавонию пирӣ,
Пас ба ҳақиқат ба зиндагонӣ монӣ. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фаъ
— у у — / — у — у / — у у — / —

Мунсареҳи мураббаъи манҳур:

Дар об бинам
Дуньёи дигар,
Аҷоиб олам,
Рангин саросар. *(Ҳайдаршо)*
мустафъилун / фаъ
— — у — / —

Агар чор мисраи болоро ба таври мустафъилотун / — — у — — / *тақтеъ* кунем, баҳри Раҷази мусаннои мураффал ном мегирад.

**Лот** (ар. لات ), шакли овозии зиҳофи *маҷдӯъи* рукни солими мафъӯлоту.Ниг. *Фоъ*.

Мисол:

Сареъи мусаддаси матмии мақтӯъи маҷдӯъ:

Эй гули рӯят сунбулхез,
Зулфи сиёҳат оташбез. *(Ҷомӣ)*
муфтаилун / мафъӯлун / фоъ
— у у — / — — — / ~

Мунсареҳи мусаммани матвии маҷдӯъ:

Сабри маро фурқати ту даст фурӯ баст,
Ақли маро ишқи ту зи пой дарафканд. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фоъ
— у у — / — у — у / — у у — / ~

**Лун** (ар. لن ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *абтар*, ки дар натиҷаи аз рукни асосии Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / соқит кардан, яъне партофтани як *ватади* маҷмӯъ ва як *сабаби* хафиф (ду ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ) ва аз рукни асосии баҳри Мутақориб — фаӯлун / у — — / соқит кардани як ватади маҷмӯъ (як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз) ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафойлун / у — — — / як ҳиҷои кӯтоҳу / «ма» у / ду ҳиҷои дарози аввал / «фой» — — / ва аз рукни фаӯлун / у — / ду ҳиҷои аввал / «фаӯ» у — / партофта шавад, Л. бокӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаъ



/ — /-ро гузошта а б т а р мехонанд. Л. аз як с а б а б и х а ф и ф иборат буда, дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. Л. аз шаклҳои овозии камистеъмоли арӯз буда, фақат дар навъҳои гуногуни баҳрҳои Ҳазаҷу Мутақориб истифода мешавад. Мисол: Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар:

Дилро ба матои ишқ савдо кардам,
Дар синаи гарми шавқ маъво кардам.
То он ки дар ин ҷаҳон биёбам ҷое,
Худро зи ҷаҳони хеш пайдо кардам. *(Лошқ)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойлун / фаъ
— — у / у — у — / у — — — / —

Мутақориби мусаммани абтар:

Маро бо нигорам сухан бошад,
Ниҳонӣ суханҳои чун шаккар. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаъ
у — — / у — — / у — — / —

Мутақориби мусаммани аслами абтар:

Деҳқон ғайрат меорад,
Тухмиҳоро мекорад. *(Фарҳат)*
фаълун / фаълун / фаълун / фаъ
— — / — — / — — / —

**«Луғáти фурс»** لغت فرس , ниг. *«Меъёри Ҷамолӣ»*.

**«Луғáти фӯрси қадúм»** لغت فرس قديم ниг. *«Меъёри Ҷамолӣ»*.

**Мавзӯн** (ар. موزون -вазндор, бовазн), ниг. *Мавзунӣ*.

**Мавзунӣ**, дар вазн баробар ифода шудани воҳидҳои нутқро гӯянд. М. хусусияти асосии шеър ва н а с р и м у с а ҷ ҷ а ъ (насри қофиядор) мебошад. Мас., байти:

Ман давоми рӯзгори рафтагонам,
Ман нишони одамони бенишонам. *(Лошқ)*
фоилотун / фоилотун / фоилотун
— у — — / — у — — / — у — —

аз ҷиҳати М. дар ниҳояти суфтагию равонӣ суруда шудааст. Сабаби ин М. он аст, ки аввалан, байт дар вазни хеле форами авзони арӯз — Рамали мусаддаси солим / фоилотун / фоило-

тун / фоилотун — у — — / — у — — / — у — — / эҷод гардидааст, дуюм он ки санъати асосии он т а р с е ъ (калимаҳои мисраъи якум, дуюм аз ҷиҳати шаклу қолаб мутавозинанд, вожидҳои нутқи мисраъи аввалу соний шаклан ба ҳам монанд мебошанд. Ва ниҳоят, рукнҳои якуму дуюму сеюми ҳарду мисраъ аз таркибҳои алоҳидаи забони иборат шудаанд. Мас., рукни *садр* (рукни аввали мисраъи якум) аз таркиби «ман давоми» / фоилотун — у — — / сохта шуда бошад, рукни *ибтидо* (рукни аввали мисраъи дуюм) аз таркиби «ман нишони» / фоилотун — у — — / иборат шудааст, ки ҳам аз ҷиҳат миқдори калима, ҳам ҳиҷо ва ҳам савт якхелаанд. Рукнҳои дуюму сеюми (ҳашв у арӯзу зарб) ҳарду мисраъ бошанд, аз калимаҳои ҳамоҳанги якрукна таркиб ёфтаанд, ки ин ба М.-и шеър бештар таъсири мусбат расонидааст.

**Мавфӯр** (ар. موفور -фаровон, бисёр), дар илми арӯз рукнеро гӯянд, ки дар он амали х а р м (ниг. *Ахрам*) ҷоиз бошад ҳам, онро харм накунанд. М. бештар ба рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / тааллуқ дорад, чунки ҳиҷои якуми рукни мафойлун / у — — — / кӯтоҳ аст ва ахрам бошад, дар натиҷаи партофтани ҳиҷои кӯтоҳи аввали рукн ба вуҷуд меояд.

М и с о л: Ҳазаҷи мусаммани солим:

Ба рӯи хонаи ободи ман гаҳвора меҷунбад,
Ба гирди манзилам чархи фалак садранг мегардад. *(Гулрухсор)*
мафойлун / мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — — / у — — — / у — — — / у — — —

Мисоли диг.:
Ҳазаҷи мусаммани аштар:

Вақтро ғанимат дон, он қадар ки битвонӣ,
Ҳосил аз ҳаёт, эй чон, як дам аст, то донӣ. *(Ҳофиз)*
фоилун / мафойлун / фоилун / мафойлун
— у — / у — — — / — у — / у — — —

Дар ҳар ду байти боло, ки дар ду навъи баҳри Ҳазаҷ суруда шудааст, зиҳофи ахрам вуҷуд надорад.

**Мавқӯс** (ар. موقوس -гарданшикаста), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи искоти ҳиҷои якуми рукни асосии баҳри Қомил — мутафоилун / у у — у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мутафоилун / у у — у — / ҳиҷои якум, яъне «му»-ро (в а к с кунем) партоем, «тафоилун» / у — у — / бокӣ мемонад, ки онро ба рукни мустаъмали мафоилун / у — у



— / иваз карда, М. мехонанд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои муфрад ва камистеъмоли арӯз буда, фақат дар баҳри Қомил дучор мешавад. Зиҳофҳои *мақбузи* рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, *маъқули* рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ва *махбуни* рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / низ шакли М.-ро доранд, аммо ба ин зиҳоф ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи мақбуз аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / тавассути кӯтоҳ шудани ҳиҷои сеюми он, зиҳофи маъқул аз рукни мафоилатун / у — у у — / тавассути партофтани ҳиҷои чоруми он ва зиҳофи махбун аз рукни мустафъилун / — — у — / тавассути кӯтоҳ шудани ҳиҷои якуми он ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз рукни мутафоилун / у у — у — / ҳосил шудааст. М. мисли дигар зиҳофҳои рукни мутафоилун дар шеър қариб дар ҳамаи рукнҳои байт (садр, ибтидо, арӯз, зарб, ҳашв) меояд. М. хоси шеъри арабӣ бошад ҳам, дар навъҳои мухталифи баҳри Қомил, ки шоирони форс-тоҷик сурудаанд, дучор мешавад. Мисол, Қомили мусаддаси М. (х а ш в и мисраъи дуюм — м а ҷ з у л):

Аз он ду чашмакони пурфиреби ӯ,
Ачаб набошад, ки барад шикеби ӯ. *(аз «Ал-мӯъҷам»)*
мафоилун / мафоилун / мафоилун
у — у — / у — у — / у — у —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаддаси мақбуз / мафоилун / мафоилун / мафоилун / низ шакли овозии афоили баҳри Қомили мусаддаси М.-ро дорад.

**Мавқӯси музӯл** (аз *мавқус* ва *музол*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба зиҳофи мавқуси рукни асосии баҳри Қомил гузаронидани амали *изолат* ба вуҷуд меояд. Агар ба шакли овозии зиҳофи мавқус — мафоилун / у — у — / тавассути амали и з о л а т ба ҷои садоноки кӯтоҳи «ӯ» садоноки дарози «о»-ро гузорем, мафоилун / у — у — / шакли мафоилон / у — у ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофҳои м а х б у н и м у з о л, м а қ б у з и м у с а б б а ғ низ шакли афоили М. м.-ро доранд, аммо бо он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи махбуни музол аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи мақбузи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад аз рукни асосии баҳри Қомил — мутафоилун / у у — у — / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър асосан дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб

меояд. М. м. хеле камистеъмол буда, фақат ба баҳри Комил хос аст.

Мисол:

Комили мураббаъи мавқуси М. м.:

Диёри ман мукаррам аст
Зи пушти меҳнати ҳалол.
Баҳори ман муаззам аст
Чу офтоби безавол. *(Фарҳат)*
мафоилун / мафоилон
у — у — / у — у ~

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мураббаъи мақбузи мусаббағ / мафоилун / мафоилон / шакли овозии баҳри Комили мураббаъи мавқуси М. м.-ро дорад.

**Мавқу́си мураффа́л** (аз *мавқус* ва *мураффал*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба шакли овозии зиҳофи мавқус — мафоилун / у — у — / гузаронидани амали тарфил ба вуҷуд меояд. Агар ба охири зиҳофи мавқуси баҳри Комил — мафоилун / у — у — / тавассути гузаронидани амали тарфил як ҳиҷои дароз илова кунем, мафоилун / у — у — / шакли «мафоилунтун» / у — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафоилотун / у — у — — /-ро гузошта, М. м. меноманд. Зиҳофҳои махбуни мувассаъ, махбуни мураффал (мураффали махбун) шакли овозии М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи махбуни мувассаъ аз рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — /, зиҳофи махбуни мураффал ё мураффали махбун аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър қариб дар ҳамаи рукнҳои байт, яъне дар садр, ибтидо, арӯз, зарб ва ҳашвайн меояд ва фақат ба баҳри Комил хос аст. М. м. дар шеър хеле кам истифода мешавад.

Мисол:

Комили мусаммани М. м.:

Нишаста будам ба рӯи суффа, навиди васлаш сабо расонид,
Ба юмни анфоси рӯҳпарвар шамими зулфаш ба ман вазонид *(Фарҳат)*
мафоилотун / мафоилотун / мафоилотун / мафоилотун
у — у — — / у — у — — / у — у — — / у — у — —

**Мавқу́си мутавва́л**, мавқуси мураффали мусаббағ (аз *мавқус* ва *мутаввал*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба шакли овозии зиҳофи мавқуси мураффал —



мафоилотун / у — у — — / гузаронидани амали исбоғ ба вуҷуд меояд. Агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и зиҳофи мавқуси мураффали баҳри Комил — мафоилотун / у — у — — / тавассути амали исбоғ садоноки дарози «о»-ро гузорем, мафоилотун / у — у — — / шакли мафоилотон / у — у — ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофҳои махбуни музаффо, махбуни мутаввал низ шакли овозии М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи махбуни музаффо аз рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — /, зиҳофи махбуни мутаввал аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад аз рукни асосии баҳри Комил — мафоилатун / у — у у — / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд. Ин зиҳоф хеле камистеъмол ва фақат ба баҳри Комил хос мебошад. Мисол:

Комили мусаммани мавқуси мураффали М. м.:

Чу шаб ҳама шаб набурд хобам, ғазал навиштам ба васфи ҷонон,
Насими вокиф зи печутобам, ки ғайратамро худаш бидонад *(Фарҳат)*
мафоилотун / мафоилотун / мафоилотун / мафоилотон
у — у — — / у — у — — / у — у — — / у — у — ~

**Мавқу́ф** (ар. موقوف -таваққуфёфта, пасгузошта, маъталшуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи сокин кардан, яъне партофтани ҳарфи «у» рукни мафъӯлоту / — — у / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафъӯлоту ҳарфи «у»-ро партоем, «мафъӯлот» / — — ~ / бокӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали мафъӯлонро / — — ~ / гузошта М. меҳонанд. Зиҳофҳои ахрами мусаббағ / — — ~ /, мақтӯъи мусаббағ / — — ~ /, мушаасси мусаббағ / — — ~ / шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи ахрами мусаббағ / — — ~ / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи мақтӯъи мусаббағ / — — ~ / аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи мушаасси мусаббағ / — — ~ / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои муфрад ва камистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда, дар шеър фақат дар рукнҳои байну охири байт, яъне дар ҳашвайну арӯзу зарб меояд ва бештар ба баҳрҳои Сареъю Мунсареҳу Муқтазаб хос аст.

Мисол: Сареъи мусаддаси М.:

Ёрам ба ман гар анчудон овардаст,
Гўям, ки шохи даймурон овардаст. *(Мақсуди Гулчин)*
мустафъилун / мустафъилун / мафъўлон
— — у —/ — — у —/ — — ~

Мунсареҳи мураббаъи М.:

Бобои ман ордендор,
Орденҳо дорад бисьёр. *(Ҳайдаршо)*
мустафъилун / мафъўлон
— — у —/ —— ~

**Мавқу́фи матвӣ** (аз *мавқуф* ва *матвӣ*), номи дигари зиҳофи *матвии мавқуф*.

**Мавқу́фи махбу́н** (аз *мавқуф* ва *махбун*), ниг. *Махбуни мавқуф*.

**Мади́д** (ар. مديد -давомдор, дароз кашидашуда), номи яке аз баҳрҳои панҷгонаи махсуси арўзи араб. Ин баҳрро бароии он М. меноманд, ки онро аз байни рукнҳои баҳри *Тавил* кашида гирифтаанд ва ду сабаби хафиф / — / дар ду тарафи рукни сабоъии (ҳафтгонаи) ӯ, яъне дар рукни фоилотун / — у — — / кашида шудааст. Халил ибни Аҳмад М.-ро аз ҷузви дуюми доираи якуми арўзи арабӣ, яъне аз доираи *Мухталифа* дар шакли мусамман ҷудо кардааст. Рукнҳои фоилотун / — у — — / ва фоилун / — у — / афоили аслии онро ташкил медиҳанд. Дар ҳар чор афоили аслии М. сабаби хафиф / — / нисбат ба ватади маҷмўъ / у — / зиёд ва муқаддамтар аст. Шакли солими он аз ҷумлаи навъҳои сақили арўз ҳисоб мешавад. М. мисли дигар баҳрҳои доираи Мухталифа (*Басит* ва Тавил) рукни махсус надошта, дар натиҷаи омехташавии рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ва рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / сохта мешавад. Барои сохтани дигар навъҳои М. аз рукни фоилотун зиҳофҳои маҳзуф / фоилун — у — /, мақсур / фоилон — у ~ /, махбун / фаилотун у у — — /, машқул / фаилоту у у — у /, мақфуф / фоилоту — у — у /, махбуни мақсур / фаилон у у — / ва аз рукни фоилун / — у — / зиҳофи махбунро / фаилун у у — / истифода мебаранд. М. хоси шеъри арабӣ бошад ҳам, бисьёр намояндагони адабиёти классикии форс-тоҷик барои санҷидани маҳорати шоирии худ дар ин баҳр шеър гуфтаанд. Аз омезиши рукнҳои солими М. / фоилотун / фоилун / ва зиҳофҳои онҳо дар шаклҳои мусамману мусаддас навъҳои зерини он сохта мешаванд



Мисол. М.-и мусаммани солим:

Дил зи ҳичрат, эй санам, хуни худро мех(в)арад,
Ҷон ба дастат, эй писар, ҷоман тан медарад. *(Ҷомӣ)*
фоилотун / фоилун / фоилотун / фоилун
— у — — / — у — / — у — — / — у —

М.-и мусаддаси солим (бештари ашъори араб дар ҳамин навъи баҳри М. суруда шудааст):

Ғолиязулфе, суманоразайне,
Сарвболоеву занҷирмўе. (аз *«Ал-мўҷам»*)
фоилотун / фоилун / фоилотун
— у — — / — у — / — у — —

М.-и мусаддаси мақфуфи махбуни мусаббағ:

Эй санам, раҳӣ макуш, ки сазо нест,
Ин ҷафо макун, буто, ки раво нест. (аз *«Ал-мўъҷам»*)
фоилоту / фоилун / фаилийён
— у — у / — у — / у у — —

М.-и мусаддаси мақсур (а р ў з — м а ҳ з у ф):

Зиндагонӣ талх кардӣ маро,
Зиндагонӣ бе ту н-ояд ба кор. (аз *«Ал-мўъҷам»*)
фоилотун / фоилун / фоилон
— у — — / — у — / — у ~

М.-и мусаддаси махбун:

Чу зи ман сар шудӣ, чӣ кунам ман?
Посухам чу накунӣ, бизомам тан. (аз *«Ал-мўъҷам»*)
фоилотун / фаилун / фаилотун
— у — — / у у — / у у — —

М.-и мусаддаси машкули махбуни мақсур (и б т и д о — м у к ф у ф):

Тамаъ аз вафои ў набарем,
То ғами ҷафои ў нах(в) арем.
фаилоту / фоилун / фаилон
у у — у / — у — / у у ~

М.-и мусаддаси мусаббағ:

Мебисӯзам дар фироқат ҳаме зор,
Эй санам, то кай раво дорӣ озор. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилотун / фоилун / фоилийён
— у — — / — у — / — у — ~

М.-и мураббаъи солим:

Бода баргир, эй санам,
Руд бардору бизан. (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
фоилотун / фоилун
— у — — / — у —

**Мазӣд** (ар. مزيد -зиёдшуда, афзуншуда), дар илми баъдеъи классикии форс-тоҷик яке аз ҳарфҳои қофияро гӯянд, ки баъди ҳарфи *хурӯҷ* омада, бо он пайвандад. Сабаби М. номидани ин ҳарфи қофия дар он аст, ки ҳадди охири хуруфи қофия дар ашъори тозӣ ҳарфи хурӯҷ мебошад, аммо дар қофияҳои ашъори шоирони форс-тоҷик ҳарфе бар хурӯҷ илова кардаанд ва онро М. хондаанд. Тамоми ҳарфҳои ҳамсадо, садонокҳои дароз (ба ҷуз садонокҳои кӯтоҳи «а», «и», «у») ва ётбарсарҳо чун М. истифода мешаванд. Мисол: Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар:

Ин дил, ки ба зулфи дилбаре бастемаш,
Ҳарчанд гусаст, боз пайвастемаш.
мафъӯлу / мафоилун / мафойлун / фаъ
— — у / у — у — / у — — — / —

Дар ин байт калимаҳои «бастемаш» ва «пайвастемаш» қофия (решаи қофия — «астемаш»), садоноки кӯтоҳи «а» ҳазв, ҳамсадои «с» қайд, ҳамсадои «т» равии мутлақ, ётбарсари «ё» васл, ҳамсадои «м» хурӯҷ, садоноки «а» нафоз, ҳамсадои «ш» М. мебошад.

Такрори М. дар қофияи шеър ҳатмӣ буда, иваз намудани он бо ҳарфи дигар ҷоиз нест. Бузургтарин шоирони адабиёти гузашта ва имрӯзаи мо дар ашъори худ такрори М.-ро дар қофия риоя кардаанд. Мисол: Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф:

Ҳарчанд зи пай шитофтемат,
Эй гумшудадил, наёфтемат.
мафъӯлу / мафоилун / фаӯлун
— — у / у — у — / у — —



Рамали мураббаъи солим:

Ёри маҳру мойиласташ,
Ҳар чи хоҳад, ҳосиласташ.
фоилотун / фоилотун
— у — — / — у — —

Дар байти аввал ҳамсадои охир — «т» ва дар байти дуюм ҳамсадои охир — «ш» ба вазифаи М. омадаанд ва дар ҳар ду мавриди ҳам такрор шудаанд.

**Мазйл** (ар. مزيل -ҷудошуда, тамомшуда), номи яке аз баҳрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Ниг. *Бадил.*

**Мазмӯм** (ар. مضموم -пешраванда, берунраванда), дар илми арӯз як навъи ҳаракати ҳарфест, ки ҳангоми талаффузи он лабу даҳонро ба пеш берун оранд. Ин ҳолат бештар дар талаффузи замма («у») ба амал меояд. Дар хати арабӣ, харферо, ки ҳаракати замма («у») дорад, М. меноманд.

**Мазоҳиф** (ар. مزاحف зиҳофҳо), ниг. *Зиҳоф.*

**Максӯр** (ар. مكسور -шикаста, шикасташуда), дар илми арӯз як навъи ҳаракати ҳарфест, ки ҳангоми талаффузи он майли даҳон ба сӯи зер (поин) кунанд. Ин ҳолат бештар дар талаффузи касра («н») ба амал меояд. Дар ҳуруфи арабӣ ҳарферо, ки ҳаракати касра («и») дорад. М. хонанд.

**Максӯф** (ар. مكسوف -кушода, зоҳиршуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи исқоти ҳиҷои охири рукни мафъӯлоту / — — — у / ба вуҷуд меояд. Ниг. *Макшуф.*

**Макфӯф** (ар. مكفوف -басташуда, дошташуда, кӯр, нобино), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи партофтани ҳарфи охири *сабаби* хафиф, яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷоҳои охири рукнҳои мафойлун / у — — — /, фоилотун / — у — — /, фоило-тун / — у — — / ва мус-тафъи-лун / — — у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ҳарфи «н»-ро партоем, яъне каф (ф) кунем, «мафойлу» / у — — у /, аз фоилотун / — у — — / «фоилоту» / — у — у /, аз фои-ло-тун / — у — — / «фои-ло-ту» / — у — у / ва аз мустафъи-лун «мус-тафъи-лу» / — — у у / боқӣ мемонад, ки онро М. мехонанд. Зиҳофҳои махбун / у — — у /, матвӣ ва манқус / у — — у / низ шакли афоили М.-и рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ва М.-и рукни мафъӯлоту / — — — у /-ро дошта бошанд ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи махбун ва матвӣ аз рукни мафъӯлоту / — — — у / ва зиҳофи манқус аз рукни асосии баҳ-

ри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукнҳои мафойлун, фоилотун, фои-ло-тун ва мус-тафъи-лун ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои муфрад ва саристеъмоли арӯз буда, дар шеър асосан, дар рукнҳои аввал ва мобайни байт, яъне дар садру ибтидою ҳашвайн меояд ва бештар ба баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Қариб, Музореъ ва Мушокил хос аст.

Мисол: Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф.

Хубӣ ба рӯи хуби ту икрор мекунад,
Акл аз нихеби ишки ту зинҳор мекунад. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилун
— — у / — у — у / у — — у / — у —

Музореъи мусаммани ахраби макфуфи мақсур:

Шамшодкадду лоларуху ёсуминбар аст,
Бо сарву гул ба қомату ораз баробар аст. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилон
— — у / — у — у / у — — у / — у ~

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

Пайваста ба дарьёи вафо ғаркаму хоҳам,
Афвам кунӣ, ар ҳарфи туро гӯш накардам. *(Лоҳутӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаӯлун
— — у / у — — у / у — — у / у — —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами ахраби М.-и маҷбуб:

Ере дорам ҳар суханаш шаҳду шакар,
Хуштар бошад чеҳрааш аз лолаи тар.
Меболам, монанди гул, аз хандаи ӯ,
Мефорад бар ман хунад аз меҳр назар. *(Толиб)*
мафъӯлун / мафъӯлу / мафойлу / фаал
— — — / — — у / у — — у / у —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами аштари М.-и маҷбуб:

Дасте дорам ҳамеша дар кори Ватан,
Фатҳе дорам басе сазовори Ватан.
Феъле дорам накӯ зи анвори Ватан,
Давре дорам хушу мададгори Ватан. *(Улфат)*
мафъӯлун / фоилун / мафойлу / фаал
— — — / — у — / у — — у / у —



Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур:

Кораш ҳама ноз аст, чунин ёр кӣ дидаст?
Нозаш ҳама бо мост, чунин кор кӣ дидаст? *(Лоҳутӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / мафойл
— — у / у — — у / у — — у / у — ~

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтам (рубоӣ):

Дур аз ту зи гармии танам чома бисӯхт,
Рафтам бинависам ин хабар, хома бисӯхт. *(Лоҳутӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаӯл
— — у / у — — у / у — — у / у ~

Ҳазаҷи мусаммани макфуфи маҳзуф:

Маро ишқ дуто кард ба ҳангоми ҷавонӣ,
Чаро боз напурсӣ ту зи ҳолам, чу надонӣ (аз *«Ал-Мӯъҷам»*)
мафойлу / мафойлу / мафойлу / фаӯлун
у — — у / у — — у / у — — у / у — —

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб (рубоӣ):

Акнун ки на дил хасту на дилдор маро,
Бо ҳеҷ касе нест дигар кор маро. *(Лоҳутӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаал
— — у / у — — у / у — — у / у —

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи маҳзуф:

Эй дарди ту ороми дили ман,
Эй номи ту илҳоми дили ман. *(Лоҳутӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / фаӯлун
— — у / у — — у / у — —

Рамали мусаддаси махбуни макфуфи мақсур (ибтидо — солим, ҳашв — мушаасс, зарб — махбуни мақсур):

Табари чӯбину мехи оханин,
Ошиқи мискин чун бишканад ин?
фаилотун / фоилоту / фоилон
у у — — / — у — у / — у ~

Музореъи мусаддаси макфуфи маҳзуф:

Хушо чилваи ҷамоли ту дидан,
Хушо меваи висоли ту чидан. *(Ҷомӣ)*
мафойлу / фоилоту / фаўлун
у — — у / — у — у / у — —

Музореъи мураббаъи макфуфи мақсур:

Маро кушт беҳадид,
Сияҳчашм Бӯсаид. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлу / фоилон
у — — у / — у ~

Музореъи мусаддаси макфуфи матмус:

Дил аз ёри бевафо бикаш,
Бувад ёри бевафо на х(в)аш. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлу / фоилоту / фаъ
у — — у / — у — у / —

Музореъи мусаммани макфуфи мақсур:

Гар он турра хаст мушк, ба мо чун надод бӯй
В-ар он чеҳра ҳаст моҳ, чаро даркашид рӯй? *(Сайфӣ)*
мафойлу / фоилоту / мафойлу / фоилон
у — — у / — у — у / у — — у / — у ~

Қариби мусаддаси ахраби макфуф:

Шодию ҷавонию пешгоҳӣ
Ҳошо, ки заифию ғам наҳоҳӣ. *(Носири Хисрав)*
мафъӯлу / мафойлу / фои-ло-тун
— — у / у — — у / — у — —

Қариби мусаддаси ахраби макфуфи мақсур:

Кӯ Осафи Ҷам, гӯ, биё бубин,
Бар тахти Сулаймони ростин. *(Анварӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / фоилон
— — у / у — — у / — у ~

Қариби мусаддаси ахраби макфуфи мусаббағ:

Дом аст, ҷаҳон бар ту, эй писар, дом,
З-ин дом надорад хабар даду дом. *(Носири Хисрав)*
мафъӯлу / мафойлу / фоилиён
— — у / у — — у / — у — ~



Қариби мусаддаси макфуфи мақсур (и б т и д о — ахраб):

Май орад шарафи мардумӣ падид,
Озоданажод аз дирамхарид. *(Рӯдакӣ)*
мафойлу / мафойлу / фоилон
у — — у / у — — у / — у ~

Қариби мусаддаси макфуфи маҳзуф:

Бо банда, буто, хира бад шудӣ,
Қас нанамудат, ки худ шудӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / мафойлу / фоилун
— — у / у — — у / — у —

Қариби мусаддаси макфуфи мақсур (с а д р—солим, а р ӯ з—маҳзуф, ҳ а ш в и мисраи аввал — муханнак):

Ҳамегӯям бартар шав аз дилам,
Туро бо дили ман ҳеҷ кор нест. *(Хусрав)*
мафойлун / мафъӯлун / фоилун
у — — — / — — — / — у —
мафойлу / мафойлу / фоилон
у — — у / у — — у / — у ~

Музореъи мусаммани ахраби макфуфи мусаббағ:

Садбарги нав шукуфту барафрӯхт чеҳра аз ноз,
Фарьёди булбулон зи чаман гашт ғулғуландоз. *(Фарҳат)*
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилиён
— — у / — у — у / у — — у / — у — ~

Мушокили мусаддаси макфуфи максур:

Эй нигори сияҳчашми сияҳмӯй,
Сарвқадди накӯкори накӯгӯй. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилоту / мафойлу / мафойл
— у — у / у — — у / у — ~

Мушокили мусаммани макфуфи максур:

Хез, тарфи чаман гир бо харифи суманрӯй,
Гоҳ сунбули тар чину гоҳ шохи суман бӯй. *(Ҷомӣ)*
фоилоту / мафойлу / фоилоту / мафойл
— у — у / у — — у / — у — у / у — ~

Мушокили мураббаъи макфуфи мақсур:

Рӯзгор хазон аст,
Боди сард вазон аст. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилоту / мафойл
— у — у / **у** — ~

**Макшӯф**, максуф (ар. مكشوف -бараҳна кардашуда, кашф кардашуда, ошкоро), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи *исқоти* ҳиҷои охири рукни мафъӯлоту / — — — у / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафъӯлоту / — — — у / ҳиҷои охири он, яъне «ту»-ро партоем, «мафъӯло» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали мафъӯлун / — — — /-ро гузошта М. мехонанд. Зиҳофҳои ахрам / — — — /, ақсам / — — —/, мақсур / — — — /, мақтӯъ / — — — /, муханнақ / — — —/, мушаасс / — — — / шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи ахрам / — — — / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/, зиҳофи ақсам / — — — / аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у —/, зиҳофи мақсур / — — — / аз рукни солими мус-тафъи-лун / — — у —/, зиҳофи мақтӯъ / — — — / аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/, зиҳофи муханнақ / — — — / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/, зиҳофи мушаасс / — — — / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз рукни мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст, М. аз ҷумлаи зиҳофҳои муфрад ва камистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда, дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд ва бештар ба баҳрҳои Сареъю Мунсареҳ хос аст. Агар аз зиҳофи М. ҳиҷои якуми онро хабн кунем (кӯтоҳ намоем), яъне ҳарфи «ф»-ро партоем, мафъӯлун / — — — / шакли «маъӯлун» / у — — /-ро мегирад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали «фаӯлун» / у — — /-ро гузошта, макшуфи махбун, агар аз зиҳофи М. ҳиҷои дуюми онро тай кунем (кӯтоҳ кунем), яъне ба ҷои садоноки дарози «ӯ» садоноки «у»-ро гузорем, мафъӯлун / — — — / шакли «мафъулун» / — у — /-ро мегирад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фоилунро / — у — / гузошта, макшуфи матвӣ меноманд. Зиҳофҳои макшуфи махбун ва макшуфи матвӣ нисбат ба М. серистеъмолтар мебошанд.

Мисол: Сареъи мусаддаси матвии макшуф:

Пистаи ту ҳаст шифои дилам,
З-он ки шуд ӯ хастаи бодоми ту. (*Рӯдакӣ*)
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у у — / — у —



Мунсареҳи мусаммани макшуфи махбун:

Гардида шамъи базмам бе обутоб бе ту,
Фонуси дил фиканда киштӣ ба об бе ту. (*Сайидо*)
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / фаӯлун
— — у — / у — — / — — у — / у — —

Мунсареҳи мураббаъи матвии макшуф:

Лаб-лаби чӯ мармиҷон,
Ҳалқа барин овезон,
Гар бихӯрӣ ту аз он,
Мешавадат нӯши ҷон. (*Гулчин*)
муфтаилун / мафъӯлун
— у у — / — — —

Мунсареҳи мураббаъи макшуфи матвӣ:

Мулки дилоро туӣ,
Хурраму зебо туӣ.
Ҷону дили мо туӣ,
Эй Ватани Октябрь! (*М. Хайдаршо*)
муфтаилун / фоилун
— у у— / — у —

**Макшӯфи матвии махбӯн**, ниг. *Махбуни матвии макшуф.*

**Макшӯфи матвӣ** (аз *макшуф* ва *матвӣ*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни мафъӯлоту / — — — у /, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои кашф ва тай ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафъӯлоту / — — — у / ҳиҷои охири онро, яъне «ту»-ро партоем, «мафъӯло» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали мафъӯлун / — — — /-ро гузошта, макшуф мехонанд. Баъди ин, агар аз зиҳофи макшуф / — — — / ҳиҷои дуюми онро тай кунем, кӯтоҳ намоем, яъне ба ҷои садоноки дарози **«ӯ»** садоноки кӯтоҳи «у»-ро гузорем, мафъӯлун / — — — / шакли «мафъулун» / — у — /-ро мегирад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фоилун / — у — /-ро монда, М. м. меноманд. Зиҳофҳои аштар / — у — /, аҷам / — у — /, марфӯъ / — у — /, матвии макшуф / — у — /, маҳзуф / — у — / шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аштар / — у — / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/, зиҳофи аҷам / — у — / аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у —/, зиҳофи марфӯъ / — у — / аз рукни асосии баҳри

Рачаз — мустафъилун /— — у —/, зиҳофи матвии макшуф /— у —/ аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/, аммо дар натичаи гузаронидани амалҳои тай ва кашф, зиҳофи махзуф /— у —/ аз рукни асосии бахри Рамал — фоилотун /— у — —/ ба вучуд омада, зиҳофи М. м. аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/ дар натичаи гузаронидани амалҳои кашф ва тай хосил шудааст. М. м. аз гурӯҳи зиҳофҳои мураккаб, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър дар рукнҳои байну охири байт, яъне дар ҳашву арӯзу зарб меояд ва факат хоси бахрҳои Сареъю Мунсареҳ аст.

Сареъи мусаддаси матвии макшуфи матвӣ:

Тоза шавам, гар ба рухи ӯ бирасам,
Сабза тару тоза ба борон шавад. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у —/— у у —/— у —

Мунсареҳи мусаммани матвии макшуфи матвӣ (арӯз — матвии мавкуф):

Гирьяи шому саҳар шукр, ки зоеъ нагашт,
Қатраи борони мо гавҳари якдона шуд. *(Ҳофиз)*
муфтаилун / фоилун / муфтаилун / фоилун
— у у —/— у —/— у у —/— у —

Мунсареҳи мусаммани мактӯъи макшуфи матвӣ (ҳашви дуюми ҳар ду мисраъ — матвӣ):

Моро гуфтӣ меёӣ беш бад-ин маъдано,
Моро дил сӯхтааст ишқ туро домано. (аз *«Ал-мӯъчам»*)
мафъӯлун / фоилун / муфтаилун / фоилун
— — —/— у —/— у у —/— у —

Мисоли бахри Мунсареҳи мураббаъи макшуфи матвӣ:

Вакте шабоҳанг шуд,
Дуньё сиёҳранг шуд,
Дар сина маъвои дил
Кошонаи танг шуд. *(Гулчин)*
мустафъилун / фоилун
— — у —/— у —

**Макшӯфи махбӯн** (аз *макшуф* ва *махбун*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни солими мафъӯлоту /— — — у/, ки дар натичаи гузаронидани амалҳои кашф ва хабн ба вучуд меояд. Агар аз рукни мафъӯлоту /— — — у/ ҳичои охири онро кашф кунем, яъне ҳичои «ту»-ро партоем, «мафъӯло» /— — —/ боқӣ мемонад, ки ба чояш рукни мустаъмали мафъӯлун /— — —/-ро гузошта, макшуф мехонанд. Баъди ин, агар аз зиҳофи макшуф — мафъӯлун /— — —/ ҳичои аввали онро хабн кунем (кӯтоҳ намоем), яъне ҳарфи «ф»-ро партоем, мафъӯлун /— — —/ шакли «маъӯлун» /у — —/-ро мегирад, ки ба чояш рукни мустаъмали «фаӯлун» /у — —/-ро гузошта, М. м. мемонанд. Зиҳофҳои махбуни макшуф /у — —/, мактуф /у — —/, мактӯъи махбун /у — —/, махзуф /у — —/, мухаллаъ /у — —/ ва рукни асосии бахри Мутакориб — фаӯлун /у — —/ шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеч гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи махбуни макшуф /у — —/ аз рукни мафъӯлоту, тавассути гузаронидани амалҳои хабну кашф, зиҳофи мактуф /у — —/ аз рукни асосии бахри Вофир — мафоилатун /у — у у —/, зиҳофҳои мактӯъи махбун /у — —/ ва мухаллаъ /у — —/ аз рукни асосии бахри Рачаз — мустафъилун /— — у —/, зиҳофи махзуф /у — —/ аз рукни асосии бахри Ҳазач — мафойлун /у — — —/ ба вучуд омада, зиҳофи М. м. аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/ ҳосил шудааст. М. м. аз чумлаи зиҳофҳои мураккаб ва камистеъмоли арӯзи толчикӣ буда, номи мураккаб дорад ва дар шеър дар рукнҳои байну охири байт, яъне дар ҳашву арӯзу зарб меояд ва асосан, ба бахрҳои Сареъю Мунсареҳ хос аст.

Мисол: Мунсареҳи мусаммани М. м.:

Донӣ, ки чист давлат? Дидори ёр дидан.
Дар кӯи ӯ гадой бар хусравӣ гузидан. *(Ҳофиз)*
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / фаӯлун
— — у —/у — —/— — у —/у — —

Мунсареҳи мусаммани матвии макшуфи махбун:

Сеҳри ҳунар намояд домани сабзи саҳрӧ,
Боди саҳар кушояд пардаи рӯи гулҳо. *(Фарҳат)*
муфтаилун / фаӯлун / муфтаилун / фаӯлун
— у у —/у — —/— у у —/у — —

Мунсареҳи мураббаъи макшуфи махбун:

Як зарра офтобак
Домони моларо сӯхт.

Як нағмаи чаковак
Шамъи сурур афрӯхт (*Мақсуди Гулчин*)
мустафъилун / фаъулун
— — у — / у — —

**Макшӯфи махбӯни матвӣ**, ниг. *Махбуни матвии макшуф.*

**Мамсӯх**, (ар. ممسوخ -баргардонидашуда), номи дигари зиҳофи *маслух.*

**Манқӯс** (ар. منقوص -айбдор, нуқсдор), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи *иҷтимоъи* зиҳофҳои *маъсуб* ва *макфуфи* рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафоилатун ҳарфи «то»-ро а с б кунем (партоем), мафойлун боқӣ мемонад, баъди ин тавассути амалиёти каф(ф) кӯтоҳ кардан «мафойлун»-ро ба мафойлу» / у — — у / табдил дода, М. мехонанд. М. зиҳофи м у р а к к а б е с т, ки номи м у ф р а д дорад. Вай аз ҷумлаи зиҳофҳои камистеъмоли арӯз буда, дар шеър, асосан дар рукнҳои аввал ва мобайни байт, яъне дар рукнҳои садр, ибтидо, ҳашвайн меояд ва фақат ба баҳри Вофир хос аст. Зиҳофҳои макфуф / у — — у /, махбун / у — — у / низ шакли афоили М.-ро доранд, аммо ба ин зиҳоф ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надорад, зеро зиҳофи макфуф аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ мафойлун / у — — — /, зиҳофи махбун аз рукни мафъӯлоту / — — у / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз рукни мафоилатун / у — у у — / ҳосил шудааст. Ҳарчанд М. аз ҷумлаи зиҳофҳои шеъри арабист, шоирони форс-тоҷик дар навъҳои гуногуни баҳри Вофир онро истифода бурдаанд.

М и с о л: Вофири мусаддаси М.-и мақтуф:

Агар ёр маро боз навозад,
Дилам бо ғами савдош бисозад. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлу / мафойлу / фаъулун
у — — у / у — — у / у — —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаддаси макфуфи маҳзуф / мафойлу / мафойлу / фаъулун / у — — у / у — — у / у — — / низ шакли овозии афоили баҳри Вофири мусаддаси М.-и мақтуфро дорад.

**Манҳӯк** (ар. منهوك -хароб, лоғар), дар илми арӯз байте ё шеъреро гӯянд, ки дар ду ҷузв навишта бошанд ва он иллат ё заъфи шеър ҳисоб мешавад. Мас., байти зер, ки аз навъҳои баҳри Мунсареҳ аст, мисраи якуми он дар вазни Мунсареҳи мусаддаси матвӣ ва мисраи дуюм дар вазни Мунсареҳи мусаддаси матвии мақтӯъ иншо гардидааст:



Дил бирабудӣ зи ман кунун чӣ кунам?
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун
— у у — / — у — у / — у у —
Суд надорад маро пушаймонӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / фоилоту / мафъӯлун
— у у — / — у — у / — — —

Мисоли дигар:

Ман ба чашми амир сахт азизам
фоилотун / мафоилун / фаилотун
— у — — / у — у — / — — —

Мисраи байти боло дар вазни Хафифи мусаддаси махбун ва мисраи дуюм дар вазни Хафифи мусаддаси махбуни мушаас(с) суруда шудааст.

**Манҳӯр** (ар. منحور -гулӯбурида, синабурида), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки арӯзиёни аҷам баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. М. дар натиҷаи гузаронидани амалҳои к а ш ф ва ҷ а д ъ, яъне партофтани ҳиҷоҳои якуму дуюм ва чоруми рукни мафъӯлоту / — — — у / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафъӯлоту / — — — у / ҳиҷои охири он, яъне «ту»-ро партоем, «мафъӯло» / — — — / боқӣ мемонад, ки бо ҷояш рукни мустаъмали «мафъӯлун» / — — —/-ро гузошта, *макшуф* мехонанд. Баъди ин, агар амали ҷ а д ъ р о ҷорӣ кунем, яъне ду сабаби хафифи аввали «мафъӯло»-ро партоем, «ло» / — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаъ / — /-ро гузошта М. меноманд. Зиҳофҳои а б т а р / — /, м а т м у с / — /, м а ҳ з у ф / — /, м а ҳ з у д / — /, м а ҷ ҳ у ф / — / шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи абтар / — / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи матмус / — / аз рукни солими фои-ло-тун / — у — — /, зиҳофҳои маҳзуф / — / маҳзуд / — / аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи маҷҳуф / — / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои м у р а к к а б е с т, ки номи м у ф р а д дорад, дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар ҷ а д ъ р о ҷорӣ кунем, яъне ду сабаби хафифи аввали «мафъӯло»-ро партоем, «ло» / — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаъ / — /-ро гузошта М. меноманд. Зиҳофҳои а б т а р / — /, м а т м у с / — /, м а ҳ з у ф / — /, м а ҳ з у д / — /, м а ҷ ҳ у ф / — / шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи абтар / — / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи матмус / — / аз рукни солими фои-ло-тун / — у — — /, зиҳофҳои маҳзуф / — / маҳзуд / — / аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи маҷҳуф / — / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои м у р а к к а б е с т, ки номи м у ф р а д дорад, дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар

Ҳурмати рӯи туро набинам, лола,
Ҳашмати бӯи туро набӯям, анбар. (*Масъуди Саъди Салмон*)
муфтаилун / фоилоту / мафъӯлун / фаъ
— у у — / — у — у / — — — / —

Мунсареҳи мусаммани матвии М. (*ҳашви* дуюми мисраъи дуюм — *мақтӯъ*, з а р б — *маҷдӯъ*):

Хоки кафи пои Рӯдакӣ сипари ту,
Ҳам бишавӣ гову ҳам бихӣ барғаст. (*Рӯдакӣ*)
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фаъ
— у у —/— у — у/— у у —/—

Мунсареҳи мусаммани матвии М.:

Синаи деҳқон зи ғусса оҳ надорад,
Киссаи доро зи лиҳра роҳ надорад. (*Лоҳутӣ*)
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фаъ
— у у —/— у — у/— у у —/—

Мунсареҳи мусаммани мақтӯъи матвии мақтӯъи М.:

Аҳде кардам, ки то бари ту н-оям,
Бӯсе надҳам бар он акиқин шаккар. (аз «*Ал-мӯъҷам*»)
мафъӯлун / фоилоту / мафъӯлун / фаъ
— — —/— у — у/— — — /—

**Марбӯъ** (ар. مربوع -чаҳорякшуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи иҷтимоъи амалҳои с а л м ва х а б н и рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун /— у — —/ ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни фоилотун /— у — —/ ҳарфҳои «алиф»-и дуюм, «то» ва «нун» (ба ҳуруфи арабӣ)-ро, яъне чор ҳарфи охирро с а л м кунем, яъне бурида партоем, «фоил» /— —/ боқӣ мемонад. Баъди ин ба воситаи амали х а б н, яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷои якум, «о»-и «фоил»-ро ба «а» табдил диҳем, «фоил» /— —/ шакли «фаил»-ро /у —/ мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали «фаул» /у —/ гузошта, М. мехонанд. Ин зиҳофро арӯзиёни мутааххирин баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Зиҳофҳои махбуни мақтӯъ /у —/, маҳзуф /у —/, маҷбуб /у —/ шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи махбуни мақтӯъ /у —/ аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун /— у —/, зиҳофи маҳзуф /у —/ аз рукни асосии баҳри Мутақориб — фаӯлун /у — —/, зиҳофи маҷбуб /у —/ аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун /у — — —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукни фоилотун /— у — —/ ҳосил шудааст. М. аз гурӯҳи з и ҳ о ф ҳ о и м у р а к к а б ва камистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда, номи м у ф р а д дорад ва дар шеър, фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар *арӯзу зарб* меояд ва асосан, ба баҳри Рамал хос аст. М и с о л:

Рамали мусаммани махбуни М.:



Бути ман, гар ба сазо ҳурмати ман донаде,
На маро гаҳ кунаде хору гаҳе ронаде. (аз «*Ал-мӯъҷам*»)
фаилотун / фаилотун / фаилотун / фаул
у у — —/ у у — —/ у у — —/ у —

Рамали мусаддаси М.:

Боғи зебо гашт қишлоқи мо,
Шӯҳратафзо гашт қишлоқи мо. (*Фарҳат*)
фоилотун / фоилотун / фаул
— у — —/ — у — —/ у —

**Марбӯъи мусаббағ** (аз *марбӯъ* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба зиҳофи марбӯъи баҳри Рамал — фаул /у —/ гузаронидани амали и с б о ғ ба вуҷуд меояд. Агар ба воситаи амали и с б о ғ ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и шакли овозии зиҳофи марбӯъ — фаул /у —/ садоноки дарози «ӯ»-ро гузорем, фаул /у —/ шакли фаӯл /у/-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофҳои а ҳ т а м, м а х б у н и а ҳ а з з и м у з о л, м а қ с у р, м у х а л л а ъ и м у б у н и а ҳ а з з и м у з о л шакли овозии М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аҳтам аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун /у — — —/, зиҳофи махбуни аҳаззи музол аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун /— — у —/, зиҳофи мақсур аз рукни асосии баҳри Мутақориб — фаӯлун /у — —/, зиҳофи мухаллаъи музол аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун /— у —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун /— у — —/ ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър одатан дар рукнҳои охири байт, яъне дар *арӯз* ва *зарб* меояд. М. м. дар шеър хеле кам истифода мешавад ва асосан, хоси баҳри Рамал аст.

М и с о л:

Рамали мусаддаси М. м.:

Рӯди Варзоб ояд аз кӯҳсор.
Шоҳаҳояш беадад чун чинор.
Ном дорад ҳар яке чӯйбор,
Файз орад сӯч боғи қатор. (*Фарҳат*)
фоилотун / фоилотун / фаӯл
— у — —/ — у — —/ у —

**Марфӯъ** (ар. مرفوع -бардошташуда, бартараф кардашуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи партофтани *сабаби* рукне, ки дар аввали он ду сабаби хафиф /— —/ ома-

да бошад. Пас М. ба рукнҳои мустафъилун / — — у — / ва мафъӯлоту / — — — у / хос аст, зеро дар аввали ҳар ду рукн ду сабаби хафиф / — — /, яъне ду ҳиҷои дароз ҷой гирифтаанд. Агар аз рукни асосии баҳри Рамаз — мустафъилун / — — у — / ва аз рукни солим — мафъӯлоту / — — — у / ҳиҷоҳои якуми онҳоро партоем, аз мустафъилун / — — у — / «тафъилун» / — у — / ва аз мафъӯлоту / — — — у / «ӯлоту» / — — у / боқӣ мемонад, ки ба ҷои «тафъилун» / — у — / рукни мустаъмали фоилун / — у — / ва ба ҷои «ӯлоту» / — — у / рукни мустаъмали мафъӯлу / — — у /-ро гузошта, М. мехонанд. Зиҳофҳои аштар / — у — /, аҷам / — у — /, ахраб / — — у /, макшуфи матвӣ / — у — /, матвии макшуф / — у — /, маъкус / — — у /, маҳзуф / — у — / шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофҳои аштар ва ахраб аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофҳои аҷам ва маъкус аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — /, зиҳофҳои макшуфи матвӣ ва матвии макшуф аз рукни солим мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи маҳзуф аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз рукни асосии баҳри Рамаз — мустафъилун / — — у — / ва рукни солим — мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи з и ҳ о ф ҳ о и м у ф р а д ва камистеъмоли арӯзи тоқикӣ буда, дар шеър дар рукнҳои аввал, мобайн ва охири байт, яъне дар *садру ибтидо, ҳашв* ва *арӯзу зарб* меояд ва асосан, ба баҳрҳои Рамазу Мунсареҳу Муқтазаб ва Муҷтасс хос аст.

Агар аз зиҳофи М.-и / — у — / рукни асосии баҳри Рамаз — мустафъилун / — — у — / ҳиҷои дарози аввалро х а б н кунем, яъне кӯтоҳ намоем, фаилун / у у — / боқӣ мемонад, ки м а р ф ӯ ъ и м а х б у н; агар садоноки кӯтоҳи ҳиҷои охири зиҳофи М.-и / — у — / рукни мустафъилунро / — — у — / дароз кунем, яъне ба ҷои садоноки «у» садоноки «о»-ро гузорем, фоилун / — у — / шакли фоилон / — у /-ро мегирад, ки м а р ф ӯ ъ и м у з о л меноманд.

М и с о л: Мунсареҳи мусаддаси М.-и матвӣ:

Ранҷи бемарҳаме барад дили ман,
Нест ҷуз ғам зи ёр ҳосили ман. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилун / фоилоту / муфтаилун
— у — / — у — у / — у у —

Муқтазаби мусаммани М.-и матвӣ:

Бо кадди сарви баланд оройиши чаманӣ,
Бо рӯи шодии гул осойиши суманӣ. *(Фарҳат)*



мафъӯлу / муфтаилун / мафъӯлу / муфтаилун
— — у / — у у — / — — у / — у у —

Мунсареҳи мусаддаси М.:

Дорад қадам монанди торе қасаб,
Аз фурқаташ он турки дебосалаб. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / мафъӯлу / мустафъилун
— — у — / — — у / — — у —

Муқтазаби мусаддаси марфӯъ:

Эй саътарӣ, беҳуда то кай маро
Дорӣ ҳаме аз ҷафо андар ино. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / мустафъилун / мустафъилун
— — у / — — у — / — — у —

Муҷтасси мусаддаси М. (и б т и д о — м а т в ӣ):

Эй писар, май биёру боз барбат,
Мурғи мусамман биёру боз бар бат.
фоилун / фоилотун / фоилотун
— у — / — у — — / — у — —

Рамази мусаммани матвии М.:

Равзаи хоҷа кунад бар суханам офарин,
Фахри Хуросон диҳад мулки маонӣ ба ман. *(Ибни Ҳиссом)*
муфтаилун / фоилун / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у — / — у у — / — у —

**Марфӯъи махбӯн** (аз ар. مرفوع-бардошташуда, бартараф кардашуда ва *махбун*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рамаз — мустафъилун / — — у — /, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои р а ф ъ ва х а б н ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мустафъилун / — — у — / сабаби хафифи / — / аввалро р а ф ъ кунем, яъне ҳиҷои дарози якумро партоем, «тафъилун» / — у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фоилун / — у — /-ро гузошта м а р ф ӯ ъ мехонанд. Баъди ин аз зиҳофи марфӯъ — фоилун / — у — / садоноки дарози «о»-ро х а б н кунем, яъне ба садоноки кӯтоҳи «а» табдил диҳем, фаилун / у у — / ҳосил мешавад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофҳои а ҳ з а з (фаилун у у — /, м а т в и и м а х б у н и м а к ш у ф / фаилун у у — /, м а х б у н / фаилун у у — /, м а х б у н и м а ҳ з у ф / фаилун у у — / шакли афоили М. м. дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аҳзаз / у у — / аз рукни асо-

сии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — /, зиҳофи матвии махбуни маҳзуф / у у — / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи махбун / у у — / аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — /, зиҳофи махбуни маҳзуф / у у — / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. аз рукни мустафъилун / — — у — / ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккаб буда, номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар охири рукнҳои байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. М. м. хеле камистеъмол буда, фақат ба баҳри Рачаз хос аст. Мисол:

Рачази мусаддаси М. м.:

Аз ишқи ӯ ман дар ҷаҳон самарам,
Месӯзад аз ҳичронаш ӯ ҷигарам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / мустафъилун / фаилун
— — у — / — — у — / у у —

Ниг. низ. *Марфӯъ.*

**Марфӯъи музо́л** (аз *марфӯъ* ва *музол*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /, ки тавассути амалҳои р а ф ъ ва и з о л а т ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мустафъилун / — — у — / сабаби хафифи / — / аввалро р а ф ъ кунем, яъне ҳиҷои дарози якумро партоем, «тафъилун» / — у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фоилун / — у — /-ро гузошта м а р ф ӯ ъ мехонанд. Сипас, ба воситаи амали и з о л а т, агар садоноки кӯтоҳи ҳиҷои охири зиҳофи марфӯъ — фоилун / — у — /-ро дароз кунем, яъне ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у» садоноки дарози «о»-ро гузорем, фоилун / — у — / шакли фоилон / — у ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофҳои аштари мусаббағ / фоилон — у ~ /, матвии мавқуф / фоилон — у ~ /, мақсур / фоилот — у ~ /, музол / фоилон — у ~ / шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аштари мусаббағ / — у ~ / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи матвии мавқуф / — у ~ / аз рукни асосии баҳри Рамал — фаилотун / — у — — /, зиҳофи музол / — у ~ / аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. аз рукни мустафъилун / — — у — / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи з и ҳ о ф ҳ о и м у р а к к а б буда, номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. М. м. хеле камистеъмол буда, фақат ба баҳри Рачаз хос аст. М и с о л:



Рачази мусаддаси матвии М. м.:

Дӯш набурдаст маро ҳеҷ хоб,
Хуфтани ушшоқ набошад савоб. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / муфтаилун ! фоилон
— у у — / — у у — / — у ~

Рачази мураббаъи мураффали М. м.:

Аз фавҷи зарбеди қатор
Бархост савти лоласор,
Аз авҷи сарви навбаҳор,
Омад навои шӯхи сор. (*Мақсуди Гулчин*)
мустафъилотун / фоилон
— — у — — / — у ~

Агар абьёти болоро ба таври:

мустафъилун / мустафъилон
— — у — / — — у ~

*тақтеъ* кунем, яке аз навъҳои баҳри Рачази мураббаъи музол ба вуҷуд меояд.

Рачази мусаммани матвии М. м.:

Ин сухани ту, ки дод оби равонро равон,
Гар ба Хуросон баранд ё ба Ироқ ин сухан. (*Ибни Ҳиссом*)
муфтаилун / фоилон / муфтаилун / фаилун
— у у — / — у — / — у у — / — у —

**Марфӯъи мураффа́л** (аз *марфӯъ* ва *мураффал*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба шакли овозии зиҳофи марфӯъ — фоилун / — у — / гузаронидани амали т а р ф и л ба вуҷуд меояд. Агар ба воситаи амали т а р ф и л ба охири зиҳофи марфӯъ — фоилун / — у — / як ҳиҷои дароз илова кунем, фоилун / — у — / шакли «фоилунтун» / — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фоилотун / — у — — /-ро гузошта, М. м. меноманд. Рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ва рукни солими фои-ло-тун / — у — — / шакли овозии зиҳофи М. м-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро фоилотун / — у — — / ҳамчун рукни асосии баҳри Рамал ва фои-ло-тун / — у — — / чун рукни мустақил вуҷуд дорад, аммо зиҳофи М. м. аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ба

вуҷуд омадааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър дар ҳамаи рукнҳои байт, яъне дар садру ибтидою арӯзу зарб ва ҳашвайн меояд. М. м. нисбатан камистеъмол аст ва фақат ба баҳри Рамаз хос аст. Мисол:

Рамази мураббаъи мураффали мақсури М. м.:

Аз хандаи ширини ҷонон
Ҷон дар танам омад ба туғён,
Шодон нигаҳ кардам ба рӯяш,
Афзун маро шуд нури чашмон. *(Фарҳат)*
мустафъилатун /фоилотун
— — у у —,/— у у —

**Марфӯъи мураффа́ли мусабба́ғ** (аз *марфӯъ, мураффал* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи дигари зиҳофи *марфӯъи мутаввал*.

**Марфӯъи мутавва́л** (аз *марфӯъ* ва *мутаввал*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба шакли овозии зиҳофи марфӯъи мураффал — фоилотун / — у — — / гузаронидани амали татвил ба вуҷуд меояд. Агар тавассути амали татвил ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и шакли овозии зиҳофи марфӯъи мураффал — фоилотун / — у — — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, фоилотун / — у — — / шакли «фоилотон» / — у — ~ /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фоилиён / — у — ~ /-ро гузошта, М. м. мемонанд. Зиҳофи мусаббағ низ шакли овозии зиҳофи М. м.-ро дорад, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надорад, чунки зиҳофи *мусаббағ* аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ва рукни солими фои-ло-тун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад, аз рукни асосии баҳри Рамаз — мустафъилун / — — у — / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. М. м. дар шеър хеле кам истифода мешавад ва фақат ба баҳри Рамаз хос аст.

Мисол: Рамази мураббаъи мураффали М. м.:

Ман ҳам миёни ҷӯраҳоям,
Гап аз вафодорӣ кушоям.
Гӯям, ки шоду сарфарозам
Аз дилбари дидадароям.
мустафъилотун / фоилиён
— — у —·— / — у — ~



Маслу́ҳ (ар. مسلوخ -ҳайвони кушташуда, пӯсткардашуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки аз рукни солими фои-ло-тун / — у — — / тавассути *исқоти* ду *сабаби* хафиф / — / ва сокин кардани ҳарфи мутаҳаррики охирини *ватади* мафруқ / — у / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни солими фои-ло-тун / — у — — / ду ҳиҷои дарози охирро партоему «фоъи»-ро / — у / сокин гардонем, фоъ / ~ / боқӣ мемонад, ки онро М. мехонанд. Зиҳофҳои азалл / ~ /, аҳаззи мақсур / ~ /, маҷдӯъ / ~ /, маҷҳуфи мусаббағ / ~ / шақли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи азал / ~ / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / зиҳофи аҳаззи мақсур / ~ / аз рукни асосии баҳри Рамаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи маҷдӯъ / ~ / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи маҷҳуфи мусаббағ / ~ / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукни солими фои-ло-тун / — у — — / ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи муфрад дорад ва дар шеър, фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. М. нисбат ба дигар зиҳофҳои арӯз камистеъмол буда, асосан ба баҳри Қариб хос аст.

Мисол: Қариби мусаддаси ахраби мақбузи М.:

Баргаштани мо муҳол аст,
Мақсуд снёҳҳол аст. (аз *«Арӯзи тоҷикӣ»*)
мафъӯлу / мафоилун / фоъ
— — у / ·— у — / ~

Дар «Ал-мӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ М. бо номи мамсух низ омадааст.

**Маснӯъ** (ар. مصنوع -сохташуда, эҷод кардашуда), номи яке аз баҳрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ (а. 11) ва диг. баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Ин баҳрро барои он М. меноманд, ки рукнҳои солими онро аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, рукни асосии баҳри Рамаз — мустафъилун / — — у — / ва рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / сохтаанд. Рукнҳои солими М.-ро аз ҷузви аввали рукни якуми доираи *Мунъалиқа* ҷудо кардаанд. Агар аз ҷузви аввали рукни якуми доираи Мунъалиқа, яъне аз «ма» / у / сар кунем, мафойлун / у — — — /, мустафъилун / — — у — /, фоилотун / у — — — / ба вуҷуд меоянд, ки вазни як мисраъ шеъри М.-и мусаддаси солимро ташкил медиҳанд. Дар рукнҳои солими М. *сабаби* хафиф / — / нисбат ба ватади маҷмӯъ / у — / ва

ватади мафруқ /— у/ зиёд буда, дар онҳо *фосила* ишти-рок надорад. Дар авзони солими М. миқдори ҳиҷоҳои дарозӣ нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳ бештар аст, аз ин рӯ, вазни солими он аз ҷумлаи авзони сақили арӯз ҳисоб меёбад. М. чун ҳамаи баҳрҳои фаръӣ рукни махсус надорад ва рукнҳои солими он дар натиҷаи омезиши рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун /у — — —/, рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун /— — у —/ ва рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун /— у — —/ сохта мешаванд. М. аз ҷумлаи баҳрҳои хеле камистеъмоли арӯз буда, шоирон дар навъҳои он ниҳоят кам шеър гуфтаанд. М. бар хилофи баҳрҳои аслии арӯз навъҳои зиёд надорад. Шеърҳое, ки дар авзони ин баҳр суруда шудаанд, фақат дар шакли мусаддаси солим аст. Шаклҳои мусамману мураббаъю мусаннои солими он тамоман маъмул нест.

Мисол.: М.-и мусаддаси солим:

Гули марворидак ҷаманро биорост,
Зи анфосаш бингар, ки дунъё мутаррост. *(Мақсуди Гулчин)*
мафойлун / мустафъилун / фоилотун
у — — —/— — у —/— у — —

**Масх** (ар. مسخ -табдили сурате ба сурати дигар), дар илми арӯз номи дигари зиҳофи *Маслух*.

**Матвӣи мавқӯф** (аз *матвӣ* ва *мавқуф*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни мафъӯлоту /— — — у/, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои тай ва вақф ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни чорум — мафъӯлоту /— — — у/ садоноки дарози «ӯ»-ро ба садоноки кӯтоҳи «у» табдил диҳем, «мафъулоту» /— у — у/ боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фоилотту /— у — у/ гузошта, матвӣ мехонанд. Баъди ин аз зиҳофи матвӣ — фоилоту /— у — у/ ҳарфи охирашро вақф кунем, яъне партоем, «мафъулот» /— у ~ / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фоилонро /— у ~ / гузошта, М. м. меноманд. Зиҳофҳои аштари мусаббағ, мақсур, музол шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аштари мусаббағ— фоилон / — у ~ / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун /у — — —/, зиҳофи мақсур — фоилон /— у ~ / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун /— у — —/ ва рукни фоилотун /— у — —/, зиҳофи музол — фоилон /— у ~ / аз рукни асосии баҳри Мутадорик фоилун /— у —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у/ ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккаб буда, номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои мобайн ва охири байт, яъне дар рукнҳои ҳашву арӯзу зарб меоянд. М. м. бештар ба баҳрҳои Сареъ, Мунсареҳ хос аст. Мисол:



Мунсареҳи мусаммани матвии мавқуф:

Оташи рухсори гул хирмани булбул бисӯхт,
Чеҳраи хандони шамъ офати парвона шуд. *(Ҳофиз)*
муфтаилун / фоилон / муфтаилун / фоилон
— у у —/— у ~ /— у у —/— у ~

Сареъи мусаддаси матвии мавқуф:

Бешарафон, тӯдаи аҳриманон!
Лаънати яздон ба шумо, золимон! *(Лоҳутӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилон
— у у —/— у у —/— у ~

* * *

Дӯш набурдаст маро ҳеч хоб,
Хуфтани ушшоқ набошад савоб. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилон
— у у —/— у у —/— у ~

Мунсареҳи мураббаъи матвии мавқуф:

Офати ҳар золимем,
Мо ба ҷаҳон ҳокимем,
Ранҷабару олимем.
Қоргару ҳарбдор. *(Лоҳутӣ)*
муфтаилун / фоилон
— у у —/— у ~

Ниг. низ. *Матвӣ*.

**Матвӣи макшӯф** (максуф) аз *матвӣ* ва *макшуф* (мақсуф), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни мафъӯлоту /— — — у/, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои тай ва кашф ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни чоруми мафъӯлоту /— — — у/ садоноки дарози «ӯ»-ро ба садоноки кӯтоҳи «у» табдил диҳем, «мафъулоту» /— у — у/ боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фоилоту /— у — у/-ро гузошта, матвӣ мехонанд. Баъди ин аз зиҳофи матвӣ — «мафъулоту» /— у

— у / ҳиҷои охирашро к а ш ф кунем, яъне партоем, «мафъу-ло» / — у — / боқӣ мемонад ва ба ҷояш рукни мустаъмали фоилун / — у — /-ро гузошта М. м. мемонанд. Зиҳофҳои аштар, аҷам, макшуфи матвӣ, марфӯъ, маҳзуф ва рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / шакли афоили М. м.-ро доштанд, бошанд ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд / ба ҷуз м а к ш у ф и м а т в ӣ, ки аз ҳамин рукни мафъӯлоту / — — — у / дар натиҷаи гузаронидани амалҳои к а ш ф ва т а й ҳосил мешавад /, зеро зиҳофи а ш т а р — фоилун / — у — /, аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоӣлун / у — — /, зиҳофи а ҷ а м — фоилун / — у — / аз рукни асосии баҳри Во-фир — мафоилатун / у — у у — /, зиҳофи макшуфи матвӣ — фоилун / — у — / аз рукни мафъӯлоту / — — — у / дар нати-ҷаи ҷорӣ намудани амалҳои к а ш ф ва т а й, зиҳофи мар-фӯъ — фоилун / — у — / аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мус-тафъилун / — — у — /, зиҳофи маҳзуф — фоилун / — у — / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. М. м. аз гурӯҳи з и ҳ о ф ҳ о и м у р а к к а б буда, номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои байну охир, яъне дар рукнҳои ҳашву арӯзу зарб меояд. М. м. бештар ба баҳрҳои Сареъ, Мунсареҳ хос аст.

Мисол: Сареъи мусаддаси матвии макшуф (максуф):

То бирасад бар ту зи ман ҳукми нав,
Амр бидеҳ, зинда бимонад. Бирав! *(Лоҳутӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у у — / — у —

* * *

Гар зи ҷафо ёр пушаймон шавад,
Кори ман аз ишқ ба сомон шавад. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у у — / — у —

Мунсареҳи мусаммани матвии макшуф (максуф):

Пушти дутои фалак рост шуд аз хуррамӣ,
То ҷу ту фарзанд зод модари айёмро. *(Саъдӣ)*
муфтаилун / фоилун / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у — / — у у — / — у —



Мунсареҳи мураббаъи матвии макшуф (м а к с у ф):

Мағфирати наҳзакак,
Шӯҳаку кокулдароз.
Аз акиби шабпарак
Лаб-лаби ҷӯҳо натоз *(Фарҳат)*
муфтаилун / фоилун
— у у — / — у —

Ниг. низ *Матвӣ*.

**Матвӣи макшӯфи махбӯн**, ниг. *Махбуни матвии макшуф*.

**Матвӣи махбӯн** (аз *матвӣ* ва *махбун*), дар илми арӯз номи ин аз зиҳофҳои рукни мафъӯлоту / — — — у /, ки тавассути гузаронидани амалҳои т а й ва х а б н ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни чорум — мафъӯлоту / — — — у / садоноки дарози «ӯ»-ро ба садоноки кӯтоҳи «у» табдил диҳем, «мафъӯлоту» / — у — у / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фоилотуро / — у — у / гузошта, м а т в ӣ меҳонанд. Баъди ин аз зиҳофи матвӣ — «мафъулоту» / — у — у / ҳарфи «ф.»-ро х а б н кунем, яъне партоем, «маулоту» / у у — у / боқӣ мемонад ва ба ҷояш рукни мустаъмали фаилоту / у у — у /-ро гузошта, М. м. мемонанд. Зиҳофҳои махбул / фоилоту у у — у /, махбуни матвӣ / фаилоту у у — у /, машкул /фаилоту у у — у / низ шакли афоили М. м.-ро доранд, вале аз ҷиҳати аҷзо ва тар-киб ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи м а х б у л — фаилоту / у у — у / аз рукни мафъӯлоту / — — — у / дар натиҷаи иҷтимои х а б н ва т а й, зиҳофи м а х-б у н и м а т в ӣ — фаилоту / у у — у / аз рукни мафъӯлоту / — — — у / дар натиҷаи иҷтимоъи т а й ва х а б н, зиҳофи м а ш к у л — фаилоту / у у — у / аз рукни асосии баҳри Ра-мал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. М. м. аз гурӯҳи з и ҳ о ф ҳ о и м у р а к к а б буда, номи мураккаб дорад ва дар шеър дар рукнҳои байну охир, яъне дар садру ибтидою ҳашвайн бояд ояд. М. м. бештар ба баҳрҳои Сареъю Мунсареҳу Муқтазаб хос аст.

М и с о л: Муқтазаби мусаммани М. м.-и музол:

Зи замини поки Ватан гули меҳр рӯйидааст,
Зи насими поки Ватан гули меҳр бишкуфтааст. *(Мақсуди Гулчин)*
фаилоту / мустафъилун / фаилоту / мустафъилон
у у — у / — — у — / у у — у / — — у ~

**Матвӣи махбӯни мавқӯф** (аз *матвӣ, махбун* ва *мавқуф*), ниг. *Махбули мавқуф*.

**Матвӣи махбӯни макшӯф** (аз ар. مطوی -печидашуда, тай кардашуда, *махбун* ва *макшуф*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни мафъӯлоту /— — — у/ аст, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои тай ва кашф ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/ садоноки дарози «ӯ»-ро тай кунем, яъне ба садоноки кӯтоҳи «у» табдил диҳем, «мафъулоту» /— у — у/ боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фоилоту /— у — у /-ро гузошта, матвӣ мехонанд. Баъди ин аз зиҳофи матвӣ — мафъулоту /— у — у/ ҳарфи «ф»-ро хабн кунем, яъне бурида партоем, «маулоту» /у у — у/ боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фаилотуро /у у — у/ гузошта махбул ё матвии махбуи мегӯянд. Пас аз ин зиҳофи матвии махбунро — маулотуро /у у — у/ кашф кунем, яъне ҳиҷои охири онро партоем, «мауло» /у у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаилунро /у у — / гузошта, М. м. м. мемонанд. Зиҳофҳои аҳзаз /у у —/, махбуни баҳри Мутадорик /у у —/, махбуни маҳзуф /у у —/ ва марфӯъи махбун /у у —/ шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аҳзаз /у у —/ аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун /у у — у —/, зиҳофи махбун /у у —/ аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун /— у —/, зиҳофи махбуни маҳзуф /у у —/ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун /— у — —/, зиҳофи марфӯъи махбун аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун /— — у —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. м. бошад аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/ хосил шудааст. М. м. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккаб буда, номи мураккаб дорад ва дар шеър кариб дар ҳамаи рукнҳои байт, яъне дар садру ибтидою ҳашву арӯзу зарб меояд. М. м. м. хеле камистеъмол буда, ба баҳрҳои Сареъю Мунсареҳу Муқтазаб хос аст.

Мисол: Сареъи мусаддаси М. м. м.:

Аз ишқи ту ман дар ҷаҳон самарам,
Месӯзад аз ҳиҷрони ӯ ҷигарам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / мустафъилун / фаилун
— — у —/— — у —/ у у —

Ниг. низ *Матвӣ*.

**Матвӣи махбӯни музо́л** (аз *матвӣ, махбун* ва *музол*), ниг. *Махбули музол*.

**Матвӣи музо́л** (аз *матвӣ* за *музол*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун /— — у —/, ки дар натиҷаи дар он гузаронидани амалҳои тай ва



изолат ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун /— — у —/ ҳарфи панҷум, яъне ҳарфи «ф»-ро тай намоем, яъне партоем, «мустаилун» /— у у —/ боқӣ мемонад. ки ба ҷояш рукни мустаъмали муфтаилунро /— у у —/ гузошта, матвӣ мехонанд. Баъди ин тавассути амали изолат, агар садоноки кӯтоҳи ҳиҷои охири зиҳофи матвии /— у у —/ рукни мустафъилунро /— — у —/ дароз кунем, яъне ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у» садоноки дарози «о»-ро гузорем, муфтаилун /— у у —/ шакли муфтаилонро /— у у ~ / мегирад, ки онро М. м. меноманд. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккаб буда, номи мураккаб дорад ва онро дар шеър бештар дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб, дар рукнҳои миёнаи мисраъҳо, яъне ҳашвайн камтар истифода бурда, дар садр ибтидо бошад умуман истифода намебаранд. М. м. зиҳофи камистеъмол буда, асосан ба баҳри Рачаз хос аст.

Мисол: Рачази мусаддаси М. м. (ибтидо — махбун):

То ғамат андар дили ман ғашт падид,
Касе маро бо лаби пурханда надид. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / муфтаилун / муфтаилон
— у у —/— у у —/— у у ~

Яке аз навъҳои баҳри Вофир — Вофири мусаддаси мағзуби музол / муфтаилун / муфтаилун / муфтаилон / низ шакли афоили Рачази мусаддаси М. м.-ро дорад.

**Матвӣи мураффа́л** (аз ар. مطوی -печидашуда, тай кардашуда ва *мураффал*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рачаз /— мустафъилун /— — у — /, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои тай ва тарфил ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун /— — у —/ ҳарфи панҷум, яъне ҳарфи «ф»-ро тай намоем (партоем), «мустаилун» /— у у —/ боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали муфтаилунро /— у у —/ гузошта, матвӣ мехонанд. Баъди ин, агар ба воситаи гузаронидани амали тарфил, яъне ба охири зиҳофи матвии рукни мустафъилун — муфтаилун /— у у —/ боз як сабаби хафиф, яъне як ҳиҷои дароз илова намоем, муфтаилун /— у у —/ шакли «муфтаилунлун» /— у у — —/-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали муфтаилотун /— у у — /-ро гузошта. М. м. меноманд. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккаб буда, номи мураккаб дорад ва онро бештар дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб истифода мебаранд. М. м. зиҳофи камистеъмол буда, асосан ба баҳрҳои Рачаз ва Мунсареҳ хос аст.

Мисол: Мунсареҳи мусаддаси мақтӯъи матвии мураффал:

Ҷавзоро кар бикун ба бонги муғаннӣ,
Парвинро ранг деҳ ба бодаи равшан. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлун / фоилоту / муфтаилотун
— — — / — у — у / — у у — —

Байти болоиро ба таври дигар *тақтеъ* кунем, баҳри Мунсареҳи мусаммани мақтӯъи матвии манҳур ҳосил мешавад.

Ҷавзоро кар бикун ба бонги муғаннӣ,
Парвинро ранг деҳ ба бодаи равшан. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлун / фоилоту / муфтаилун / фаъ
— — — / — у — у / — у у — / —

Ниг. низ. *Матвӣ.*

**Матвӣи мураффа́ли макфу́ф** (аз *матвӣ, мураффал* ва *макфуф*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои тай, тарфил ва каффо ба вуҷуд меояд. Агар ба шакли овозии зиҳофи матвии мураффал — муфтаилотун / — у у — — / амали каффро гузаронем, яъне ҳарфи охири он «н»-ро партоем, муфтоилоту / — у у — у / боқӣ мемонад, ки онро М. м. м. меноманд. М. м. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои муракқабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар руknҳои аввали байт, яъне дар садр ва ибтидо меояд ва фақат ба баҳри Рачаз хос аст. Ин зиҳоф дар шеър бениҳоят кам истифода шудааст. Ниг. низ *Матвӣ.*

**Матвӣ** (ар. مطوى -печидашуда, тай кардашуда, тамомшуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи исқоти *сабаби* хафифи дуюми аввали рукн, яъне партофтани ҳарфи чаҳоруми (ба ҳуруфи арабӣ) руknҳои мустафъилун /— — у — / ва мафъӯлоту / — — — у / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ҳарфи чорум, яъне «ф»-ро тай намоем (партоем), «мустаъилун» / — у у — / [ба ҷояш рукни мустаъмали муфтаилун / — у у — / мегузоранд] ва аз рукни мафъӯлоту / — — — у / садоноки дарози «ӯ»-ро ба садоноки кӯтоҳи «у» табдил диҳем, «мафъулоту» / — у — у / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фоилоту / — у — у / гузошта, М. мехонанд. Зиҳофҳои макфуф / — у — у /, магзуб / — у у — / шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи макфуф / — у — у / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — /, зиҳофи магзуб / — у у — / аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз руknҳои мустафъилун / — — у — / ва мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои муфрад ва серистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда, дар шеър қариб дар ҳамаи руknҳои байт, яъне дар садру ибтидо, арӯзу зарбу ҳашвайн меояд ва бештар ба баҳрҳои Рачазу Сареъю Мунсареҳу Муқтазаб хос аст.



Агар аз зиҳофи М.-и / — у — у / рукни мафъӯлоту / — — — у / ҳарфи охири онро партоем, «мафъулот» / — у ~ / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фоилонро / — у ~ / гузошта, матвии мавқуф; агар аз зиҳофи М.-и / — у — у / рукни мафъӯлоту / — — — у / ҳиҷои охири онро партоем, «мафъуло» / — у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фоилун / — у — / -ро гузошта матвии макшуф (максуф); агар аз зиҳофи М.-и / — у — у / рукни мафъӯлоту / — — — у / ҳарфи «ф»-ро партоем, яъне ҳиҷои якуми дарозро кӯтоҳ кунем, «маулоту» / у у — у / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фаилоту / у у — у / -ро гузошта, матвии махбуни / у у — у / рукни мафъӯлоту / — — — у / ҳиҷои охири онро партоем, «мауло» / у у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фаилун / у у — / -ро гузошта, матвии махбуни макшуф; агар садоноки кӯтоҳи ҳиҷои охири зиҳофи М.-и / — у у — / рукни мустафъилун / — — у — / -ро дароз кунем, яъне ба ҷои садоноки «у» садоноки «о»-ро гузорем, муфтаилун / — у у — / шакли муфтаилон / — у у ~ / -ро мегирад, ки онро матвии музол; агар ба охири зиҳофи М.-и / — у у — / рукни мустафъилун / — — у — / боз як ҳиҷои дароз илова кунем, муфтаилун / — у у — / шакли «муфтаилунлун»-ро / — у у — — / мегирад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали муфтаилотун / — у у — — / -ро гузошта, матвии мураффал меноманд.

Мисол: Рачази мусаммани матвӣ:

Мешукуфад гул ба чаманҳо зи насими саҳарӣ,
Вах, чӣ шавад, гар нафасе паҳлӯи мо бода х(в)арӣ. (аз *«Ғиёс-ул-луғот»*)
муфтаилун / муфтаилун / муфтаилун / муфтаилун
— у у — / — у у — / — у у — / — у у —

Рачази мусаддаси матвӣ:

Нест маро ҷуз ту нигоре дигаре,
Менакуӣ ҳеч нигорам назаре. (аз *«Ғиёс-ул-луғот»*)
муфтаилун / муфтаилун / муфтаилун
— у у — / — у у — / — у у —

Яке аз навъҳои баҳри Вофир — Вофири мусаддаси магзуб / муфтаилун / муфтаилун / муфтаилун / низ шакли афоили баҳри Рачаз мусаддаси матвиро дорад.

Рачази мураббаъи матвӣ:

Боз зи гулзору чаман,
Созу наво мешунавам. *(Фарҳат)*
муфтаилун / муфтаилун
— у у —/— у у —

Рачази мураббаъи матвии мақтӯъ:

Духтарак, эй духтарчон,
Духтари Точикистон. *(Лоҳутӣ)*
муфтаилун / мафъӯлун
— у у —/— — —

Рачази мусаммани махбуни матвӣ:

Фиғонкунон ҳар саҳаре ба кӯи ту мегузарам,
Чу нест рах сӯи туам, ба бому дар менигарам. *(Ҷомӣ)*
мафоилун / муфтаилун / мафоилун / муфтаилун
у — у —/— у у —/у — у —/— у у —

Рачази мусаммани матвии махбуни мақтӯъ:

Сарв нахонамат, ки ӯ нест бад-ин раъной,
Моҳ нагӯямат, ки мах нест бад-ин зебой. *(Ҷомӣ)*
муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафъӯлун
— у у —/ у — у —/— у у —/— — —

Рачази мусаддаси матвии музол (ибтидо — махбун):

То ғамат андар дили ман гашт падид,
Касе маро бо лаби пурханда надид.
муфтаилун / муфтаилун / муфтаилон
— у у —/— у у —/— у у ~

Сареъи мусаддаси матвии макшуф:

Гар дили ту гирди вафо гардиде,
Аз равиши кори ту пайдостӣ. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у —/— у у —/— у —



Сареъи мусаддаси матвии мавқуф:

Мурд муродӣ, на ҳамоно, ки мурд,
Марги чунин хоча на корест хурд. *(Рӯдакӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилон
— у у —/— у у —/— у ~

Мисоли дигар:

Лашкари мо соҳиби майдон шудаст,
Дил ба ғазаб омада чӯшон шудаст. *(Лоҳутӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилон
— у у —/— у у —/— у ~

Сареъи мусаддаси матвии мақтӯъи маҷдӯъ:

Эй гули рӯят сунбулхез,
Зулфи сиёҳат оташбез. *(Ҷомӣ)*
муфтаилун / мафъӯлун / фоъ
— у у —/— — —/ ~

Сареъи мусаддаси матвии аслам:

Чанд хӯрам аз ту буто зарбат?
Чанд занӣ бар дили ман ҳарбат? (аз *«Ал-мӯъчам»*)
муфтаилун / муфтаилун / фаълун
— у у —/— у у —/— —

Мунсарехи мусаммани матвии макшуф:

Бо лаби нозук нигор дасти маро мегазад.
Ин вараки гул чу хор дасти маро мегазад. *(Лоҳутӣ)*
муфтаилун / фоилун / муфтаилун / фоилун
— у у —/— у —/— у у —/— у —

Мунсарехи мусаммани матвии мавқуф:

Он ки дилам сайд кард, мири шикори ман аст,
Даст ба хунам нигор карда нигори ман аст. *(Сайфӣ)*
муфтаилун /фоилон / муфтаилун / фоилон
— у у —/— у ~ /— у у —/— у ~

Мисоли дигар:

Шуд ки шуд, аммо ҳанӯз тира бувад соявар,
Сурати такмили макр дида шавад вақти кор. *(Лоҳутӣ)*
муфтаилун / фоилон / муфтаилун / фоилон
— у у —/— у ~ /— у у —/— у ~

Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур.

Зулф ба шона заниву турра фишонӣ,
Бас бувад ин фитнаро далелу нишоне. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фаъ
— у у — / — у — у / — у у — / —

Агар байти болоро ба таври:

муфтаилун / фоилоту / муфтаилотун
— у у — / — у — у / — у у — —

**тақтеъ** кунем, Мунсареҳи мусаддаси матвии мураффал ҳосил мешавад.

Мунсареҳи мусаммани мақтӯъи матвии манҳур:

Ҷавзоро кар бикун ба бонги муғаннӣ,
Парвинро ранг деҳ ба бодаи равшан. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлун / фоилоту / муфтаилун / фаъ
— — — / — у — у / — у у — / —

Агар байти болоро ба таври:

мафъӯлун / фоилоту / муфтаилотун
— — — / — у — у / — у у — —

**тақтеъ** кунем, навъи дигари баҳри Мунсареҳ — Мунсареҳи мақтӯъи матвии мураффал ба вуҷуд меояд.

Мунсареҳи мусаммани матвии мақтӯъи манҳур:

Ҳурмати рӯи туро набинам, лола!
Ҳашмати рӯи туро набӯям, анбар. *(Масъуди Саъди Салмон)*
муфтаилун / фоилоту / мафъӯлун / фаъ
— у у — / — у — у / — — — / —

Мунсареҳи мусаддаси матвӣ:

Эй ба хатоҳо басиру ҷалду яле,
Н-оядат аз кори зишти худ ҳичилӣ? *(Носири Хисрав)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун
— у у — / — у — у / — у у —

Мунсареҳи мураббаъи матвии мавқуф:

Офати ҳар золимем,
Мо ба ҷаҳон ҳокимем. *(Лоҳутӣ)*
муфтаилун / фоилон
— у у — / — у ~



Муқтазаби матвии мақтӯъ:

Сӯям он бути бадхӯ бо диранг омад,
Бо лабе чу гул хандон баҳри сулҳу ҷанг омад. *(Сайидо)*
фоилоту / мафъӯлун / фоилоту / мафъӯлун
— у — у / — — — / — у — у / — — —

Муқтазаби мусаммани матвии мақтӯъи мусаббағ:

Ин чӣ рангу рухсор аст? — Гулшани ҷамол аст ин?
Ин чӣ қадду рафтор аст? — Ғояти камол аст ин? *(Сайидо)*
фоилоту / мафъӯлон / фоилоту / мафъӯлон
— у — у / — — ~ / — у — у / — — ~

Муқтазаби мураббаъи матвии мақтӯъ (з а р б — аҳзаззи мусаббағ):

Аз вафо чӣ баргардӣ?
Чун маро самар кард! (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилоту / мафъӯлун
— у — у / — — —

Муқтазаби мураббаъи матвии музол:

Модарам, ки боқувват аст,
Чӯбук асту боқудрат аст. *(Фарҳат)*
фоилоту / мустафъилон
— у — у / — — у ~

**Матлáъ** (ар. مطلع -маҳалли тулӯъ, ҷои баромадани чизе), дар илми бадеъи классикӣ *байти* аввали қасида ё ғазалро гӯянд, ки мусарраъанд, яъне ҳар ду мисраъ ҳамқофияанд. М. дар илми арӯз ҳамчун муродифи байт вобаста ба миқдори рукнҳо дар шакли мусамман, мусаддас, мураббаъ ва ғоҳе мусанно дучор мешавад. Азбаски М. ба маънии байт аз ду мисраъ иборат аст, ҳар рукни мисраъи он номи махсус дорад. Агар мисраъҳои матлаъ дар шаклҳои мусамман сохта шуда бошанд, яъне ҳар мисраъ дорои чаҳор рукн бошад, пас рукни аввали мисраъи аввал — садр, рукни дуюми мисраъи аввал — ҳашв, (дар якҷоягӣ ҳар ду рукни мобайнии мисраъ ҳ а ш в а й н), рукни охири мисраъи аввал — эрӯз, рукни аввали мисраъи дуюми М. — ибтидо, рукни дуюми мисраъи дуюм — ҳ а ш в, рукни сеюми мисраъи дуюм — ҳ а ш в (дар якҷоягӣ ҳарду рукни мобайнии мисраъи дуюм низ ҳ а ш в а й н), рукни охири мисраъи дуюм — з а р б ном дорад. М.-ҳое, ки аз шаш рукн иборат

аст, дар баробари садру ибтидою арӯзу зарб якҳашвӣ иштирок менамоянд. Дар М.-ҳое, ки аз чаҳор рукн сохта шудаанд, яъне дар М.-ҳои мураббаъ рукн фақат садру ибтидою арӯзу зарб ҳасту халос.

Мисол:

Чу андар табораш бузургӣ набуд,
Наёвард номи бузургон шунуд. *(Фирдавсӣ)*
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаӯл
у — — / у — — / у — — / у ~

Дар ин байт, ки дар баҳри Мутақориби мусаммани мақсур суруда шудааст, рукни аввали мисраъи якум — чу андар / фаӯлун у — — / садр, рукни дуюм — табораш / фаӯлун у — — / ҳашв, рукни чаҳоруми мисраъи аввал — набуд / фаӯл — у — / арӯз, рукни аввали мисраъи дуюм — наёвар /фаӯлун у — — / ибтидо, рукни дуюм — д номи / фаӯлун у — — /, ҳашв, рукни сеюм — бузургон / фаӯлун у — — / ҳашв, рукни охири мисраъи дуюм — шунуд / фаӯл у ~ / зарб мебошад. М.-ҳое, ки маънии хубу вазни хушу қофияи зебо дораду бо калимоту иборати дилкаш ороста шудааст, ҳусни М. ном дорад. Аксари шоирони бузурги адабиёти классикӣ ва советии тоҷик кӯшидаанд, ки М.-ҳои ғазалу қасидаҳои худро дар ниҳояти зебоию хушрӯӣ иншо намоянд Мас, ин М.-и қасидаи «Харобаҳои Мадоин» — Хоқонӣ, ки дар байни суханшиносон чун намунаи хуби ҳусни М. машҳур гардидааст:

Ҳон, эй дили ибратбин, аз дида назар кун, ҳон!
Айвони Мадоинро оннаи ибрат дон.
мафъӯлу / мафойлун / мафъӯлу / мафойлун
— — у / у — — — / — — у / у — — —

**«Матлаъ-ул-улум»** مطلع العلوم (номи пурраааш: «Матлаъ-ул-улум ва мақмаъ-ул-фунун»), асари энциклопедии донишмандии Ҳинд — Воҷидалии Муҳмалӣ, ки дар байни с-ҳои 1845—46 ба забони форсӣ (тоҷикӣ) таълиф намудааст. Мувофиқи гуфтаи муаллиф, ӯ ин асарро ҳамчун дастури таълим тасниф карда, дар он доир ба улуму (илмҳои назарӣ) фунуни (илмҳои амалӣ) маъмулу мутадовили замонаи донишманд маълумоти кофӣ дода мешавад. Як боби ин асар ба илми арӯз оид буда, муҳаққиқ ба тавре хеле мухтасар ва бо забони ниҳоят соддаю равон дар хусуси авзони машҳури арабу аҷам: Ҳазаҷ, Рамал, Мутақориб, Рачаз, Мутадорик, Тавил, Мадид,



Вофир, Комил, Басит, Қариб, Мунсареҳ, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Мучтасс, Сареъ, Муқтазаб сухан меронад ва ҳангоми шарҳу маънидоди навъҳои баҳрҳои зикршуда аз ашъори шоирони машҳури адабиёти классикии форс-тоҷик мисолҳои шеърӣ меорад. Аз рӯи услуб ва тарзи иншои муаллиф маълум мешавад, ки вай дар таълифи ин боби арӯз аз «Ал-мӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ ва «Меъёр-ул-ашъор»-и Насируддини Тӯсӣ истифода бурдааст. «М.» аз ҷумлаи асарҳои машҳури илмӣ буда, матни он с. 1846 дар Лакҳнав ба табъ расида, қариб дар тамоми кишварҳои форсизабон шӯҳрат ёфтааст.

**Матмӯс** (ар. مطموس -маҳву нобуд кардашуда, фарсудашуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи иҷтимоъи ду *сабаби* хафифи / — —/ рукни солими фои-ло-тун / — у — —/ ва ҳазфи садоноки кӯтоҳи *ватади* мафруқ / — у/ ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни фои-ло-тун / — у — —/ ду ҳиҷои дарози охир ва садоноки кӯтоҳи «и»-ро партоянд, «фо» / — / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш «фаъ» / — / гузошта, М. мехонанд. Зиҳофҳои абтар / — /, маҳдуд /—/, маҳзузи маҳзуф / — /, маҷҳуф / — / низ шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи абтар / — / аз рукнҳои асосии Мутақориб — фаӯлун / у — — / ва Ҳазаҷ — мафойлун / у — —/, зиҳофи маҳдуд / — / аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / зиҳофи маҳзузи маҳзуф / — / аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/, зиҳофи маҷҳуф / — / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омадааасту зиҳофи М. аз рукни фои-ло-тун / — у — —/. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккаб буда, номи муфрад дорад ва онро фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар ғарӯзу зарб истифода мебаранд. М. зиҳофи камистеъмол аст ва асосан, дар баҳри Музореъ истифода мешавад. Мисоли баҳри Музореъи мусаммани ахраби мақфуфи М.:

Он хубрӯй дилбари бедодгар,
К-андар ғамон-ш сӯхта гаштам чигар. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фаъ
— — у / — у — у / у — — у / —

Қариби мусаддаси мақбузи М.:

Насиме субҳдам биёмад,
Ба ғоят хушқадам биёмад.
мафойлун / мафоилун / фаъ
у — — — / у — у — / —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаддаси мақбузи абтар / мафойлун / мафоилун / фаъ низ шакли афоили баҳри Қариби мусаддаси мақбузи М.-ро дорад.

Музореъи мусаддаси мақфуфи абтар:

Дил аз ёри бевафо бикаш,
Бувад ёри бевафо на х(в)аш. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлу / фоилоту / фаъ
у — — у / — у — у / —

Шамси Қайси Розӣ дар *«Ал-мӯъҷам»* ва Баҳром Сирус дар *«Арӯзи тоҷикӣ»* ҳамин байтро оварда вазни онро Музореъи мусаддаси мақфуфи М. номидаанд, ки ба фикрам саҳеҳ нест, зеро рукнҳои солими баҳри Музореъ аз мафоӣлун / фои-ло-тун / мафойлун / фои-ло-тун / у — — — / — у — — / у — — — / — у — — / иборат аст ва ин баҳр дар шакли мусаддас мафойлун / фои-ло-тун / мафойлун / у — — — / — у — — / у — — — / мешавад. Дар чунин маврид, рукни сеюми онро мафойлун / у — — — / ташкил медиҳад. Зиҳофе, ки дар шакли фаъ / — / аз мафойлун ба вуҷуд меояд, абтар ном дорад, пас онро бояд Музореъи мусаддаси мақфуфи абтар бояд номем.

Музореъи мусаммани ахраби аштари М.:

Имрӯз кард ёрам касди лашкар,
То гашт ҷонам аз дардаш бар Озар. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / фоилотун / фоилун / фаъ
— — у / — у — — / — у — / —

**Маулӯ** (ар. معلو ), шакли овозии зиҳофҳои *матвии махбуни мақшуф* ва *махбуни матвии мақшуфи* рукни солими мафъӯлоту / — — — у /.Ниг. *Фаилун.*

Мисол:

Сареъи мусаддаси матвии махбуни мақшуф:

Аз ишқи ту ман дар ҷаҳон самарам,
Месӯзад аз ҳичрони ӯ ҷигарам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / мустафъилун / фаилун
— — у — / — — у — / у у —

Мунсареҳи мураббаъи матвии махбуни матвии мақшуф:

Дилбари куртачакан,
Рашки баҳори чаман.
Эй гули боғи Ватан,
Чашман ашъори ман. (*Мақсуди Гулчин*)
муфтаилун / фаилун
— у у — / у у —



**Маулоту́** (ар. معلات ), шакли овозии зиҳофи *махбул* ё матвии махбуни рукни солими мафъӯлоту. Ниг. *Фаилоту.*

Мисол:

Муқтазаби мусаммани махбуни матвӣ:

Гули шеър рӯяд зи боғи дилам ба васфи Ватан,
Гули меҳр рӯяд зи мағзи гилам ба боғи Меҳан. (*Мақсуди Гулчин*)
фаилоту / мустафъилун / фаилоту / муфтаилун
у у — у / — — у — / у у — у / — у у —

**Мафкӯ́к** (ар. مفكوك -кушодашуда, аз ҳам ҷудошуда), ниг. *Инфикок.*

**Мафо́** (ар. مفا ), шакли овозии зиҳофи *маҷбуби* рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/.

Ниг. *Фаул.* Мисол:

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақфуфи маҷбуб (рукни дуюми мисраъи сеюму чаҳорум — мақбуз, рукни дуюми мисраъи сеюм — солим):

Дар даҳр яке моҳу яке чоҳ шавад,
Гумроҳ якеву дигаре роҳ шавад.
Ҳар фард дар ин ҷаҳон мақоме дорад,
Якчашма ба шаҳри кӯрҳо шоҳ шавад. (*Лоиқ*)
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаул
— — у / у — — у / у — — у / у —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами муханнақи ахраби маҷбуб:

Чун гесӯ меафшонад дилбари ман,
Хушбӯ мегардад ҳар сӯ, мисли суман.
Қӯят дар худ дорад эҳсони чаман,
Рӯят аз худ пошад анвори сухан. (*Толиб*)
мафъӯлун / мафъӯлун / мафъӯлу / фаул
— — — / — — — / — — у / у —

**Мафоилатун** (ар. مفاعلتن ), дар илми арӯз шакли овозии рукни асосии баҳри Вофир, ки аз як *ватади* маҷмӯъ / «мафо» у — / ва як фосилаи суғро / «илатун» у у — / иборат буда, дар шеър дар ҳамаи рукнҳои он, яъне садру ибтидою зарбу ҳашвайн меояд. М. аз шаклҳои овозии аркони камистеъмоли арӯз буда, фақат дар навъҳои гуногуни баҳри Вофир иштирок менамояд. Дар натиҷаи истифодаи М. дар шеър чор навъи баҳри

Вофир — мусаммани солим, мусаддаси солим, мураббаъи солим ва мусаннои солим ба вуҷуд меояд. Ҳангоми ба тағйирот дучор омадани М. шаклҳои овозии зиҳофи мувассаъ / мафоилиётун у — у у — —/, мувассаъи мусаббағ / мафоилиётон у — у у — ~ /, мақтӯъ / фаилотун у у — —/, мағзуб / муфтаилун — у у —/, мағзуби музол / муфтаилон — у у —/, маъсуб / мафойлун у — — —/, маъсуби мусаббағ / мафойлон у — — ~ /, маъқус / мафъӯлу — — у/, манқус / мафойлу у — — у/, аҷам / фоилун — у —/, аҷами музол / фоилон — у ~ /, маъқул / мафоилун у — у —/, ақсам / мафъӯлун — — —/, ақсами мусаббағ / мафъӯлон — — ~ / ва мақтуф / фаӯлун у — — / ҳосил мешавад. Мисол:

Вофири мусаммани солим:

Ту меҳру маҳию ҳуру парию ё малакию ё башарӣ,
Ки хира шавад зи нури рухат ба гоҳи назар, буто, ба сарам.
*(Ваҳиди Табрезӣ)*
мафоилатун / мафоилатун / мафоилатун / мафоилатун
у — у у — / у — у у — / у — у у — / у — у у —

Вофири мусаддаси макшуф:

Чу баргузарӣ ҳаменигарӣ ба рӯям,
Чаро накунӣ яке нигариш ба корам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилатун / мафоилатун / фаӯлун
у — у у — / у — у у — / у — —

Вофири мураббаъи солим:

Бадӣ чи кунӣ ба ҷони касе,
Ки ӯ накунад ба ҷони ту бад. *(Насируддини Тӯсӣ)*
мафоилатун / мафоилатун
у — у у — / у — у у —

**Мафоило́н** (ар. مفاعلان ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофҳои махбуни музол ва мақбузи мусаббағ, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои хабну изолат дар рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/, гузаронидани амалҳои қабзу исбоғ дар рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/ ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мустафъилун / — — у —/ тавассути амали хабн ҳарфи «с»-ро партоем, «мутафъилун» / у — у —/ боқӣ мемонад [ба ҷояш рукни мустаъмали мафоилун / у — у —/-ро мегузоранд], ки онро махбун ва баъди ин, агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у» рукни мафоилун / у — у —/ садоноки дарози «о»-ро гузоранд, мафоилун / у — у —/ шакли М.-ро мегирад, ки онро махбуни музол; агар аз рукни мафойлун / у — — —/ «й»-и заданокро партофта, ба ҷояш «и»-и оддиро монем, яъне қабз кунем, мафоилун / у — у —/ мемонад, ки онро мақбуз ва баъди ин, агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и *сабаби* хафифи охири рукни мафоилун, яъне «лун» садоноки дарози «о»-ро гузорем, мафоилун / у — у —/ шакли М-ро мегирад, ки онро мақбузи мусаббағ меноманд. М. аз ду ватади маҷмӯъ / «мафо» у — ва «илон» у ~ / иборат буда, дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. Инчунин зиҳофи маъқули музоли рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у —/ шакли овозии зиҳофи махбуни музол ва мақбузи мусаббағро дорад. М. нисбат ба дигар шаклҳои овозии зиҳофот камистемъол буда, фақат дар баъзе навъҳои баҳри Ҳазаҷ ва Раҷаз истифода мешавад. Мисол:

Ҳазаҷи мураббаъи мақбузи мусаббағ:

Насим омад ба лолазор,
Бишуд ҳар лола шӯълабор. *(Фарҳат)*
мафойлун / мафоилон
у — — — / у — у ~

Мушокили мураббаъи мақбузи мусаббағ:

Шаб шаби моҳтоб буд,
Оламе ширтоб буд.
Домани сабзи осмон
Пур зи ёкути ноб буд. *(Мақсуди Гулчин)*
фоилотун / мафоилон
— у — — / у — у ~

Раҷази мусаммани матвии махбуни музол:

Хез, зи хоби асрҳо, шӯълаи сина даргирон,
Рози дарун кушову роз аз дили худ бурун раҳон. *(Мирзо Боқӣ)*
муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафоилон
— у у— / у — у — / — у у — / у — у ~

**Мафоилото́н** (ар. مفاعلاتان ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *махбуни музаффост*, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои хабну тазфият ба вуҷуд меояд. Ин зиҳоф аз ихтирооти арӯзиёни мутааххирин буда, онҳо баъди Халил ибни Аҳмад зиҳофҳои махбуни / мафоилун у — у — / рукни солими мус-

тафъилун / — — у — / ва зиҳофи маҷҳуфи мусаббағи (фоъ) рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — /-ро якҷоя карда шакли М.-ро ба вуҷуд овардаанд. Ин шакли овозӣ нисбат ба дигар шаклҳои овозӣ камистеъмол буда, аҳьён-аҳьён дар баҳри Муҷтасс истифода мешавад ва ҳамеша дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд. М. аз ду ватади маҷмӯъ / мафо у — ва ило у — / ва як ҳиҷои якунимҳиҷой (тон) иборат аст. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» М.-ро зарби музаффо номида барои мисол ин байтро овардааст: Муҷтасси мусаддаси махбуни музаффо:

Бикост собирию оби дида бифзуд,
Дил аз нишот тиҳӣ гашту тан бифарсуд.
мафоилун / фаилотун / мафоилотон
у — у — / у у — — / у — у — ~

Агар ҳамин байтро ба таври:

мафоилун / фаилотун / мафоилун / фоъ
у — у — / у у — — / у — у — / ~

*тақтеъ* намоем, яке аз навъҳои баҳри Муҷтасс — Муҷтасси мусаммани махбуни маҷҳуфи мусаббағ ҳосил мешавад.

Илова бар ин зиҳофҳои мавқуси мутаввал (ё мавқуси мураффали мусаббағ)-и рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — /, махбуни рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / низ шакли М.-ро доранд.

Мисол: Қомили мусаммани мавқуси мураффали мавқуси мутаввал (зарб — мавқуси мураффал):

Чу шаб ҳама шаб набурд хобам, ғазал навиштам ба васфи ҷонон,
Насим воқиф зи печутобам, ки ғайратамро худаш медонад.
*(Фарҳат)*
мафоилотун / мафоилотун / мафоилотун / мафоилотон
у — у — — / у — у — — / у — у — — / у — у —

**Мафоилотӯн** (ар. مفاعلاتن ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофҳои махбуни мураффал ва зарби мувассаъ, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои хабнутарфил ба рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ва якҷоя кардани зиҳофҳои махбуну / мафоилун у — у — / маҷҳуф / фаъ — / ба вуҷуд меояд. Агар ба охири рукни мустафъилун / — — у — / як сабаби хафиф, яъне як ҳиҷои дароз / — / илова кунем, мустафъилун шакли «мустафъилунтун» / — — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафъилотун / — — у — — /-ро гузошта, мураффал ва баъди ин, агар ҳиҷои якуми рукни мустафъилотун / — — у — — /-ро хабн кунем, яъне аз ҳиҷои аввал / «мус» — / ҳарфи «с»-ро партоем, мустафъилотун / — — у — — / шакли «мутафъилотун» / у — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали М.-ро гузошта махбуни мураффал, агар зиҳофи махбуни / мафоилун у — у — / рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — /-у зиҳофи маҷҳуфи / фаъ — / рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — /-ро якҷоя кунем, шакли «мафоилун — фаъ» / у — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали М.-ро гузошта, мувассаъ ё зарби мувассаъ мехонанд. М. аз ду ватади маҷмӯъ / «мафо» у — ва «ило» у — / ва як сабаби хафиф / «лун» — / иборат буда, дар шеър кариб дар ҳамаи рукнҳои байт, яъне дар садру ибтидою арӯзу зарбу ҳашв меояд. М. нисбат ба дигар шаклҳои овозии зиҳофоти арӯз камистеъмол аст ва асосан ба баҳрҳои Рачазу Муҷтасс хос мебошад. Мисол:

Муҷтасси мусаддаси махбуни мувассаъ (зарби мувассаъ):

Диле пуротошу чашме пуроб дорад,
Аз он ки ба мани бадхӯ шудаст ҷонон. (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
мафоилун / фоилотун / мафоилотун
у — у — / у у — — / у — у — —

Агар байти болоро ба таври:

мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаъ
у — у — / у у — — / у — у — / —

*тақтеъ* кунем, дар он сурат он баҳри Муҷтасси мусаммани махбуни маҷҳуф ном мегирад.

Муҷтасси мусаддаси махбуни мушаасси мувассаъ ё зарби мувассаъ:

Сиёҳчашмо, ин дил чӣ гуна бурдӣ,
Қунун ки бурдӣ, боре бад-ӯ чӣ кардӣ? (аз *«Ал мӯъҷам»*)
мафоилун / мафъӯлун / мафоилотун
у — у — / — — — / у — у — —

Рачази мураббаъи махбуни мураффал:

Баҳори хуррам,
Биёмад аз нав.

Чу бахши одам
Фишонд партав. *(Фарҳат)*
мафоилотун
у — у — —

**Мафоилту́** (ар. مفاعلت ), шакли овозии зиҳофи манқуси рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун.Ниг. *Мафоилу.*

Мисол:

Вофири мусаммани мавқуси манқуси маъсуб:

Он даст, ки ӯ ҳиммати мардон бишиносад,
Бо ҳар заданаш қудрати сандон бишиносад. *(Гулназар)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / мафойлун
— — у / у — — у / у — — у / у — — —

Яке аз навъҳои бисьёр серистеъмоли Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуф низ ба ҳамин вазн мувофиқ меояд.

**Мафоилту́н** (ар. مفاعلتن ), шакли овозии зиҳофи *маъсуби* рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун.Ниг. *Мафойлун.*

Мисол:

Вофири мусаддаси маъсуби мақтуф:

Ватанро дидаму омад ба ёдам,
Биҳишти дилбари афсонаэҷод.
Биҳиште пеши чашмонам аён шуд,
Ки дасти одамӣ кардаст буньёд. *(Одина Мирак)*
мафойлун / мафойлун / фаӯлун
у — — — / у — — — / у — —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаммани маҳзуф / мафойлун / мафойлун / фаӯлун низ шакли афоили баҳри Вофири мусаддаси маъсуби мақтуфро дорад.

**Мафоилу́** (ар. مفاعل ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *машкули* рукни солими мус-тафъи-лун /— — у —/, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои хабну кафф ҳосил мешавад. Агар аз рукни солими мус-тафъи-лун /— — у —/ тавассути амали хабн сабаби хафифи аввал, яъне аз ҳиҷои «мус» /—/ ҳарфи «с»-ро партоем, мус-тафъи-лун /— — у —/ шакли «му-тафъи-лун» /у — у —/-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафоилун /у — у —/-ро гузошта махбун ва агар баъди ин ба мафоилун /у — у —/ амали каффро гузаронем, яъне ҳарфи «н»-и охирро партоем, аз мафоилун /у — у —/ мафоилу / у — у у/ боқӣ мемонад, ки онро машкул меҳонанд. М. аз як ватади маҷмӯъ /«мафо» у —/ ва як сабаби



сақил / «илу» у у — / иборат буда, дар шеър фақат дар рукнҳои аввалу байн, яъне дар садру ибтидою ҳашвайн меояд. М. нисбат ба шаклҳои овозии зиҳофоти дигар камистеъмол буда, асосан ба навъҳои баҳри Муҷтасс хос аст.

Мисол:

Муҷтасси мусаммани махбуни машкули аслам (арӯз · махбуни маҳзуф):

Акикро чу бисоянд нек судагарон,
Ки обдор бувад, бо лабони ту монад. *(Дақиқӣ)*
мафоилун / фаилотун / мафоилу / фаълун
у — у — / у у — — / у — у у / — —

**Мафоилунту́н** (ар. مفاعلتن ), шакли овозии зиҳофи *махбуни мураффали* рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун. Ниг. *Мафоилотун.*

Мисол:

Рачази мусаннои махбуни мураффал:

Қитобу дафтар
Марост дар бар.
Раҳи дабистон
Хушу фурӯзон. *(Фарҳат)*
мафоилотун
у — у — —

Рачази мураббаъи мураффали мақсури махбуни мураффал:

Ҳар гул, ки зи хок мекашад сар,
Бо синаи пок мекашад сар. *(Мақсуди Гулчин)*
мустафъилатун / мафоилотун
— — у у — / у — у — —

Агар ин байтро ба таври:

мафъӯлу / мафоилун / фаӯлун
— — у / у — у — / у — —

*тақтеъ* кунем, баҳри Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф ба вуҷуд меояд.

**Мафоилунфо́ъ** (ар. مفاعلنفاع ), шакли овози зиҳофи махбуни музаффост, ки дар натиҷаи омезиши зиҳофи махбуни /у — у —/ рукни солими мус-тафъи-лун ва зиҳофи маҷҳуфи мусаббағи / ~ / рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун ба вуҷуд меояд. Ниг. *Мафоилотон.*

Мисол: Муҳтасси мусаддаси махбуни музаффо:

Бикост собирию обӣ дида бифзуд,
Дил аз нишот тиҳӣ гашту тан бифарсуд. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фаилотун / мафоилотон
у — у — / у у — — / у — у — ~

**Мафоитӯн** (ар. مفاعتن ), шакли овозии зиҳофи *маъқули* рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун.Ниг. *Мафоилун.*

Мисол:

Вофири мусаммани маъқул:

Дили маро ба хандае зи нав ҷавон намудай,
Ҷаҳони кӯчаки маро ту як ҷаҳон намудай. (*Ҷумъа Қувват*)
мафоилун / мафоилун / мафоилун / мафоилун
у — у — / у — у — / у — у — / у — у —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаммани мақбуз / мафоилун / мафоилун /мафоилун / мафоилун низ шакли афоили Вофири мусаммани маъқулро дорад.

**Мафӯъ** (ар. مفاع ), шакли овозии зиҳофи *аҳтами* рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун.Ниг. *Фаӯл.* Мисол:

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи мақфуфи аҳтам (рукни охири мисраъи сеюм — а з а л л, рукни аввали мисраъи чаҳорум — а х р а м, рукни дуюми мисраъи чаҳорум — м а к ф у ф):

Ҷуз модари ман ба ман касе ном надод,
Ҷуз меҳнати ман ба ман касе ком надод.
Оромии ман ҳама зи беоромист,
Оромӣ ба ман як нафас ором надод. (*Лоиқ*)
мафъӯлу / мафоилун / мафойлу / фаӯл
— — у / у — у — / у — — у / у ~

**Мафоӣ** (ар. مفاعی ), шакли овозии зиҳофи *мақтуфи* рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун.Ниг. *Фаӯлун.*

Мисол:

Вофири мусаддаси маъсуби мақтуф:

Ману ту ҳар гаҳе, ҷустем модар,
Нишон доданд бар мо суратеро.
Хумори хештанро мешикастем,
Намуда сурати модар тамошо. (*Саидалӣ Маъмур*)
мафойлун / мафойлун / фаӯлун
у — — — / у — — — / у — —



Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (мафойлун / мафойлун / фаӯлун) низ шакли афоили Вофири мусаддаси маъсуби мақтуфро дорад.

**Мафоӣ** (ар. مفاعی ), шакли овозии зиҳофи *маҳзуфи* рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун.Ниг. *Фаӯлун.*

Мисол:

Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф:

Ба шеъру шоирӣ даъво надорам,
Нависам номаи тақдири худро.
Набошад фикри шӯхрат дар сари ман,
Талоши қадри худ дорам ба ҳар ҷо. (*Саидалӣ Маъмур*)
мафойлун / мафойлун / фаӯлун
у — — — / у — — — / у — —

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф:

Дар маслиҳати илоҷи ошиқ
Бемор шавад табиби ҳозиқ.
Чун мастии ишқ гашт комил,
Девона шавад ҳазор оқил. (*Ҳилолӣ*)
мафъӯлу / мафоилун / фаӯлун
— — у / у — у — / у — —

**Мафойлу** (ар. مفاعیل ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофҳои *мақфуф, махбун* ва *манқус,* ки дар натиҷаи партофтани ҳарфи охири *сабаби* хафиф / — /, яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷои охири рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /; х а б н кардани, яъне кӯтоҳ намудани ҳиҷои якуми рукни солими мафъӯлоту /— — — у / ва тавассути гузаронидани амали н а қ с дар рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ҳарфи охирини он, яъне «н»-ро партоем, «мафойлу» / у — — у /, боқӣ мемонад, ки мақфуф; агар аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳарфи сеюми он; яъне «ф»-ро х а б н кунем (партоем), «маӯлоту» / у — — у / боқӣ мемонад (ба ҷояш рукни мустаъмали М.-ро мегузоранд), ки м а х б у н ва агар аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ҳарфи «то»-ро а с б кунем (партоем), мафойлун / у — — — / боқӣ мемонад, баъди ин тавассути амали каф(ф) (кӯтоҳ кардан) мафойлунро / у — — — / ба «мафойлу» / у — — у / табдил дода, м а н қ у с меноманд. М. аз як ватади маҷмӯъ / «мафо у — / ва як в а т а д и м а ф р у қ / «йлу» — у / иборат буда, дар шеър, одатан дар рукнҳои ав-

валу байн, яъне дар садру ибтидо ва ҳашвайн меояд. М. аз ҷумлаи шаклҳои овозии зиҳофоти (фурӯъоти) серистеъмоли арӯз буда, дар навъҳои гуногуни баҳрҳои Ҳазаҷ, Музореъ, Қариб, Мушокил, Вофир ва ғ. истифода мешавад. Аз нисф зиёди шаҷараи ахрабу ахрами вазни рубоӣ тавассути М. сохта мешавад. Мисол: Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

Хуршеди ҷаҳонтоб ба олам, Ватани мо,
Бӯстони самаровари хуррам, Ватани мо. *(Аъзам Сидқӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаӯлун
— — у / у — — у / у — — / у — —

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур:

Кораш ҳама ноз аст, чунин ёр кӣ дидаст?
Нозаш ҳама бо мост, чунин кор кӣ дидаст? *(Лоҳутӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / мафойл
— — у / у — — у / у — — у / у — ~

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар:

Эй шӯх, ду чашмони ту ҷоду-ҷоду,
Бо сеҳри ту дил медамад Омӯ-Омӯ.
Эй лаъли ту бо таъми хуш олу-болу,
Ман тири хатоҳӯрда, оҳу-оҳу. *(М. Раҳимӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлун / фаъ
— — у / у — — у / у — — — / —

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтам:

Дур аз ту зи гармии танам ҷома бисӯхт,
Рафтам бинависам ин хабар, хома бисӯхт. *(Лоҳутӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаӯл
— — у / у — — у / у — — у / у ~

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб:

Ман ошиқи ту, валек Маҷнун нашавам,
Аз халқ ҷудо ба дашту ҳомун нашавам.
Ман хоҳ ба ишқ, хоҳ дар кору сухан
Аз маслаки ленинизм берун нашавам. *(Ҳабиб Юсуфӣ)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойлу / фаал
— — у / у — у — / у — — у / у —



Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи маҳзуф:

Эй дарди ту ороми дили ман,
Эй номи ту илҳоми дили ман. *(Лоҳутӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / фаӯлун
— — у / у — — у / у — —

Музореъи мусаммани ахраби макфуфи мусаббағ:

Садбарги нав шукуфту барафрӯхт чехра аз ноз,
Фарьёди булбулон зи чаман гашт гулғуландоз. *(Фарҳат)*
мафъӯлу/ фоилоту / мафойлу / фоилиён
— — у / — у — у / у — — у / — у — ~

Музореъи мусаддаси макфуфи маҳзуф:

Хушо ҷилваи ҷамоли ту дидан,
Хушо меваи висоли ту чидан. *(Ҷомӣ)*
мафойлу / фоилоту / фаӯлун
у — — у / — у — у / у — —

Музореъи мусаммани макфуфи мақсур:

Гар он турра ҳаст мушк, ба мо чун надод бӯй
В-ар он чехра ҳаст моҳ, чаро даркашид рӯй? *(Сайфӣ)*
мафойлу / фоилоту / мафойлу / фоилон
у — — у / — у — у / у — — у / — у ~

Қариби мусаддаси ахраби макфуф:

Шодию ҷавонию пешгоҳӣ,
Хошо, ки зайфию ғам нахоҳӣ. *(Носири Хисрав)*
мафъӯлу / мафойлу / фоилотун
— — у / у — — у / — у — —

Қариби мусаддаси ахраби макфуфи мақсур:

Кӯ Осафи Ҷам, гӯ, биё, бубин,
Бар тахти Сулаймони ростин. *(Анварӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / фоилон
— — у / у — — у / — у ~

Мушокили мусаммани макфуфи мақсур:

Хез, тарфи чаман гир бо ҳарифи суманрӯй,
Гоҳ сунбули тар чину гоҳ шохи суман бӯй. *(Чомӣ)*
фоилоту / мафойлу / фоилоту / мафойл
— у — у / у — — у / — у — у / у — ~

Мушокили мусаддаси макфуфи мақсур:

Эй нигори сияҳчашми сияҳмӯй,
Сарвқадди накӯрӯи накӯгӯй. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилоту / мафойлу / мафойл
— у — у / у — — у / у — ~

Вофири мусаддаси манқуси мақтуф:

Агар ёр маро боз навозад,
Дилам бо ғами савдош бисозад. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлу / мафойлу / фаӯлун
у — — у / у — — у / у — —

Мадиди мураббаъи махбун:

Чаро боз наёй?
Азобам чӣ намой? (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
мафойлу / фаӯлун
у — — у / у — —

Яке аз шаклҳои баҳри Ҳазаҷи мусаддаси макфуфи маҳзуф / мафойлу / мафойлу / фаӯлун / шакли овозии баҳри Вофири мусаддаси манқуси мақтуфро дорад. Шакли овозии баҳри Ҳазаҷи мураббаъи макфуфи маҳзуф / мафойлу / фаӯлун / низ ба шакли овозии баҳри Мадиди мураббаъи махбун монанд мебошад.

**Мафойлӯн** (ар. مفاعيلن), дар илми арӯз шакли овозии рукни асосии баҳри *Ҳазаҷ* ва шакли овозии зиҳофи *маъсуб*, ки аз як *ватади* маҷмӯъ / «мафо» у — / ва ду сабаби хафиф / «йлун» — — / иборат аст. Дар натиҷаи каму зиёд кардан ё тағйири мавқеи ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи М.-и рукни асосии баҳри Ҳазаҷ зиҳофҳои абтар / фаъ —/, азалл / фоъ ~ /, ахраб / мафъӯлу — — у /, ахрам / мафъӯлун — — — /, ахрами мусаббағ / мафъӯлон — — ~ /, аштар / фоилун — у — /, аштари мусаббағ / фоилон — у ~ /, ахтам / фаӯл у ~ /, макфуф / мафойлу у — — у /, мақбузи мусаббағ / мафоилон у — у ~ /, мақбуз / мафойлун у — у— /, мақсур / мафойл у — ~ /, маҳзуф / фаӯлун у — — /, маҳзуфи мусаббағ / фаӯлон у — ~ /, маҷбуб / фаал у — /, мусаббағ / мафойлон у — — ~ /, муханнақ / мафъӯлун — — —, муханнақи мақсур / фаълон / — ~ / ва муханнақи маҳзуф / фаълун — — / ҳосил мешавад. Шакли овозии зиҳофи маъсуб — М. ҳарчанд ба М.-и баҳри Ҳазаҷ ҳамшакланд, аммо ба ҳамдигар ҳеҷ муносибат надоранд, чунки шакли овозии М.-и рукни асосии баҳри Ҳазаҷ худ рукни мустақил буда, М.-и маъсуб бошад, дар натиҷаи иҷроти ҳарфи «т» ва сокин кардани рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ҳарфи «т»-ро асб кунем, яъне партоем ва ҳарфи панҷуми он, яъне «л»-ро сокин кунем, М. боқӣ меонад, ки онро маъсуб мехонанд. М. дар шеър, қариб дар тамоми рукнҳои он, яъне дар садру ибтидою арӯзу зарбу ҳашвайн меояд ва нисбат ба дигар шаклҳои овозии зиҳофҳо серистеъмол мебошад. М. аз як ватади маҷмӯъ / мафо у — / ва ду сабаби хафиф / йлун — — / иборат буда, асосан ба баҳрҳои Ҳазаҷ, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ахрас, Маснӯъ, Мӯҳмал, Мусаттар, Муштарак, Боис, Ариз, Амиқ, Сарим, Қалиб, Асамм ва Вофир хос аст.

Мисол: Ҳазаҷи мусаммани солим:

Зи табъи норасои худ кунун байти расо ҷӯям,
Зи ҷӯи кӯчаки умрам хурӯши баҳрҳо ҷӯям. (*Гулназар*)
мафойлун / мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — — / у — — — / у — — — / у — — —

Ҳазаҷи мусаддаси солим:

Ҷавонмардист ҳар ҷо дар паноҳи ту,
Ҳиёнат дар гурез аз ҳар паноҳи ту. (*Ҷумъа Қувват*)
мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — — / у — — — / у — — —

Ҳазаҷи мураббаъи солим:

Зи барфи кӯҳ об ояд,
Ачаб пурпечутоб ояд.
Ба ҷонбозӣ навозад ҷои,
Ки то бар кӯҳ хоб ояд. (*Нурмуҳаммад Ниёзӣ*)
мафойлун / мафойлун
у — — — / у — — —

Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф:

Ту зебой, ту ширинӣ, ту раъно,
Ба хусни беназират панд дорӣ.
Ту барной, ту яктой, ту воло,
Агарчанде ки даҳ фарзанд дорӣ. (*Одина Мирак*)
мафойлун / мафойлун / фаӯлун
у — — — / у — — — / у — —

Ҳазаҷи мусаммани ахраб:

Кай шеъри тар ангезад хотир, ки хазин бошад,
Як нукта аз ин маънӣ гуфтему ҳамин бошад. *(Ҳофиз)*
мафъӯлу / мафойлун / мафъӯлу / мафойлун
— — у / у — — — / — — у / у — — —

Ҳазаҷи мураббаъи маҳзуф:

Канори чашмасорон
Ба мавҷи сабзаи тар.
Пас аз борони найсон,
Ту гӯй рехт ахтар. *(Мақсуди Гулчин)*
мафойлун / фаӯлун
у — — — / у — —

Вофири мусаддаси маъсуби мақтуф (ҳашв — солим):

Нигорино, бикун фикре ба корам,
Чу медонӣ, ки ман зи ғамат фигорам. *(аз «Ал-мӯъҷам»)*
мафойлун / мафоилатун / фаӯлун
у — — — / у — у у — / у — —

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мусаббағ:

Ман кушта шавам агар, машав навмед,
Ин куштаи мо саодат орад бор. *(Лоҳутӣ)*
мафъӯлу / мафоилун / мафоилон
— — у / у — у — / у — — ~

Ахраси мусаддаси солим:

Аз шеъри Гулчин бирӯяд гули маънӣ,
Бас табъан ӯ буд гулчини гулпарвар. *(Мақсуди Гулчин)*
мустафъилун / фоилотун / мафойлун
— — у — / — у — — / у — — —

Ҳазаҷи мусаддаси мақсур:

Далели ақли мард омад сухан боз,
Чу ояд дар сухан, пайдо шавад роз.
Суханҳои накӯро ёд медор
Ва з-он дар пеши худ устод медор. *(Носири Хисрав)*
мафойлун / мафойлун / мафойл
у — — — / у — — — / у — ~



**Мафтӯҳ** (ар. مفتوح -кушода, кушодашуда), дар илми арӯз як навъи ҳаракати ҳарфест, ки ҳангоми талаффузи он даҳон кушода шавад. Ин ҳолат дар талаффузи фатҳа («а») ба вуқӯъ меояд. Дар хати арабӣ, ҳарферо, ки ҳаракати фатҳа («а») дорад, М. меноманд.

**Мафъулӯ** (ар. مفعول ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи матвии макшуфи рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои т а й ва к а ш ф ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / садоноки дарози «ӯ»-ро тавассути амали т а й ба садоноки кӯтоҳи «у» табдил диҳем, «мафъӯлоту» / — у — у / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фоилоту / — у — у / гузошта, матвӣ мехонанд. Сипас, аз шакли овозии зиҳофи матвӣ — «мафъулоту» / — у — у / тавассути амали к а ш ф ҳиҷои охири онро партоем, М. боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фоилун / — у — /-ро гузошта м а т в и и м а к ш у ф меноманд. Шакли овозии зиҳофҳои аштар / — у — /, аҷам / — у — /, макшуфи матвӣ / — у — /, марфӯъ / — у — /, маҳзуф / — у — / ва рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / ба шакли овозии М. монанд бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аштар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи аҷам аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — /, зиҳофи макшуфи матвӣ аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / дар натиҷаи гузаронидани амалҳои к а ш ф ва т а й, зиҳофи марфӯъ аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи маҳзуф аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, шакли овозии матвии макшуф аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. М. асосан дар баҳрҳои Сареъю Мунсареҳу Муқтазаб иштирок менамояд. Мисол:

Мунсареҳи мусаммани матвии макшуф:

Сулҳ ҷудо кун зи ҷанг, з-он ки на некӯ бувад
Дастгаҳи шишагар пойгаҳи козарӣ. *(Саноӣ)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у — у / — у у — / — у —

Сареъи мусаддаси матвии макшуф:

Аз паи зулм он ки сабӯҳӣ кунад,
Нурӣ нишоташ чу шаби тор бех.

Шарбати нӯше, ки ба золим диҳад,
Хуни ҳамон золими хунхор беҳ. *(Хусрави Деҳлавӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у —/— у у —/— у —

Сареъи мусаддаси матвии мақшуф (*зарб — матвии мавқуф*):

Эй маликуларш, муродаш бидеҳ
В-аз хатари чашми бадаш дор гӯш. *(Ҳофиз)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у —/— у у —/— у —

Сареъи мусаддаси матвии макшуф:

Моҳи фалак гар чу ту будӣ ба шаб,
Ошиқи мах Зӯҳраи Заҳрости. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у —/— у у —/— у —

Мунсареҳи мусаммани матвии макшуфи (ҳашви якуми мисраъи дуюм — матвии мавқуф):

Пушти дутои фалак рост шуд аз хуррамӣ,
То чу ту фарзанд зод модари айёмро. *(Саъдӣ)*
муфтаилун / фоилун / муфтаилун / фоилун
— у у —/— у —/— у у —/— у —

Мунсареҳи мураббаъи матвии макшуф:

Сӯи чаман меравад
Об зи чӯи калон.
Пеши суман меравад
Чобуку ғулғулфикан. *(Фарҳат)*
муфтаилун / фоилун
— у у —/— у —

Ниг. низ *Фоилун*.

**Мафъулот** (ар. مفعلات), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *матвии мавқуфи* рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои тай ва вақф ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / тавассути амали тай садоноки дарози «ӯ»-ро ба садоноки кӯтоҳи «у» табдил диҳем, «мафъулоту» / — у — у / боқӣ мемонад, ки ба



чои он рукни мустаъмали фоилоту / — у — у /-ро гузошта, матвӣ мехонанд. Баъди ин аз «мафъулоту» / — у — у / тавассути амали вақф ҳарфи «у»-и охирро партоем, М. боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фоилон / — у ~ /-ро гузошта (баъзе арӯзиён, мас., муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» — Муҳаммад Ғиёсуддин ба ҷои фоилон фоилот гузоштаанд), матвии мавқуф меноманд. Шакли овозии зиҳофҳои аштари мусаббағ, мақсур, музол шакли овозии М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, чунки зиҳофи аштари мусаббағ аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / зиҳофи мақсур аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ва рукни солими фои-ло-тун / — у — — /, зиҳофи музол аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / ба вуҷуд омада, шакли овозии зиҳофи матвии мавқуф, яъне М. бошад, аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. Ниг. низ *Фоилон*.

Мисол:

Мунсареҳи мусаммани матвии мавқуф (арӯз — матвии макшуф):

Гирьяи шому саҳар шукр, ки зоеъ нагашт,
Қатраи борони мо гавҳари якдона шуд. *(Ҳофиз)*
муфтаилун / фоилун / муфтаилун / фоилон
— у у —/— у —/— у у —/— у ~

Сареъи мусаддаси матвии мавқуф:

Ҳеҷ шараф чун шарафи илм нест,
Бадрақаи илм беҳ аз ҳилм нест.
Гарчи басе беҳ бувад, аз нест ҳаст,
Нест беҳ он кас, ки дар-ӯ илм нест. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилон
— у у —/— у у —/— у ~

Мунсареҳи мусаммани матвии мавқуф (зарб — матвии макшуф):

Оташи рухсори гул хирмани булбул бисӯхт,
Чеҳраи хандони шамъ офати парвона шуд. *(Ҳофиз)*
муфтаилун / фоилун / муфтаилун / фоилон
— у у —/— у —/— у у —/— у ~

Мунсареҳи мураббаъи матвии мавқуф:

Оби ту ширинтар аст,
Аз асалу себу нор.

Сози ту шевотар аст,
Аз наю чангу дутор. *(С. Аюбӣ)*
муфтаилун / фоилон
— у у —/ — у ~

Ниг. низ *Фоилон.*

**Мафъулоту́** (ар. مفعلات ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *матвӣ,* ки дар натиҷаи тай намудани рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / сабаби хафифи дуюми онро кӯтоҳ, яъне садоноки дарози «ӯ»-ро ба садоноки кӯтоҳи «у» табдил диҳем, М. боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фоилоту / — у — у /-ро гузошта матвӣ мехонанд. Шакли овозии зиҳофи мақфуфи рукни асосии баҳри Рамал — фоилоту / — у — у / ба шакли овозии М. монанд бошад ҳам, ба он ҳеҷ гуна вобастагӣ надорад, зеро зиҳофи мақфуф / — у — у / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / тавассути амали каф (партофтани ҳарфи охири рукн) ба вуҷуд омада, М. бошад аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. Мисол:

Мунсареҳи мусаммани матвии маҷдӯъ:

Хуб яке нукта ёдам аст зи устод,
Гуфт: «Нагашт офарида чизи беҳ аз дод». *(Носири Хисрав)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фаъ
— у у —/ — у — у/ — у у — / —

Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур:

Гар забар аз ишқ ғоятест, манам он.
В-ар забар аз ҳусн суратест, ту онӣ. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фаъ
— у у —/ — у — у/ — у у — / —

Мунсареҳи мусаддаси махбуни матвии мақтӯъи мусаббағ (арӯз — мақтӯъ):

Набинӣ аз ман раҳӣ ба ҷуз хидмат,
Надорам аз ту тамаъ ба ҷуз дидор. (аз *«Ал-мӯъҷам»)*
мафоилун / фоилоту / мафъӯлон
у — у —/ — у — у/ — — ~

Муқтазаби мусаммани матвии мақтӯъ:

Вақтро ғанимат дон, он қадар ки битвонӣ,
Ҳосил аз ҳаёт, эй ҷон, як дам аст, то донӣ. *(Сайфӣ)*
фоилоту / мафъӯлун / фоилоту / мафъӯлун
— у — у/ — — —/ — у — у/ — — —



Муқтазаби мураббаъи матвии мақтӯъ:

Мӯсафеди нуронӣ,
Меҳр кард арзонӣ.
Бар набераҳои худ,
Бар абераҳои худ. *(Фарҳат)*
фоилоту / мафъӯлун
— у — у/ — — —

Ниг. низ *Фоилоту.*

**Мафъӯ** (ар. مفعو ), шакли овозии зиҳофи *аслами* рукни солими мафъӯлоту. Ниг. *Фаълун.*

Мисол:

Сареъи мусаддаси матвии аслам:

Чанд хурам аз ту, буто, зарбат?
Чанд занӣ бар дили ман ҳарбат? (аз *Ал-мӯъҷам»)*
муфтаилун / муфтаилун / фаълун
— у у —/ — у у —/ — —

Муқтазаби мусаммани аслами мухаллаъ:

Эй мавҷи саркаш, эй рӯҳи пуршӯр,
Гар раҳ наёбӣ бар соҳили дур,
Боз ой, боз ой бар соҳили ман! *(Гулназар)*
фаълун / фаълун / фаълун / фаълун
— —/ у — —/ — —/ у — —

Мунсареҳи мураббаъи аслам:

Аз ҳар бинои нав
Шоданд одамҳо,
Ҳар хона пурпартав,
Ҳар дар ба меҳмон во. *(Фарҳат)*
мустафъилун / фаълун
— — у —/ — —

**Мафъӯл** (ар. مفعول ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *муханнақи мақсури* рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои тахник ва қаср ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / тавассути амали тахник ҳиҷои якуми онро партоем, «фойлун» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафъӯлун / — — — /-ро гузошта,

муханнақ меноманд. Баъди ин тавассути амали қ а с р аз мафъӯлун / — — — / ҷузви охири он, яъне «ун»-ро партоем, М. боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаълон / — ~ /-ро гузошта, муханнақи мақсур меҳонанд. Шакли овозии зиҳофҳои аслами мусаббағ, аҳаззи мусаббағ, мақтӯъи маҳзуфи мусаббағ низ шакли овозии М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аслами мусаббағ аз рукни асосии баҳрҳои Рамал — фоилотун / — у — — / ва Мутақориб — фаӯлун / у — — /, зиҳофи аҳаззи мусаббағ аз рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — /, зиҳофи мақтӯъи маҳзуфи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд омада, шакли овозии зиҳофи муханнақи мақсур, яъне М. аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ҳосил шудааст. Ниг. низ *Фаълон*.

М и с о л:

Музореъи мусаддаси ахраби муханнақи мақсур:

Туркони нағзи накӯдидор,
Чобуксавори ширингуфтор. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / фоилотун / фаълон
— — у / — у — — / — ~

**Мафъӯло́** (ар. مفعولُ ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *мақшуфи* рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, ки дар натиҷаи гузаронидани амали к а ш ф, яъне исқоти ҳиҷои охири он ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафъӯлоту / — — — у / ҳиҷои охири он, яъне «ту»-ро партоем, М. боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали мафъӯлун / — — — /-ро гузошта м а қ ш у ф мехонанд. Шакли овозии зиҳофҳои ахрам, ақсам, мақсур, мақтӯъ, муханнақ, мушаасс шакли овозии М-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи ахрам аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи ақсам аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — /, зиҳофи мақсур аз рукни солими мус-тафъилун / — — у — /, зиҳофи мақтӯъ аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи муханнақ аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи мушаасс аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, М. бошад аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, ҳосил шудааст. М и с о л:

Мунсареҳи мураббаъи матвии мақшуф:

Шаҳр гулоғӯш имшаб,
Кӯча пур аз ҷӯш имшаб.



Ёру рафиқон бо ҳам
Хурраму ҳамдӯш имшаб. *(Мақсуди Гулчин)*
муфтаилун / мафъӯлун
— у у — / — — —

Мунсареҳи мураббаъи мақтӯъи мақшуф:

Моро илм аз мактаб
Меорад ҳар матлаб.
Мерахшад чун кавкаб,
Бар мақсад рӯзошаб. *(Фарҳат)*
мафъӯлун / мафъӯлун
— — — / — — —

Ниг. низ *Мафъӯлун*.

**Мафъӯло́н** (ар. مفعولانْ ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофҳои ахрами мусаббағ, мақтӯъи мусаббағ, мушаасси мусаббағ, мавқуф, ки дар натиҷаи партофтани ҳиҷои аввали рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ва ба ҷои садоноки «у» гузоштани садоноки дарози «о»; дар рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / гузаронидани амалҳои к а т ъ ва и с б о ғ; т а ш ь и с ва и с б о ғ кардани рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ва сокин кардани рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, яъне партофтани ҳарфи «у»-и охири он ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ҳиҷои аввали он соқит шавад, «фойлун» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали мафъӯлун / — — — /-ро гузошта ахрам, сипас ба ҷои садоноки «у»-и рукни мафъӯлун / — — — / садоноки дарози «о»-ро монем, мафъӯлун / — — — / шакли М.-ро мегирад, ки онро а х р а м и м у с а б б а ғ; агар аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / ду ҳарфи охири онро партоем, яъне қ а т ъ кунем, «мустафъил» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафъӯлун / — — — /-ро гузошта, м а қ т ӯ ъ, баъд ба ҷузви *сабаби* хафифи охири мафъӯлун / — — — / садоноки дарози «о»-ро гузошта, мафъӯлун / — — — /-ро ба М. табдил медиҳанд, ки онро м а қ т ӯ ъ и м у с а б б а ғ; агар аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / тавассути амали т а ш ь и с садоноки «и»-ро партоем, «фолотун» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафъӯлун / — — — /-ро гузошта, м у ш а а с с, баъди ин агар ба воситаи амали и с б о ғ ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и мафъӯлун / — — — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мафъӯлун шакли М.-ро мегирад, ки онро м у ш а а с с и

мусаббағ; агар аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/ ҳарфи «у»-ро партоем, «мафъӯлот» /— — ~/ боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали М.-ро гузошта, мавқуф меноманд. М. аз ду сабаби хафиф /— —/ ва як ҳичои якунимҳиҷоӣ /~/ иборат буда, дар шеър, одатан дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. М. аз ҷумлаи шаклҳои овозии зиҳофоти серистеъмоли арӯз буда, дар навъҳои гуногуни баҳрҳои Ҳазаҷ, Ҷариб, Музореъ, Рачаз, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб ва ғ. истифода мешавад. Мисол:

Рачази мураббаъи матвии мақтӯъи мусаббағ:

Рӯд садафборон аст,
Зеби чаманзорон аст,
Лола бараш хандон аст,
Чун шадаи марҷон аст. *(Мақсуди Гулчин)*
муфтаилун / мафъӯлон
— у у —/— — ~

Ҳазаҷи мураббаъи ахрами мусаббағ:

Ба мактабҳо мехонем,
Ҳунарҳоро медонем.
мафойлун / мафъӯлон
у — — —/— — ~

Рачази мураббаъи мақтӯъи мусаббағ:

Бобои ман ордендор,
Орденҳо дорад бисьёр. *(Ҳайдаршо)*
мустафъилун / мафъӯлон
— — у —/— — ~

**Мафъӯло́т** (ар. مفعولات), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *мавқуфи* рукни солими мафъӯлоту /— — — у/, ки дар натиҷаи гузаронидани амали вақф, яъне партофтани садоноки «у»-и охир ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/ тавассути амали вақф садоноки кӯтоҳи «у»-и охирро партоем, М. боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафъӯлон /— — ~/-ро гузошта мавқуф меҳонанд. Шакли овозии зиҳофҳои ахрами мусаббағ, мақтӯъи мусаббағ ва мушаасси мусаббағ шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна вобастагӣ надоранд, чунки зиҳофи ахрами мусаббағ аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун /у — — —/, зиҳофи мақтӯъи мусаббағ аз рукни асосии баҳри



Рачаз — мустафъилун /— — у —/, зиҳофи мушаасси мусаббағ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун /— у — —/ ба вуҷуд омада, М. бошад аз рукни солими мафъӯлоту ҳосил шудааст.

Мисол:

Мунсареҳи мураббаъи матвии мавқуф:

Сулҳу амонӣ аз мост,
Бахту чавонӣ аз мост. *(Мақсуди Гулчин)*
муфтаилун / мафъӯлон
— у у —/— — ~

Мунсареҳи мураббаъи мақтӯъи мавқуф:

Аз меҳнат шодонем,
Бо ғайрат мехонем.
Толиб бар ирфонем,
Шод аз коистонем. *(Фарҳат)*
мафъӯлун / мафъӯлон
— — — /— — ~

Ниг. низ. *Мафъӯлон.*

**Мафъӯлоту́** (ар. مفعولات), дар илми арӯз шакли овозии рукни чаҳорум, ки аз ду *сабаби* хафиф ва як *ватади* мафруқ иборат аст. Дар натиҷаи тағйири ҷои ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи М. зиҳофҳои аҳазз (аслам) фаълун /— —/, мавқуф — мафъӯлон /— — ~/, аҳаззи мусаббағ (аслами мусаббағ) — фаълон /— ~/, мавқуфи махбун (махбуни мавқуф) — фаӯлон /у — ~/, мавқуфи матвӣ — фоилон /— у ~/, макшуф — мафъӯлун /— — —/, макшуфи матвӣ — фоилун /— у —/, макшуфи махбун (махбуни макшуф) — фаӯлун /у — —/, манҳур — фаъ /—/, марфӯъ — мафъӯлу /— — у/, матвии мавқуф — фоилон /— у ~/, матвии макшуф — фоилун /— у —/, матвии махбун (махбул) фаилоту /у у — у/, матвии махбуни мавқуф (махбуни матвии мавқуф, махбули мавқуф) — фаилон /у у ~/, матвии махбуни макшуф (мақсуф) — фаилун /у у —/, матвӣ — фоилоту /— у — у/, махбул (матвии махбун) — фаилоту /у у — у/, махбули мавқуф (матвии махбуни мавқуф, махбуни матвии мавқуф) — фаилон /у у ~/, махбули макшуф (махбуни матвии макшуф, матвии махбуни макшуф) — фаилун /у у —/, махбун — мафойлу /у — — у/, махбуни мавқуф (мавқуфи махбун) — фаӯлон /у — ~/, махбуни макшуф (макшуфи махбун) — фаӯлун /у — —/, махбуни матвии мавқуф (матвии махбуни мавқуф, махбули мавқуф) — фаилон

/ у у ~ /, махбуни матвии макшуф (матвии махбуни макшуф) — фаилун / у у — /, махбуни матвӣ (матвии махбун, махбул) — фаилоту / у у — у /, маҷдӯъ — фоъ / ~ / ба вуҷуд меоянд. М. рукни асосии бахреро ташкил надода, худи он ва зи-ҳофҳояш дар сохтани навъҳои бахрҳои Сареъ, Мунсарех, Муктазаб, Кабир, Ҳамид, Салим, Котеъ, Муаммам, Муайян, Маъкӯс, Мубҳам иштирок менамоянд.

Мисол: Сареъи мусаддаси солим:

Эй ёри ман, эй ҷони ман, аз дил нола
Имсол ҳам камтар нашуд аз ҳарсола.
мустафъилун / мустафъилун / мафъӯлоту
— — у — / — — у — / — — — у

Муктазаби мусаммани солим:

Чун Марҷона аз додараш дар хар соҳа ношод шуд,
Бо як барра маъюс шуд аз он барра дилшод шуд. *(Баҳром)*
мафъӯлоту / мустафъилун / мафъӯлоту / мустафъилун
— — — у / — — у — / — — — у / — — у —

Кабири мусаддаси солим:

Аз сахрои бепоёни меҳнатмакон
Омад боди рӯҳафзои анбарфишон. *(Фарҳат)*
мафъӯлоту / мафъӯлоту / мустафъилун
— — — у / — — — у / — — у —

Маъкӯси мусаддаси солим:

Мушк меборид аз гул ба домони шаб,
Шир мешорид аз мах ба айвони шаб. *(Мақсуди Гулчин)*
фоилотун / мафъӯлоту / мустафъилун
— у — — / — — — у / — — у —

**Мафъӯлу́** (ар. مفعول), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофҳои ахраб, марфӯъ ва маъкӯс, ки дар натиҷаи иҷтимоъ (ба хам омадан)-и харм ва каффи рукни асосии бахри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /; партофтани сабаби хафифи аввали рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ва тавассути гузаронидани амалҳои харму накс дар рукни асосии бахри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии бахри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ҳиҷои якум соқит шавад, «фойлун» / — — — / боқӣ мемонад, фойлун-



ро хароб карда, яъне ҳарфи охири он — «н»-ро партофта, «фойлу» / — — у / месозанд ва ба ҷои он рукни мустаъмали М.-ро гузошта ахраб; агар аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / сабаби хафифи аввал, яъне ҳиҷои якуми онро партоем, «ӯлоту» / — — у / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали М.-ро гузошта марфӯъ; агар аз рукни асосии бахри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ҳарфи охири он, яъне ҳамсадои «н»-ро акс кунем (партоем) ва ҳарфи «л»-ро сокин гардонем, яъне садоноки кӯтохи «а»-ро партоем, «мафоилту» / у — — у / боқӣ мемонад ва баъди ин, агар тавассути амали харм ҳиҷои аввали он — «ма»-ро партоем, аз «мафоилту» / у — — у / «фоилту» / — — у / мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали М.-ро гузошта маъкус меноманд. М. аз як сабаби хафиф / «мафъ» — / ва як ватади мафруқ / «ӯлу» — у / иборат буда, дар шеър фақат дар рукнҳои аввалу байн, яъне дар садру ибтидою ҳашвайн меояд. М. аз ҷумлаи шаклҳои овозии зиҳофоти серистеъмоли арӯз буда, дар навъҳои гуногуни бахрҳои Ҳазаҷ, Кариб, Музореъ, Мушокил, Сареъ, Мунсарех, Муктазаб, Вофир ва ғ. истифода мешавад. Яке аз шаҷарахои машҳури вазни рубой — ахраб дар асоси ҳамин шакли овозӣ сохта мешавад.

Мисол: Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи максур:

Бе меҳри рухат рӯз маро нур намондаст
В-аз умр маро ҷуз шаби дайҷур намондаст. *(Ҳофиз)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / мафойл
— — у / у — — у / у — — у / у — ~

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур:

Гул домани навбаҳор бигрифт,
Деҳкон раҳи киштукор бигрифт. *(Нодир)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойл
— — у / у — у — / у — ~

Музореъи мусаммани ахраби мусаббағ:

Аз Гулназар бипурсед дунъёи гулъузорон,
Қ-умрест чашми худро аз рӯи гул набастаст. *(Гулназар)*
мафъӯлу / фоилотун / мафъӯлу / фоилиён
— — у / — у — — / — — у / — у — ~

Ҳазаҷи мусаммани ахраб:

Дар тобу табат бинам, бехоби шабат бинам,
Хар лаҳзаю ҳар соат холи аҷабат бинам. *(Лоиқ)*
мафъӯлу / мафойлун / мафъӯлу / мафойлун
— — у / у — — — / — — у / у — — —

### Ҳазаҷи мусаммани ахраби мусаббағ:

Аз нури замоне мо пурнур бувад ин хок,
Пурнуртаре гардад ҳам доираи афлок. *(Мирзо Турсунзода)*
мафъӯлу / мафойлун / мафъӯлу / мафойлон
— — у / у — — — / — — у / у — — ~

### Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақфуфи маҳзуф:

Н-омад бари дил дилбари фарёдраси мо,
Бегонасифат рафт, нашуд ҳамнафаси мо. *(Абдулло Қодирӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаӯлун
— — у / у — — у / у — — у / у — —

### Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур:

Ман зодаи шермарди тоҷик,
Марде, ки зи ман басе ҷавон мурд.
Дар ҳифзи Ватан ҷу қаҳрамон мурд.
Бо ному нишони олишон мурд. *(Одина Мирак)*
мафъӯлу / мафоилун / мафоил
— — у / у — у — / у — ~

### Музореъи мусаммани ахраби мақфуфи мақсур:

Он пайки номвар, ки расид аз диёри дӯст,
Овард ҳарзи ҷон зи хати мушкбори дӯст. *(Ҳофиз)*
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилон
— — у / — у — у / у — — у / — у ~

### Музореъи мураббаъи ахраб:

Хӯгири ҷони ман буд
Тифли бародари ман,
Ҳар ҷо ки буда бошам,
Ӯ буд дар бари ман. *(Зиё Абдулло)*
мафъӯлу / фоилотун
— — у / — у — —

### Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф:

Дар мақбараи даҳои аъзам
Мерафт сафи хомӯши одам.



Бо қалби пуризтироб будам
Дар ин сафи беканор ман ҳам. *(Аюбӣ)*
мафъӯлу / мафоилун / фаӯлун
— — у / у — у — / у — —

### Музореъи мусаммани ахраби мақфуфи маҳзуф:

Гулҳо шукуфта буду бирафтӣ зи бӯстон,
Дилҳо ба меҳр буду буридӣ зи дӯстон. *(Ниёзӣ)*
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилун
— — у / — у — у / у — — у / — у —

### Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар:

Дилро ба матоъ ишқ савдо кардам,
Дар синаи гарми шавқ маъво кардам.
То он ки дар ин ҷаҳон биёбам ҷое,
Худро зи ҷаҳони хеш пайдо кардам. *(Лоиқ)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойлун / фаъ
— — у / у — у — / у — — — / —

### Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбуз:

Эй бо ту дилам ҳама вафо карда,
Бо ман дили ту ҳама ҷафо карда. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойлун
— — у / у — у — / у — — —

### Ҳазаҷи мусаммани ахраби муханнаки азалл:

Аз рӯи ту омӯзад зевар гулзор,
Аз хӯи ту афрӯзад хуршед анвор.
Аз мӯи ту печонад сунбул ҳар тоб,
Аз кӯи ту бинмояд шодӣ дидор. *(Шаҳид)*
мафъӯлу / мафойлун / мафъӯлун / фоъ
— — у / у — — — / — — — / ~

### Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар:

Ман дида намеканам зи рӯят ҳаргиз!
Ман сер намешавам зи бӯят ҳаргиз!
Ман бастаи зулфи зарфишонат ҳастам,
Ман дур намеравам зи кӯят ҳаргиз! *(Толиб)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойлун / фаъ
— — у / у — у — / у — — — / —

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи мақфуфи маҷбуб:

Хуш дор, ки умр ҳар нафас мегузарад,
Дар ғояти ҳасрату ҳавас мегузарад.
Аз оби равон намуна бояд ҳамаро,
Нокарда назорае ба пас мегузарад. *(Улфат)*
мафъӯлу / мафоилун / мафоӣлу / фаал
— — у / у — у — / у — — у / у —

Қариби мусаддаси ахраби макфуфи мақсур:

Орад шарафи мардумӣ падид,
Озод накарда аз дирамхарид. *(Рӯдакӣ)*
мафъӯлу / мафоӣлу / фоилон
— — у / у — — у / — у ~

Муқтазаби мусаммани марфъӯи матвӣ:

Ҳам бахтро мададӣ, ҳам ишкро санадӣ,
Ҳам сидкро сададӣ, фарҳундаи Ватанӣ. *(Фарҳат)*
мафъӯлу / муфтаилун / мафъӯлу / муфтаилун
— — у / — у у —/ — — у / — у у —

Ҳазаҷи мураббаъи ахраб (з а р б и мисраъи дуюму сеюм — м у с а б б а ғ):

Эй аспи саманди ман,
Эй аспи даванди ман,
Оҳансуму майдонтоз,
Чун боз кунӣ парвоз. *(Ҳайдаршо)*
мафъӯлу / мафоӣлун
— — у / у — — —

**Мафъӯлу́н** (ар. مفعولن ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофҳои ахрам, ақсам, макшуф, мақсур, мақтӯъ, музмари мақтӯъ, муханнақ ва мушаасс, ки дар натиҷаи х а р м кардани рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоӣлун / у — — — /, яъне партофтани ҳиҷои якуми рукни мафоӣлун; партофтани ҳиҷои якум («ма») ва ҳарфи ҳафтуми (яъне садоноки «а») рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у —/;исқоти ҳиҷои охири рукни солими мафъӯлоту / — — — у /; партофтани ҷузви охири рукни солими мус-тафъи-лун / — — у —/, яъне «ун» ва сокин гардонидани ҳарфи «л»; аз ҷузви в а т а д и маҷмӯъи / у —/ рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/ афтидани ҷузви «ун»-и охир ва сокин гардонидани ҳарфи «л»; ба



шакли овозии зиҳофи музмар — мустафъилун / — — у —/ гузаронидани амали қ а т ъ, яъне партофтани ҷузви «ун»-и охир; х а р м кардани рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоӣлун / у — — — /, яъне партофтани ҳиҷои якуми рукни мафоӣлун ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоӣлун /у — — — / ҳиҷои якуми он партофта шавад, «фоӣлун» / — — — / боқӣ мемонад ва ба ҷои он рукни мустаъмали М.-ро гузошта, а х р а м; агар аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у —/ ҳарфи ҳафтуми он, яъне садоноки кӯтоҳи «а»-ро партоем (қ а с а м к у н е м), «мафоилтун» / у — — — / боқӣ мемонад ва баъди ин тавассути амали х а р м, яъне партофтани ҳиҷои аввали рукни «мафоилтун» / у — — — /, «фоилтун» / — — — / ҳосил мешавад ва ба ҷояш рукни мустаъмали М.-ро гузошта, ақсам; агар аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳиҷои охири он, яъне «ту»-ро партоем, «мафъӯло» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали М.-ро гузошта макшуф; агар аз рукни солими мустафъи-лун / — — у —/ ҷузви охири он, яъне «ун»-ро партоем (қ а с р к у н е м), «мустафъил» / — — — /боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали М.-ро гузошта м а қ с у р; агар аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/ ҳарфи «н»-ро партоему ҳарфи «л»-ро сокин гардонем, «мустафъил» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали М.-ро гузошта м а қ т ӯ ъ; агар ба шакли овозии зиҳофи *музмар* — мустафъилун / — — у —/ тавассути амали қ а т ъ ду ҳарфи охири он, яъне «ун»-ро партоем, «мустафъил» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафъӯлун / — — — /-ро гузошта м у з м а р и м а қ т ӯ ъ; агар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоӣлун / у — — — / ҳиҷои аввали он, яъне «ма»-ро партоем, «фоӣлун» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали М.-ро гузошта м у х а н н а қ (ба шарте ки ин зиҳоф дар рукнҳои байн ва охири байт омада бошад); агар аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ҳиҷои дуюми он, яъне «и»-ро партоем, «фолотун» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали М.-ро гузошта, м у ш а а с с мехонанд. М. аз с е с а б а б и х а ф и ф / — / иборат буда, дар он *ватаду фосила* иштирок надорад ва дар шеър қариб дар ҳамаи рукнҳои байт, яъне дар садру ибтидою ҳашву арӯзу зарб меояд. М. аз шаклҳои овозии зиҳофоти (фурӯъоти) серистеъмоли арӯз ҳисоб меёбад ва дар навъҳои гуногуни баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Рачаз, Қариб, Музореъ, Мушокил, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб, Вофир ва ғ. истифода мешавад. Дувоздаҳ навъи ш а ҷ а р а и а х р а м и вазни рубоӣ тавассути М. сурат мегирад.

Мисол: Ҳазаҷи мусаддаси ахрами аштар:

Дилдорам ҳоли ман намедонад
В-аз рӯям ғусса барнамехонад. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлун / фоилун / мафойлун
— — — / — у — / у — — —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами аштари абтар:

Сарвӣ, гар сарв мох дорад бар сар,
Моҳӣ, гар моҳ мушк дораду анбар. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлун / фоилун / мафойлун / фаъ
— — — / — у — / у — — — / —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами муханнақи абтар:

Ногоҳ абр омад, гавҳарборон шуд,
Нузҳатбахш аз худ гандумзорон шуд,
Саҳро чун дарё амвоҷовар шуд,
Хушнудӣ садчандон дар ёрон шуд. *(Шоҳид)*
мафъӯлун / мафъӯлун / мафъӯлун / фаъ
— — — / — — — / — — — / —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами аштари азалл:

Ман боре сайр дар чаман хоҳам кард,
Дил шод аз накҳати суман хоҳам кард,
Об аз дарёи ишқ хоҳам нӯшид,
Шодӣ аз бахти хештан хоҳам кард. *(Толиб)*
мафъӯлун / фоилун / мафойлун / фоъ
— — — / — у — / у — — — / ~

Ҳазаҷи мусаммани ахрами ахраби макфуфи маҷбуб:

Ёре дорам ҳар суханаш шаҳду шакар,
Хуштар бошад чеҳрааш аз лолаи тар,
Меболам монанди гул аз нолаи ӯ,
Мефорад бар ман кунад аз меҳр назар. *(Табру)*
мафъӯлун / мафъӯлу / мафойлу / фаал
— — — / — — у / у — — у / у —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами муханнақи ахраби маҷбуб:

Чун гесӯ меафшонад дилбари ман,
Хушбӯ мегардад ҳар сӯ мисли суман.



Кӯяш дар худ дорад эҳсони чаман,
Рӯяш аз худ пошад анвори сухан. *(Шаҳдӣ)*
мафъӯлун / мафъӯлун / мафъӯлу / фаъ
— — — / — — — / — — у / —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами муханнақи ахраби аҳтам:

Аз ман мехоҳад дилбар ҷони азиз,
Ман розӣ ҳастам, дорам ақлу тамиз. *(Улфат)*
мафъӯлун / мафъӯлуң / мафъӯлу / фаъл
— — — / — — — / — — у / у ~

Рамали мусаммани махбуни мушаасс:

Чӣ кунам, ҳар чи кунам, бо ту намедорад судам,
Ба ҷуз он ҳила надонам, ки зи ишқат бигрезам. *(Насируддини Тӯсӣ)*
фаилотун / фаилотун / фаилотун / мафъӯлун
у у — — / у у — — / у у — — / — — —

Муҷтасси мусаммани махбуни мушаасси махбуни маҳҳуф:

Сиёҳчашмо, ин дил чи гуна бурдӣ,
Кунун, ки бурдӣ, боре бад-ӯ чӣ кардӣ/ (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / мафъӯлун / мафоилун / фаъ
у — у — / — — — / у — у — / —

Рамали мусаммани мушаасси аслами мусаббағ:

Сарв аст он ё боло? Моҳ аст ё рӯй?
Зулф аст он ё чавгон? Хол аст он ё гӯй? *Рӯдакӣ)*
мафъӯлун / мафъӯлун / мафъӯлун / фаълон
— — — / — — — / — — — / — ~

Муқтазаби мусаммани матвии мақтӯъ:

Дасти духтари деҳқон омили матин бошад,
Корубори ӯ умре дар сари замин бошад. *(Фарҳат)*
фоилоту / мафъӯлун / фоилоту / мафъӯлун
— у — у / — — — / — у — у / — — —

Рачази мураббаъи мақтӯъ:

Ман хонаму дил рақсад,
Базми ману дилро бин. *(Лоҳутӣ)*
мустафъилун / мафъӯлун
— — у — / — — —

Сареъи мусаддаси матвии мақтӯъи матвии макшуф (ҳашви мисраъи дуюм — матвӣ):

Чодараке дидам рангин бар ӯ,
муфтаилун / мафъӯлун / фоилун
— у у — / — — — / — у —
Ранг басо гуна бар он чодаро. *(Рӯдакӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у у — / — у —

**Махбӯл** (ар. مخبول -даступобурида), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи рукнҳои мустафилун / — — у — / ва мафъӯлоту / — — — у / якбора гузаронидани амалҳои хабну тай, яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷоҳои якуму дуюми ҳар ду рукни зикршуда ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / ҳарфи «с»-ро партоем, мутафъилун / у — у — / ба ҷояш рукни мустаъмали мафоилун / у — у — / мегузоранд, аз рукни солими мафъӯлоту ҳарфи «ф»-ро партоем, маӯлоту / у — — у / ба ҷояш рукни мустаъмали мафоилу / у — — у / -ро мегузоранд, боқӣ мемонад, ки онро махбун меноманд. Баъди ин, агар аз афоили зиҳофи махбуни баҳри Раҷаз — мутафъилун / у — у — / ҳарфи «ф»-ро партоем, мутаилун / у у у — ба ҷояш рукни мустаъмали фаилатунро / у у у — / мегузоранд) ва агар ба ҷои садоноки дарози ӯ»-и афоили зиҳофи махбуни рукни солими мафъӯлоту — маъӯлоту / у — — у / садоноки кӯтоҳи «у»-ро гузорем, аз маъӯлоту маулоту (ба ҷояш рукни мустаъмали фаилоту / у у — у / -ро мегузоранд) боқӣ мемонад, ки онро М. мехонанд. Зиҳофҳои матвии махбун / у у — у /, махбуни матвӣ / у у — у /, машкул / у у — у / шакли афоили М.-и рукни солими мафъӯлоту ро / — — — у / дошта бошанд ҳам, аз ҷиҳати таркиб тафовут доранд, чунки зиҳофҳои матвии махбун / у у — у / ва махбуни матвӣ / у у — у / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / тавассути амалҳои тай ва хабн, зиҳофи машкул / у у — у / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз рукни асосии баҳри Раҷаз—мустафъилун / — — у — / ва рукни солими мафъӯлоту / — — — у / тавассути якбора кӯтоҳ кардани ду ҳиҷои дарози аввали онҳо ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи муфрад дорад. М. нисбат ба дигар зиҳофҳои арӯз камистеъмол буда, дар шеър дар рукнҳои аввал ва мобайнии байт, яъне дар садр, ибтидо ва ҳашвайн меояд ва бештар ба баҳрҳои Раҷазу Сареъю Мунсареҳу Муқтазаб хос аст. Агар аз зиҳофи М.-и рукни мафъӯлоту — фаилоту / у у — у / ҳарфи



охири он, яъне «у»-ро партоем, «фаилот» / у у ~ / боқӣ мемонад, ки онро М.-и мавқуф; агар садоноки кӯтоҳи ҳиҷои охири зиҳофи М.-и рукни асосии баҳри Раҷаз — фаилатун / у у у — /-ро дароз кунем, яъне ба ҷои садоноки «у» садоноки «о»-ро гузорем, фаилатун / у у у — / шакли фаилатон / у у у ~ /-ро мегирад, ки онро М.-и музол меноманд.

Мисол: Раҷази мусаддаси махбуни М.:

Гар ёри ман ғами дилам бихураде,
З-ин бехтарак ба ҳоли ман нигараде. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / мафоилун / фаилатун
— — у — / у — у — / у у у —

Муқтазаби мусаммани М.-и музол:

Зи замини поки Ватан гули меҳр рӯйидааст,
**Зи насими поки Ватан** гули меҳр бишкуфтааст. *(Мақсуди Гулчин)*
фаилоту / мустафъилун / фаилоту / мустафъилон
у у — у / — — у — / у у — у / — — у ~

Сареъи мусаддаси М.-и матвии макшуф:

Бизанамат, бибарамат, чони ман,
Бигазамат, бимазамат ҳар ду лаб. (аз *Ал-мӯъҷам»*)
фаилатун / фаилатун / фоилун
у у у — / у у у — / — у —

Раҷази мураббаъи М.-и махзузи маҳзуф:

Писараки ман,
Ҷигараки ман,
Зи ту шудам шод,
Баракатат бод. *(Фарҳат)*
фаилатун / фаъ
у у у — / —

Сареъи мусаддаси махбули аҳаз(з):

Рухи ту равнаки камар дорад,
**Лаби ту лаззати шакар дорад.** (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фаилатун / фаилатун / фаълун
у у у — / у у у — / — —

Раҷази мураббаъи М.-и мухаллаъ:

Ба тарафи гулистон,
Чу бидавид чӯйбор. *(Фарҳат)*
фаилатун / фаъӯлун
у у у — / у — —

Рақази мураббаъи М.-и махбуни музол:

Бивазад аз чаман насим,
Бирасад аз суман шамим. *(Фарҳат)*
фаилатун / мафоилон
у у у — / у — у ~

**Махбу́ли мавқу́ф** (аз *махбул* ва *мавқуф*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни солими мафъӯлоту / — — — у / гузаронидани амалҳои х а б н, т а й ва в а қ ф ба вуҷуд меояд. Агар аз зиҳофи махбули рукни мафъӯлоту — фаилоту / у у — у / ҳарфи охири он, яъне «у»-ро партоем, «фаилот» / у у ~ / боқӣ мемонад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофҳои махбуни музол / у у ~ /, махбуни мақсур / у у ~ / шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи махбуни мақсур аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/, зиҳофи махбуни музол аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои м у р а к к а б е с т, ки номи м у р а к а к а б дорад, вай нисбат ба дигар зиҳофоти арӯз камистеъмол буда, дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд ва асосан ба баҳри Мунсареҳ хос аст. Азбаски ин зиҳоф камистеъмол аст, дар ашъори шоирон хеле кам дучор мешавад.
М и с о л:
Мунсареҳи мураббаъи М. м.:

Ба дараи Қамароб,
Ба дараи шакароб,
Равам анора бинам,
Қадаки ёра бинам. *(Мақсуди Гулчин)*
фаилатун / фаилот
у у у — / у у ~

**Махбу́ли макшу́ф** (аз *махбул* ва *макшуф*), ниг. *Махбуни матвии макшуф*.

**Махбу́ли музо́л** (аз *махбул* ва *музол*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун / — — у — /, гузаронидани амалҳои х а б н у т а й ю и з о л а т ба вуҷуд меояд. Агар садоноки кӯтоҳи ҳиҷои охири зиҳофи махбули рукни асосии баҳри Рақаз — фаилатун / у у у —/-ро изолат (дароз) кунем, яъне ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у» садоноки дарози «о»-ро гузорем, фаилатун / у у у — / шакли фаилатон / у у у ~ /-ро мегирад, ки онро М. меноманд. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои м у р а к к а б е с т, ки номи м у р а к к а б дорад, вай нисбат ба дигар зиҳофҳо камистеъмол буда, дар шеър асосан дар охири байт, яъне дар рукнҳои арӯз ва зарб меояд ва бештар ба баҳри Рақаз хос аст. Азбаски ин зиҳоф дар байни шоирон мутадовил нест, дар ашъори шоирон хеле кам дучор мегардад.
М и с о л: Рақази мусаддаси М. м.:

Гулхандаҳо доман ба роғ задаанд,
Бин, лолаҳо бар сина доғ задаанд. *(Мақсуди Гулчин)*
мустафъилун / мустафъилун / фаилатон
— — у — / — — у — / у у у ~

**Махбу́н** (ар. مخبون -доманбурида, пинҳоншуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи партофтани ҳарфи сокини *сабаби* хафифи аввали рукн, яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷоҳои аввали рукнҳои фоилотун / — у — —/, мус-тафъи-лун / — — у — /, мустафъилун / — — у — /, мафъӯлоту / — — — у / ва фоилун / — у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асоси баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ҳарфи дуюм, яъне «о»-ро ба «а» табдил диҳем, фаилотун / у у — —/, аз рукни мус-тафъилун / — — у — / ва рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун / — — у — / ҳарфи «с»-ро партоем, мутафъилун / у — у — / ба чояш рукни мустаъмали мафоилун / у — у — /-ро мегузоранд, аз рукни мафъӯлоту ҳарфи «ф»-ро партоем, маъӯлоту / у — — у / ба чояш рукни мустаъмали мафойлу / у — — у /-ро мегузоранд), аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / ҳарфи «о»-ро ба «а» табдил диҳем, фаилун / у у — / боқӣ мемонад, ки онро М. меноманд. Зиҳофҳои аҳзаз / у у — /, мавқус / у — у — /, макфуф / у — — у /, марфӯъи махбун / у у — /, манқус / у — — у /, матвии махбуни макшуф (максуф) / у у у /, махбуни маҳзуф / у у — /, маъқул / у — у — /, мақбуз / у — у — /, мақтӯъ / у у — — / шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофҳои аҳзаз / у у — / ва мавқус / у — у — / аз рукни асосии баҳри Комил мутафоилун / у у — у — /, зиҳофи макфуф / у — — у / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/, зиҳофи манқус / у — — у / аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — /, зиҳофи марфӯъи махбун / у у — / аз рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофҳои матвии махбуни макшуф (максуф) / у у — / ва махбуни матвии макшуф (максуф) / у у — / аз рукни мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи маъқул / у — у — / аз рукни асосии

баҳри Вофир — мафоилатун /у — у у —/, зиҳофи мақбуз /у — у —/ аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун /у — — —/ ва зиҳофи мақтӯъ /у у — —/ аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун /у у — у —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукнҳои фоилотун /— у — —/, мус-тафъи-лун /— — у —/, мустафъилун /— — у —/, мафъӯлоту /— — — у/ ва фоилун /— у —/ ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои муфрад ва серистеъмолтарини арӯзи тоҷикӣ буда, дар шеър кариб дар ҳамаи рукнҳои байт, яъне дар садру ибтидою арӯзу зарбу ҳашв меояд ва бештар ба баҳрҳои Рамалу Раҷазу Мутадорик Ҷадиду Хафифу Мунсареҳ хос аст. Агар аз зиҳофи М. — маъӯлоту /у — — у/ аз рукни мафъӯлоту /— — — у/ ҳарфи охири онро партоянд, «маӯлот» /у — ~/ боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фаӯлон /у — ~/-ро гузошта, махбуни мавқуф; агар дар рукни мафъӯлоту /— — — у/ ҳам амали кашф ва ҳам амали хабн-ро ҷорӣ кунем, «маӯло» /у — —/ боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фаӯлун /у — —/-ро гузошта, махбуни макшуф (мақсуф); агар дар рукни мафъӯлоту /— — — у/ ҳам амали хабну тай ва ҳам амали кашфро якбора гузаронем, «маулло» /у у —/ боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фаилун /у у —/-ро гузошта, махбуни матвии макшуф; агар дар рукни фоилотун /— у — —/ якбора ҳам амали хабн ва ҳам амали қасрро гузаронем, «фаилот» /у у ~/ боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали «фаилон» /у у/-ро гузошта, махбуни мақсур; агар дар рукни фоилун /— у —/ дар як маврид амалҳои хабну қатъро гузаронем, «фаал» /у —/ боқӣ мемонад, ки онро махбуни мақтӯъ; агар дар рукни фоилотун /— у — —/ амалҳои хабнуҳазф баробар ҷорӣ карда шавад, «фаилун» /у у —/ боқӣ мемонад, ки онро махбуни маҳзуф; агар дар рукни фоилотун /— у — —/ ҳам амали хабн ва ҳам амали тавсеъ гузаронида шавад, «фаилйётун» /у у — — —/ ҳосил мегардад, ки онро махбуни мувассаъ; агар дар рукни мустафълун /— — у —/ ҳам амали хабн ва ҳам амали изолат баробар гузаронида шавад, мафоилон /у — у ~/ боқӣ мемонад, ки онро махбуни музол; агар дар рукни мустафълун /— — у —/ амалҳои хабн ва тарфилро ҷорӣ кунем, «мафоилотун» /у — у — —/ ҳосил мешавад, ки онро махбуни маффал; агар дар рукни фоилун /— у —/ амалҳои хабн ва изолат гузаронем, «фаилон» /у у ~/ ҳосил мешавад, ки онро махбуни музол меноманд.

Мисол: Рамали мусаммани махбуни маҳзуф:



Гулу лола чу руху орази маъшуқ шудан,
Ошиқон сӯи гулу лола аз он менигаранд. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаилун
— у — —/ у у — —/ у у — —/ у у —

Рамали мусаммани махбуни мақсур:

Бирав, эй зоҳиду даъват накунам сӯи биҳишт,
Ки худованди азал баҳри биҳиштам насиришт *(Ҳофиз)*
фаилотун / фаилотун / фаилотун / фаилон
у у — —/ у у — —/ у у — —/ у у ~

Рамали мусаммани махбуни аслам:

Як сухан аз ту шунидан ба ҷахон меарзад,
Як нафас бо ту — ба гулзори чинор меарзад. *(Лоҳутӣ)*
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаълун
— у — —/ у у — —/ у у — —/ — —

Раҷази мусаммани махбуни аҳаззи музол:

Ҳаргиз касе, ки хонан мардум хароб кард,
Обод баъд аз он набувад хонумони ӯ. *(Саъдӣ)*
мустафълун / мафоилун / мустафълун / фаӯл
— — у —/ у — у —/ — — у —/ у ~

Рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ (зарб — махбуни мақсур):

Шоҳи мо чун ба раҳи ғорату ишрат афтод,
Кувваи мамлакати мо ҳамагӣ рафт ба бод. *(Лоҳутӣ)*
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаълон
— у — —/ у у — —/ у у — —/ — ~

Рамали мусаммани махбуни мушаасси маҳзуф (садр — солим):

Гар ҳама неъмат якрӯза ба мо бахшад,
Наниҳад миннат бар мову пазирад хан. *(Рӯдакӣ)*
фаилотун / мафъӯлун / фаилотун / фаъ
у у — —/ — — —/ у у — —/ —

Рамали мусаддаси махбуни мақсур:

Боз ҳам ёр ба рақс омадааст,
Ёри айёр ба рақс омадааст. *(Лоҳутӣ)*
фоилотун / фаилотун / фаилон
— у — —/ у у — —/ у у ~

Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф:

Мох дар пеши рухат банда шавад,
Мурда аз хандан ту зинда шавад. *(Лоҳутӣ)*
фоилотун / фаилотун / фаилун
— у — — / у у -- — / у у —

Рамали мураббаъи махбуни мақсур:

Гули ғайрот, гули кор
Гули шодӣ, гули кор. *(Лоҳутӣ)*
фаилотун / фаилон
у у — — / у у ~

Рақази мусаммани матвии махбун:

Он ки наботи оразаш оби хаёт мех(в)арад.
Дар шакараш нигоҳ кунад, ҳар ки набот мех(в)арад. *(Саъдӣ)*
муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафоилун
— у у — / у — у — / — у у — / у — у —

Рақази мураббаъи махбули махбуни музол:

Бивазад аз чаман насим,
Бирасад аз суман шамим. *(Фарҳат)*
фаилотун / мафоилон
у у у — / у — у ~

Рақази мураббаъи махбун:

Далер чӣ кор мекунад?
Далер шикор мекунад. *(Лоҳутӣ)*
мафоилун / мафоилун
у — у — / у — у —

Мутадорик мусаммани махбун:

Чу рухат набувад гули боғи ирам,
Чу қадат набувад қади сарви чаман. *(Салмони Совақӣ)*
фаилун / фаилун / фаилун / фаилун
у у — / у у — / у у — / у у —

Мутадорики мураббаъи махбуни мақтӯъ:

Ин дарахти тут,
Аз чи дар сукут! *(Фарҳат)*
фоилун / фаал
— у — / у —



Мутадорики мусаммани махбуни мақтӯъ:

Кори ту ҳар қадар сахттар шавад,
Рохи ту ҳар қадар пурхатар шавад. *(Лоҳутӣ)*
фоилун / фоилун / фоилун / фаал
— у — / — у — / — у — / у —

Мутадорики мусаммани махбуни мақтӯъ:

Сунбули сиях бар суман мазан,
Лашкари хабаш бар хутан мазан. *(Чомӣ)*
фоилун / фаал / фоилун / фаал
— у — / у — / — у — / у —

Ҷадиди мусаддаси махбун:

Чу қадат гарчи санавбар кашад саре,
Набувад чун қади сарват санавбаре. *(Сайфӣ)*
фаилотун / фаилотун / мафоилун
у у — — / у у — — / у — у —

Мунсареҳи мусаммани матвии мавқуфи махбун:

Бо ду-се бӯса раҳо кун ин дили дарднок
То ба ман эҳсон-т бодад аҳсаналлаҳ ҷазок. *(Рӯдакӣ)*
муфтаилун / фоилун / мафоилун / фоилон
— у у — / — у — / у — у — / — у ~

Мунсареҳи мусаддаси махбуни матвии мақтӯъи мусаббағ (а р ӯ з — м а қ т ӯ ъ):

Набинӣ аз ман рахӣ ба чуз хидмат,
Надорам аз ту тамаъ ба чуз дидор. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
**мафоилун / фоилоту / мафъӯлон**
**у — у — / — у — у / — — ~**

**Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф:**

Ин чаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ. *(Рӯдакӣ)*
**фоилотун / мафоилун / фаилун**
— у — — / у — у — / у у —

**Хафифи мусаддаси махбуни мақсур (с а д р — с о л и м):**

Ҳафт солор, к-андар ин фалаканд,
Ҳама гирд омаданд дар дуву дах. (*Рӯдакӣ*)
фаилотун / мафоилун / фаилон
у у — — / у — у — / у у ~

Хафифи мусаддаси махбуни аслам:

Эй, ки донм ба хеш мағрурӣ,
Гар туро ишқ нест маъзурӣ. (*Ҳофиз*)
фоилотун / мафоилун / фаълун
— у — — / у — у — / — —

Хафифи мусаддаси махбун (ибтидо — солим):

Санамо, токати фироқ надорам,
Ҷуз ба васли ту иттифоқ надорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фаилотун / мафоилун / фаилотун
у у — — / у — у — / у у — —

Муҷтасси мусаддаси махбуни мушаасси махбуни мураффал:

Диле пуроташу чашме пуроб дорам,
Аз он ки бо ман бадхӯ шудаст ҷонон. (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
мафоилун / мафъӯлун / мафоилотун
у — у — / — — — / у — у — —

Муҷтасси мусаддаси махбуни мураффал:

Асири ғамзаи он рӯи чун анорам,
Бикард фурқати талх ӯ рӯзгорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фаилотун / мафоилотун
у — у — / у у — — / у — у — —

Агар байти болоро ба таври:

мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаъ
у — у — / у у — — / у — у — / —

*тақтеъ* кунем, баҳри Муҷтасси мусаммани махбуни маҳҳуф ҳосил мешавад.

Ба гуфтаи Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам», баъзе шоирон ду рукни охири байти болоро, яъне мафоилун / у — у — / ва фаъ / — /-ро якҷоя карда, ба шакли мафоилотун / у — у — / — / дароварда, вазни шеърро баҳри Муҷтасси мусаддаси махбуни мувассаъ номидаанд.



**Махбӯни аҳазз** (аз *махбун* ва *аҳазз*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд меояд.Ниг. *Аҳаззи махбун.*

**Махбӯни аҳаззи музол** (аз *махбун, аҳазз* ва *музол*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / гузаронидани амалҳои хабн, аҳазз ва изолат ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / тавассути амали хабн ҳарфи «с»-ро партоем, «мутафъилун» / у — у — / бокӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали мафоилун / у — у — /-ро гузошта махбун меноманд. Баъди ин, агар ба ҷои садоноки «у»-и рукни мафоилун / у — у — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мафоилун / у — у — / шакли мафоилон / у — у ~ /-ро мегирад, ки онро махбуни музол мехонанд. Дар охир, агар аз мафоилон / у — у ~ / тавассути амалӣ аҳазз ду ҳиҷои аввали он, яъне «мафо»-ро партоем, «илон» / у ~ / бокӣ монад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаӯл / у ~ /-ро гузошта М. а. м. меноманд. М. а. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад. Шаклҳои овозии зиҳофоти аҳлаъи музол / у ~ / ба шакли овозии М. а. м. монанд бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аҳтам / у ~ / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/, зиҳофи марбӯъи мусаббағ / у ~ / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — /, зиҳофи мақсур / у ~ / аз рукни асосии баҳри Мутақориб — фаӯлун / у — — / ва мухаллаъи музол / у ~ / аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / ба вуҷуд омада, М. а. м. бошад аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ҳосил шудааст. М. а. м. нисбат ба дигар зиҳофҳои арӯзи тоҷикӣ камистеъмол буда, дар шеър фақат дар аркони охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд ва асосан хоси баҳри Рачаз аст.

Мисол: Рачази мусаммани М. а. м.:

Ҳаргиз касе, ки мардум хароб кард,
Обод баъд аз он набувад хонумони ӯ.
мустафъилун / мафоилун / мустафъилун / фаӯл
— — у — / у — у — / — — у — / у ~

**Махбӯни мавқӯф** (аз *махбун* ва *мавқуф*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои хабну вақф ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / тавассути амали хабн (яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷои дарози

аввали рукн (ҳарфи «ф»-ро партоем, мафъӯлоту /— — — у/ шакли «маӯлоту» /у — — у/-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафойлу /у — — у/-ро гузошта, махбун меҳонанд. Баъди ин агар тавассути амали вақф «маӯлоту» /у — — у/-ро сокин кунем, яъне аз «маӯлоту» ҳарфи «у»-ро партоем, «маӯлот» /у — ~ / бокӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаӯлон /у — ~ /-ро гузошта М. м. меноманд. Шакли овозии зиҳофҳои мақсур /у — ~ / ва маҳзуфи мусаббағ /у — ~ / низ ба шакли овозии М. м. монанд аст, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагие надорад, зеро зиҳофҳои мақсур /у — ~ / ва маҳзуфи мусаббағ /у — ~ / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун /у — — —/ ба вуҷуд омада, М. м. бошад аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/ ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккаб буда, дар шеър одатан дар рукни охири байт, яъне дар арӯзу зарб, баъзан дар рукнҳои мобайни шеър, яъне дар ҳашвайн меояд. Ин зиҳоф нисбат ба дигар зиҳофоти арӯзи тоҷикӣ хеле камистеъмол буда, бештар хоси баҳри Сареъю Мунсареҳу Муктазаб аст.

Мисол: Мунсареҳи мураббаъи М. м.:

Эй баччагон биоед,
Ҷаҳду ҷадал намоед. *(Фарҳат)*
мустафъилун / фаӯлон
— — у —/ у — ~

Мунсареҳи мураббаъи матвии М. м.:

Ноку анор бишкуфт,
Себи қатор бишкуфт.
Маҳлабу гор бишкуфт,
Нағзаку хор бишкуфт. *(Мақсуди Гулчин)*
муфтаилун / фаӯлон
— у у — / у — ~

**Махбӯни максӯф** (аз *махбун* ва *максуф*), номи дигари зиҳофи *махбуни мақшуф*.

**Махбӯни макфӯф** (аз *махбун* ва *макфуф*), дар илми арӯз номи дигари зиҳофи машкули рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун /— у — —/,Ниг. *Машкул*.

**Махбӯни макшӯф** (аз *махбун* ва *макшуф*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни солими мафъӯлоту /— — — у/, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои хабн ва кашф ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафъӯлоту /— — — у/ тавассути амали хабн (яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷои дарози аввали рукн)



ҳарфи «ф»-ро партоем, мафъӯлоту /— — — у/ шакли «маӯлоту» /у — — у/-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафойлу /у — — у/-ро гузошта, махбун меҳонанд. Баъди ин ба воситаи амали кашф ҳиҷои охири «маӯлоту» /у — — у/, яъне «ту»-ро партоем, «маӯло» /у — —/ бокӣ мемонад, ки ба ҷойи рукни мустаъмали фаӯлун /у — —/-ро гузошта, М. м. меноманд. Шакли афоили зиҳофҳои махбуни мақсур /у — —/, мақшуфи махбун /у — —/, мақтуф /у — —/, мақтӯъи махбун /у — —/, маҳзуф /у — —/, мухаллаъ /у — —/ ва рукни асосии баҳри Мутақориб — фаӯлун /у — —/ ба шакли афоили М. м. монанд бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи махбуни мақсур /у — —/ аз рукни солими мус-тафъи-лун /— — у —/, зиҳофи мақшуфи махбун /у — —/ низ аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/, аммо тавассути гузаронидани амалҳои кашфу хабн, зиҳофи мақтуф /у — —/ аз рукни асосии баҳри Вофир — мафойлатун /у — у у —/, зиҳофҳои мақтӯъи махбун /у — —/ ва мухаллаъ /у — —/ аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун /— — у — /, зиҳофи маҳзуф /у — —/аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун /у — — —/ ба вуҷуд омада, М. м. бошад, аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/ ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккаб ва камистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда, номи мураккаб дорад. Ин зиҳоф дар шеър бештар дар рукнҳои байну охири байт, яъне дар арӯзу зарбу ҳашвайн меояд ва асосан, хоси баҳрҳои Сареъю Мунсареҳ аст.

Мисол

Мунсареҳи мусаммани М. м.:

Рӯзе расад ба гардун овозаҳои Роғун,
Мо қасри барқ созем дар кӯҳсори тоҷик. *(Ҷумъа Қувват)*
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / фаӯлун
— — у —/ у — —/ — — у —/ у — —

Агар байти болоро ба таври:

мафъӯлу / фоилотун / мафъӯлу / фоилотун
— — у/ — у — —/ — — у/ — у — —

тақтеъ намоем, яке аз навъҳои баҳри Музореъ — Музореъи мусаммани ахраб ба вуҷуд меояд.

Мунсареҳи мураббаъи М. м.:

Хуш омадӣ ба сина,
Эй ишқи синасӯзам.

Сӯзат зиёдатар бод,
Эй ишқи дилфурӯзам. *(Лоиқ)*
мустафъилун / фаӯлун
— — у — / у — —

Агар абьёти болоро ба **тазри**:

мафъӯлу / фоилотун
— — у / — у — —

*тақтеъ* намоем, яке аз навъҳои баҳри Музореъ — Музореъи мураббаи ахраб / мафъӯлу / фоилотун / ба вуҷуд меояд.

Мунсареҳи мусаммани махбуни мавқуфи М. м. (**хашви** якуми мисраъи аввал — М. м.):

Ҷамъе шуда миёнчӣ аз баҳри сулҳхоҳӣ,
Ҷамъе намебароранд аз ҷангу сулҳ мазмун. *(Роҷӣ)*
мустафъилун / фаӯлон / мустафъилун / фаӯлун
— — у — / у — ~ / — — у — / у — —

Мунсареҳи мураббаъи матвии М. м.:

Боди сабост дилкаш,
Субҳи сафост дилкаш.
Мурғи ҳавост дилкаш,
Савту навост дилкаш. *(Мақсуди Гулчин)*
муфтаилун / фаӯлун
— у у — / у — —

**Махбу́ни макшу́фи матвӣ**, ниг. *Махбуни матвии макшуф.*

**Махбу́ни матви́и мавқу́ф** (аз *махбун, матвӣ* ва *мавқуф*), ниг. *Махбуни мавқуф.*

**Махбу́ни матви́и макшу́ф** (аз *махбун, матвӣ* ва *макшуф*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофоти рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои **хабну тайю кашф** ба вуҷуд меояд. Агар аз мафъӯлоту / — — — у / тавассути амали **хабн** (яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷои дарози аввали рукн) ҳамсадои «ф»-ро партоем, мафъӯлоту / — — — у / шакли «маӯлоту» / у — — у /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафойлу / у — — у /-ро гузошта, **махбун**; баъди ин тавассути амали **тай** (яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷои дарози дуюми рукн) ба ҷои садоноки дарози «ӯ» садоноки кӯтоҳи «у»-ро гузорем, «маӯлоту» / у — — у / шакли «маулоту» / у у — у /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаилоту



/ у у — у /-ро гузошта, **маҳбул** ё матвии махбун; баъдас ба воситаи амали кашф ҳиҷои охири «маулоту» / у у — /, яъне «ту»-ро партоем, «мауло» / у у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаилун / у у — /-ро гузошта М. м. м. меноманд. Шакли овозии зиҳофҳои аҳзаз / у у — /, махбун / у у — /, махбуни маҳзуф / у у — / ва марфӯъи махбун / у у — / шакли афоили М. м. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аҳзаз / у у — / аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — /, зиҳофи **махбун** / у у — / аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — /, зиҳофи махбуни маҳзуф / у у — / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — /, зиҳофи марфӯъи махбун / у у — / аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. м. бошад аз рукни солими мафъӯлоту ҳосил шудааст М. м. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои **мураккабест**, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър қариб дар ҳаман рукнҳои байт, яъне дар садру ибтидою ҳашву арӯзу зарб меояд. Ин зиҳоф хеле камистеъмол буда, ба баҳрҳои Сареъю Мунсареҳу Муқтазаб хос аст.

Мисол: Мунсареҳи мураббаъи матвии М. м. м.:

Дилбари куртачакан,
Рашки баҳори чаман.
Эй гули боғи Ватан,
Чашмаи ашъорҳи ман. *(Мақсуди Гулчин)*
муфтаилун / фаилун
— у у — / у у —

Сареъи мусаддаси М. м. м.:

Аз ишқи ту ман дар ҷаҳон самарам,
Месӯзад аз ҳичронат ӯ ҷигарам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / мустафъилун / фаилун
— — у — / — — у — / у у —

**Махбу́ни матви́и музо́л** (аз *махбун, матвӣ* ва *музол*), ниг. *Махбули музол.*

**Махбу́ни матвӣ** (аз *махбун* ва *матвӣ*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофоти рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, ки тавассути гузаронидани амалҳои **хабну тай** ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафъӯлоту / — — — у / тавассути амали **хабн** ҳарфи «ф»-ро партоем, «маъӯлоту» / у — — у / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафойлу / у — — у /-ро гузошта махбун, баъди ин ба воситаи амали **тай** аз маъӯлоту / у

— — у / садоноки дарози «ӯ»-ро ба садоноки кӯтоҳи «у» табдил диҳем, «маулоту» / у у — у / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаилоту / у у — у /-ро гузошта, М. м. мемонанд. Шакли овозии зиҳофҳои махбул / у у — у /, матвии махбун / у у — у /, машкул / у у — у / шакли овозии М. м.-ро доранд, аммо аз ҷиҳати таркиби аҷзо аз ҳам фарқ мекунанд, зеро зиҳофҳои матвии махбун ва махбул аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / дар натиҷаи гузаронидани амалҳои тайю хабн, зиҳофи машкул / у у — у / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, М. м. бошад, аз рукни солими мафъӯлоту ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър дар рукнҳои аввалу байн, яъне дар садру ибтидою ҳашвайн меояд. Ин зиҳоф хеле камистеъмол буда, асосан ба баҳрҳои Сареъ, Мунсареҳу Муқтазаб хос аст.

Мисол:

Муқтазаби мусаммани махбуни матвии музол:

Зи замини поки Ватан гули меҳр рӯйидааст,
Зи насими поки Ватан гули меҳр бишкуфтааст. *(Мақсуди Гулчин)*
фаилоту / мустафъилун / фаилоту / мустафъилон
у у — у / — — у — / у у — у / — — у ~

**Махбӯни мақсӯр** (аз *махбун* ва *мақсур*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофотест, ки дар натиҷаи хабну қасри рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ва рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / тавассути амали хабн ҳарфи дуюми он, яъне «о»-ро ба садоноки кӯтоҳи «а» табдил диҳем, фаилотун / у у — — / боқӣ мемонад, ки онро махбун ва баъди ин аз фаилотун / у у — — / ҷузви «ун»-ро партоем, яъне қаср кунем, «фаилот» / у у ~ / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаилон / у у ~ /-ро гузошта М. м.; агар аз рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — / тавассути амали хабн ҳарфи «с»-ро партоем, «мутафъилун» / у — у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафоилун / у — у — /-ро монда махбун ва баъди ин ба воситаи амали қаср аз «мутафъилун» / у — у — / ҷузъви «ун»-ро партоем, «мутафъил» / у — — / боқӣ мемонад, ки ҷои он рукни мустаъмали фаӯлун / у — — /-ро гузошта М. м. меноманд. Шакли овозии зиҳофҳои махбули мавқуф / у у — /, макшуфи махбун / у — — /, махбуни макшуф / у — — /, махбуни музол / у у ~ /, мақтуф / у — — /, мақтӯъи махбун / у — — /, маҳзуф / у — — /, мухаллаъ / у — — / ва рукни асосии



баҳри Мутақориб — фаӯлун / у — — / ба шакли овозии зиҳофи М. м. монанд бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, чунки зиҳофҳои макшуфи махбун / у — — /, махбуни мавқуф / у у — /, махбуни макшуф / у — — / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи махбуни музол / у у — / аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — /, зиҳофи мақтуф / у — — / аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — /, зиҳофҳои мухаллаъ ва мақтӯъи махбун / у — — / аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи маҳзуф аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ба вуҷуд омада, М. м. бошад аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ва рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад. Ин зиҳоф хеле камистеъмол буда, дар шеър бештар дар рукнҳои байну охири байт, яъне дар ҳашвайну арӯзу зарб меояд ва асосан хоси баҳрҳои Рамалу Хафифу Ҷадиду Муҷтасс аст.

Мисол:

Муҷтасси мусаммани М. м.:

Сари иродати мою остони ҳазрати дӯст,
Ки ҳар чи бар сари мо меравад иродати дӯст. *(Ҳофиз)*
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилон
у — у — / у у — — / у — у — / у у ~

Рамали мусаддаси М. м. (арӯз — махбуни маҳзуф):

Ҳамчун як мисраи сабзе гузарад
Қатраобе, ки зи сарчашма гирифт. *(Улфат)*
фоилотун / фаилотун / фаилон
— у — — / у у — — / у у ~

Рамали мусаммани М. м.:

Гулу лола чу руху орази маъшуқ шудаанд,
Ошиқон сӯи гулу лола аз он менигаранд. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаилон
— у — — / у у — — / у у — — / у у ~

Хафифи мусаддаси М. м.:

Илм ҳар чо дар ин Ватан алам аст,
Фан ҳам аз сокинони мӯҳтарам аст. *(Лоҳутӣ)*
фоилотун / мафоилун / фаилон
— у — — / у — у — / у у ~

Муҷтасси мураббаъи М. м.:

Маҳмуд рафт ба боғ,
Дид ин ки боди баҳор. *(Фарҳат)*
мустафъилун / фаилон
— — у — / у у ~

Рамали мусаммани М. м. (арӯз — мақсур):

Қиссаи мурғи Самандар пеши ман афсона нест,
Саргузашти мардуми печидафарёди ман аст. *(Бозор Собир)*
фоилотун / фоилотун / фоилотун / фаилон
— у — — / — у — — / — у — — / у у ~

**Махбӯни мақтӯъ** (аз *махбун* ва *мақтӯъ*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи хабну қатъи рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / тавассути амали хабн ба ҷои садоноки дарози «о» садоноки кӯтоҳи «а»-ро гузорем, фаилун / у у — / боқӣ мемонад, ки онро махбун, баъди ин аз фаилун / у у — / ба воситаи амали қатъ ҷузви «ун»-ро партоем, «фаил» / у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаал / у — /-ро гузошта, М. м. ё мухаллаъ (мақтӯъи махбун) меноманд. Шакли овозии зиҳофҳои марбӯъ / у — /, маҳзуф / у — /, маҷбуб / у — / шакли овозии М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи марбӯъ / у — / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — /, зиҳофи маҳзуф / у — / аз рукни асосии баҳри Мутақориб — фаӯлун / у — —/, зиҳофи маҷбуб / у — / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоӣлун / у — — — / ба вуҷуд омада, М. м. бошад аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / ҳосил шудааст. Агар аз ҷузви сабаби хафифи фаал / у — / садоноки «ӯ»-ро афзоянд, яъне ба ҷои садоноки кӯтоҳи «а»-и фаал садоноки «ӯ»-ро гузоранд, фаал / у — / шакли фаӯл / у ~ /-ро мегирад, ки онро махбуни мақтӯъи музол ё мухаллаъи музол меноманд. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад. Ин зиҳоф камистеъмол буда, дар шеър бештар дар рукнҳои байну охири байт, яъне дар ҳашвайну арӯзу зарб меояд ва асосан ба баҳри Мутадорик хос аст.

Мисол:

Мутадорики мураббаъи М. м.:



Абри пурбало
Мешавад фано.
Ҷовидон дамад
Нури офтоб. *(Лоҳутӣ)*
фоилун / фаал
**— у — / у —**

Баъзе шоирон дар як байт шонздаҳ рукни баҳри Мутадорикро истифода бурдаанд. Мисол:

Барқ шӯъла зад, раъд наъра зад, маҳв шуд саҳоб!
Бод шуд вазон, мавҷ шуд дамон, бар шуд офтоб. *(Боқӣ)*
фоилун / фаул / фоилун / фаул / фоилун / фаул / фоилун / фаӯл
**— у — / у — / — у — / у — / — у — / у — / — у — / у ~**

Мисоли дигар:

Ҳар гули чаман бо сафои худ медиҳад ба дил ёд аз Ватан
Ҳар дами саҳар бо ҳавои худ бар тани сухан рӯҳ медамад. *(Фарҳат)*
фоилун / фаул / фоилун / фаал / фоилун / фаал / фоилун / фаал
— у — / — у — / у — / — у — / у — / у — / — у — / у —

**Махбӯни мақтӯъи музол** (аз *махбун, мақтӯъ* ва *музол*), номи яке аз зиҳофоти рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои хабну қатъу изолат ба вуҷуд меояд.Ниг. *Мухаллаъ*.

**Махбӯни маҳзуф** (аз *махбун* ва *маҳзуф*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи хабну ҳазфи рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / тавассути амали хабн ҳарфи «о»-ро ба садоноки кӯтоҳи «а» табдил диҳем, фаилотун / у у — — / боқӣ мемонад, ки онро махбун, баъди ин агар аз фаилотун / у у — — / ҳиҷои охири он, яъне «тун»-ро ҳазф кунем (партоем), «фаило» / у у — / боқӣ мемонад, ки онро М. м. меноманд. Шакли овозии зиҳофҳои аҳазз / у у —/, матвии махбуни макшуф / у у —/, марфӯъи махбун / у у —/, махбун / у у —/, махбуни матвии макшуф / у у —/, шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аҳазз / у у —/ аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/, зиҳофҳои матвии махбуни макшуф / у у —/ ва махбуни матвии макшуф / у у — / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи марфӯъи махбун / у у —/ аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/, зиҳофи махбун / у у —/ аз рукни

асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / ба вуҷуд омада, М. м. бошад, аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дошта, дар шеър одатан дар рукнҳои байну охири байт, яъне дар ҳашвайну арӯзу зарб меояд. М. м. нисбат ба дигар зиҳофоти арӯз серистеъмол буда, асосан хоси баҳрҳои Рамалу Хафифу Муҷтасс аст.

Мисол: Рамали мусаммани махбуни М. м.:

Гар ман аз боғи ту як мева бичинам, чи шавад?
Пеши пое бечароғи ту бубинам, чӣ шавад?
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаилун
— у — — / у у — — / у у — — / у у —

Рамали мусаддаси махбуни М. м.:

Бахти ту дидаву хушбахт шавад,
Дида гулханди ту гул ханда кунад. *(Гулназар)*
фоилотун / фаилотун / фаилун
— у — — / у у — — / у у —

Муҷтасси мусаммани махбуни М. м.:

Танам ба ишқ асир асту дил ба меҳр фидо,
Ҳаме ба гӯши ман ояд зи ҳарфи ишқ нидо. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилун
у — у — / у у — — / у — у — / у у —

Хафифи мусаддаси махбуни М. м.:

Эй умеди дили рамидаи ман,
Қуввати дасту нури дидаи ман! *(Лоҳутӣ)*
фоилотун / мафоилун / фаилун
— у — — / у — у — / у у —

**Махбӯни мувассаъ** (аз *махбун* ва *мувассаъ*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ва рукни солими фои-ло-тун / — у — — / гузаронидани амалҳои тавсеъ ва хабн ба вуҷуд меояд. Агар ба охири рукнҳои фоилотун ва фои-ло-тун / — у — — / як ҳиҷои дароз («тун») илова кунем, фоилотун шакли «фоилотунтун» / — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фоилийётун / — у — — — /-ро гузошта мувассаъ мехонанд. Баъди ин, агар ҳиҷои аввали зиҳофи мувассаъ — фоилийётунро / — у — — — / хабн кунем, яъне ба ҷои садоноки дарози «о» садоноки кӯтоҳи «а»-ро гузорем, фоилийётун / — у — — — / шакли фаилийётун / у у — — — /-ро мегирад, ки онро М. м. мемонанд. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккаб буда, дар шеър дар рукнҳои байн ва охир, яъне дар ҳашв, арӯз ва зарб меояд ва фақат ба баҳри Рамал хос аст.

Мисол: Рамали мусаммани махбуни мувассаъ:

Сари он дорам, ки ба кӯи ту раваму умре бикунам маъво,
Чу гузар орӣ ту зи назди ман, назар андозам ба қаду бастат. *(Фарҳат)*
фаилийётун / фаилийётун / фаилийётун / фаилийётун
у у — — — / у у — — — / у у — — — / у у — — —

Рамали мусаддаси М. м.: (ҳашви мисраъи дуюм — мушаасс)

Гар ҳама неъмати якрӯза ба мо бахшад,
Наниҳад миннат бар мову пазирад ҳан. *(Рӯдакӣ)*
фоилотун / фаилотун / фаилийётун
у — у — / у у — — / у — у — /

Рамали мусаддаси М. м. (ҳашви мисраъи дуюм — мушаасс):

Рост кун тораму ороста кун гулшан,
Тоза кун ҷонҳо, ҷоно, ба майи равшан. *(Масъуди Саъди Салмоҷ)*
фоилотун / фаилотун / фаилийётун
— у — — / у у — — / у у — — —

**Махбӯни музаффо́** (аз *махбун* ва *музаффо*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои хабну тазфият ба вуҷуд меояд. Ин зиҳофро арӯзиёни мутааххирин баъди *Халил ибни Аҳмад* ихтироъ кардаанд. Агар зиҳофҳои махбун / мафоилун у — у — / ва маҷҳуфи мусаббағи / фоъ ~ / байти мазкурро, ки дар баҳри Муҷтасси мусаммани махбуни маҷҳуфи мусаббағ суруда шудааст.

Бикост собирию обӣ дида бифзуд,
Дил аз нишот тиҳӣ гашту тан бифарсуд. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фоъ
у — у — / у у — — / у — у —

якҷоя карда, ба ҷои зиҳофҳои «мафоилун фоъ» рукни «мафоилотон» / у — у — ~ /-ро гузорем, онро М. м. мемонанд. М. м.

аз ҷумлаи зиҳофҳои м у р а к к а б буда, номи м у р а к к а б дорад ва дар шеър фақат дар охири байт, яъне дар арӯз ва зарб истифода мешавад. Ин зиҳоф хеле камистеъмол буда, фақат ба баҳри Муҷтасс хос аст. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» ин зиҳофро з а р б и м у з а ф ф о номидааст.

**Махбӯни музо́л** (аз *махбун* ва *музол*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/ ва рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у —/ гузаронидани амалҳои х а б н ва и з о л а т ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/ тавассути амали х а б н ҳарфи «с»-ро партоем, «мутафъилун» / у — у —/ боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали мафоилун /у — у —/-ро гузошта м а х б у н мехонанд. Баъди ин, агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и рукни мафоилун / у — у —/ садоноки дарози «о»-ро гузоранд, мафоилун / у — у —/ шакли мафоилун / у — у ~ /-ро мегирад ва онро М. м. меноманд. Агар аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у —/ тавассути амали х а б н ҳарфи «о»-ро партоем, фоилун / — у —/ шакли фаилун / у — —/-ро мегирад, ки онро м а х б у н ва баъд, агар ба ҷои садоноки «у»-и фаилун / у у —/ садоноки дарози «о»-ро гузорем, фаилун / у — —/ шакли фаилун / у — —/-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. М. м. аз ҷумлаи з и ҳ о ф ҳ о и м у р а к к а б е с т, ки номи м у р а к к а б дошта, дар шеър асосан, дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд. М. м. нисбат ба дигар зиҳофоти арӯз камистеъмол буда, бештар ба баҳрҳои Раҷазу Мутадорик хос аст.

М и с о л: Раҷази мусаддаси матвии М. м.:

Ҳарчанд бар ман зи ғамат қиёмат аст,
Ошиқ шудан ҷуз ба ту бар ғаромат аст. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / муфтаилун / мафоилун
— — у —/ — у у —/ у — у ~

Раҷази мусаммани матвии М. м.:

Хез, зи хоби асрхо, шӯълаи сина даргирон,
Рози дарун кушову роз аз дили худ бурун раҳон. *(Мирзо Боқӣ)*
муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафолон
— у у — / у — у — / — у у — / у — у ~

Раҷази мусаннои М. м.:

Маро мудом
Ба худ кашанд,
Маро тамом
Ба худ кашанд. *(Фарҳат)*
мафоилон
у — у ~

Мутадорики мусаддаси М. м.:

Боди наврӯз боз вазид,
Муждаи гул зи боғ расид. *(Фарҳат)*
фоилун / фоилун / фаилон
— у — / — у — / у у ~

Раҷази мураббаи махбули М. м.:

Бивазад аз ҷаман насим.
Бирасад аз суман шамим. *(Фарҳат)*
фаилатун / мафоилон
у у у — / у — у ~

**Махбӯни мураффа́л** (аз *махбун* ва *мураффал*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/ тавассути гузаронидани амалҳои х а б н ва т а р ф и л ба вуҷуд меояд. Агар ба *ватади* маҷмӯъи /у — / рукни мустафъилун / — — у —/ як *сабаби* хафиф, яъне як ҳиҷои дароз / —/ илова кунем, мустафъилун / — — у —/ шакли «мустафъилунтун» / — — у — —/-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафъилотун / — — у — —/-ро гузошта м у р а ф ф а л ва баъди ин, агар аз рукни мустафъилотун / — — у — —/ тавассути амали х а б н ҳарфи «с»-ро партоем, яъне ҳиҷои дарози аввалро кӯтоҳ кунем, «мутафъилотун» / у — у — —/ боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали мафоилотун / у — у — —/-ро гузошта М. м. меноманд. М. м. аз ҷумлаи з и ҳ о ф ҳ о и м у р а к к а б е с т, ки номи м у р а к к а б дошта, дар шеър ҳариб дар ҳамаи аркони байт, яъне дар садру ибтидою арӯзу зарб, ҳашв меояд. М. м. нисбат ба дигар азоҳифи арӯз камистеъмол буда, асосан ба баҳри Раҷаз хос аст.

Раҷази мусаммани М. м.:

Қанори гулшан зи лола равшан, насими форам бувад муаттар,
Бунафша хандон, шалола гирьён, ҳаво мусаффо, замин мунаввар.
*(Улфат)*
мафоилотун / мафоилотун / мафоилотун / мафоилотун
у — у — — / у — у — — / у — у — — / у — у — —

**Махбу́ни мураффа́ли макфу́ф** (аз *махбун, мураффал* ва *макфуф*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — ‒ у —/, ки дар натичаи гузаронидани амалҳои хабн, тарфил ва кафф ба вуҷуд меояд. Агар дар шакли овозии зиҳофи махбуни мураффал — мафоилотун / у — у — —/ амали каффро гузаронем, яъне харфи «н»-ро партоем, мафоилоту / у — у — у/ боқӣ мемонад, ки онро М. м. м. меноманд. М. м. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои аввалу мобайнии байт, яъне дар садр, ибтидо ва ҳашвайн меояд ва фақат ба баҳри Рачаз хос аст. Ин зиҳоф дар шеър ниҳоят камистеъмол мебошад.Ниг. низ *Махбуни мураффал.*

**Махбу́ни мураффа́ли музо́л** (аз *махбун, мураффал* ва *музол*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натичаи ба зиҳофи *махбуни мураффал* / мафоилотун у — у — —/ гузаронидани амали изолат ба вуҷуд меояд. Агар ба *ватади* маҷмӯъи / у —/ рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/ як *сабаби* хафиф, яъне як ҳиҷои дароз / — / пеш кунем, мустафъилун / — — у —/ шакли «мустафъилунтун» / — — у — —/-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафъилотун / —— у ——/-ро гузошта мураффал ва баъди ин амал аз рукни мустафъилотун / — — у — —/ ба воситаи амали хабн ҳарфи «с»-ро партоем, яъне ҳиҷои дарози аввали рукнро кӯтоҳ намоем, мутафъилотун / у — у — —/ боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали мафоилотун / у — у — —/-ро гузошта махбуни мураффал меноманд. Баъди ин ба воситаи амали изолат садоноки кӯтоҳи «у»-ро ба «о» табдил диҳем, мафоилотун / у — у — —/ шакли мафоилотон / у — у — ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. м. мегӯянд. Ин зиҳоф аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дошта, дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. М. м. м. нисбати дигар зиҳофоти арӯз камистеъмол буда, одатан ба баҳрҳои Рачазу Муҷтасс, Хафиф хос мебошад.

Мисол:

Муҷтасси мусаддаси М. м. м.:

Бикост собирию оби дида бифзуд,
Дил аз нишот тихӣ гашт, тан бифарсуд. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фаилотун / мафоилотон
у — у —/ у у — —/ у — у — ~

Агар байти болоро ба таври:

мафоилун / фаилотун / мафоилун / фоъ
у — у —/ у у — —/ у — у —/ ~



*тақтеъ* кунем, навъи дигари Муҷтасси мусаммани махбуни маҷҳуфи мусаббағ ба вуҷуд меояд:

Ба гуфтаи муаллифи «Ал-мӯъҷам» — Шамси Қайси Розӣ баъзе шоирон ду рукни охирро, яъне мафоилун / у — у —/ ва фоъ / ~ /-ро якҷоя карда, ба шакли мафоилиён / у — у — ~ / дароварда вазни онро баҳри Муҷтасси мусаддаси махбуни музаффо номиданд.

Хафифи мураббаъи М. м. м.:

Ғамза чун тир, зулф чун қир,
Чашм пурхоб, зулф пуртоб. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилотун / мафоилотон
— у — —/ у — у — ~

Агар ин байтро ба таври:

фоилотун / мафоилун / фоъ
— у — —/ у — у —/ ~

*тақтеъ* кунем, навъи дигари баҳри Хафиф — Хафифи мусаддаси махбуни маҷҳуфи мусаббағ ба вуҷуд меояд.

**Махбу́ни мусабба́ғ** (аз *махбун* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/, ки дар натичаи гузаронидани амалҳои хабну исбоғ ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/ тавассути амали хабн садоноки дарози «о»-и аввалро ба садоноки кӯтоҳи «а» табдил диҳем, фаилотун / у у — —/ боқӣ мемонад, ки онро махбун, баъди ин агар дар фаилотун амали исбоғро ҷорӣ намоем, яъне ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и охир садоноки дарози «о»-ро гузорем, фаилотун / у у — —/ шакли фаилотон / у у — ~ /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаилиён / у у — ~ /-ро гузошта М. м. меноманд. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукноҳи охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. М. м. нисбат ба дигар зиҳофоти арӯзи тоҷикӣ камистеъмол буда, бештар хоси баҳрҳои Рамалу Хафифу Муҷтасс мебошад.

Мисол:

Муҷтасси мусаммани махбуни М. м.:

Ҳама нишонаи хоҷа ба некӯиву ба сулх аст,
Ҳама ниюшаи ёрон ба ҷангу фитнаву ғавғост. (*Рӯдакӣ*)
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилиён
у — у —/ у у — —/ у — у —/ у у — ~

Хафифи мусаддаси махбуни М. м.:

Месароям таронаҳо зи баҳорон,
Медиҳам аз вафо сабақ ба ҳазорон. *(Фарҳат)*
фоилотун / мафоилун / фаилийён
— у — — / у — / — / у у — ~

**Махбу́ни мутаввáл** (аз *махбун* ва *мутаввал*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои х а б н, т а т в и л ва т а р ф и л ба вуҷуд меояд. Агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и зиҳофи махбуни мураффал — мафоилотун / у — у — — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мафоилотун / у — у — — / шакли мафоилотон / у — у — ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофи махбуни музаффо низ шакли афоили М. м.-ро дорад, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надорад, зеро зиҳофи махбуни музаффо аз рукни солими мус-тафъилун / — — у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. М. м. нисбат ба дигар зиҳофҳои арӯз камистеъмол буда, асосан хоси баҳри Рачаз аст.

М и с о л:

Рачази мусаммани махбуни мураффали М. м.:

Ман аз нигорам, ба ҷон ғизоям, дар интизораш ғазалсароям,
Ба пешвозаш саҳар бароям, зи хоби ғафлат маро раҳонад.
*(Фарҳат)*
мафоилотун / мафоилотун / мафоилотун / мафоилотон
у — у — — / у — у — — / у — у — — / у — у — ~

**Машку́л** (ар. مشكول -ишкелдор, ишкел кардашуда,) дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи партофтани ҳарфҳои «алиф» ва «нӯн»-и рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун فاعلاتن — у — — / ва иҷроти ҳарфҳои «син»-у «нун»-и рукни аслии «мус-тафъи-лун» / — — у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни фоилотун / — у — — / ҳарфи дуюм — «о»-ро х а б н кунем, яъне ба «н» табдил диҳем, «фаилотун» / у у — — / ва баъди к а ф ф кардан, яъне партофтани ҳарфи «н»-и «фаилотун» / у у — — /, «фаилоту» / у у — у / боқӣ мемонад, ки онро М. меноманд. Дар рукни мус-тафъи-лун / — — у — / бошад, аввал амали х а б н р о ҷорӣ мекунем, яъне ҳамсадои «с»-ро партоем, «мутафъилун» / у — у — / ҳосил мешавад, ки



ба ҷояш рукни мустаъмали мафоилун / у — у — / мегузоранд, баъди ин агар амали к а ф ф р о гузаронем, яъне ҳиҷои охирро кӯтоҳ кунем, аз мафоилун / у — у — /, мафоилу / у — у у / ҳосил мешавад, ки онро низ М. меҳонанд. Зиҳофҳои матвии махбун / у у — у /, махбул / у у — у /, махбуни матвӣ / у у — у / шакли афоили зиҳофи М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофҳои матвии махбун / у у — у /, махбул / у у — у / ва махбуни матвӣ / у у — у / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз рукнҳои фоилотун / — у — — / ва мустафъи-лун / — — у — / ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи з и ҳ о ф ҳ о и м у р а к к а б ва камистеъмоли арӯз буда, номи м у ф р а д дорад ва дар шеър, асосан, дар рукнҳои аввал ба байн, яъне дар садру ибтидою ҳашвайн меояд ва бештар ба баҳрҳои Рамалу Муҷтасс хос аст.

М и с о л: Рамали мусаммани машкул:

Ғалат он аст ки гӯянд, ки ба дил раҳест дилро,
Дили ман зи ғусса хун шуд, дили ту хабар надорад. *(Саъдӣ)*
фаилоту / фоилотун / фаилоту / фаилотун
у у — у / — у — — / у у — у / — у — —

Муҷтасси мусаммани М.:

Туро дили ман, нигоро, ба ҳеҷ намегирояд,
Аз он чиҳат аст, нигоро, ки дарди дилам физояд. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилу / фоилотун / мафоилу / фоилотун
у — у у / — у — — / у — у у / — у — —

Муҷтасси мусаммани махбуни М.-и аслам:

Шаби сиёҳ бад-он зулфакони ту монад,
Сапеди рӯз ба покии рухони ту монад. *(Дақиқӣ)*
мафоилун / фаилотун / мафоилу / фаълун
у — у — / у у — — / у — у у / — —

Рамали мусаддаси махбуни М.-и мусаббағ (с а д р — с о л и м):

Эй санам, низ замонаке вафо дор,
Магузар тез чунин бар аспи рахвор. *(Рӯдакӣ)*
фаилотун / фаилоту / фоилийён
у у — — / у у — у / — у — ~

Рамали мураббаъи М.-и маҳзуф:

Равад аз барам ба дур
Диҳад ин тарона шӯр. (*Ҳайрат*)
фаилоту / фоилун
у у — у / — — у —

Рамали мураббаъи М..

Биваз, эй насим, ҳар дам,
Нашавад халоватат кам. (*Фарҳат*)
фаилоту / фоилотун
у у — у / — у — — —

**Маштӯр** (ар. مشطور -нимашуда), дар илми арӯз баҳре ё байтеро гӯянд, ки аз рукнҳои аслии он нимашро партофта бошанд. Мас., агар баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Рачаз, ки дар асли доираи арӯзи ачам м у с а м м а н аст, дар шакли м у р а б б а ъ биорем, М. мешаванд.

М и с о л: Ҳазаҷи мураббаъи маҳзуф:

Биё, ҷоно, куҷой?
Чаро зи мо ҷудой? (аз «*Ал-мӯъҷам*»)
мафойлун / фаӯлун
у — — — / у — —

Рамали мураббаъи солим:

Ман ҳамеша мустамандам,
Аз ғами ишқат ножандам. (аз «*Ал-мӯъҷам*»)
фоилотун / фоилотун

Рачази мураббаъи мутаввал:

Маштоб чандин, эй паризод,
Бар куштани ошиқ ба бедод. (аз «*Ал-мӯъҷам*»)
мустафъилун / мустафъилотон
— — у — / — — у — —

Рачази мураббаъи солим:

Эй тори ҳамовози ман,
Дар нолаҳои зор шав.



То халқ фаҳмад рози ман,
Дар арзи олам ёр шав! (*Деҳотӣ*)
мустафъилун / мустафъилун
— — у — / — — у —

Рачази мураббаъи солим:

Эй бехтар аз ҳар доваре,
Бикшой корамро даре. (аз «*Ал-мӯъҷам*»)
мустафъилун / мустафъилун
— — у — / — — у —

**Маъкӯс** (ар. معكوس -чаппа, баръакс), номи яке аз баҳрҳо-ест, ки арӯзиёни форс-тоҷик Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ (а. 11) ва диг. баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Сабаби М. номидани ин баҳр он аст, ки рукнҳои солими он баръакси баҳри *Мубҳам* сохта шудаанд. Агар рукни мустафъилун / — — у — / дар баҳри М у б ҳ а м дар аввал омада бошад, ҳамин рукн дар охири аркони М. ҷой гирифтааст ва баръакс, агар рукнҳои фоилотун / — у — — / мафъӯлотуи / — — у / баҳри М у б ҳ а м дар ҷойҳои дуюму сеюми он гузошта шуда бошад, ҳамин ду рукн дар М. дар қатори якуму дуюм омадааст. Рукнҳои солими М.-ро аз ҷузви охири рукни сеюми доираи *Мунъалиқа* ҷудо кардаанд. Агар аз ҷузви чаҳоруми рукни сеюми доираи М у н ъ а л и қ а, яъне аз «тун» / — / сар кунем, «тунмафой» / — у — — /, «лунмустафъи» / — — — у /, «лунфоило» / — — у — / ба вуҷуд меоянд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоилотун / — у — — /, мафъӯлоту / — — — у /, мустафъилунро / — — у — / мегузоранд, ки вазни як мисраъи шеъри М.-и мусаддаси солимро ташкил медиҳанд. Дар рукнҳои солими М. низ сабаби хафиф / — / нисбат ба ватади маҷмӯъ / у — / за в а т а д и м а ф р у қ / — у / бештар буда, дар онҳо *фосила* иштирок надорад. Азбаски дар рукнҳои солими М. миқдори ҳиҷоҳои дароз нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳ зиёданд, вазни онро аз ҷумлаи а в з о н и с а қ и л и арӯз ҳисоб мекунанд. М. ҷун ҳамаи б а ҳ р ҳ о и ф а р ъ и и арӯз рукни махсус надорад ва аркони солими он дар натиҷаи омезиши рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — /, рукни солими мафъӯлоту / — — у — / ва рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / сохта мешаванд. М. аз ҷумлаи буҳури ниҳоят камистеъмоли арӯз буда, дар навъҳои он ашъори хеле кам суруда шудааст. М. бар хилофи б а ҳ р х о и а с л и и арӯз навъҳои зиёд надорад. Ашъоре, ки дар авзони ин баҳр эҷод кардаанд, фақат дар шакли мусаддаси со-

лим аст. Шаклҳои мусамману мураббаъю мусаннои солими М. тамоман маъмул нест.

Мисол: М.-и мусаддаси солим:

Мушк меборид аз гул ба домони шаб,
Шир мешорид аз мах ба айвони шаб. *(Мақсуди Гулчин)*
фоилотун / мафъӯлоту / мустафълун
— у — —/— — — у/— — у —

М.-и мусаддаси музол:

Аз гули наврӯз омад шамими баҳор,
Ғулғулафкан шуд ҳар сӯй савти ҳазор. *(Фарҳат)*
фоилотун / мафъӯлоту / мустафълун
— у — —/— — — у/— — у ~

**Маъсӯб** (ар. معصوب фароҳам кардашуда, хушкшуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи искоти ҳарфи «т» ва сокин кардани рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафоилатун / у — у у — / ҳарфи ҳаштум, яъне ҳамсадои «т»-ро (а с б кунем) партоем ва ҳарфи панҷуми он, яъне ҳамсадои «л»-ро сокин кунем, мафойлун / у — — — / боқӣ мемонад, ки онро М. мехонанд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои м у р а к к а б е с т, ки номи м у ф р а д дорад. Ин зиҳоф камистеъмол буда, фақат дар баҳри Вофир дучор мешавад. Рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / низ шакли М.-ро дорад, аммо ба ин зиҳоф ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надорад, зеро рукни мафойлун / у — — — / рукни аслӣ буда, зиҳофи М. аз рукни мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд омадааст. М. чун дигар зиҳофҳои рукни мафоилатун дар шеър, асосан дар рукнҳои аввал ва мобайни байт, яъне дар садр, ибтидо ва ҳашвайн меояд.

Мисол: Вофири мусаддаси М.-и мақтуф:

Нигорино, ба саҳро шав, ки олам
Чу рӯи хуби ту гаштаст хуррам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлун / мафойлун / фаӯлун
у — — —/ у — — —/ у — —

Яке аз навъҳои машҳури баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф / мафойлун / мафойлун / фаӯлун / низ шакли афоили баҳри Вофири мусаддаси М.-ро дорад.

Вофири мусаддаси М.-и мақтуф (х а ш в — с о л и м):



Нигорино, бикун фикре ба корам,
Чу медонӣ, ки ман зи ғамат фигорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлун / мафоилатун / фаӯлун
у — — —/ у — у у —/ у — —

**Маъсӯби матвӣ** (аз *маъсуб* ва *матвӣ*), номи дигари зиҳофи мақтӯъи рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у —/. Шакли зиҳофиаш фоилотун / у у — —/ мебошад.

**Маъсӯби мусаббағ** (аз *маъсуб* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / гузаронидани амалҳои а с б ва и с б о ғ ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ба воситаи амали а с б ҳарфи «т»-ро партофта, ҳарфи «л»-ро сокин гардонем, мафойлун боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафойлун / у — — —/-ро гузошта маъсуб, баъди ин ба воситаи амали исбоғ ба ҷои садоноки «у»-и мафойлун / у — — — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мафойлун / у — — —/ шакли мафойлон / у — — ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофи мусаббағи рукни асосии баҳри Ҳазаҷ низ шакли афоили М. м.-ро дошта бошад ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надорад. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти камистеъмоли арӯз буда, фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд.

**Маъқӯл** (ар. معقول -шиколбарниҳода, шиколкарда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи искоти ҳиҷои чоруми рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун /-у — у у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафоилатун / у — у у — / ҳиҷои чоруми он соқит карда шавад, «мафоитун» / у — у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали мафоилун / у — у — / гузошта М. мехонанд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои м у ф р а д ва камистеъмоли арӯз буда, дар шеър асосан, дар рукнҳои мобайнии байт, яъне дар рукнҳои ҳашвайн меояд ва бештар ба баҳри Вофир хос аст. Зиҳофҳои мавқӯс / у — у —/, махбун / у — у —/, мақбуз / у — у —/ низ шакли афоили Қ.-ро дошта бошанд ҳам, ба ин зиҳоф ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи мавқус аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/, зиҳофи махбун аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафълун / — у —/, зиҳофи мақбуз аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз рукни мафоилатун / у — у у —/ ҳосил шудааст. М. асосан ба шеъри арабӣ хос буда, дар навъҳои гуногуни баҳри Вофир, ки шоирони форс-тоҷик сурудаанд, дучор меояд. М и с о л: Вофири мусаддаси аҷами М.:

Он нигори хубчеҳри симзақан,
Рӯи хеш дар ниҳон намуд ба ман. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилун / мафоилун / мафоилатун
— у — / у — у — / у — у у —

**Маъқу́ли музо́л** (аз *маъқул* ва *музол*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / ў — у у — / гузаронидани амалҳои а қ л ва и з о л а т ҳосил мешавад. Агар ба зиҳофи маъқул — мафоилун / у — у — / амали изолатро ҷорӣ намоем, яъне ба ҷои садоноки «у» садоноки «о»-ро гузорем, мафоилун / у — у — / шакли мафоилон / у — у ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофҳои мавқуси мусаббағ / у — у ~ /, махбуни музол / у — у ~ /, мақбузи мусаббағ / у — у ~ / шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи мавқуси мусаббағ / у — у ~ / аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — /, зиҳофи махбуни музол / у — у ~ / аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи мақбузи мусаббағ / у — у ~ / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои м у р а к к а б буда, номи мураккаб дорад, дар шеър фақат дар руknҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб иштирок менамояд ва асосан ҳоси баҳри Вофир аст.

М и с о л: Вофири мусаммани М. м. (а р ӯ з — м а ъ қ у л):

Ҳамин замон зи хоки ман, зи хоки поки ин Ватан
Парида духтари Ватан, бигашт ахтари баланд. (*Мӯъмин Қаноат*)
мафоилун / мафоилун / мафоилун / мафоилон
у — у — / у — у — / у — у — / у — у ~

Яке аз навъҳои баҳрҳои Ҳазаҷи мусаммани мақбузи мусаббағ, Вофири мусаммани маъқули музол ва Раҷази мусаммани махбуни музол низ шакли афоили Вофири мусаммани М. м.-ро доранд.

**Маъқу́с** (ар. معقوص -печидашуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи иҷтимоъи зиҳофҳои *ахрам* ва *манқуси* рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафоилатун / у — у у — / ҳарфи охири он, яъне ҳамсадои «н»-ро (а к с кунем) партоем ва ҳарфи панҷумро сокин кунем, мафойлту / у — — у / боқӣ мемонад ва баъди тавассути амали х а р м, яъне партофтани ҳиҷои аввали рукни мафоилту / у — — у / фоилту / — — у / ҳосил ме-



шавад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали мафъӯлуро / — — у / гузошта, М. мехонанд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои м у р а к к а б е с т, ки номи м у ф р а д дорад. Ин зиҳоф камистеъмол буда, фақат дар баҳри Вофир дучор меояд. Зиҳофи ахраб / — — у / низ шакли мафъӯлуро дорад, аммо ба М. ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагие надорад, зеро зиҳофи ахраб аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ба вуҷуд омадааст зиҳофи М. аз рукни мафоилатун / у — у у — /. М. мисли дигар зиҳофҳои рукни мафоилатун дар шеър қариб дар ҳамаи руknҳои байт (садр, ибтидо, арӯз, зарб ва ҳашв) меояд. М. ҳоси шеъри арабӣ буда, дар навъҳои мухталифи баҳри Вофир, ки шоирони форс-тоҷик сурудаанд, дучор нагардид.

**Мағзу́б** (ар. مغضوب -шохшикаста, хашмгин, бадқаҳр), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи искоти ҳиҷои якуми рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафоилатун / у — у у — / ҳиҷои якум «ма»-ро х а р м кунем, яъне партоем, фоилатун / — у у — / боқӣ мемонад, ки онро ба рукни мустаъмали муфтаилун / — у у — / иваз карда, М. мехонанд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои камистеъмоли арӯз буда, фақат дар баҳри Вофир дучор меояд. Зиҳофҳои матвии рукни асосии баҳри Раҷаз — мустаъилун / — — у — / ва маҷзули рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / низ шакли М. доранд, аммо ба ин зиҳоф ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи матвӣ аз рукни мустафъилун / — — у — / тавассути кӯтоҳ шудани ҳиҷои дуюми он ва зиҳофи маҷзул аз рукни мутафоилун / у у — у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукни мафоилатун / у — у у — / ҳосил шудааст. М. мисли дигар зиҳофҳои рукни мафоилатун (мақтуф, манқус, маъқӯс) дар шеър қариб дар ҳамаи руknҳои байт (садр, ибтидо, арӯз ва ҳашв) меояд. М. ҳоси шеъри арабӣ буда, дар навъҳои мухталифи баҳри Вофир, ки шоирони форс-тоҷик сурудаанд, хеле кам дучор мешавад.

М и с о л:
Вофири мусаддаси М.:

Нест маро ҷуз ту нигоре дигаре,
Менакунӣ ҳеҷ нигорам назаре. (аз *«Ғиёс-ул-луғот»*)
муфтаилун / муфтаилуч / муфтаилун
— у у — / — у у — / — у у —

Яке аз навъҳои баҳри Раҷаз — Раҷази мусаддаси матвӣ низ шакли афоили баҳри Вофири мусаддаси М.-ро дорад.

**Мағзу́би музо́л** (аз *мағзуб* ва *музол*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Вофир — ма-

фоилатун / у — у у — / гузаронидани амалҳои ғазб ва изолат ба вуҷуд меояд. Агар ба шакли овозии зиҳофи мағзуб — муфтаилун / — у у — / тавассути амали изолат ба ҷои садоноки «у»-и дуюми муфтаилун / — у у — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, муфтаилун / — у у — / шакли муфтаилон / — у у ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофи матвии музол / — у у ~ / шакли афоили М. м.-ро дошта бошад ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа надорад. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти ниҳоят камистеъмоли арӯз буда, дар шеър, асосан дар рукнҳои охири байт омада, фақат хосса баҳри Вофир мебошад.

Мисол:

Вофири мусаддаси М. м. (*ибтидо — маъқул*):

То ғамат андар дили ман гашт падид,
Касе маро бо лаби пурханда надид. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / муфтаилун / муфтаилон
— у у — / — у у — / — у у ~

Яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мусаддаси матвии музол низ шакли афоили Вофири мусаддаси М. м.-ро дорад.

**Мақбӯз** (ар. مقبوض ба панҷа гигрифташуда, бадастомада), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи партофтани ҳарфи панҷуми рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ва рукни асосии баҳри Мутақориб — фаӯлун / у — — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафойлун / у — — — / «й»-и заданокро партофта, ба ҷояш «и»-и оддиро монем, яъне қабз кунем, «мафоилун» / у — у — /, аз фаӯлун ҳарфи «н»-ро партоем, «фаӯлу» / у — у / бокӣ мемонад, ки онро М. мехонанд. Зиҳофҳои мавқуф / у — у —/, махбун / у — у — / ва маъқул / у — у — / шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи мавқуф аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — /, зиҳофи махбун аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи маъқул аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукнҳои мафойлун / у — — — / ва фаӯлун / у — — / ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои муфрад ва серистеъмоли арӯз буда, дар шеър, асосан дар рукнҳои аввал ва мобайни байт, яъне дар садру ибтидо ва ҳашвайн меояд ва бештар ба баҳрҳои Ҳазаҷ, Мутақориб, Қариб, Музореъ ва Мушокил хос аст.

Мисол: Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур (зарб — махзуф):



Хобида ба рӯи сабзаи нарм
Наззора ба ахтарон намудан,
Гаштан ба хаёли хеш саргарм
Марғубу басо писанд бар ман. (*И. Муқаддас*)
мафъӯлу / мафоилун / мафойл
— — у / у — у — / у — ~

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф:

Ёрам чу қадах ба даст гирад,
Бозори бутон шикаст гирад. (*Ҳофиз*)
мафъӯлу / мафоилун / фаӯлун
— — у / у — у — / у — —

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мусаббағ:

Наргис зи нишоти моҳи фарвардин,
Бар даст ниҳода соғари заррин. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / мафоилун / мафойлон
— — у / у — у — / у — — ~

Ҳазаҷи мусаммани мақбуз:

Дилам бурун шуд аз ғамат ғамат зи дил бурун нашуд,
Забун шудам, ки буд, к-ӯ зи дасти ғам забун нашуд? (*Сайфӣ*)
мафоилун / мафоилун / мафоилун / мафоилун
у — у — / у — у — / у — у — / у — у —

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбуз:

Эй бо ту дилам ҳама вафо карда,
Бо ман дили ту ҳама ҷафо карда. (*Адиб Собири Тирмизӣ*)
мафъӯлу / мафоилун / мафойлун
— — у / у — у — / у — — —

Ҳазаҷи мусаммани мақбузи мақсур:

Маро ғами ту, эй дӯст, зи ҳонумон баровард,
Маро фироқат, эй моҳ, зи молу ҷон баровард. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / мафойл / мафойлун / мафойл
у — у — / у — ~ / у — у — / у — ~

Ҳазаҷи мусаммани мақбузи маҳзуф:

Фарӯғи ҷоми бода ба дилат нур дода,
Ялон, шоҳзода, туро чу пардадаро. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фаӯлун / мафоилун / фаӯлун
у — у — / у — — / у — у — / у — —

Ҳазаҷи мусаммани мақбузи мақсур (з а р б — м а ҳ з у ф):

Ҳамеша шодмон бош, ба коми дӯстон бош,
Ту ҷовидон бош, адут хоксоро. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
**мафоилун / мафойл / мафоилун / мафойил**
у — у — / у — ~ / у — у — / у ~

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбуз:

**Он сарви сиҳӣ, ки бор хуршеди равон дорад,**
Ҳамвора ситора аз ду чашми ман равон дорад. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
**мафъӯлу / мафоилун / мафъӯлу / мафоилун**
**— — у / у — у — / — — у / у — у —**

Қариби мусаддаси ахраби мақбуз (ҳ а ш в и мисраъи дуюм — макфуф):

Эй мояи хубию некномӣ,
Рӯзам надиҳад бо ту рӯшноӣ. *(Рӯдакӣ)*
мафъӯлу / мафоилун / фоилотун
**— — у / у — у — / — у — —**

Қариби мусаддаси ахраби мақбузи маслух:

Баргаштани мо муҳол аст,
Мақсуд сиёҳҳол аст. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / мафоилун / фоъ
**— — у / у — у — / ~**

Мутақориби мусаммани мақбузи аслам:

Гарам бихонӣ в-арам биронӣ,
Дили хазинро ба ҷои ҷонӣ. *(Ҳофиз)*
фаӯлу / фаълун / фаӯлу / фаълун
у — у / — — / у — у / — —

Баъзе шоирон дар баҳри Мутақориб рукнҳои мақбузи аслямро дар як байт понздаҳ бор истифода бурдаанд. Мисол:

Зиҳӣ ду чашмат ба хуни мардум кушода тиру кашида ханҷар,
Рухи ҷу моҳат сабоҳи давлат, хати сиёҳат шаби муанбар.
фаӯлу / фаълун / фаӯлу / фаълун / фаӯлу / фаълун / фаӯлу / фаълун
у — у / — — / у — у / — — / у — у / — — / у — у / — —



Ҳазаҷи мураббаъи мақбуз:

Дарахти зӯру сардамӣ,
Ҳамеша сабзу хуррамӣ. *(Фарҳат)*
мафоилун / мафоилун
**у — у — / у — у —**

Ҳазаҷи мусаммани ахраби М.-и макфуфи маҷбуб:

Хуш дор, **ки** умр ҳар нафас мегузарад,
Дар ғояти ҳасрату ҳавас мегузарад.
Аз оби равон намуна бояд ҳамаро,
Нокарда назорае, ба пас мегузарад. *(Шоҳид)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойлу / фаал
**— — у / у — у — / у — — у / у —**

Ҳазаҷи мусаммани ахраби М.-и абтар:

То модари мехрубон ба ёдам бошад,
Иқболи хушу равони шодам бошад.
Аз ҷониби дил баёни миннатдорӣ
Ҳар лаҳза мувофики муродам бошад. *(Тоҳир)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойлун / фаъ
**— — у / у — у — / у — — — / —**

**Мақбӯзи мусаббағ** (аз *мақбуз* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, ки тавассути гузаронидани амалҳои қ а б з ва и с б о ғ ба вуҷуд меояд. Агар ба шакли овозии зиҳофи мақбуз — мафоилун / у — у — / ба воситаи амали и с б о ғ, яъне ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у» садоноки дарози «о»-ро гузорем, мафоилун / у — у — / шакли мафоилон / у — у ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофҳои мавқуси музол, маҳбуни музол шакли овозии М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи мавқуси музол аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у /, зиҳофи маҳбуни музол аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар *арӯз* ва *зарб* меояд. М. м. нисбат ба дигар зиҳофоти рукни мафойлун / у — — — / камистеъмол аст ва фақат ба баҳри Ҳазаҷ хос мебошад.

Мисол: Ҳазаҷи мусаммани мақбузи М. м. (арӯз — мақбуз):

Ҳамин замон зи хоки ман, зи хоки поки ин Ватан
Парида духтари Ватан, бигашт ахтари баланд. *(Мӯъмин Қаноат)*
мафоилун / мафоилун / мафоилун / мафоилон
у — у — / у — у — / у — у — / у — у ~

Яке аз навъҳои баҳри Вофир — Вофири мусаммани маъқули музол ва Рачази мусаммани махбуни музол низ шакли афоили Ҳазаҷи мусаммани мақбузи М. м.-ро доранд.

**Мақлӯб** (ар. مقلوب -баргардонидашуда, чаппа кардашуда, акс кардашуда), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз санъатҳои лафзист. Мувофиқи ин санъат мисраъ ё байте бояд чунон гуфта шавад, ки агар онро аз ҳар тараф хонӣ, боз ҳамон мисраъ ё байт ҳосил гардаду вазни он халал наёбад.

Мисол: Ҳазаҷи мусаддаси аҳраби маҳзуф:

Ё хусрави нав — нури сахой,
Ёридеҳи мо муҳидирой.
мафъӯлу / мафойлун / фаӯлун
— — у / у — — — / у — —

Агар байти болоро ба таври дигар, яъне чаппа хонем, боз ҳамон мисраъҳо ба вуҷуд меоянд.

Дар байти поён, ки дар баҳри Рамали мусаддаси мақсур гуфта шудааст.

Ромишаш дармону дардаш гарми ёр,
Рои маргаш дарди номардаш шумор.
фоилотун / фоилотун / фоилон
— у — — / — у — — / — у ~

агар мисраъи аввалро М. намоед, мисраъи дуюм ва агар мисраъи дуюмро М. намояд, мисраъи аввал ҳосил мешавад. М. чор навъ аст:

1. М.-и кулл он аст, ки тартиби ҳарфҳои калимаҳои байтро чаппа хонӣ ҳам, боз ҳамон калима ба вуҷуд меояд.

Мисол:

Рӯз зӯр аст, рози зор магӯ,
Ганҷ ҷанг аст, рои ёр мазан.



Дар ин байт калимаи «зӯр» М.-и калимаи «рӯз», «зор» М.-и «роз», «ҷанг» М.-и «ганҷ», «ёр» М.-и «рои» ва баръакс калимаи «рӯз» М.-и калимаи «зӯр», «роз» М.-и «зор», «ганҷ» М.-и «ҷанг», «рои» М.-и «ёр» мебошад.

2. М.-и баъз он аст, ки шоир дар байт калима ё ибораҳоеро меорад, ки онҳо фақат аз ҷиҳати тартиби ҳарф аз ҳамдигар фарқ мекунанду бас. Мисол:

Аз он ҷодувона ду чашми сиёҳ,
Дилам ҷовидона ба ранҷу иност.

Дар ин байт байни калимаҳои «ҷодувона» ва «ҷовидона» М.-и баъз ба вуҷуд омадааст.

Дар мисраъи аввали байти:

Қарам чу дорӣ, камар набандад,
Адӯ ба пешат, магар ба хидмат.

байни калимаҳои «карам» ва «камар» М. ҳосил шудааст.

3. М.-и муҷаннаҳ (болдор) он аст, ки шоир байтеро бо калимае сар мекунад ва дар охири байт ҳамон калимаро чаппа карда қофия месозад. Мисол:

Нек будӣ ба ман, чи шуд, ки чунин
Мекунӣ чавр ҳар дам аз сари кин?

Қалимаи «кин», ки дар охири байт омадааст, М.-и калимаи «нек» аст. Шоирон М.-и муҷаннаҳро баъзан дар аввалу охири ҳар мисраъ нигоҳ медоранд. Мисол:

Рои қатлам карду филвокеъ, ки маъзур аст, ёр
Рози ишқи ӯ чу кардам зоҳир аз афғони зор.

Дар ин байт байни калимаҳои «рои»-ю «ёр»-и мисраъи аввал ва «роз»-у «зор»-и мисраъи дуюм М.-и муҷаннаҳ ба вуқӯъ омадааст. М.-и муҷаннаҳро баъзан М.-и муаттаф низ меноманд.

4. М.-и муставӣ (баробар), он аст, ки шоир калимаҳои ними мисраъ ё калимаҳои як мисраъ, ё ин ки калимаҳои ҳар ду мисраъи байтро тавре ҷой медиҳад, ки агар онҳоро чаппа хонем, боз ҳамон алфози аввала ба вуҷуд меояд. Мисол:

Гар зулф ин аст, нест мумкин асло
Аз доми бало умеди озодии мо.
Ба хилват бо ту, эй зебонигорам,
Мурод — рози дарди зор дорам.

* * *

Ноиби даргаҳи шаҳ кард баён —
Ба шумо рози яке зор нмшаб.

Дар байти аввал ибораи «умеди озодии мо», дар байти дуюм мисраъи охир ва дар байти сеюм ҳар ду мисраъ байни худ М.-и муставианд. Баъзе шоирон байте сурудаанд, ки агар онро ба таври чаппа хонӣ, боз ҳамон байт ҳосил мешавад. Мисол:

Нор резад рег рӯзи рагш қалб,
Аблақаш гар зӯр гирад зери рон.

Дар илми арӯз байтеро М. меноманд, ки аз пешу қафо шудани калимот байти дигаре ҳосил мешавад. Мисол:

Бо ман акнун итоб дорад дилбар,
Хирман-хирман зи зулф борад анбар.
мафъӯлун / фоилоту / мафъӯлун / фаъ
— — — / — у — у / — — — / —

Ин байт дар баҳри Мунсареҳи мусаммани мақтӯъи матвии манҳур навишта шудааст. Агар калимаҳои ин байтро ба таври пешу қафо хонем, байти зерин ба вуҷуд меояд:

Дилбар дорад итоб акнун бо ман,
Анбар борад зи зулф хирман-хирман.
мафъӯлун / фоилоту / мафъӯлун / фаъ
— — — / — у — у / — — — / —

**Мақлӯби мадӣд** (аз *мақлуб* ва *Мадид*), дар илми арӯз номи дигари баҳри *Амиқ*. Дар асл рукнҳои солими баҳри Мадид ва Амиқ як буда, фақат аз ҷиҳати тартиби ҷойгиршавии рукнҳо фарқ доранд.

Дар баҳри Мадид, агар рукни фоилотун / — у — — / аввал ояду рукни фоилун / — у — / сонӣ, дар баҳри Амиқ бошад, аввал рукни фоилун / — у — /, баъд рукни фоилотун / — у — — / ҷой мегирад.

Мисол: Мадиди мусаммани солим:

Дил зи ҳаҷрат, эй санам, хуни худро мех(в)арад,
Ҷон ба дастат, эй парӣ, ҷоми тан медарад. *(Ҷомӣ)*
фоилотун / фоилун / фоилотун / фоилун
— у — — / — у — / — у — — / — v —



Амиқи мусаммани солим:

Ҳар ки боре бинӯшад обе аз чашмаи ишқ,
Бо нишоту ташаккур умрбодаш ситояд. *(Фарҳат)*
фоилун / фоилотун / фоилун / фоилотун
— у — / — у — — / — у — / — у — —

**Мақлӯби тавӣл** (аз *мақлуб* ва *тавил*), дар илми арӯз номи дигари баҳри *Ариз*. Дар асл рукнҳои солими баҳри Тавил ва Ариз як буда, фақат аз ҷиҳати тартиби ҷойгиршавии рукнҳо фарқ мекунанд. Агар дар баҳри Тавил рукни фаӯлун / у — — / аввал ояду рукни мафоӣлун / у — — — / сонӣ, дар баҳри Ариз бошад, аввал рукни фаӯлун / у — — /, баъди рукни мафоӣлун / у — — — / ҷой мегирад.

Мисол: Аризи мусаммани солим:

Зи мехрат месароям, шукӯҳат мефизоям,
Ҷу булбул дар навоям, зи файзат пуртаво... *(Фарҳат)*
мафоӣлун / фаӯлун / мафоӣлун / фаӯлун
у — — — / у — — / у — — — / у — —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаммани маҳзуф низ шакли афоили баҳри Аризи мусаммани солим / мафоӣлун / фаӯлун / мафоӣлун / фаӯлун /-ро дорад.

Тавили мусаммани солим:

Чи гӯям, нигорино, ки бо ман чиҳо кардӣ,
Қарорам зи дил бурдӣ, зи сабрам ҷудо кардӣ. *(Салмони Сови...*
фаӯлун / мафоӣлун / фаӯлун / мафоӣлун
у — — / у — — — / у — — / у — — —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаммани маҳзуф / фаӯлун / мафоӣлун / фаӯлун / мафоӣлун / низ шакли баҳри Тавили мусаммани солимро дорад.

**Мақсӯр** (ар. مقصور -кӯтоҳшуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи аз охири рукнҳои мафоӣлун / у — — — /, фоилотун / — у — — /, мустафъилун / — — у — / ва фаӯлун / у — — / партофтани ҳарфи ҷузви «ун», яъне афтидани ҳарфи «н» ва сокин гардонидани ҳарфи «л» ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафоӣлун ҷузви «ун»-ро партоем, яъне каср кунем, «мафоӣл» / у — ~ /, аз фоилотун «фоилот» (ба ҷояш фоилон — у ~ мегузоранд), аз мус-тафъи-лун «мустафъил» / — — — / ба ҷояш мафъӯлун / — — — / мегузоранд, аз фаӯлун «фаӯл» / у ~ / боқӣ мемонад, ки онро М. мехонанд. М. аз ҷум-

лаи зиҳофҳои м у ф р а д ва серистеъмоли арӯз буда, дар шеър асосан, дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд ва бештар ба баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Мутақориб, Қариб, Музореъ ва Мушокил хос аст. Зиҳофҳои ахрам / — — — / аштари мусаббағ / — у ~ /, ақсам / — — — /, аҳтам / у ~ /, макшуф / — — — / марфӯъи музол / — у ~ /, матвии мавқуф / — у ~ / махбуни мавқуф / у — ~ /, мақтӯъ / — — — /, маҳзуфи мусаббағ / у — ~ /, музол / — у ~ /, мусаббағ / — у ~ /, музол / — у ~ /, муханнақ / — — — /, мушаасс / — — — / низ шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофҳои аҳрам, аштари мусаббағ, аҳтам, маҳзуфи мусаббағ, муханнақ аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи ақсам аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — /, зиҳофҳои макшуф, матвии мавқуф, махбуни мавқуф аз рукни мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофҳои марфӯъи музол ва мақтӯъ аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи музол аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — /, зиҳофи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Мутақориб — фаӯлун / у — — — /, зиҳофи мушаасс аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз рукнҳои асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, Рамал — фоилотун / — у — — /, Мутақориб фаӯлун / у — — / ва рукни мус-тафъи-лун / — — у — / ҳосил шудааст. М и с о л: Ҳазаҷи мусаддаси М.:

Замин чун лӯъбати шамшодзулф аст,
Ҷаҳон чун кӯдаки анбаръузор аст. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
мафойлун / мафойлун / мафойл
у — — — / у — — — / у — ~

Ҳазаҷи мусаммани мақбузи М.:

Маро ғами ту, эй дӯст, зи хонумон баровард,
Маро фироқат, эй моҳ, зи молу ҷон баровард. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / мафоил / мафоилун / мафойл
у — у — / у — ~ / у — у — / у — ~

Рамали мусаммани М.:

Чанд борам дар фироқи дилбарон аз дида об?
Чанд бошам зарду гирьён ҳамчу шамъ аз сӯзу тоб?
фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилон
— у — — / — у — — / — у — — / — у ~



Мутақориби мусаммани М.:

Ки тезиву тундӣ наояд ба кор,
Ба нармӣ дарояд зи сӯрох мор. *(Фирдавсӣ)*
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаӯл
у — — / у — — / у — — / у ~

Музореъи мусаммани ахраби макфуфи М.:

Шамшодкадду лоларуху ёсуманбар аст.
Бо сарву гул ба қомату ораз баробар аст. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилон
— — у / — у — у / у — — у / — у ~

Қариби мусаддаси макфуфи М.:

Май озода надид орад аз бадасл,
Фаровон ҳунар аст андар ин набид. *(Рӯдакӣ)*
мафойлу / мафойлу / фоилон
у — — у / у — — у / — у ~

Мушокили мусаддаси макфуфи М.

Ери ғам шудаам дар шаби дайҷӯр,
З-он сабаб, ки нашуд рӯзе маҳан дур. *(Сайфӣ)*
фоилоту / мафойлу / мафойл
— у — у / у — — у / у — ~

**Мақту́ф** (ар. مقطوف -буридани хӯшаи ангур, мева, чидан), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи исқоти ҳарфи «то» ва ҳазф кардан, яъне партофтани ҳиҷои «лун»-и рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафоилатун / у — у у — / ҳарфи «то» партофта шавад, мафойлун / у — — — / боқӣ мемонад, баъди ин тавассути амали ҳ а з ф (гирифта партофтан) «мафойлун»-ро ба «мафой / у — — / табдил медиҳанд ва ба ҷои он рукни мустаъмали «фаӯлун» / у — — /-ро гузошта, М. мехонанд. М. аз гурӯҳи зиҳофҳои м у р а к к а б е с т, ки номи м у ф р а д дорад. Вай аз ҷумлаи зиҳофҳои камистеъмоли арӯз буда дар шеър, асосан, дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд ва бештар ба баҳри Вофир хос аст. Зиҳофҳои маҳзуф / у — — /, мухаллаъ / у — — /, мақтӯъи махбун / у — — / ва рукни асосии баҳри Мутақориб / у — — / низ шакли афоили М.-ро доранд, аммо ба ин зиҳоф ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ

надоранд, зеро зиҳофи маҳзуф аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/, зиҳофҳои мухаллаъ ва мақтӯъи махбун аз рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун / — — у —/ ба вуҷуд омада, рукни фаӯлун рукни асосии баҳри Мутақориб аст, зиҳофи М. бошад, аз рукни мафоилатун / у — у у —/ ҳосил шудааст. Ҳарчанд М. хоси шеъри арабист, шоирони форсотоҷик дар навъҳои гуногуни баҳри Вофир онро ба кор бурдаанд. Мисоли баҳри Вофири мусаддаси мақтуф:

Чу баргузарӣ ҳаменигарӣ ба рӯям,
Чаро накунӣ, буто, назаре ба корам. (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
мафоилатун / мафоилатун / фаӯлун
у — у у —/ у — у у —/ у — —

Мисоли баҳри Вофири мусаддаси маъсуби мақтуф:

Нигорино, бикун фикре ба корам,
Чу медонӣ, ки ман зи ғамат фигорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлун / мафоилатун / фаӯлун
у — — —/ у — у у —/ у — —

**Мақтӯъ** (ар. مقطوع -қатъ кардашуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи аз ҷузъи ватади маҷмӯъи рукнҳои фоилун / — у —/, мустафъилун / — — у —/ ва мутафоилун / у у — у —/ афтидани ҳарфи «Л» ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни фоилун ҳарфи «Н»-ро партоему ҳарфи «Л»-ро сокин гардонем, «фоил» (ба ҷояш фаъӯлун — — мегузоранд) аз мустафъилун «мустафъил» (ба ҷояш мафъӯлун — — — мегузоранд) ва аз мутафоилун «мутафоил» (ба ҷояш фаилотун у у — — мегузоранд) боқӣ мемонад, ки онро М. меноманд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои м у ф р а д буда, дар шеър қариб дар тамоми рукнҳои байт, яъне дар садру ибтидою арӯзу зарбу ҳашвайн меояд ва бештар ба баҳрҳои Рақаз, Мутадорик, Сареъ ва Комил хос аст.

Зиҳофҳои аслам / — —/, ахрам / — — —/, ақсам / — — —/, аҳазз / — —/, мақшуф / — — —/, махбун / у у — —/, мақсур / — — —/, муханнақ / — — —/ шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он алоқа ва вобастагие надоранд, зеро зиҳофи аслам аз рукнҳои аслии баҳрҳои Мутақориб — фаӯлун / у — —/, Рамал — фоилотун / — у — —/ ва рукни солими мафъӯлоту / — — — у/, зиҳофҳои ахрам, муханнақ аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/, зиҳофи ақсам аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у —/,



зиҳофи аҳазз аз рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун / — — у —/ ва рукни солими мафъӯлоту / — — — у/, зиҳофи макшуф аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у/, зиҳофи махбун аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/ ва зиҳофи мақсур аз рукни солими мус-тафъи-лун / — — у —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз рукнҳои асосии баҳрҳои Мутадорик — фоилун / — у —/, Рақаз — мустафъилун / — — у —/, Комил — мутафоилун / у у — у —/ тавассути амали қатъ ҳосил шудааст. Агар дар ҷузъи *сабаби* хафифи охири М. садоноки «о»-ро афзоянд, яъне ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и зиҳофи М.-и баҳри Рақаз садоноки «о»-ро гузоранд, мафъӯлун / — — —/ шакли мафъӯлотро / — — ~ / мегирад, ки онро М.-и м у с а б б а ғ ва агар ҳиҷои дарози якуми зиҳофро кӯтоҳ кунем, афоили мафъӯлун / — — —/ шакли фаӯлунро / у — —/, мегирад, ки онро М.-и м а х б у н ва агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и зиҳофи М.-и баҳри Мутадорик садоноки «о»-ро гузоранд, фаълун / — —/ шакли фаълонро / — ~ / мегирад, ки онро М.-и м а ҳ з у ф и м у с а б б а ғ меноманд.

М и с о л: Рақази мусаддаси М.:

Харбуза аз харбуза бӯе гирад,
Ҳамсоя аз ҳамсоя хӯе гирад. (*Зарбулмасал*)
мустафъилун / мустафъилун / мафъӯлун
— — у —/ — — у —/ — — —

Муқтазаби мусаммани матвии М.:

Дасти духтари деҳқон омили матин бошад,
Қорубори ӯ умре дар сари замин бошад. (*Фарҳат*)
фоилоту / мафъӯлун / фоилоту / мафъӯлун
— у — у/ — — —/ — у — у/ — — —

Рақази мураббаи М.:

Ман хонаму дил рақсад,
Базми ману дилро бин. (*Лоҳутӣ*)
мустафъилун / мафъӯлун
— — у —/ — — —

Мутадорики мусаммани М.:

То кай маро дар ғам дорӣ,
То кай орӣ бар мо хорӣ? (*Чомӣ*)
фаълун / фаълун / фаълун / фаълун
— — /— —/— —/— —

Мутадорики мусаддаси М.:

Ҷоно, дар дил кардам,
К-аз мехрат баргардам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фаълун / фаълун / фаълун
— — / — — / — —

Комили мусаддаси М. (а р ӯ з — солим):

Санаме, ки фурқати ӯ ҳамебикушад маро,
мутафоилун / мутафоилун / мутафоилун
у у — у — / у у — у — / у у — у —
Ҳамасола ман зи фироқи ӯ ба фиғонам.
мутафоилун / мутафоилун / фаилотун
у у — у — / у у — у — / у у — —

Комили мураббаи М. (з а р б — мураффал):

Сафарӣ шудам ба ҷаҳон дар,
мутафоилун / фаилотун
у у — у — / у у — —
Зи фироқи он сафарӣ нигорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мутафоилун / мутафоилотун
у у — у — / у у — у — —

Рачази мураббаи матвии М.:

Духтарак, эй духтарҷон,
Духтари Тоҷикистон.
Пахта ба фабрик додӣ,
Газвора кардӣ арзон. (*Лоҳутӣ*)
муфтаилун / мафъӯлун
— у у — / — — —

Мутадорики мураббаи М.:

Дасти оҳангар
Пуршарар бошад,
Дар ҳама маʼидон
Пурзафар бошад. (*Лоҳутӣ*)
фоилун / фаълун
— у — / — —

Сареъи мусаддаси матвии мақтӯъи матвии макшуф (х а ш в и мисраъи дуюм — м а т в и):



Ҷодараке дидам рангин бар ӯ,
муфтаилун / мафъӯлун / фоилун
— у у — / — — — / — у —
Ранг басе гуна бар он ҷодаре. (*Рӯдакӣ*)
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у у — / — у —

**Мақтӯъи махбӯн** (аз *мақтӯъ* ва *махбун*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / гузаронидани амалҳои қ а т ъ ва х а б н ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мустафъилун / — — у — / ду ҳарфи охири онро партоем, яъне қ а т ъ к у н е м, «мустафъил» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафъӯлунро / — — — / гузошта, м а қ т ӯ ъ меноманд. Баъди ин, агар ҳиҷои дарози якуми ҳамин зиҳофро кӯтоҳ кунем, афоили мафъӯлун / — — — / шакли фаӯлунро / у — — / мегирад, ки онро М. м. мехонанд. Зиҳофҳои макшуфи махбун / у — — /, махбуни макшуф / у — — /, махбуни мақсур / у — — /, мақтуф / у — — /, маҳзуф / у — — /, мухаллаъ / у — — / шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он вобастагие надоранд, зеро зиҳофҳои махбуни макшуф / у — — / ва макшуфи махбун / у — — / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи махбуни мақсур / у — — / аз рукни солими мус-тафъи-лун / — — — у — /, зиҳофи мақтуф / у — — / аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — /, зиҳофи маҳзуф аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи мухаллаъ / у — — / аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / тавассути амалҳои х а б н у қ а т ъ ба вуҷуд омада, аммо зиҳофи М. м. аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / тавассути амалҳои қатъу х а б н ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи з и ҳ о ф ҳ о и м у р а к к а б е с т, ки номи мураккаб дорад. Вай дар шеър, асосан, дар рукнҳои байн ва охири байт, яъне дар ҳашвайну арӯзу зарб меояд ва бештар ба баҳри Рачаз хос аст. М. м. нисбат ба дигар зиҳофҳои арӯз камистеъмол аст.

М и с о л: Рачази мусаммани М. м.:

То субҳидам нишастам бедорхоб имшаб,
Аз чашми дил баромад як чашма об имшаб. (*Саидалӣ Маъмур*)
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / фаӯлун
— — у — / у — — / — — у — / у — —

Рачази мураббаи М. м.:

Ман ГЭС-и Норакастам,
Дар Вахши пурталотум.
Бо иқтидори баркам
Хизмат кунам ба мардум. *(Ҳайдаршо)*
мустафъилун / фаъулун
— — у — / у — —

Рачази мураббаъи махбули М. м.:

Ба тарафи гулистон,
Чу бидавид чўйбор. *(Фарҳат)*
фаилатун / фаълун
у у у — / у — —

**Мақтўъи махбу́ни мусабба́ғ** (аз *мақтўъ, махбун* ва *мусаббағ*), дар илми арўз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / гузаронидани амалҳои қатъ, хабн ва исбоғ ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мустафъилун / — — у — / тавассути амали қатъ ду ҳарфи охири онро партоем, «мустафъилун» / — у — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафъўлун / — — — /-ро гузошта, мақтўъ меноманд. Баъди ин, агар ба воситаи амали хабн ҳиҷои дарози аввали «мустафъил» / — — — /-ро кўтоҳ кунем, яъне ҳарфи «с»-ро партоем, «мутафъил» / у — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаълун / у — — /-ро гузошта мақтўъи махбун мехонанд. Ва ниҳоят тавассути амали исбоғ ба ҷои садоноки кўтоҳи «у»-и фаълун / у — — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, фаълун / у — — / шакли фаълон / у — ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. м. меноманд. Шакли овозии зиҳофҳои махбуни мавқуф / у — ~ /, мақсур / у — ~ /, маҳзуфи мусаббағ / у — ~ / ба шакли овозии М. м. м. монанд бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи махбуни мавқуф / у — ~ / аз рукни солими мафъўлоту / — — — /, зиҳофи мақсур / у — ~ / ва маҳзуфи мусаббағ / у — ~ / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ва зиҳофи мусаббағ / у — ~ / аз рукни асосии баҳри Мутақориб фаълун / у — — / ба вуҷуд омада, М. м. м. бошад, аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ҳосил шудааст.

М. м. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър, асосан, дар рукнҳои охири байт, яъне арўзу зарб меояд. М. м. м. нисбат ба дигар зиҳофоти арўз камистеъмол будэ, фақат ба баҳри Рачаз хос аст.

Мисол: Рачази мусаммани М. м. м. (ҳашви якуми мисраи аввалу сонӣ ва арўз — мақтўъи махбун):



Бикшой турбатамро баъд аз вафот бингар,
К-аз оташи дарунам дуд аз кафан барояд. *(Ҳофиз)*
мустафъилун / фаълун / мустафъилун / мафойл
— — у — / у — — / — — у — / у — ~

Рачази мураббаъи махбули М. м. м.:

Ба тарафи гулистон
Чу бидавид чўбор.
Хама роҳу хиёбон
Чу сахари сафобор. *(Фарҳат)*
фаилатун / фаълон
у у у — / у — ~

Рачази мураббаъи матвии М. м. м.:

Ноку анор бишкуфт,
Себи катор бишкуфт.
Маҳлабу ғор бишкуфт,
Нарзаку хор бишкуфт. *(Мақсуди Гулчин)*
муфтаилун / фаълон
— у у — / у — ~

**Мақтўъи маҳзу́ф** (аз *мақтўъ* ва *маҳзуф*), номи дигари зиҳофи *аҳаз* (з).

**Мақтўъи маҳзу́фи мусабба́ғ** (аз *мақтўъ, маҳзуф* ва *мусаббағ*), дар илми арўз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / гузаронидани амалҳои қатъ, хазф ва исбоғ ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мустафъилун / — — у — / ҳарфи «н»-ро қатъ кунему ҳарфи «л»-ро сокин гардонем, яъне ду ҳарфи охири онро партоем, «мустафъил» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали мафъўлунро / — — — / гузошта, мақтўъ меноманд. Баъди ин, агар дар ҷузъи сабаби хафифи охири зиҳофи мақтўъ — мафъўлун / — — — / садоноки «о»-ро афзоянд, яъне ба ҷои садоноки кўтоҳи «у»-и мафъўлун / — — — / садоноки «о»-ро гузоранд, мафъўлун / — — — / шакли мафъўлонро / — — / мегирад, ки онро мақтўъи мусаббағ ва дар охир, агар аз шакли афонли зиҳофи мақтўъи мусаббағ — мафъўлон / — — ~ / сабаби хафифи аввалро / — /, яъне ҳиҷои дарози аввалро партоянд (хазф кунанд), аз мафъўлон / — — / «ўлон» / — ~ / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаълонро / — ~ / гузошта, М. м. м. мехонанд. Зиҳофҳои аслами мусаббағ / — ~ /, аҳаззи мусаббағ

/ — ~ / шакли афоили М. м. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа надоранд, зеро зиҳофи аслами мусаббағ / — ~ / аз рукни асосии баҳри Мутақориб — фаўлун / у — —/, зиҳофи аҳаззи мусаббағ / — ~ / аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / тавассути партофтани ватади маҷмўъ / у —/, яъне партофтани ду ҳиҷои охири он ба вуҷуд омада, М. м. м. бошад, аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, аммо тавассути амалҳои қатъ ҳазфу исбоғ ҳосил шудааст. М. м. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дошта, дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арўзу зарб меояд ва бештар ба баҳрҳои Раҷазу Мунсареҳ хос аст. М. м. м. нисбат ба дигар зиҳофҳои арўз камистеъмол мебошад.

Мисол: Мунсареҳи мусаддаси матвии М. м. м.:

Берун шуд аз эҳтироқ Баҳром
В-овар зи шоҳи моҳ пайғом. *(Анварӣ)*
мустафъилун / фоилоту / фаълон
— — у —/ — у — у / ~

Раҷази мураббаъи М. м. м.:

Дар сохтмон ҳар рўз
Дорад бародар кор.
Бар дўстон ҷонсўз,
Бар ҳамраҳон ғамхор. *(Фарҳат)*
мустафъилун / фаълон
— — у —/ — ~

**Мақтўъи мусаббағ** (аз *мақтўъ* ва *мусаббағ*), дар илми арўз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/ гузаронидани амалҳои қатъ ва исбоғ ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мустафъилун / — — у —/ ду ҳарфи охири онро партоем, яъне қатъ кунем, «мустафъил» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафъўлунро / — — —/ гузошта, мақтўъ меноманд. Баъди ин, агар дар ҷузви сабаби хафифи охири зиҳофи мақтуф — мафъўлун / — — —/ садоноки «о»-ро афзоянд, яъне ба ҷои садоноки кўтоҳи «у»-и зиҳофи «о»-ро гузоранд, мафъўлун / — — —/ шакли мафъўлон / — — ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. мехонанд. Зиҳофҳои ахрами мусаббағ / — — ~ /, мавқуф / — — ~/, мушаасси мусаббағ / — — ~ / шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи ахрами мусаббағ / — — ~ / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/, зиҳофи мавқуф / — — ~ / аз рукни солими мафъўлоту / — — — у /, зиҳофи мушаасси мусаббағ/ — — ~ / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад, аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/ ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дошта, дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арўзу зарб меояд ва асосан ба баҳри Раҷаз хос аст. М. м. аз ҷумла зиҳофҳои камистеъмоли арўз мебошад.

Мисол: Раҷази мураббаъи М. м.:

Илм аз китоб афзояд,
Дилро чу боғ ороят. *(Фарҳат)*
мустафъилун / мафъўлон
— — у —/ — — ~

Раҷази мураббаъи матвии М. м.:

Сулҳу амонӣ аз мост,
Бахту ҷавонӣ аз мост. *(Мақсуди Гулчин)*
муфтаилун / мафъўлон
— у у —/ — — ~

Раҷази мураббаъи М. м.:

Бобои ман ордендор,
Орденҳо дорад бисьёр. *(Ҳайдаршо)*
мустафъилун / мафъўлон
— — у —/ — — ~

**Маўлӣ** (ар. مولى ), дар илми арўз шакли овозии зиҳофи махбуни макшуфи рукни солими мафъўлоту / — — — у /, ки тавассути амали хабн ва кашф ба вуҷуд меояд. Агар аз мафъўлоту / — — — у / тавассути амали хабн ҳарфи «ф»-ро партоем, мафъўлоту / — — — у / шакли «маулоту» / у — — у /-ро мегирад, баъди ин ба воситаи амали кашф ҳиҷои охири «маўлоту» / у — — у /-ро соқит кунем, аз «маўлоту» / у — — у / М. боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали фаўлун / у — —/-ро гузошта махбуни макшуф меноманд. Шакли овозии зиҳофҳои махбун, мақтуф, мақтўъи махбун, маҳзуф, мухаллаъ ва рукни асосии баҳри Мутақориб фаўлун / у — — / шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна вобастагие надоранд, зеро зиҳофи макшуфи мах-

бун низ аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/, аммо тавассути гузаронидани амалҳои к а ш ф у х а б н, зиҳофи мактуф аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун /у — у у —/, зиҳофҳои мақтӯъи махбун ва мухаллаъ аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун /— — у —/, зиҳофи маҳзуф аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун /у — — —/ ба вуҷуд омада, М. бошад, аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/ ҳосил шудааст.Ниг. низ *Фаӯлун*.

М и с о л:

Мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф

Дар корзори меҳнат не субҳу шом гуфтӣ,
Ман борҳо шунидам як лаҳза ҳам нуҳуфтӣ. *(Боқӣ)*
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / фаӯлун
— — у — / у — — / — — у — / у — —

Мунсареҳи мусаммани махбуни макшуфи мавқуф:

Аз пахтаи шукуфта майдон чу хушнамо буд,
Ҳар пахта чун ситора бар дида пурчило буд. *(Саидалӣ Маъмур)*
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / фаӯлон
— — у — / у — — / — — у — / у — ~

Мунсареҳи мураббаъи махбуни макшуф:

Айём пайсипар шуд,
Накши ҷаҳон дигар шуд.
Шасту камоли дигар
Моро чу болу пар шуд. *(Мастон Шералӣ)*
мустафъилун / фаӯлун
— — у — / у — —

Мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф (ҳ а ш в и якуми мисраи аввал — м а х б у н и м а в қ у ф):

Ман бо ҳавои ин шеър дуньёи роз дорам,
Бар домани муҳаббат дасти ниёз дорам. *(Гулназар)*
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / фаӯлун
— — у — / у — — / — — у — / у — —

Мунсареҳи мураббаъи махбуни макшуф:

Биё, биё, дугона,
Бихон, бихон, тарона!



Бигардам аз забонат,
Зи хандаи лабонат.
Зи рӯи гулфишонат,
Зи ғайрати калонат! *(Фарҳат)*
мафоилун / фаӯлун
у — у — / у — —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мураббаъи мақбузи маҳзуф низ шакли афоили Мунсареҳи мураббаъи махбуни макшуфро дорад.

Мунсареҳи мураббаъи матвии махбуни макшуф:

Боди самo фаромад,
Равзан мо даромад.
Накҳати гул баромад,
Нағмаи дил омад. *(Мақсуди Гулчин)*
муфтаилун / фаӯлун
— у у — / у — —

**Маӯло́т** (ар. معولات ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи махбуни мавқуфи рукни солими мафъӯлоту /— — — у/, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои х а б н у в а қ ф ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/ тавассути амали х а б н, яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷои дарози аввали рукн, ҳарфи «ф»-ро партоем, аз мафъӯлоту «маӯлоту» /у — — у/ боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали «мафойлу» /у — — у/-ро гузошта, махбун мехонанд. Баъди ин агар ба воситаи амали в а қ ф «маӯлоту»-ро сокин кунем, яъне садонокии «у»-ро партоем, «маӯлоту» /у — — у/ шакли М.-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаӯлон /у — —/-ро гузошта, махбуни мавқуф меноманд. М. аз як ватади маҷмӯъ /у — / ва як ҳиҷои якунимҳиҷои / ~ / иборат буда, дар шеър, асосан дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб ва гоҳе дар рукнҳои мобайнӣ (яъне дар ҳашвайн) меояд. Шакли овозии зиҳофҳои мақсур /у — ~ / ва маҳзуфи мусаббағ /у — ~ / низ шакли овозии М.-ро доранд, аммо дар байни онҳо ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагие нест, чунки зиҳофҳои мақсур /у — ~ / ва маҳзуфи мусаббағ /у — ~ / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ мафойлун /у — — —/ ба вуҷуд омада, М. бошад аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у/ ҳосил шудааст.Ниг. низ *Фаӯлун*.

М и с о л:

Мунсареҳи мураббаъи махбуни мавқуф (рукни дуюми мисраи сеюм — м а х б у н и м а к ш у ф):

Деҳқони тоҷик, имрӯз
Чун кӯҳи худ сар афроз,
То шеъри мо ба васфат
Гардад баландпарвоз. *(Боқӣ)*
мустафъилун / фаӯлон
— — у — / у — ~

Мунсареҳи мусаммани махбуни мавқуф (ҳашвайн ва зарб — махбуни макшуф):

Домони ҳиммати мо чун осмон кушодааст,
Ҷавлонгаҳест бехавф ин баҳр нохудоро. *(Мастон)*
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / фаӯлон
— — у — / у — — / — — у — / у — ~

Мунсареҳи мусаммани махбуни макшуфи махбуни мавқуф:

Даст аз талаб надорам, то коми ман барояд,
Ё тан расад ба ҷонон, ё ҷон зи тан барояд. *(Ҳофиз)*
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / фаӯлон
— — у — / у — — / — — у — / у — ~

Мунсареҳи мураббаъи махбуни мавқуф:

Дуньёи субҳгоҳон,
Рангинбаранг метофт,
Як мурғ лона месохт.
Як мурғ дона мекофт. *(Гулрухсор)*
мустафъилун / фаӯлон
— у у — / у — ~

Мунсареҳи мусаммани матвии махбуни макшуфи махбуни мавқуф (ибтидо — солим):

Мурғи қафас надонад қадри гулу гулистон,
Н-ояд зи нағмаи он бӯи баҳору борон. *(Гулназар)*
муфтаилун / фаӯлун / муфтаилун / фаӯлон
— у у — / у — — / — у у — / у — ~

**Маӯлоту́** (ар. معولات ), шакли овозии зиҳофи ***махбуни*** рукни солими мафъӯлоту. Ниг. *Мафоӣлу.*
Мисол:

**Муқтазаби мураббаъи махбуни мақтӯъи махбун:**



Чаро боз наёӣ?
Азобам чӣ намоӣ? (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
мафоӣлу / фаӯлун
у — — у / у — —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазачи мураббаъи макшуфи маҳзуф / мафоӣлу / фаӯлун / ва Мадиди мураббаъи махбун / мафоӣлу / фаӯлун / низ шакли афоили Муқтазаби мураббаъи махбуни мақтӯъи махбунро дорад.

**Маӯлу́н** (ар. معولن ), шакли овозии зиҳофи *мақтӯъи махбуни* рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун. Ниг. *Фаӯлун.*
Мисол:
Рачази мусаммани мақтӯъи махбуни музол:

Даст аз талаб надорам, то коми ман барояд,
Ё тан расад ба ҷонон, ё ҷон зи тан барояд. *(Ҳофиз)*
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / мафоӣл
— — у — / у — — / — — у — / у — ~

Яке аз навъҳои баҳри Мунсареҳ — Мунсареҳи мусаммани макшуфи махбуни мавқуф / мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / мафоӣл / низ шакли афоили Рачази мусаммани мақтӯъи махбуни музолро дорад. Агар байти болоро ба таври:

мафъӯлу / фоилотун / мафъӯлу / фолиён
— — у / — у — — / — — у / — у — ~

*тақтеъ* кунем, Музореъи мусаммани ахраби мусаббағ ба вуҷуд меояд.
Рачази мусаммани мақтӯъи махбун:

Чашмони масти дилбар хушьёр кард моро,
Шуд мехрубону мӯнис, ғамхор кард моро. *(Саидалӣ Маъмур)*
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / фаӯлун
— — у — / у — — / — — у — / у — —

Рачази мураббаъи мақтӯъи махбун:

Шоми сиёҳи мардум,
Чун субҳи босафо шуд,
Иқбол дар табассум
Шодӣ насиби мо шуд.
Бо номи неки Ленин,
Бо номи неки Ленин. *(Ҳайдаршо)*
мустафъилун / фаӯлун
— — у — / у — —

Рақази мураббаъи матвии мақтӯъи махбун:

Абри хаво давонда,
Ашки само чаконда.
Шохаи гул фишонда,
Оташи гул дамонда *(Мақсуди Гулчин)*
муфтаилун / фаўлун
— у у — / у — —

**Маҳзӯз** (ар. محزوز -думбурида), номи дигари зиҳофи аҳази рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун / — — у — /.Ниг. *Аҳаз(з)*.

**Маҳзӯзи мақсӯр** (аз *маҳзуз* ва *мақсур*), номи дигари *аҳаззи мақсур*.

**Маҳзӯзи маҳзӯф** (аз *аҳазз* ва *маҳзуф*), номи дигари *аҳаззи маҳзуф*.

**Маҳзӯф** (ар. محزوف -партофташуда, беруншуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи аз охири рукнҳои мафойлун / у — — — /, фоилотун / — у — — / ва фаўлун / у — — / партофтани як сабаби хафиф / — /, яъне афтидани ҳиҷои охир ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мафойлун ҳиҷои охирро партоем, яъне ҳазф кунем, «мафой» / у — — / (ба ҷояш фаўлун у — — мегузоранд), аз фоилотун «фоило» / — у — / (ба ҷояш фоилун — у — мегузоранд) ва аз фаўлун «фаў» / у — / ба ҷояш фаул у — мегузоранд) боқӣ мемонад, ки онро М. меҳонанд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои муфрад ва серистеъмоли арӯз буда, дар шеър, асосан дар рукнҳои охири байт (ғайри баҳрҳои Тавилу Мадид), яъне дар арӯз ва зарб меояд ва бештар ба баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Мутақориб, Музореъ, Мушокил, Тавил, Мадид хос аст. Зиҳофии аштар / — у — /, марбӯъ / у — /, матвии макшуф / — у — /, макшуфи матвӣ / — у — /, махбуни макшуф (максуф) / у — — /, махбуни мақсур / у — — /, мақтуф / у — — /, мақтӯъи махбун / у — — /, маҷбуб / у — /, мухаллаъ / у — — /, яҷам / — у — / низ шаклҳои афоили М.-ро доранд, аммо ба ин зиҳоф ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аштар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — /, зиҳофи марбӯъ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — /, зиҳофҳои матвии макшуф, макшуфи матвӣ, махбуни макшуф (максуф) аз рукни мафъӯлоту / — — — v /, зиҳофи махбуни мақсур аз рукни мус-тафъи-лун / — — у — /, зиҳофи мақтуф аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — /, зиҳофи мақтӯъи махбун (аз рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи маҷбуб аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /,



зиҳофи мухаллаъ аз рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи аҷам аз рукни асосии баҳри Вофир (мафоилатун) ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукнҳои мафойлун, фоилотун ва фаўлун ҳосил шудааст. Агар дар ҷузъи *сабаби* хафифи М. садоноки «о»-ро афзоянд, яъне ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и рукни фаўлун садоноки дарози «о»-ро гузоранд, фаўлун шакли фаўлонро / у — ~ / мегирад, ки онро М.-и мусаббағ меноманд.

Мисол: Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

Фарьёд аз он рӯзе, ки дар ҷону тани ман,
Афтод зи овози раҳили ту залозил. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаўлун
— — у / у — — у / у — — у / у — —

Рамали мусаммани маҳзуф:

Қардаме ҷон з-остин бар сарву моҳи ту нисор,
Гар маро будӣ ба ҷои даст ҷон дар остин
фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилун
— у — — / — у — — / — у — — / — у —

Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

Оташ агарчи сӯхт тани нотавони ман,
Гул кард ишқу монд ба олам нишони ман. *(Лоҳутӣ)*
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилун
— — у / — у — у / у — — у / — у —

Мутақориби мусаммани маҳзуф:

Ба гулзори мо тозад он Аҳриман,
Бирав гарданашро ба шамшер зан! *(Лоҳутӣ)*
фаўлун / фаўлун / фаўлун / фаул
у — — / у — — / у — — / у —

Қариби мусаддаси ахраби макфуфи маҳзуф:

Бо банда, бӯто, хира бад шудӣ,
Кас роҳ нанамудат, ки худ шудӣ (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / мафойлу / фоилун
— — у / у — — у / — у —

Тавили мусаммани арӯз — мақбуз, зарб — маҳзуф:

Нигоре кучо ҳамто ба хубӣ надонамаш,

фаўлун / мафойлун / фаўлун / мафоилун
у — — / у — — — / у — — / у — у —
Чӣ гӯй, киро бошад ба ишқаш сабурӣ?
фаўлун / мафойлун / фаўлун / фаўлун
у — — / у — — — / у — — / у — —

Мадиди мусаддаси маҳзуф:

Зиндагонӣ талх кардӣ маро,
Зиндагонӣ бе ту н-ояд ба кор. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилотун / фоилун / фоилун
— у — — / — у — / — у —

**Маҳзӯфи аҳазз** (аз *маҳзуф* ва *аҳазз*), ниг. *Маҳзуфи мусаббағ*.

**Маҳзӯфи матмӯс** (аз *маҳзуф* ва *матмус*), ниг. *Маҳзуфи мусаббағ*.

**Маҳзӯфи мақсӯр** (аз *маҳзуф* ва *мақсур*), номи дигари зиҳофи *аслам*.

**Маҳзӯфи мақтӯъ** (аз *маҳзуф* ва *мақтӯъ*), ниг. *Аслам*.

**Маҳзӯфи мақтӯъи махбӯн** (аз *маҳзуф*, *мақтӯъ* ва *махбун*), ниг. *Марбӯъ*.

**Маҳзӯфи мусаббағ** (аз *маҳзуф* ва *мусаббағ*), номи дигари зиҳофи мақсури рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/. Ниг. *мақсур*.

**Маҳҷӯб** (ар. محجوب -пӯшида, пинҳон, нопадид), дар илми бадеъи классикӣ шеъреро гӯянд, ки дар байни ду қофияи он ҳоҷиб омада бошад. Ниг. *Ҳоҷиб*.

**Маҷбӯб** (ар. مجبوب -хасӣ кардашӯда, ахта кардашуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натичаи партофтани ду *сабаби* хафифи рукни мафойлун / у — — — / ба вуҷуд меояд. Ин зиҳофро арӯзиёни аҷам баъди *Халил ибни Аҳмад* ихтироъ кардаанд. Агар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ду ҳиҷои охири онро партоем, «мафо» / у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаул / фаал у — / гузошта М. меноманд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои муфрад буда, дар шеър, фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб истифода мешавад. Ин зиҳоф асосан, дар вазни рубой серистифода мебошад. Зиҳофҳои марбӯъ / у — /, махбуни мақтӯъ / у — /, маҳзуф / у — /, мухаллаъ / у — / шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи марбӯъ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/, зиҳофҳои махбуни мақтӯъ ва мухаллаъ аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фонлун / — у — /, зиҳофи



маҳзуф аз рукни асосии баҳри Мутақориб — фаўлун / у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / тавассути амали ҷ а б (б) ҳосил шудааст.

М и с о л: Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи М.:

Имрӯз ҳавои боғ дорад дили ман,
Савдои ту дар димоғ дорад дили ман.
Савдои ту аз димоғ берун нашавад,
Мисли гули лола доғ дорад дили ман. (*Фольклор*)
мафъӯлу / мафоилун / мафойлу / фаул
— — у / у — у — / у — — у / у —

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи М.: (а р ӯ з — а х т а м):

Бо ин ҳама дар роҳ агар хок шавем,
Шоиста набошем қадамҳои туро. (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаул
— — у / у — — у / у — — у / у —

Ҳазаҷи мусаммани макфуфи М.:

Бо завқ ба гулзору чаман менигарам,
Бар ҷилваи ҳар сарву суман менигарам.
Аз булбули шӯрида наво мешунавам,
Бар ошиқи дилсӯхта ман менигарам.
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаул
— — у / у — — у / у — у / у —

Ҳазаҷи мусаммани ахраби М.:

Аз доираи ёрон берун нашавам,
Шояд, ки зи маҳчурӣ дилхун нашавам.
Аз отифати ҷамъияят бахраварам,
Бар шеваи танҳоӣ афсун нашавам,
мафъӯлу / мафойлун / мафъӯлу / фаул
— — у / у — — — / — — у / у —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами ахраби макфуфи М.:

Ёре дорам ҳар суханаш шаҳду шакар,
Хуштар бошад чеҳрааш аз лолаи тар.
Меболам, монанди гул, аз хандаи ӯ,
Мефорад бар ман, кунад аз меҳр назар.
мафъӯлун / мафъӯлу / мафойлу / фаул
— — — / — — у / у — — у / у —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами ахраби М.:

Олам меафрӯзад хуршеди саҳар,
Дар партав метобад ҳар кӯҳу камар.
Дигар бо диққат бар саҳро бинигар,
Мехнат мебахшад беандоза самар.
мафъӯлун / мафъӯлун / мафъӯлу / фаул
— — —/— — —/— — у / у —

Ҳазаҷи мусаммани ахрами аштари макфуфи М.:

Метарсам аз дасисаи качназарон,
Метарсам аз тамаллуқи бехунарон.
Метарсам аз тавозӯъи нохалафон,
Метарсам аз даовии бебасарон.
мафъӯлу / фоилун / мафойлу / фаул
— — у/— у — /у — — у / у —

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи М. (зарб — *аҳтам*):

Бо ту натавон гуфт сухан,
Онро, ки туи шоҳи бутон. (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
мафъӯлу / мафойлу / фаул
— — у / у — — у / у —

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби М.:

Аз одамиён ҳамчун парӣ,
Чун баргузарӣ дил мебарӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / мафойлун / фаул
— — у / у — — —/ у —

Ҳазаҷи мусаддаси аштари М.:

Ҳар саҳар ба мактаб меравам,
Бо падар ба мактаб меравам. *(Фарҳат)*
фоилун / мафойлун / фаул
— у —/ у — — —/ у —

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи М.:

Дар пушти дари хонаи ман,
Сар монда ба домони само.
Чун гунбади сабзест чанор,
Орои деҳи хуррами мо. *(Мақсуди Гулчин)*
мафъӯлу / мафойлу / фаул
— — у / у — — у / у —



Ҳазаҷи мусаммани ахраби М.:

Ҳандида биё, ёрат манаме,
Гул чида биё, чонат манаме. *(Халқӣ)*
мафъӯлу / фаал / мафъӯлу / фаал
— — у /у — /— — у / у —

Агар ин байтро ба таврӣ:

мустафъилатун / мустафъилатун
— — у у —/— — у у —

*тақтеъ* кунем, баҳри Рачази мураббаъи мураффали мақсур ном мегирад.

**Маҷбуби мавқуф** (аз *маҷбуб* ва *мавқуф*), Насируддини Тӯсӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» шакли овозии фоъ / ~ /-ро дар рукни фоилотун чунин номидааст. Мисол: Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуби мавқуф *(зарб — макфуфи мақсуф)*:

Гулнор зард ҳамчу шаҳи чиниён,
Дебо ба сар (на) дораду заррин камар.
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоъ
— — у / — у — у / у — — у / ~

**Маҷбуби мақсуф** (аз *маҷбуб* ва *макфуф*), Насируддини Тӯсӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» зиҳофи фаъ / — /-ро чунин номидааст.

Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуби мақсуф:

Гулнор зард ҳамчу шаҳи чиниён,
Дебо ба сар (на) дораду заррин камар. (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фаъ
— — у /— у — у / у — — у / —

**Маҷдӯъ** (ар. مجدوع -буридашуда, бинибурида, гӯшбурида, лаббурида), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натичаи партофтани ду *сабаби* хафифи аввал ва сокин кардани ҳичои охири рукни мафъӯлоту / — — — у / ба вучуд меояд. Ин зиҳофро арӯзиёни ачам баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Агар аз рукни солими мафъӯлоту /— — — у / ду ҳичои дарози аввал / «мафъӯ» — —/ ва ҳарфи охири онро («у»-ро) партоем, «лот» / ~ / боқӣ мемонад, ки ба чои он рукни мустаъмали «фоъ» / ~ / гузошта, М. меноманд. М. аз чумлаи з и ҳ о ф ҳ о и м у р а к к а б е с т, ки номи м у ф р а д дорад ва дар шеър

фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. Зиҳофҳои азалл / ~ /, аҳаззи мақсур, маҷҳуфи мусаббағ / ~ /, маслух / ~ / шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи азалл аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи аҳаззи мақсур аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи маслух аз рукни солими фоъи-ло-тун / — у — — /, зиҳофи маҷҳуфи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотон / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. М. нисбат ба дигар зиҳофҳои арӯз камистеъмол буда, бештар ба баҳрҳои Сареъю Мунсареҳу Муқтазаб хос аст.

Мисол: Сареъи мусаддаси матвии мақтӯъи М.:

Эй гули рӯят сунбулхез,
Зулфи сиёҳат оташбез. *(Ҷомӣ)*
муфтаилун / мафъӯлун / фоъ
— у у — / — — — / ~

Мунсареҳи мусаммани мақтӯъи матвии мақтӯъи М. (ибтидо ва ҳашви дуюми мисраъи дуюм — матвӣ):

Рохе осону рост бигзин, эй дӯст,
Дур шав аз роҳи бекаронаи тарфанҷ. *(Рӯдакӣ)*
мафъӯлун / фоилоту / мафъӯлун / фоъ
— — — / — у — у / — — — / ~

Мунсареҳи мусаммани матвии М.:

Хуб яке нукта ёдам аст зи устод,
Гуфт: «Нагашт офарида чизи беҳ аз дод». *(Носири Хисрав)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фоъ
— у у — / — у — у / — у у — / ~

**Маҷзӯв** (ар. مجزو -қисматшуда), дар илми арӯз баҳре ё байтеро гӯянд, ки аз асли доираи он рукне аз охири мисраъи аввал ва рукне аз охири мисраъи дуюм партофта бошанд. Мас., агар баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, ки дар асли доираи арӯзи форсӣ-тоҷикӣ мусамман аст, дар шакли мусаддас биоянд, М. мешаванд.

Мисол: Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф:

Ватан, меҳрат ба дил азбаски ҷо шуд,
Дилам аз ҳуррамӣ чун ғунча во шуд. *(Мирзо Турсунзода)*
мафойлун / мафойлун / фаӯлун
у — — — / у — — — / у — —



Рамали мусаддаси солим:

Эй нигоринрӯй дилбар, з-они мой,
Рух макун пинҳон, чу андар ҷони мой. *(Сайфӣ)*
фоилотун / фоилотун / фоилотун
— у — — / — у — — / — у — —

Раҷази мусаддаси солим:

Соқӣ, баҳор омад, манеҳ соғар зи каф,
Мутриб, шуда оварданӣ ҳангоми даф. *(Ҳайрат)*
мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун
— — у — / — — у — / — — у —

Мутақориби мусаддаси солим:

Зи дарди ҷудой чунонам,
Ки аз зиндагонӣ ба ҷонам. *(Сайфӣ)*
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун
у — — / у — — / у — —

Хулоса, агар баҳрҳои Музореъ, Муҷтасс, Мунсареҳ ва Муқтазаб, ки дар доираҳои арӯзи форсӣ-тоҷикӣ дар шаклҳои мусамман ҷой гирифтаанд, ки дар шеър шакли мусаддас ва баҳрҳои Қариб, Мушокил, Ҷадид, Ҳафиф, Сареъ, ки дар доираҳои арӯз дар шаклҳои мусаддас ҷой гирифтаанд, дар шеър дар шакли мураббаъ оянд, М. мешаванд.

**Маҷзӯл** (ар. مجزول -бофасоҳат, фасеҳшуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / гузаронидани амали ҷазл (хазл) ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мутафоилун / у у — у — / тавассути амали измор ҳиҷои дуюми онро сокин гардонем, яъне ҳарфи чоруми мутафоилун «а»-ро партоем, «мутфоилун» / — — у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафъилун / — — у — /-ро гузошта *музмар* мехонанд. Баъди ин, агар ба ҷои садоноки дарози «о»-и мутфоилун» садоноки кӯтоҳи «а»-ро гузорем, «мутфоилун» / — — у — / шакли мутфаилун / — у у — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали муфтаилун / — у у — /-ро гузошта М. ё мухаззал меноманд. Ҳарчанд шакли овозии зиҳофҳои *матвӣ* ва *маҳзуб* меноманд бошад ҳам, аммо ба ҳамдигар ҳеҷ ба шакли овозии М. монанд бошад ҳам, аммо ба ҳамдигар ҳеҷ гуна вобастагӣ надоранд, чунки зиҳофи матвӣ / — у у — / аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи маҳзуб / — у у — / аз рукни асосии баҳри Вофир —

мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд омада, М. бошад, аз рукни асосии баҳри Комил ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи муфрад дорад ва дар шеър, қариб дар ҳамаи рукнҳои байт, яъне дар садру арӯзу ибтидою зарбу ҳашвайн меояд М. нисбат ба дигар зиҳофоти арӯз камистеъмол буда, фақат ба баҳри Комил хос аст.

Мисол:

Комили мусаддаси мавқуси М. (ҳашви мисраъи якум — *мавқус*):

Аз он ду чашмакони пурфиреби ӯ
Ачаб набошад, ки барад шикасти ӯ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / муфтаилун / мафоилун
у — у — / — у у — / у — у —

**Маҷзӯли мураффа́ли махбӯни мақсӯр** (аз *маҷзул, мураффал, махбун* ва *мақсур*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / гузаронида амалҳои ҷазл (хазл), тарфил, хабн, қаср ё ин ки кӯтоҳ кардани ҳиҷои сеюми он ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мутафоилун / у у — у — / тавассути амали изморҳиҷои дуюми мутафоилунро / у у — у — / сокин гардонем, яъне ҳарфи чоруми он «а»-ро партоем, аз мутафоилун / у у — у —/, «мутфоилун» / — — у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафъилун / — — у —/-ро гузошта *музмар* меҳонанд. Баъди ин, агар ба ҷои садоноки дарози «о» садоноки кӯтоҳи «а»-ро гузорем, «мутфоилун» / — — у — / шакли мутфаилун / — у у —/-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали муфтаилун / — у у —/-ро гузошта маҷзул ё мухаззал меноманд. Сипас ба воситаи амали тарфил ба охири рукни мутфаилун як ҳиҷои дароз, яъне «тун» / —/-ро илова кунем, мутфаилунтун / — у у — — / ҳосил мешавад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мутфаилотун / — у у — — /-ро гузошта маҷзули (мухаззали) мураффал; баъди ин ба воситаи амали хабн, ҳарфи сеюми он, яъне «т»-ро партоем, «муфаилотун» / у у у — — / ҳосил мешавад. Дар охир, агар ба воситаи амали қаср, ҳиҷои чоруми «муфаилотун» / у у у — — /-ро кӯтоҳ кунем, яъне ба ҷои садоноки «о» садоноки кӯтоҳи «а»-ро гузорем, муфаилатун / у у у у — /-ро гузошта М. меноманд. Агар ҳиҷои чаҳоруми рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/-ро кӯтоҳ кунем, яъне ба ҷои садоноки дарози «о» садоноки кӯтоҳи «а»-ро гузорем, мутафоилун / у у — у — / шакли мутафаилун / у у у у — /-ро мегирад, ки онро М. меноманд. Шакли овозии зиҳофи рукни асосии баҳри Рачаз — мураффали махбуни матвии мақсур низ ба шакли овозии М. монанд аст.



М. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър қариб дар ҳамаи рукнҳои байт, яъне дар садру ибтидою арӯз, зарб ва ҳашвайн омада метавонад. М. аз ҷумлаи зиҳофоти камистеъмоли арӯз буда, фақат ба баҳри Комил хос аст.

Мисол:

Комили мусаммани маҷзули мураффали махбуни мақсур:

Шакарак аз он ду лабаки ту бичинам, агар ту яла кунӣ,
Ба сараки ту, ки бизанамат ба бадар, агар ту гила кунӣ (*Унсурӣ*)
мутафаилун / мутафаилун / мутафаилун / мутафаилун
у у у у — / у у у у — / у у у у — / у у у у —

**Маҷзӯли мураффа́ли махбӯни мақсӯри мувасса́** (аз *маҷзул, мураффал, махбун, мақсур* ва *мувассаъ*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/, ки тавассути гузаронидани амалҳои ҷазл, тарфил, хабн, қаср, тавсеъ ба вуҷуд меояд. Агар ба шакли овозии зиҳофи маҷзули мураффал махбуни мақсур — мутафаилун / у у у у —/ як ҳиҷои кӯтоҳро илова кунем, мутафаилун / у у у у —/ шакли мутафаилатун / у у у у у —/-ро мегирад, ки онро М. мехонанд. М. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър дар ҳамаи аркони байт, яъне дар садр, ибтидо, арӯз, зарб ва ҳашвайн меояд. Ин зиҳоф бениҳоят камистеъмол буда, баъзан дар баҳри Комил истифода мешавад. М. аз ҷиҳати таркиб ягона шаклест, ки *фозилаи* куброро ташкил медиҳад. Дар байти поёнӣ рукни якуми он аз зиҳофи М. сохта шудааст.

Шапалак агар ояд ба гулзор,
Гулу гияҳи морост бозор. (*Мақсуди Гулчин*)
мутафаилатун / фоилйён
у у у у у —/— у —

**Маҷзӯли мураффа́ли махбӯни мақсӯри мувасса́ъи музо́л** (аз *маҷзул, мураффал, махбун, мақсур, мувассаъ* ва *музол*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/, ки дар натиҷаи ба шакли овозии зиҳофи маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъ — мутафаилатун / у у у у у —/ гузаронидани амали изолат ба вуҷуд меояд. Агар тавассути амали изолат ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и шакли овозии зиҳофи маҷзули мураффали махбу-

ни мақсури мувассаъ — мутафаилатун / у у у у у — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мутафаилатун / у у у у у — / шакли мутафаилатон / у у у у у ~ /-ро мегирад, ки онро М. меноманд. М. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад. Зиҳофи М. бениҳоят камистеъмол буда, дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд. М. фақат ба баҳри Комил хос аст. Дар ин навъи зиҳоф касе шеър нагуфтааст.

**Маҷзӯли мураффа́ли махбу́ни мақсу́ри музо́л** (аз *маҷзул, мураффал, махбун, мақсур* ва *музол*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — /, ки дар натиҷаи ба шакли овозии зиҳофи *маҷзули мураффали махбуни мақсур* — мутафаилун / у у у у — / гузарондани амали изолат ба вуҷуд меояд. Агар тавассути амали изолат ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и шакли овозии зиҳофи маҷзули мураффали махбуни мақсур — мутафаилун / у у у у — / садоноки «о»-ро гузорем, мутафаилун / у у у у — / шакли мутафаилон / у у у у ~ /-ро мегирад, ки онро М. мехонанд. М. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд. М. камистеъмолтарин зиҳоф буда, шоире дар шеър онро истифода накардааст.

**Маҷро́** (ар. مجرى -гузаргоҳ, ҷои равон шудани об), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз ҳаракатҳои қофияи мутлақро гӯянд. Дар асл М. ҳарфи садоноки кӯтоҳи «а» мебошад, ки дар қофияи мутлақ (қофияе, ки дар он ҳарфи асосии решагӣ — *равӣ* ба ҳарфи *васл* пайванд нашудааст) баъди равӣ омада, ҳарфҳоеро, ки ба вазифаи васл омадаанд, ба ҳарфи равӣ пайваст менамояд. Шояд дигар садонокҳои кӯтоҳ (яъне ҳаракатҳо) ба вазифаи М. оянд, аммо аз мисолҳое, ки то имрӯз дастраси мо шудаанд, маълум гардид, ки қариб дар ҳама мавриди фақат садоноки «а» вазифаи М.-ро иҷро менамояд. Мисол:

Раият ба зулми ту чун олиманд,
Зи зулми ту бар якдигар золиманд. *(Ҷомӣ)*
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаӯл
у — — / у — — / у — — / у ~

Дар ин байти Ҷомӣ, ки дар баҳри Мутақориби мусаммани мақсур суруда шудааст, калимаҳои «олиманд»-у «золиманд» қофия буда, решаи ҳарду қофия аз «олиманд» сохта шудааст, ки ҳарфи «о» ба вазифаи *таъсис*, ҳарфи «л» ба вазифаи *дахил*, садоноки «и» ба вазифаи *тавҷеҳ*, ҳарфи «м» ба вазифаи равии мут-



лақ (азбаски ҳарфи равӣ дар қофия ҳарфи асосӣ ва охирини решагии калима мебошад, агар равӣ ба ҳарфи васл часпида бошад, онро равии мутлақ ва чунин қофияро низ қофияи мутлақ меноманд, дар сурате, ки равӣ ба васл начаспида бошад, онро равии муқайяд ва он қофияро низ қофияи муқайяд мегӯянд), садоноки «а» ба вазифаи М., ҳамсадои «н» ба вазифаи *васл* ва ҳамсадои «д» ба вазифаи *хурӯҷ* омадаанд. Қариб тамоми адабиётшиносони гузаштаи адабиёти форс-тоҷик дар ин ақидаанд, ки такрори М. дар қофияҳои мутлақ ҳатмӣ аст. Мисол:

Ҳар касе дар тоате бигрехтанд,
Хештанро михлисе ангехтанд. *(Ҷалолуддини Румӣ)*
фоилотун / фоилотун / фоилон
— у — — — / — у — — / — у ~

Дар ин байт (вазнаш Рамали мусаддаси мақсур) калимаҳои «бигрехтанд» ва «ангехтанд» қофия ва ҷузвҳои «ехтанд»-и ҳарду калима решаи қофия буда, «е» ридфи муфрад, «х» ридфи зоид, «т» равии мутлақ, «а» М., «н» васл, «д» хурӯҷ мебошанд. Чи тавре ки мебинем, дар ҳар ду мисол М. аз садоноки кӯтоҳи «а» сохта шудааст.

*Маҷҳулулҳаракá* (ар. مجهول الحركه -номаълумҳарака), дар илми арӯз ҳиҷои кӯтоҳеро / у / гӯянд, ки дар натиҷаи кашиши раво ба вуҷуд меояд. Мувофиқи қоидаи илми арӯз ҳангоми *тақтеъи* шеър, агар тавассути ҳаракa ҳиҷои кӯтоҳи «у» / у / ҳосил шаваду кашиш дар ҳолати мӯътадил воқеъ гардад ва вазни шеър аз қоидаи маъмулӣ берун набарояд, онро кашиши раво ҳисоб мекунанд. Арӯздонони гузашта ҳамин гуна ҳиҷоро М. номидаанд.

Мисол:

Ёр мерафту оҳ мекардам
В-аз паи ӯ нигоҳ мекардам.
фоилотун / мафоилун / фаълун
— у — — / у — у — / — —

Дар мисраъи якум калимаҳои «ёр», «оҳ» ва дар мисраъи дуюм калимаи «нигоҳ» ҳангоми талаффуз ба кашиши раво дучор гардида, тавассути ҳаракати замма (пеш) ҳиҷои кӯтоҳи «у» / у / ҳосил шудааст ва дар натиҷаи ҳиҷоҳои мисраъи якуму дуюм баробар гардидаанд.

Ё-ру-ме-раф-ту-о-ҳу-ме-кар-дам,
Ваз-па-и-ӯ-ни-го-ҳу-ме-кар-дам.
фоилотун / мафоилун / фаълун
— у — — / у — у — / — —

**Маҷҳӯф** (ар. مجحوف -нуқсдор, нуқсдоршуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / гузаронидани амали х а б н ва партофтани *фосилаи* суғро ба вуҷуд меояд. Ин зиҳофро арӯзиёни Аҷам баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Агар рукни асосии баҳри Рамал — фоилотунро х а б н кунем, яъне ҳиҷои дарози якуми онро кӯтоҳ намоем, аз фоилотун / — у — — / фаилотун / у у — — / боқӣ мемонад, баъди ин агар аз фаилотун ф о с и л а и с у ғ р о, яъне «фаило»-ро / у у — / партоем, «тун» боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали «фаъ»-ро гузошта М. мехонанд. Зиҳофҳои абтар / — /, манҳур / — /, матмус / — /, маҳзуф / — /, маҳзуз / — / шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надорад, зеро зиҳофи абтар / — / аз рукнҳои асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ва баҳри Мутақориб — фаӯлун / у — —/, зиҳофи манҳур / — / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи матмус / — / аз рукни солими фоило-тун / — у — —/, зиҳофҳои маҳзуф / — / ва маҳзуз / — / аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи м у ф р а д дорад ва дар шеър, фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд. Агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «а»-и афоили «фаъ» садоноки дарози «о»-ро гузорем, «фаъ» шакли «фоъ» / ~ /-ро мегирад, ки онро м а ҷ ҳ у ф и м у с а б б а ғ меноманд. М. нисбат ба дигар зиҳофҳо камистеъмол буда, бештар ба баҳрҳои Рамал ва Муҷтасс хос мебошад.

Мисол: Рамали мусаммани махбуни мушаасси махбуни М. (с а д р — с о л и м), ҳашви якуми мисраъи аввал махбун:

Гар ҳама неъмати якрӯза ба мо бахшад,
Наниҳад миннат бар мову пазирад ҳан. *(Рӯдакӣ)*
фаилотун / мафъӯлун / фаилотун / фаъ
у у — — / — — — / у у — — / —

Рамали мусаммани махбуни М. (х а ш в и якуми мисраъи дуюм — м у ш а а с с):

Рост кун тораму ороста кун гулшан,
Тоза кун ҷонҳо, ҷоно, ба майи равшан. *(Масъуди Саъди Салмон)*
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаъ
— у — — / у у — — / у у — — / —



Рамали мусаммани махбуни М.:

Эй ситамгар фалак, эй хоҳари аҳриман,
Чун нагӯй, ки чӣ афтода туро бо ман? *(Носири Хисрав)*
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаъ
— у — — / у у — — / у у — — / —

Муҷтасси мусаммани махбуни М.:

Асири меҳнати он рӯи чун нигорам,
Бикард фуркати ӯ талх рӯзгорам. *(аз «Ал-мӯъҷам»)*
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаъ
у — у — / у у — — / у — у — / —

Муҷтасси мусаммани махбуни мушаасси махбуни М.:

Снёҳчашмо, ин дил чи гуна бурдӣ,
Кунун, ки бурдӣ, боре бад-ӯ чӣ кардӣ/ *(аз «Ал-мӯъҷам»)*
мафоилун / мафъӯлун / мафоилун / фаъ
у — у — / — — — / у — у — / —

Муҷтасси мусаммани махбуни М. (ҳ а ш в и якуми мисраъи дуюм — м у ш а а с с, зарб — М.-и м у с а б б а ғ):

Дили пуроташу чашме пуроб дорам,
Аз он ки бо ман бадхӯ шудаст чунон. *(аз «Меъёр-ул-ашъор»)*
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаъ
у — у — / у у — — / у — у — / —

**Маҷҳӯфи мусаббағ** (аз *маҷҳуф* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рамал — фоилотон / — у — — / гузаронидани амалҳои ҷ а ҳ ф ва и с б о ғ ба вуҷуд меояд. Агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «а» афоили зиҳофи маҷҳуф — фаъ / — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, «фаъ» шакли «фоъ» / ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. Ин зиҳофро низ арӯзиёни Аҷам баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Зиҳофҳои азалл / ~ /, аҳаззи мақсур / ~ /, маслух / ~ /, маҷдӯъ / ~ / шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи азалл / ~ / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи аҳаззи мақсур / ~ / аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи маслух / ~ / аз рукни солими фои-ло-тун / — у — — /, зиҳофи маҷдӯъ / ~ / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ба вуҷуд омада, зи-

ҳофи М. м. бошад, аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои м у р а к к а б е с т, ки номи м у р а к к а б дорад, ва дар шеър, фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. М. м. нисбат ба дигар зиҳофоти арӯз камистеъмол буда, бештар ба баҳрҳои Рамалу Муҷтасс ва Ҳафиф хос аст.

М и с о л:

Рамали мусаммани М. м.:

Зинҳор, эй дил, барнадеҳ туркаки ман зуд,
Бода пеш овар, ки ғамро бода донам суд. *(Масъуди Саъди Салмон)*
фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоъ
— у — — / — у — — / — у — — / ~

Муҷтасси мусаммани махбуни М. м.:

Бикост собирию оби дида бифзуд,
Дил аз нишот тиҳӣ гашт, тан бифарсуд. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фоъ
у — у — / у у — — / у — у — / ~

Муҷтасси мусаммани махбуни мушаасси махбуни М. м. (ҳашви якум ва дуюми мисраъи якум — м а х б у н, арӯз — м а ҷ ҳ у ф):

Диле пуроташу чашме пуроб дорам,
Аз он ки бо ман бадхӯ шудаст ҷонон. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / мафъӯлун / мафоилун / фоъ
у — у — / — — — / у — у — / ~

Ҳафифи мусаддаси махбуни М. м.:

Ҳар куҷое, ки руст янтоқ,
Гашт он ҷой боғ имрӯз. *(Мақсуди Гулчин)*
фоилотун / мафоилун / фоъ
— у — — / у — у — / ~

**«Меъёри ҷамолӣ»** معیار جمالی рисолаи адиб ва донишманди а. 14 форс-тоҷик *Шамси Фахрӣ* дар боби илмҳои арӯз, қофия ва бадеъ. Шамси Фахрӣ ин асарро с. 1344 ба шарафи ҳокими Шероз — Ҷамолуддини Абӯисҳоқ таълиф намудааст. «М. Ҷ.» аз 4 қисм иборат буда, се қисми аввали он дар хусуси илмҳои машҳури шеър — арӯз, қофия ва бадеъ баҳс мекунад. Муаллиф дар навиштани ин бобҳо асосан ба *«Ал-мӯъҷам»*-и Шамси Қайси Розӣ такья намуда, дар фасли авва-



ӣ он истилоҳоти маъмули илми арӯз рукн, афоил, зиҳоф, илал, ватад, сабаб, фосила, доираҳои авзони арӯз ва баҳрҳое, ки аз ин ҳо берун меоянд (Ҳазаҷ, Раҷаз, Рамал, Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсарех, Муқтазаб), шаҷараҳои ахрабу ахрам, навъҳои мухталифи баҳрҳои арӯз, зиҳофҳои серистеъмоли абтар, аҳтам, шалл, маҷбуб, макфуф, мақбуз, махбун, аштар, мақсур, маҳзуф, махбун, маъсуб, мақтӯъ, музол, мусаббағ, мураффал, мутаввал, машкул ва ғ.-ро шарҳ додааст. Дар фасли дуюм, яъне дар қисмати илми қофия бошад доир ба унсурҳои қофия — рави, таъсис, дахил, ридф, қайд, васл, хурӯҷ, мазид, ноира ва ҳаракаҳо — рас, ишбоъ, ҳазв, тавҷеҳ, маҷро, нафоз, инчунин оиди равии муқайяд ва равии мутлақ, айбҳои қофия — икфо, акво, ито ва ғ. сухан меронад. Қисми сеюми «М. Ҷ.» мухтасар бошад ҳам, дар он муаллиф дар бораи таҷнис ва навъҳои он, такрир, мутобақа, ташбеҳ ва навъҳои он, тарсеъ, иҳом, иғрок, истиора, тамсил, тақсим, талмеҳ, тавшеҳ, тасмит, хусни матлаъ ва мақтаъ, адаби талаб ва баъзе истилоҳоте, ки ба анвоъи назм таалук доранд, маълумот медиҳад. Қисми чаҳоруми «М. Ҷ.» як навъ фарҳанги мухтасари тафсирист, ки дар он қариб 1600 калиман маҷҳул ва каммаъмули форсӣ-тоҷикиро мувофиқи тартиби алифбо аз рӯи ҳарфи охир шарҳ дода шудааст. Муаллиф дар ин қисмати асараш аз «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ истифода кардааст. Агар Шамси Қайсӣ Розӣ дар «Ал-мӯъҷам», Рашиди Ватвот дар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ва Асадии Тӯсӣ дар «Луғати фурс» ҳангоми шарҳи истилоҳоти илми арӯзу қофияю саноъи шеърию калима ва таъбирҳо аз ашъори шоирони гузашта ва муосири худ мисолҳои шеърӣ оварда бошанд, Шамси Фахрӣ асосан шеърҳои худро чун шоҳид истифода бурдааст. Дар мавриди шарҳи луғатҳои алоҳида низ абъёти худро мисол овардааст. Дар байни аҳли илму адаб, асосан қисми чоруми «М. Ҷ.» машҳур гардида, минбаъд ин қисмат бо номҳои «Фарҳанги Шамси Фахрӣ», «Луғати фурс», «Луғати фурси қадим» зикр ёфтааст. Донишманди машҳури рус К. Г. Зеленман с. 1885 дар Қазон қисми чаҳоруми «М. Ҷ.»-ро бо номи «Луғати фурс»-и Шамси Фахрӣ ва донишманди эронӣ — Содиқ Киё с. 1929 чоруми «М. Ҷ.»-ро бо унвони «Вожаноман форсӣ» дар Теҳрон бо чоп расонид. Дигар қисматҳои «М. Ҷ.» то имрӯз ба табъ нарасидааст. Ҳарчанд «М. Ҷ.» дар заминаи асарҳои «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашиди Ватвот, «Ал-мӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ ва «Луғати «фурс»-и Асадии Тӯсӣ таълиф ёфтааст, барои муайян намудани афкори адабию илмии муаллифи он ва сайри таърихии илми бадеъи классикӣ маъхази зарурӣ мебошад.

**«Меъёр-ул-ашъор»** معیار الاشعار рисолаи адиб ва му-

тафаккири бузурги тоҷик Насируддини Тӯсӣ дар боби илми арӯз ва қофияи шеъри арабию тоҷикӣ, ки с. 1254 таълиф мудааст. «М.» аз мукаддима, ки дорои 3 фасл аст ва ду фанн (боб) фанни 1-ум «Дар илми арӯз 10 фасл аст», фанни 2-юм «Дар илми қофия он 10 фасл аст») иборат аст. Муаллиф дар фанни 1-ум системаи илми арӯзи Халил ибни Аҳмадро мувофиқи фаҳмиши худ таҳқиқ намуда, роҳҳои татбиқи онро дар шеъри арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ нишон додааст. Вай вобаста ба талаботи забони форсӣ-тоҷикӣ панҷ баҳри махсуси шеъри арабиро, яъне Мухталифа ва Мӯъталифаро барои арӯзи аҷам нолозим шуморида бошад ҳам, дар асл ҳаман ин баҳрҳоро бо навъҳои гуногуни онҳо шарҳ ва тавзеҳ додааст. Барои ҳамин, аввал вай оиди панҷ доираи арӯзи араб Мухталифа, Мӯътали-фа, Муҷталиба, Муштабаҳа, Муттафиқаро мухтасар маълумот дода, сипас барои арӯзи аҷам панҷ доираи зеринро ҳатмӣ ме-донад: Муҷталибаи солима (Ҳазаҷ, Рақаз ва Рамал дар шакли мусаммани солим), Муҷталибаи музоҳафа (Ҳазаҷи мусаммани макфуф, Рақази мусаммани матвӣ, Рамали мусаммани мах-бун), Муштабаҳаи мусаммана (Мунсареҳи мусаммани матвӣ, Музореъи мусаммани макфуф, Муҷтасси мусаммани махбун, Муқтазаби матвӣ), Муштабаҳаи мусаддаси (Сареъи мусадда-си матвӣ, Қариби мусаддаси макфуф, Хафифи мусаддаси мах-бун, Ҷадиди мусаддаси махбун, Мушокили мусаддаси макфуф), Муттафиқа (Мутақориби мусаммани солим, Мутадорики му-саммани солим). Муаллиф дар тадқиқи арӯзи форсӣ-тоҷикӣ роҳеро пеш гирифтааст, ки дар усули муҳаққиқони дигар кам мушоҳида мешавад. Вай ҳангоми таҳқиқ ду манбаъи асосии арӯз — мусиқӣ ва овозӣ (фонетики)-и онро таъкид намуда, тобишҳои гуногуни арӯзро нишон медиҳад. Дар ин асар (мах-сусан, дар фасли нӯҳуми фанни 1-ум), қариб тамоми истило-ҳоти маъмули илми арӯз: ватад, сабаб, фосила, рукн, зиҳоф, Ҳазаҷ, Рамал, Рақаз, Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсарех, Муқта-заб, абтар, аштар, ахраб, ахрам, ахрами макфуф, маҷбуб, мах-зуф, мақсур, мураффал, мутаввал, матвӣ, махбун, мақбуз, му-заффо, арӯз, зарб, садр, ибтидо, ҳашв ва ғ. шарҳу тафсир до-да мешавад. Ҳангоми маънидоди зиҳоф ва истифодаи он дар ашъори арабу аҷам муаллиф роҳи тамоман навро пеш гириф-та, таъкид намудааст, ки зиҳоф дар шеър як навъ воситаест, ки тавассути он вазнҳои гуногун ва серистеъмолро ном мегу-зоранд. Дар мавриди таҳлили қофия ва истилоҳоти ин илм На-сируддини Тӯсӣ яке аз унсурҳои ҳатмии шеър будани онро таъкид карда, назми бекофияро шеър ҳисоб намекунад. Дар



ин асар, инчунин, мафҳуми шеър ва муносибати шоир нисбати он мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Агар «Ал-мӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ аз маъхазҳое бошад, ки Насируддини Тӯсӣ дар таълифи «М.» аз он истифода кардааст, дар асрҳои минбаъда донишмандон ва муаллифони рисолаҳои оиди арӯзу қофияро илми бадеъ дар таълифоти хеш ба ин асар бештар му-роҷиат кардаанд. Тафовути муайяни ин рисола нисбат ба дигар асарҳое, ки дар хусуси илмҳои арӯзу қофия баҳс мекунанд, дар он аст, ки забони иншои он ва услуби баёни муаллиф каме соддаю равон мебошад. «М.» на фақат барои омӯхтани илми арӯз ва қофия, балки барои донистани тафовутҳои ҷиддии арӯзи арабу аҷам аз сарчашмаҳои боэътимод ҳисоб меёбад. «М.» дар Ҳиндустон ва с. 1345 ҳиҷрӣ дар Теҳрон ба табъ расид. Яке аз муаллифони ин китоб с. 1993 «М.»-ро бо тавзеҳоту шарҳи луғат омодаи чоп кард.

**«Меъро́ҷ-ул-арӯз»** معراج العروض («Дараҷоти арӯз»), рисолаи Муҳаммад Ғиёсуддин дар илми арӯз, ки дар зери истилоҳи «Арӯз»-и «Ғиёс-ул-луғот» чоп дода шудааст. Аз мутолиаи ин асар маълум мешавад, ки муаллиф дар иншои он аз «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашиди Ватвот, «Меъёр-ул-ашъор»-и Насируддини Тӯсӣ, «Рисола»-и Салмони Совачӣ, «Ал-мӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, «Арӯзи Сайфӣ», «Ҳадоиқ-ул-Аҷам»-и Муҳаммад Ибнулқайс ва диг. истифода бурдааст. «М.» бар хилофи дигар асарҳо ба бобҳои алоҳида ҷудо нашуда, муаллиф дар аввал маънии луғавию истилоҳии шеърро оварда, сипас доир ба илми арӯз, мухтареъи он Халил ибни Аҳмад, аркону афоилу тафоил суҳан меронад. Дар ҳамин қисмат истилоҳоти машҳури илми арӯз — сабаб, ватад, фосила, мусамман, мусаддас, мураббаъ, мусанно, солим, маҷзув, музоҳаф, садр, ибтидо, арӯз, зарб, ҳатм, тақтеъ, зиҳоф, баҳрҳои хоси шеъри араб (Тавил, Мадид, Басит, Қомил, Вофир), баҳрҳои махсуси Аҷам (Ҷадид, Қариб, Мушокил) ва ғ. шарҳ дода шудааст. Пас аз ин, дар фаслҳои алоҳида, роҷеъ ба баҳрҳои солим, зиҳофҳои рукнҳои солими мафойлун, фоилотун, мустафъилун, мафъӯлоту, фаӯлун, фоилун; доираҳои Мухталифа, Муштабаҳа, Мунтазиа, Мунфарида, Муттафиқа, Мӯъталифа ва баҳрҳое, ки аз онҳо берун меоянд, шаҷараи ахраму ахраб маълумоти пурра дода мешавад. Муаллиф дар охири асар номи баҳрҳои: Ариз, Амиқ, Сарим, Қабир, Мазид, Сағир, Асам (м), Қалиб, Ҳамид, Салим, Ҳамимро оварда таъкид мекунад, ки онҳоро арӯзиёни Аҷам — Баҳромии Сарахсӣ ва Бузургмеҳри Қуммӣ ихтироъ кардаанд.

**«М.»** яке аз беҳтарин асарҳои адабиётшиносии форс-тоҷик буда, дар он арӯз ва истилоҳоти маъмули он хеле содда ва ом-

мафаҳм шарҳ дода шудааст. Ин асар ҳам аҳамияти адабӣ ва ҳам аҳамияти таълимию тарбиявӣ дорад, зеро муаллиф зимни ҳар як навъи баҳрҳои аслию фаръии арӯз ва ашъори шоирони гузашта мисолҳо меорад.

**«Мизо́ни арӯз»**, ниг. *«Ал-қистос фи-л-арӯз»*.

**«Мизо́н-ул-авзо́н»** ميزان الاوزان -номи дигари рисолаи «Арӯзи Ҳумоюн»-и Абдулқаҳҳори Самарқандӣ. Ниг. *«Арӯзи Ҳумоюн»*.

**«Мизо́н-ул-авзо́н ва лисо́н-ул қала́м дар ша́рҳи алфо́зи аҷа́м»** ميزان الاوزان و لسان القلم در شرح الفاظ عجم -номи дигари асари Абдулқаҳҳори Самарқандӣ «Арӯзи Ҳумоюн», ниг. *«Арӯзи Ҳумоюн»*.

**«Мизо́н-ул-ашъо́р»**, ниг. *«Арӯзи Сайфӣ»*.

**«Миръо́т-ул-хаёл»**, مرآت الخيال «Ойинаи хаёл», тазкираи шоир ва адиби форсизабони Ҳиндустон Шерхони Лудӣ, ки солҳои 1690—91 ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф намудааст. «М.» аз дебоча, шаш қисмат ва хотима иборат аст. Дар дебочаи китоб муаллиф ақидаи худро нисбат ба назму наср, бартарии назм нисбати наср баён кардааст. Тафовути ҷиддии «М.» нисбат ба дигар тазкираҳо дар он аст, ки муаллиф дар қисмати аввали он баробари маънидоди шеър, хат ва навъҳои он дар хусуси илми арӯз ва қофия маълумот дода, ба таври мухтасар бошад ҳам, истилоҳоти машҳуру маъмули ин ду илмро шарҳу тавзеҳ додааст. Дар «М.» ҳаёт ва фаъолияти 131 нафар шоири форс-тоҷик тасвир ёфтааст, «М.» барои омӯхтани шарҳи ҳол ва эҷодиёти муаллифи он низ сарчашмаи мӯътамад ҳисоб меёбад, зеро хотимаи он бевосита аз ҳаёти шоир нақл мекунад. Ин асар с-ҳои 1831, 1846 ва 1946 дар Ҳиндустон ба табъ расидааст.

**Мисра́ъ** (ар. مصرع -як табақаи дар), дар илми бадеъи классикӣ як сатри шеър, яъне нимаи *байтро* гӯянд. Масалан, байти зерин дорои ду М. аст:

Қуввати некӣ надорӣ, бад макун!
Бар вуҷуди худ ситам беҳад макун. *(Аттор)*
фоилотун / фоилотун / фоилун
— у — — / — у — — / — у —

М. дар шеър воҳиди асосӣ набошад ҳам, дар мавридҳои зиёд маънии мустақил дорад. Дар байни М.-ҳо таносуби сухан ва мазмун шарти асосӣ мебошад. Ҳар як М.-и шеър М.-ҳои дигари онро пурра кунад. Дар арӯз бошад, М. воҳиди хурдтарин буда, ба рукнҳо тақсим мешавад. Ҳар як рукни М.-ҳои байт



номи махсус дорад. Рукни аввали М.-и якумро *садр*, рукни охири М.-и аввалро *арӯз*, рукни аввали М.-и дуюмро *ибтидо*, рукни охири М.-и *дуюмро* зарб ва рукнҳое, ки дар байни садру ибтидо ва арӯзу зарб меоянд, *ҳашв* меноманд. Масалан, М.-ҳои байти:

Шамс чун пайдо шавад, офоқ аз ӯ равшан шавад,
Мард чун доно шавад, дил дар бараш дарьё шавад. *(Носири Хисрав)*

дар баҳри Рамали мусаммани маҳзуф эҷод шудааст, ки дар М.-и якум чаҳор ва дар М.-и дуюм низ чаҳор рукн ҷой гирифтааст. Агар ин байтро аз рӯи мавқеъи рукнҳо хонем, бояд ин ҳел гӯем: «баҳри Рамали мусаммани садру ибтидою ҳашвайн — солим, арӯзу зарб — маҳзуф», барои он ки рукнҳои якуму дуюму сеюми М. аз рукни солими фоилотун / — у — / ва рукнҳои чаҳоруми М.-ҳо аз зиҳофи маҳзуф / фоилун — у — / сохта шудааст. Рукнҳои ҳарду М.-и байти поёниро бошад, рукнҳои солими баҳри Рамал ташкил медиҳад:

Мурғе ба гӯши ғунчае аз ишқ мегӯяд сухан,
Гул ғунча медаррад зи шавқ пироҳани сабр аз бадан *(Гулназар)*
мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун
— — у — / — — у — / — — у — / — — у —

**Мисра́ъи хафӣ** (аз *мисраъ* ва خفی -пӯшида, пинҳон), дар илми бадеъи классикӣ байти аввали шеъреро гӯянд, ки қофия надорад. М и с о л:

Биступанҷсола ҷавон — Октябри пурзӯру далер,
Соли дуввум бо фашистон ҷанги хунин мекунад. *(Нодир)*
фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилун
— у — — / — у — — / — у — — / — у —

Вазни ин байт Рамали мусаммани маҳзуф буда, ду мисраъи аввали шеъри «Соли дуввум»-и Нодир Шанбезодаро ташкил медиҳад. Азбаски шеъри шоир дар шакли шеърии қитъа эҷод шудааст, байти аввали он бекофия мебошад. Ҳамин тариқ, тамоми байтҳои аввали қитъаро М. х. номидан мумкин аст.

**Муайя́н** (ар. معين -таъин кардашуда, равшан, маълум), номи яке аз баҳрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик Баҳромии Сарахсӣ ва Бузургмеҳри Қойинӣ (а. 11) баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Ин баҳрро барои он М. меноманд, ки доираи Мунғалата бо он ба охир мерасад ва рукнҳои асосиаш аз аркони маълуми арӯз / фоилотун мус-тафъи-лун мафъӯлоту /

сохта шудааст. Рукнҳои асосии М.-ро аз ҷузви охири рукни сеюми доираи Мунғалата — мус-тафъи-лун / — — у — / ҷудо кардаанд. Агар аз ҷузви чаҳоруми рукни сеюми доираи Мунғалата, яъне аз «лун» / — / сар кунем, «лунмафой» / — у — — /, «лунфоило» / — — у — /, «тунмустафъи» / — — — у / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоилотун / — у — — /, мус-тафъи-лун / — — у — /, мафъӯлотуро / — — — у / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри М.-и мусаддаси солимро ташкил медиҳад. Дар ҳар се рукни М. *сабаби* хафиф / — / нисбат ба *ватад* зиёдтар аст. Дар ин рукнҳо *фосила* иштирок надорад. Вазни солими М. аз ҷумлаи вазнҳои саҳлӣ арӯз ҳисоб меёбад, зеро ҳиҷоҳои дарози он нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳаш бештар аст. М. рукни махсус надошта, дар натиҷаи омезиши рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ва рукнҳои солими мус-тафъи-луну / — — у — / мафъӯлоту / — — — у / ба вуҷуд меояд. Шакли солими М. мусаддас буда, шаклҳои мусамману мураббаъю мусанно надорад. М. аз ҷумлаи баҳрҳои хеле камистеъмоли арӯз буда, шоирони форс-тоҷик дар навъҳои он шеър ниҳоят кам суруда-анд.

Мисол: М.-и мусаддаси солим:

Моҳпайкар дилдор омад имрӯз,
Шоми торам гардид якбора рӯз. *(Мақсуди Гулчин)*
фоилотун / мус-тафъи-лун / мафъӯлоту
— у — — / — — у — / — — — у

**Муаммáм** (ар. معمم -салладор, амомадор), номи яке аз баҳрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ (а. 11) ва диг. баъди *Халил ибни Аҳмад* ихтироъ кардаанд. Ин баҳрро барои он М. меноманд, ки рукнҳои солими он аз ҷузви дуюми доираи *Мунғалата* оғоз меёбад. Рукнҳои асосии М.-ро аз ҷузви чаҳоруми рукни дуюми доираи Мунғалата — фоилотун / — у — — / ҷудо кардаанд. Агар аз ҷузви чаҳоруми рукни дуюми доираи Мунғалата, яъне аз «тун» / — / сар кунем, «тунмустафъи» / — — — у /, «лунмафой» / — у — — /, «лунфоило» / — — у — / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафъӯлоту / — — — у /, фоилотун / — у — — / ва мус-тафъи-лунро / — — у — / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри М.-и мусаддаси солимро ташкил медиҳанд. Дар рукнҳои солими М. сабаби хафиф / — / нисбат ба ватади маҷмӯъ / у — / ва ватади мафрӯқ / — у / зиёдтар аст. Дар ҳар се рукни М. *фосила* иштирок надорад. Азбас-



ки дар рукнҳои ин баҳр ҳиҷоҳои дароз нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳ зиёданд, вазни солими он аз ҷумлаи авзони саҳлӣ арӯз ҳисоб меёбад. М. баръакси баҳрҳои аслии арӯз рукни махсус надорад ва рукнҳои асосии он дар натиҷаи омезиши рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ва рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — / сохта шудаанд. Шакли солими М. мусаддас аст, шаклҳои мусамману мураббаъю мусаннои солими он тамоман маъмул нестанд. М. нисбат ба дигар баҳрҳои арӯзи форсӣ-тоҷикӣ камистеъмол буда, шоирони гузашта ва имрӯзаи адабиёти тоҷик дар навъҳои он ниҳоят кам шеър гуфтаанд.

Мисол: М.-и мусаддаси солим:

Эй дилдори бемурувват, сӯзам чаро?
Роҳат бо шарори дил афрӯзам чаро?
мафъӯлоту / фоилотун / мус-тафъи-лун
— — — у / — у — — / — — у —

Агар ин байтро ба таври:

мафъӯлун / мафоилун / мафъӯлун / фаал
— — — / у — у — / — — — / у —

*тақтеъ* кунем, яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ (Ҳазаҷи мусаммани ахрами мақбузи маҷбуб) ба вуҷуд меояд.

**Муарráб** (ар. معرب -арабишуда), калимаҳоеро гӯянд, ки аслан тоҷикӣ буда, мувофиқи қоидаҳои грамматикаи забони арабӣ тағйир ва тасриф карда мешаванд. Масалан, калимаҳои зӯран, навиштаҷот, ҷавҳар, тарҷумон, ҳандаса, деҳот М.-и калимаҳои тоҷикии зӯр, навишта, гавҳар, тарзубон, андоза ва деҳ мебошанд.

**Муарро́** (ар. معرى -холӣ, озод), дар илми арӯз *зарберо* гӯянд, ки дар он зиҳофҳои музол, мусаббағ, мутаввал, мураффал ва мақсур роҳ наёфта бошанд, яъне дар рукни охири мисраи дуюми байт ҳиҷое зиёд нашуда бошад.

Мисол: Баҳри Рамали мусаммани маҳзуф

Моҳи шаҳрошӯби ман ҳар гаҳ ба роҳе бигзарад,
Шаҳр пурғавғо шавад, чандон ки моҳе бигзарад. *(Ҳилолӣ)*
фоилотун / фоилотун / фоилотун / фолун
— у — — / — у — — / — у — — / — у —

Баҳри Музореъи мусаммани ахраб:

Ногаҳ бақои умраш аз пушти бом омад,
Бахти сафед бингар, ҳангоми шом омад. *(Боқӣ Раҳимзода)*
мафъӯлу / фоилотун / мафъӯлу / фоилотун
— — у — / — у — — / — — у / — у — —

Дар ҳар ду байти боло дар рукнҳои охири онҳо (аввалӣ — фоилун, дуюмӣ — фоилотун) ҳичое зиёд карда нашудааст.

**Муаққад** (ар. معقد -гиреҳхӯрда, тобдор), дар илми бадеи классикӣ яке аз навъҳои санъати лафзист. Ин санъат чунон аст, ки шоир дар мавриди мувашшаҳ мисраъҳои шеърро ба шакли гиреҳе меорад, ки яке аз шаклҳои ҳандасӣ ба вуҷуд меояд. Масалан, шоире дар санъати М. қитъаеро ҷой додааст. Шеъре, ки дар шакли М. оварда шудааст, дар баҳри Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур бар муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фаъ эҷод гардидааст.

Фахри ман аст он ки ҳаст мафхари дуньё,
Хоҷиби пирӯзбахт сайиди воло.
Нусрат ёбад зи кирдугор ба ҳар вақт,
Он касе, к-аш кор шуд зи наср муҳайё.
Рост чу бо фарраш ошноие ҷӯяд,
Хуррамию рӯшноие ояд пайдо.
Ҳиммати ӯ гӯи оташест ба гавҳар,
З-он ки чу оташ ҳамеша ҷӯяд боло.
Мулкаш бо хоҷиби ҷалил амини наср,
Нозаде, к-аз бахти ӯст тозаю барно.
Аз хунари ӯст пойдории мулкат
В-аз карами ӯст рӯшонии дуньё
Фарри худое, к-аз ӯ бузургӣ ҷӯяд,
Ҳастиш бо хоҷиби амини дил якто.
Он кас, к-аз меҳри бахти ӯ асаре ёфт,
Бахт барорадаш аз Сурӣ ба Сурайё.
Маро шодӣ бад-ӯ физояд, к-аз бахт
Дорад иқбол ошноӣ бо мо.
Давлат ҷӯяд ҳар он ки меҳраш ҷӯяд,
Давлатро меҳри ӯст, маскану маъво.
Бахташ ҷовид боду умраш ҷовид,
Шод бад-ӯ авлиёю сӯхта аъдо.

Агар калимаҳое, ки дар ҳашт чоркунҷаи нақша сабт ёфтаанд (ниг. *нақша*) ҷамъ кунем, байти

Он кас ки зи бахт рӯшноӣ ҷӯяд,
Бо хоҷиби Наср ошноӣ ҷӯяд —



ба вуҷуд меояд, ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар бар мафъӯлу / мафоилун /мафоӣлун / фаъ суруда шудааст.

Байте, ки дар натиҷаи истифодаи санъати М. ба вуҷуд омад, аслан дар яке аз шаҷараҳои авзони рубоъӣ-ахраб эҷод шудааст. Агар номи пурраи вазни ин ду мисраъро гуфтанӣ шавем, он гоҳ вай яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтарро ташкил медиҳад. Ҳарду мисраъи байти боло аз ҷиҳати таркиби аҷзо якхелаанд, яъне ҳам садру ибтидо (ҳарду-ахраб), ҳам ҳашвайни якуми мисраъҳои аввалу сонӣ (ҳарду зиҳофи мақбуз), ҳам ҳашвайни дуюми мисраъҳои якуму дуюм (рукни солим — мафоъӣлун) ва ҳам арӯзу зарби байт (зиҳофи абтар — фаъ) баробарвазнанд. Дар асл, бештари рубоъиҳо аз ҷиҳати вазн якхела нестанд, яъне ҳар мисраъи рубоъӣ метавонад дар анвоъи мухталифи шаҷараи ахраму ахраб эҷод шавад. Мисол:

Боло меравӣ, боло шамоло дорад,
Гул мешукуфад, лола тамошо дорад.
Савдогара бин молоша савдо дорад,
Ғамдо(р) менола, беғам чӣ парзо дорад.

**Мубҳам** (ар. مبهم -пӯшида, пинҳонӣ), номи яке аз баҳрҳоест, ки арӯзиёни тоҷик Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ (а. 11) ва диг. баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Сабаби М. номидани ин баҳр он аст, ки рукни аввали онро аз рукни мобайнии баҳри *Мустаъмал* оғоз намудаанд. Агар рукнҳои солими баҳри Мустаъмал мафъӯлоту / — — — у /, мустафъилун / — — у — /, фоилотун / — у — — / бошанд, аркони солими М.-ро мустафъилун / — — у — /, фоилотун / — у — — / ва мафъӯлоту / — — — у / ташкил медиҳанд. Рукнҳои солими М.-ро аз ҷузви охири рукни дуюми доираи *Мунъалиқа* ҷудо кардаанд. Агар аз ҷузви чаҳоруми рукни дуюми доира, яъне аз «лун» / — / сар кунем, «лунфоило» / — — у — /, «тунмафой» / — у — — /, «лунмустафъи» / — — — у / ба вуҷуд меоянд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мустафъилун / — — у — /, фоилотун / — у — — /, мафъӯлотуро / — — — у / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри М.-и мусаддаси солимро ташкил медиҳанд. Дар рукнҳои солими М. сабаби хафиф / — / нисбат ба ватади маҷмӯъ / у — / ва в а т а д и м а ф р у қ / — у / зиёд буда, дар онҳо *фосила* иштирок надорад. Азбаски шумораи ҳиҷоҳои дарози рукнҳои солими М. нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳи он бештар аст, вазни солимаш аз ҷумлаи авзо-

ни сақили арӯз ҳисоб меёбад. М. чун ҳамаи баҳрҳои фаръии арӯз рукни махсус надорад ва рукнҳои асосии он дар натиҷаи омезиши рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/, рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/ ва рукни солими мафъӯлоту / — — — у/ сохта шудаанд. М. ба гурӯҳи баҳрҳои камистеъмоли арӯз дохил мешавад, зеро шоирон дар навъҳои он ниҳоят кам шеър гуфтаанд. М. бар хилофи баҳрҳои аслии арӯз навъҳои зиёд надорад. Шеърҳое, ки дар авзони ин баҳр суруда шудаанд, фақат дар шакли мусаддаси солим аст. Шаклҳои мусамману мураббаъю мусаннои солими он тамоман маъмул нест.

Мисол: М.-и мусаддаси солим:

Аз тори гул чаҳ-чаҳи булбул мерехт,
Гул дар бараш симу зарро меомехт. *(Мақсуди Гулчин)*
мустафъилун / фоилотун / мафъӯлоту
— — у — / — у — —/ — — — у

**Мувассаъ** (ар. موسع -васеъ кардашуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба охири рукни фоилотун афзудани як *сабаби* хафиф, яъне як ҳиҷои дароз ба вуҷуд меояд. Агар ба охири рукни фоилотун / — у — —/ як ҳиҷои дароз («лун») илова кунем, фоилотун шакли «фоилотунтун» / — у — — —/-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фоилийётун / — у — — — —/-ро гузошта, М. мехонанд. *Шамси Қайси Розӣ* дар *«Ал-мӯъҷам»* зиҳофҳои махбуну / мафоилун / маҷҳуфи / фаъ / байти мазкурро:

Муҷтасси мусаммани махбуни маҷҳуф:

Асири меҳнати он рӯи чун нигорам,
Бикард фурқати ӯ талх рӯзгорам.
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаъ
у — у — / у у — — / у — у — / —

якҷоя карда ба ҷои «мафоилун фаъ» рукни мафоилотун / у — у — —/-ро истифода бурда, онро М. ё зарби М. хондааст. Дар он сурат байти болоро ин тавр тақтеъ кардан лозим аст.

Муҷтасси мусаддаси махбуни М.:

Асири меҳнати он рӯи чун нигорам,
Бикард фурқати ӯ талх рӯзгорам.
мафоилун / фаилотун / мафоилотун
у — у — / у у — — / у — у — —



Агар ҳиҷои якуми зиҳофи М. — фоилийётунро / — у — — — / ба о кунем, яъне ба ҷои садоноки дарози «о» садоноки кӯтоҳи «а»-ро гузорем, фоилийётун / — у — — — / шакли фаилийётунро / у у — — — / мегирад, ки онро махбуни М. меноманд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои муфрад буда, дар шеър дар рукнҳои *ҳашв*, *арӯз* ва *зарб* меояд ва фақат ба баҳрҳои Рамалу Муҷтасс хос аст. Мисол:

Рамали мусаддаси махбуни М. (ҳашви мисраъи дуюм — мушаасс):

Рост кун тораму ороста кун гулшан,
Тоза кун ҷонҳо, ҷоно, ба майи равшан. *(Масъуди Саъди Салмон)*
фоилотун / фаилотун / фаилийётун
— у — — / у у — — / у у — — —

Рамали мусаддаси мушаасси махбуни М. (ибтидо — махбун):

Гар ҳама неъмати якрӯза ба мо бахшад,
Наниҳад миннат бар мову пазирад ҳан. *(Рӯдакӣ)*
фоилотун / фаилотун / фаилийётун
— у — — / у у — — / у у — — —

Рамали мураббаъи М.:

Ман туро, эй бут, харидорам,
Гар ту маро нохаридорӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилотун / фоилийётун
— у — — / — у — — —

Рамали мусаддаси М.-и музаффо:

Синахои холиро пур карда аз ёд,
Тирамоҳи тира меояд, хира меояд. *(Бозор Собир)*
фоилотун / фоилийётун / фоилийётон
— у — — / — у — — — / — у — — ~

Муҷтасси мусаддаси махбуни мушаасси М.:

Сиёҳчашмо, ин дил чи гуна бурдӣ,
Кунун ки бурдӣ, боре бад-ӯ чӣ кардӣ? (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / мафъӯлун / мафоилотун
у — у — / — — — / у — у — —

Рамали мусаммани М.:

Эй баҳори нав, ё паноҳам кун, ё паноҳам кун, ё паноҳам кун.
Ё чу кӯдакҳо бегуноҳам кун, бегуноҳам кун, бегуноҳам кун.

*(Зиё Абдул*

фоилиётун / фоилиётун / фоилиётун / фоилиётун
— у — — — / — у — — — / — у — — — / — у — — —

**Мувассáъи махбýн**, ниг. *Махбуни мувассаъ*.

**Мувассáъи мусаббáғ** (аз *мувассаъ* ва *мусаббағ*), дар илм арӯз номи дигари зиҳофи *музаффо*, ки аз рукни асосии баҳр Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд меояд. Ниг. *Музаффо*.

**Мувашшáҳи муҳайяз** (аз ар. موشح -ороста, зиннатдодашу да ва *муҳайяз*), дар илми бадеъи классикӣ шеъреро (қасида ро) гӯянд, ки бинои он бар чанд вазн гузошта шудааст. Шо ин навъи мувашшаҳро тарзе эҷод менамояд, ки агар ба рукнҳои онро гирифта якҷоя кунӣ, қитъа, рубоӣ ё байте да вазнҳои гуногун ба вуҷуд меояд. Мас., шоири охири а. 11 ибтидои а. 12 Рашидии Самарқандӣ дар қасидаи поёнӣ, ки да баҳри Рамали мусаммани махбуни мақсур / фоилотун / фаило тун / фаилотун / фаилон / суруда шудааст, санъати М. м.-ро хе ле хуб истифода бурдааст:

Эй кафи роди ту дар ҷуд беҳ аз абри баҳор,
Халқро бо кафи ту абри баҳорӣ ба чӣ кор?
Оламеро дил аз афшондани борон кӯфт,
Хушу хуррам шуду ороста чун боғи баҳор.
Беш аз андозаи ин тоифа бар банда ниҳод,
Ҷуди ту бори гарон з-он ду кафи гавҳарбор.
Дигаронанд чу ман бандаю ман банда зи шукр,
Оҷизам чун дигарон в-аз хиҷилӣ гашта фигор.
Аҷз як сӯ неҳу ангор ки кардастам ҷурм,
Сӯи афват нигарон мондаю дил бар темор.
Ту худовандӣ, эҳсон куну ин ҷурм ба фазл,
З-ин рахи даргузарон, з-он ки туи ҷурмгузор.
Аз дари афв бувад ҳар ки ба тафсиру ба ҷурм,
Қард дар пеши валинеъмати зебо иқрор.
Эй ту шамъе, ки зи ҷуди ту шавад дай Наврӯз.
Эй ту шамъе, ки зи нури ту шавад лайл наҳор.
Абр кай хонамат, эй хоҷа, чу шуд абри матир,
Назди ту хайрон, дар дасти ту саргаштаю хор.
Шамс кай хонамат, эй хоҷа, чу шуд шамси мунир,
Пеши ту пинҳон в-аз рӯи ту осимаю зор.
Ҳаст дар бахшишу дар бинишу дар донишу фазл



Он дили покат баҳре, ки варо нест гузор.
Балки аз рашки кафу он дили чун баҳри қаир.
Гашт бепоён андӯҳдил ҷумла баҳор.
Чун ту хоҳад, ки бувад хасмат, натвонад буд,
Мар туро ҳаргиз дар ҳеч ҳунар н-ояд ёр.
Ҳаст ҳар чиз туро, илло ҳамтою назир
Дар ҳама кайҳон в-ин халқ надонад ҳамвор.
Аз кафи ту ҳама мӯҳтоҷон осуда шуданд,
Бо кафи родат в-ин хулқ беҳ ояд заҳрор.
Аз навозидани бисьёр, ту аз шуғли ҳақир
Шоирон яксон растанд зи айши душвор.
Дар паноҳи кафи эҳсони ту Мансур шудем.
Бар муроди дил ҳамвора ҳама давлатёр.
Давлату нусрату пирӯзию яздонат насир,
Бод ҷовидон, к-аз гоҳи туе бархурдор.
Номи некӯ натавон ёфтан, илло ба ду чиз,
Номи некӯ натавон ёфтан, илло ба ду чиз,
Дониши ҷуду зайн гирад мардум миқдор.
Ту дар ин ҳар ду чунонӣ, ки касе нест чу ту,
Лоҷарам, номи ту шуд пайдо дар ҷумла диёр.
Ин накӯномӣ в-ин родӣ фархунда кунод,
Бар ту мавлою бидорад туро дар зинҳор.
Ба саломат ба салом омад, эй саидулмулк,
Иди азҳо ҳаққи ӯро ба саёдат бигзор.
Шодмонӣ куну хуррам зию он кас, ки банд,
Мадҳи ту гуфт, бирав густар аз икрому шиор.
Шеъри мо ҳаст ба ҳангоми ту баррафта зи чоҳ,
То ба Шеъро, ки шикебад, ки нагӯяд ашъор.
То шавад ҷуфт тараб, ҳар ки дарояд ба шароб,
То бувад ёр хумори он бурун шуд зи акор.
Некхоҳони ту боданд ҳама ҷуфти тараб,
Бадсиголони ту боданд ҳама ёри хумор.

Агар он ҷузвҳои мисраъҳои 5—12 қасидаро, ки бо тарзи фарохинӣ чоп шудааст, дар алоҳидагӣ ҷамъ намоем, рубоии зерин дар вазни Ҳазаҷи ахраби мақбузи мақфуфи маҷбуб (рукни аввали мисраъи сеюм — ахрам, рукни дуюми он — аштар) ҳосил мешавад:

Бар банда ниҳод ҷуди ту бори гарон,
Ман банда зи шукр оҷизам чун дигарон.
Қардастам ҷурм сӯи афват нигарон,
Ин ҷурм ба фазл з-ин рахи даргузарон.
мафъӯлу / мафоилун / мафойлу / фаал
— — у / у — у — / у — — у / у —

Ва агар фикраҳои бо фарохчинӣ чопшудаи мисраъҳои 17—36-ро ҷамъ намоем, ғазале ба вуҷуд меояд, ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мусаббағ эҷод шудааст:

Шуд абри матир назди ту ҳайрон,
Шуд шамси мунир пеши ту пинҳон.
Дар донишу фазл он дили покат —
Чун баҳри қаир ғашт бепоён.
Натвонад буд мар туро ҳаргиз,
Ҳамтою назир дар ҳама кайҳон.
Осуда шуданд бо кафи родат —
Аз шуғли ҳақир шоирон яксон.
Мансур шудем бар муроди дил,
Яздон-т насир бод ҷовидон.
мафъӯлу / мафоилун / мафойлон
— — у / у — у — / у — — ~

Ва дар охир аз рукнҳои фарохчинишудаи мисраъҳои 41—48 қасида қитъаи зерин дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф берун меояд:

Фархунда кунод бар ту мавло,
Эй саъдулмалик, иди азҳо.
В-он кас, ки ба ид мадҳи ту гуфт,
Баррафта зи чоҳ то ба Шеъро.
мафъӯлу / мафоилун / фаӯлун
— — у / у — у — / у — —

**Музамма́н** (ар. مضمن -андаруншуда), дар илми бадеъи классикӣ шеъреро номанд, ки калимаҳои охири ҳар мисраъ ба ду ҳисса ҷудо шуда, нисфи аввал қофия ва нисфи дуюми он ибтидои мисраъи дуюмро ташкил карда бошад, яъне ними калима ҳамчун *арӯз* ва ними дигари он чун *ибтидои* байт хизмат кардааст. М. одатан хоси шеъри арабӣ буда, шоирони форсҷочик ин навъи назмро асосан ҳангоми ҳазлу шӯхӣ ва зарофатгӯӣ эҷод кардаанд. Масалан, шоири а. 12 Сӯзании Самарқандӣ қасидае дорад, ки бо ҳамин услуб навиштааст.

Саъди дин мадҳи хочаи мустав-
Фӣ шунидию дар дил омад сав-
Дои он навтариқу кардӣ таҳ-
Син бар он вазни шеъру қофия мав-
Қуф, то кард баҳои зикри ту хо-
Тири ман з-он насақ мадеҳи ту мав-



Зун зиқӣ меҳтари сахт суҳан-
Дон, ки н-оварад сири ахтару дав-
Лати мардию мардумӣ зи ако-
Бири Ахсекат, он ки маншою мав-
Лиди аслофу асли гавҳари по-
Қи ту аз хиттаи вай асту зи ав-
Лоди деҳқони роғжод, ки фар-
Ғониён чокаранду бандаю мав-
Лою он гавҳари шарифу ту о-
Зодаро бандагӣ кунанд ба тав-
Ъу ба рағбат чу тарбият зи ту ё-
Банд эшону мо в-аз ҳар тав-
Фиқи эҳсону мукримат чи ба дас-
Ти ҷаводе ато дех вақҳ ба тав-
Қеи килкат, ки мушкро ба ко-
Фур нақш афканад, чу бар рухи ҳав-
Ро сари зулфи ҳалқа — ҳалқаи мар-
Ғулу з-он беш шоирона тав-
Ҷеҳи зарр асту симу атласи ик-
Суну Димиётию Аттобию Тав-
Зию каттону даку фаршу аво-
Нию дарьёӣ, айшу умр ба рав-
Наку тартибу дар мадеҳи ту фик-
Рати яъс карда бо арӯзӣ зав-
Қе, ки то офарину мадҳи ту гӯ-
Янд аз ин навъ ё ба дигар нав-
Ъе, ки донанду ман бар ин сари маз-
Раъаму насркору назмдарав.

Чи тавре ки мебинед, калимаҳои «муставфӣ», «савдо», «таҳсин», «мавқуф», «хотир», «мавзун», «сухандон», «давлат», «акобир», «мавлид», «пок», «авлод», «фарғониён», «мавло», «озода», «тавъ», «ёбанд», «тавфиқ», «даст», «тавқеъ», «кофур», «ҳавро», «марғул», «тавҷеҳ», «Иксун», «Тавзӣ», «авонӣ», «равнақ», «фикрат», «завқ», «гӯянду», «навъ», «мазраъ»-ро ду нисф карда, ними онро арӯзи байту ними онро ибтидои байт сохтааст. Вазни ин шеър Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф ё аслам ном дошта чунин тақтеъ мешавад:

фоилотун / мафоилун / фаилун
— у — — / у — у — / у у —

ё ин ки:

фаилотун / мафоилун / фаълун
у у — — / у — у — / — —

Қофияҳои шеъри боло аз ҷузвҳои «мустав», «сав», «мав», «дав», «мав», «ав», «мав», «тав», «тав», «ҳав», «тав», «тав», «рав», «зав», «нав», «назмдарав» сохта шуда, решаи он «ав» мебошад, ки ҳарфи «в» *равӣ* буда, садоноки кӯтоҳи «а» *тавҷеҳ* мебошад.

Шамси Қайси Розӣ дар «*Ал-мӯъҷам*» М.-ро яке аз навъҳои тазмин ҳисобидааст.

**Музаффо́** (ар. مضفى -тамомшуда, изофашуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / гузаронидани амалҳои таҳсеъ ва тазфият ба вуҷуд меояд. Ин зиҳофро арӯзиёни аҷам баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Агар ба охири рукни фоилотун / — у — — / як ҳиҷои дароз («лун») илова кунем, фоилотун шакли «фоилотунтун» / — у — — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фоилийётунро / — у — — — / гузошта *мувассаъ* мехонанд. Баъди ин, агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и рукни фоилийётун садоноки дарози «о»-ро гузорем, фоилийётун / — у — — — / шакли фоилийётонро / — у — — ~ / мегирад, ки онро М. меноманд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккаб буда, номи муфрад дорад ва дар шеър фақат дар охири байт, яъне дар арӯзу зарб истифода мешавад. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» зиҳофҳои махбун (мафоилун) ва маҷҳуфи мусаббағи (фоъ) байти мазкурро (Муҷтасси мусаммани махбуни маҷҳуфи мусаббағ):

Бикост сибирию оби дида бифзуд,
Дил аз нишот тиҳӣ гашту тан бифарсуд.
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фоъ
у — у — / у у — — / у — у — / ~

якҷоя карда, ба ҷои «мафоилун» «фоъ» рукни мафоилотон / у — у — ~ /-ро истифода бурда, онро М. ё зарби М. номидааст. Дар он сурат байти болоро ин тавр *тақтеъ* кардан лозим аст (Муҷтасси мусаддаси махбуни М.):

Бикост собирию оби дида бифзуд,
Дил аз нишот тиҳӣ гашту тан бифарсуд.
мафоилун / фаилотун / мафоилотон
у — у — / у у — — / у — у — ~

Мисол: Рамали мусаддаси М.:

Зинҳор, эй дил, барнадеҳ туркаки ман зуд,
Бода пеш овар, ки ғамро бода донам суд. *(Масъуди Саъди Салмон)*
фоилотун / фоилотун / фоилийётон
— у — — / — у — — / — у — — ~



Рамали мусаммани солим (мисраи сеюм — мувассаъ, мисраи чорум — М.):

То наёбам рохи дилҳои тамоми зиндагонро,
То набардорам ба душам душвори ин замонро,
фоилотон / фоилотон / фоилотон / фоилотон
— у — — / — у — — / — у — — / — у — —
Ман намемирам,
фоилийётун
— у — — —
Ман нахоҳам мурдӣ *(Лоиқ Шералӣ)*
фоилийётон
— у — — ~

Рамали мусаддаси мувассаъи М.:

Он ки умре буд безабон гӯё зери истибдод,
Бар хурӯш омад, бар забон омад, сахт гуфто: «Дод!»
фоилийётун / фоилийётун / фоилийётон
— у — — — / — у — — — / — у — — ~

**Музаффо́и махбу́н**, ниг. *Махбуни музаффо*.

**Музаҳҳа́ф** (ар. مزحف -зиҳофшуда), ниг. *Зиҳоф*.

**Музма́р** (ар. مضمر -дар замир буда, дар дил буда, пӯшида, махфӣ), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи сокин гардонидани ҳамсадои «т»-и рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мутафоилун / у у — у — / ҳамсадои «т»-ро сокин гардонем, яъне садоноки кӯтоҳи «а»-ро партоем, мутфоилун / — — у — / боқӣ монад, ки ба ҷои он рукни серистеъмоли мустафъилунро / — — у — / гузошта М. мехонанд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои камистеъмоли арӯз буда, фақат дар баҳри Комил дучор меояд. М. аз ҷумлаи зиҳофоти муфрадест, ки номи муфрад дорад. Рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / низ шакли афоили М.-ро дорад, аммо ба ин зиҳоф ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надорад, зеро рукни мустафъилун рукни аслӣ буда, зиҳофи М. аз рукни мутафоилун / у у — у — / ҳосил шудааст. М. дар шеър қариб дар ҳамаи рукнҳои байт, яъне дар садр, ибтидо, арӯз, зарб ва ҳашв меояд. Ин зиҳоф ба шеъри арабӣ хос буда, шоирони форс-тоҷик дар навъҳои мухталифи баҳри Комил аз он истифода кардаанд. Мисол: Комили мусаддаси М.:

Эй мехтаре, ки зи мехтарон худ бехтарӣ
В-аз бехтарӣ ҳама кас биёбад мехтарӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / мутафоилун / мустафъилун
— — у — / у у — у — / — — у —

Комили мусаддаси музмари аҳазз:

Аз роғу кӯху даман суман хезад,
Гулҳо ба боғ чаман-чаман резад. *(Субҳӣ)*
мустафъилун / мутафоилун / фаълун
— — у — / у у — у — / — —

**Музма́ри аха́зз** (аз *музмар* ва *аҳазз*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки тавассути сокин кардани ҳамсадои «т»-и рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/, яъне партофтани садоноки кӯтоҳи «а» ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни мутафоилун / у у — у —/ ҳамсадои «т»-ро сокин гардонем, яъне садоноки кӯтоҳи «а»-ро партоем, «мутфоилун» / — — у —/ боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафъилунро / — — у —/ гузошта музмар мехонанд. Баъди ин, агар тавассути амали ҳазз ватади маҷмӯъи рукни мустафъилунро партоем, «мустафъ» / — —/ боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаълун / — —/-ро гузошта М. а. меноманд. М. а. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад. Зиҳофҳои аслам, аҳазз, мақтӯъ, мақтӯъи маҳзуф, маҳзуз, маҳзуфи мақсур, маҳзуфи мақтӯъ, муханнаки мақсур шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагие надоранд, зеро зиҳофи аслам аз рукнҳои асосии баҳрҳои Рамал, Мутақориб ва рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофҳои аҳазз, мақтӯъи маҳзуф аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/, зиҳофи мақтӯъ аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у —/, зиҳофи маҳзуфи мақсур аз рукни солими фои-ло-тун / — у — —/, зиҳофи маҳзуфи мақтӯъ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/, зиҳофи муханнаки маҳзуф аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад, аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/ ҳосил шудааст. М. м. аз камистеъмолтарин зиҳофоти арӯз буда, фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд ва асосан хоси баҳри Комил аст.

Мисол:

Комили мусаддаси М. м.:

Рӯзе, ки панҷа занам бари мӯяш,
Сад бор бӯй кунам гули рӯяш. *(Субҳӣ)*
мустафъилун / мутафоилун / фаълун
— — у — / у у — у — / — —

**Музма́ри аха́ззи мусабба́ғ** (аз *музмар, аҳазз* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба шакли овозии зиҳофи *музмари аҳаззи* / фаълун — —/ рукни асосии баҳри



Комил — мутафоилун / у у — у —/ гузаронидани амали исбоғ ба вуҷуд меояд. Агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и зиҳофи музмари аҳазз — фаълун / — —/ тавассути амали исбоғ садоноки дарози «о»-ро гузорем, фаълун / — —/ шакли фаълон / — ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофҳои аслами мусаббағ, аҳаззи мусаббағ, мақтӯъи мусаббағ, муханнаки мақсур шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аслами мусаббағ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/ ва рукни асосии баҳри Мутақориб — фаӯлун / у — —/, зиҳофи аҳаззи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/ ва рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи мақтӯъи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у —/, зиҳофи муханнаки мақсур аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. а. м. бошад аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / ҳосил шудааст. М. а. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд. Ин зиҳоф дар шеър хеле кам истифода мешавад ва фақат ба баҳри Комил хос аст. Мисол:

Комили мусаддаси маҷзули М. а. м.:

Домани саҳро чамани ёр аст,
Сайр ба он ҷой маро кор аст.
Мақсадам аз сайр бувад дидор,
Дӯсти ҷонист маро дилдор. *(Фарҳат)*
муфтаилун / муфтаилун / фаълон
— у у —/ — у у —/ — ~

Яке аз навъҳои баҳри Раҷаз — Раҷази мусаддаси матвии аҳаззи мусаббағ / муфтаилун / муфтаилун / фаълон низ шакли афоили баҳри Комили мусаддаси маҷзули М. а. м.-ро дорад.

**Музма́ри мақтӯъ** (аз *музмар* ва *мақтӯъ*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/, ки дар натиҷаи ба шакли овозии музмар — мустафъилун / — — у —/ гузаронидани амали қатъ ба вуҷуд меояд. Агар ба шакли овозии зиҳофи музмар — мустафъилун / — — у —/ тавассути амали қатъ ду ҳарфи охири он — «ун»-ро партоем, «мустафъил» / — — —/ боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафъӯлун / — — —/-ро гузошта, М. м. меноманд. Зиҳофҳои ахрам, аксам, макшуф, мақсур, мақтӯъ, муханнақ, мушаасс шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофҳои

ахрам ва муханнақ аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/, зиҳофи ақсам аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у —/, зиҳофи мақсур аз рукни солими мус-тафъи-лун / — — у —/, зиҳофи мақтӯъ аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/, зиҳофи мушаасс аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/ ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар тамоми рукнҳои байт, яъне дар арӯзу зарбу садру ибтидою ҳашвайн меояд, М. м. нисбатан камистеъмол буда, асосан ба баҳри Комил хос аст.

Мисол:

Комили мураббаъи маҷзули М. м.:

Сайру тамошо хоҳӣ,
Ҷилвагаҳ гулҳо хоҳӣ,
Оби мусаффо хоҳӣ.
Мурғи хушово хоҳӣ. *(Мақсуд)*
муфтаилун / мафъӯлун
— у у —/— — —

Яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мураббаъи матвии мақтӯъ / муфтаилун / мафъӯлун / низ шакли афоили Комили мураббаъи маҷзули М. м.-ро дорад.

**Музма́ри мақтӯъи мусабба́ғ** (аз *музмар, мақтӯъ* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/, ки дар натиҷаи ба шакли овозии зиҳофи музмари мақтӯъ — мафъӯлун / — — —/ гузаронидани амали исбоғ ба вуҷуд меояд. Агар тавассути амали исбоғ ба ҷои садоноки «у»-и шакли овозии зиҳофи музмари мақтӯъ — мафъӯлун / — — —/ садоноки дарози «о»-ро гузорем, мафъӯлун / — — —/ шакли мафъӯлон / — — ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. м. меноманд. Зиҳофҳои ахрами мусаббағ, ақсами мусаббағ, мавқуф, мақтӯъи мусаббағ, мушаасси мусаббағ шакли овозии М. м. м.-ро дошта бошанд ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи ахрами мусаббағ аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/, зиҳофи ақсами мусаббағ аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у —/, зиҳофи мавқуф аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у/, зиҳофи мақтӯъи мусаббағ аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/, зиҳофи мушаасси мусаббағ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. м. бошад, аз рукни



асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/ ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дошта, дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд ва асосан хоси баҳри Комил аст. Мисол:

Комили мураббаъи маҷзули М. м. м.:

Ғунча шукуфон имрӯз,
Лола фурӯзон имрӯз.
Дар дили пиру барно
Шавқ дучандон имрӯз. *(Мақсуд)*
муфтаилун / мафъӯлон
— у у —/— — ~

Яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мураббаъи матвии мақтӯъи мусаббағ / муфтаилун / мафъӯлон / низ шакли афоили баҳри Комили мураббаъи маҷзули М. м. м.-ро дорад.

**Музма́ри музо́л** (аз *музмар* ва *музол*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у — у —/, ки дар натиҷаи ба шакли овозии зиҳофи музмар — мустафъилун / — — у —/ гузаронидани амали изолат ба вуҷуд меояд. Агар тавассути амали изолат ба ҷои садоноки «ӯ»-и шакли овозии зиҳофи музмар — мустафъилун / — — у —/ садоноки дарози «о»-ро гузорем, мустафъилун / — — у ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофи музол шакли афоили М. м.-ро дошта бошад ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надорад, зеро зиҳофи музол аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/ ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд. Ин зиҳоф дар шеър хеле кам истифода мешавад ва асосан хоси баҳри Комил аст.

Мисол:

Комили мураббаъи музмари М. м.:

Бар дӯстони некном
Аз мо салому эҳтиром,
Аз дӯстони бардавом
Бошанд мардум шодком. *(Фарҳат)*
мустафъилун / мустафъилон
— — у —/— — у ~

Яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мураббаъи музол (мустафъилун) мустафъилон низ шакли афоили баҳри Комили мураббаъи музмари М. м.-ро дорад.

**Музма́ри мураффа́л** (аз *музмар* ва *мураффал*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофоти рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — /, ки тавассути гузаронидани амалҳои и з м о р ва т а р ф и л ба вуҷуд меояд. Агар ба шакли овозии зиҳофи музмар — мустафъилун / — — у — / тавассути амали тарфил як ҳиҷои дароз илова кунем, мустафъилун / — — у — / шакли «мустафъилунтун» / — — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафъилотун / — — у — — /-ро гузошта, М. м. меноманд. Зиҳофи мураффал низ шакли афоили М. м.-ро дорад, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастаги надорад, зеро зиҳофи мураффал аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад, аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър дар тамоми рукнҳои байт, яъне дар садру ибтидою арӯзу зарбу ҳашвайн меояд. М. м. нисбат ба дигар зиҳофҳои арӯз камистеъмол буда, фақат ба баҳри Комил хос мебошад. М и с о л:

Комили мусаддаси М. м.:

Аз Маскави мо имрӯз дуньё ибрат пазирад,
То қудрати ӯ кори коммунизм авче бигирад! *(Фарҳат)*
мустафъилотун / мустафъилотун / мустафъилотун
— — у — — / — — у — — / — — у — —

Яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мусаддаси мураффал / мустафъилотун / мустафъилотун/ мустафъилотун низ шакли афоили баҳри Комили мусаддаси М. м.-ро дорад.

**Музма́ри мураффа́ли мусабба́ғ**, м у з м а р и м у т а в в а л (аз *музмар, мураффал* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — /, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои и з м о р, т а р ф и л ва и с б о ғ ё гузаронидани амалҳои и з м о р у т а т в и л ба вуҷуд меояд. Агар ба воситаи амали исбоғ ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и зиҳофи музмари мураффал — мустафъилотун / — — у — — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мустафъилотун / — — у — — / шакли мустафъилотон / — — у — ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. м. ё м у з м а р и м у т а в в а л меноманд. Зиҳофи мураффали мусаббағ ё мутаввал шакли афоили М. м. м.-ро дошта бошад ҳам, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастаги надорад, зеро зиҳофи мураффали мусаббағ аз рук-



ни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун ба вуҷуд омада, М. м. м. бошад аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / ҳосил шудааст. М. м. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. Ин зиҳоф низ дар шеър хеле кам истифода мешавад ва фақат ба баҳри Комил хос мебошад. М и с о л:

Комили мусаддаси музмари мураффали М. м. м.:

Касбу ҳунарро аз коммунистон бояд биёмӯхт,
Субҳи зафарро чун коммунистон бояд биёмӯхт.
Дар кору меҳнат, дар меҳру шафқат ҳамто надоранд,
Дар аҳду паймон, дар сидку ҳиммат ҳамто надоранд. *(Фарҳат)*
мустафъилотун / мустафъилотун / мустафъилотон
— — у — — / — — у — — / — — у — ~

Яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мусаддаси мураффали мутаввал мустафъилотун / мустафъилотун / мустафъилотон низ шакли афоили баҳри Комили мусаддаси музмари мураффали М. м. м.-ро дорад.

**Музма́ри мутавва́л** (аз *музмар* ва *мутаввал*), номи дигари зиҳофи *Музмари мураффали мусаббағ*.

М и с о л:

Комили мусаддаси музмари мураффали М. м.:

Мардум ҳамеша дилшод гарданд аз рӯи хуршед,
Аз чашмаи ӯ гиранд амре гармии уммед. *(Фарҳат)*
мустафъилотун / мустафъилотун / мустафъилотон
— — у — — / — — у — — / — — у — ~

**Музо́л** (ар. مذال -доман барнихода), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба ҷузви охири *ватади маҷмӯъи* рукнҳои мустафъилун / — — у — /, фоилун / — у — / ва мутафоилун / у у — у — / афзудани як алиф («о») ба вуҷуд меояд. Агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и ҳиҷои охири рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /, рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / ва рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мустафъилун / — — у — / шакли мустафъилон / — — у ~ /, фоилун / — у — / шакли фоилон / — у ~ / ва мутафоилун / у у — у — / шакли мутафоилонро / у у — у ~ / мегирад, ки онро М. меноманд. Зиҳофҳои аштари мусаббағ / — у ~ /, марфӯъи музол / — у ~ /, матвии мавқуф / — у ~ /, мақсур / — у ~ / шакли афоили М.-и рукни асосии баҳри

Мутадорик — фоилунро / — у — / дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аштари мусаббағ / — у ~ / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — —/, зиҳофи марфӯъи музол / — у ~ / аз рукни солими мус-тафъи-лун / — — у —/, матвии мавқуф / — у ~ / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофи мақсур аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз рукнҳои асосии баҳрҳои Раҷаз — мустафъилун / — — у —/, Мутадорик — фоилун / — у —/ ва Комил — мутафоилун / у у — у —/ ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои муфрадест, ки номи муфрад дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд. М. нисбат ба дигар зиҳофҳои арӯз камистеъмол буда, бештар ба баҳрҳои Раҷаз, Мутадорик ва Комил хос аст.

Раҷази мусаммани М.:

Ҳамчун ситора лолаҳо сӯзад ба пои марғзор,
Дар ҳасрати зулфи нигор, дар ёди кокулҳои ёр. *(Гулназар)*
мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилон
— — у — / — — у — / — — у — / — — у ~

Мисол: Раҷази мусаддаси М.:

То кай гӯй, ки аз ман бош дур,
Гар дур бошам аз ту, чун бошам сабур? (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
мустафъилун / мустафъилун / мустафъилон
— — у — / — — у — / — — у ~

Раҷази мусаддаси матвии М.:

То ғамат андар дили ман ғашт падид,
Касе маро бо лаби пурханда надид. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / муфтаилун / муфтаилон
— у у — / — у у — / — у у ~

Раҷази мусаддаси матвии махбуни М.:

Ҳарчанд бар ман зи ғамат киёмат аст,
Ошиқ шудан, ҷуз ба ту бар ғаромат аст. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / муфтаилун / мафоилон
— — у — / — у у — / у — у ~

Раҷази мураббаъи махбули махбуни М.:



Бивазад аз чаман насим,
Биравад аз суман шамим. *(Фарҳат)*
фаилатун / мафоилон
у у у — / у — у ~

Раҷази мураббаъи матвии мақтӯъи М.:

Сулҳу амонӣ аз мосӣ,
Бахту чавонӣ аз мост. *(Мақсуди Гулчин)*
муфтаилун / мафъӯлон
— у у — / — — ~

**Музорéъ** (ар. مظارع -монанд, мушобеҳ), номи яке аз баҳрҳои фаръии арӯз. Ин баҳрро барои он М. меноманд, ки ба баҳри Мунсареҳ шабоҳат дорад, яъне рукнҳои дуюми ин ҳар ду баҳр дорои ватади мақрун / — у / мебошанд. Агар дар рукни дуюми М., ки фои-ло-тун / — у — — / аст, ҷузви якуми он «фои» / — у / ватади мақрун бошад, дар рукни дуюми Мунсареҳ — мафъӯлоту / — — — у / ватади мақрун / — у / «лоту» ду ҳиҷои охири онро ташкил додааст. Ба ақидаи Халил ибни Аҳмад, ин баҳрро барои он М. меноманд, ки ба баҳри Ҳазаҷ монанд аст. Сабаби ин монандӣ дар он зоҳир мешавад, ки дар рукнҳои ҳар ду баҳр *ватад нисбат* ба сабаб муқаддамтар мебошад. М. рукни махсус надорад. Рукнҳои солими М. мафойлун / у — — —/, фои-ло-тун / — у — —/, мафойлун / у — — —/ фои-ло-тун / — у — —/ буда, Халил ибни Аҳмад онро аз ҷузви ватади маҷмӯъи рукни дуюми доираи чоруми арӯзи арабӣ, яъне аз доираи *Муштабаҳа* дар шакли мусаддас / мафойлун / фои-ло-тун / мафойлун у — — — / — у — — / у — — — / ҷудо кардааст. Рукни якуми М. — мафойлун / у — — — / аз як ватади маҷмӯъ / у — / ва ду сабаби хафиф / — — /, рукни дуюми он — фои-ло-тун / — у — — / аз як ватади мақрун / — у / ва ду сабаби хафиф / — — / иборат аст, дар ин рукнҳо фосила иштирок надорад. Шаклҳои солими М. аз ҷумлаи вазнҳои сақили арӯз ҳисоб мешаванд, зеро дар онҳо ҳиҷоҳои дароз нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳ бештаранд. Ҳарчанд М.-ро дар арӯзи арабӣ аз доира дар шакли мусаддас берун овардаанд, дар арӯзи тоҷикӣ дар шакли мусамман / мафоилун / фоило-тун / мафойлун / фои-ло-тун маъмул аст. Аз рукнҳои солими М. се навъи он: мусаммани солим, мусаддаси солим ва мураббаъи солими он ба вуҷуд меояд. Барои сохтани дигар навъҳои ин баҳр аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / зиҳофҳои мақфуф / мафойлу у —

— у /, ахрам / мафъӯлун — — — /, ахраб / мафъӯлу — — у /, абтар / фаъ — /, маҳзуф / фаӯлун у — — /, муханнақи мақсур / мафъӯл — ~ /, муханнақи маҳзуф / фаълун — — /, муханнақ / мафъӯлун — — — /, мақсур / мафойл у — ~ / ва аз рукнҳои фои-ло-тун / — у — — / зиҳофҳои м а к ф у ф / фоилоту — у — у /, мусаббағ / фоилийён — у — ~ /, маслух / фоъ /, матмус / фаъ — /-ро истифода мебаранд. М. аз ҷумлаи баҳрҳои серистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда, аз омезиши рукнҳои солим ва зиҳофҳои онҳо дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъ навъҳои зерини он сохта мешаванд. Шаклҳои солими М. кам маъмуланд. Мисол:

М.-и мусаммани солим:

Ба сунбул чун мар суманро бипӯшонидӣ, накӯӣ,
Биафзудӣ, эй машаъуз, зи кӣ омӯхтӣ накӯӣ?
мафойлун / фои-ло-тун / мафойлун / фои-ло-тун
у — — — / — у — — / у — — — / — у — —

М.-и мусаддаси солим:

Ба гетӣ — дар аз мусулмону аз кофир,
Набинад кас чун Сулаймон бини Носир (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлун / фои-ло-тун / мафойлун
у — — — / — у — — / у — — —

М.-и мураббаъи солим:

Бинокорӣ касби некӯ,
Бағоят мақбулу дилҷӯ. *(Фарҳат)*
мафойлун / фои-ло-тун
у — — — / — у — —

М.-и мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

Сокӣ ба нури бода бирафрӯз ҷоми мо,
Мутриб, бигӯ, ки кори ҷаҳон шуд ба коми мо. *(Ҳофиз)*
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилун
— — у / — у — у / у — — у / — у —

М.-и мусаммани ахраб:

Сад раҳ дар интизорат то пушти дар давидам,
Поям зи кор афтод, он гаҳ ба сар давидам. *(Лоҳутӣ)*
мафъӯлу / фои-ло-тун / мафъӯлу / фои-ло-тун
— — у / — у — — / — — у / — у — —



М.-и мусаммани **ахраби мусаббағ:**

Хубон ҳама худоянд ушон худойгон аст,
Мар некбахтиямро бар рӯи ӯ нишон аст. *(Рӯдакӣ)*
мафъӯлу / фои-ло-тун / мафъӯлу / фоилийён
— — у / — у — — / — — у / — у — ~

М.-и мусаммани **мақбузи мақсур:**

Ба сони он ҳаммӣ зулф, ба сони минқори боз,
Ба ҳаққи он рӯи хуб, к-аз ӯ гирифтӣ бароз. *(Рӯдакӣ)*
мафоилун / фоилон / мафоилун / фоилон
у — у — / — у ~ / у — у — / — у ~

М.-и мусаммани ахраби аштари матмус:

Имрӯз кард ёрам қасди лашкар,
То гашт ҷонам аз дардаш бар Озар. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / фоилотун / фоилун / фаъ
— — у / — у — — / — у — / —

М.-и мусаммани ахраби макфуфи мақсур:

То оби дилбариву малоҳат ба ҷӯи туст,
Ҷонам зи ошиқӣ ҳама бар ҷустуҷӯи туст. *(Адиб Собири Тирмизӣ)*
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилон
— — у / — у — у / у — — у / — у ~

М.-и мусаммани мақбуз:

Ба чашмат, эй рӯшной, ки бе ту бас бекарорам,
Ба ҷонат, эй зиндагонӣ, ки бе ту ҷон месупорам.
*(Шарафуддини Исфаҳонӣ)*
мафоилун / фои-ло-тун / мафоилун / фои-ло-тун
у — у — / — у — — / у — у — / — у — —

М.-и мусаддаси макфуфи абтар:

Дил аз ёри бевафо бикаш,
Бувад ёр бевафо, на х(в)аш. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлу / фоилоту / фаъ
у — — у / — у — у / —

Ҳамин байтро Шамси Қайси Розӣ дар *«Ал-мӯъҷам»* ва Баҳром Сирус дар *«Арӯзи тоҷикӣ»* ва муаллифи ин сатрҳо дар ҷ. аввали «Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» дар мақ.

Матмус вазни онро Музореъи мусаддаси макфуфи матмус номидаанд, ки ба фикрам саҳеҳ нест, зеро аркони мусаммани солими бахри Музореъ аз мафоийлун / у — — —/, фои-ло-тун / — у — —/, мафоийлун / у — — —/, фои-ло-тун / — у — —/ ташкил ёфтааст. Шакли мусаддаси солими М. бошад аз рукнҳои мафоийлун / у — — —/, фои-ло-тун / — у — —/, мафоийлун / у — — —/ сохта мешаванд. Чи тавре ки мебинед, рукни сеюми М.-и мусаддаси солимро мафоийлун / у — — —/ ташкил медиҳад ва зиҳофе, ки аз рукни мафоийлун / у — — —/ дар шакли фаъ / —/ ба вуҷуд меояд, абтар ном дорад. Аммо зиҳофи матмус бошад, аз рукни солими фои-ло-тун ҳосил мешавад. Пас номи дурусти вазни байти боло на Музореъи мусаддаси макфуфи матмус, балки Музореъи мусаддаси макфуфи абтар аст.

М.-и мусаммани ахраби макфуфи мақсур:

Ҳар кас, ки кор кард, рафиқон, барои халқ,
Бошад ҳамеша лоиқи фахру санои халқ. *(Н. Маъсумӣ)*
мафъӯлу / фоилоту / мафоийлу / фоилон
— — у / — у — у / у — — у / — у ~

М.-и мусаддаси ахраби макфуф:

Эй нозанин, ки моҳи манӣ имшаб,
Раҳме бикун, ту шоҳи манӣ имшаб. *(Сайфӣ)*
мафъӯлу / фоилоту / мафоийлун
— — у / — у — у / у — — —

М.-и мусаддаси мақбуз:

Ҳамекунам мехрубонӣ ба ҷои ту,
Ҷафо макун, гар тавонӣ ба ҷои ман. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фои-ло-тун / мафоилун
у — у —/ — у — — / у — у —

М.-и мусаддаси ахраби муханнақи мақсур:

Туркони нағзи некӯдидор,
Чобуксавори ширингуфтор. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / фои-ло-тун / фаълон
— — у / — у — — / — ~

М.-и мусаддаси макфуфи маҳзуф:



Хушо ҷилваи ҷамоли ту дидан,
Хушо меваи висоли ту чидан. *(Ҷомӣ)*
мафоилу / фоилоту / фаъулун
у — — у / — у — у / у — —

М.-и мусаммани ахраби макфуфи матмус:

Он хубрӯй дилбари бедодгар,
Қ-андар ғамонаш сӯхта гаштам чигар. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / фоилоту / мафоийлу / фаъ
— — у / — у — у / у — — у / —

М.-и мураббаъи макфуфи мақсур:

Маро кушт бехадид,
Сияҳчашми Бӯсанд. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоийлу / фоилон
у — — у / — у ~

М.-и мураббаъи ахраб:

Хӯгири ҷони ман буд
Тифли бародари ман,
Ҳар ҷо ки буда бошам,
Ӯ буд дар бари ман. *(Зиё Абдулло)*
мафъӯлу / фоилотун
— — у / — у — —

**Музоҳа́ф** (ар. مزاحف -зиҳофдор), рукни ғайрисолим ва баҳреро гӯянд, ки дар он *зиҳоф* роҳ ёфта бошад.

**Мулавва́н** (ар. ملون -гуногунранг), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик яке аз санъатҳои лафзист. Шеърест, ки онро ба ду вазн битавон хонд. Мас., агар байти:

Фурӯғи соғари саҳбо зи базми довари гетӣ,
Шуоъи гавҳари ханҷар зи разми хусрави аъзам.

-ро мухаффаф (сабук) хонӣ, вазни бахри Муҷтасси мусаммани махбун:

мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилотун
у — у — / у у — — / у — у — / у у — —

ва агар мушаддад (бошиддат) хонӣ, вазни бахри Ҳазаҷи мусаммани солим:

мафойлун / мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — — / у — — — / у — — — / у — — —

ҳосил мешавад. Мисоли дигар:

Эй рухи ту тозатар аз навбаҳор,
Бар рухи ту савсану гулнор бор.
Дар лабу дандони ту Оби Ҳаёт,
Дар хами гесӯи ту мушки татор.

Агар мушаддат хонӣ, баҳри Рамали мусаддаси мақсур:

фоилотун / фоилотун / фоилон
— у — — / — у — — / — у ~

ва агар мухаффаф, хонӣ, баҳри Сареъи мусаддаси матвии маъқуф бошад.

муфтаилун / муфтаилун / фоилон
— у у — / — у у — / — у ~

Ниг. низ. *Муталаввин.*

**Мунзаҳиф** (ар. منزحف -аз самти маъқул дуршаванда), дар илми арӯз байте ё мисраъеро номанд, ки дар вазни он заҳф мушоҳида шавад. Ниг. *Мункасир.*

**Мункасир** (ар. منكسر -шикаста, шикасташаванда), дар илми арӯз мисраъ ё байтеро гӯянд, ки дар он заҳфи шеърӣ рӯй дода бошад. Баъзе шоирон ё аз надонистани қавоиди илми арӯз ё аз беэътиноию бедиққатӣ дар шеър ба заҳф роҳ медиҳанд, яъне ё ҳиҷое кам ё ҳиҷое зиёд меоранд. Мисол:

Зулфи печон, чашми фаттон дореду акли расо,
Шод мегаштам шавам, ҷонона, пайванди шумо. (*Наимҷон Назирӣ*)
фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилун
— у — — / — у — — / — у — — / — у —

Ин байт дар баҳри Рамали мусаммани маҳзуф навишта шудааст, вале рукни сеюми он дар шакли фоилотун / — у — — / не, балки дар шакли мустафъилун / — — у — / омадааст (зулфи печон — фоилотун, чашми фаттон — фоилотун, дореду ақ — мустафъилун, ли расо — фоилун) ва агар ба ҷои калимаи «дореду» калимаи дигаре оварда мешуд, вазн ба заҳф дучор намегардид. М.-ро баъзан мунзаҳиф ё шикаста меноманд.



**Муноқиза́**, муноқаза (ар. مناقضه -сухан бар хилофи ҳамдигар гуфтан), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои шеърист, ки маънии мисраъи дуюми шеър хилофи маънии мисраъи аввали он омада бошад. Мас., дар байти:

Дирамаш бахшам, бӯса надихад, чавр кунад,
Бидарам ҷома, ки бӯса нафурӯшад ба дирам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фаилотун / фаилотун / фаилотун / фаилун
у у — — / у у — — / у у — — / у у —

шоир ду фикри мухолифро овардааст, ки яъне «агар дирам бахшам, бӯса надихад ва агар хоҳам, ки ба дирам бӯса харам» нафурӯшад. Мисоли дигар:

Эй мулки туро арсаи олам сари кӯе
В-аз мулки ту то мулки Сулаймон сари мӯе. (*Анварӣ*)
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаӯлун
— — у / у — — у / у — — у / у — —

Вобаста ба мазмуни байт муҳаққиқон ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд. Гурӯҳи аввал ба чунин хулоса омадаанд, ки шоир дар мисраъи аввал мулки ӯро аз арсаи олам боло, дар мисраъи дуюм бошад онро аз мулки Сулаймон паст гузоштааст.

Гурӯҳи дуюм онро нузул фил — мадҳ (аз мадҳ даст кашидан) донистаанд, яъне шоир дар охири байт аз мадҳ поя кам кардааст. Аммо муроди шоир он аст, ки аз мулки мамдӯҳ то мулки Сулаймон андак тавофут аст, яъне донистани забони мурғон ва мутеъ будани деву парӣ сифатҳое мебошанд, ки мулки мамдӯҳро бо мулки Сулаймон як менамояд. Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам» М.-ро аз айбҳои қофия дониста, онро ба қатори акво, ито, акфо дохил кардааст.

**Мунсаре́ҳ** (ар. منسرح -осон ва равон кардашуда), номи яке аз баҳрҳои фаръии арӯз. Ин баҳрро барои он М. меноманд, ки вазнҳои он шӯху сабук буда, дар рукнҳои он *сабаб* нисбат ба *ватад* муқаддамтар аст. М. рукни махсус надорад. Рукнҳои солими он мустафъилун / — — у — / мафъӯлоту / — — у /, мустафъилун / — — у — /, мафъӯлоту / — — — у / буда, Халил ибни Аҳмад онро аз ҷузви сабаби хафифи якуми рукни дуюми доираи чоруми арӯзи арабӣ, яъне аз доираи *Муштабаҳа* дар шакли мусаддас / мустафъилун / мафъӯлоту / мустафъилун — — у — / — — — у / — — у — / ҷудо кардааст. Рукни аввали М.-и мустафъилун / — — у — / аз ду сабаби хафиф / — — / ва як ватади маҷмӯъ / у — /, рукни дуюми он — мафъӯлоту / — — — у / аз ду саба-

би хафиф / — —/ ва як ватади маффуқ / — у/ иборат аст. Дар ин рукнҳо *фосила* иштирок надорад. Шаклҳои солими М. аз ҷумлаи вазнҳои сақили арӯз ҳисоб мешаванд, зеро ҳиҷоҳои дарози он нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳаш бештаранд. Ҳарчанд М.-ро дар арӯзи арабӣ аз доира дар шакли мусаддас берун овардаанд, дар арӯзи тоҷикӣ дар шакли мусаммани музоҳаф / муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фоилоту — у у — / — у — у / — у у —/ — у — у/ маъмул аст. Донишмандони илми арӯзи тоҷикӣ Шамсуддин Муҳаммад Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам», Алишери Навоӣ дар «Мизон-ул-авзон» М.-ро дар доираи *Мухталифа,* дар шакли мусаммани музоҳаф (матвӣ), Воҳиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» М.-ро низ дар доираи Мухталифа, вале дар шакли мусаддаси музоҳаф (матвӣ), Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» М.-ро дар доираи Муштабаҳа, аммо дар шакли мусаммани музоҳаф (матвӣ), Сайфӣ дар асараш — *«Арӯзи Сайфӣ»* М.-ро мисли Халил ибни Аҳмад дар доираи Муштабаҳа, дар шакли мусаддаси солим ҷой додаанду дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъи он имконияти навиштани шеърро низ таъкид кардаанд. Аз рукни солими М. се навъи он: мусаммани солим, мусаддаси солим ва мураббаъи солим ба вуҷуд меояд. Барои сохтани дигар навъҳои ин баҳр аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/, зиҳофҳои матвӣ / муфтаилун — у у —/, махбун / мафоилун у — у —/, мақтӯъ / мафъӯлун — — —/, аҳаз(з) фаълун / — —/, аҳаззи мусаббағ / фаълон — ~ /, марфӯъ / фоилун — у —/, мақтӯъи мусаббағ / мафъӯлот — — ~ / ва аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у/ зиҳофҳои махбун / мафойлу у — — у/, матвӣ / фоилоту — у — у/, марфӯъ / мафъӯлу — — у/, матвии макшуф / фоилун — у—/, матвии мавқуф / фоилон — у ~ /, махбуни макшуф / фаӯлун у — —/, махбуни мавқуф / фаӯлон у — ~ /, мақдӯъ / фоъ ~ /, манҳур / фаъ — /-ро истифода мебаранд. М. аз ҷумлаи баҳрҳои серистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда, аз омезиши рукнҳои солим ва зиҳофҳои онҳо дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъ навъҳои зерини он сохта мешаванд. Шаклҳои солими М. кам маъмуланд. Мисол:

М.-и мусаммани матвии мақдӯъ:

Он ки бувад бар сухан савор, савор ӯст,
Он на савор аст, к-ӯ бар асп савор аст. *(Носири Хисрав)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фоъ
— у у —/ — у — у/ — у у —/ ~

М.-и мусаммани матвии мавқуф:



Оташи рухсори гул хирмани булбул бисӯхт,
Чеҳраи хандони шамъ офати парвона шуд. *(Ҳофиз)*
муфтаилун / фоилун / муфтаилун / фоилон
— у у —/ — у —/ — у у —/ — у ~

М.-и мусаммани матвии макшуф:

Бар сари коғаз равад чун зи қалам номи ӯ,
Хома шавад беқарор, дасти маро мегазад. *(Лоҳутӣ)*
муфтаилун / фоилун / муфтаилун / фоилун
— у у —/ — у —/ — у у —/ — у —

М.-и мусаммани матвии манҳур:

Дидаи аҳли тамаъ ба неъмати дунёӣ
Пур нашавад ҳамчунон, ки чоҳ ба шабнам. *(Саъдӣ)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фаъ
— у у —/ — у — у/ — у у —/ —

М.-и мусаммани махбуни макшуф:

Гардида шамъи базмам бе обутоб бе ту,
Фонуси дил фиканда киштӣ ба об бе ту. *(Сайидо)*
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / фаӯлун
— — у —/ у — —/ — — у —/ у — —

М.-и мусаммани матвии махбуни макшуф:

Дилбари дилнавозам, шоҳиди дӯстрӯям,
Оташи чонгудозам, машъали орзӯям. *(Фарҳат)*
муфтаилун / фаӯлун / муфтаилун / фаӯлун
— у у —/ у — —/ — у у —/ у — —

М.-и мусаммани матвии мақтӯъи матвии манҳур:

Ҷавзоро кор бикун ба бонги муғанний,
Парвинро ранг дех ба бодаи равшан. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлун / фоилоту / муфтаилун / фаъ
— — —/ — у — у/ — у у —/ —

М.-и мусаммани матвии макшуфи махбуни матвии мавқуф:

Бо ду-се бӯса раҳо кун ин дили дарднок,
То ба ман эҳсон-т бошад ахсаналлоҳ ҷазок. *(Рӯдакӣ)*
муфтаилун / фоилун / мафоилун / фоилон
— у у— /— у —/ у — у —/ — у ~

М.-и мусаммани мақтӯъи матвии макшуф:

Моро гуфтӣ маёӣ беш бад-ин маъдано,
Моро дил сӯхтааст, ишқ туро домано. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлун / фоилун /муфтаилун / фоилун
— — — / — у — / — у у — / — у —

М.-и мусаммани матвии маҳдӯъ:

Зулфи ту аз мушку мушк пургиреху банд,
Лаб чу ақиқу ақиқ пуршакару қанд. (*Адиб Собири Тирмизӣ*)
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фоъ
— у у — / — у — у / — у у — / ~

М.-и мусаддаси матвӣ:

Эй дилбари ҷонфизой, тундӣ макун,
Бо ошикон хуш сарой, тундӣ макун. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / фоилоту / мустафъилун
— — у — / — у — у / — — у —

М.-и мусаддаси матвии мақтӯъ:

Баски ба мӯят асир шуд ҷонам,
Гар бигузорӣ, гурехт натвонам. (*Сайфӣ*)
муфтаилун / фоилоту / мафъӯлун
— у у — / — у — у / — — —

М.-и мураббаъи матвии макшуф:

Қалтаки колхозчиён,
Аслиҳаи партизон
Ғайрати заҳматкашон
Шуд сабаби ифтихор. (*Лоҳутӣ*)
муфтаилун / фоилун
— у у — / — у —

М.-и мусаммани матвии мавқуфи матвии макшуф:

Бо лаби нозук нигор дасти маро мегазад,
Ин варақи гул чу хор дасти маро мегазад. (*Лоҳутӣ*)
муфтаилун / фоилон / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у ~ / — у у — / — у —

М.-и мусаммани матвии мавқуф:



Он ки дилам сайд кард, мири шикори ман аст,
Даст ба хунам нигор карда нигори ман аст. (*Сайфӣ*)
муфтаилун / фоилон / муфтаилун / фоилон
— у у— / — у ~ / — у у — / — у ~

М.-и мусаммани мақтӯъи матвии манҳур:

Аҳде кардам, ки то бари ту н-оям,
Бӯсе надҳам бар он ақиқин шаккар. (*Масъуди Саъди Салмон*)
мафъӯлун / фоилоту / мафъӯлун / фаъ
— — — / — у — у / — — — / —

М.-и мусаммани матвии мақтӯъи манҳур:

Ҳурмати рӯи туро набинам, лола!
Ҳашмати бӯи туро набӯям, анбар. (*Масъуди Саъди Салмон*)
муфтаилун / фоилоту / мафъӯлун / фаъ
— у у — / — у — у / — — — / —

М.-и мусаммани матвии макшуфи махбун (ҳашви якуми мисраъи дуюм — матвии мавқуф, ҳашви дуюм — матвӣ):

Қист, ки пайғоми ман ба шаҳри Шервон барад,
Як сухан аз ман бад-он марди сухандон барад. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / фоилун / мафоилун / фоилун
— у у — / — у — / у — у — / — у —

М.-и мусаммани матвии мақтӯъи маҳдӯъ (ҳашви дуюми мисраъи якум — матвӣ):

Дер зиёд он бузургвори хирадманд,
Ҷони гиромӣ ба ҷон-ш андар пайванд. (*Рӯдакӣ*)
муфтаилун / фоилоту / мафъӯлун / фоъ
— у у — / — у — у / — — — / ~

М.-и мусаммани мақтӯъи матвии маҳдӯъ (ибтидо — матвӣ):

Доим бар ҷони ӯ биларзам зебо-к
Модари озодгон кам орад фарзанд. (*Рӯдакӣ*)
мафъӯлун / фоилоту / мафъӯлун / фоъ
— — — / — у — у / — — — / ~

М.-и мусаммани мақтӯъи матвии макшуфи матвии мавқуф:

Ӯро аз некӯи Қорун кардаст бӯз,
Маро хоҳад ҳаме к-аз ғам Қорун кунад. (аз *«Ал-мӯҷам»*)
мафъӯлун / фоилун / мафъӯлун / фоилон
— — — / — у — / — — — / — у ~

М.-и мусаммани мақтӯъи матвии мавқуфи матвии мақшуф (ибтидо ва ҳашви дуюми мисраъи дуюм — матвӣ):

Гуфтам тобам-т низ ҳаргиз пиромано,
Беҳуда гуфтам ман ин, беҳудагӯё мано. *(Абулҳасани Урмуядӣ)*
мафъӯлун / фоилон / мафъӯлун / фоилун
— — — / — у ~ / — — — — / — у —

М.-и мусаддаси аҳаззи мусаббағ:

Берун шуд аз эҳтироқ Баҳром
В-оврад зи шоҳ моҳ пайғом. (аз *«Ал-мӯҷам»*)
мустафъилун / фоилоту / фаълон
— — у — / — у — у / — ~

М.-и мусаддаси матвӣ:

Эй ба хатоҳо басиру ҷалду ялӣ,
Н-оядат аз кори зишти худ хиҷилӣ? *(Носири Хисрав)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун
— у у — / — у — у / — у у —

М.-и мусаддаси мақтӯъи матвӣ:

Аз дил бо ман намонд ҷуз расме
В-аз ҷон бо ман намонд ҷуз бӯе. (аз *«Ал-мӯҷам»*)
мафъӯлун / фоилоту / мафъӯлун
— — — / — у — у / — — —

М.-и мусаддаси махбуни матвии мақтӯъ (зарб — мақтӯъи мусаббағ):

Набинӣ аз ман раҳе ба ҷуз хидмат,
Надорам аз ту тамаъ ба ҷуз дидор. (аз *«Ал-мӯҷам»*)
мафоилун / фоилоту / мафъӯлун
у — у — / — у — у / — — —

М.-и мусаддаси матвии аҳаз(з) (ибтидо—махбун):



Рӯй магардон зи ман ҳабибӣ,
Ки дарди ҷони маро табибӣ. (аз *«Ал-мӯҷам»*)
муфтаилун / фоилоту / фаълун
— у у — / — у — у / — —

М.-и мусаддаси матвии аҳаззи мусаббағ (арӯз — мақтӯъ):

Дур шуд аз ман қарору оромам,
То шудам аз пеши он санам дур. (аз *«Ал-мӯҷам»*)
муфтаилун / фоилоту / фаълон
— у у — / — у — у / — ~

М.-и мусаддаси марфӯъ:

Дорад қадам монанди торе қасаб,
Аз фурқаташ он турки дебосалаб. (аз *«Ал-мӯҷам»*)
мустафъилун / мафъӯлу / мустафъилун
— — у — / — — у / — — у —

М.-и мусаддаси марфӯъи матвӣ:

Ранҷи бемарҳаме барад дили ман,
Нест ҷуз ғам зи ёр ҳосили ман. (аз *«Ал-мӯҷам»*)
фоилун / фоилоту / муфтаилун
— у — / — у — у / — у у —

М.-и мусаддаси матвии мақтӯъ:

Тозатар аз тозабарги насринӣ,
Дӯсттар аз дидаю дилу динӣ. (аз *«Ал-мӯҷам»*)
муфтаилун / фоилоту / мафъӯлун
— у у — / — у — у / — — —

М.-и мусаддаси матвии мураффали матвӣ:

Ҳар чи бигӯям зи ман нигар, ки нагирӣ,
Ақл чудо шуд зи ман, ки ёр чудо шуд. *(Маъруфӣ)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилотун
— у у — / — у — у / — у у — —

М.-и мусаддаси матвии макшуфи махбуни музол:

Эй бутаки моҳрӯи ҳурзод,
Бода ба ман деҳ, ба ранги бомдод. (аз *«Ал-мӯҷам»*)
муфтаилун / фоилун / мафоилон
— у у — / — у — / у — у ~

**М.-и мусаддаси матвии мутаввали матвӣ:**

Мулк ҳасун асту ҳусни мулк ҳасин аст,
Миннати вофир худойро, ки чунин аст. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / фоилоту / муфтаилотон
— у у — / — у — у / — у у — ~

**М.-и мураббаъи матвии мавқуф:**

Офати ҳар золимем,
Мо ба ҷаҳон ҳокимем,
Ранҷбару олимем,
Қоргару зарбдор. *(Лоҳутӣ)*
муфтаилун / фоилон
— у у — / — у ~

**М.-и мураббаъи махбуни макшуф:**

Дӯлона дона-дона,
Як донаву ду дона,
Дар шоҳаҳон сабзаш
Гунҷишк монда лона. *(Мақсуди Гулчин)*
мустафъилун / фаӯлун
— — у — / у — —

М.-и мураббаъи матвии мавқуф:

Он рӯи он турк бин,
Гӯё ки моҳи самост. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / фоилон
— — у — / — у ~

М.-и мураббаъи матвии махбуни мавқуф:

Шӯълаи гарми хуршед,
Бар сари кишт афтод. *(Фарҳат)*
муфтаилун / фаӯлон
— у у — / у — ~

**Мунсарéҳи кабúр** (аз *Мунсареҳ* ва *кабир*), дар илми арӯз баҳри Мунсареҳи мусаммани матвӣ / муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фоилоту — у у — / — у — у / — у у — / — у — у /-ро гӯянд. Сабаб он аст, ки *Халил ибни Аҳмад* аркони Мунсареҳро аз ҷузви *сабаби* хафифи якуми рукни дуюми доираи



ҷорумии арӯзи арабӣ — *Муштабаҳа* дар шакли мусаддас / мустафъилун / мафъӯлоту / мустафъилун / ҷудо карда буд. Донишмандони илми арӯзи тоҷикӣ — Шамси Қайси Розӣ дар *«Ал-мӯъҷам»* Мунсареҳро дар доираи *Мухталифа*, дар шакли мусаммани музоҳаф (матвӣ), Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» Мунсареҳро дар шакли мусаммани музоҳаф (матвӣ), вале дар доираи Муштабаҳа ҷой додаанд.

**Мунсарéҳи сағúр** (аз *Мунсареҳ* ва *сағир*), дар илми арӯз баҳри Мунсареҳи мусаддаси матвиро / муфтаилун / фоилоту / муфтаилун — у у — / — у — у / — у у — /-ро гӯянд, чунки мухтареъи арӯзи араб — Халил ибни Аҳмад аркони солими баҳри Мунсареҳро аз доираи ҷорумии арӯзи арабӣ — Муштабаҳа дар шакли мусаддас / мустафъилун / мафъӯлоту / мустафъилун берун оварда буд. Як гурӯҳ донишмандони илми арӯзи тоҷикӣ мисли Шамси Қайси Розӣ ва Муҳаммад Ғиёсуддин Мунсареҳро дар шакли мусаммани музоҳаф (матвӣ) ва гурӯҳе мисли Ваҳиди Табрезӣ ва дигарон Мунсареҳро дар шакли мусаддаси музоҳаф (матвӣ) аз доира берун оварданд. Ба ҳама маълум аст, ки Мунсареҳ дар арӯзи тоҷикӣ дар шакли мусамман машҳур аст.

**Мунтазиá** (ар. منتزعه -маҳрумшуда, кандашуда, ҷудошуда), дар илми адабиётшиносӣ номи яке аз доираҳои арӯз (доираи шашум), ки арӯзиёни форс-тоҷик баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Ин доираро барои он М. меноманд, ки баҳрҳои онро аз доираи *Муштабаҳа* ҷудо карда гирифтаанд.

Дар М. рукнҳои музоҳафи баҳрҳои Сареъ, Ҷадид, Қариб, Хафиф ва Мушокил фақат дар шакли мусаддас ҷой шудаанд. Агар аз ҷузви якуми рукни аввали доира, яъне аз «муф» / — / сар кунем, муфтаилун / — у у — /, муфтаилун / — у у — /, фоилоту / — у — у / ҳосил мешавад, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Сареъи мусаддаси матвӣ: агар аз ҷузви дуюми рукни аввали доира, яъне аз «та» / у / сар кунем, «таилунмуф» / у у — — /, «илотумуф» / у — у — / ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фаилотун / у у — — /, фаилотун / у у — — /, мафоилун / у — у — /-ро мегузорад, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Ҷадиди мусаддаси махбун; агар аз ҷузви сеюми рукни аввали доира, яъне аз «и» / у / сар кунем, «илунмуфта» / у — — у /, «илунфои» / у — — у /, «лотумуфта» / — у — у / ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафойлу / у — — у /, мафойлу / у — — у /, фоилоту / — у — у /-ро мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Қариби мусаддаси макфуф; агар аз ҷузви дуюми рукни дуюми доира, яъне аз «та» / у / сар кунем, «таилунфо» / у у — — / «илотумуф» / у — у — /, «таилунмуф» / у у — — /

ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фаилотун / у у — —/, мафоилун / у — у —/, фаилотунро / у у — —/ мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Хафифи мусаддаси махбун; агар аз ҷузви сеюми рукни сеюми доира, яъне аз «ло» / — / сар кунем, се бор «лотумуфта» / — у — у /, «илунмуфта» / у — — у /, «илунфои» / у — — у / ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоилоту / — у — у /, мафойлу / у — — у /, мафоилуро / у — — у / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Мушокили мусаддаси макфуфро ташкил медиҳад. Рукни якуму дуюми доира — муфтаилун аз рукни солими мустафъилун / — — у —/, рукни сеюми он фоилоту / — у — у / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. Мустафъилун / — — у —/ аз ду сабаби хафиф / «мустаф» / — —/ ва як ватади маҷмӯъ / «илун» / у —/ иборат буда, дар рукни мафъӯлоту / — — — у/ бошад, аввал ду сабаби хафиф («мафъӯ»), баъд як ватади мафруқ / «лоту» — у / омадааст. Дар ҳар се рукни доира *фосила* иштирок надорад.

Мисол: Сареъи мусаддаси матвии мавкуф:



Ҳусн зи ҳар чеҳра, ки рух барфурӯхт,
Ишқ аз он шӯъла дилеро бисӯхт.
Ҳусн на он аст, ки монад ниҳон,
Гарчи бувад парда ҷаҳон — дар ҷаҳон. *(Ҷомӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилон
— у у — / — у у — / — у ~

Сареъи мусаддаси матвии макшуф:

Илм ҳамон аст ба таҳқиқу бас,
К-аз раҳи таҳқиқ барорӣ нафас. *(Хусрави Деҳлавӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у у — / — у —

Ҷадиди мусаддаси махбун:

Чу қадат гарчи санавбар кашад саре,
Набувад чун қади сарват санавбаре. *(Сайфӣ)*
фаилотун / фаилотун / мафоилун
у у — — / у у — — / у — у —

Қариби мусаддаси макфуфи мақсур:

Фиғон з-он сари зулфайни тобдор,
Фурӯ хишта зи ёқути обдор. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлу / мафойлу / фоилон
у — — у / у — — у / — у ~

Хафифи мусаддаси махбуни мақсур:

Дарди ишқе кашидаам, ки мапурс,
Заҳри ҳачре чашидаам, ки мапурс. *(Ҳофиз)*
фоилотун / мафоилун / фаилун
— у — — / у — у — / у у —

Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф:

Илм, к-аз баҳри боғу роғ бувад,
Ҳамчу мар дуздро чароғ бувад. *(Саноӣ)*
фоилотун / мафоилун / фаилун
— у — — / у — у — / у у —

Мушокили мусаддаси макфуфи мақсур:

Эй нигори сияҳчашми сияҳмӯй,
Сарвқадди накӯрӯи накӯгӯй. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилоту / мафойлу / мафойл
— у — у / у — — у / у — ~

**Мунтасáқ** (ар. منتسق -мунтазам, мураттаб), дар илми арӯз номи дигари баҳри *Мутадорик*.

**Мунтақас** (ар. منتقص нуқсдоршуда, нуқсдор, айбдор), дар илми арӯз рукни охири мисраъҳои якуму (арӯз) дуюми (зарб) байтро гӯянд, ки ба тағйирот дучор омада бошад. Ба ин маънӣ Насируддини Тӯсӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» менависад: «Ва арӯзу зарб агар солим бошад, яъне аз тағйирот холӣ бувад, саҳеҳ хонанд ва агар аз нуқсоне холӣ набувад, мунтақас хонанд». Ба таври дигар гӯем, агар рукнҳои охири мисраъҳои байт аз афоили солим: мисли мафойлун ё фоилотуну мустафъилун сохта шуда бошад, саҳеҳ ва агар аз зиҳофҳои ин рукнҳо: мисли фаӯлун ё фоилун ва ё муфтаилун таркиб ёфта бошанд, М. номида мешавад. Мисол барои М., ки дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси мақсур гуфта шудааст:

Яке гӯру яке Кон меканад боз,
Яке девори зиндон меканад боз.
Яке дил меканад аз ишқи ёре,
Яке чоҳ, дигаре чоҳ меканад боз. *(Лоиқ)*
мафойлун / мафойлун / мафоил
у — — — / у — — — / у — ~

Мисоли дигар аз Раҳмат Назрӣ (вазнаш баҳри Рамали мусаммани маҳзуф):

Шаҳчинор, эй соябони мардуми бесоябон,
Эй дарахти меҳрубон, эй ҳамзабони безабон.
Панҷаи барги туро тӯмор кардам дар барам,
То наояд панҷаи марги муфоҷо бар сарам.
фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилун
— у — — / — у — — / — у — — / — у —

Дар ҳар ду мисоли зикршуда рукнҳои охири мисраъҳо аз зиҳофҳои мақсури (шеъри аввал) рукни асосии баҳри Ҳазаҷ ва маҳзуфи (мисоли дуюм) рукни асосии баҳри Рамал сохта шудааст.

**Мунфарида́** (ар. منفرده -ягона, танҳо), дар илми адабиётшиносӣ номи яке аз доираҳои арӯзи араб (доираи панҷум), ки Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардааст. Ин доираро барои он М. меноманд, ки дар он фақат рукни як баҳр — *Мутақориб* ҷой дода шудааст.

Шоирони араб ашъори худро дар асли доира дар шакли мусамман овардаанд. Фаӯлун, ки рукни асосии баҳри Мутақориб аст, аз як *ватади* маҷмӯъ / «фаӯ» у — / ва як *сабаби* ха-






фиф / «лун» — / иборат аст. Баъди Халил ибни Аҳмад забоншинос ва арӯзидон Абулҳасан Ахфаши Балхӣ аз таркиби рукни фаӯлун рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилунро / — у — / берун оварда ва доираро *Муттафиқа* ном ниҳод. Агар аз ҷузви якуми фаӯлуни / у — — / доира, яъне аз ватади маҷмӯъ — «фаӯ» / у — / сар кунем, фаӯлун / у — — /, фаӯлун / у — — /, фаӯлун / у — — /, фаӯлун / у — — /, фаӯлун / у — — /, фаӯлун / у — — /, фаӯлун / у ——— / ба вуҷуд меояд, ки вазни як байти шеъри баҳри Мутақориби мусаммани солимро ташкил медиҳад. Агар аз ҷузви дуюми фаӯлуни доира, яъне аз сабаби хафиф — «лун» / — / сар кунем, 8 бор «лунфаӯ» / — у — / ба вуҷуд меояд, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фоилунро / — у — / гузошта, рукни асосии баҳри Мутадорик меноманд.

Мисол: Мутақориби мусаммани солим:

Фиғон аз ғаму дарду доғи чудой,
Ки з-ӯ шуд ба сад меҳнатам ошной. *(Айнӣ)*
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун
у — — / у — — / у — — / у — —

Мутадорики мусаммани солим:

Бевафой макун, дилрабой макун,
То кай охир азобам намой, макун. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фонлун / фоилун / фоилун / фоилун
— у — / — у — / -- у — / — у —

**Мунфаси́л** (ар. منفصل -ҷудошуда), дар илми арӯз рукнҳои фои-ло-тун / — у — — / ва мус-тафъи-лун / — — у — /-ро гӯянд. Ҳарчанд рукнҳои асосии баҳрҳои Рамалу Раҷаз, яъне фоилотун / — у — — /-у мустафъилун / — — у — / аз ҷиҳати мавқеъ ва миқдори ҳиҷоҳо ба рукнҳои фои-ло-тун / — у — — / ва мус-тафъи-лун / — — у — / якхелаанд, аммо аз ҷиҳати таркиби аҷзо аз ҳам фарқ мекунанд. Агар рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / аз як сабаби хафиф / «фо» — /, як ватади маҷмӯъ / «ило» у — / ва як сабаби хафиф / «тун» — / таркиб ёфта бошад, рукни фои-ло-тун / — у — — / аз як ватади мафруқ / «фон» — у / ва ду сабаби хафиф / «ло» — ва «тун» — / сохта шудааст. Рукни асосии баҳри Раҷаз — мус-тафъилун / — — у — / бошад, дорои ду сабаби хафиф / «мус» — ва «таф» — / ва як ватади маҷмӯъ / «илун» у — / буда, дар рукни мус-тафъи-лун / — — у — /-и М. бошад, аввал як сабаби хафиф / «мус» — /, баъд як ватади мафруқ / «тафъи» — у / ва дар охир як сабаби хафиф / «лун» — / омадааст. Рукнҳои М. — фои-ло-тун / — у — — / ва мус-тафъи-лун / — — у — / худ рукни аслии баҳре набуда, дар сохтани навъҳои баҳрҳои Қариб, Музореъ, Мушокил / дар ҳар се — фои-ло-тун /, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс (дар ин се баҳр — мус-тафъи-лун) иштирок менамоянд.

Мисол:

Хафифи мусаддаси солим:

Эй маҳи ман, нозукбадан, сарвқомат,
Май биёвар, бехуд шавам то қиёмат. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилотун / мус-тафъи-лун / фоилотун
— у — — / — — у — / — у — —

Қариби мусаддаси солим:

Самарқандӣ, ба берангӣ ёри мо шав,
Макун найрангу дилтангӣ, ёри мо шав. (аз *«Арӯзи тоҷикӣ»*)
мафойлун / мафойлун / фои-ло-тун
у — — — / у — — — / — у — —



Мушокили мусаддаси солим:

Дар азобам аз он рӯзе ки дур астӣ,
Дар ҳаётам ба чашми ман нур астӣ
фои-ло-тун / мафойлун / мафойлун
— у — — / у — — — / у — — —

Ҷадиди мусаддаси солим:

Аз чи рӯ ту рӯзи равшан, эй моҳи ман,
Дарнишондӣ ин раҳиро дар дарду ғам. (*Зореъ*)
фоилотун / фоилотун / мус-тафъи-лун
— у — — / — у — — / — — у —

Муҷтасси мусаммани солим:

Эй зулфи ту аз ҷаҳолат дар гарданам банди маҳкам,
Раҳме надорӣ ту, ҷоно, зулми ту бар ман нашуд кам.
мус-тафъи-лун / фоилотун / мустафъилун / фоилотун
— — у — / — у — — / — — у — / — у — —

Музореъи мураббаъи солим:

Дилам бурд он гулситонаш,
Зи зулфайни дилситонаш. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлун / фои-ло-тун
у — — — / — у — —

**Мунъакиса́** (ар. منعكسه -инъикосёфта, аксёфта), дар илми адабиётшиносӣ номи яке аз доираҳои арӯз, ки арӯзиёни форсу тоҷик *Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ* ва диг. баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Ин доираро аз он сабаб М. меноманд, ки он аз ҷиҳати таркиби аҷзо баръакси доираи *Муштабаҳа* аст. Агар дар ҳар як баҳри доираи Муштабаҳа ду ватади мафруқу / — у / чор ватади маҷмӯъ / у — / мавҷуд бошад, ҳар як баҳри доираи М. дорои ду ватади маҷмӯъ / у — / ва чор ватади мафруқ / — у / аст.

Дар М. рукнҳои солими баҳрҳои Сарим, Қабир, Бадил, Қариб, Ҳамид, Сағир, Асам (М), Салим, Ҳамим дар шакли мусаддас ҷой дода шудаанд. Агар аз ҷузви якуми рукни аввали доира, яъне аз «ма» / у / сар кунем, шаш бор мафойлун / у — — /, фоилотун / — у — — /, фоилотун / — у — — /, мафойлун / у — — — /, фоилотун / — у — — /, фоилотун / — у — — /




ҳосил мешавад, ки вазни як байт шеъри баҳри Саримӣ мусаддаси солим; агар аз ҷузви сеюми рукни аввали доира, яъне аз «й» /—/ сар кунем, шаш бор «йлунфои» /— — — у/, «лотунфои» /— — — у/, «лотунмафо» /— — у —/, «илунфои» /— — — у/, «лотунфои» /— — — у/, «лотунмафо» /— — у —/ ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафъӯлоту /— — — у/, мафъӯлоту /— — — у/, мустафъилун /— — у —/, мафъӯлоту /— — — у/, мафъӯлоту /— — — у/, мустафъилунро /— — у —/ мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Кабири мусаддаси солим; агар аз ҷузви чоруми рукни аввали доира, яъне аз «лун» /—/ сар кунем, шаш бор «лунфоило» /— — у —/, «тунфоило» /— — у —/, «тунмафой» /— у — —/, «лунфоило» /— — у —/, «тунфоило» /— — у —/, «тунмафой» /— у — —/ ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мус-тафъи-лун /— — у —/, мус-тафъи-лун /— — у —/, фоилотун /— у — —/, мус-тафъи-лун /— — у —/, мус-тафъи-лун /— — у —/, фоилотунро /— у — —/ мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Бадили мусаддаси



солим; агар аз ҷузви якуми рукни дуюми доира, яъне аз «фо» /—/ сар кунем, шаш бор рукнҳои фои-ло-тун /— у — —/, фои-ло-тун /— у — —/, мафойлун /у — — —/, фои-ло-тун /— у — —/, фои-ло-тун /— у — —/, мафойлун /у — — —/ ҳосил мешавад, ки вазни як байти шеъри баҳри Қалиби мусаддаси солим; агар аз ҷузви сеюми рукни дуюми доира, яъне аз «ло» /—/ сар кунем, шаш бор «лотунфои» /— — — у/, «лотунмафо» /— — у —/, «йлинфои» /— — — у/, «лотунфои» /— — — у/, «лотунмафо» /— — у —/, «йлунфои» /— — у/ ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафъӯлоту» /— — у/, мустафъилун /— — у —/, мафъӯлоту /— — — у/, мафъӯлоту /— — — у/, мустафъилун /— — у —/, мафъӯлоту /— — — у/ мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Ҳамиди мусаддаси солим; агар аз ҷузви чоруми рукни дуюми доира, яъне аз «тун» /—/ сар кунем, шаш бор рукнҳои «тунфоило» /— — у —/, «тунмафой» /— у — —/, «лунфаило» /— — у —/, «тунфоило» /— — у —/, «тунмафой» /— у — —/, «лунфоило» /— — у —/ ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мустафъилун /— — у —/, фоилотун /— у — —/, мустафъилун /— — у —/, мустафъилун /— — у —/, фоилотун /— у — —/, мустафъилунро /— у —/ мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Саҳири мусаддаси солим; агар аз ҷузви аввали сеюми доира, яъне аз «фо» /—/ сар кунем, фои-ло-тун /— у — —/, мафойлун /у — — —/, фои-ло-тун /— у — —/, фаи-ло-тун /— у — —/, мафойлун /у — — —/, фаи-ло-тун /— у — —/, ҳосил мешавад, ки вазни як байт шеъри баҳри Асамми мусаддаси солим; агар аз ҷузви сеюми рукни сеюми доира, яъне аз «ло» /—/ сар кунем, «лотунмафо» /— — у —/, «йлунфои» /— — — у/, «лотунфои» /— — — у/, «лотунмафо» /— — у —/, «йлунфои» /— — — у/, «лотунфои» /— — — у/ ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мустафъилун /— — у —/, мафъӯлоту /— — — у/, мафъӯлоту /— — — у/, мустафъилун /— — у —/, мафъӯлоту /— — — у/, мафъӯлотуро /— — — у/ мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Салими мусаддаси солим; агар аз ҷузви чоруми рукни сеюми доира, яъне аз «тун» /—/ сар кунем, шаш бор рукнҳои «тунмафой» /— у — —/, «лунфоило» /— — у —/, «тунфоило» /— — у —/, «тунмафой» /— у — —/, «лунфоило» /— — у —/, «тунфоило» /— — у —/ ҳосил мешаванд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоилотун /— у — —/, мус-тафъи-лун /— — у —/, мус-тафъи-лун /— — у —/, фоилотун /— у — —/, мус-тафъи-лун /— — у —/, мус-тафъи-лунро /— — у —/ мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Ҳамими мусаддаси солим-

ро ташкил медиҳад. Рукни якуму чоруми доира — мафойлун / у — — — / аз як ватади маҷмӯъ / у — / ва ду сабаби хафиф / — —/, рукни дуюму сеюму панҷуму шашум — фоилотун / — у — —/ аз як ватади мафруқ / — у / ва ду сабаби хафиф / — —/ иборат аст.

Мисол: Саримии мусаддаси солим:

Чаро дарьё ин қадар ҳам дар фиғон аст?
Чунин мудғам аз кӯчо сӯзаш ба чон аст.
мафойлун / фоилотун / фоилотун
у — — — / — у — — / — у — —

Кабири мусаддаси солим:

Аз саҳрои бепоёни меҳнатмакон,
Омад боди рӯҳафзои анбарфишон.
мафъӯлоту / мафъӯлоту / мустафъилун
— — — у / — — — у / — — у —

Бадили мусаддаси солим:

Хоҳам, ки бошад бахти мо човидонӣ,
Толеъ кунад аз мо талаб чонфишонӣ.
мустафъилун / мустафъилун / фоилотун
— — у — / — — у — / — у — —

Қалиби мусаддаси солим:

Аз тараннум як нафас ҳам нахоҳам монд,
Мурғи илҳомам бағоят хушилҳон аст.
фоилотун / фоилотун / мафойлун
— у — — / — у — — / у — — —

Ҳамиди мусаддаси солим:

Лутфу хубиат мефизояд пайваста,
Ин иқболро қисмати некам дода.
мафъӯлоту / мустафъилун / мафъӯлоту
— — — у / — — у — / — — — у

Сағири мусаддаси солим:

Дар кулбаам, эй нишоти ҳамдам, биё!
Дар боғи дил, чун ниҳоли хуррам, биё!
мустафъилун / фоилотун / мустафъилун
— — у — / — у — / — — у —



Аламми мусаддаси солим:

Модари қисмат афзояд мехрубонӣ
Гашта аз ӯ насиби мо комронӣ.
фоилотун / мафойлун / фоилотун
— у — — / у — — — / — у — —

Салими мусаддаси солим:

Субҳи чаман аз файзат ачаб фархунда,
Аз хандаат дар гулшан тараб фархунда.
мустафъилун / мафъӯлоту / мафъӯлоту
— — у — / — — — у / — — — у

Ҳамими мусаддаси солим:

Бе муҳаббат дар зиндагӣ буньёд нест,
Бе садоқат дар одамӣ эчод нест.
фоилотун / мустафъилун / мустафъилун
— у — — / — — у — / — — у —

Ҳамими мусаддаси музол:

Аз муҳаббат то дар дилам оташ фитод,
Аз садоқат дигар шудам равшанниҳод.
фоилотун / мустафъилун / мустафъилун
— у — — / — — у — / — — у ~

**Мунъалиқа́** (ар. منعلقه -тааллуқдор, вобасташуда), дар илми адабиётшиносии тоҷик номи яке аз доираҳои арӯз, ки арӯзиёни форс-тоҷик Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ ва диг. баъди Халил ибни Аҳмад истироҳ кардаанд.

Дар М. рукнҳои солими баҳрҳои Маснӯъ, Мустаъмал, Ахрас, Мубҳам, Мӯҳмал, Маъкӯс фақат дар шакли мусаддас ҷой дода шудаанд. Агар аз ҷузви якуми рукни аввали доира, яъне аз «ма» / у / сар кунем, се бор мафойлун / у — — —/, мустафъилун / — — у — /, фоилотун / — у — — / ҳосил мешавад, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Маснӯъи мусаддаси солим; агар аз ҷузви чоруми рукни аввали доира, яъне аз «лун» / — / сар кунем, се бор «лунмустафъи» / — — — у /, «лунфоило» / — — у — /, «тунмафой» / — у — — / ҳосил мешавад ва боқии онҳо рукнҳои мустаъмали мафъӯлоту / — — — у /, мустафъилун / — — у — /, фоилотунро / — у — — / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри мустаъмали мусаддаси со-

лим ё агар аз ҷузви якуми рукни дуюми доира, яъне аз «мус» /— / сар кунем, се бор мустафъилун /— — у —/, фоилотун /— у — —/, мафойлун /у — — —/ ҳосил мешавад, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Ахраси мусаддаси солим; агар аз ҷузви чоруми рукни дуюми доира, яъне аз «лун» /— / сар кунем, се бор «лунфоило» /— — у —/, «тунмафой» /— у — —/, «лунмустафъи» /— — — у/ ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мустафъилун /— — у —/, фоилотун /— у — —/, мафъӯлотуро /— — — у/ мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Мубҳами мусаддаси солим; агар аз ҷузви якуми рукни сеюми доира, яъне аз «фо» /— / сар кунем, се бор фоилотун /— у — —/, мафойлун /у — — —/, мус-тафъилун /— — у —/ ҳосил мешавад, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Мӯҳмали мусаддаси солим; агар аз ҷузви чоруми рукни сеюми доира, яъне аз «тун» /— / сар кунем, се бор «тунмафой» /— у — —/, «лунмустафъи» /— — — у/, «лунфоило» /— — у —/ ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоилотун /— у — —/, мафъӯлоту /— — — у/, мустафъилунро /— — у —/ мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Маъкӯси мусаддаси солимро ташкил медиҳанд. Рукни якуми доира мафойлун /у — — —/ аз як ватади маҷмӯъ



/мафо» у —/ ва ду сабаби хафиф /«йлун» — —/, рукни дуюми доира — мустафъилун /— — у —/ аз ду сабаби хафиф /«мустафъ» — —/ ва як ватади маҷмӯъ /«илун» у —/, рукни сеюми доира — фоилотун /— у — —/ аз як ватади мафрӯқ /«фои» — у/ ва ду сабаби хафиф /«лотун» — —/ иборат аст. Дар рукнҳои М. *фосила* нишрок надорад.

Мисол: Маснӯъи мусаддаси солим:

Маро модар бо шир меҳри Ватан дод,
Ватан — модар, модар — Ватан ҷовидон бод!
мафойлун / мустафъилун / фоилотун
у — — —/ — — у —/ — у — —

Мустаъмали мусаддаси солим:

Гул гирифт оташ зи рухсори дилдор,
Булбул монд дар шохаи гул зи гуфтор.
мафъӯлоту / мустафъилун / фоилотун
— — — у/ — — у —/ — у — —

Ахраси мусаддаси солим:

Рӯяд зи хокам замоне гули мино,
То чид рӯзе варо дилбари раъно.
мустафъилун / фоилотун / мафойлун
— — у —/ — у — —/ у — — —

Мубҳами мусаддаси солим:

Заррез шуд шохи зарбед аз хуршед,
Гулбез шуд нахли гулбед аз уммед.
мустафъилун / фоилотун / мафъӯлоту
— — у —/ — у — —/ — — — у

Мӯҳмали мусаддаси солим:

Чашма дар чӯш меояд аз мағзи кӯҳ,
То ки обаш ба кӯҳистон бахшад шукӯҳ.
фоилотун / мафойлун / мус-тафъи-лун
— у — —/ у — — —/ — — у —

Маъкӯси мусаддаси солим:

Мушк меборид аз гул ба домони шаб,
Тир мешорид аз мох ба айвони шаб.
фоилотун / мафъӯлоту / мустафъилун
— у — —/ — — — у/ — — у —




**Мунғалатá** (ар. منعلطة -саҳвшуда, хатошуда), дар илми адабиётшиносии тоҷик номи яке аз доираҳои арӯз, ки арӯзиёни форс-тоҷик ихтироъ кардаанд.

Дар М. рукнҳои солими баҳрҳои Боис, Қотеъ, Муштарак, Муаммам, Мусаттар ва Муайян фақат дар шакли мусаддас ҷой дода шудаанд. Агар аз ҷузви якуми рукни аввали доира, яъне аз «ма» /у/ сар кунем, се бор мафойлун /у — — —/, фоилотун /— у — —/, мустафъилун /— — у —/ ҳосил мешавад, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Боиси мусаддаси солим; агар аз ҷузви чоруми рукни аввали доира, яъне аз «лун» /— / сар кунем, се бор «лунфоило» /— — у —/, «тунмустафӣ» /— — — у/, «лунмафой» /— у — —/ ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мустафъилун /— — у —/, мафъӯлоту /— — — у/, фоилотун /— у — —/-ро мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Қотеъи мусаддаси солим; агар аз ҷузви якуми рукни дуюми доира, яъне аз «фо» /— / сар кунем, се бор фоилотун /— у — —/, мустафъилун /— — у —/, мафойлун /у — — —/ ҳосил мешавад, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Муштараки мусаддаси солим; агар аз ҷузви чоруми рукни дуюми доира, яъне аз «тун» /— / сар кунем, се бор «тунмустафӣ» /— — — у/, «лунмафой» /— у — —/, «лунфоило» /— — у —/ ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафъӯлоту /— — — у/, фоилотун /— у — —/, мустафъилун /— — у —/-ро мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Муаммами мусаддаси солим; агар аз ҷузви якуми рукни сеюми доира, яъне аз «мус» /— / сар кунем, се бор мустафъилун /— — у —/, мафойлун /у — — —/, фоилотун /— у — —/ ҳосил мешавад, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Мусаттари мусаддаси солим; агар аз ҷузви чоруми рукни сеюми доира, яъне аз «лун» /— / сар кунем, се бор «лунмафой» /— у — —/, «лунфоило» /— — у —/, «тунмустафъи» /— — — у/ ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоилотун /— у — —/, мустафъилун /— — у —/, «мафъӯлоту» /— — — у/-ро мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Муайяни мусаддаси солимро ташкил медиҳанд. Рукни якуми доира — мафойлун /у — — —/ аз як *ватади* маҷмӯъ /«мафо» у —/ ва ду *сабаби* хафиф /«йлун» — —/, рукни дуюми доира — фоилотун /— у — —/, аз як ватади мафрук /«фои» — у/ ва ду сабаби хафиф /«лотун» — —/, рукни сеюми доира — мустафъилун /— — у —/ аз ду сабаби хафиф /«мустафъ» — —/ ва як ватади маҷмӯъ /«илун» у —/ иборат аст. Дар ҳар се рукни доира *фосила* иштирок надорад.

Мисол: Боиси мусаддаси солим:

Гули бахтам, тоҷи тахтам, фарзанди ман,
Дилу ҷонам, шаъну шонам, пайванди ман. *(Мақсуди Гулчин)*
мафойлун / фоилотун / мустафъилун
у — — —/ — у — —/ — — у —

Қотеъи мусаддаси солим:

Эй маҳчабин, эй мехрофарин нигорам,
Раҳме надорӣ бар чашми ашкборам?
мустафъилун / мафъӯлоту / фоилотун
— — у —/ — — — у/ — у — —

Муштараки мусаддаси солим:

Дашти Ашт аст имрӯз боғи дунёзеб,
Оби шӯраш шуд шаҳди меваи ширин. *(Мақсуди Гулчин)*
фоилотун / мустафъилун / мафойлун
— у — —/ — — у —/ у — — —

Муаммами мусаддаси солим:

Эй дилдори бемурурват, сӯзам чаро?
Роҳат бо шарори дил афрӯзам чаро? *(Фарҳат)*
мафъӯлоту / фоилотун / мустафъилун
— — — у / — у — — / — — у —

Мусаттари мусаддаси солим:

Аз файзи навбаҳорон ҳар ғунча во шуд,
Ҳар ғунчаи шукуфта дилдонамо шуд. *(Мақсуди Гулчин)*
мустафъилун / мафойлун / фоилотун
— — у — / у — — — / — у — —

Агар байти болоро ба таври:

мустафъилун / фаъулун / мустафъилун / фаъ
— — у — / у — — / — — у — / —

*тақтеъ* кунем, баҳри Мунсареҳи мусаммани махбуни макшуфи манҳур ва агар ба таври:

мафъӯлу / фоилотун / мафъӯлу / фаълун
— — у / — у — — / — — у / — —

*тақтеъ* кунем, баҳри Музореъи мусаммани ахраби аслам ба вуҷуд меояд.

Муайяни мусаддаси солим:

Нафҳае форам мевазид аз гулбарг,
Сафҳаи шеърам мерасид аз гулбарг. *(Мақсуди Гулчин)*
фоилотун / мустафъилун / мафъулоту
— у — — / — — у — / — — — у

**Муоқаба́т**, м у о қ и б а т (ар. معاقبت -таъқибкунанда, омадани чизе аз паси чизе), дар илми арӯз яке аз шартҳои сохтани зиҳофро гӯянд. М. *исқот* ё нигоҳ доштани яке аз ду ҳарфест, ки дар як рукн воқеъ гардида бошад. Шарти асосии М. он аст, ки агар яке аз ду ҳарф биафтад, ҳарфи дигар ҳатман дар рукн барқарор бошад. Дар як рукн омадани ду ҳарфи М. мумкин аст, аммо аз таркиби рукн якбора афтидани ҳар ду ҳарфи М. ҷоиз нест. Мас., дар рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / مفاعلين у — — — / байни ҳарфи «ی» ва «ن» ва дар рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / فاعلاتن — у —



— / байни «ا» ва «ن» М. аст. Агар аз рукни мафойлун / مفاعيلن у — — — / ҳарфи «ی» биафтад, ҳарфи «ن» бояд истад ва агар ҳарфи «ن» соқит шавад, ҳатман ҳарфи «ی» бояд нигоҳ дошта шавад. Дар рукни фоилотун / فاعلاتن / низ ҳамин шартро нигоҳ доштан лозим аст, яъне агар «алиф» / ا / нигоҳ дошта шавад, ҳарфи «нун» «ن» бояд афтад ва баръакс, дар сурати соқит шудани ҳарфи «алиф» / ا / ҳарфи «нун» / ن / -ро бояд маҳфуз дошт.

Мас., дар байти:

Ҳусни ту ҳамеша дар фузун бод,
Қӯят ҳамасола лолагун бод. *(Ҳофиз)*
мафъӯлу / мафоилун / мафойл
— — у / у — у — / у — ~

дар рукни дуюм, яъне дар мафойлун / مفاعيلن у — — — / М. омадааст ва чун қоида ҳарфи «ی» афтида бошад ҳам, ҳарфи «ن» нигоҳ дошта шудааст. М. инчунин дар рукнҳои асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /, Комил — мутафоилун / у у — у — /, рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, Вофир — мафоилатун / у — у у — / ва баҳрҳои Хафиф, Муҷтасс, Мунсареҳ дучор меояд. Агар дар байте чанд рукни фоилотун / — у — — / паси ҳам ояду тавассути М. ҳарфе аз рукни аввал биафтад, онро садр номанд. Мас., Рамали мусаммани м а ш к у л:

Дили мо ба даври рӯят зи чаман суроғ дорад,
Ки чу сарв пойбанд асту чу лола доғ дорад. *(Хофиз)*
фаилоту / фоилотун / фаилоту / фоилотун
у у — у / — у — — / у у — у / — у — —

Агар аз рукни охири байте, ки пеш аз он фоилотун / — у — — / омадааст, ҳарфе биафтад, онро а ҷ у з хонанд. Мас., вақте ки фаилотун / фаилотун мегӯем, фаилотуни / у у — — / дуюм а ҷ у з аст, чунки он тавассути партофтани ҳарфи «алиф»-и / ا / рукни фоилотун ба вуҷуд омадааст. Агар аз ду тарафи фоилотун, «алиф» / ا / ва «нун» «ن» биафтад, яъне агар рукни ба М. дучоргардида дар байни ду рукни солим омада бошад, онро т а р а ф о н хонанд. Мас., вақте ки фаилотун / фаилоту / фоилотун / — у — — / у у — у / — у — — / мегӯем, фаилоту / у у — у / т а р а ф о н аст, чунки ба М.-и «нун» «ن» -и фоилотун / — у — — /-и аввал ва «алиф» / ا / -и

фоилотун / — у — —/-и сеюм «алиф» /ا/ ва «нун» «ن» -ро аз он хориҷ кардаанд.

Баъзе арӯзиён, мас., Шамси Қайси Розӣ М.-ро *зиҳоф* номидаанд, ки ғалат аст, чунки ҳар зиҳоф, пеш аз ҳама шакли афоиле дорад. Мас., вақте ки ба воситаи М. аз рукни мафоилун / у —·— — / ҳарфи «й»-ро ба «и»-и кӯтоҳ табдил медиҳем, мафоилун / у — у. — / ба вуҷуд меояд, ки он шакли афоили зиҳофи *мақбузи* баҳри Ҳазаҷ аст. Ё ин ки дар рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/ тавассути М. ҳарфи охири он, яъне «н»-ро партоем, фоилоту / — у — у/ боқӣ мемонад, ки он шакли афоили зиҳофи *мақфуфи* баҳри Рамал-ро ташкил медиҳад. Чи тавре ки дидем, М. дар ҳар ду маврид зиҳоф набуда, балки яке аз роҳҳои сохтани зиҳоф аст. Ҳамин тариқ, зиҳофҳои мақфуф, мақбуз, мақсур, маҳзуф, ахрам-и рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоилун / у — — —/, мақфуф, махбун, машкули рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/, зиҳофҳои махбун, матвии рукни асосии баҳри Раҷаз —мустафъилун ва дигар зиҳофҳои рукнҳои асосии баҳрҳои Мутадорик, Мутақориб, Вофир, Тавил, Мадид, Басит, Комил ва ғ. тавассути М. ба вуҷуд меоянд.

**Мураббаъ** (ар. مربع -чоркунҷа, чор), дар илми арӯз дар як байти шеър чаҳор бор омадани рукнеро гӯянд. Масалан, вазни абьёти:

Ситораҳо, ситораҳо,
Ситораҳои нурфишон,
Шумо гирифтаед нур
Зи нури чашми рафтагон. *(Саидалӣ Маъмур)*
мафоилун / мафоилун
у — у —/ у — у —

-ро баҳри Ҳазаҷи мураббаъи мақбуз меноманд, чунки дар ин ҷо дар як байт рукни мафоилун / у — у —/ чор бор такрор омадааст. М. аслан дар баҳрҳое меояд, ки рукни асосӣ доранд. Баъзе баҳрҳои фаръӣ (Мушокил, Ҷадид, Муқтазаб, Муҷтасс, Мунсареҳ, Музореъ) низ шакли М. доранд. Мисоли дигар:

Хандида биё, ёрат манаме,
Гул чинда биё, ҷонат манаме. *(халқӣ)*
мустафъилатун / мустафъилатун
— — у у —/ — — у у —

Вазни байти болоӣ Раҷази мураббаъи мураффали мақсур ном дорад, бо ин сабаб, ки дар он зиҳофи мураффали мақсури / мустафъилатун — — у у —/ рукни асосии баҳри Раҷаз —



мустафъилун / — — у —/ чаҳор бор истифода шудааст.
Агар ин байти халқиро ба таври:

фаълун / фаилун / фаълун / фаилун
— —/ у у —/ — — / у у —

тақтеъ намоем, баҳри Мутадорики мусаммани мақтӯъи маҳбун ва агар ба таври:

мафъӯлу / фаал / мафъӯлу / фаал
— — у / у —/ — — у / у —

тақтеъ кунем, баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбуб ба вуҷуд меояд.

**Муракка́б** (ар. مركب -таркибёфта, омехта), дар илми арӯз зиҳоферо гӯянд, ки дар натиҷаи гузаронидани ду ё се тағйирот ҳосил шудааст. Мувофиқи қоидаҳои зиҳофсозӣ маъмул аст, ки баъзан як амал ё баъзан аз ду зиёдро истифода мебаранд. Агар дар сохтани зиҳоф фақат як амал ба кор бурда шуда бошад, он зиҳофро *муфрад* меноманд ва бо номи ҳамон амал ёд мекунанд, дар сурати истифодаи ду-се амал он зиҳофро мураккаб меноманд ва вобаста ба амалҳои истифодашуда ба он зиҳоф ном мегузоранд. Мас. матвии мақшуф ё махбуни матвии мақшуф ва ғ. Агар мо зиҳофи махбуни матвии мақшуф-ро ҳосил карданӣ бошем, ҳатман се амалро ба кор мебарем. Аввал ба воситаи амали х а б н ҳиҷои аввали рукни солими мафъӯлотуро кӯтоҳ мекунем, яъне аз рукни мафъӯлоту / — — у / ҳамсадои «ф»-ро мепартоем, ки дар натиҷа аз мафъӯлоту / — — — у / маӯлоту / у — — у / боқӣ мемонад, ки онро махбун меноманд. Баъди ин ба воситаи амали тай (яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷои дарози дуюми рукн) ба ҷои садоноки дарози «ӯ» садоноки кӯтоҳи «у»-ро мегузорем, ки дар натиҷа «маӯлоту» / у — — у / шакли «маулоту» / у у — у /-ро мегирад, ки ба ҷои «маулоту» / у у — у / рукни мустаъмали фаилоту / у у — у /-ро гузошта махбуни матвӣ (матвии махбун ё махбул) меноманд. Ва ниҳоят ба воситаи амали кашф аз «маулоту» ҳиҷои охир, яъне «ту»-ро партоем, «мауло» / у у — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаилун / у у —/-ро гузошта махбуни матвии мақшуф ё матвии махбуни мақшуф меноманд. Баъзан зиҳофҳои М.-ро аз рӯи ҳамон амалиёт ном мебаранд, мас., махбуни матвӣ, мақтӯъи маҳзуф, маҳзуфи мусаббағ, матвии музол ва ғ., аммо баъзан номи алоҳида ё махсус мегузоранд. Мас., барои сохтани зиҳофи машкули баҳри Рамал — «фаилоту» ду амал — амали кафф ва амали хабнро

истифода мебаранд, аммо онро махбуни макфуф ё макфуфи ма... бун не, балки машкул меноманд. Яъне дар арӯз зиҳофҳои мураккабе мавҷуданд, ки номи муфрад доранд. Мисол барои зиҳофи мураккабе, ки номи муфрад дорад. Баҳри Рамали мусаммани машкул. Байт аз Раҳмат Назрӣ:

Қасаме ба шири модар, қасаме ба номи модар,
Ду чаҳон киро надорад ба як эҳтироми модар.
фаилоту / фоилотун / фаилоту / фоилотун
у у — у / — у — — / у у — у / — у — —

**Мураффа́л** (ар. مرفل -доман дароз кардашуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба ватади маҷмӯъи / у — / рукнҳои асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / ва баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / илова намудани як сабаби хафиф / — —, яъне як ҳиҷои дароз ба вуҷуд меояд. Агар ба охири рукни мустафъилун / — — у — / ва рукни мутафоилун / у у — у — / як ҳиҷои дароз илова кунем, мустафъилун шакли «мустафъилотун», мутафоилун шакли «мутафоилунтун»-ро мегирад, ки ба ҷои аввал мустафъилотун / — — у — — / ва ба ҷои дуюмӣ мутафоилотун / у у — у — — / гузошта, М. меноманд. М. аз ҷумлаи з и ҳ о ф ҳ о и м у ф р а д буда, дар шеър фақат дар рукнҳои аввалу охири байт, яъне дар садру ибтидо ва арӯзу зарб меояд ва бештар ба баҳрҳои Раҷаз, Комил ва Мунсареҳ хос аст. М. нисбат ба дигар зиҳофҳо камистеъмол мебошад. Агар аз зиҳофи М.-и рукни мустафъилун ҳиҷои дуюми онро т а й кунем (кӯтоҳ намоем), яъне ҳарфи «ф»-ро партоем, мустафъилотун / — — у — —/ шакли «мустаъилотун» / — у у — — /-ро мегирад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали «муфтаилотун» / — у у — — /-ро гузошта, *мураффали матвӣ*; агар аз зиҳофи М.-и рукни мустафъилун / — — у — / тавассути амали х а б н ҳарфи «с»-ро партоем, яъне ҳиҷои дарози аввалро кӯтоҳ кунем, мустафъилотун / — — у — — / шакли «мутафъилотун» / у — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафоилотун / у — у — — /-ро гузошта, *махбуни мураффал*; агар аз зиҳофи М.-и рукни мустафъилун ҳиҷои чоруми онро қ а с р кунем (кӯтоҳ намоем), яъне ба ҷои садоноки дарози «о» садоноки кӯтоҳи «а»-ро гузорем, мустафъилотун / — — у — — / шакли «мустафъилатун» / — — у у — /-ро мегирад, ки онро *мураффали мақсур* меноманд.

М и с о л: Комили мураббаъи М. (а р ӯ з — м а қ т ӯ ъ):



Самарӣ шудам ба ҷаҳон дар,
Зи фироқи он сафарӣ нигорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мутафоилун / мутафоилотун
у у — у — / у у — у — —

Раҷази мусаддаси М.:

Аз тоби мӯяш дар парешонӣ шудам ман,
Дар пеши рӯяш бандаи фонӣ шудам ман. *(Лоҳутӣ)*
мустафъилун / мустафъилун / мустафъилотун
— — у — / — — у — / — — у — —

Раҷази мусаддаси матвии М. (с а д р — с о л и м):

Эй лӯъбате, к-аз лӯъбатон мухтор гаштӣ,
Боз зи хубӣ фитнаи бозор гаштӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / мустафъилун / мустафъилотун
— у у — / — — у — / — — у — —

Баҳри Раҷази мураббаъи М.:

Аз боргоҳаш то коргоҳаш,
Аз коргоҳаш то боргоҳаш,
Ӯ хап равона, бегап равона,
Гӯё ба фикре роҳӣ ба роҳаш.
Аммо хаёле, ҳатто саволе —
Не дар сари ӯ, не дар нигоҳаш. *(Роғӣ)*
мустафъилотун / мустафъилотун
— — у — — / — — у — —

Агар абъёти болоро ба таври:

фаълун / фаӯлун / фаълун / фаӯлун
— — / у — — / — — / у — —

*тақтеъ* намоем, яке аз навъҳои баҳри Мутақориб — Мутақориби мусаммани аслам / фаълун / фаӯлун / фаълун / фаӯлун — — / у — — / — — / у — — / ҳосил мешавад.

Раҷази мураббаъи М.:

Бе ту маро зинда набинанд,
Ман зарраам, ту офтобӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / мустафъилотун
— — у — / — — у — —

Рачази мусаннои М.:

Дар об бинам,
Дуньёи дигар,
Ачоиб олам,
Рангин саросар. *(М. Ҳайдар)*
мустафъилотун
— — у — —

Рачази мураббаъи М.-и мутаввал:

Шаҳри азизам — шаҳри гулобод,
Ман дар канораш хурсандаму шод. *(Убайд Рачаб)*
мустафъилотун / мустафъилотон
— — у — — / — — у — ~

Агар ин байтро ба таври:

фаълун / фаўлун / фаълун / фаўлон
— — / у — — / — — / у — ~

*тақтеъ* кунем, Мутақориби мусаммани аслами мусаббағ / фаълун / фаўлун / фаълун / фаўлон — — / у — — / — — / у — / ба вуҷуд меояд.

**Мураффа́ли матви́и мақсу́р** (аз *мураффал, матвӣ* ва *мақсур*), дар илми арўз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рачаз — мустафълун / — — у — /, ки дар натичаи гузаронидани амалҳои тарфил, тай ва қаср ба вуҷуд меояд. Агар ба шакли овозии зиҳофи мураффали мақсур — мустафълатун / — — у у — / амали тайро гузаронем, яъне ҳичои дарози дуюмро кўтоҳ кунем, мустафълатун / — — у у — / шакли «мустаилатун» / — у у у — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали муфтаилатун / — у у у — /-ро гузошта, М. м. м. меноманд. М. м. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър қариб дар ҳамаи рукнҳои байт, яъне дар садру ибтидою арўзу зарбу ҳашвайн меояд. Ин зиҳоф бениҳоят камистеъмол буда, фақат ба баҳри Рачаз хос мебошад.

Мисол:

Рачази мураббаъи М. м. м.:

Аз чӣ надиҳад ҳеч самаре,
Гуфта мазанаш таъна садаро.



Зеби чаманистон садаи мост,
Гарм шавад ӯ соягари мо! *(Мақсуд)*
муфтаилатун / муфтаилатун
— у у у — / — у у у —

**Мураффа́ли матви́и мақсу́ри музо́л** (аз *мураффал, матвӣ, мақсур* ва *музол*), дар илми арўз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рачаз — мустафълун / — — у — /, ки тавассути гузаронидани амалҳои тарфил, тай, қаср ва изолят ба вуҷуд меояд.

Ниг. *Мутаввали матвии мақсур.*

**Мураффа́ли матвӣ** (аз *мураффал* ва *матвӣ*), дар илми арўз номи зиҳофест, ки дар натичаи ба рукни асосии баҳри Рачаз — мустафълун / — — у — / гузаронидани амалҳои тарфил ва тай ба вуҷуд меояд. Агар ба ватади маҷмўъи / у — / рукни мустафълун як сабаби хафиф / — /, яъне як ҳичои дарозро илова кунем, мустафълун / — — у — / рукни мустаъмали мустафълотун / — — у — — /-ро гузошта, мураффал меноманд. Баъди ин агар ҳичои дуюми рукни мустафълотунро / — — у — — / тай кунем (кўтоҳ намоем), яъне харфи «ф»-ро партоем, мустафълотун / — — у — — / шакли «мустаълотун» / — у у — — /-ро мегирад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали «муфтаилотун» / — — у у — — /-ро гузошта М. м. меноманд. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арўзу зарб меояд ва бештар ба баҳрҳои Мунсареҳу Рачаз хос аст. М. м. нисбат ба дигар зиҳофҳо камистеъмол мебошад. Мисол:

Рачази мусаммани М. м.:

Мегузарад чун ҳар ки зи наздаш санг паронад, себ фишонад,
Кисаю дастон пур кунад аз себ, аз бағалаш бар ҳар ки хўронад.
*(Фарҳат)*
муфтаилотун / муфтаилотун / муфтаилотун / муфтаилотун
— у у — — / — у у — — / — у у — — / — у у — —

Мунсареҳи мусаддаси мактўъи матвии М. м.:

Чавзоро кар бикун ба бонги муғанӣ,
Парвинро ранг дех ба бодаи равшан. *(аз «Ал-мўъҷам»)*
мафъўлун / фоилоту / муфтаилотун
— — — / — у — у / — у у — —

Ҳамин байтро агар ба таври: мафъўлун / — — — /, фоилоту / — у — у /, муфтаилун / — у у — /, фаъ / — / *тақтеъ* кунем,

баҳри Мунсареҳи мусаммани мақтӯъи матвии манҳур меша-вад.

Баҳри Мунсареҳи мусаддаси матвии М. м.:

Ин дили мискини ман асири ҳаво шуд,
Пеши ҳазорон ҳазор гуна бало шуд. *(Маъруфӣ)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилотун
— у у — / — у — у / — у у — —

Мунсареҳи мусаддаси матвии М. м.:

Дидан аҳли тамаъ ба неъмати дуньё,
Пур нашавад ҳамчу чоҳ ба шабнам. *(Сайфӣ)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилотун
— у у — / — у — у / — у у — —

Агар ҳарду байти болоро ба таври: муфтаилун / — у у — /, фоилоту / — у — у /, муфтаилун / — у у — /, фаъ / — / тақ-теъ кунем, баҳри Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур ме-шавад.

**Мураффа́ли махбу́н** (аз *мураффал* ва *махбун*), дар илми арӯз номи дигари зиҳофи *махбуни мураффал аст.*

**Мураффа́ли махбу́ни макфу́ф** (аз *мураффал, махбун, мак-фуф*), ниг. *Махбуни мураффали макфуф.*

**Мураффа́ли махбу́ни матвӣи мақсу́р** (аз *мураффал, махбун, матвӣ* ва *мақсур*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/, ки тавассу-ти гузаронидани амалҳои тарфил, хабн, тай ва қаср ба вуҷуд меояд. Агар ба шакли овозии зиҳофи мураффали мат-вии мақсур — муфтаилатун / — у у у —/ амали хабнро гуза-ронем, яъне ҳиҷои дарози аввали «муф»-ро ба ҳиҷои кӯтоҳ таб-дил диҳем, муфтаилатун / — у у у —/ шакли «мутаилатун»-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мутафаилун / у у у у — /-ро гузошта М. мемонанд. Шакли овозии зиҳофи маҷзули мураффали махбуни мақсур низ шакли афоили М.-ро дорад, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надорад, зеро зиҳофи маҷзули мураффали махбуни мақсур аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/ ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър қариб дар тамоми рукнҳои байт, яъне дар садру ибтидою арӯзу зарбу ҳашвайн меояд. М. дар шеър кам истифода мешавад ва асосан хоси баҳри Рачаз мебошад.



Мисол:
Рачази мусаммани М.:

Шакарак аз он ду лабаки ту бичинам, агар ту яла куний,
Ба сараки ту, ки бизанамат ба бадар, агар ту гила куний. *(Унсурӣ)*
мутафаилун / мутафаилун / мутафаилун / мутафаилун
у у у у — / у у у у — / у у у у — / у у у у —

Яке аз навъҳои баҳри Комил — Комили мусаммани маҷзу-ли мураффали махбуни мақсур / мутафаилун / мутафаилун / мутафаилун / мутафаилун / низ шакли овозии зиҳофи М.-ро до-рад.

**Мураффа́ли махбу́ни матвӣи мақсу́ри мувасса́ъ** (аз *мураф-фал, махбун, матвӣ, мақсур* ва *мувассаъ*), дар илми арӯз но-мие аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/, ки тавассути гузаронидани амалҳои тарфил, хабн, тай, қаср ва тавсеъ ба вуҷуд меояд. Агар ба шакли овозии зиҳофи мураффали махбуни матвии мақсур — мутафаилун / у у у у —/ тавассути амали тавсеъ як ҳи-ҷои кӯтоҳ илова кунем, мутафаилун / у у у у — / шакли мута-фаилатун / у у у у у — /-ро мегирад, ки М. мемонанд. Зиҳо-фи маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъ низ шакли афоили М.-ро дорад, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надорад, зеро зиҳофи маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъ аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър дар тамо-ми рукнҳои байт, яъне дар садру ибтидою арӯзу зарбу ҳашвайн меояд. Ин зиҳоф бениҳоят камистеъмол буда, фақат ба баҳри Рачаз хос аст. Дар байти поёнӣ рукни аввали он аз афоили ин зиҳоф сохта шудааст:

Шапалак агар ояд ба гулзор,
Гулу гиёҳи морост бозор. *(Мақсуди Гулчин)*
мутафаилатун / фаилийён
у у у у у — / — у —

**Мураффа́ли махбу́ни матвӣи мақсу́ри мувасса́ъи музо́л** (аз *мураффал, махбун, матвӣ, мақсур, мувассаъ, музол*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натичаи ба рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/ гузаронидани амалҳои тарфил, хабн, тай, қаср, тавсеъ ва изолат ба вуҷуд меояд. Агар ба шакли овозии зиҳофи мураффали мах-

буни матвии мақсури мувассаъ — мутафаилатун / у у у у у — / тавассути амали изолат ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и охири он садоноки дарози «о»-ро гузорем, мутафаилатун / у у у у у — / шакли мутафаилатон / у у у у у ~ /-ро мегирад, ки онро М. мемонанд. Ин зиҳоф камистеъмол буда, дар ашъори шоире мисоле пайдо нашуд.

**Мураффа́ли махбу́ни матви́и мақсу́ри музо́л** (аз *мураффал, махбун, матвӣ, мақсур, музол*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/ гузаронидани амалҳои тарфил, хабн, тай, қаср ва изолат ба вуҷуд меояд. Агар ба шакли овозии зиҳофи мураффали махбуни матвии мақсур — мутафаилун / у у у у —/ амали изолатро гузаронем, яъне ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и охири он садоноки дарози «о»-ро гузорем, мутафаилун / у у у у —/ шакли мутафаилон / у у у ~ /-ро мегирад, ки онро М. мемонанд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои камистеъмоли арӯз буда, дар ашъори шоире пайдо карда натавонистем.

**Мураффа́ли мақсу́р** (аз *мураффал* ва *мақсур*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/ гузаронидани амалҳои тарфил ва қаср ба вуҷуд меояд. Агар ба *ватади* мачмӯъи / у —/ рукни мустафъилун / — — у —/ як *сабаби* хафиф / —/, яъне як ҳиҷои дарозро илова кунем, мустафъилун / — — у —/ шакли «мустафъилунтун» / — — у — —/-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафълотун / — — у — —/-ро гузошта мураффал меноманд. Баъди ин, агар ҳиҷои чоруми онро қаср кунем (кӯтоҳ намоем), яъне ба ҷои садоноки дарози «о» садоноки кӯтоҳи «а»-ро гузорем, мустафълотун / — — у — —/ шакли «мустафълатун» / — — у у —/-ро мегирад, ки онро М. м. мемонанд. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър дар рукнҳои аввалу байну охири байт, яъне дар садру ибтидо ва арӯзу зарб ва ҳашв меояд ва бештар ба баҳри Рачаз хос аст. М. м. нисбат ба дигар зиҳофҳои арӯз камистеъмол мебошад.

Мисол:

Рачази мусаммани М. м.:

Шӯре ба дилам афканда туӣ, чун мах ба сарам тобанда туӣ,
Аз ҳолати ман пурсанда туӣ, чун гул ба чаман дарханда туӣ.
*(Фарҳат)*

мустафълатун / мустафълатун / мустафълатун / мустафълатун
— — у у —/ — — у у —/ — — у у —/ — — у у —



Рачази мураббаъи М. м.:

Бар мулки дилам, эй шӯх, нигар,
Ғайр аз ту надорам ёри дигар.
Симои азизат чилвагар аст,
Андар назарам хар шому сахар. *(Бобо Ҳоҷӣ)*
мустафълатун / мустафълатун
— — у у —/ — — у у —

Бахри Рачази мусаммани М. м.-и махзузи махзуф:

Шуд об чу гулфахшанг бари домани шалола,
К-он буд булӯрин кандили тобон дар сари хора.
Ҷӯбори мусаффо шуст дигар доғ аз дили лола,
Дар рӯи гулу сабза дуру марчон рехт зи шора. *(Мақсуди Гулчин)*
мустафълатун / мустафълатун / мустафълатун / фаъ
— — у у —/ — — у у —/ — — у у —/ —

**Мураффа́ли мақсу́ри музо́л** (аз *мураффал, мақсур* ва *музол*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/, ки тавассути гузаронидани амалҳои тарфил, қаср, изолат ба вуҷуд меояд. Агар тавассути амали изоғ ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и зиҳофи мураффали мақсур — мустафълатун / — — у у —/ садоноки дарози «о»-ро гузорем, мустафълатун / — — у у —/ шакли мустафълатон / — — у у ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. м. меноманд. М. м. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд. Ин зиҳоф низ хеле камистеъмол буда, фақат ба баҳри Рачаз хос аст. Мисол:

Рачази мусаммани мураффали мақсури М. м. м.:

Ҷон бо тараб аз наззораи туст, ойинаи ман рухсораи туст,
Бинмо ба карам раҳме, ки дилам фархундаю шод аз чораи туст.
*(Фарҳат)*

мустафълатун / мустафълатун / мустафълатун / мустафълатон
— — у у —/ — — у у —/ — — у у —/ — — у у~

Рачази мураббаъи мураффали мақсури М. м. м.:

То кай ту ба ман бо нозу итоб,
Бар пурсиши ман надода чавоб,
Бигзашта равӣ монанди насим,
Аҳволи дилам бинмуда хароб? *(Бобо Ҳоҷӣ)*
мустафълатун / мустафълатон
— — у у —/ — — у у ~

**Мураффа́ли мусабба́ғ** (аз *мураффал* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — /.Ниг. *Мутаввал*.

**Мураффа́ли мусабба́ғ** (аз *мураффал* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /.Ниг. *Мутаввал*.

**Мурда́ф** (ар. مرذف ридфдор), дар илми бадеъи классикӣ қофияеро номанд, ки дар он *ридфи* муфрад омада бошад. Дар ин мавриди шарт он аст, ки садонокҳои дарози «о», «у», «ӯ», «и», «е» бояд вазифаи ридфро иҷро кунад.

Мисол:

Дидаам шеъри туро дар пештоқи хонаву айвони тоҷик,
Дидаам шеъри туро дар сангҳои гӯри фарзандони тоҷик.
*(Бозор Собир)*

фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилотун
— у — — / — у — — / — у — — / — у — — / — у — —

Дар ин байт, ки дар баҳри Рамали мусаммани солим (ҳашт бор фоилотун) суруда шудааст, калимаҳои «айвон» ва «фарзандон» қофия буда, ҳарфи «н», ки охирин ҳарфи решагии қофия аст, *равӣ*, ҳарфи «о», ки пеш аз равӣ омадааст, ридфи муфрад мебошад.

**Мус** (ар. مس), шакли овози зиҳофи *аҳаззи маҳзуфи* рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /. Ниг. *Фаъ*.

Мисол:

Рачази мусаммани мураффали мақсури аҳаззи маҳзуф:

Сунбул сари ҷӯбор атрфишон бар домани савсан,
Монанди гули хуршед фурӯзон шуд гули қоқо. *(Улфат)*

мустафъилатун / мустафъилатун / мустафъилатун / фаъ
— — у у — / — — у у — / — — у у — / —

**Мусабба́ғ** (ар. مسبغ -пурра кардашуда, такмилёфта), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба ҷузви *сабаби* хафифи охири рукнҳои мафойлун / у — — —/, фоилотун / — у — —/, фои-ло-тун / — у — —/ ва фаъулун / у — —/ илова намудани садоноки дарози «о» ба вуҷуд меояд. Агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и ҳиҷоҳои охири рукни асосии баҳри Хазаҷ — мафойлун / у — — —/, рукни солими фо-ило-тун / — у — —/, рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/ ва рукни асосии баҳри Мутақориб — фаъулун / у — —/ садоноки дарози «о»-ро гузорем, мафойлун / у — — —/ шакли мафойлон / у — — ~ /, фаъулун / у — —/ шакли фаъулон / у — — / ва фоилотуну / — у — -- / фо-ило-тун / — у — —/ шакли фоилотонро / — у — ~ / мегирад, ки ба ҷои онҳо рукни мустаъмали фоилийёнро / — у — ~ / гузошта, М. меноманд. Зиҳофи мақсури рукни солими мафойлун / у — — —/ шакли афоили М.-ро дошта бошад ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надорад, зеро зиҳофи мақсур аз рукни асосии баҳри Хазаҷ — мафойлун / у — -- —/ ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукни асосии баҳри Мутақориб — фаъулун / у — —/ ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои муфрадест, ки номи муфрад дорад ва дар шеър, фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. М. нисбат ба дигар зиҳофҳо камистеъмол буда, бештар ба баҳрҳои Хазаҷу Рамалу Мутақорибу Музореъ хос аст.

Мисол: Хазаҷи мусаммани М.:

Сабо вақти саҳар бӯе зи зулфи ёр меовард,
Дили шӯридаи моро ба бӯ дар кор меовард. *(Хофиз)*

мафойлун / мафойлун / мафойлун / мафойлон
у — — —/ у — — —/ у — — —/ у — — ~

Хазаҷи мусаммани ахраби М.:

Ёрам ба вафодорӣ ҷононаи машхурест,
Чун манзили ҷонон, ҷон — кошонаи машхурест. *(Лоҳутӣ)*

мафъӯлу / мафойлун / мафъӯлу / мафойлон
— — у / у — — —/ — — у / у — — ~

Хазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи М.:

Ин гуна назар макун шигифтомез,
Бар ман машав ничунин чу оташ тез. *(Лоҳутӣ)*

мафъӯлу / мафоилун / мафоилон
— — у / у — у — / у — — ~

Хазаҷи мусаддаси М.:

Чавонӣ чу баҳорон хубу зебост,
Сифоташ дар забони халки дуньёст. *(Абдулло Қодирӣ)*

мафойлун / мафойлун / мафоилон
у — — — / у — — — / у — — ~

Хазаҷи мураббаъи М.:

Чи хуш фасли баҳорон аст,
Тароватбахш бӯстон аст. *(Абдулло Қодирӣ)*

мафойлан / мафоилон
у — — — / у — — ~

Рамали мусаддаси машкули М. (ибтидо ва ҳашви мисраъи дуюм — махбун):

Эй санам, низ замонаке вафо дор,
Магузор тез чунин бар аспи раҳвор. *(Рӯдакӣ)*
фоилотун / фаилоту / фоилийён
— у — — / у у — у / — у — ~

Рамали мусаддаси махбуни аслами М.:

Нарму ширину чавон аст ин мағз,
Бехтарин мағзи чаҳон аст ин мағз. *(Лоҳутӣ)*
фоилотун / фаилотун / фаълон
— у — — / у у — — / — ~

Музореъи мусаммани ахраби М.:

Месӯзам аз фироқат рӯй аз чафо нигаҳ дор,
Ҳичрон балои мо шуд, ё раб, бало бигардон. *(Ҳофиз)*
мафъӯлу / фоилотун / мафъӯлу / фоилийён
— — у / — у — — / — — у / — у — ~

**Мусаддáс** (ар. مسدس -шашкунча, шаш), дар илми арӯз дар як байти шеър шаш бор омадани *рукнро* гӯянд. Масалан вазни байти:

Баҳорон рӯдҳо лабрез гарданд,
Биёбонҳо зи нав гулхез гарданд. *(Гулназар)*
мафойлун / мафойлун / мафойл
у — — — / у — — — / у — ~

-ро баҳри Ҳазачи мусаддаси мақсур меноманд, чунки дар як байт рукни мафойлун ва зиҳофи мақсур (мафойл) шаш бор омадаанд. Шакли М. нисбат ба мураббаъю мусамману мусанно серистеъмол буда, қариб дар тамоми баҳрҳои аслӣ ва фаръии арӯз дучор меояд. Баҳрҳои Қариб, Мушокил, Ҷадид, Хафиф ва Муҷтасс, Мусаттар, Боис, Ахрас, Маснӯъ, Маъқус, Муаммам, Муштарак, Қотеъ, Муайян, Мустаъмал, Мубҳам, Мӯҳмал, Ҳамим, Сарим, Қабир, Бадил, Қалиб, Ҳамид, Сағир, Асамм, Салим бошанд дар асли доираҳои арӯз мусаддасулачзоъ мебошанд.

Ҳазачи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф:

Қонеъ нашавӣ бар ҳар чи ёбӣ,
Аз хуб ба хубтар шитобӣ. *(Ҷомӣ)*
мафъӯлу / мафоилун / фаӯлун
— — у / у — у — / у — —



Рамали мусаддаси маҳзуф:

Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад,
Машварат идроку хушьёрӣ диҳад. *(Мавлавӣ)*
фоилотун / фоилотун / фоилун
— у — — / — у — — / — у —

Сареъи мусаддаси матвии мавқуф:

Не ҳама гуфтор зи инсон хуш аст,
Ҳар чи писандида бувад, он хуш аст. *(Хусрави Деҳлавӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилон
— у у — / — у у — / — у ~

Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф:

Ба сухан зинда шавад номи ҳама,
Ба сухан пухта шавад хоми ҳама. (Ч
фаилотун / фаилотун / фаилун
у у — — / у у — — / у у —

Хафифи мусаддаси махбуни мақсур:

Зулм аз ҳар ки ҳаст, нек бад аст
В-он ки ӯ золим аст, нек бад аст.
фоилотун / мафоилун / фаилон
— у — — / у — у — / у у ~

**Мусалла́с** (ар. مثلث -секунча, се), дар илми арӯз дар як байти шеър се маротиба омадани рукнро гӯянд. Дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ шоире дар шакли М. шеър нагуфтааст. Дар ашъори арабӣ М. дучор меояд.

**Мусамма́н** (ар. مثمن -ҳаштқунча, ҳашт), дар илми арӯз дар як байти шеър ҳашт бор омадани *рукнро* гӯянд. Масалан, вазни байти:

Эй обшор, оинан беғубори ман,
Ёри замони кӯдакии бекарори ман. *(Мӯъмин Қаноат)*
мафъӯлу / фоилоту / мафойлу / фоилун
— — у / — у — у / у — — у / — у —

-ро баҳри Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф меноманд, зеро дар як байт ҳашт рукн омадааст — ду бор зиҳофи ахраб — мафъӯлу / — — у /, ду бор зиҳофи макфуф —

фоилоту / — у — у /, ду бор зиҳофи мақфуф — мафойлу / у — — у / ва ду бор зиҳофи маҳзуф — фоилун / — у — /. Шакли М. асосан, дар баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик, Музореъ, Муҷтасс, Мунсареҳ ва Муқтазаб истифода мешавад.

М. дар шеъри тоҷикӣ серистеъмол аст. Шоирони бузурги гузашта ва имрӯзаи мо ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа ва дигар анвоъи шеърии худро дар шакли М. гуфтаанд. Мисол:

Рамали мусаммани машкул:

Ба ду дида кай тавонам, ки рухи ту сер бинам?
Ду ҳазор дида хоҳам, ки туро кунам назора. *(Ҳилолӣ)*
фаилоту / фоилотун / фаилоту / фоилотун
у у — у / — у — — / у у — у / — у — —

Мунсареҳи мусаммани матвии макшуф:

Сулҳ чудо кун зи ҷанг, з-он ки на некӯ бувад,
Дастгаҳи шишагар-пойгаҳи козарӣ. *(Саноӣ)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у — у / — у у — / — у —

Мутақориби мусаммани мақсур:

Ҳаме то барояд ба тадбир кор,
Мадорои душман беҳ аз корзор. *(Саъдӣ)*
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаӯл
у — — / у — — / у — — / у ~

Рамали мусаммани махбуни аслам:

Неку бад ҳар ду тавон кард, валекин бешак
Нек душвор тавон кардану бад сахт осон. *(Фаррухӣ)*
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаълун
— у — — / у у — — / у у — — / — —

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

Зинҳор, ки чун мегузарӣ бар сари маҷрӯҳ,
Аз вай хабаре пурс, ки чун мегузаронад. *(Саъдӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / мафойлу / фаӯлун
— — у / у — — у / у — — у / у — —

Рамали мусаммани машкул (ҳашвайни аввал ва арӯзу зарб — солим):



Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,
На ҳамин либоси зебост нишони одамият.
Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,
Чи миёни нақши девору миёни одамият? *(Саъдӣ)*
фаилоту / фоилотун / фаилоту / фоилотун
у у — у / — у — — / у у — у / — у — —

Ҳазаҷи мусаммани солим:

Дарахти дӯстӣ бинишон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад. *(Ҳофиз)*
мафойлун / мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — — / у — — — / у — — — / у — — —

**Мусанно́** (ар. مثنى -дутогӣ, ду), дар илми арӯз дар як байти шеър ду бор омадани рукнро гӯянд. Масалан, вазни абьёти

Қабӯтарам,
Бипар, бипар,
Паёми сулҳ
Бибар, бибар. *(Мақсуди Гулчин)*
мафоилун
у — у —

-ро баҳри Ҳазаҷи мусаннои мақбуз меноманд, чунки дар як байт зиҳофи мақбузи рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоилун ду бор омадааст.

Раҷази мусаннои мураффал:

Дар кӯҳ товус
Гӯё ҳиромид.
Хушрӯйтар шуд
Дарраи Рӯмит. *(Аҳмадзода)*
мустафъилотун
— — у — —

Шакли М. нисбат ба мураббаъю мусаддасу мусамман камистеъмол буда, фақат дар баҳрҳое истифода мешавад, ки рукни махсус доранд. Шеърҳое, ки мисраъҳои онҳо якрукнаанд, бештар ба адабиёти бачагона хос мебошанд.

**Мусаттáр** (ар. مستر -пӯшида, пинҳон), номи яке аз баҳрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ ва диг. баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ карда-

анд. Сабаби М. номидани ин баҳр он аст, ки рукнҳои солими он аз рукни сеюми доираи Мунғалата — мус-тафъи-лун / — у — / оғоз меёбад ва ин рукн нисбат ба ду рукни аввали доира номаълум аст. Рукнҳои асосии М.-ро аз ҷузви якуми рукни сеюми доираи Мунғалата мус-тафъи-лун / — — у — / чудо кардаанд. Агар аз ҷузви аввали рукни сеюми доираи Мунғалата — мус-тафъи-лун / — — у — /, яъне аз «мус» / — / сар кунем, мус-тафъи-лун / — — у — /, мафоийлун / у — — — /, фоилотун / — у — — / ба вуҷуд меоянд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри М.-и мусаддаси солимро ташкил медиҳанд. Дар рукнҳои солими М. *сабаби* хафиф / — / нисбат ба *ватади* маҷмӯъю / у — / ватади мафруқ / — / зиёдтар буда, дар ҳар се рукни он *фосила* вуҷуд надорад. Вазни солими М. аз ҷумлаи авзони сакили арӯз ҳисоб меёбад, зеро дар рукнҳои он ҳиҷои дароз нисбат ба ҳиҷои кӯтоҳ бештар аст. М. баръакси дигар баҳрҳои аслии арӯз рукни махсус надошта, дар натиҷаи омезиши рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — /, рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоийлун / у — — — / ва рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / сохта шудааст. Шаклҳои солими М. мусаддас буда, шаклҳои мусамману мураббаъю мусаннои солими он тамоман маъмул нестанд. М. яке аз камистеъмолтарин баҳрҳои форсӣ-тоҷикӣ буда, шоирони гузашта ва имрӯзаи мо дар навъҳои он ниҳоят кам шеър гуфтаанд.

Мисол: М.-и мусаддаси солим:

Аз файзи навбаҳорон ҳар ғунча во шуд,
Ҳар ғунчаи шукуфта диданамо шуд. *(Мақсуди Гулчин)*
мус-тафъи-лун / мафоийлун / фоилотун
— — у — / у — — — / — у — —

Агар байти болоиро ба таври:

мустафъилун / фаъулун / мустафъилун / фаъ
— — у — / у — — / — — у — / —

***тақтеъ*** **кунем, вазни баҳри Мунсареҳи мусаммани махбуни мақшуфи манҳур ва агар ба таври:**

**мафъӯлу / фоилотун / мафъӯлу / фаълун**
**— — у / — у — — / — — у / — —**

***тақтеъ*** **кунем, вазни баҳри Музореъи мусаммани ахраби аслам ба вуҷуд меояд.**



**Мусаҷҷаъоти мувозина** (аз ар. مسجعات -саҷъдорҳо ва موازنه баробарвазнӣ), дар илми бадеъи классикӣ ва арӯз байте ё якчанд байтеро гӯянд, ки шоир дар ду мисраъ саҷъи калимаҳо ва ҳамвазнии онҳоро риоя карда бошад. Дар чунин мавриди калимаҳои садру ибтидои ҳашвайн аз ҷиҳати вазн баробар буда, калимаҳои охири байт, яъне арӯз ва зарб мутаффиқ нестанд.

Мисол: Рамали мусаммани мақсур:

Эй самуми қаҳри ту ҷонсӯз чун фасли хазон
В-эй насими лутфи ту дилҷӯй чун фасли баҳор.
Ҷумлаи асбоби ҷаҳон назди саҳоят мухтасар,
Ҷумла пиҳони казо пеши замират ошкор.
Гашта осори макорим аз ҷанобат мунташир,
Буда буньёди маолӣ аз ҷанобат устувор. *(Тоҷи Ҳаловӣ)*
фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилон
— у — — / — у — — / — у — — / — у ~

Дар абьёти боло мисраъҳои ҳар байтро тарзе иншо кардаанд, ки ҳар калимаи мисраъи аввал бо калимаи мисраъи дуюм аз ҷиҳати вазн баробар омадааст. Калимаи аввали мисраъи якум — «эй» аз як ҳиҷои дароз, яъне «фо» / — /, калимаи дуюм — «самуми» аз як ҳиҷои кӯтоҳу ду ҳиҷои дароз, яъне «илотун» / у — — /, калимаи сеюм — «қаҳри» аз як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ, яъне «фои» / — у /, калимаи чаҳорум — «ту» аз як ҳиҷои дароз, яъне «ло» / — /, калимаи панҷум — «ҷонсӯз» аз ду ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ, яъне «тунфои» / — — у /, калимаи шашум — «чун» аз як ҳиҷои дароз, яъне «ло» / — /, калимаи ҳафтум — «фасли» аз ду ҳиҷои дароз, яъне «тунфо» / — — / ва калимаи ҳаштум — «хазон» аз як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз, яъне «илун» / у — / таркиб ёфтаанд. Мувофиқи қоида, мисраъи дуюми ин байт низ аз ҳашт калима иборат буда, ҳар калимаи мисраъи дуюм аз ҷиҳати вазн ҳатман ба калимаи мисраъи аввал мувофиқ аст. Яъне калимаи аввали мисраъи дуюм — «В-эй» аз як ҳиҷои дароз, яъне «фо» / — /, калимаи дуюм — «насими» аз як ҳиҷои кӯтоҳу ду ҳиҷои дароз, яъне «илотун» / у — — /, калимаи сеюм — «лутфи» аз як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ, яъне «фои» / — /, калимаи чаҳорум — «ту» аз як ҳиҷои дароз, яъне «ло» / — /, калимаи панҷум — «дилҷӯй» аз ду ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ, яъне «тунфои» / — — у /, калимаи шашум — «чун» аз як ҳиҷои дароз, яъне «ло» / — /, калимаи ҳафтум — «фасли» аз ду ҳиҷои дароз, яъне «тунфо» / — — / ва калимаи ҳаштум — «баҳор» аз як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз, яъне «илун» / у — / сохта шудааст. Афоилеро, ки аз ҳиҷоҳои ҳарду мисраъ ҳосил шудаанд, ба тартиби зерин:

фо-илотун-фои-ло-тун фои-ло-тун фо-илун
фо-илотун-фои-ло-тун фои-ло-тун фо-илун
— у — —  — у —  — — у —  — — у —

нависем, вазни ҳарду мисраъи байти аввал ба рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун /— у — —/ ва зиҳофи маҳзуф ё мақсур — фоилун ё фоилон /—у — ё — у ~ / баробар мешавад. Ҳамин тариқ, дар байти дуюми шеъри боло ҳар мисраъ дорои шаш калима буда, ҳар калимаи мисраъи аввал ба калимаи мисраъи дуюм аз ҷиҳати вазн баробаранд. Ҳамин шарт дар байти сеюми шеъри боло низ пурра риоя шудааст. М. м яке аз навъҳои саҷъ буда, шоирро маҷбур месозад, ки нозукиҳои илми бадеъ ва арӯзро пурра донад.

**Мусба́ғ** (ар. مسبغ -тамомкарда, такомулёфта), номи дигари *Мусаббағ*.

**Муст** (ар. مست ), шакли овозии *аҳаззи мақсури* рукни асосии баҳри Рамал — мустафъилун /— — у —/. Ниг. *Фоъ*.

Мисол:

Рамази мураббаъи матвии аҳаззи мақсур:

Дар дарат танг,
Дар камари санг,
Боғи Хиромон,
Боғи Хиромон. *(Ҳайдаршо)*
муфтаилун / фоъ
— у у —/ ~

**Мустаилóн** (ар. مستعلات ), шакли овозии зиҳофи *матвии музоли* рукни асосии баҳри Рамал — мустафъилун. Ниг. *Муфтаилон*:

Мисол:

Рамази мураббаъи матвии музол (рукни охири мисраъи чаҳорум — м а т в и́):

Боз саҳар бӯлбули маст
Рӯ ба рухи гул бинишаст.
Силсилаи сабр шикаст,
Савту садо мешунавам. *(Фарҳат)*
муфтаилун / муфтанлон
— у у —/ — у у ~

Рамази мураббаъи мураффали мақсури матвии музол:

Чун пири хирадманд чанор,
Гӯё ки бувад банди хаёл.



Ҳар барги шаҷар сафҳаи умр,
Ҳар шоха чу силсилаи сол. *(Мақсуди Гулчин)*
мустафъилатун / муфтанлон
— — у у —/ — у у ~

Агар абьёти болоро ба таври:

мафъӯлу / мафойлу / фаъл
— — у / у — — у / у ~

нигоҳ кунем, яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи аҳтам ба вуҷуд меояд.

**Мустаилу́н** (ар. مستعلن ), шакли овозии зиҳофи *матвии* рукни асосии баҳри Рамал — мустафъилун. Ниг. *Муфтаилун*.

Мисол:

Мусареҳи мусаммани матвии маҳдӯъ:

Бар сари онам, ки гар зи даст барояд,
Даст ба коре занам, ки гусса сарояд. *(Ҳофиз)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фоъ
— у у —/ — у — у / — у у —/ ~

Мусареҳи мусаммани матвии манҳур:

Аз ту бувад мар-маро ҷавонию пирӣ,
Пас ба ҳақиқат, ба зиндагонӣ монӣ. *(Адиб Ṣобири Тирмизӣ)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фаъ
— у у —/ — у — у / — у у —/ —

Рамази мусаммани матвии махбуни мақтӯъ:

Сарв нахонамат, кк ӯ нест бад-ин раъной,
Моҳ нагӯямат, ки мах нест бад-ин зебой. *(Ҷомӣ)*
муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафъӯлун
— у у — / у — у — / — у у — / — — —

Рамази мусаммани матвии махбун:

Он ки наботи оразаш оби ҳаёт мехӯрад,
Дар шакараш нигаҳ кунад, ҳар ки набот мехӯрад. *(Саъдӣ)*
муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафоилун
— у у — / у — у — / — у у — / у — у —

Сареъи мусаддаси матвии мавқуф:

Мурд Муродӣ, ба хамоно, ки мурд,
Марги чунин хоҷа на корест хурд. *(Рӯдакӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилон
— у у — / — у у — / — у ~

Мунсареҳи мураббаъи матвии мавқуф:

Субҳи баҳорон дамид,
Мавсими сармо расид.
Бар сари кӯҳу камар
Қатраи борон чакид.
Ҳандаи Наврӯз шуд,
Фасли дилафрӯз шуд. *(Ҳайдаршо)*
муфтаилун / фоилон
— у у — / — у ~

Мунсареҳи мураббаъи матвии макшуф:

Сӯи чаман меравад
Об зи ҷӯи калон.
Пеши суман меравад
Чобуку ғулғулфикан.
Аз қадамаш сабзаҳо
Лойиқи нашъунамо. *(Фарҳат)*
муфтаилун / фоилун
— у у — / — у —

Рақази мураббаъи матвии мақтӯъ:

Лаб-лаби ҷӯ марминҷон
Ҳалқа барин овезон.
Гар бихӯрӣ ту аз он,
Мешавадат нӯши ҷон. *(Мақсуди Гулчин)*
муфтаилун / мафъӯлун
— у у — / — — —

**Мустаилунтӯн** (ар. مستعلنتن ), шакли овозии зиҳофи *матвии мураффали* рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун. Ниг. *Муфтаилотун.*

Мисол:

Рақази мусаннои матвии мураффал:

Дар Ватани мо
Ҳар сухани мо



Шавқфизо шуд,
Рохкушо шуд. *(Фарҳат)*
муфтаилотун
— у у — —

**Мустáф** (ар. مستف ), шакли овозии зиҳофи *аҳаззи* рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун. Ниг. *Фаълун.*

Мисол:

Мунсареҳи мусаддаси матвии аҳазз (ибтидо — махбун):

Рӯй мегардон зи ман, ҳабибӣ,
Ки дарди ҷони маро табибӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / фоилоту / фаълун
— у у — / — у — у / — —

Рақази мураббаъи мураффали мақсури аҳазз:

Чашмам ҳама сӯи ту,
Бар рӯи накӯи ту. *(Фарҳат)*
мустафъилатун / фаълун
— — у у — / — —

Агар байти болоро ба таври мафъӯлу / — — у /, мафоӣлун / у — — — / *тақтеъ* кунем, баҳри Ҳазаҷи мураббаъи ахраб хонда мешавад.

**Мустафъил** (ар. مستفعل ), шакли овозии зиҳофи *мақтӯъи* рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун. Ниг. *Мафъӯлун.*

Мисол:

Рақази мусаммани матвии махбуни мақтӯъ:

Сарв нахонамат, ки ӯ нест бад-ин раъноӣ.
Моҳ нагӯямат, ки мах нест бад-ин зебоӣ. *(Ҷомӣ)*
муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафъӯлун
— у у — / у — у — / — у у — / — — —

Рақази мусаддаси матвии мақтӯъ:

Ин дили ман ҳаст ба дард арзонӣ,
То накунад бори дигар нодонӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / муфтаилун / мафъӯлун
— у у — / — у у — / — — —

Рақази мураббаъи мақтӯъ:

Оянда бо ӯ равшан,
Табъ аз ризояш гулшан,
Бар ҳимматаш сад аҳсан!
Дониш мудом омӯзам,
Дар дил чароғ афрӯзам. *(Фарҳат)*
мустафъилун / мафъӯлун
— — у — / — — —

Рақази мураббаъи матвии мақтӯъ:

Лаб-лаби чӯ марминҷон
Ҳалқа барин овезон.
Гар бихӯрӣ ту аз он,
Мешавадат нӯши чон. *(Мақсуди Гулчин)*
муфтаилун / мафъӯлун
— у у — / — — —

**Мустафъилату́н** (ар. مستفعلتن ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *мураффали мақсур*, ки аз рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун / — — у — / тавассути гузаронидани амалҳои тарфил ва қаср ба вуҷуд меояд. Агар ба *ватади* маҷмӯъи / у — / рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун / — — у — / як *сабаби* хафиф / — /, яъне як ҳиҷои дароз илова кунем, рукни мустафъилун / — — у — / шакли «мустафъилунтун» / — — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафъилотун / — — у — — /-ро гузошта, *мураффал* меноманд. Баъди ин, агар ҳиҷои чоруми рукни мустафъилотун / — — у — — /-ро қаср (кӯтоҳ) кунем, яъне ба ҷои садоноки дарози «о» садоноки кӯтоҳи «а»-ро гузорем, мустафъилотун / — — у — — / шакли мустафъилатун / — — у у — /-ро мегирад, ки онро мураффали мақсур меноманд. М. аз ду сабаби хафиф / «мустаф» — — / ва як фосилаи суғро / «илатун» у у — / иборат буда, дар он ватади маҷмӯъю / у — / ватади мафруқ / — у / иштирок надоранд. М. дар шеър қариб дар ҳамаи рукнҳои байт, яъне дар арӯзу зарбу садру ибтидою ҳашв меояд. М. аз ҷумлаи шаклҳои овозии зиҳофотест (фурӯъотест), ки арӯзиёни Аҷам баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд.

Мисол:

Рақази мураббаъи мураффали мақсур:



Бар мулки дилам, эй шӯх, нигар,
Ғайр аз ту надорам ёри дигар. *(Бобо Хоҷӣ)*
мустафъилатун / мустафъилатун
— — у у — / — — у у —

Рақази мусаммани мураффали мақсури маҳзузи маҳзуф:

Ҷубори мусаффо шуст дигар доғ аз дили лола,
Дар рӯи гулу сабза дуру марҷон рехт зи шора. *(Мақсуди Гулчин)*
мустафъилатун / мустафъилатун / мустафъилатун / фаъ
— — у у — / — — у у — / — — у у — / —

Рақази мусаммани мураффали мақсур:

Шӯре ба дилам афканда туӣ, чун маҳ ба сарам тобанда туӣ,
Аз ҳолати ман пурсанда туӣ, чун гул ба чаман дар ханда туӣ.
*(Фарҳат)*
мустафъилатун / мустафъилатун / мустафъилатун / мустафъилатун
— — у у — / — — у у — / — — у у — / — — у у —

**Мустафъило́н** (ар. مستفعلات ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *музоли* рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун / — — у — /, ки дар натиҷаи ба ҳиҷои охири он афзудани як алиф («о») ба вуҷуд меояд. Агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и охири рукни мустафъилун / — — у — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мустафъилун / — — у — / шакли М.-ро мегирад, ки онро музол меноманд. М. аз ҷумлаи шаклҳои овозиест, ки дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар *арӯз* ва *зарб* меояд. М. шакли овозии камистеъмоли арӯз буда, асосан, хоси баҳри Рақаз аст.

Мисол:

Рақази мусаммани музол:

Чашма ба сад шӯру қиём ояд фуруд аз кӯҳсор,
Дар мавҷи ӯ сад гулситон, дар сози ӯ сад навбаҳор. *(Гулназар)*
мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилон
— — у — / — — у — / — — у — / — — у ~

Рақази мураббаъи музол:

Дар қолии фирӯзатоб,
Анвои гулҳо рустаанд.

Бо нури меҳр, ашки саҳоб
Рухсораҳоро шустаанд. *(Мақсуди Гулчин)*
мустафъилун / мустафъилон
— — у — / — — у ~

Рақази мусаддаси музол:

То кай маро гӯй, ки аз ман бош дур,
Гар дур бошам аз ту, чун бошам сабур? *(Насируддини Тӯсӣ)*
мустафъилун / мустафъилун / мустафъилон
— — у — / — — у — / — — у ~

Зиҳофи *музмари музоли* рукни асосии баҳри Қомил — мутафоилун / у у — у — / низ шакли овозии М.-ро дорад.

**Мустафъилотӣн** (ар. مستفعلاتان ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *мутаввали* рукни асосии баҳри Рақаз, ки дар натиҷаи ба рукни мустафъилун / — — у — / гузаронидани амалҳои тарфил ва татвил ба вуҷуд меояд. Агар ба охири рукни мустафъилун / — — у — / як ҳиҷои дароз илова кунем, мустафъилун / — — у — / шакли «мустафъилунтун» / — — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафъилотун / — — у — — /-ро гузошта *мураффал* меноманд. Сипас, агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и ҳиҷои охири мустафъилотун / — — у — — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мустафъилотӯн шакли М.-ро мегирад, ки онро мутаввал мехонанд. М. аз ду *сабаби* хафиф «мустаф» / — — /, як *ватади* маҷмӯъ — «ило» / у — / ва боз як ҳиҷои якунимҳиҷогӣ «тон» / ~ / иборат аст. М. аз ҷумлаи шаклҳои овозии камистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда (ин шакли овозиро арӯзиёни Аҷам баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд), фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар *арӯз* ва *зарб* меояд ва ба баҳри Рақаз хос аст.

Мисол:

Рақази мураббаъи мураффали мутаввал:

Эй мавҷи саркаш, эй рӯҳи пуршӯр,
Гар раҳ наёбӣ бар соҳили дур. *(Гулназар)*
мустафъилотун / мустафъилотон
— — у — — / — — у — ~

Рақази мусаннои мутаввал:

Эй мавҷи бехоб,
Эй набзи бетоб,



Дарьёи Варзоб,
Дарьёи Варзоб. *(Лоиқ)*
мустафъилотон
— — у — ~

**Мустафъилотӯн** (ар. مستفعلاتن ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *мураффал*, ки дар натиҷаи ба охири *ватади маҷмӯъи* / у — / рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун / — — у — / илова намудани як *сабаби* хафиф / — /, яъне як ҳиҷои дароз ба вуҷуд меояд. Агар ба охири рукни асосии баҳри Рақаз — мустафъилун / — — у — / як ҳиҷои дароз ҳамроҳ кунем, рукни мустафъилун / — — у — / шакли «мустафъилунтун» / — — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафъилотун / — — у — — /-ро гузошта, мураффал меноманд. М. аз ду сабаби хафиф / «мустафъ» / — — /, як ватади маҷмӯъ / «ило» у — / ва як сабаби хафиф / «тун» — / иборат буда, дар шеър дар рукнҳои аввалу охири байт, яъне дар садру ибтидо ва арӯзу зарб меоянд. М. аз ҷумлаи шаклҳои овозии зиҳофотест (фурӯъотест), ки арӯзиёни аҷам баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд.
Мисол:

Рақази мусаддаси мураффал:

Аз тоби мӯяш дар парешонӣ шудам ман,
Дар пеши рӯяш бандаи фонӣ шудам ман. *(Лоҳутӣ)*
мустафъилун / мустафъилун / мустафъилотун
— — у — / — — у — / — — у — —

Рақази мураббаъи мураффал:

Бе ту маро зинда набинанд,
Ман зарраам, ту офтобӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / мустафъилотун
— — у — / — — у — —

Рақази мураббаъи мураффали мутаввал:

Шаҳри азизам — шаҳри гулобод,
Ман дар канораш хурсандаму шод. *(Убайд Рақаб)*
мустафъилотун / мустафъилотон
— — у — — / — — v — ~

Рақази мусаддаси матвии мураффал (с а д р — с о л и м):

Эй лўъбате, к-аз лўъбатон мухтор гаштӣ,
Боз зи хубӣ фитнаи бозор гаштӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / мустафъилун / мустафъилотун
— у у — / — — у — / — — у — —

Рақази мусаннои мураффал:

Дар об бинам,
Дуньёи дигар.
Аҷоиб олам,
Рангин саросар. *(М. Хайдаршо)*
мустафъилотун
— — у — —

**Мустафъилӯ** (ар. مستفعل), дар илми арӯз шакли овози зиҳофи макфуфи рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — /, ки дар натиҷаи ба рукни мус-тафъи-лун / — — у — / гузаронидани амали каф(ф) ба вуҷуд меояд. Агар тавассути амали каф(ф) аз охири рукни мус-тафъи-лун / — — у — / харфи охир, яъне «н»-ро партоем, М. боқӣ мемонад, ки онро макфуф меноманд. М. аз ҷумлаи шаклҳои овозии зиҳофоти камистеъмоли арӯз буда, фақат дар рукнҳои аввалу байни байт меояд. М. хоси баҳрҳои Ҷадиду Хафифу Муҷтасс мебошад. Шамси Қайси Розӣ дар асари худ «Ал-мӯъҷам фӣ маойири ашъор-ил-аҷам» менависад, ки «Мустафъилу аз азоҳифи ашъори араб аст, дар шеъри порсӣ наёяд... ва он чӣ шуарои мутақаддим дар ашъори мустасқили хеш овардаанд, чун... мустафъилу... ва монанди он дар он боб тақлиди шуарои араб кардаанд ва барои изҳори маҳорати хеш дар илми арӯз он азоҳифи гарон ба ашъори хеш дароварда. Онро аз ҷумлаи азоҳифи порсӣ набояд шумурд».

**Мустафъилӯн** (ар. مستفعلن), дар илми арӯз шакли овозии рукни асосии баҳри *Рақаз*, ки аз ду *сабаби* хафиф / «мустафъ» — —/ ва як *ватади* маҷмӯъ / «илун» у —/ иборат аст. Дар М. *фосила* иштирок надорад. Ҳангоми каму зиёд кардан ё тағйири мавқеъи ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи М. зиҳофҳои аҳзаз / фаълун — —/, аҳаззи мусаббағ / фаълон — ~ /, марфӯъ / фоилун — у —/, марфӯъи музол / фоилон — у ~ /, матвии музол / муфтаилон — у у ~ /, матвии мураффал ё мураффали матвӣ / муфтаилотун — у у — —/, матвӣ / муфтаилун — у у —/, махбул / фаилатун у у у —/, махбули музол / фаилатон у у у ~ /, махбун / мафоилун у — у —/, махбуни музол / мафоилон у — у ~ /, махбуни мураффал / мафоилотун у — у — —/, мақтӯъ / мафъӯлун — — —/, мақтӯъи мусаббағ / мафъӯлон — — ~ /, мақтӯъи махбун ё мухаллаъ / фаӯлун у — —/, маҳзуф ё маҳзузи маҳзуф / фаъ —/, музол / мустафъилон — — у ~ /, мураффал / мустафъилотун — — у — —/, мураффали мақсур / мустафъилатун — — у у —/ мутаввал / мустафъилотон — — у — ~ /, мутаввали мақсур / мустафъилатон — — у у ~ /, мураффали махбуни матвии мувассаъ / мутафаилатун у у у у у —/, мураффали махбуни матвии мақсур / мутафаилун у у у у —/ ҳосил мешаванд. Шакли овозии рукни солими мус-тафъ-илун / — — у —/ ҳарчанд ба М.-и баҳри Рақаз ҳамшакланд, аммо аз ҷиҳати аҷзо фарқ доранд, чунки рукни мус-тафъи-лун / — — у —/-и солим аз як с а б а б и х а ф и ф / «мус» —/, як в а т а д и м а ф р у қ / «тафъи» — у/ ва боз як с а б а б и х а ф и ф / «лун» —/ иборат буда, дар М.-и рукни асосии баҳри Рақаз бошад аввал ду с а б а б и х а ф и ф / «мустафъ» — — —/ ва баъд як в а т а д и м а ҷ м ӯ ъ / «илун» у —/ ҷой гирифтааст. М. серистеъмолтарин шакли овозии арӯз буда, қариб дар тамоми аркони байт, яъне дар арӯзу зарбу ҳашвайну садру ибтидо меояд. М. ба баҳрҳои Рақазу, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсарех, Муқтазаб, Аҳрас, Қабир, Мазид, Сағир, Ҳамид, Салим, Хамим, Маснӯъ, Маъқӯс, Боис, Муаммам, Мушторак, Қотеъ, Мусаттар, Муайян, Мустаъмал, Мубҳам, Мӯҳмад ва ғ. хос аст. Мисол:

Рақази мусаммани солим:

Парвози мо сар мешавад аз олами такрорҳо,
Аз ҷунбиши гаҳвораҳо в-аз оташи пиндорҳо. *(Мирзо Боқӣ)*
мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун
— — у —/ — — у —/ — — у —/ — — у —

Рақази мусаммани мухаллаъ (м а қ т ӯ ъ и м а х б у н):

Дуньёст беканора, мову ту дар канора,
Эй кошки бубинам рӯи туро дубора. *(Саидалӣ Маъмур)*
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / фаӯлун
— — у —/ у — —/ — — у —/ у — —

Рақази мураббаъи мухаллаъ:

Бе ту надошт шӯре
Дарьёи зиндагонӣ.
Бе ту ҷавон набудам
Дар қисмати ҷавонӣ. *(Лоиқ)*
мустафъилун / фаӯлун
— — у —/ у — —

Раҷази мусаммани музол:

Дар қуллаҳо маъво кунад озоду бепарво уқоб,
Ӯ ёри тӯфонҳо бувад, ӯ ҳамнишини офтоб. *(Гулназар)*
мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилон
— — у — / — — у — / — — у — / — — у ~

Раҷази мураббаъи солим:

Андар миёни як дара,
Дар ҷои бас хушманзара,
Он ҷо, ки ақлу ҳушро
Ҳусни базебаш мебарад. *(Одина Мирак)*
мустафъилун / мустафъилун
— — у — / — — у —

Мунсареҳи мусаддаси матвӣ:

Эй дилбари ҷонфизой, тундӣ макун,
Бо ошиқон хуш сарой, тундӣ макун. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / фоилоту / мустафъилун
— — у — / — у — у / — — у —

Сареъи мусаддаси солим:

Эй ёри ман, эй ҷони ман, аз дил нола,
Имсол ҳам камтар нашуд аз ҳарсола. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / мустафъилун / мафъӯлоту
— — у — / — — у — / — — — у

Боиси мусаддаси солим:

Гули бахтам, тоҷи тахтам фарзанди ман,
Дилу ҷонам, шаъну шонам пайванди ман. *Мақсуди Гулчин)*
мафойлун / фоилотун / мустафъилун
у — — — / — у — — / — — у —

Мунсареҳи мураббаъи махбуни мавқуф:

Қӯҳсори мо баланд аст,
Бузургу дилписанд аст. *(Темур Султон)*
мустафъилун / фаӯлон
— — у — / у — ~



Мусаттари мусаддаси солим:

Аз файзи навбаҳорон ҳар ғунча во шуд,
Ҳар ғунчаи шукуфта дидanамо шуд. *(Мақсуди Гулчин)*
мустафъилун / мафойлун / фоилотун
— — у — / у — — — / — у — —

Маснӯъи мусаддаси солим:

Маро модар бо шир меҳри Ватан дод,
Ватан — модар, модар — Ватан човидон бод! *(Улфат)*
мафойлун / мустафъилун / фоилотун
у — — — / — — у — / — у — —

Мустаъмали мусаддаси солим:

Гул чун панҷа зад, панҷа дар пои гулбун,
Гӯй сӯхт оташ саропои гулбун. *(Мақсуди Гулчин)*
мафъӯлоту / мустафъилун / фоилотун
— — — у / — — у — / — у — —

Мазиди мусаддаси солим:

Шамс аз канори осмон сар баровард,
Аз талъаташ ҳар сӯйро босафо кард. *(Фарҳат)*
мустафъилун / мустафъилун / фоилотун
— — у — / — — у — / — у — —

**Мус-тафъи-лӯн** (ар. مس تفع لــن ), дар илми арӯз шакли овозии рукнест, ки аз *сабаби* хафиф — «мус» / — /, як *ватади* мафруқ — «тафъи» / — у / ва як сабаби хафиф «лун» / — / иборат аст. М. *фосила* ва *фозила* надорад. Ҳангоми иваз кардани мавқеъи ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ё партофтани онҳо аз рукни М. зиҳофҳои макфуф / мустафъилу — — у у), марфӯъ / фоилун — у — /, марфӯъи музол / фоилон — у ~ /, махбун / мафоилун у — у — /, мақсур / мафъӯлун — — — /, машкул / мафоилу у — у у / ҳосил мешаванд. Шакли овозии рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / ҳарчанд ба М. ҳамшакл аст, аммо аз ҷиҳати таркиби аҷзо фарқ мекунад, зеро рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун аз ду сабаби хафиф / «мустафъ» — — / ва як ватади маҷмӯъ / «илун» у — / иборат буда, дар М. аввал як сабаби хафиф / «мус» — / як ватади мафруқ / «тафъи» — у /, баъд боз як сабаби хафиф / «лун» — / ҷой гирифтааст. М. нисбат ба дигар рукнҳои асо-

сии арӯз камистеъмол аст. Вай рукни асосии баҳреро низ ташкил намедиҳад, аммо дар сохтани баҳрҳои Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс ва навъҳои онҳо иштирок менамояд.

Мисол:

Ҷадиди мусаддаси солим:

Аз чи рӯ ту рӯзи равшан, эй моҳи ман,
Дарнишондй ин раҳиро дар дарди ғам? *(Зореъ)*
фоилотун / фоилотун / мус-тафъи-лун
— у — — / — у — — / — — у —

Ҷадиди мураббаъи солим:

Меҳри хониш мепарварам,
Илму дониш мепарварам. *(Фарҳат)*
фоилотун / мус-тафъи-лун
— у — — / — — у —

Хафифи мусаддаси солим:

Эй маҳи ман, нозукбадан, сарвқомат,
Май биёвар, бехуд шавам то қиёмат. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилотун / мус-тафъи-лун / фоилотун
— у — — / — — у — / — у — —

Муҷтасси мусаддаси солим:

Эй лӯъбати сарвқадди симсоид,
Шояд агар бо Раҳй бошй мусоид. *(Раҳӣ)*
мус-тафъи-лун / фоилотун / фоилотун
— — у — / — у — — / — у — —

Муҷтасси мураббаъи солим:

Ёро, ба ман меҳрубонй,
Лекин диламро ту донй. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мус-тафъи-лун / фоилотун
— — у — / — — у — —

Ниг. низ. *Мунфасил.*

**Мустафъилуни мафруқӣ** (аз *мустафъилун* ва ар. مفروق -ҷудо кардашуда), дар илми арӯз рукни мус-тафъи-лунро гӯянд, ки аз як сабаби хафиф — «мус», як ватади мафруқ — «тафъи» ва боз як сабаби хафиф — «лун» таркиб ёфтааст. Ин рукни аз



ҷиҳати миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / фарқ надошта бошад ҳам, аз ҷиҳати таркиби аҷзо тафовут дорад. Дар рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / аввал ду сабаби хафиф — «мустафъ»,баъд як ватади маҷмӯъ — «илун» омада, дар М. м. бошад баръакс. Истилоҳи М. м.-ро Насируддини Тӯсӣ дар асари худ — «Меъёр-ул-ашъор» истифода намудааст. М. м. рукни асосии баҳреро ташкил надода, дар сохтани навъҳои баҳрҳои Ҷадид, Хафиф ва Муҷтасс иштирок менамояд. Ниг. низ *Мус-тафъи-лун.*

**Мустафъилуни маҷмӯъӣ** (аз *мустафъилун* ва ар. مجموع -ҷамъшуда), дар илми арӯз рукни асосии баҳри Рачазро бо ин ном низ ёд мекунанд. Муаллифи «Меъёр-ул-ашъор» — Насируддини Тӯсӣ барои фарқи мустафъилуну / — — у — / мустафъи-лун / — — у — / якеро М. м. ва дигареро *мустафъилуни мафруқӣ* номидааст. Сабаби М. м. номидани рукни асосии баҳри Рачаз —мустафъилун / — — у — / он аст, ки аҷзои он аз ду сабаби хафиф — «мустаф» ва як ватади маҷмӯъ — «илун» таркиб ёфтааст. Ҳарчанд М. м. ва мустафъилуни мафруқӣ аз ҷиҳати миқдори ҳиҷоҳо тафовут надоранд, аммо аз ҷиҳати таркиби аҷзо, яъне сабабу ватад фарқ мекунанд. Агар дар мустафъилуни мафруқӣ аввал як сабаби хафиф — «мус», баъд як ватади мафруқ — «тафъи» ва дар охир як сабаби хафиф — «лун» ояд, дар М. м. баръакс.

Ниг. низ. *Мустафъилуқ.*

**Мустафъилунтӯн** (ар. مستفعلنتن ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *мураффали* рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /-ро гӯянд. Ниг. *Мустафъилотун.*

Мисол:

Рачази мураббаъи мураффал:

Бо худ ситезам, бе худ ситезам,
Коре надорам бо кинадорон. *(Лоиқ)*
мустафъилотун / мустафъилотун
— — у — — / — — у — —

Рачази мусаннои мураффал:

Дар об бинам
Дунъёи дигар.
Аҷоиб олам,
Рангин саросар. *(Хайдаршо)*
мустафъилотун
— — у — —

**Мустаъма́л** (ар. مستعمل -истеъмолёфта, ба кор бурда шаванда), номи яке аз бахрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ ва диг. баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Сабаби М. номидани ин баҳр дар он аст, ки рукнҳои солими онро аз рукнҳои маъмули арӯзмафъӯлоту / — ˈ— — у /, мустафъилун / — — у — / ва фоилотун / — у — — / тартиб додаанд. Аркони солими М.-ро аз ҷузви охири рукни аввали доираи Мунъалиқа ҷудо кардаанд. Агар аз ҷузви чаҳоруми рукни аввали доираи Мунъалиқа, яъне аз «лун» / — / сар кунем, «лунмустафъи» / — — — у /, «лунфоило» / — — у — / «тунмафои» / — у — — / ба вуҷуд меоянд, ки ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафъӯлоту / — — — у /, мустафъилун / — — у — /, фоилотунро / — у — — / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри М.-и мусаддаси солимро ташкил медиҳанд. Дар рукнҳои солими М. сабаби хафиф / — / нисбат ба ватади маҷмӯъ / у — / ва ватади мафрӯқ / — у / зиёд буда, дар онҳо *фосила* иштирок надорад. Азбаски миқдори ҳиҷоҳои дарози рукнҳои солими М. нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳи он бештар аст, вазни солимаш аз ҷумлаи авзони сақили арӯз ҳисоб меёбад. М. чун ҳаман бахрҳои фаръии арӯз рукни махсус надорад ва рукнҳои солими он дар натиҷаи омезиши рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, рукни асоси баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / ва рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / сохта шудаанд. М. ба гурӯҳи баҳрҳои камистеъмоли арӯз дохил мешавад, зеро шоирон дар навъҳои он ниҳоят кам шеър гуфтаанд. М. бар хилофи баҳрҳои аслии арӯз навъҳои зиёд надорад, шеърҳое, ки дар авзони ин баҳр суруда шудаанд, фақат дар шакли мусаддаси солим аст. Шаклҳои мусамману мураббаъю мусаннои солими он тамоман маъмул нест.

Мисол: М.-и мусаддаси солим:

Сунбул зулф мешуст дар оби ҷӯйбор,
Булбул нола мекард дар шохи гулхор. *(Мақсуди Гулчин)*
мафъӯлоту / мустафъилун / фоилотун
— — — у / — — у — / — у — —

**Мутавва́л** (ар. مطول -дарозшуда, тӯлонӣ), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки арӯзиёни аҷам баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. М. дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / гузаронидани амалҳои тафил ва татвил ба вуҷуд меояд. Агар ба охири рукни мустафъилун / — — у — / як ҳиҷои дароз илова кунем, мус-



тафъилун / — — у — / шакли «мустафъилунтун» / — — у — ˈ/-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафъилотун / — — у — ˈ — /-ро гузошта *мураффал* мехонанд. Баъди ин агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и ҳиҷои охири рукни мустафъилотун / — — у — — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мустафъилотун шакли «мустафъилотон» / — — у — ~ /-ро мегирад, ки онро М. меноманд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи муфрад дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд ва бештар ба баҳри Раҷаз хос аст. М. нисбат ба дигар зиҳофҳои арӯз камистеъмол аст.

Мисол: Раҷази мураббаъи М.:

Маштоб чандин, эй паризод,
Бар куштани ошиқ ба бедод. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / мустафъилотон
— — у — / — ˈ— у — ~

Раҷази мураббаъи мураффали М.:

Шаҳри азизам — шаҳри гулобод,
Ман дар канораш хурсандаму шод. *(Убайд Раҷаб)*
мустафъилотон / мустафъилотон
— — у — — / — ˈ— у — ~

Раҷази мусаннои М.:

Эй мавҷи бехоб,
Эй набзи бетоб.
Дарьёи Варзоб,
Дарьёи Варзоб. *(Лоиқ)*
мустафъилотон
— — у — ~

**Мутавва́ли матвии мақсӯр** (аз *мутаввал*, *матвӣ* ва *мақсур*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асоси баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, ки тавассути гузаронидани амалҳои татвил, тай, қаср ба вуҷуд меояд. Агар тавассути амали татвил ба шакли овозии зиҳофи *мураффали матвии мақсур* — муфтаилатун / — у у у — / ба ҷои садоноки «у» охири он садоноки дарози «о»-ро гузорем, муфтаилатун / — у у у — / шакли муфтаилатон / — у у у ~ /-ро мегирад ки онро М. м. м. меноманд. М. м. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукн-

хои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. Ин зиҳоф низ ҳ ле камистеъмол буда, фақат ба баҳри Рачаз хос мебошад. Мисол:

Рачази мураббаъи мураффали матвии максури М. м. м

Зеби чаманистон садаи мост,
Гарм шавад, ӯ соягари мост. *(Мақсуд)*
муфтаилатун / муфтаилатон
— у у у — / — у у у ~

**Мутавва́ли матвӣ** (аз *мутаввал* ва *матвӣ*), дар илми арӯ номи зиҳофест, ки арӯзиёни аҷам баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. М. м. дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / гузаронидани амалҳои тарфил ва тай ва татвил ба вуҷуд меояд. Агар ба охири ватади маҷмӯъи / у — / рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / як сабаби хафиф / — /, яъне як ҳиҷои дароз илова кунем, мустафъилун / — — у — / шакли мустафъилунтун» / — — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали «мустафъилотун» / — — у — /-ро гузошта *мураффал* меноманд. Агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и ҳиҷои «тун»-и рукни мустафъилотун / — — у — — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мустафъилотун / — — у — — / шакли «мустафъилотон» / — — у — ~ /-ро мегирад, ки онро мутаввал меноманд. Баъди ин, агар аз зиҳофи мутаввал — мустафъилотон / — — у — ~ / ҳиҷои дуюми онро тай кунем (кӯтоҳ кунем), яъне ҳарфи «ф»-и мустафъилотонро партоем, мустафъилотон шакли «мустаъилотон» / — у у — ~ /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали «муфтаилотон» / — у у — ~ /-ро гузошта, М. м. мехонанд. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккаб аст, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд ва асосан, ба баҳри Рачаз хос аст. М. м. мисли дигар зиҳофҳои арӯз серистеъмол нест.

Мисол: Баҳри Рачази мусаннои М. м.:

Дар дараи танг,
Соҳили дарьё.
Дар канори санг
Боғи дилоро
Боғи Хиромон
Боғи Хиромон *(М. Хайдаршо)*
муфтаилотон
— у у — ~



**Мутавва́ли махбу́н** (аз *мутаввал* ва *махбун*), ниг. *Махбуни мутаввал*.

**Мутавва́ли максу́р** (аз *мутаввал* ва *мақсур*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки арӯзиёни аҷам баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. М. м. дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / гузаронидани амалҳои тарфил, тай ва татвил ба вуҷуд меояд. Агар ба охири *ватади* маҷмӯъи / у — / рукни мустафъилун / — — у — / як сабаби хафиф / — /, яъне як ҳиҷои дароз илова кунем, мустафъилун / — — у — / шакли «мустафъилунтун» / — — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали «мустафъилотун» / — — у — — /-ро гузошта, мураффал меноманд. Агар ба ҷои ҳарфи садоноки кӯтоҳи «у»-и ҳиҷои «тун»-и рукни мустафъилотун / — — у — — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мустафъилотун шакли «мустафъилотон» / — — у — ~ /-ро мегирад, ки онро мутаввал меноманд. Баъди ин, агар аз зиҳофи мутаввал — мустафъилотон / — — у — ~ / ҳиҷои дуюми онро мутаввал — мустафъилотон / — — у — ~ / ҳиҷои дуюми онро тай кунем (кӯтоҳ кунем), яъне ҳарфи «ф»-и мустафъилотонро партоем, мустафъилотон шакли «мустаъилотон» / — у у — ~ /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали «муфтаилотон» / — у у — ~ /-ро гузошта, М. м. мехонанд. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккаб аст, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд ва асосан, ба баҳри Рачаз хос аст. М. м. мисли дигар зиҳофҳои арӯз серистеъмол нест.

Мисол: баҳри Рачази мураббаъи мураффали максури М. м.:

То кай ту ба ман бо ноз итоб,
Бар пурсиши ман надода чавоб,
Бигзашта равӣ монанди насим,
Аҳволи дилам бинмуда хароб. *(Бобо Ҳоҷӣ)*
мустафъилатун / мустафъилатон
— — у у — / — — у у ~

**Мутавоти́р** (ар. متواتر -пай ҳам оянда, пай дар пай), дар илми бадеъи классикӣ яке аз навъҳои *қофияро* гӯянд, ки аз мутаҳаррику сокине, яъне аз як ҳиҷои дароз ё ин ки аз як *сабаби* хафиф иборат бошад. Мисол:

Азизо, гар ба худ хорӣ нахоҳӣ,
Макун коре, ки боз орад табоҳӣ. *(Носири Хисрав)*
мафойлун / мафойлун / фаулун
у — — — / у — — — / у — —

Дар ин байт калимаҳои «наҳоҳӣ» ва «табоҳӣ» қофия буда, ҳичои «ҳи»-и ҳар ду калима, ки як сабаби хафифро, яъне як ҳичои дарозро ташкил медиҳад, М. мебошад, М. нисбат ба дигар навъҳои қофия серистеъмол буда, дар ашъори шоирони форс-тоҷик бештар дар афоили фоилотун / — у — — /, фаилотун / у у — — /, фаўлун / у — — /, мафъўлун / — — — /, фаълун / — — /, фоилотун фаъ / — у — — — /, фаилотун фаъ / у у — — — /, мафоилун фаъ / у — у — — /, муфтаилун фаъ / — у у — — /, мафъўлун фаъ / — — — — / меояд. М. асосан хоси баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс ва ғ. мебошад.

**Мутадонӣ** (ар. متدانى -ба низом даромада), дар илми арӯз номи дигари баҳри *Мутадорик*.

**Мутадорӣк** (ар. متدارك -дарьёфтан, дарак додан, пайваста-тан), номи яке аз баҳрҳои а с л и и (солими) арӯз. Ин баҳрро барои он М. меноманд, ки ҷузви *сабаби* ӯро баъдтар ёфта, ба рукнҳои дигар ҳамроҳ намуданд. М.-ро забоншинос ва арӯздон *Абулҳасан Ахфаши Балхӣ* (ваф. 830/33) баъди Халил ибни Аҳмад аз доираи панҷуми арӯзи арабӣ, яъне аз доираи *Мутафиқа* дар шакли мусаммани солим ҷудо кардааст. Агар аз ҷузви дуюми рукни фаўлуни доира, яъне аз сабаби хафифи / — / он сар кунем, «лунфаў» / — у — /, «лунфаў» / — у — /, «лунфаў» / —у— /, «лунфаў» / — у — / хосил мешавад, ки ба ҷои он рукни мӯстаъмали фоилун / — у — /-ро гузошта, рукни асосии баҳри М. меноманд. Рукни солими М. — фоилун / — у — / аз як сабаби хафиф / — / ва як *ватади* маҷмӯъ / у — / иборат аст, дар он *фосила* иштирок надорад. М. дар байни арӯзиён бо номҳои Рак з у л х а й л (босуръат), с а в т у н н о қ у б (садои зангӯла) ва ғ а р и б (нодир) низ дучор мешавад. Аз рукни солими М. се навъи он: м у с а м м а н и с о л и м, м у с а д д а с и с о л и м ва м у р а б б а ъ и с о л и м ба вуҷуд меояд. Барои сохтани навъҳои дигари ин баҳр аз рукни солим — фоилун / — у — / ва зиҳофҳои махбун — фаилун / у у — /, мақтӯъ — фаълун / — — /, махбуни мақтӯъ / мухаллаъ / — фаул / у — /, музол — фоилон / — у ~ /, аҳазз (маҳзуз) фаъ / — /, аҳаззи мақсур — фоъ / ~ /, махбуни музол — фаилон / у у ~ /, ки дар натиҷаи каму зиёд намудани миқдори ҳиҷову ҳарфҳо ё дигар шудани мавқеъи ҳиҷоҳои кӯтоҳ ҳосил мегарданд, истифода мебаранд. Аз омезиши рукни аслии М. ва зиҳофҳояш дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъ навъҳои зерини он сохта мешаванд. Ба қавли муаллифи «Арӯзи Ҳумоюн», дар вазнҳои солими ин баҳр на дар арабу на дар аҷам касе қасидае нагуфтааст, аммо ҳар кас ба тариқи имтиҳон абьёте чанд сурудааст. Хушбахтона, дар адабиёти форсӣ-тоҷик ба шеърҳое дучор меоем, ки дар вазнҳои солими М. суруда шудаанд. Мисол: М.-и мусаммани солим:

Шуд хазон рушди мо, шуд камон пушти мо,
Хуни дил мечакад аз сарангушти мо. *(Лоҳутӣ)*
фоилун / фоилун / фоилун / фоилун
— у — / — у — / — у — / — у —

М.-и мусаммани музол:

Мо ба ҳам тохтем дар раҳи инқилоб,
Мо зафар ёфтем, бисмачӣ шуд хароб. *(Айнӣ)*
фоилун / фоилун / фоилун / фоилун
— у — / — у — / — у — / — у ~

М.-и мусаддаси солим:

Ёр дилро садо мекунад,
Дили моро раҳо мекунад. *(Лоҳутӣ)*
фоилун / фоилун /фоилун
— у — / — у — / — у —

М.-и мусаммани аҳазз (рукни охири мисраъҳои дуюму чаҳорум — с о л и м):

То ба кай ғусса хӯрдан ба хасрат?
Баъд аз ин шодмонӣ намо.
Бас чафо, бас ситам, эй адолат,
Дар чаҳон ҳукмронӣ намо! *(Айнӣ)*
фоилун / фоилун / фоилун / фаъ
— у — / — у — / — у — / —

М.-и мураббаъи солим:

Пахта афзун шавад,
Халқ мамнун шавад.
Ҷои кору зафар
Дашту ҳомун шавад. *(Фарҳат)*
фоилун / фоилун
— у — / — у —

М.-и мусаннои солим:

Бӯи себ,
Бӯи нок,

Рӯи раҳ,
Зери ток.
Бӯи хор,
Бӯи сир,
Мерасад
Аз адир. *(Юсуф Аҳмадзода)*
фоилун
— у —

М.-и мусаммани махбун:

Чу рухат набувад гули боғи Ирам,
Чу кадат набувад қади сарви чаман. *(Салмони Соваҷӣ)*
фаилун / фаилун / фаилун / фаилун
у у — / у у — / у у — / у у —

М.-и мусаммани мақтӯъ:

То кай моро дар ғам дорӣ?
То кай орӣ бар мо хорӣ. *(Ҷомӣ)*
фаълун / фаълун / фаълун
— — / — — / — ‑‑

Баъзе шоирон мусаммани махбуни М.-ро дар шонздаҳ рукн (дар як байт) ҷой дода, шеър эҷод кардаанд. Мисолаш:

Маю нағма мусаллами ҳавсалае, ки қадаҳқаши гардиши сар нашавад, *(Бедил)*
Беҳил аст сабуксарӣ он қадарат, ки димоғи чунин задатар нашавад.
фаилун / фаилун / фаилун / фаилун / фаилун / фаилун / фаилун / фаилун
у у — / у у — / у у — / у у — / у у — / у у — / у у — / у у —

М.-и мусаммани махбуни мақтӯъ:

Сунбули сияҳ бар суман мазан,
Лашкари ҳабаш бар хутан мазан. *(Ҷомӣ)*
фоилун / фаул / фоилун / фаул
— у — / у — / ‑‑ у — / у —

М.-и мусаддаси махбуни музол:

Боди Наврӯз боз вазид,
Муждаи гул зи боғ расид. *(Фарҳат)*
фоилун / фоилун / фоилон
— у — / — у — / у у ~



М.-и мусаддаси мақтӯъ:

Ҷоно, дар дил кардам,
К-аз меҳрат баргардам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фаълун / фаълун / фаълун
— — / — — / — —

М.-и мураббаъи мақтӯъ:

Мо дар хондан
Кӯшиш дорем. *(Фарҳат)*
фаълун / фаълун
— — / — —

М.-и мусаммани махбуни мақтӯъ:

Шаби танҳой дили ман хун шуд,
Дили ман хун шуд шаби танҳой. *(Айнӣ)*
фаилун / фаълун / фаилун / фаълун
у у — / — — / у у — / — —

М.-и мураббаъи мақтӯъ:

Дасти оҳангар
Пуршарар бошад.
Дар ҳама майдон
Пурзафар бошад. *(Лоҳутӣ)*
фоилун / фаълун
— у — / ‑‑ —

М.-и мураббаъи махбуни мақтӯъ (м у х а л л а ъ):

Ин дарахти тут
Аз чӣ дар сукут? *(Фарҳат)*
фоилун / фаул
— у — / у —

М.-и мураббаи махбуни мақтӯъи музол (м у х а л л а ъ и м у з о л):

Баҳри мо рафиқ,
Ҳаст як тариқ.
Зидди вай шавем.
Садди муттафиқ. *(Наримон Бақозода)*
фоилун / фаӯл
— у — / у ~

М.-и мусаммани махбуни мақтӯъ (м у х а л л а ъ):

Қори ту ҳар қадар сахттар шавад,
Рохи ту ҳар қадар пурхатар шавад. (*Лоҳутӣ*)
фоилун / фоилун / фоилун / фаул
— у — / — у — / — у — / у —

М.-и мусаддаси махбун:

Дили ман ба дағо бибарӣ,
Чӣ дағою дағал ба сарӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фаилун / фаилун / фаилун
у у — / у у — / у у —

М.-и мусаннои мақтӯъ:

Хониш —
Дониш,
Гуфтанд
Бар мо
Хонем,
Донем
Илмя
Дунъёӣ (*Понғозӣ*)
фаълун
— —

**Мутадори́к,** متدارك дар илми бадеъи классикӣ яке аз навъҳои қофияро гӯянд, ки аз ду мутаҳаррику сокине, яъне аз як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз, ё ин ки аз *ватади* маҷмӯъ иборат бошад. Мисол:

Ва гар бад кунӣ, чуз бадӣ надравӣ,
Шабе дар ҷаҳон шодмон нағнавӣ. (*Фирдавсӣ*)
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаул
у — — / у у — / у у — / у —

Дар ин байт калимаҳои «надравӣ» ва «нағнавӣ» қофия буда, қисмати ватади маҷмӯъи ҳар ду калима — «равӣ» ва «навӣ», ки аз як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз сохта шудаанд, М. мебошад. М. дар ашъори шоирони форс-тоҷик камистеъмол буда, бештар дар афоили фоилун / —у— /, мустафъилун / — — у —/, мафойлун / у — — —/, фаӯлун фаал / у — — у —/ ва мафойлу фаъ / у — — у —/ меояд ва асосан хоси баҳрҳои



Рачаз, Мутадорик, Мутақориб, Қариб, Музореъ, Мушокил ва г. мебошад.

**Мутаило́н** (ар. متعلان), шакли овозии зиҳофи *махбули мизоли* рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун. Ниг. *Фаилатон.*

М и с о л:

Рачази мусаддаси махбули музол:

Ба дараи Қаваракон кабарак аст,
Ки гули вай ба назарат шапалак аст. (*Мақсуди Гулчин*)
фаилатун / фаилатун / фаилатон
у у у — / у у у — / у у у —

**Мутаилу́н** (ар. متعلن), шакли овозии зиҳофи *махбули* рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун. Ниг. *Фаилатун.*

М и с о л:

Рачази мураббаъи махбули мақтӯъи махбун:

Ба ҳаячон даромад,
Ба тани бод накҳат.
Ба чараён даромад,
Барака ёфт нузҳат. (*Фарҳат*)
фаилатун / фаӯлун
у у у — / у — —

Рачази мусаддаси махбули музол:

Ба дараи Қаваракон кабарак аст,
Ки гули вай ба назарат шапалак аст. (*Мақсуди Гулчин*)
фаилатун / фаилатун / фаилатон
у у у — / у у у — / у у у —

**Мутаково́с** (ар. متكاوس аз تكاوس -анбӯҳ, нороҳат кардан) дар илми бадеъи классикӣ яке аз навъҳои *қофияро* гӯянд, ки аз чаҳор мутаҳаррик ва як сокин, яъне аз се ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз ё ин ки аз *фосилаи* кубро иборат бошад. Мисол:

Гар ёри ман ғами дилам бихӯраде,
З-ин бехтарак ба ҳоли ман нигараде.
мустафъилун / мафоилун / фаилатун
— — у — / у — у — / у у у —

Дар ин байт калимаҳои «бихӯраде» ва «нигараде» М. бу-
да, аз як фосилаи кубро таркиб ёфтаанд ва як рукни алохида-
ро, яъне зиҳофи махбулро ташкил медиҳанд. Шамси Қайси
Розӣ дар *«Ал-мӯъҷам»* қайд мекунад, ки «ин қофия дар шеъри
порсӣ хушоянда набошад», барои ҳамин шоирони форс-тоҷик
дар ашъори худ онро хеле кам истифода бурдаанд. М. фақат
ба баҳри Рачаз хос аст.

**Муталаввин,** талаввун, зубухур (ар. متلون -ран-
горанг, гуногун), дар илми бадеъи классикӣ яке аз санъатҳои
лафзист. Шеъреро гӯянд, ки ба ду вазн ё зиёда аз он хонда
мешавад. Мас., ин ғазали Восифиро (матлааш):

Наргиси ҷодуи ту оҳуи Чин,
Нофаи оҳуи ту холи ҷабин.

вобаста ба оҳанги хониш, тарзи талаффузи калимаҳо ва *тақ-
теъи* шеър дар чор вазн: баҳри Рамали мусаддаси маҳзуф —
фоилотун / — у — —/, фоилотун / — у — —/, фоилун / — у
—/, Сареъи мусаддаси матвии макшуф — муфтаилун / — у у
—/, муфтаилун / — у у —/, фоилун / — у —/, Рамали мусад-
даси махбуни маҳзуф — фоилотун / — у — —/, фаилотун / у
у — —/, фаилун / у у —/, Сареъи мусаддаси матвии махбуни
матвии макшуф — муфтаилун / — у у —/, муфтаилун / — у у
—/, фаилун / у у —/, хондан мумкин аст. Мувофиқи маълу-
моти Рашиди Ватвот дар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» фӣ дақоиқ-уш-
шеър» Аҳмад Маншурии Самарқандӣ бо номи «Ганз-ул-ға-
роиб» («Ганҷинаи аҷоибот») асаре навишта будааст, ки ҳар
байти он дар се вазн хонда мешавад. Инчунин, чандин ғазал-
ҳои шоирони маъруфи адабиёти классикии форс-тоҷик Саъдии
Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Сайидои Насафӣ, Абдурраҳмони Ҷо-
мӣ ва диг. дар ду баҳр навишта шудаанд. Шеърҳоеро, ки дар
ду баҳри мухталифи арӯз хондан мумкин аст, дар илми ба-
деъи классикӣ зулбаҳрайн ё зубаҳрайн меноманд. Мас-
навиҳои «Маҷмаъ-ул-баҳрайн»-и Қотиби Туршезӣ ва «Юсуф
ва Зулайхо»-и Амъақи Бухорӣ аз аввал то охир дар ду баҳр —
Рамали мусаддаси маҳзуф / фоилотун / фоилотун / фоилун /.
Сареъи мусаддаси матвии макшуф / муфтаилун / муфтаилун /
фоилун / навишта шудааст ва баъзе байтҳои онҳоро ба се —
чаҳор вазн хондан мумкин аст.

**Мутаммам** (ар. متمم -гом, пурра), дар илми арӯз бай-
теро гӯянд, ки авзони он мувофиқи доираи аслӣ омада бошад.
Насируддини Тӯсӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» дар мавриди баҳри
Рамал менависад: «Арӯз (рукни аввали мисраъи якум) маҳ-
зуф (яъне аз зиҳофи маҳзуф — фоилун / — у —/ иборат аст),



ҷузъ (рукни охири мисраъи дуюм), солим (яъне аз рукни соли-
ми фоилотун / — у — —/ сохта шудааст) ва агар арӯз со-
лим кунанд, Халил онро мутаммам хонад, аммо мустаъмал
нест». Аз рӯи гуфтаи Насируддини Тӯсӣ бармеояд, ки Рамали
мусаддаси солим, ки дар доираи Муҷталибаи арабӣ дар шак-
ли мусаддаси солим ҷой гирифтааст, М. мебошад. Шаклҳои
мусаддаси баҳрҳои Ҳазаҷу Рачаз низ М. ҳисоб меёбанд.

Мисоли Рамали мусаддаси солим:

Чанд бошад некхоҳат ҷуфти андӯх?
Чанд бошад дӯстонат ёри зорӣ? (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
фоилотун / фоилотун / фоилотун
— у — —/ — у — —/ — у — —

**Мутановиб** (ар. متناوب - ба навбат, давра ба давра), дар
илми арӯз гурӯҳи вазнҳоеро (баҳрҳоеро) гӯянд, ки аз ду *рук-
ни* ба ҳам монанд ё баробар таркиб ёфта бошанд. Хусусияти
ин вазнҳо аз он иборат аст, ки ҳангоми хондани онҳо дар бай-
ни ду рукни ба ҳам монанд тавақкуф ё сукуте ба вуҷуд меояд
ва дар илми мусиқии қадим чунин вазнро икъси муфас-
сал меноманд. Оҳанги шеър, ки дар авзони М. эҷод шуда-
аст, ба гӯш базарбатар мерасад ва такрори рукнҳои ба ҳам
монанд боиси малоли шунаванда мегардад. Шояд ҳамин ху-
сусияти М. бошад, ки ин навъи вазн дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ
нисбат ба вазни сақил (вазнин) ва вазни хафиф (сабук) кам-
истеъмол аст. Навъҳои гуногуни М.-ро дар баҳрҳои зерини
арӯз дучор омадан мумкин аст:

Рачази мусаммани мақтӯъ:

Суду зиён дар қалби бозориён чо карда,
Парвои чон кай доранд ин мардуми савдой. *(Шафиқ)*
мустафъилун / мафъӯлун / мустафъилун / мафъӯлун
— — у — / — — — / — — у — / — — —

Яке аз навъҳои баҳрҳои Мунсареҳ — Мунсареҳи мусамма-
ни макшуф / — — у — / — — — / — — у — / — — — / низ
шакли афоили Рачази мусаммани мақтӯъро дорад, чунки рукн-
ҳои солими баҳри Мунсареҳ аз мустафъилун / мафъӯлоту / мус-
тафъилун / мафъӯлоту / — — у — / — — — у / — — у — / —
— — у / иборатанд ва зиҳофи макшуфи рукни мафъӯлоту шак-
ли мафъӯлун / — — — /-ро дорад, ҳамин шакли мафъӯлун / —
— — / дар рукни мустафъилун шакли овозии зиҳофи *мақтӯъро*
ташкил медиҳанд.

Рачази мусаммани матвии мураффал:

Эй рӯят аз Фирдавс бобе в-аз сунбулат бар гул ниқобе,
Ҳар лаҳзае з-он печутобе дар ҳалқи ҷони ман танобе. *(Ҳоҷӣ)*
мустафъилун / мустафъилотун / мустафъилун / мустафъилотун
— — у — / — — у — — / — — у — / — — у — —

Ҳазаҷи мусаммани ахраб:

Кай шеъри тар ангезад, хотир, ки ҳазин бошад,
Як нукта дар ин маънӣ гуфтему ҳамин бошад. *(Ҳофиз)*
мафъӯлу / мафойлун / мафъӯлу / мафойлун
— — у / у — — — / — — у / у — — —

Қасидаҳои «Харобаҳои Мадоин»-и Хоқонӣ, «Кремль»-и Лоҳутӣ ва «Бурҷи инсон»-и Ҳалимшо дар ҳамин вазн, яъне дар вазни Ҳазаҷи мусаммани ахраб эҷод шудаанд. Байте аз қасидаи «Харобаҳои Мадоин»-и Хоқонӣ:

Як раҳ зи лаби Даҷла манзил ба Мадоин кун
В-аз дида дувум даҷла бар хоки Мадоин рон.
мафъӯлу / мафойлун / мафъӯлу / мафойлун
— — у / у — — — / — — у / у — — —

Рамали мусаммани махбуни матвӣ:

Фигонкунон ҳар саҳаре ба кӯи ту мегузарам,
Чу нест раҳ сӯи туам ба кӯю дар менигарам. *(Ҷомӣ)*
мафоилун / муфтаилун / мафоилун / муфтаилун
у — у — / — у у — / у — у — / — у у —

Муқтазаби мусаммани махбуни матвии мураффал:

Ту он моҳи зӯҳрачабинӣ ва он сарви лолаузорӣ,
Ки бар лола ғолиясой ва зӣ турра ғолияборӣ. *(Хоҷӯ)*
мафойлу / муфтаилотун / мафойлу / муфтаилотун
у — — у / — у у — — / у — — у / — у у — —

Хафифи мусаммани махбун:

Бибар, эй боди субҳдам, бибар, эй боди некпай,
Сухани ошиқон бад-ӯ, хабари бедилон ба вай. *(Авҳадӣ)*
фаилотун / мафоилун / фаилотун / мафоилун
у у — — / у — у — / у у — — / у — у —

Муқтазаби мусаммани матвӣ:



Эй нишаста ғофилу бар каф ниҳода ратли ҷаре,
Ҳеҷ андӯҳу ғами он рӯзи бозпас нахӯри. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилоту / муфтаилун / фоилоту / муфтаилун
— у — у / — у у — / — у — у / — у у —

Муҷтасси мусаммани махбун:

Дар он нафас, ки бимирам дар орзӯи ту бошам,
Бад-он умед диҳам ҷон, ки хоки кӯи ту бошам. *(Саъдӣ)*
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилотун
у — у — / у у — — / у — у — / у у — —

Рамали мусаммани машкул:

Сари он надорад имшаб, ки барояд офтобе,
Чи хаёлҳо гузар карду гузар накард хобе. *(Саъдӣ)*
фаилоту / фаилотун / фаилоту / фоилотун
у у — у / — у — — / у у — у / — у — —

Ҳазаҷи мусаммани мақшуфи мақбуз:

Туӣ турки паривашам, зи ҳаҷри ту дар оташам,
Бад-ин сӯзиши дил хушам, гар ин аст ризои ту. *(Хонларӣ)*
мафойлу / мафоилун / мафойлу / мафоилун
у — — у / у — у — / у — — у / у — у —

Яке аз навъҳои баҳри Муқтазаб — Муқтазаби мусаммани махбун низ шакли афоили баҳри Ҳазаҷи мусаммани мақфуфи мақбузро дорад. Сабаби ин монандӣ дар он аст, ки рукнҳои солими баҳри Муқтазаб аз омехтагии мафъӯлоту ва мустафъилун сохта мешаванд, дар ин сурат аз рукни мафъӯлоту зиҳофи махбун / мафойлу у — — у / ва аз рукни мустафъилун низ зиҳофи махбун / мафоилун у — у — /-ро гирифта баҳри Муқтазаби мусаммани махбунро месозанд.

Рамали мусаммани матвии махбун:

Он ки наботи оразаш Оби Ҳаёт мехӯрад,
Дар шакараш нигаҳ кунад, ҳар ки набот мехӯрад. *(Саъдӣ)*
муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафоилун
— у у — / у — у — / — у у — / у — у —

Ҳазаҷи мусаммани мақбуз:

Чаро ҳаменигаринам ҳамеша назди ман н-ояд,
Маро зи дарди ҳиҷронаш ҳамеша бӯя мебояд.
мафоилун / мафойлун / мафоилун / мафойлун
у — у — / у — — — / у — у — / у — — —

Рамали мусаммани макфуф:

Дил зи ман бибурд турке, к-ӯ диле чу санг дорад,
Аз ғамаш чу ной нолам, чун ба чанг чанг дорад.
фоилоту / фоилотун / фоилоту / фоилотун
— у — у / — у — — / — у — у / — у — —

Рачази мусаммани махбун (хашви якум ва арӯз — солим):

Кунун, ки хуш гардад ҳаво, ту хезу зи бӯстон биё,
Бигир чоме аз буте, ки ёбй аз лаълаш шифо.
мафоилун / мустафъилун / мафоилун / мустафъилун
у — у — / — — у — / у — у — / — — у —

Мунсарехи мусаммани махбуни макшуф:

Бар дил ғами фироқат осон чӣ гуна бошад?
Дилро қиёмат омад, шодон чӣ гуна бошад?
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / фаӯлун
— — у — / у — — / — — у — / у — —

Агар ҳамин байтро ба таври:

мафъӯлу / фоилотун / мафъӯлу / фаилотун
— — у / — у — — / — — у / — у — —

тақтеъ кунем, яке аз навъхои бахри Музореъ — Музореъи мусаммани ахраб ба вуҷуд меояд.

Рачази мусаммани махбун (садр ва хашви дуюм — солим):

То шуд зи ман бутам чудо, аз хачри ӯ бувад маро
Чоне ғамин, диле дижам, рӯе зи ғам чу займарон.
мустафъилун / мафоилун / мустафъилун / мафоилун
— — у — / у — у — / — — у — / у — у —

Музореъи мусаммани макбуз:

Ба чашмат, эй рушной, ки бе ту бас бекарорам,
Ба чонат, эй зиндагонӣ, ки бе ту чон месупорам. (аз *«Ал-мӯъчам»*)
мафоилун / фоилотун / мафоилун / фоилотун
у — у — / — у — — / у — у — / — у — —



Хафифи мусаммани махбун (садр ва хашви дуюм — солим):

Бигзарй гар ба хоки ман, бингарй бар муфоки ман,
Бинй он хок ғарқи хуй аз дили чок-чоки ман.
фоилотун / мафоилун / фоилотун / мафоилун
— у — — / у — у — / — у — — / у — у —

Муқтазаби мусаммани матвй (хашви аввал ва арӯз — солим):

Даст боз дор аз дилам вар-на чон зи тан бигсилам, (аз *«Ал-мӯъчам»*)
фоилоту / мустафъилун / фоилоту / мустафъилун
— у — у / — — у — / — у — у / — — у —

Музореъи мусаммани макфуф (хашви аввал ва арӯз — солим):

Дил зи ман чаро рабой, ғами ман чаро физой?
Ба мехр аз чи ахд бандй, чу бандй чаро напой?
мафойлу / фоилотун / мафойлу / фоилотун
у — — у / — у — — / у — — у / — у — —

Муқтазаби мусаммани махбуни матвй:

Ҳаме дил зи ман бибарад яке кӯдаке сафарй,
Маро чон зи фуркати ӯ бихоҳад шудан сипарй.
мафойлу / муфтаилун / мафойлу / муфтаилун
у — — у / — у у — / у — — у / — у у —

Муқтазаби мусаммани матвии махбун:

Эй зи рӯи ту гашта моҳи фалак хичил
В-эй зи зулфи шикастаат дили шикаста зи ошиқон.
фоилоту / мафоилун / фоилоту / мафоилун
— у — у / у — у — / — у — у— / у — у —

Муҷтасси мусаммани машкул (хашви аввал ва арӯз — солим):

Бад-он малакалмулуке, ки харду чаҳон ба амраш,
Шуданд зи хеч чизе ба гуфтани кофу нуне.
(аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
у — у у / — у — — / у — у у / — у — —

Ҳазаҷи мусаммани макфуфи аштар:

Дил аз ман чу мебарӣ, ғами ман намехӯрӣ?
На ин расми меҳтарист, на ойини дилбарӣ.
мафойлу / фоилун / мафойлу / фоилун
у — — у / — у — / у — — у / — у —

Яке аз навъҳои баҳри Муқтазаб — Муқтазаби мусаммани махбуни марфӯъ / мафойлу / фоилун / мафойлу / фоилун / ин шакли афоили Ҳазаҷи мусаммани макфуфи аштарро дорад.

Агар ба қоидаи вазнсозии М. такья кунем, пас навъҳои солими баҳрҳои Тавил / фаӯлун / мафоилун / фаӯлун / мафоилун /, Мадид / фоилотун / фоилун / фоилотун / фоилун /, Басит / мустафъилун / фоилун / мустафъилун / фоилун / Раҷази мусаммани марфӯъ / мустафъилун / фоилун / мустафъилун / фоилун /, Ҳазаҷи мусаммани аштар / мафойлун / фоилун / мафойлун / фоилун /, Ҳазаҷи мусаммани ахрам / мафоилун / мафъӯлун / мафоилун / мафъӯлун /, Ҳазаҷи мусаммани маҳзуф ё мақлуби Тавил / мафойлун / фаӯлун / мафоилун / фаӯлун /, Рамали мусаммани макфуфи мушаасс / фоилотун / мафъӯлун / фоилотун / мафъӯлун /, Рамали мусаммани маҳзуф / фоилотун / фоилун / фоилотун / фоилун / ва ғ. ба гурӯҳи вазнҳои М. дохил мешаванд.

**Мутародиф** (ар. مترادف ҳам ҳам омада), дар илми бадеъи классикӣ яке аз навъҳои *қофияро* гӯянд, ки дар охири он ду сокин, яъне зиҳофоти *музол* ва *мусааббағ* омада бошанд:

Мисол:

Касе нест бе ғозу бе ному нанг,
Ҳамон ошӣ бехтар ояд зи ҷанг. *(Фирдавсӣ)*
фаӯлун / фаӯлуи / фаӯлун / фаӯл
у — — / у — — / у — — / у ~

Дар ин байт калимаҳои «нанг» ва «ҷанг» М. буда, тавассути амали исбоғ сохта шудааст ва ҷузви зиҳофи мусаббағи рукни асосии баҳри Мутақориб — фаӯлунро ташкил медиҳанд. М. нисбат ба дигар навъҳои қофия серистеъмол буда, дар афоили фоилон / — у ~ /, мафъӯлон / — — ~ /, фаилон / у у ~ /, фаълон / — ~ /, фаӯлон / у — ~ /, мафойл / у — ~ /, фаӯл / у ~ /, фоъ / ~ /, мафойлон / у — — ~ /, фоилиён / — у — ~ /, фаилийён / у у — ~ /, мустафъилон / — — у ~ /, мутафоилон / у у — у ~ /, мафоилон / у — у ~ /, муфтаилон / — у у ~ /, фаилотон / у у — ~ /, меояд ва асосан, хоси баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Мутақориб, Мутадорик, Қариб, Музореъ, Мушокил, Ҷадид, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб, Қомил ва ғ. мебошад.

**Мутарокиб** (ар. متراكب зич, болои ҳам, бари ҳам нишастан), дар илми бадеъи классикӣ яке аз навъҳои *қофияро* гӯянд, ки аз се мутаҳаррик ва як сокин, яъне аз ду ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз ё ин ки аз як *фосилаи* суғро иборат бошад. Мисол:

Аз ишқи ту ман дар ҷаҳон самарам,
Месӯзад аз ҳичрони ӯ ҷигарам. (аз *«Ал-муъҷам»*)
мустафъилун / мустафъилун / фаилун
— — у — / — — у — / у у —

Дар ин байт калимаҳои «самарам» ва «ҷигарам» М. буда, аз як фосилаи суғро сохта шудаанд ва як рукни алоҳидаеро, яъне зиҳофи махбуни матвии макшуфро ташкил медиҳанд. М. дар ашъори шоирони форс-тоҷик фақат дар афоили фаилун / у у — / муфтаилун / — у у — /, мафъӯлу / — — у /, фаал / у — /, мафойлу / у — — у /, фаал / у — / омада, бештар ба баҳрҳои Раҷаз, Ҷадид, Муҷтасс ва Муқтазаб хос мебошад.

**Мутафаилатон** (ар. متفعلتان ), шакли овозии зиҳофи *мураффали махбуни матвии мақсури мувассаъи музоли* рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, ки тавассути гузаронидани амалҳои тарфил, хабн, тай, қаср, тавсеъ, изолат ва зиҳофи *маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъи музоли* рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — /, ки ба воситаи гузаронидани амалҳои ҷазл, тарфил, хабн, қаср, тавсеъ ва изолат ба вуҷуд меояд. Агар ба шакли овозии зиҳофи мураффали махбуни матвии мақсури мувассаъ — мутафаилатун / у у у у — / бо ёрии амали изолат ба ҷои садоноки «у»-и охири мутафаилатун / у у у у у — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мутафаилатун / у у у у у — / шакли М.-ро мегирад. Аз тарафи дигар, агар дар шакли овозии зиҳофи маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъи рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / амали изолатро гузаронем, яъне ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и охири рукни мутафаилун / у у у у у — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мутафаилатун / у у у у у — / шакли М.-ро қабул менамояд. М. аз ҷумлаи шаклҳои овозии бениҳоят камистеъмоли арӯз буда, вобаста ба шакли худ (яъне дар охир якунимҳиҷоӣ омадааст) бояд фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб ояд. Ҳарчанд М. ба баҳрҳои Раҷазу Комил хос аст, вале то имрӯз ягон шоир дар ин шакл шеър нагуфтааст.

**Мутафаилату́н** (ар. متفعلتن ), шакли овозии зиҳофи мураффали махбуни матвии мақсури мувассаъи рукни баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/, ки тавассути гузаронидани амалҳои тарфил, хабн, тай, қаср, тавсеъ ва зиҳофи маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъ рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои ҷазл, тарфил, хабн, қаср ва тавсеъ ба вуҷуд меояд. Агар ба шакли овозии зиҳофи мураффали махбуни матвии мақсур — мутафаилун / у у у у —/ ба воситаи амали тавсеъ як ҳиҷои кӯтоҳ илова намоем, мутафаилун / у у у у у —/ шакли М.-ро мегирад. Инчунин дар натиҷаи ба шакли овозии зиҳофи маҷзули мураффали махбуни мақсур — мутафаилун / у у у у у —/ илова намудани як ҳиҷои кӯтоҳ Мутафаилун / у у у у —/ низ шакли М.-ро мегирад, ки онро маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъ меноманд. М. аз як *фозилаи* кубро иборат буда, дар он рукнҳои маъмули сабаб, ватад ва фосила иштирок надорад. М. вобаста ба шакли худ дар тамоми рукнҳои байт, яъне дар садр, ибтидо, ҳашв, арӯз, зарб меояд. М. аз ҷумлаи шаклҳои ниҳоят камистеъмоли ғарӯз буда, фақат ба баҳрҳои Раҷаз, Комил хос мебошад. М. то имрӯз дар ашъори шоире дучор нагардид. Аз шоир ва донишманди тоҷик Мақсуд Ҳоҷиматов, ки бо тахаллуси Мақсуди Гулчин шеър мегӯяд, хоҳиш кардам, ки дар ин шакл мисраъе ё байте бигӯяд. Ӯ ин байтро дар шакли М. гуфт.

Шапалак агар ояд ба гулзор,
Гулу гиёҳи морост бозор.
мутафилатун / фоилиён
у у у у у —/ — у — ~

**Мутафаило́н** (ар. متفعلان ), шакли овозии зиҳофи мураффали махбуни матвии мақсури музоли рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у —/, ки дар натиҷаи гузаронидани амалҳои тарфил, хабн, тай, қаср, изолат ва шакли овозии зиҳофи маҷзули мураффали махбуни мақсури музоли рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/, ки бо ёрии амалҳои ҷазл, тарфил, хабн, қаср ва изолат ҳосил шудааст. Агар ба шакли овозии зиҳофи мураффали махбуни матвии мақсур — мутафаилун / у у у у —/ амали изолатро гузаронем, яъне ба ҷои садоноки кӯтоҳи ҳиҷои охири мутафаилун /у у у у —/ «у» садоноки дарози «о»-ро монем, мутафаилун / у у у у —/ шакли М.-ро мегирад. Ҳамчунин, ҳангоми гузаронидани амали изолат дар шакли овозии зиҳофи маҷзули мураффали махбуни мақсур — мутафаилун / у у у у —/, яъне ба ҷои садоноки «у»-и охири мутафаилун / у у у у —/ садоноки дарози «о»-ро монем, мутафаилун / у у у у —/ шакли М.-ро ишғол менамояд. М. нисбат ба дигар шаклҳои овозии зиҳофҳои арӯз камистеъмол буда, аз рӯи шакли худ бояд фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб иштирок намояд. М. ҳарчанд ҳоси баҳрҳои Раҷазу Комил аст, вале то имрӯз шоире онро дар ашъори худ истифода накардааст.



**Мутафаилу́н** (ар. متفعلن ), шакли овозии зиҳофи маҷзули мураффали махбуни мақсури рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/, ки дар натиҷаи кӯтоҳ кардани ҳиҷои сеюми он ба вуҷуд меояд. Агар дар рукни мутафоилун ба ҷои садоноки «о» садоноки «а»-ро гузорем, мутафоилун шакли М.-ро мегирад. М. аз як *фозилаи* суғро иборат буда, дар он ватад, сабаб, фосила иштирок надорад ва дар шеър дар тамоми рукнҳои байт, яъне дар садр, ибтидо, ҳашв, арӯз ва зарб меояд. М. аз ҷумлаи шаклҳои камистеъмоли арӯз буда, фақат ба баҳри Комил хос аст.

Мисол: Комили мусаммани маҷзули мураффали махбуни мақсур:

Шакарак аз он ду лабаки ту бичинам, агар ту яла куний,
Ба сараки ту, ки бизанамат ба бадар, агар ту гила куний *(Унсурӣ)*
мутафаилун / мутафаилун / мутафаилун / мутафаилун
у у у у —/ у у у у —/ у у у у —/ у у у у —

**Мутафо́** (ар. متفا ), шакли овозии зиҳофии *аҳаззи* рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун. Ниг. *Фаилун.*

Мисол:
Комили мураббаъи аҳазз:

На некӯ бувад, ки куний
Ту ба ҳеч рӯй бадӣ. *(Насируддини Тӯсӣ)*
мутафоилун / фаилун
у у — у —/ у у —

Шакли овозии зиҳофҳои марфӯъи махбун (аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун), махбун (аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун), махбуни маҳзуф (аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун), махбуни матвии макшуф (аз рукни солими мус-тафъи-лун) низ фаилун мебошад, аммо онҳо дар натиҷаи амалҳои тарфеъ, хабн, ҳазф, тай, кашф ҳосил шудаанд.

**Мутафойл** (ар. متفاعل), шакли овозии зиҳофи *мақтӯъ* рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун. Ниг. *Фаилотун.*

Мисол:

Комили мураббаъи музмари мақтӯъ:

Бо ду лаб об баробар,
Бар гӯш шарфааш ояд.
Саҳрои майса саросар —
Бар дида нур физояд. *(Фарҳат)*
мустафъилун / фаилотун
— — у — / у у — —

Зиҳофи *махбун* (аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун) низ шакли фоилотунро дорад ва тавассути амали хабн ба вуҷуд омадааст.

**Мутафоилотӯн** (ар. متفاعلاتن), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи мураффал, ки дар натиҷаи ба охири ватади маҷмӯъи / у — / рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / илова намудани як *сабаби* хафиф / — /, яъне як ҳиҷои дароз ба вуҷуд меояд. Агар ба охири рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / як ҳиҷои дароз ҳамроҳ намоем, мутафоилун / у у — у — / шакли «мутафоилунтун» / у у — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мутафоилотун / у у — у — — /-ро гузошта, мураффал меноманд. М. аз як *фосилаи* суғро / «мутафо» у у — /, як ватади маҷмӯъ / «ило» у — / ва як сабаби хафиф / «тун» — / иборат аст. М. дар шеър, одатан дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд ва нисбат ба дигар шаклҳои овозии зиҳофот камистеъмол мебошад.

Мисол:

Комили мураббаъи мураффал (арӯз — мақтӯъ):

Самарӣ шудам ба ҷаҳон дар
Зи фироқи он сафарӣ нигорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мутафоилун / мутафоилотун
у у — у — / у у — у — —

**Мутафоил** (ар. متفاعلن), шакли овозии зиҳофи мақтӯъи рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун. Ниг. *Фаилотун.*

Мисол:

Комили мураббаъи музмари мақтӯъ:



Бо ду лаб об баробар,
Бар гӯш шарфааш ояд.
Саҳрои майса саросар —
Бар дида нур физояд. *(Фарҳат)*
мустафъилун / фаилотун
— — у — / у у — —

Зиҳофи махбун (аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун) низ шакли фаилотунро дорад ва тавассути амали хабн ба вуҷуд омадааст.

**Мутафоилатун** (ар. متفاعلتن), дар илми арӯз шакли овозии рукни асосии баҳри Комилро гӯянд, ки аз ду фосилаи суғро — «мутафо» / у у — / ва «ъилатун» / у у — / иборат аст. М.-ро Ҳамидӣ бори аввал дар «Арӯзи Ҳамидӣ» ҷой дода, шеъри зеринро мисол нишон додааст.

Ба Қабир агарат набувад гузаре,
Беҳ аз он ки бар он фиканӣ назаре.
Мутафоъилатун, мутафоъилатун
Зи бунат биканад, надиҳад самаре.
Мутафоъилатун / мутафоъилатун
у у — у у — / у у — у у —

Ниг. низ. *Кабир.*

**Мутафоилотӯн** (ар. متفاعلاتن), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи мураффал, ки дар натиҷаи ба охири ватади маҷмӯъи / у — / рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / илова намудани як сабаби хафиф / — /, яъне як ҳиҷои дароз ба вуҷуд меояд. Агар бар охири рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / як ҳиҷои дароз ҳамроҳ намоем, мутафоилун / у у — у — / шакли «мутафоилунтун» / у у — у — — /-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мутафоилотун / у у — у — — /-ро гузошта, мураффал меноманд. М. аз як фосилаи суғро / «мутафо» у — /, як ватади маҷмӯъ / «ило» у — / ва як сабаби хафиф / «тун» — / иборат аст. М. дар шеър, одатан дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд ва нисбат ба дигар шаклҳои овозии зиҳофот камистеъмол мебошад.

Мисол:

Комили мураббаъи мураффал *(арӯз — мақтӯъ)*:

Самарӣ шудам ба ҷаҳон дар
Зи фироқи он сафарӣ нигорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мутафоилун / мутафоилотун
у у — у — / у у — у —

**Мутафоилу́н** (ар. متفاعلن ), дар илми арӯз шакли овозии рукни асосии баҳри Комил, ки аз як *фосилаи* суғро / «мутафо» у у —/ ва як *ватади* маҷмӯъ / «илун» у —/ иборат буда, дар шеър дар ҳамаи рукнҳои он, яъне дар садру ибтидою арӯзу зарб ва ҳашвайн меояд. М. аз шаклҳои овозии аркони камистеъмоли арӯз буда, фақат дар анвоъи гуногуни баҳри Комил иштирок менамояд. Дар натиҷаи истифодаи М. дар шеър чаҳор навъи баҳри Комил — мусаммани солим, мусаддаси солим, мураббаъи солим ва мусаннои солим ба вуҷуд меояд. Ҳангоми ба тағйирот дучор омадани М. шаклҳои овозии зиҳофҳои аҳазз / фаилун у у —/, аҳаззи музол / фаилон у у ~ /, мавқус / мафоилун у — у —/, мавқуси музол / мафоилон у — у —~ /, мавқуси мураффал / мафоилотун у — у — —/ мавқуси мураффали мусаббағ / мафоилотон у — у — ~ /, мавқуси мутаввал / мафоилотон у — у — ~ /, мақтӯъ / фаилотун у у — —/, мақтӯъи мусаббағ / фаилотон у у — ~ /, маҷзул (мухаззал) / муфтаилун — у у —/, маҷзули мураффали махбуни мақсур / мутафаилун у у у у —/, маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъ / мутафаилатун / у у у у у —/, маҷзули мураффали махбуни мақсури мувассаъи музол / мутафаилатон / у у у у у ~ /, маҷзули мураффали махбуни мақсури музол / мутафаилон у у у у ~ /, музмар / мустафъилун — — у —/, музмари аҳазз / фаълун — —/, музмари аҳаззи мусаббағ / фаълон — ~ /, музмари мақтӯъ / мафъӯлун — — —/, музмари мақтӯъи мусаббағ / мафъӯлон — — ~/ , музмари музол / мустафъилон — — у ~ /, музмари мураффал / мустафъилотун — — у — —/, музмари мураффали мусаббағ / мустафъилотон — — у — ~ /, музмари мутаввал / мустафъилотон — — у — ~ /, музол / мутафоилон у у — у ~ /, мураффал / мутафаилотун у у — у — —/, мураффали мусаббағ / мутафилотон у у — у — ~ /, мутаввал / мутафоилотон у у — у — ~ /, мухаззал / муфтаилун — у у —/, мухаззали музол / муфтаилон — у у ~ / ҳосил мешавад. Мисол: Комили мусаммани солим:

Дили орамида ба худ макаш зи фусуни рангу хавои гул,
Ситам аст ғунчаи ин чаман мижа во кунад ба савдои гул.
*(Бедил)*
мутафоилун / мутафоилун / мутафоилун / мутафоилун
у у — у —/ у у — у —/ у у — у —/ у у — у —

Комили мусаддаси солим:

Нафаси саҳар фараҳу сафо ба дил оварад,
Зи фурӯғи чон шарафи вафо ба дил оварад. *(Фарҳат)*



мутафоилун / мутафоилун / мутафоилун
у у — у —/ у у — у —/ у у — у —

Комили мураббаъи солим:

Чи хуш он ки байраки хун ба по
Паи қатъи решаи аҳниё. *(Лоҳутӣ)*
мутафоилун / мутафоилун
у у — у —/ у у — у —

Комили мусаннои солим:

Ба чаман гузар,
Ба суман нигар,
Бишавад хабар
Ҳама сар ба сар. *(Фарҳат)*
мутафоилон
у у — у —

**Мутафоилунту́н** (ар. متفاعلنتن ), шакли овозии зиҳофи *мураффали* рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун.Ниг. *Мутафоилотун*.
Мисол:

Комили мураббаъи мураффал (арӯз — мақтӯъ):

Самарӣ шудам дар ҷаҳон дар
Зи фироқи он сафарӣ нигорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мутафоилун / мутафоилотун
у у — у —/ у у — у — —

**Мутафъи́л** (ар. متفعل ), шакли овозии зиҳофи *мақтӯъи махбуни* рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун.
Ниг. *Фаӯлун*.
Мисол:

Рачази мусаммани мақтӯъи махбун (зарб — мақтӯъи махбуни музол):

Гуянд зикри хайраш дар хайли ишкбозон,
Ҳар чо ки номи Ҳофиз дар анҷуман барояд. *(Ҳофиз)*
мустафъилун / фаӯлун / мустафъилун / фаӯлун
— — у —/ у — —/ — — у —/ у — —

Рачази мураббаъи мақтӯъи махбун:

Дилҳои мост равшан,
Дуньёи мост равшан.
Аз меҳри Тоҷикистон
Фардои мост равшан. *(Мастон Шералӣ)*
мустафъилун / фаъулун
— — у — / у — —

Рачази мураббаъи матвии мақтӯъи махбун:

Об давид бо ҷӯ,
Ҷониби бӯстон шуд,
Шохи ниҳолк олу
Хурраму гулфишон шуд. *(Фарҳат)*
муфтаилун / фаъулун
— у у — / у — —

**Мутафъилóн** (ар. متفعلان ), шакли овозии зиҳофи *махбуни музоли* рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун. Ниг. *Мафоилон.* Мисол:

Рачази мусаддаси матвии махбуни музол:

Ҳарчанд бар ман зи ғамат қиёмат аст,
Ошиқ шудан ҷуз ба ту бар ғаромат аст. **(аз *«Ал-мӯъҷам»*)**
мустафъилун / муфтаилун / мафоилон
— — у — / — у у — / у — у ~

Рачази мураббаъи махбуни музол:

Ватан мададрасони мост,
Азизу меҳрубони мост.
Шарофати замони мост.
Баҳори бехазони мост. *(Фарҳат)*
мафоилун / мафоилон
у — у — / у — у ~

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мураббаъи мақбузи мусаббағ ва Вофири мураббаъи маъқули музол / мафоилун / мафоилон / низ шакли афоили Рачази мураббаъи махбуни музолро дорад.

**Мутафъилӯ** (ар. متفعل ), шакли овозии зиҳофи *машкули* рукни солими мус-тафъи-лун. Ниг. *Мафоилу.*



Мисол:
Муҷтасси мусаммани махбуни машкули аслам (арӯз — махбуни маҳзуф):

Акикро чу бисоянд, нек судагарон,
Ки обдор бувад, бо лабони ту монад. *(Дақиқӣ)*
мафоилун / фаилотун / мафоилу / фаълун
у — у — / у у — — / у — у у / — —

**Мутафъилӯн** (ар. متفعلن ), шакли овозии зиҳофи *махбуни* рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун. Ниг. *Мафоилун.* Мисол:

Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф:

Ин чаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар-ӯ-нигарӣ. *(Рӯдакӣ)*
фоилотун / мафоилун / фаилун
— у — — / у — у — / у у —

Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур:

Чи бошад, ар шавад аз банди ғам дилаш озод,
Чу хаст Ҳофизи мискин ғулому чокари дӯст. *(Ҳофиз)*
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилон
у — у — / у у — — / у — у — / у у ~

Рачази мусаммани махбуни матвӣ:

Фитонкунон ҳар саҳаре ба кӯи ту мегузарам,
Чу нест рах сӯи туам, ба бому дар менигарам. *(Ҷомӣ)*
мафоилун / муфтаилун / мафоилун / муфтаилун
у — у — / — у у — / у — у — / — у у —

Рачази мусаммани махбун (зарб — махбуни музол):

Ҳамин замон зи хоки ман, зи хоки поки ин Ватан,
Парида духтари Ватан, бигашт ахтари баланд. *(Мӯъмин Қаноат)*
мафоилун / мафоилун / мафоилун / мафоилун
у — у — / у — у — / у — у — / у — у —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаммани мақбуз шакли афоили баҳри Рачази мусаммани махбунро дорад.
Рачази мусаннои махбун:

Кабӯтарам,
Бипар, бипар.
Паёми сулҳ
Бипар, бибар. *(Мақсуди Гулчин)*
мафоилун
у — у —

Ҳазаҷи мусаннои мақбуз низ шакли афоили Раҷази мусаннои махбунро дорад.

Раҷази мураббаъи махбун:

Дугонаҷон, биё ба ҳам
Ниҳем пештар қадам.
Ба васфи дафтару қалам
Суруди нағз дам ба дам. *(Фарҳат)*
мафоилун / мафоилун
у — у — / у — у —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мураббаъи мақбуз низ шакли афоили Раҷази мураббаъи махбунро дорад.

**Мутафъилунто́н** (ар. متفعلنتان ), шакли овозии зиҳофи *махбуни музаффои* рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — /.Ниг. *Мафоилотон.*

Мисол:

Муҷтасси мураббаъи махбуни музаффо:

Нахл гулпӯш, чеҳра гулҷӯш,
Гул паси гӯш, лола дар ҷӯш. *(Понғозӣ)*
фоилотун / мафоилотон
— у — — / у — у — ~

**Мутафъилунту́н** (ар. متفعلنتن ), шакли овозии зиҳофи *махбуни мураффали* рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун.Ниг. *Мафоилотун.*

Мисол:

Раҷази мураббаъи мураффали мақсури махбуни мураффал:

Аз ашки саҳоб тоб дорад,
Сад ранг зи офтоб дорад. *(Мақсуди Гулчин)*
мустафъилатун / мафоилотун
— — у у — / у — у — —



Агар байти болоро ба таври:

мафъӯлу / мафоилун / фаӯлун
— — у / у — у — / у — —

*тақтеъ* кунем, яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф ба вуҷуд меояд.

Раҷази мусаннои махбуни мураффал:

Сафи рафиқон
Ба майли ҷӯшон,
Қадам баробар
Ниҳода аз дар.
Бигашт дохил,
Бигуфт аз дил:
Салом, мактаб,
Макони матлаб. *(Фарҳат)*
мафоилотун
у — у — —

Раҷази мураббаъи мураффали мақсури махбуни мураффал:

Ҳам рӯи баҳор аз ӯст зебо,
Ҳам кӯи диёр аз ӯст зебо. *(Мақсуди Гулчин)*
мустафъилатун / мафоилотун
— — у у — / у — у — —

Агар байти болоро ба таври:

мафъӯлу / мафоилун / фаӯлун
— — у / у — у — / у — —

*тақтеъ* кунем, яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф ба вуҷуд меояд.

**Мутақори́б** (ар. متقارب -наздикшаванда, ба ҳам наздик ва баробар), номи яке аз баҳрҳои аслии (солими) арӯз. Ин баҳрро барои он М. меноманд, ки ҷузвҳои *ватад* ва *сабабаш* ба ҳам наздиканд. Баъзе арӯзиён (Сайфӣ) М. номидани ин баҳрро аз он медонанд, ки ватадҳояш ба якдигар қарибанд, чунки дар миёни ҳар ду ватад / у — / як сабаби хафиф / — / мавҷуд аст. Ин баҳрро Халил ибни Аҳмад аз доираи панҷуми арӯзи арабӣ, яъне аз доираи (Мунфарида) Муттафиқа дар шакли мусаммани солим ҷудо кардааст. Агар аз ҷузви якуми рукни фаӯлуни доира, яъне аз ватади маҷмӯъи

/ у — / он сар кунем, фаўлун / у — — /, фаўлун / у — — /, фаўлун / у — — /, фаўлун / у — — / ба вуҷуд меояд, ки он рукни асосии М.-ро ташкил медиҳад. Рукни солими М. — фаўлун / у — — / аз як ватади маҷмӯъ / у — / ва як сабаби хафиф / — / иборат буда, дар он *фосила* иштирок надорад. М. дар байни арӯзиён бо номи Муттасиқ (тартибёфта, фароҳамомада) низ дучор мешавад. Аз вазни М. шоирони арабу аҷам баробар истифода бурдаанд. Аз рукни солими М. се навъи он: мусаммани солим, мусаддаси солим ва мураббаъи солим ба вуҷуд меояд. Барои сохтани навъҳои дигари ин баҳр аз рукни солим — фаўлун / у — — / ва зиҳофҳои мақсур — фаўл / у ~ /, маҳзуф — фаўл / у — /, мақбуз — фаўлу / у — у /, аслам ( اثلم ) — фаълун / — — /, аслами мусаббағ — фаълон / — ~ /, асрам — фаълу / — у /, абтар — фаъ / — /, мусаббағ — фаўлон / у — ~ /, ки дар натиҷаи каму зиёд кардани миқдори ҳиҷову ҳарфҳо ё дигар шудани мавқеъи ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳи рукни асосӣ ба вуҷуд меоянд, истифода мебаранд. Аз омезиши рукни аслии М. ва зиҳофҳояш дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъ навъҳои гуногуни он сохта мешаванд. М. аз ҷумлаи баҳрҳои серистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда, бисьёр достонҳои қаҳрамонӣ ва ахлоқию дидактикӣ мисоли «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Искандарнома»-и Низомии Ганҷавӣ, «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Зафарноман Темурӣ»-и Мавлоно Ҳотифӣ ва ғ. дар ҳамин баҳр (М.-и мусаммани мақсур ё маҳзуф) навишта шудаанд. Мисол:

М.-и мусаммани солим:

Бути нозанинам, маҳи меҳрубонам,
Чаро қаҳрӣ аз ман? Балоят ба ҷонам. *(Лоҳутӣ)*
фаўлун / фаўлун / фаўлун / фаўлун
у — — / у — — / у — — / у — —

* * *

Фиғон аз ғаму дарду доғи ҷудой,
Ки з-ӯ шуд ба сад меҳнатам ошной. *(Айнӣ)*
фаўлун / фаўлун / фаўлун / фаўлун
у — — / у — — / у — — / у — —

М.-и мусаддаси солим:

Зи дарди ҷудой ҷунонам,
Ки аз зиндагонӣ ба ҷонам. *(Сайфӣ)*
фаўлун / фаўлун / фаўлун
у — — / у — — / у — —



* * *

Ба бӯса, нигоро, чу нӯшӣ,
Ба посух чу Ҳанзал чарой? *(аз «Ал-мӯъҷам»)*
фаўлун / фаўлун / фаўлун
у — — / у — — / у — —

М.-и мураббаъи солим:

Бигӯ, чӯи тозон
Қуҷой шитобон? *(Фарҳат)*
фаўлун / фаўлун
у — — / у — —

М.-и мусаммани маҳзуф:

Падармурдаро соя бар сар фикан,
Ғубораш бияфшону хораш бикан. *(Саъдӣ)*
фаўлун / фаўлун / фаўлун / фаул
у — — / у — — / у — — / у —

М.-и мусаммани мақсур:

На танҳо зи таъсири меҳри ҷаҳон,
Шавад борвар ин ниҳоли ҷавон. *(Ҳабиб Юсуфӣ)*
фаўлун / фаўлун / фаўлун / фаўл
у — — / у — — / у — — / у ~

* * *

Пароканда лашкар наояд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ бех аз сад ҳазор. *(Фирдавсӣ)*
фаўлун / фаўлун / фаўлун / фаўл
у — — / у — — / у — — / у ~

М.-и мусаммани аслам:

Бо ноз бинҳод ҷононаи дил
Пои муборак дар хонаи дил.
фаълун / фаўлун / фаълун / фаўлун
— — / у — — / — — / у — —

* * *

Дарди ҷудой куштаст моро
Касро мабодо дарди ҷудой. *(Ҳамиди Козарунӣ)*
фаълун / фаўлун / фаълун / фаўлун
— — / у — — / — — / у — —

Агар байти болоро ба тавр̄и:

мустафъилотун / мустафъилотун
— — у — —/— — у — —

*тақтеъ* кунем, яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мураб баъи мураффал ба вуҷуд меояд.

М.-и мусаммани мақбузи аслам:

Гули баҳор̄и, бути татор̄и
Набид дор̄и, чаро наор̄и? *(Рӯдакӣ)*
фаўлу / фаълун / фаўлу / фаълун
у — у / — — / у — у / — —

М.-и мусаммани асрами мақсур:

Эй шаби зулфат ғолиясой
В-эй маҳи рӯят ғолияпӯш. *(Ҷомӣ)*
фаълу / фаўлун / фаълу / фаўл
— у / у — —/ — у / у ~

Баъзе шоирон М.-и мусаммани мақбузи асламро дар шонздаҳ рукн (дар як байт) ҷой дода, шеър эҷод кардаанд. Мисолаш:

Зиҳ̄и ду чашмат ба хуни мардум кушода тиру кашида ханҷар,
Рухи чу моҳат сабоҳ̄и давлат, хати сиёҳат шаби муанбар.
*(Исмати Бухорой)*
фаўлу / фаълун / фаўлу / фаълун / фаўлу / фаълун / фаўу / фоълун
у — у / — — / у — у / — — / у — у / — — / у — у / — —

М.-и мусаммани аслами абтар:

Деҳқон ғайрат меорад
Тухмӣ-ҳоро мекорад. *(Фарҳат)*
фаълун / фаълун / фаълун / фаъ
— —/ — —/ — —/ —

М.-и мусаддаси аслами маҳзуф:

Мактаб рафтам пагоҳ
Кардам харсӯ нигоҳ. *(Фарҳат)*
фаълун / фаълун / фаул
— —/ — —/ у —



М.-и мусаммани аслами мақсур:

Ман мерафтам бо роҳи кӯҳ,
Ман медидам садҳо шукӯҳ. *(Фарҳат)*
фаълун / фаълун / фаълун / фаўл
— —/ — —/ — —/ у ~

М.-и мусаммани аслами мақсур:

Ёри суманбар дилламро бибурд,
Бас дар иною надомат супурд. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фаълун / фаўлун / фаулун / фаўл
— — / у — — / у — — / у ~

М.-и мусаммани асрами маҳзуф:

Меҳри ту, эй моҳи некӯсипар,
Қард маро аз ҷаҳон бехабар. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фаълу / фаўлун / фаўлун / фаул
— у / у — —/ у — — / у —

М.-и мусаммани абтар:

Маро бо нигорам сухан бошад,
Ниҳонӣ суханҳои чун шаккар. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фаўлун / фаўлун / фаўлун / фаъ
у — — / у — — / у — — / —

М.-и мусаддаси маҳзуф:

Раҳи рӯзгорк Ватан,
Ба авчу барори Ватан. *(Фарҳат)*
фаўлун / фаўлун / фаул
у — — / у — — / у —

М.-и мураббаъи асрам:

Боди зимистон
Тохт ба майдон. *(Фарҳат)*
фаълу / фаўлун
— у / у — —

Агар байти болоро ба тавр̄и:

муфтаилотун
— уу — —

*тақтеъ* кунем, яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мусаннои матвии мураффал ба вуҷуд меояд.

М.-и мураббаъи маҳзуф (ё мақсур):

Ачаб завраке
Ба сар байраке. *(Фарҳат)*
фаўлун / фаул
у — — / у —

**Мутаҳаррик** (ар. متحرك -ҳаракаткунанда, ҳаракатпазир), дар қоидаи алифбои тоҷикӣ ҳамсадоеро гўянд, ки баъди вай овози садонок омада бошад. Масалан, дар калимаи مكتب (мактаб) ҳарфҳои «م» (м) ва «ت» (т) М. ҳисоб мешаванд, чунки баъди онҳо садоноки кўтоҳи «а» омадааст. Дар илми арўзи гузашта низ М.-ро дар мавриди *сабаб, ватад, фосила* ва *фозила* истифода мебаранд. Масалан, Воҳиди Табрезӣ дар мавриди фосила чунин менависад: «Фосила низ бар ду гуна бувад: фосилаи суғро ва фосилаи кубро. Ва фосилаи суғро се ҳарфи мутаҳаррик бувад ва сокине дар охир, чун «бинигар». Ва фосилаи кубро чаҳор ҳарфи мутаҳаррик бувад ва сокине дар охир, чун «ба карамат». Чи тавре ки мебинем, дар калимаи «бинигар» ҳамсадоҳои «б», «н», «г» ва дар ибораи «ба карамат» ҳамсадоҳои «б», «к», «р», «м»-ро М. гуфтаанд.

**Муттасиқ** (ар. متسق -тартибёфта, фароҳамомада), дар илми арўз номи дигари баҳри *Мутақориб*.

**Муттафиқа́** (ар. متفقه -якшуда, ҳамраъйшуда́), дар илми адабиётшиносӣ номи яке аз доираҳои арўзи араб (доираи панҷум), ки забоншинос ва арўзидони араб — Абулҳасан Ахфаши Балхӣ баъди Халил ибни Аҳмад дар асоси доираи *Мунфарида* ихтироъ кардааст. Ин доираро барои он М. меноманд, ки рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилунро / — у — / аз рукни асосии доира — фаўлун / у — — / ҷудо кардаанд.

Агар аз ҷузви якуми рукни аввали доира, яъне аз ватади маҷмўъ — «фаў» / у — / сар кунем, ҳашт бор фаўлун / у — — / ба вуҷуд меояд, ки вазни як байти шеъри баҳри Мутақориби мусаммани солимро ташкил медиҳад. Агар аз ҷузви дуюми фаўлуни доира, яъне аз сабаби хафиф — «лун» сар кунем, «лунфаў» / — у — / ҳосил мешавад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фоилунро / — у — / гузошта, рукни асосии баҳри Мутадорик меҳисобанд. Рукни аввали доира — фаўлун аз як ватади маҷмўъ / «фаў» у — / ва як сабаби хафиф / «лун» — /



иборат буда, дар рукни дуюми доира — «лунфаў» бошад, аввал як сабаби хафиф / «лун» — /, баъд як ватади маҷмўъ / «фаў» у — / омадааст. Шоирони араб ашъори худро дар асари доира дар шакли мусамман овардаанд, шоирони форс-тоҷик бошанд дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъи баҳрҳои Мутақорибу Мутадорик шеър эҷод кардаанд. Ваҳиди Табрезӣ дар асари худ *«Ҷамъи мухтасар»* бар хилофи дигар муҳаққиқони илми арўз дар доираи М. баҳрҳои Вофиру Комилро ҷой дода, баҳрҳои Мутақорибу Мутадорикро бошад ба доираи *Муштабаҳа* дохил кардааст.

Мисол:

Мутақориби мусаммани солим:

Чи хуш сўи ёрон хабар менависад,
На даст аст ин, дил хабар менависад.
Чу хоҳам нависам ба сўи ту нома,
Қалам рўи коғаз шакар менависам. *(Лоҳутӣ)*
фаўлун / фаўлун / фаўлун / фаўлун
у — — / у — — / у — — / у — —

Мутадорики мусаммани солим:

То нагардида ин насли наврас талаф,
Дасти ёрй диҳед, ҳаҷ ки дорад шараф! *(Лоҳутӣ)*
фоилун / фоилун / фоилун / фоилун
— у — / — у — / — у — / — у —

Яке аз асарҳои машҳури адабиёти тоҷик — «Шоҳнома» дар авзони баҳри Мутақориб — Мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур эҷод шудааст. Ҳоло чанд байт аз «Шоҳнома»-и Фирдавсиро намуна меорем, ки ҳама афкори пандуахлоқии шоирро ифода менамоянд:

Қасе, к-ў бубинад саранҷоми бад,
Зи кирдори бад бозгаштан сазад.
Вале к-аз хирад гардад ороста,
Чу ганҷе бувад пурзару хоста.

* * *

Зи роҳи хирад ҳеҷ гуна матоб,
Пушаймони орад дилатро шитоб.
Даранг оварад ростихо падид,
Зи роҳи хирад сар набояд кашид.

* * *

Хирад зиндаи ҷовидонй шинос,
Хирад моян зиндагонй шинос.

Аз ӯ шодмонӣ, аз ӯ хуррамист,
Аз ӯ ҳам фузунию ҳам з-ӯ камист.

* * *

Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.

**Мутфоилу́н** (ар. متفاعلن), шакли овозии зиҳофи *музмари* рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун.Ниг. *Мустафъилун.*

Мисол:

Комили мураббаъи музмари мақтӯъ:

Бобои Файз ба саҳро
Ҳамроҳ бурд Амонро.
Чобук наберяду бобо
Диданд чӯи калонро. *(Фарҳат)*
мустафъилун / фаилотун
— — у — / у у — —

**Муфаилату́н** (ар. مفعلتن), шакли овозии зиҳофи мачзули мураффали махбуни мақсури рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — /.Ниг. *Мутафаилун.*

Мисол:

Комили мусаммани мачзули мураффали махбуни мақсур:

Шакарак аз он ду лабаки ту бичинам, агар ту яла кунӣ,
Ба сараки ту, ки бизанамат ба бадар, агар ту гила кунӣ *(Унсурӣ)*
мутафаилун / мутафаилун / мутафаилун / мутафаилун
у у у у — / у у у у — / у у у у — / у у у у —

**Муфоилу́н** (ар. مفاعلن), шакли овозии зиҳофи *мавқуси* рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун.Ниг. *Мафоилун.*

Мисол:

Комили мусаммани мавқус:

Ҳазор шукри ҳусни ту, ки сарватест бебаҳо,
Тамоми зиннати чаҳон дар он ниҳон намудай. *(Чумъа Қувват)*
мафоилун / мафоилун / мафоилун / мафоилун
у — у — / у — у — / у — у — / у — у —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазачи мусаммани мақбуз / мафоилун / мафоилун / мафоилун / мафоилун / низ шакли афоили баҳри Комили мусаммани мавқусро дорад.



Комили мусаммани мачзули мавқус:

Чаври киҳо набурдаам, заҳри киҳо нахӯрдаам,
Баҳри киҳо намурдаам, вон ману чаҳони ман. *(Зиё Абдулло)*
муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафоилун
— у у — / у — у — / — у у — / у — у —

Яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мусаммани матвии махбун / муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафоилун / низ шакли афоили баҳри Комили мусаммани мачзули мавқусро дорад.

**Муфрад** (ар. مفرد танҳо, якка, ягона), дар илми арӯз зиҳоферо гӯянд, ки дар натичаи гузаронидани як тағйирот ҳосил шудааст. Баъзан барои ҳосил намудани зиҳофе дар рукни солим (мас. мафоӣлун ё фоилотун ё ин ки мустафъилун) як тағйир ё ин ки ду-се тағйиротро медароранд. Агар дар рукни солим як тағйир дароварда зиҳофе ҳосил намоянд, он зиҳофро муфрад меноманд. Ба қавли арӯзиён, М. дар сабаби хафиф (як ҳичои дароз, мас. «фаъ»), дар сабаби сақил (ду ҳичои кӯтоҳ, мас. «фаи»), дар ватади мачмӯъ (як ҳичои кӯтоҳу як ҳичои дароз, мас. «фаал») ва дар ватади мафруқ (як ҳичои дарозу як ҳичои кӯтоҳ, мас., «фаъулу») гузаронида мешавад. Мас., барои ҳосил намудани зиҳофи маҳзуф, ки дар натичаи гузаронидани як амал (амали ҳазф) ба даст меояд, аз охири рукнҳои мафоӣлун / у — — — / фоилотун / — у — — / ва фаӯлун / у — — / як сабаби хафиф, яъне як ҳичои дарозро мепартоянд. Агар аз рукни фоилотун ҳичои охирро партоем, яъне ҳазф намоем, «фоило» / — у — ба чояш фоилун мегузоранд /, аз мафоӣлун «мафоӣ» / у — — ба чояш фаӯлун мегузоранд /, аз фаӯлун «фаӯ» / у — ба чояш фаул мегузоранд / боқӣ меманад, ки онро маҳзуф меноманд. Мисол барои зиҳофи маҳзуфи баҳри Рамал:

Аспи масте дар замини синаам сум мезанад,
Об менӯшад ҳанӯз аз чашмаи чашмони ман. *(Раҳмат Назрӣ)*
фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилун
— у — — / — у — — / — у — — / — у —

Ба гуфтаи Насируддини Тӯсӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» М. «аз чаҳор навъ холӣ набувад, аз он ки тағйир ё дар сабаби хафиф афтад ё дар сабаби сақил, ё дар ватади мачмӯъ, ё дар ватади мафруқ. Аммо он чи дар сабаби хафиф афтад, ду навъ бувад, аввал он бувад ва он исқоти сокини сабаб бувад. Ва сокини сабаб ё ҳарфи дуюми рукн бувад, ё ҳарфи чаҳорум, ё ҳарфи панҷум, ё ҳарфи ҳафтум ва ҳарфи аввал ва сеюм ва шашум ната-

вонад буд. Пас, агар ҳарфи дуюм бувад, он рукнро баъд ва исқот махбун хонанд, ва агар чаҳорум бувад, матвӣ ва агар панҷум бувад, мақбуз ва агар ҳафтум бувад, мақфуф:

**Муфтаилӯн** (ар. مفتعلان ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *матвии музоли* рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/, ки дар натиҷаи дар он гузаронидани амалҳои тай ва изолат ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/ ҳарфи «Ф»-ро тай намоем, яъне партоем, мустаилун / — у у —/ боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали муфтаилунро / — у у —/ гузошта, *матвӣ* мехонанд. Баъди ин тавассути амали изолат, агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у» охири муфтаилун садоноки дарози «о»-ро гузорем, муфтаилун / — у у —/ шаклӣ М.-ро мегирад, ки онро матвии музол меноманд. М. аз ҷумлаи шаклҳои овозиест, ки дар шеър бештар дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. М. аз ҷумлаи шаклҳои овозии камистеъмоли арӯз буда, асосан ба баҳри Рачаз хос аст.

Мисол:

Рачази мусаддаси матвии музол (ибтидо — махбун):

То ғамат андар дили ман гашт падид,
Қасе маро ба лаби пурханда надид. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
муфтаилун / муфтаилун / муфтаилон
— у у —/ — у у —/ — у у ~

Зиҳофи мухаззали музоли рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/ низ шакли овозии М.-ро дорад.

**Муфтаилотӯн** (ар. مفتعلاتن ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *мураффали матвӣ*, ки аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/ тавассути гузаронидани амалҳои тарфил ва тай ба вуҷуд меояд. Агар ба ватади маҷмӯъи / у —/ рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/ як сабаби хафиф / —/, яъне як ҳиҷои дароз илова кунем, рукни мустафъилун / — — у —/ шакли «мустафъилунтун» / — — у — —/-ро мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафъилотун / — — у — —/-ро гузошта, мураффал меноманд. Баъди ин, агар ҳиҷои дуюми рукни мустафъилотун / — — у — —/-ро тай (кӯтоҳ) кунем, яъне ҳарфи «Ф»-ро партоем, мустафъилотун / — — у — —/ шакли «мустаилотун» / — у у — —/-ро мегирад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали М.-ро гузошта мураффали матвӣ меноманд. М. аз як ватади мафрӯқ /«муфта» — у/, як ватади маҷмӯъ /«ило» у —/ ва як сабаби хафиф /«тун» —/ иборат буда, дар он *фосила* иштирок надорад. М. дар шеър



ояд дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд. М ба гурӯҳи шаклҳои овозии зиҳофоте (фарӯъоте) дохил меавад, ки арӯзиёни Аҷам баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд.

Мисол:

Мунсареҳи мусаддаси матвии мураффали матвӣ:

Ин дили мискини ман асири ҳаво шуд,
Пеши ҳазорон ҳазор гуна бало шуд. (*Маъруфӣ*)
муфтаилун / фоилоту / муфтаилотун
— у у —/ — у — у/ — у у — —

Мунсареҳи мусаддаси матвии мураффали матвӣ:

Дидаи аҳли тамаъ ба неъмати дунье
Пур нашавад ҳамчу чоҳ ба шабнам. (*Сайфӣ*)
муфтаилун / фоилоту / муфтаилотун
— у у —/ — у — у/ — у у — —

Рачази мусаммани мураффали матвӣ:

Дар сари роҳе, дар лаби ҷуе себе азиме рост ситода,
Сояю мева бошадаш эҳсон ҳам ба савора, ҳам ба пиёда (*Фарҳат*)
муфтаилотун / муфтаилотун / муфтаилотун / муфтаилотун
— у у — —/ — у у — —/ — у у — —/ — у у — —

**Муфтаилӯн** (ар. مفتعلن ), дар илми арӯз шакли овозии зиҳофи *матвии* рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/, ки дар натиҷаи исқоти *сабаби* хафифи дуюми аввали рукн, яъне партофтани ҳарфи «Ф» ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/ ҳарфи «Ф»-ро тай намоем (партоем), «мустаилун» / — у у —/ боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали муфтаилунро / — у у —/ гузошта, матвӣ меноманд. Шакли овозии зиҳофҳои *мағлуб* ва *маҷзул* бо М. як бошад ҳам, бо он ҳеҷ гуна вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи мағзуб / — у у —/ аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у —/ ва зиҳофи маҷзул / — у у —/ аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у —/ ба вуҷуд омада, М. бошад аз рукни мустафъилун / — — у —/ ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи шаклҳои овозии серистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда, дар шеър кариб дар ҳамаи рукнҳои байт, яъне дар садру ибтидою арӯзу зарбу ҳашвайн меояд ва бештар ба баҳрҳои Рачазу Сареъю Мунсареҳу Муқтазабу Вофиру Комил хос аст.

Мисол: Сареъи мусаддаси матвии макшуф:

Мо ҳама аз дори ҷаҳон меравем,
Пешу қафо, пиру ҷавон меравем.
Хокбасар дар ғами ҳокам, вале
Монда варо бо чӣ касон меравем? *(Зиё Абдулло)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у у — / — у —

Рачази мусаммани матвӣ:

Мешукуфад гул ба чаманҳо зи насими саҳарӣ,
Вах чи шавад, гар нафасе паҳлӯи мо бода х(в)арӣ.
(аз *«Ғиёс-ул-луғот»*)
муфтаилун / муфтаилун / муфтаилун / муфтаилун
— у у — / — у у — / — у у — / — у у —

Мунсареҳи мусаммани матвии мавқуф:

Он ки дилам сайд кард, мири шикори ман аст,
Даст ба хунам нигор карда нигори ман аст. *(Сайфӣ)*
муфтаилун / фоилон / муфтаилун / фоилон
— у у — / — у ~ / — у у — / — у ~

**Муфтаилунтӯн** (ар. مفتعلنتن ), шакли овозии зиҳофи *матвии мураффали* рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун.Ниг. *Муфтаилотун.*

Мисол: Рачази мусаннои матвии мураффал:

Бодн зимистон
Тохт ба майдон.
Аз нафаси ҳуд
Ларзафизо шуд. *(Фарҳат)*
муфтаилотун
— у у — —

**Мухаззал** (ар. مخزل -бурндашуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / тавассути сокин кардани ҳарфи дуюми *фосилаи* суғро / у у — / ва кӯтоҳ кардани ҳиҷои сеюми он ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / ба воситаи гузаронидани амали измор ҳиҷои дуюми мутафоилунро / у у — у — / сокин гардонем, яъне ҳарфи чоруми он «а»-ро партоем, аз мутафоилун / у у — у — / «мутфоилун» / — — у — / бокӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мустафъилунро / — — у — / гузошта, музмар мехонанд. Баъди ин, агар ба ҷои садоноки дарози «о» садоноки кӯтоҳи «а»-ро гузорем, «мутфоилун» / — — у — / шакли «мутфаилун»-ро / — у у — / мегирад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали муфтаилунро / — у у — / гузошта М. меноманд. Зиҳофи матвӣ / — у у — / шакли афоили М.-ро дошта бошад ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надорад, зеро зиҳофи матвӣ / — у у — / аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи муфрад дорад ва дар шеър, кариб дар ҳамаи рукнҳои байт, яъне дар арӯзу зарб, садру ибтидо ва ҳашвайн омада метавонад. Ин зиҳоф ҳеле камистеъмол буда, фақат ба баҳри Комил хос аст. Баъзеҳо ин зиҳофро мачзул меноманд. Мисол: Комили мусаддаси мавқуси М. (хашви мисраи якум — мавқус):

Аз он ду чашмакони пурфиребаш ӯ,
Ачаб набошад, ки барад шикеби ӯ. (аз *«Ал-мӯъчам»*)
мафоилун / муфтаилун / мафоилун
у — у — / — у у — / у — у —

Яке аз навъҳои баҳри Рачаз — Рачази мусаддаси махбуни матвӣ шакли афоили баҳри Комили мусаддаси мавқуси М.-ро дорад.

**Мухалла́ъ** (ар. مخلع -дастбурида, аз ҳам чудо кардашуда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натичаи дар рукнҳои фоилун / — у — / ва мустафъилун / — — у — / гузарониҳои амалҳои хабну қатъ ба вуҷуд меояд. Агар аз рукнҳои фоилун ва мустафъилун ҳарфи «Н»-ро партофта, ҳарфи «Л»-ро сокин гардонем, аз фоилун / «фоил» ва аз мустафъилун «мустафъил» бокӣ мемонад, ки ба ҷои «фоил»-у «мустафъил» рукнҳои мустаъмали фаълун / — — / ва мафъӯлунро / — — / гузошта, *мақтӯъ* меҳонанд. Баъди ин ба воситаи амали хабн, яъне кӯтоҳ кардани ҳиҷои дарози якум фаълунро ба «фаул» / у — / ва мафъӯлунро ба «фаулун» / у — — / табдил дода, М. ё мақтӯъи махбун (махбуни мақтӯъ) меноманд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи муфрад дорад. Вай дар шеър, асосан дар рукнҳои ҳашми муфрад дорад. Вай дар шеър, асосан дар рукнҳои ҳашми ву арӯзу зарб меояд ва бештар ба баҳрҳои Мутадорику Рачаз хос аст. Зиҳофҳои макшуфи махбун / у — — /, марбӯъ / у — /, махбуни макшуф / у — — /, махбуни мақсур / у — — /, мактуфи / у — — /, мактӯъи махбун / у — — /, маҳзуф / у — — /,

маҷбуб / у — / шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он алоқа ва вобастагие надоранд, зеро зиҳофҳои макшуфи маҳбун / у — — / ва махбуни макшуф / у — — / аз рукни солими мафъўлоту / — — — у /, зиҳофи марбўъ / у — / аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — —/, зиҳофи махбуни мақсур / у — —/ аз рукни солими мус-тафъи-лун / — у — / зиҳофи мақтуф / у — — / аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — /, зиҳофи мақтўъи махбун / у — — / аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у —/, зиҳофҳои маҳзуф / у — — / ва маҷбуб / у — / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад, аз рукнҳои асосии баҳрҳои Мутадорик — фоилун / — у — / ва Рачаз — мустафъилун / — — у — / тавассути амалҳои хабну қатъ ҳосил шудааст. Агар дар ҷузъи сабаби хафифи М. садоноки «ў»-ро афзоянд, яъне ба ҷои садоноки кўтоҳ «у»-и зиҳофи М.-и баҳри Мутадорик садоноки «ў»-ро гузоранд, фаул / у — / шакли фаўлро / у ~ / мегирад, ки онро М.-и музол меноманд. Ба гуфтаи Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мўъҷам» М.-и Рачаз, асосан, ба ашъори араб хос буда, дар ашъори форсӣ қариб истифода нашудааст.

Мисол: Мутадорики мусаммани М.:

Сунбули сиях бар суман мазан,
Лашкари ҳабаш бар хутан мазан. *(Ҷомӣ)*
фоилун / фаул / фоилун / фаул
— у — / у — / — у — / у —

Рачази мусаммани М.:

Чашмони масти дилбар ҳушьёр кард моро,
Шуд меҳрубону мўнис, ғамхор кард моро. *(Саидалӣ Маъмур)*
мустафъилун / фаўлун / мустафъилун / фаўлун
— — у — / у — — / — — у — / у — —

Мутадорики мусаммани махбуни мақтўъи М.:

Санамо, рўят бинамо ба ман,
Бикунӣ то кай ту ҷафо ба ман? *(Бобур)*
фаилун / фаълун / фаилун / фаул
у у — / — — / у у — / у —

Баъзе шоирон дар як байт дувоздаҳ рукни баҳри Мутадорикро истифода бурдаанд. Мисол:



Барқ шўъла зад, раъд наъра зад, маҳв шуд саҳоб,
Бод шуд вазон, мавҷ шўд дамон, бар шуд офтоб. *(Боқӣ)*
фоилун / фаул / фоилун / фаул / фоилун / фаўл
— у — / у — / — у — / у — / — у — / у ~

Муқтазаби мураббаъи М.:

Дар оғўши дабистон,
Бо иқболи дурахшон.
Мо шодему фидокор,
Бар таъриф сазовор. *(Фарҳат)*
мафъўлоту / фаўлун
— — — у / у — —

Мутадорики мусаннои М.:

Умри одамӣ
Баски бебадьл,
Бинӣ бекамӣ
Бахти бахалал. *(Наримон Бақозода)*
фоилун / фаул
— у — / у —

**Мухалла́ъи музо́л** (аз *мухаллаъ* ва *музол*), дар илми арўз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — /, ки тавассути гузаронидани амалҳои тахлеъ ва изолат ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни фоилун / — у — / ҳарфи «Н»-ро партоему ҳарфи «Л»-ро сокин гардонем, аз фоилун «фоил» / — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаълунро гузошта *мақтўъ* мехонанд. Баъди ин ба воситаи амали хабн, яъне кўтоҳ кардани ҳиҷои якум фаълунро ба «фаул» / у — / табдил дода, мухаллаъ меноманд. Сипас ба воситаи амали изолат, агар садоноки кўтоҳи ҳиҷои охири зиҳофи мухаллаъ — фаул / у — /-ро дароз кунем, яъне ба ҷои садоноки кўтоҳи «у» садоноки дарози «ў»-ро гузорем, фаул / у — / шакли фаўл / у ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофҳои аҳтам / у ~ /, мақсур / у ~ / шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аҳтам аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи мақсур аз рукни асосии баҳри Мутақориб — фаўлун / у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофҳои мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар

шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. М. м. хеле камистеъмол буда, фақат ба баҳри Мутадорик хос аст. Баъзе шоирон дар як байт дувоздаҳ рукни баҳри Мутадорикро истифода кардаанд.

Мисол:

Барқ шӯъла зад, раъд наъра зад, махв шуд саҳоб,
Бод шуд вазон, мавч шуд даман, бар шуд офтоб. *(Боқӣ)*
фоилун / фаул / фоилун / фаул / фоилун / фаӯл
— у — / у — / — у — / у — / — у — / у

Мутадорики мураббаъи мухаллаъи музол:

Бар ҳама камол
Як бувад завол.
Номи он аён
Ҷангу ҳам ҷидол. *(Наримон Бақозода)*
фоилун / фаӯл
— у — / у ~

**Мухалла́ъи мусабба́ғ** (аз *мухаллаъ* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофҳои рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /, ки тавассути гузаронидани амалҳои тахлеъ ва исбоғ ба вуҷуд меояд.

Ниг. *Мақтӯъи махбуни мусаббағ.*

**Муханна́қ** (ар. مخنق -буғикунанда), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи исқоти, яъне партофтани ҳиҷои якуми рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоилун / у — — — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ҳиҷои якуми он партофта шавад, «фойлун» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафъӯлун / — — — /-ро гузошта М. меноманд. М. аз ҷумлаи зиҳофҳои муфрадест, ки номи муфрад дорад ва дар шеър асосан дар рукнҳои байн ва охири байт, яъне дар ҳашвайн ва арӯзу зарб меояд. Тафовути М. аз зиҳофи *ахрам* дар он аст, ки ахрам фақат дар рукнҳои аввали байт, яъне садру ибтидо, аммо М. фақат дар рукнҳои байну охири байт меояд.

Агар ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и мафъӯлун / — — — / садоноки дарози «о»-ро илова кунем, мафъӯлун / — — — / шакли мафъӯлон / — — ~ /-ро мегирад, ки онро М.-и мусаббағ меноманд. Зиҳофҳои ахрам / — — — /, ақсам / — — — /, мақсур / — — — /, мақтӯъ / — — — /, мушаасс / — — — / шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, ба он вобастагие на-



доранд, зеро зиҳофи ахрам аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун (зиҳофи ахрам дар рукнҳои аввали байт меояд), зиҳофи ақсам аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — у у — /, зиҳофи мақсур аз рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — /, зиҳофи мақтӯъ аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи мушаасс аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун ҳосил шулааст. М. аз ҷумлаи зиҳофотест, ки арӯзиёни форс-тоҷик баъзи Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Ин зиҳоф нисбатан камистеъмол буда, асосан ба баҳрҳои Ҳазаҷу Қарибу Музорсъю Асам хос аст.

Мисол:

Ҳазаҷи мусаммани ахрами М.-и ахраби аҳтам:

Аз ман мехоҳад дилбар ҷони азиз,
Ман розӣ ҳастам, дорам ақлу тамиз.
мафъӯлун / мафъӯлун / мафъӯлу / фаӯл
— — — / — — — / — — у / у ~

Асами мусаддаси махбуни М.-и мақсур (ибтидо — солим, зарб — махбуни мақсур):

Табаре чӯбин, мехи оҳанин,
фаилотун / мафъӯлун / фоилон
у у — — / — — — / — у ~
Ошиқи мискин чун бишканад ин? *(Рӯдакӣ)*
фоилотун / мафъӯлун / фаилон
— у — — / — — — / у у ~

**Муханна́қи мақсу́р** (аз *муханнақ* ва *мақсур*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / гузаронидани амалҳои тахниқ ва қаср ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ҳиҷои якуми онро партоем, «фойлун» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали мафъӯлун / — — — /-ро гузошта, муханнақ меноманд. Баъди ин тавассути амали қаср аз мафъӯлун / — — — / ҷузви охири он, яъне «ун»-ро партоем, «мафъӯл» / — ~ / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаълон / — ~ /-ро гузошта М. м. мехонанд. М. м. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд. Зиҳофҳои аслами мусаббағ / — ~ /, аҳаззи мусаб-

баҳ / — ~ /, мақтӯъи маҳзуфи мусаббаҳ / — ~ / низ шакли афоили М. м.-ро доранд, аммо ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аслами мусаббаҳ / — ~ / аз рукнҳои асосии баҳрҳои Рамал — фоилотун / — у — — / ва Мутақориб — фаӯлун / у — ~ /, зиҳофи аҳаззи мусаббаҳ / — ~ / аз рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — /, зиҳофи мақтӯъи маҳзуфи мусаббаҳ / — ~ / аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи зиҳофотест, ки арӯзиёни форс-тоҷик баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Вай нисбат ба дигар зиҳофҳои арӯз камистеъмол буда, асосан ба баҳрҳои Ҳазаҷу Музореъ хос аст.

Мисол: Музореъи мусаддаси ахраби М. м.:

Туркони наҳзи некӯдидор,
Чобуксавори ширингуфтор. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / фоилотун / фаълон
— — у / — у — — / — ~

**Муханна́қи маҳзу́ф** (аз *муханнақ* ва *маҳзуф*), дар илми арӯз номи яке аз зиҳофоти рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, ки тавассути гузаронидани амалҳои т а х н и қ ва ҳ а з ф ба вуҷуд меояд. Агар аз шакли овозии зиҳофи муханнақ — мафъӯлун / — — — / ба воситаи амали ҳ а з ф ҳиҷои охирро, яъне «лун»-ро партоем, «мафъӯ» / — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷои он рукни мустаъмали фаълун / — — / — / -ро гузошта М. м. меноманд. Зиҳофҳои аслам ( اصلم ) аслам ( اثلم ), аҳазз, мақтӯъ, мақтӯъи маҳзуф, маҳзуфи мақсур, маҳзуфи мақтӯъ, музмари аҳазз шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна алоқа ва вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи аслам аз рукнҳои асосии баҳрҳои Рамал, Мутақориб ва рукни солими мафъӯлоту / — — — у /, зиҳофҳои аҳазз, мақтӯъи маҳзуф аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи мақтӯъ аз рукни асосии баҳри Мутадорик — фоилун / — у — /, зиҳофи маҳзуфи мақсур аз рукни солими фои-ло-тун / — у — — /, зиҳофи маҳзуфи мақтӯъ аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — /, зиҳофи музмари аҳазз аз рукни асосии баҳри Комил — мутафоилун / у у — у — / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи зиҳофоти мураккабест, ки номи мураккаб дорад ва дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб меояд. Ин зиҳоф хеле камистеъмол буда, дар



баъзе навъҳои баҳрҳои Ҳазаҷу Музореъ ва мушокил меояд. Мисол:

Мушокили мусаддаси мақбузи М. м.:

Аз бари кӯҳ ҷониби водӣ
Бо алам бод бозмегардад.
Дур андохта зи дил шодӣ
Дар нишебу фароз мегардад. (*Фарҳат*)
фоилотун / мафоилун / фаълун
— у — — / у — у — / — —

Яке аз навъҳои баҳри Ҳафиф — Ҳафифи мусаддаси махбуни аслам / фоилотун / мафоилун / фаълун / низ шакли афоили баҳри Мушокили мусаддаси мақбузи М. м.-ро дорад.

Мисоли дигар:

Эй ки доим ба ҳеш мағрурӣ,
Гар туро ишқ нест, маъзурӣ. (*Ҳофиз*)
фоилотун / мафоилун / фаълун
— у — — / у — у — / — —

Ҳазаҷи мусаддаси ахрами М. м.:

Ман чолокам, мабдои дорам,
Бо фирӯзӣ ҷавлон дорам. (*Фарҳат*)
мафъӯлун / мафъӯлун / фаълун
— — — / — — — / — —

Агар байти болоро ба тавр:

фаълун / фаълун / фаълун / фаълун
— — / — — / — — / — —

тақтеъ кунем, баҳри Мутадорики мусаммани мақтӯъ ҳосил мешавад:

Ҳазаҷи мусаддаси ахрами мақфуфи М. м.:

Механдад гули лола аз кӯх,
Меандозад аз сина андӯх. (*Фарҳат*)
мафъӯлун / мафойлу / фаълун
— — — / у — — у / — —

Ҳазаҷи мусаддаси М. м.:

Ба гулшан ҷилваи раъно зебад,
Ба дилбар гунчаи лабҳо зебад. (*Мақсуд*)
мафойлун / мафойлун / фаълун
у — — — / у — — — / — —

Музореъи мусаддаси ахраби М. м.:

Гулзори оламороро бин,
Ин зулфу мушки сороро бин. *(Шоҳид)*
мафъўлун / фоилотун / фаълун
— — у / — у — — / — —

**Мухла́ъ** (ар. مخلع -дастбурида, аз ҳам чудо кардашуда), номи дигари *Мухаллаъ*.

**Мухта́л** (ар. مختل -халалдоршуда, зиёнёфта), дар илми аруз вазнеро ё байтеро гўянд, ки як мисрааш бо як зиҳофу мисраъи дуюмаш бо зиҳофи дигар омадааст, яъне таносуби ачзои байт риоя нашудааст. Агар дар мисраъи якуми дуюми байт:

муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафоилун
— у у — / у — у — / — у у — / у — у —

омада бошад, пас таносуби рукнҳои байт дуруст аст (инро бахри Рачази мусаммани матвии махбун меноманд). Агар дар мисраъи аввали байт:

муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафъўлун
— у у — / у — у — / — у у — / — — —

ва дар мисраъи дуюм:

мафоилун / муфтаилун / мафоилун / мафъўлун
у — у — / — у у — / у — у — / — — —

ояд, онро М. меноманд.

Мисол:

Пас чу ту нейи ману зи ду чаҳон безорам,
муфтаилун / мафоилун / муфтаилун / мафъўлун
— у у — / у — у — / — у у — / — — —

Ба кори ман кун назаре, вагарна дил бардорам. (аз *«Ал-мўъчам»*)
мафоилун / муфтаилун / мафоилун / мафъўлун
у — у — / — у у — / у — у — / — — —

Мисраъи якуми байт дар вазни Рачази мусаммани матвии махбуни мактўъ ва мисраъи дуюм дар вазни Рачази мусаммани махбуни матвии мактўъ суруда шудааст.



**Мухталита́** (ар. مختلطه -омехтан, омезишёфта), дар илми адабиётшиноси номи яке аз доираҳои арўз, ки Алишери Навой дар *«Мизон-ул-авзон»* мураттаб кардааст. Ин доираро бар ои он М. номидаанд, ки рукнҳои он аз чиҳати таркиби ачзо хеле наздиканд. Ҳам рукни асосии бахри Вофир — мафоилатун / у — у у —/ ва ҳам рукни асосии бахри Комил — мутафоилун / у у — у — / панчҳичоӣ буда, аз як ватади маҷмўъ / у — / ва як фосилан суғро / у у — / сохта шудаанд.

Агар аз чузви якуми рукни аввали доира, яъне аз «ма» / у / сар кунем, чаҳор маротиба мафоилатун / у — у у — / ба вучуд меояд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Вофири мусаммани солим; агар аз чузви сеюми рукни аввали доира, яъне аз «и» / у / сар кунем, «илатунмафо» / у у — у — /, «илатунмафо» / у у — у — /, «илатунмафо» / у у — у — /, «илатунмафо» / у у — у — / ба вучуд меояд ва ба чои онҳо рукнҳои мустаъмали мутафоилун / у у — у — /, мутафоилун / у у — у — /, мутафоилун / у у — у — /, мутафоилунро / у у — у — / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Комили мусаммани солимро ташкил медиҳад. Рукни асосии доира мафоилатун / у — у у — /

буда, аз як ватади маҷмӯъ /«мафо» у — / ва як фо- силаи суғро /«илатун» у у — / иборат аст. Дар ин рукн *сабаб* иштирок надорад. Шоирони араб дар асли доира ашъо ри ҳар ду баҳрро, асосан, дар шакли мусаммани солим овар- даанд. Шоирони форс-тоҷик кам бошад ҳам, дар шаклҳои му- самману мусаддасу мураббаъи ҳарду баҳри доира шеърҳо эҷод кардаанд. Баъзе арӯздонони форс-тоҷик мисли Шамсуддин Му- ҳаммади Қайси Розӣ дар *«Ал-мӯъҷам»*, Ваҳиди Табрезӣ дар *«Ҷамъи мухтасар»* ва диг. баҳрҳои Вофиру Комилро умуман ба арӯзи форсӣ-тоҷикӣ дохил накардаанд. Арӯздони машҳури араб — Халил ибни Аҳмад ва донишманди машҳури тоҷик На- сируддини Тӯсӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» баҳрҳои Вофиру Ко- милро дар доираи Мӯъталифа ҷой додаанд.

Мисол: Вофири мусаммани солим:

Чи шуд, санамо, ки сӯи касе ба чашми ризо наменигарӣ,
Зи расми ҷафо намегузарӣ, тариқи вафо намесипарӣ. *(Саифӣ)*
мафоилатун / мафоилатун / мафоилатун / мафоилатун
у — у у — / у — у у — / у — у у — / у — у у —

Вофири мураббаъи солим:

Бадӣ чи куни ба ҷони касе,
Ки ӯ накунад ба ҷони ту бад. *(Насируддини Тӯсӣ)*
мафоилатун / мафоилатун
у — у у — / у — у у —

Комили мусаммани солим:

Дили орамида ба худ макаш зи фусуни рангу ҳавои гул,
Ситам аст, ғунчаи ин чаман мижа во кунад ба сивои гул. *(Бедил)*
мутафоилун / мутафоилун / мутафоилун / мутафоилун
у у — у — / у у — у — / у у — у — / у у — у —

**Мухталифа́**, Мухталафа (ар. مختلفه -гуногун, ҳар- хела), дар илми адабиётшиноси номи яке аз доираҳои арӯзи араб (доираи якум), ки Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардааст. Ин доираро барои он М. меноманд, ки рукнҳои он аз ҷиҳати таркиби ачзо мухталифанд, яъне рукни якум — фаӯлун аз шаш ва рукни дуюм — мафойлун аз ҳашт ҳарф иборат аст.

Дар М. рукнҳои солими баҳрҳои Тавил, Мадид, Басит дар шакли мусаммани солим ҷой дода шудаанд. Агар аз ҷузви яку- ми рукни аввали доира, яъне аз «фа» /у/ сар кунем, ҳашт бор фаӯлун /у — —/ мафойлун /у — — —/ ҳосил мешавад, ки






вазни як байт шеъри баҳри Тавили мусаммани солим; агар аз ҷузви сеюми рукни аввали доира, яъне аз «лун» / — / сар ку- нем, «лунмафой» / — у — — / «лунфаӯ» / — у — /, «лунма- фой» / — у — — / «лунфаӯ» / — у — /, «лунмафой» / — у — — / «лунфаӯ» / — у — /, «лунмафой» / — у — — / «лунфаӯ» / — у — / ҳосил мешавад ва ба ҷои онхо рукнҳои мустаъмали фоилотун / — у — — / фоилун / — у — /, фоилотун / — у — — / фоилун / — у — /, фоилотун / — у — — / фоилун / — у — /, фоилотун / — у — — /, фоилунро / — у — / мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Мадиди мусаммани солим; агар аз ҷузви сеюми рукни дуюми доира, яъне аз «й» / — / сар кунем, «йлунфаӯ» / — — у — / «лунмафо» / — у — /, «йлунфаӯ» / — — у — / «лунмафо» / — у — /, «йлунфаӯ» / — — у — / «лун- мафо» / — у — / «йлунфаӯ» / — — у — / «лунмафо» / — у — / ҳосил мешавад ва ба ҷои онхо рукнҳои мустаъмали мустафъи- лун / — — у — / фоилун / — у — /, мустафъилун / — — у — / фоилун / — у — /, мустафъилун / — — у — / фоилун / — у — /, мустафъилун / — — у — / фоилунро / — у — / мегузо-

ранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Басити мусаммани солимро ташкил медиҳанд. Рукни якуми доира — фаўлун / у — — / дар асл рукни асосии баҳри Мутақориб буда, аз як ватади маҷмўъ «фаў» / у — / ва як сабаби хафиф / «лун» — /, рукни дуюми доира — мафоилун / у — — — / дар асл рукни асосии баҳри Ҳазаҷ буда, аз як ватади маҷмўъ / «мафо» у — / ва ду сабаби хафиф / «илун» — — /иборат аст. Дар ҳар ду рукн фосила нишгирок надорад.

Дар ашъори арабӣ аз ин доира танҳо ҳамин се баҳрро ба кор бурдаанд, вале арўзшиносони форс-тоҷик Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ ва диг. аз М. боз ду баҳр — Амиқ ва Аризро берун овардаанд.

Агар аз ҷузви якуми рукни дуюми доира, яъне аз «ма» / у / сар кунем, ҳашт бор мафоилун / у — — — / фаўлун / у — — / ҳосил мешавад, ки вазни як байт шеъри баҳри Аризи мусаммани солим ва агар аз ҷузви чоруми рукни дуюми доира, яъне аз «лун» / — / сар кунем, ҳашт бор / «лунфаў» / — у — / «лунмафоӣ» / — у — — /, «лунфаў» / — у — / «лунмафоӣ» / — у — — /, «лунфаў» / — у — /, «лунмафоӣ» / — у — — /, «лунфаў» / — у — / «лунмафоӣ» / — у — — / ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоилун / — у — / фоилотун / — у — — /, фоилун / — у — / фоилотун / — у — — /, фоилун / — у — / фоилотун / — у — — /, фоилун / — у — /, фоилотунро / — у — — / мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Амиқи мусаммани солимро ташкил медиҳанд.

Бисьёр арўздонони форс-тоҷик бар хилофи Халил ибни Аҳмад дар доираи М. баҳрҳои дигарро ҷой додаанд. Мас., Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мўъҷам» ва Вахиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар», Алишери Навоӣ дар «Мизон-ул-авзон» ва диг. дар ин доира баҳрҳои Мунсареҳ, Музореъ, Муқтазаб ва Муҷтассро ғунҷонидаанд.

**Мисол:** Тавили мусаммани солим:

Ба эҳсон тўӣ Ҳотам, ба неъмат тўи Кисро,
Ба фармон тўӣ Осаф ба бурҳон тўи Исо. *(Салмони Совачӣ)*
фаўлун / мафоилун / фаўлун / мафоилун
у — — / у — — — / у — — / у — — —

Мадиди мусаммани солим:

Бода баргир, эй сапам, руд бардору бизан,
Чанд хоҳӣ хўрд ғам, дур кун аз дил ҳазан. (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
фоилотун / фоилун / фоилотун / фоилун
— у — — / — у — / — у — — / — у —



Басити мусаммани солим:

Эй бо висолат дилам шодон зи даври фалак,
Ҳаҷри ту бар хотирам чун бар чароҳат намак. *(Саъдӣ)*
мустафъилун / фоилун / мустафъилун / фоилун
— — у — / — у — / — — у — / — у —

Аризи мусаммани солим:

Ба кўят мешитобам, дучори изтиробам,
Зи васлат нашъакобам, зи ҳичронат ҳазинам. *(Фарҳат)*
мафоилун / фаўлун / мафоилун / фаўлун
у — — — / у — — / у — — — / у — —

Амиқи мусаммани солим:

Бозуи марди дехқон рохи ҳосил кушода,
Бар чаҳоне намуда ҳислати дехқонӣ. *(Фарҳат)*
фоилун / фоилотун / фоилун / фоилотун
— у — / — у — — / — у — / — у — —

**Мухтараъ** (ар. مخترع -ихтироъ кардашуда), дар илми арўз номи дигари баҳри *Мутадорик*.

**Мухтасари вофӣ ба қавойиди қавофӣ** номи дигари *«Рисолаи қофия»*-и Абдуррахмони Ҷомӣ.

**Мушаъсс** (ар. مشعس -ошуфташуда, парокандашуда), дар илми арўз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи партофтани ҳиҷои дуюм, яъне садоноки кўтоҳи «и»-и рукни фоилотун / — у — — / ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ҳарфи «и»-ро партоем, «Фолотун» / — — — / боқӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали «мафъўлун» / — — — /-ро гузошта М. мехонанд. Зиҳофҳои ахрам / — — — /, аксам / — — — /, мақсур / — — — /, мақтўъ / — — — /, муханнақ / — — — /, макшуф / — — — /, шакли афоили М.-ро дошта бошанд ҳам, бо он ҳеҷ гуна вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи ахрам / — — — / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоилун / у — — — /, зиҳофи аксам / — — — / аз рукни асосии баҳри Вофир — мафоилатун / у — уу — /, зиҳофи мақсур / — — — / аз рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — /, зиҳофи мақтўъ / — — — / аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи муханнақ / — — — / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоилун / у — — — /, зиҳофи макшуф / — — — / аз рукни солими мафъўлоту / — — — у / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. бошад аз рукни асосии баҳри Рамал — фои-

лотун / — у — — / ҳосил шудааст. М. аз ҷумлаи з и ҳ о ф ҳ о и м у ф р а д ва камистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда, дар шеър ҳариб дар ҳамаи рукнҳои байт, яъне дар садру ибтидою арӯзу зарбу ҳашв меояд ва бештар ба баҳрҳои Рамалу Муҷтасс хос аст. Агар дар зиҳофи М. ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у» ҳиҷои охир, садоноки дарози «о»-ро гузорем, мафъӯлун / — — — / шакли «мафъӯлон»-ро / — — ~ /, мегирад, ки онро мушаасси мусаббағ меноманд.

М и с о л: Рамали мусаммани М.:

Чун рафтӣ, афкандӣ, бар хокам аз хорӣ,
Вақт омад, боз ой аз хокам бардорӣ. *(Муштоқ)*
мафъӯлун / мафъӯлун / мафъӯлун / мафъӯлун
— — — / — — — / — — — / — — —

Муҷтасси мусаммани махбуни М.-и махбуни мақсур (ҳ а ш в и якуми мисраъи дуюм — м а х б у н):

Ҳазордастон бар шохи сарви ӯ ба хурӯш,
Баҳорхонаи мушкину мушкбӯй баҳор. *(Фаррухӣ)*
мафоилун / мафъӯлун / мафоилун / фаилон
у — у — / — — — / у — у — / у у ~

Рамали мусаммани махбуни М.-и махбуни маҷҳуф (с а д р — с о л и м):

Гар ҳама неъмати якрӯза ба мо бахшад,
Наниҳад миннат бар мову пазирад ҳам. *(Рӯдакӣ)*
фаилотун / мафъӯлун / фаилотун / фаъ
у у — — / — — — / у у — — / —

Рамали мусаммани М.-и аслами мусаббағ:

Сарв аст он ё боло? Моҳ аст он ё рӯй?
Зулф аст он ё чавгон? Хол аст он ё гӯй? *(Рӯдакӣ)*
мафъӯлун / мафъӯлун / мафъӯлун / фаълон
— — — / — — — / — — — / — ~

Рамали мусаммани М.-и махбуни маҷҳуф (ҳ а ш в и мисраи аввали байт — м а х б у н):

Рост кун тораму ороста кун гулшан,
Тоза кун ҷонҳо, ҷоно, ба маи равшан. *(Масъуди Саъди Салмон)*
фоилотун / мафъӯлун / фаилун
— у — — / — — — / у у — — / —



Рамали мусаддаси М.-и махбуни мақсур (с а д р — м а х б у н, ҳ а ш в и якум — м а к ф у ф, а р ӯ з — м а қ с у р):

Табари чӯбину мехи оҳанин,
Ошиқи мискин чун бишканад ин?
фоилотун / мафъӯлун / фаилон
— у — — / — — — / у у ~

Муҷтасси мусаммани махбуни М.-и махбуни маҷҳуф:

Сиёҳчашмо, ин дил чи гуна бурдӣ,
Кунун, ки бурдӣ, боре бад-ӯ чӣ кардӣ? (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / мафъӯлун в мафоилун / фаъ
у — у — / — — — / у — у — / —

Муҷтасси мусаммани махбуни М.-и маҷҳуфи мусаббағ (ҳ а ш в и якуми мисраи аввал — м а х б у н, а р ӯ з — м а ҷ ҳ у ф):

Дили пуроташу чашме пуроб дорам,
Аз он ки бо ман бадхӯ шудаст ҷонон. (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
мафоилун / мафъӯлун ? мафоилун / фаъ
у — у — / — — — / у — у — / —

**Мушаа́сси мусабба́ғ** (аз *мушаасс* ва *мусаббағ*), дар илми арӯз номи зиҳофест, ки дар натиҷаи ба рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / гузаронидани амалҳои т а ш ъ и с ва и с б о ғ ба вуҷуд меояд. Агар аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ҳарфи «и»-ро партоем, «фолотун» / — — — / бокӣ мемонад, ки ба ҷояш рукни мустаъмали мафъӯлун / — — — /-ро гузошта м у ш а а с с мехонанд. Баъди ин, агар ба воситаи амали и с б о ғ ба ҷои садоноки кӯтоҳи «у»-и зиҳофи мушаасс — мафъӯлун / — — — / садоноки дарози «о»-ро гузорем, мафъӯлун шакли «мафъӯлон» / — — ~ /-ро мегирад, ки онро М. м. меноманд. Зиҳофҳои ахрами мусаббағ / — — ~ /, **мақтӯъи мусаббағ** / — — ~ / мавқуф / — — ~ / шакли афоили М. м.-ро дошта бошанд ҳам, ба он ҳеҷ гуна вобастагӣ надоранд, зеро зиҳофи а х р а м и м у с а б б а ғ / — — ~ / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — /, зиҳофи м а қ т ӯ ъ и м у с а б б а ғ / — — ~ / аз рукни асосии баҳри Раҷаз — мустафъилун / — — у — /, зиҳофи м а в қ у ф / — — ~ / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ба вуҷуд омада, зиҳофи М. м. бошад,

аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / ҳосил шудааст. М. м. аз ҷумлаи *зиҳофҳои мураккабест*, ки номи мураккаб дошта, дар шеър фақат дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯз ва зарб меояд ва фақат ба баҳри Муҷтасс хос аст. М. м. аз ҷумлаи зихофҳои камистеъмоли арӯз мебошад.

**Мушаббаъ** (ар. مشبع -сайр кардашуда), номи дигари Мусаббағ.

**Мушаҷҷар** (ар. مشجر -дарахтсурат), мувашшаҳи мушаҷҷар, дар илми бадеъи классикӣ як навъ санъати лафзист. Мувофиқи ин санъат шоир ба тариқи мувашшаҳ шеъре эҷод менамояд, ки агар мисраъҳои онро дуруст ҷо ба ҷо намоед, сурати дарахте ба вуҷуд меояд.

Дар ин М. қитъаи 21-байтие ҷой дода шудааст, ки дар баҳри Мутақориби мусаммани маҳзуф (мақсур) — фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаул нишо гардидааст. Аз ин 21 байти қитъа як байт:

Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,
Чу боғи Ирам пургулу пурнигор.
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаӯл
у — — / у — — / у — — / у ~

дар танаи дарахт ва боқӣ 20 байт дар навдаҳои он сабт ёфтааст. Шоир дар ҳар навдаи дарахт ду байтро ҷой додааст. Барои хондани ин қитъа аз навдаи тарафи рости дарахт бояд сар кард. Байте, ки дар танаи дарахт навишта шудааст, дар сохтани 20 байти боқимондаи шеър иштирок мекунад. Агар байти танаи дарахтро ба рукнҳо ҷудо кунем, пас ҷузвҳояш, яъне *ватаду* (ватади маҷмӯъ ва ватади мафруқ) *сабаби* (сабаби хафиф) ол рукнҳои алоҳидаи тамоми байтҳои қитъаро ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, ватади маҷмӯъ, яъне калимаи «нигаҳ»-и байти танаи дарахт дар аввали байтҳои якуму дуюм, калимаҳои «нигаҳ кун», «яъне як ватади маҷмӯю як сабаби хафиф) дар рукни якуми байтҳои сеюму чаҳорум, калимаҳои «нигаҳ кун бад-он» дар аввали байтҳои панҷуму шашум, калимаҳои «нигаҳ кун бад-он чеҳраи» дар аввали байтҳои ҳафтуму ҳаштум, калимаҳои «нигаҳ кун бад-он чеҳраи дил» дар аввали байтҳои нӯҳуму даҳум, калимаҳои «нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз», яъне мисраъи аввали байти танаи дарахт дар аввали байтҳои ёздаҳуму дувоздаҳум, калимаҳои «нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз, чу» дар аввали байтҳои сездаҳуму чаҳордаҳум, калимаҳои «нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз, чу боғи» дар аввали байтҳои понздаҳуму шонздаҳум, калимаҳои «нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз, чу боғи



Ирам» дар аввали байтҳои ҳабдаҳуму ҳаждаҳум, калимаҳои «нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз, чу боғи Ирам пургул» дар аввали байтҳои нуздаҳуму бистум омада, дар якҷоягӣ бо байти танаи дарахт:

Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,
Чу боғи Ирам пургулу пурнигор.

қитъаи шеърии зерин ҳосил мешавад:

**Нигаҳ** доштам дил зи ишқи бутон,
Наёмад ҳамон ҷалдии ман ба кор.
**Нигаҳ** дор дилро зи ишқи бутон,
Ки бас бевафоянду зинҳорхор.
**Нигаҳ кун,** ки ман чун шудастам зи ишқ,
Макун хештанро бад-он ихтиёр.
**Нигаҳ кун,** ки ишқам чи овард бор,
Бирусти зи дору диле бекарор.
**Нигаҳ кун бад-он** рӯю икрор дех,
Ки чун ҳури ин ҳаст-ш банда ҳазор,
**Нигаҳ кун бад-он** моҳи ҳандону бин,
Маро дар ғами ишқ маъзур дор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи** ҳамчу моҳ,
Ки аз ишқи ӯ шуд дилам бекарор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи** лолагун,
Чу моҳи шукуфта бар-ӯ лолазор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилпазир,**
Кучо дил ба як назра гирад нигор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилрабой,**
Ҳамасола бар дил рабудан сивор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфирӯз,**
Чу моҳе, ки мушкаш бувад бар канор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфирӯз,**
Фурӯзон ҳама рӯй хуршедвор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
Чу дар моҳи найсон гули комгор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
Чу ороста лӯъбати Кандаҳор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
Чу боғи шукуфта ба вақти баҳор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
Чу боғи баҳор аз дари шодхор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
Чу боғи Ирам рӯшану обдор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**

**Чу боғи Ирам** хурраму ғамгусор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
**Чу боғи Ирам пургулу** мушкбор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
**Чу боғи Ирам пургулу** кӯкнор.
**Нигаҳ кун бад-он чеҳраи дилфурӯз,**
**Чу боғи Ирам пургулу пурнигор.**

Чи тавре ки дидем, вазни ин китъа баҳри Мутақориби Мусаммани маҳфуз ё мақсур аст ва ба маврид аст қайд намоем, ки дар авзони ин баҳр асарҳои хеле машҳури адабиёти тоҷик, аз он ҷумла «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ навишта шудааст. Ҳоло барои намуна чанд байтро аз «Шоҳнома» меорем:

Замоне маёсой аз омӯхтан,
Агар чон ҳамехоҳӣ афрӯхтан.

* * *

Маёсой аз омӯхтан як замон,
Зи дониш маяфкан дил андар гумон!

* * *

Ба омӯхтан чун фурӯтан шавӣ,
Суханҳои донандагон бишнавӣ.

* * *

Биёмузу бишнав зи ҳар донише,
Ки ёбӣ зи ҳар донише ромише.

* * *

Зи ҳар донише чун сухан бишнавӣ,
Аз омӯхтан як замон нағнавӣ.

**Мушба́ъ** (ар. مشبع -сайр кардашуда), номи дигари *Мусаббағ*.

**Мушоки́л** (ар. مشاكل -монанд, ҳамшакл), номи яке аз баҳрҳои фаръии арӯз аст, ки арӯзиёни форс-тоҷик ихтироъ намудаанд. М. номидани ин баҳр аз он аст, ки рукнҳояш ба баҳри *Қариб* монанданд. Фарқаш ин аст, ки дар М. рукни фои-ло-тун / — у — — / пеш аз ду мафойлун / у — — — / ва дар баҳри Қариб баъди ду мафойлун / у — — — / ҷой гирифтааст. М. чун ҳамаи баҳрҳои фаръӣ рукни махсус надорад. Рукнҳои солими М. фои-ло-тун / — у — — /, мафойлун / у — — — /, мафойлун / у — — — /, буда, инҳоро аз ҷузви ватади мафруқи / — у / рукни сеюми доираи *Муштабаҳа*, дар шакли мусаддас / фои-ло-тун / мафойлун / мафойлун — у — — / у —



— — / у — — — / баровардан мумкин аст. Агар аз ватади мафруқ, яъне аз «лоту»-и рукни мафъӯлоту / — — — у / сар кунем, «лоту — мустаф» / — у — — /, «илунмустаф» / у — — — /, «илунмустаф» / у — — — / ҳосил мешавад, ки ба ҷои инҳо рукнҳои мустаъмали фои-ло-тун / — у — — /, мафойлун / у — — — /, мафойлун / у — — — /-ро гузорем, рукнҳои солими баҳри М. ба вуҷуд меояд. Ҳарчанд ин баҳр аз доираи арӯзи араби берун ояд ҳам, дар байни шоирони араб маъмул нест. Арӯзиёни форс-тоҷик баҳри М.-ро дар доираи сеюми арӯзи форсӣ-тоҷикӣ, яъне дар доираи *Мунтазаа* дар шакли мусаддаси мақфуф / фоилоту / мафойлу / мафойлу — у — у / у — — у / у — — у / ҷой додаанд. Рукни аввали солими М. фои-ло-тун / — у — — / аз як ватади мақруну / — у / ду сабаби хафиф / — — /, рукнҳои дуюму сеюм мафойлун / у — — — / бошад, аз як ватади маҷмӯъу / у — / ду сабаби хафиф / — — / иборат буда, дар ин рукнҳо *фосила* иштирок надорад. Аз рукнҳои солими М. ду навъи он: мусаммани солим ва мураббаъи солим ба вуҷуд меояд. Баъзе шоирон аз омехтаи зиҳофоти рукнҳои фои-ло-тун ва мафойлун шакли мусаммани М.-ро эҷод кардаанд. Барои сохтани дигар навъҳои ин баҳр аз рукни фои-ло-тун / — у — — / зиҳофи мақфуф фоилоту / — у — у / ва аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / зиҳофҳои мақфуф — мафойлу / у — — у /, мақсур — мафойл / у — ~ / ва маҳзуф — фаъулун / у — — /-ро истифода мебаранд. Ҳарчанд М. аз ҷумлаи баҳрҳои ҳиҷдкардаи арӯзиёни Аҷам аст, бо вуҷуди ин шоирони форс-тоҷик дар ин баҳр хеле кам шеър гуфтаанд. Шоирони советии тоҷик низ дар навъҳои баҳри М. хеле кам шеър сурудаанд.

Мисол: Мусаддаси солим:

Дар азобам аз он рӯзе, ки дур астӣ,
Дар ҳаётам ба чашми ман ту нур астӣ.
фои-ло-тун / мафойлун / мафойлун
— у — — / у — — — / у — — —

Мураббаъи солим:

Мулки шӯҳратфизо дорам,
Даври бенитиҳо дорам. *(Фарҳат)*
фои-ло-тун / мафойлун
— у — — / у — — —

М.-и мусаддаси махбуни мақбуз:

Ба чи монад рухони он нигори ман,
Ки ҳаметобад он рухаш чу Муштарӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)

фаилотун / мафоилун / мафоилун
у у — — / у — у — / у — у —

Мусаммани макфуфи максур:

Хезу тарфи чаман гир бо ҳарифи сумангӯй,
Гох сунбули тар чину гоҳ мохи суманбӯй. *(Чомӣ)*
фоилоту / мафойлу / мафойлу / мафойл
— у — у / у — — у / у — — у / у — ~

Мусаддаси макфуфи максур:

Ёри ғам шудаам дар шаби дайҷур,
З-он сабаб, ки нашуд рӯзи миҳан дур. *(Сайфӣ)*
фоилоту / мафойлу / мафойл
— у — у / у — — у / у — ~

Мисоли бахри М.-и мураббаъи макфуфи максур:

Рӯзгор хазон аст,
Боди сард вазон аст. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилоту / мафойл
— у — у / у — ~

Ба ақидаи муаллифи «Ал-мӯъҷам» — Шамси Қайси Розӣ бештари фахлавиёт (дубайтиҳои халқӣ) дар бахри М.-и мусаддаси мақзуф суруда мешудаанд. Пиндори Розӣ бештари шеърҳои худро ба забони дайламӣ дар навъҳои гуногуни ин бахр эҷод кардааст. Мисоли бахри М.-и мусаддаси маҳзуф:

Аҷ та ваз кардану в-аз бурдан аҷ ман,
В-аҷ та хунове додан, хӯрдан аҷ ман. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фои-ло-тун / мафойлун / фаулун
— у — — / у — — — / у — —

Баъзе арӯзиён М.-ро бахри Ахир низ меноманд, зеро рукнҳои онро аз ҷузви охирини доираи Мунтазиа ҷудо кардаанд.

М.-и мусаддаси мақбузи муханнаки маҳзуф:

Чун хаме буди мо ёлфарсояд,
Будани аз чӣ мепадид ояд? *(Носири Хисрав)*
фоилотун / мафоилун / фаълун
— у — — / у — у — / — —

Яке аз навъҳои бахри Хафиф — Хафифи мусаддаси махбуни аслам / фоилотун / мафоилун / фаълун / низ шакли афоили М.-и мусаддаси мақбузи муханнаки маҳзуфро дорад.



**Муштабаҳа́** (ар. مشتبهه -шабоҳатдор, монандшуда), дар илми адабиётшиносӣ номи яке аз доираҳои арӯзи араб (доираи чаҳорум), ки Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардааст. Ин доираро баъзе он М. меноманд, ки баъзе аркони бахрҳои он ба якдигар монанд мебошанд, мас., рукни мус-тафъи-луни / — — у — / бахри Хафифу рукни мус-тафъи-луни / — — у — / бахри Муҷтасс якхелаанд, яъне ҳарду рукн аз як сабаби хафиф / «мус» — /, як ватади мафруқ / «тафъи» — у — / ва боз як сабаби хафиф / «лун» — / иборатанд. Аммо рукнҳои мустафъилуни / — — у — / бахрҳои Сареъю Мунсареҳу Муқтазаб ҳама аз ду сабаби хафиф / «мустафъ» — — / ва як ватади маҷмӯъ / «илун» у — / таркиб ёфтаанд. Ҳамчунин рукни фои-ло-туни / — у — — / бахри Музореъ иборат аст аз як ватади мафруқу / «фои» — у / ду сабаби хафиф / «лотун» — — / ва рукнҳои фоилотуни / — у — — / бахрҳои Хафифу Муҷтасс иборатанд, аз як сабаби хафифу / «фо» — / як ватади маҷмӯъ / «нило» у — / ва боз як сабаби хафиф / «тун» — /.



Агар аз ҷузви якуми рукни аввали доира, яъне аз «мус» /—/ сар кунем, мустафъилун /— — у —/, мустафъилун /— — у —/, мафъӯлоту /— — — у/, мустафъилун /— — у —/, мустафъилун /— — у —/, мафъӯлоту /— — — у/ ба вуҷуд меояд, ки вазни як байти шеъри баҳри Сареъи мусаддаси солим; агар аз ҷузви якуми рукни дуюми доира, яъне аз «мус» /—/ сар кунем, мустафъилун /— — у —/, мафъӯлоту /— — — у/, мустафъилун /— — у —/, мустафъилун /— — у —/, мафъӯлоту /— — — — у/, мустафъилун /— — у —/ ба вуҷуд меояд, ки вазни як байти шеъри баҳри Мунсареҳи мусаддаси солим; агар аз ҷузви дуюми рукни доира, яъне аз «тафъ» /—/ сар кунем, «тафъилунмафъ» /— у — —/, «ӯлотумус» /— — у —/, «тафъилунмус» /— у — —/, «тафъилунмафъӯ» /— у — —/, «ӯлоутумус» /— — у —/, «тафъилунмус» /— у — —/ ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоилотун /— у — —/, мус-тафъи-лун /— — у —/, фоилотун /— у — —/, фоилотун /— у — —/, мус-тафъи-лун /— — у —/, фоилотунро /— у — —/ мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Хафифи мусаддаси солим; агар аз ҷузви рукни дуюми доира, яъне аз «и» /у/ сар кунем, «илунмафъӯ» /у — — —/, «лотумустафъ» /— у — —/, «илунмустафъ» /у — — —/, «илунмафъ» /у — — —/, «лотумустафъ» /— у — —/, «илунмустафъ» /у — — —/ ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафойлун /у — — —/, фои-лотун /— у — —/, мафоилун /у — — —/, мафойлун /у — — —/, фои-лотун /— у — —/, мафойлунро /у — — —/ мегузоранд, ки вазни як байти шеъри баҳри Музореъи мусаддаси солим; агар аз ҷузви якуми рукни сеюми доира, яъне аз «мафъ» /—/ сар кунем, мафъӯлоту /— — — у/, мустафъилун /— — у —/, мустафъилун /— — у —/, мафъӯлоту /— — — у/, мустафъилун /— — у —/, мустафъилун /— — у —/ ба вуҷуд меояд, ки вазни як байт шеъри баҳри Муқтазаби мусаддаси солим; агар аз ҷузви дуюми рукни сеюми доира, яъне аз «ӯ» /—/ сар кунем, «ӯлотумус» /— — у —/ «тафъилунмус» /— у — —/, «тафъилунмафъ» /— у — —/, «ӯлотумус» /— — у —/, «тафъилунмус» /— у — —/, «тафъилунмафъ» /— у — —/ ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали «мус-тафъи-лун» /— — у —/, фоилотун /— у — —/, фоилотун /— у — —/, мус-тафъи-лун /— — у —/, фоилотун /— у — —/, фоилотунро /— у — —/ мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Муҷтасси мусаддаси солимро ташкил медиҳад. Илова бар баҳрҳои боло аз доираи М. шаклҳои солими баҳрҳои Ҷадид, Қариб ва Мушокилро ба тариқи зайл берун овардан мумкин аст: агар аз ҷузви дуюми рукни аввали доира, яъне аз «тафъ» /—/ сар



кунем, «тафъилунмус» /— у — —/, «тафъилунмаф» /— у — —/, «ӯлотумус» /— — у —/, «тафъилунмус» /— у — —/, «тафъилунмаф» /— у — —/, «ӯлотумус» /— — у —/ ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустафъмали фоилотун /— у — —/, фоилотун /— у — —/, мус-тафъи-лун /— — у —/, фоилотун /— у — —/, фоилотун /— у — —/, мус-тафъи-лунро /— — у —/ мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Ҷадиди мусаддаси солим; агар аз ҷузви сеюми рукни аввали доира, яъне аз «и» /у/ сар кунем, «илунмустаф» /у — — —/, «илунмафъӯ» /у — — —/, «лотумустаф» /— у — —/, «илунмустаф» /у — — —/, «илунмафъӯ» /— у — —/, «лотумустаф» /— у — —/ ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафойлун /у — — —/, мафойлун /у — — —/, фоилотун /— у — —/, мафойлун /у — — —/, мафойлунро /у — — —/ мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Қариби мусаддаси солим; агар аз ҷузви сеюми рукни сеюми доира, яъне аз «ло» /—/сар кунем, «лотумустаф» /— у — —/, «илунмустаф» /у — — —/, «илунмафъӯ» /у — — —/, «лотумустаф» /— у — —/, «илунмустаф» /у — — —/, «илунмафъӯ» /у — — —/ ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фои-ло-тун /— у — —/, мафойлун /у — — —/, мафойлун /у — — —/, фои-лотун /— у — —/, мафъойлун /у — — —/, мафойлунро /у — — —/ мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Мушокили мусаддаси солим ҳосил мешавад. Баҳрҳои Ҷадиду Қариб у Мушокил аз доираи М. берун оянд ҳам, дар байни шоирони араб тамоман маъмул нест. Ин баҳрҳо фақат ба шеъри форсӣ-тоҷикӣ мансуб мебошанд. Рукни якуму дуюми доира — мустафъилун /— — у —/ аз ду сабаби хафиф /«мустаф» — —/ ва аз як ватади маҷмӯъ /«илун» у —/, рукни сеюми доира — мафъӯлоту /— — — у/, аз ду сабаби хафиф /«мафъӯ» — —/ ва як ватади мафрук /«лоту» — у/ иборат аст. Дар ҳар ду рукн *фосила* иштирок надорад. Арабҳо дар асли доира ашъори тамоми баҳрҳоро фақат дар шакли мусаддаси овардаанд, аммо шоирони форс-тоҷик ҳам дар шакли мусаддаси тамоми баҳрҳои доира ва ҳам дар шакли мусаммани баҳрҳои Музореъю Хафифу Муҷтассу Мунсареху Муқтазаб шеърҳо эҷод кардаанд. Баъзе арӯзшиносони форс-тоҷик мисли Муҳаммади Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам», Ваҳиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» баҳрҳои доираи М.-ро дар ду доира — баҳрҳои Мунсарех, Музореъ, Муқтазаб, Муҷтассро дар шакли мусаммани музоҳафа дар доираи Мухталифа, баҳрҳои Сареъю Хафифу Қарибу Ҷадиду Мушокилро дар шакли мусаддаси музоҳафа дар доираи Мунтазиа ҷой додаанд. Муҳам-

мад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» дар М. бахрҳои Музореъ, Муқтазаб, Муҷтасс, Мунсареҳро дар шакли мусаммани музоҳафа ҷой дода, бахрҳои Сареъю Ҷадиду Қарибу Мушокилу Хафифро дар доираи Мунтазиа, дар шакли мусаддаси музоҳафа овардааст. Алишери Навоӣ дар «Мизон-ул-авзон» тамоми бахрҳои доираи М.-ро дар доираи Муҷтамеъа ҷой додааст. Ваҳиди Табрезӣ бошад, бахрҳои Мутақорибу Мутадорикро дар доираи алоҳида оварда, онро М. номидааст.

Мисол: Сареъи мусаддаси солим:

Эй ёри ман, эй ҷони ман, аз дил нола
Имсол ҳам камтар нашуд, аз ҳарсола. (аз *«Арӯзи тоҷикӣ»*)
мустафъилун / мустафъилун / мафъӯлоту
— — у — / — — у — / — — — у

Мунсареҳи мусаддаси матвӣ:

Эй дилбари ҷонфизой, тунди макун,
Бо ошиқон хуш сарой, тунди макун. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / фоилоту / мустафъилун
— — у — / — у — у / — — у —

Хафифи мусаддаси солим:

Эй маҳи ман, нозукбадан, сарвқомат,
Май биёвар, бехуд шавам то қиёмат. (аз *«Арӯзи тоҷикӣ»*)
фоилотун / мус-тафъи-лун / фоилотун
— у — — / — — у — / — у — —

Музореъи мусаддаси солим:

Ба гетӣ — дар аз мусулмону аз кофир,
Набинад кас чун Сулаймон бини Носир. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фои-ло-тун / мафоилун
у — — — / — у — — / у — — —

Муқтазаби мусаддаси марфӯъ:

Эй саътари, бехуда то кай маро
Дорӣ ҳаме аз ҷафо андар ино. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / мустафъилун / мустафъилун
— — у / — — у — / — — у —

Муҷтасси мусаддаси солим:

Эй лӯъбате сарвқадди симсоид,
Шояд агар бо Раҳӣ бошӣ мусоид. (*Раҳӣ*)
мус-тафъи-лун / фоилотун / фоилотун
— — у — / — у — — / — у — —



Ҷадиди мусаддаси солим:

Аз чи рӯ ту рӯзи рабшан, эй моҳи ман,
Дарнишондӣ ин раҳаро дар дарду ғам? (*Зореъ*)
фоилотун / фоилотун / мус-тафъи-лун
— у — — / — у — — / — — у —

Қариби мусаддаси солим:

Самарқандӣ, ба беранги, ёри мо шав,
Макун найрангу дилтангӣ, ёри мо шав. (аз *«Арӯзи тоҷикӣ»*)
мафоилун / мафоилун / фои-лотун
у — — — / у — — —, — у — —

Мушокили мусаддаси солим:

Дар азбам аз он рӯзе, ки дур астӣ,
Дар ҳаётам ба чашми ман нур астӣ. (*халқӣ*)
фои-лотун / мафоилун / мафоилун
— у — — / у — — — / у — — —

**Муштабаҳи зоида** ( مشتبهه زائده аз *Муштабаҳа* ва زائده -зиёдшуда), дар илми адабиётшиноси номи яке аз доираҳои арӯзи форсӣ-тоҷикӣ, ки Насируддини Тусӣ дар «Меъёр-ул-ашъор» мураттаб сохтааст.

Дар ин доира рукнҳои музоҳафи бахрҳои Мунсареҳ, Музореъ, Муқтазаб, Муҷтасс ва Мӯҳмал дар шакли мусамман ҷой дода шудаанд. Агар аз ҷузви якуми рукни аввали доира, яъне аз «муф» / — / сар кунем, муфтаилун / — у у — /, фоилоту / — у — у /, муфтаилун / — у у — /, фоилоту / — у — у / ба вуҷуд меояд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Мунсареҳи мусаммани матвӣ; агар аз ҷузви сеюми рукни аввали доира, яъне аз «и» / у / сар кунем, «илунфой» / у — — /, «лотумуфта» / — у — у /, «илунфой» / у — — у /, «лотумуфта» / — у — у / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафойлу / у — — у /, фоилоту / — у — у /, мафойлу / у — — у /, фоилотуро / — у — у / мегузоранд, ки вазни як мисра шеъри бахри Музореъи мусаммани макфуф; агар аз ҷузви якуми рукни дуюми доира, яъне аз «фо» / — / сар кунем, фоилоту / — у — у /, муфтаилун / — у у — /, фоилоту / — у — у /, муфтаилун / — у у — / ба вуҷуд меояд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Муқтазаби мусаммани матвӣ; агар аз ҷузви дуюми рукни дуюми доира, яъне аз «и» / у / сар кунем, «илотумуф» / у — у — /, «таилунфо» / у у — — /, «илотумуф» / у — у — /, «таилунфо» / у у — — / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафоилун / у — у — /, фаилотун / у у — — /, мафоилун / у — у — /, фаилотунро / у у — — / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Муҷтасси мусаммани махбун; агар аз ҷузви сеюми рукни дуюми доира, яъне аз «ло» / — / сар кунем, «лотумуфта» / — у — у /, «илунфои» / у — — у /, «лотумуфта» / — у — у /, «илунфой» / у — — у / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоилоту / — у — у /, мафойлу / у — — у /, фоилоту / — у — у /, мафойлуро / у — — у / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Мӯҳмали мусаммани макфуфро ташкил медиҳад. Рукни якуму дуюми доира — муфтаилун / — у у — / аз рукни солими мустафъилун / — — у — /, рукни дуюму чаҳорумӣ доира — фоилоту / — у — у / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. Мустафъилун / — — у — / аз ду сабаби хафиф / «мустуф» — — / ва як ватади мачмӯъ / «илун» у — / иборат буда, дар рукни мафъӯлоту / — — — у / бошад, аввал ду сабаби хафиф / «мафъӯ» — — /, баъд як ватади мафрӯқ / «лоту» у — / омадааст. Дар ҳар чаҳор рукни доира *фосила* иштирок надорад.

Мисол: Мунсареҳи мусаммани матвии мавқуф:

Турки ман он хубрӯи симбару моҳрӯй,
Коматаш аз они сарву рӯй чу моҳи тамом. (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / фоилон
— у у — / — у — у / — у у — / — у ~



Музореъи мусаммани макфуфи мақсур:

Гар он турра ҳаст мушк, ба мо чун надод бӯй?
В-ар он чеҳра ҳаст моҳ, чаро даркашид рӯй? *(Сайфӣ)*
мафойлу / фоилоту / мафойлу / фоилон
у — — у / — у — у / у — — у / — у ~

Муқтазаби мусаммани матвӣ:

Боғи сабзу боди сабо нашъапарвари дили мо,
Ранги чонфизои шафақ файзбари манзили мо. *(Фарҳат)*
фоилоту / муфтаилун / фоилоту / муфтаилун
— у — у / — у у — / — у — у / — у у —

Муҷтасси мусаммани махбун:

Насими субҳи саодат бад-он нишон, ки ту дониӣ,
Гузар ба кӯи фалон кун дар он замон, ки ту дониӣ. *(Хофиз)*
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилотун
у — у — / у у — — / у — у — / у у — —

Мӯҳали мусаммани макфуф:

Кори чон зи гами ишқат, эй нигор, ба сомон
Ҳаст чун сари зулфайни дилработ парешон. (аз *«Ал-мӯъчам»*)
фоилоту / мафойлу / фоилоту / мафойлу
— у — у / у — — у / — у — у / у — — у

**Муштабаҳи музоҳафӣ** (ар. مشتبهة مزاحفه аз *муштабаҳа* ва مزاحفه зиҳофдор), дар илми адабиётшиносӣ номи яке аз доираҳои арӯзи форсӣ-тоҷикӣ, ки Насируддини Тӯсӣ дар *«Меъёр-ул-ашъор»* мураттаб сохтааст.

Дар М. м. рукнҳои музоҳафи бахрҳои Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб, Қариб, Музореъ, Хафиф ва Муҷтасс дар шакли мусаддас ҷой дода шудаанд.

Агар аз ҷузви аввали рукни якуми доира, яъне аз «муф» / — / сар кунем, муфтаилун / — у у — /, муфтаилун / — у у — /, фоилоту / — у — у / ба вуҷуд меояд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Сареъи мусаддаси матвӣ; агар аз ҷузви сеюми рукни аввали доира, яъне аз «и» / у / сар кунем, «илунмуфта» / у — — у /, «лотумуфта» / — у — у /, «илунфои» / у — — у /, «лотумуфта» / — у — у / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафойлу / у — — у /, фоилоту / — у — у /, мафойлу / у — — у /, фоилотуро / — у — у / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Қариби мусаддаси

макфуф; агар аз ҷузви якуми рукни дуюми доира, яъне аз «муф» / — / сар кунем, муфтаилун / — у у — /, фоилоту / — у — у /, муфтаилун / — у у — / ба вуҷуд меояд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Мунсарехи мусаддаси матвӣ; агар аз ҷузви дуюми рукни дуюми доира, яъне «та» / у / сар кунем, «таилунфо» / у у — — /, «илотумуф» / у — у — /, «таилунмуф» / у у — — / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фаилотун / у у — — /, мафоилун / у — у — /, фаилотунро / у у — — / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Хафифи мусаддаси махбун; агар аз ҷузви сеюми рукни дуюми доира, яъне аз «и» / у / сар кунем, «илунфон» / у — — у /, «лотумуфта» / — у — у /, «илунмуфта» / у — — у / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафойлу / у — — у /, фоилоту / — у — у /, мафойлуро / у — — у / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Музореъи макфуф; агар аз ҷузви якуми рукни сеюми доира, яъне аз «фо» / — / сар кунем, фоилоту / — у — у /, муфтаилун / — у у — /, муфтаилун / — у у — / ба вуҷуд меояд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Муҳ-



тазаби мусаддаси матвӣ; агар аз ҷузви дуюми рукни сеюми доира, яъне аз «и» / у / сар кунем, «илотумуф» / у — у — /, «таилунмуф» / у у — — /, «таилунфо» / у у — — / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафоилун / у — у — /, фаилотун / у у — — /, фаилотунро / у у — — / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Муҷтасси мусаддаси махбунро ташкил медиҳад. Рукни якуму дуюми доира — муфтаилун / — у у — / аз рукни солими мустафъилун / — — у — /, рукни сеюми он фоилоту / — у — у / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / ҳосил шудааст. Мустафъилун / — — у — / аз ду сабаби хафиф / «мустаф» — — — / ва як ватади маҷмӯъ / «илун» у — / иборат буда, дар рукни мафъулоту / — — — у / бошад, аввал ду сабаби хафиф / «мафъу» — — /, баъд як ватади мафрук / «лоту» — у / омадааст. Дар ҳар се рукни доира *фосила* иштирок надорад.

Мисол: Сареъи мусаддаси матвӣ:

Мурд Муродӣ, на ҳамоно, ки мурд.
Марги чунин хоҷа на корест хурд. *(Рӯдакӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилоту
— у у — / — у у — / — у — у

Қариби мусаддаси макфуф:

Маро чун ту ҳазорон ҳазор ҳаст,
Валекин ба ту бар ихтиёр нест. *(Хусрави Деҳлавӣ)*
мафойлу / мафойлу / фоилоту
у — — у / у — — у / — у — у

Мунсарехи мусаддаси матвӣ:

Эй ба хатохо басиру ҷалду яле,
Н-оядат аз кори зишти худ хичилӣ? *(Носири Хисрав)*
муфтаилун / фоилоту / муфтаилун
— у у — / — у — у / — у у —

Хафифи мусаддаси махбун (ибтидо — солим):

Санамо, тоқати фироқ надорам,
Ҷуз ба васли ту иттифоқ надорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фаилотун / мафоилун / фаилотун
у у — — / у — у — / у у — —

Муқтазаби мусаммани матвӣ:

Интихоби тарзи сухан ҳамрадифи сарву суман,
Маъние ба ваҷхи ҳасан шохиди муомили мо. *(Фарҳат)*
фоилоту / муфтаилун / фоилоту / муфтаилун
— у — у / — у у — / — у — у / — у у —

Муҷтасси мусаммани махбун:

Кабои махмали нилоби зарнигор бунафша,
Ба дӯши хеш кашида дар ин бахор бунафша. *(Малеҳо)*
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилотун
у — у — / у у — — / у — у — / у у — —

**Муштабаҳа́и мусаддаса́** (аз *Муштабаҳа* ва ар. مسدسة -шашгона), номи яке аз доираҳои арӯз, ки арӯзиёни форс-тоҷик баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Ин доираро барои он М. м. меноманд, ки бахрҳои онро аз доираи *Муштабаҳа* дар шакли мусаддас ҷудо карда гирифтаанд.

Дар М. рукнҳои музоҳафи бахрҳои Сареъи мусаддаси матвӣ, Ҷадиди мусаддаси махбун, Қариби мусаддаси макфуф, Хафифи мусаддаси махбун, мушокили мусаддаси макфуф ҷой дода шудаанд. Агар аз ҷузви аввали рукни якуми доираи М. м., яъне аз «муф» / — / сар кунем, муфтаилун / — у у — /, муфтаилун / — у у — /, фоилоту / — у — у / ба вуҷуд меоянд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Сареъи мусаддаси матвӣ; агар аз ҷузви дуюми рукни аввали доираи М. м., яъне аз «та» / у / сар кунем, «таилунмуф» / у у — — /, «таилунфо» / у у — — /, «илотумуф» / у — у — / ба вуҷуд меоянд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фаилотун / у у — — /, фаилотун / у у — — /, мафоилун / у — у — /-ро мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Ҷадиди мусаддаси махбун; агар аз ҷузви сеюми рукни аввали доираи М. м., яъне аз «и» / у / сар кунем, «илунмуфта» / у — — у /, «илунфои» / у — — у /, «лотумуфта» / — у — у / ба вуҷуд меоянд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафоилу / у — — у /, мафоилу / у — — у / ва фоилотуро / — у — у / гузошта, бахри Қариби мусаддаси макфуф; агар аз ҷузви дуюми рукни дуюми доираи М. м., яъне аз «та» / у / сар кунем, «таилунфо» / у у — — /, «илотумуф» / у — у — /, «таилунмуф» / у у — — / ба вуҷуд меоянд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фаилотун / у у — — /, мафоилун / у — у — /, фаилотунро / у — — / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Хафифи мусаддаси махбун; агар аз ҷузви сеюми рукни сеюми доираи М. м., яъне аз «ло» / — / сар кунем, «лотумуфта» / — у — у /, «илунмуфта» / у — — у /, «илунфои» / у — — у / ба вуҷуд меоянд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоилоту / — у — у /, мафоилу / у — — у /, мафоилуро / у — — у / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри бахри Мушокили мусаддаси макфуф; агар аз ҷузви чаҳоруми рукни аввали доираи М. м., яъне аз «лун» / — / сар кунем, «лунмуфта» / — — у /, «илунфои» / у — — у /, «лотумуфтан» / — у — у у / ба вуҷуд меоянд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафъӯлу / — — у /, мафоилу / у — — у /, фоилотуро / — у — — / гузошта, бахри Қариби мусаддаси ахраби макфуфи арӯз ва зарбаш саҳеҳ меноманд. Рукнҳои якуму дуюми доира — муфтаилун / — у у — / аз рукни асосии бахри Рачаз — мустафъилун / — — у — / ва рукни сеюми доира — фоилоту / — у — у / аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / тавассути гузаронидани амали тай (ниг. *матвӣ*) ҳосил шудааст. Рукни мустафъилун / — — у — / аз ду сабаби хафиф / «мустаф» — — / ва як ватади маҷмӯъ / «илун» у — / иборат буда, дар рукни мафъӯлоту / — — — у / бошад, аввал ду сабаби хафиф / «мафъӯ» — — /, баъд як ватади мафрук / «лоту» — у / омадааст. Дар ҳар се рукни доираи М. м. *фосила* иштирок надорад. Шамси Қайси Рони зӣ дар «Ал-мӯъҷам» ҳамин доираро *Мунтазиа* номидааст. Ин доира дар «Меъёр-ул-ашъор»-и Насируддини Тӯсӣ бо номи М. м. омадааст.

Мисол: Сареъи мусаддаси матвии мавқуф:

Мевафурӯше, ки Яман қош буд,
Рӯбаҳаке хозини колош буд. *(Низомии Ганҷавӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилон
— у у — / — у у — / — у ~

Сареъи мусаддаси матвии макшуф:

Эй дили сармаст, кучо мепарӣ?
Базми ту кӯ, бода кучо мех(в)арӣ? *(Ҷалолуддини Рӯмӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилун
— у у — / — у у — / — у —

Ин вазн, яъне баҳри Сареъи мусаддаси матвии макшуф ё мавқуф дар шеъри тоҷикӣ хеле серистеъмол аст ва маснавиҳои зиёде мисли «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ ва «Сабҳат-ул-аброр»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ҳамин вазн сохта шудааст.

Ҷадиди мусаддаси махбун:

Аҷал ар аз гили ман гул бароварад,
Гили ман боди ҳавоят бипарварад. *(Салмони Совачӣ)*
фаилотун / фаилотун / мафоилун
у у — — / у у — — / у — у —

Қариби мусаддаси мақфуфи мақсур:

Фиғон з-он сари зулфайни тобдор,
Фурӯҳишта зи ёқути обдор. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлу / мафойлу / фоилон
у — — у / у — — у / — у ~

Қариби мусаддаси ахраби макфуф:

То мулки ҷаҳонро мадор бошад,
Фармондеҳи ӯ шаҳриёр бошад. *(Анварӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / фоилотун
— — у / у — — у / — у — —

Қариби мусаддаси ахраби макфуфи маҳзуф:

Кӯ Осафи Ҷам, гӯ, биё, бубин
Бар тахти Сулаймони ростин. *(Анварӣ)*
мафъӯлу / мафойлу / фоилун
— — у / у — — у / — у —



Хафифи мусаддаси махбун (и б т и д о — с о л и м):

Санамо, тоқати фироқ надорам,
Ҷуз ба васли ту яттифоқ надорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фаилотун / мафоилун / фаилотун
у у — — / у — у — / у у — —

Хафифи мусаддаси махбуни мақсур:

Чи кунам собирӣ, чу сабр намонд,
Танам аз ранҷи собирӣ бигудохт. (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
фаилотун / мафоилун / фаилон
у у — — / у — у — / у у ~

Мушокили мусаддаси мақфуфи мақсур:

Эй нигори сияҳчашми сияҳмӯй,
Сарвқадди накӯрӯи накӯгӯй. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилоту / мафойлу / мафойл
— у — у / у — — у / у — ~

**Муштарáк** (ар. مشترك -умумӣ, шарикӣ, азони якчанд кас), номи яке аз баҳрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ (а. 11) ва диг. баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Ин баҳрро барои он М. меноманд, ки рукнҳои солими он аз рукни мобайнии доираи Мунғалата — фоилотун / — у — — / оғоз меёбад ва рукни фоилотун, дар ҳаракат, дар байни рукнҳои мафойлун / у — — — /, мус-тафъилуни / — — у — / доираи М у н ғ а л а т а муштарак аст. Рукнҳои асосии М.-ро аз ҷузви якуми рукни дуюми доираи Мунғалата — фоилотун / — у — — / ҷудо кардаанд. Агар аз ҷузви якуми рукни дуюми доираи Мунғалата, яъне аз «фо» / — / сар кунем, фоилотун / — у — — /, мус-тафъи-лун / — — / — / сар кунем, мафойлун / у — — — / ба вуҷуд меоянд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри М.-и мусаддаси солимро ташкил медиҳанд. Дар ҳар се рукни М. сабаби хафиф / — / нисбат ба ватади маҷмӯъю / у — / в а т а д и м а ф р у к / — у / зиёдтар аст. Дар ин рукнҳо фосила вуҷуд надорад. Вазни солими М. аз ҷумлаи авзони сақили арӯз ҳисоб меёбад, зеро ҳиҷоҳои дарози он нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳ бештар аст. М. баръакси баҳрҳои аслии арӯз рукни махсус надошта, дар натиҷаи омезиши рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — /, рукни солими мус-тафъи-лун / — — у — / ва рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / сохта шудааст. Шакли солими М. мусаддас буда, шаклҳои мусамману мураббаъ ва мусаннои

солими он тамоман маъмул нестанд. М. нисбат ба дигар баҳрҳои арӯзи форсӣ-тоҷикӣ камистеъмол буда, шоирони форс-тоҷик дар навъҳои мухталифи он ниҳоят кам шеър сурудаанд.

Мисол: М.-и мусаддаси солим:

Дашти Ашт аст имрӯз боғи дунёзеб,
Оби шӯраш шуд шаҳди меваи ширин. *(Мақсуди Гулчин)*
фоилотун / мус-тафъи-лун / мафойлун
— у — — / — — у — / у — — —

**Муъҷамá** (ар. معجمه -гунг), ниг. *Ҳуруфи муъҷама.*

**Муқаттáъ** (ар. مقطع -қатъшуда, буридашуда), дар илми арӯз номи дигари ҳиҷо. Ниг. *Ҳиҷо.*

**Муқаффó** (ар. مقفى -қофиядор), дар илми бадеъи классикии форс-тоҷик *байтеро* гӯянд, ки мисраъи дуюми он қофия дорад ва мисраъи якумаш бекофия мебошад. Донишмандони илми адаби гузашта қофияи мисраъи охирини байтро қофияи ҳақиқӣ ҳисоб карда, калимаеро, ки дар мисраъи якум чун ҳамвазни қофияи мисраъи дуюм меоварданд, фақат барои ҳамвазн ва монандиашон қофия номидаанд. Ба қавли баъзе донишмандони гузашта, аз он ҷумла Атоуллоҳи Ҳусайнӣ (а. 15) шеъри қофиядорро М. ва шеъреро, ки дар баробари қофия радиф дорад, М.-и мураддаф (радифдор) меномиданд.

**Муқтазáб** (ар. مقتضب буридашуда), номи яке аз баҳрҳои фаръии арӯз. Ин баҳрро барои он М. меноманд, ки онро аз баҳри *Мунсареҳ* бурида гирифтаанд. Рукнҳои асосии ин ду баҳр ба ҳам хеле монанд буда, фақат аз ҷиҳати ҷойгиршавӣ тафовут доранд. Агар дар баҳри Мунсареҳ аввал рукни мустафъилун / — — у — /, баъд рукни мафъӯлоту / — — — у / ояд, дар М. аввал рукни мафъӯлоту / — — — — у /, баъд рукни мустафъилун / — — у — / оварда мешавад. М. низ мисли дигар баҳрҳои фаръӣ рукни махсус надорад. Рукнҳои солими М. мафъӯлоту / — — — у /, мустафъилун / — — у — /, мафъӯлоту / — — — у /, мустафъилун / — — у — / буда, Халил ибни Аҳмад онро аз ҷузви сабаби хафифи аввали рукни сеюми доираи *Муштабаҳа* дар шакли мусаддас / мафъӯлоту / мустафъилун / мустафъилун — — — у / — — у — / — — у — /, ҷудо кардааст. Рукни аввали М. — мафъӯлоту / — — — у / аз ду сабаби хафиф / — — / ва як ватади мафрук / — у /, рукни дуюми он — мустафъилун / — — у — / аз ду сабаби хафиф / — — / ва як ватади маҷмӯъ / у — / иборат аст. Дар ин рукнҳо фосила иштирок надорад. Шаклҳои солими М. аз ҷумлаи вазнҳои саҳили арӯз ҳисоб мешаванд, зеро ҳиҷоҳои дарози он нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳаш бештаранд. Ҳарчанд М.-ро дар арӯзи арабӣ аз доира дар шакли мусаддас берун овардаанд, дар арӯзи тоҷикӣ дар шакли мусаммани музоҳаф / фоилоту / муфтаилун / фоилоту / муфтаилун / маъмул аст. Донишмандони илми арӯзи тоҷикӣ Шамсуддин Муҳаммад Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам», Алишери Навоӣ дар «Мизон-ул-авзон», М.-ро дар доираи Мухталифа, дар шакли мусаммани музоҳаф; Вахиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» М.-ро низ дар доираи Мухталифа, вале дар шакли мусаддаси музоҳаф, Муҳаммади Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» М.-ро дар доираи Муштабаҳа, аммо дар шакли мусаммани музоҳаф, Сайфӣ дар асари худ «Арӯзи Сайфӣ» М.-ро мисли Халил ибни Аҳмад дар доираи Муштабаҳа, дар шакли мусаддаси солим ҷой додаанду дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъи он имконияти навиштани шеърро низ таъкид кардаанд.

Аз рукнҳои солими М. се навъи он: мусаммани солим, мусаддаси солим ва мураббаъи солим ба вуҷуд меояд. Барои сохтани навъҳои дигари ин баҳр аз рукни солими мафъӯлоту / — — — у / зиҳофҳои матвӣ / фоилоту / — у — у /, маҳбул / фаилоту у у — у /, маҳбун / мафойлу / у — у — /, маҳзур / фаъ — /, марфӯъ / мафъӯлу — — у / ва аз рукни асосии баҳри Рачаз — мустафъилун / — — у — / зиҳофҳои матвӣ / муфтаилун — у у — /, музол / мустафъилон — — у ~ /, мақтӯъ / мафъӯлун — — — /, мақтӯъи мусаббағ / мафъӯлон — — ~ /, мухаллаъ / фаӯлун у — — /-ро истифода мебаранд. М. аз ҷумлаи баҳрҳои камистеъмоли арӯзи тоҷикӣ бошад ҳам, шоирони гузашта ва имрӯзаи тоҷик дар шаклҳои мусамман, мусаддас ва мураббаъи он шеър сурудаанд. Шаклҳои солими М. бениҳоят кам маъмуланд. Баъзе шоирон барои санҷиш дар шаклҳои солими М. чанд байт гуфтаанду халос.

Мисол: М.-и мусаммани солим:

Чун Марҷона аз додараш дар хар соҳа ношод шуд,
Бо як барра маъюус шуд, аз нон барра дилшод шуд.
(аз *«Арӯзи тоҷикӣ»*)
мафъӯлоту / мустафъилун / мафъӯлоту / мустафъилун
— — — у / — — у — / — — — у / — — у —

М.-и мусаммани матвӣ:

Аз суруди булбули маст омадам ба ҷӯшу хурӯш,
Ёфтам нишоту сафо, пайкарам бишуд хама хуш. *(Фарҳат)*
фоилоту / муфтаилун / фоилоту / муфтаилун
— у — у / — у у — / — у — у / — у у —

М.-и мусаммани матвии мақтӯъ:

Вақтро ғанимат дон он қадар ки битвонӣ,
Ҳосил аз ҳаёт, эй ҷон, як дам аст, то донӣ. *(Сайфӣ)*
фоилоту / мафъӯлун / фоилоту / мафъӯлун
— у — у / — — — / — у — у / — — —

Агар байти болоро ба таври:

фоилун / мафойлун / фоилун / мафойлун
— у — / у — — — / — у — / у — — —

*тақтеъ* кунем, яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаммани аштар ҳосил мешавад.

М.-и мусаммани матвии мақтӯъи мусаббағ:

Ин чӣ рангу рухсор аст? — Гулшани ҷамол аст ин!
Ин чӣ қадду рафтор аст? — Гояти камол аст ин! *(Сайидо)*
фоилоту / мафъулон / фоилоту / мафъулон
— у — у / — — ~ / — у — у / — — ~

Агар байти болоро ба таври:

фоилун / мафойлон / фоилун / мафойлон
— у — / у — — / — у — / у — — ~

*тақтеъ* намоем, яке аз навъҳои баҳри Ҳазаҷ — Ҳазаҷи мусаммани аштари мусаббағ ба вуҷуд меояд.

М.-и мусаммани махбули музол:

Зи замини поки Ватан гули меҳр рӯйидааст,
Зи насими поки Ватан гули меҳр бишкуфтааст. *(Мақсуди Гулчин)*
фаилоту / мустафъилун / фаилоту / мустафъилон
у у — у / — — у — / у у — у / — — у ~

М.-и мусаддаси марфӯъ:

Эй саътарӣ, беҳуда то кай маро
Дорӣ ҳаме аз ҷафо андар ино. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / мустафъилун / мустафъилун
— — у / — — у — / — — у —

М.-и мусаддаси манҳур:

Механдад гули лола аз кӯҳ,
Меандозад аз сина андӯҳ. *(Фарҳат)*
мафъӯлоту / мустафъилун / фаъ
— — — у / — — у — / —



М.-и мусаддаси матвии мавқуф:

Он бузургвор малик фазл кард,
Даргузашт он чи зи ман дида буд. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилоту / муфтаилун / фоилон
— у — у / — у у — / — у ~

М.-и мураббаъи матвии мақтӯъ:

Мӯсафеди пуронӣ
Меҳр кард арзонӣ. *(Фарҳат)*
фоилоту / мафъӯлун
— у — у / — — —

М.-и мураббаъи матвӣ:

Даст боздор аз дилам
В-арна чон зи тан бигсилам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилоту / мустафъилун
— у — у / — — у —

М.-и мураббаъи матвии музол:

Модарам, ки бокувват аст,
Чобук асту бокудрат аст. *(Фарҳат)*
фоилоту / мустафъилон
— у — у / — — у ~

М.-и мураббаъи матвӣ.

Турки хубрӯи маро
Гӯ, чаро на хушманиши. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилоту / муфтаилун
— у — у / — у у —

М.-и мураббаъи матвӣ (садр ва ибтидо — солим):

Метозад насими саҳар,
Меорад шамими суман. *(Фарҳат)*
мафъӯлоту / муфтаилун
— — — у / — у у —

М.-и мураббаъи махбуни матвӣ:

Ҳаме дил зи ман бибарад,
Яке дилбари сафарӣ. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафойлу / муфтаилун
у — — у / — у у —

М.-и мураббаъи мухаллаъ:

Дар оғуши дабистон,
Бо иқболи дурахшон.
Мо шодему фидокор,
Бар таъриф сазовор. *(Фарҳат)*
мафъўлоту / фаўлун
— — — у / у — —

**Муҳаззáз** (ар. محزز -кўтоҳшаванда), дар илми арўз номи зиҳофест. Ниг. *Аҳазз.*

**Муҳайяз** (ар. محيز -макон, паноҳгоҳ), дар илми бадеъ классикии форс-тоҷик шеърест ба шакли қасида, ки агар ҳарфҳои охири мисраъҳои аввалу охири байт, калимаҳои гирдогирди мураббаъи тарафи рост, калимаҳои гирдогирди тарафи чап чамъ карда шавад, мисраъ, байт, рубой, қитъа, ғазал ё қасидае бо вазни қофияи дигар ба вуҷуд меояд.

Чунон ки шоире дар ин қасида гуфтааст:

Хуш харифию шигарфй, санамо, бода биҳоҳ,
Пахзае бе маи софе манишин, умр макоҳ.
То кунам аз дилу чон васфи руху зулфи туро,
Аз барои тарабу мадҳи маю ишратгоҳ.
Хуш даро май хўр дар қасри малик хурраму шод
Зи такоббур «Лиманалмулк» чи хонй бари шоҳ.
Нарасад хуш «Лиманалмулк» дар ин қаср туро,
Агарат чанд бувад иззу фару хубию чоҳ.
Хам даҳое дамад аз домни ду зулфи ту маро,
Лутфи маддоҳии шоҳ Нусратудин доҳи илоҳ.
Он ки вақф аст бад-ў мулкаю тайнду ҷасол,
Маликуларш мар-ўро абадуддаҳр паноҳ.
Чун аён шуд адабаш, гўи ин аст адаб,
Равишаш барканад аз меҳри дили ботилхоҳ.
Ҳама чуд асту хама дониши фаррухшаҳ аз он,
То бувад мулк аз-ў бо тарабу маймунгоҳ.
Равнақи хол чунон дор зи қасри шаҳи мо,
Фарш ўву асл лола-ст ба фасли даймоҳ.
Равзи хулд аст магар з-оташи чу хулдаст салаб,
Олами иззи саодат шуда ноз-ин-т ба роҳ.
Сазадо, ноз кунад даҳр бад-ин нақл чунон
Аз паи чоҳу пан фахру шараф гоҳ ба гоҳ.
Фаррўх омад чу ба маснад, хирад омад шаҳро,
Фаррух аст, оре ки ин зиннати мулк асту сипоҳ.



Ноз бисьёр расад дар сираташ боз маро,
Е маро кардани бо ақл, ки шуд з-амр огоҳ.
К-аз чунин васф, ки ман гуфта бипурсад, к-аз дил
Оварад фахр ба ман оқил аз обин в-аз роҳ
Аҳли хулд ар шунаванд ин фани дар хулди наим,
Лаб ба ханда ҳамаро тоза кунад бахти чибоҳ
Худ ба чуз мадҳ бинагзошт басе дидам сеч,
Олам аз умри накўрўй ба фарр аз ишбоҳ.
Хоса, чун ноз дар ин мадҳ накў набувад рад,
З-он ки ҳам мадҳи кулаҳдор бувад мадҳи кулоҳ
Ҳар ки з-ин мадҳ нашуд шоду турушрўй шуд ў,
Возеҳаш ханчари шоҳ аст зи роҳи инбоҳ.
Ҳар чи радиян пайдо зи дил омад бари мо,
Аз ҳама зўҳду намоз аст, гуноҳ аст гуноҳ.
Карда овора ба офоқ дароз сози чидол,
Лашкараш мар умароро ба гаҳи бодафрох.
Шаҳ Фаридунсифат аст, орею хасмаш Заххоқ,
Носеҳаш шермисол омаду хосид рўбоҳ.
То бувад санъати тавшеҳ зи тазмин бехтар,
Адли шаҳ бод мувашшаҳ ба дуо аз афвоҳ.
Фалакаш гуфта, ки ин аст ба ҳақ шоҳ мудом,
Малакаш гуфта, ки ин аст намак, бе икроҳ.

Вазни як қасида Рамали мусаммани махбуни маҳзуф (мақсур) — фоилотун / фоилотун / фоилотун / фаилун / аст.

Агар харфҳои охири мисраъҳои аввали ин қасидаро чамъ кунем, мувофиқи араби мисраъи:

Ҳазар бино биноул мачд в-алкарам;

агар ҳарфҳои аввали мисраъҳои дуюми қасидаро чамъ намоем, мувофиқи навишти араби мисраъи:

Ло зола муртафиан фй-лиззун инам;

агар калимаҳои миёни мисраъҳои аввалро то оғози мураббаъи дарозрўя чамъ кунем, мисраъи:

Фи васфи қасрил малик дома мулкуҳу;

агар калимаҳои гирдогирди мураббаъи тарафи дасти рости мисраъҳои аввалро чамъ кунем, рубоии зерин дар баҳри Хазаҷи мусаммани ахраби мақбузи азалл:

Гўи хама холи хўлд ноз омад боз,
К-аз хулд ба чуз ноз нашуд пайдо роз,
Ин фаррухи қасри хулди накд омад боз,
К-аз хулд басе накўтараш омад боз;
мафъўлу / мафоилун / мафойлун / фоъ
— — у / у — у — / у — — — / —

агар калимаҳои гирдогирди мураббаъи тарафи дасти чапи мисраъҳои дуюмро ҷамъ кунем, рубоии зерин дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи мақфуфи маҷбуб ҳосил мешавад:

Меҳри малик асли иззу ҷоҳ аст маро,
Фахри ҳама умр мадҳи шоҳ аст маро.
Дил бо тараб асту нозгоҳ аст маро
В-аз бахт ба фарри мадҳ роҳ аст маро.
мафъўлу / мафоилун / мафойлу / фаал
— — у / у — у — / у — — у / у —

**Мухда́с** (ар. محدث -нав пайдошуда, нав), дар илми арўз номи дигари баҳри *Мутадорик*.

**Муҷамма́ъ** (ар. مجمع -ҷамъшуда), дар илми бадеъи классикӣ байтеро гўянд, ки дар он амали таҷмеъ омада бошад. Нигр. низ *Таҷмеъ*.

**Муҷталиба́**, Муҷталаба (ар. مجتلبه -ҷалбкунанда, кашанда), дар илми адабиётшиносӣ номи яке аз доираҳои арўзи араб (доираи сеюм), ки Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардааст. Ин доираро барои он М. меноманд, ки рукнҳои онро аз






доираҳои *Мухталифа* гирифтаанд, яъне мафойлунро / у — — — / аз баҳри Тавил, мустафъилунро / — — у — / аз баҳри Басит, фоилотунро / — у — — / аз баҳри Мадид. Сабаби дигари М. ном гирифтани ин доира дар он аст, ки баҳрҳои ин доира навъҳои зиёд доранд.

Агар аз ҷузви якуми рукни аввали доира, яъне аз «ма» / у / сар кунем, шашто мафойлун / у — — — / ба вуҷуд меояд, ки вазни як байти шеъри баҳри Ҳазаҷи мусаддаси солим; агар аз ҷузви сеюми рукни аввали доира, яъне аз «й» / — / сар кунем, «йлунмафо» / — — у — /, «йлунмафо» / — — у — /, «йлунмафо» / — — у — /, «йлунмафо» / — — у — /, «йлунмафо» / — — у — /, «йлунмафо» / — — у — / ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мустафъилун / — — у — /, мустафъилун / — — у — /, мустафъилун / — — у — /, мустафъилун / — — у — /, мустафъилун / — — у — /, мустафъилунро / — — у — / мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Раҷази мусаддаси солим; агар аз ҷузви чоруми рукни аввали доира, яъне аз «лун» / — / сар кунем, «лунмафой» / — у — — /, «лунмафой» / — у — — /, «лунмафой» / — у — — /, «лунмафой» / — у — — /, «лунмафой» / — у — — /, «лунмафой» / — у — — / ҳосил мешавад ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоилотун / — у — — /, фоилотун / — у — — /, фоилотун / — у — — /, фоилотун / — у — — /, фоилотун / — у — — /, фоилотунро / — у — — / мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Рамали мусаддаси солимро ташкил медиҳад. Рукни асосии доира — мафойлун / у — — — / буда, аз як ватади маҷмўъ / «мафо» у — / ва ду сабаби хафиф / «йлун» — — / иборат аст. Дар ин руки фосила иштирок надорад. Арабҳо дар асли доира баҳрҳоро фақат дар шакли мусаддас овардаанд. Баъзе арузшиносони форсу-тоҷик, мисли Шамсуддини Муҳаммади Қайси Розӣ дар «Ал-мўъҷам», Сайфӣ дар «Арўзи Сайфӣ», Ваҳиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» ва дигарон баҳрҳои Ҳазаҷу Раҷазу Рамалро дар доираи *Мўъталифа*, дар шакли мусаммани солим ҷой додаанд. Муҳаммад Гиёсуддин бошад, дар «Ғиёс-ул-луғот» се баҳри зикршударо дар доираи М., аммо на дар шакли мусаддаси солим, балки дар шакли мусаммани солим ғунҷонидааст.

Мисол: Ҳазаҷи мусаддаси мақбуз:

Зи қалби поку рўҳи пурчилои мо,
Дуруди мо ба ҳизби раҳнамои мо. (*Лоҳутӣ*)
мафоилун / мафоилун / мафоилун
у — у — / у — у — / у — у —

Рамали мусаддаси солим:

Ҳаргизат одат набуд, ин бевафой,
Ғайр аз ин навбат, ки дар пайванди мой. *(Авҳадӣ)*
фоилотун / фоилотун / фоилотун
— у — — / — у — — / — у — —

Рачази мусаддаси солим:

Пеш ор, сокӣ, он май чун рангро,
То мо барандозем ному нангро. *(Авҳадӣ)*
мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун
— — у — / — — у — / — — у —

**Муҷталибаи зоидаи музоҳафа** (ар. مجتلبة زائدة مزاحفه аз *Муҷталиба*, زائده -зиёдшуда ва مزاحفه -зиҳофдор), дар илми адабиётшиносӣ номи яке аз доираҳои арӯзи форсӣ-тоҷикӣ, ки Насируддини Тӯсӣ дар *«Меъёр-ул-ашъор»* мураттаб сохтааст.




Дар М. з. м. рукнҳои музоҳафи баҳрҳои Ҳазаҷу Рамалу Рачаз дар шакли мусаммани макфуфу махбуну матвӣ ҷой дода шудаанд. Агар аз ҷузви якуми рукни аввали доира, яъне аз «ма» / у / сар кунем, мафойлу / у — — у /, мафойлу / у — —



у /, мафойлу / у — — у /, мафойлу / у — — у / ба вуҷуд меояд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Ҳазаҷи мусаммани макфуф; агар аз ҷузви сеюми рукни аввали доира, яъне аз «й» / — / сар кунем, «йлумафо» / — у у — /, «йлумафо» / — у у — /, «йлумафо» / — у у — /, «йлумафо» / — у у — / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали муфтаилун / — у у — /, муфтаилун / — у у — /, муфтаилун / — у у — /, муфтаилунро / — у у — / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Рачази мусаммани матвӣ; агар аз ҷузви чоруми рукни аввали доира, яъне аз «лу» / у / сар кунем, «лумафой» / у у — — /, «лумафой» / у у — — /, «лумафой» / у у — — /, «лумафой» / у у — — / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фаилотун / у у — — /, фаилотун / у у — — /, фаилотун / у у — — /, «фаилотунро» / у у — — / мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Рамали мусаммани махбунро ташкил медиҳад. Рукни асосии доира — мафойлу / у — — у / аз рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафойлун / у — — — / ба вуҷуд омадааст. Мафойлун / у — — — / аз як ватади маҷмӯъ / «мафо» у — / ва ду сабаби хафиф / «йлун» — — / иборат аст. Дар ин руки фосила иштирок надорад.

Мисол: Ҳазаҷи мусаммани макфуф:

Туро лаъли шаккаррезу маро чашми гуҳарбор,
Туро ханда бувад хӯю маро гирья бувад кор. *(Ҷомӣ)*
мафойлу / мафойлу / мафойлу / мафойлу
у — — у / у — — у / у — — у / у — — у

Рамали мусаммани махбун:

Пеши мо расми шикастан набувад аҳду вафоро,
Аллаҳ-аллаҳ, ту фаромӯш макун сӯҳбати моро. *(Саъдӣ)*
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаилотун
— у — — / у у — — / у у — — / у у — —

Рачази мусаммани матвӣ:

Мешукуфад гул ба чаманҳо зи насими саҳарӣ,
Вах, чи шавад, гар нафасе паҳлуи мо бода х(в) арӣ. *(Сайфӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / муфтаилун / муфтаилун
— у у — / — у у — / — у у — / — у у —

**Муҷталибаи музоҳафа** (аз *Муҷталиба* ва مزاحفه -зиҳофдор), ниг. *Муҷталибаи зоидаи музоҳафа.*

**Муҷталибаи солима** ( مجتلبة سالمه аз *Муҷталиба*

ва ар. سالمه -аслӣ), дар илми адабиётшиносӣ номи яке аз доираҳои арӯзи форсӣ-тоҷикӣ, ки Насируддини Тӯсӣ дар *«Меъёр-ул-ашъор»* мураттаб сохтааст.

Дар М. с. рукнҳои асосии баҳрҳои Ҳазаҷу Рачазу Рамал дар шакли мусаммани солим ҷой дода шудаанд. Агар аз ҷузви якуми рукни аввали доира, яъне аз «ма» / у / сар кунем, мафойлун / у — — —/, мафойлун / у — — —/, мафойлун / у — — —/, мафойлун / у — — —/ ба вуҷуд меояд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Ҳазаҷи мусаммани солим; агар аз ҷузви сеюми рукни аввали доира, яъне аз «й» / — / сар кунем, «йлунмафо» / — — у —/, «йлунмафо» / — — у —/, «йлунмафо» / — — у —/, «йлунмафо» / — — у —/ ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мустафълун / — — у —/, мустафълун / — — у —/, мустафълун / — — у —/, мустафълун / — — у —/-ро мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Рачази мусаммани солим; агар аз ҷузви чаҳоруми рукни аввали доира, яъне аз «лун» / — / сар кунем, «лунмафой» / — у — —/, «лунмафой» / — у — —/, «лунмафой» / — у — —/, «лунмафой» / — у — —/ ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мус-



таъмали фоилотун / — у — —/, фоилотун / — у — —/, фоилотун / — у — —/, фоилотун / —у — —/ мегузоранд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри Рамали мусаммани солимро ташкил медиҳад. Бисьёр арӯздонони форс-тоҷик мисли Шамсуддини Муҳаммади Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам», Ваҳиди Табрезӣ дар «Ҷамъи Мухтасар», Сайфӣ дар «Арӯзи Сайфӣ» ва диг. бар хилофи Насируддини Тӯсӣ баҳрҳои Ҳазаҷу Рачазу Рамалро дар шакли мусаммани солим дар доираи *Мӯъталифа* ҷой додаанд. Рукни асосии доира — мафойлун / у — — —/ буда, аз як ватади маҷмӯъ / «мафо» у —/ ва ду сабаби хафиф / «йлун» — —/ сохта шудааст. Дар ин руки фосила вуҷуд надорад.

Мисол: Ҳазаҷи мусаммани солим:

Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯсттар доранд,
Ҷавононӣ саодатманд панди пири доноро. *(Ҳофиз)*
мафойлун / мафойлун / мафойлун / мафойлун
у — — —/ у — — —/ у — — —/ у — — —

Рамали мусаммани солим:

Ин нафас дар зиндагонӣ фориғ аз кӯшиш набудам,
Ё шино дар хун намудам, ё ғазал аз гул сурудам. *(Лоҳутӣ)*
фоилотун / фоилотун / фоилотун / фоилотун
— у — —/ — у — —/ — у — —/ — у — —

Рачази мусаммани солим:

Дар рафтани ҷон аз бадан гӯянд ҳар навъе сухан,
Ман худ ба чашми хештан дидам, ки ҷонам меравад. *(Саъдӣ)*
мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун
— — у —/ — — у —/ — — у —/ — — у —

**Муҷтамеъа́** (ар. مجتمعه -ҷамъшуда, фароҳамшуда), дар илми адабиётшиносӣ номи яке аз доираҳои арӯз, ки Алишери Навоӣ дар «Мизон-ул-авзон» мураттаб кардааст. Ин доираро барои он М. меноманд, ки дар он рукнҳои солими баҳрҳои Музореъ, Ҷадид, Мушокил, Қариб, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Муқтазаб ва Мунсареҳро дар шакли мусаддаси солим ҷамъ овардаанд.

Агар аз ҷузви якуми рукни аввали доира, яъне аз «мус» / — / сар кунем, мустафълун / — — у —/, мустафълун / — — у —/, мафъӯлоту / — — — у /, мустафълун / — — у —/,




мустафъилун / — — у —/, мафъўлоту / — — — у / ба вуҷуд меоянд, ки вазни як байт шеъри баҳри Сареъи мусаддаси солим; агар аз ҷузви дуюми рукни аввали доира, яъне аз «тафъ» / — / сар кунем, «тафъилунмус» / — у — —/, «тафъилунмаф» / — у — —/, «ўлотумус» / — — у —/, «тафъилунмус» / — у — —/, «тафъилунмаф» / — у — —/, «ўлотумус» / — — у —/ ба вуҷуд меоянд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоилотун / — у — —/, фоилотун / — у — —/, мус-тафъи-лун / — — у —/, фоилотун / — у — —/, фоилоту / — у — —/, мустафъи-лунро / — — у —/ мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Ҷадиди мусаддаси солим; агар аз ҷузви сеюми рукни аввали доира, яъне аз «и» / у / сар кунем, «илунмустаф» / у — — —/, «илунмафъў» / у — — —/, «лотумустаф» / — у — —/, «илунмустаф» / у — — —/, «илунмафъў» / у — — —/, «лотумустаф» / — у — —/ ба вуҷуд меоянд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафойлун / у — — —/, мафойлун / у — — —/, фоилотун / — у — —/, мафойлун / у — — —/, ма-



фойлун / у — — —/, фоилотунро / — у — —/ мегузоранд, ки вазни як байти шеъри баҳри Қариби мусаддаси солим; агар аз ҷузви якуми рукни дуюми доира, яъне аз «мус» / — / сар кунем, мустафъилун / — — у —/, мафъўлоту / — — — у /, мустафъилун / — — у —/, мустафъилун / — — у —/, мафъўлоту / — — — у /, мустафъилун / — — у — / ба вуҷуд меоянд, ки вазни як байт шеъри баҳри Мунсареҳи мусаддаси солим; агар аз ҷузви дуюми рукни доира, яъне «тафъ» / — / сар кунем, «тафъилунмаф» / — у — —/, «ўлотумус» / — — у —/, «тафъилунмус» / — у — —/, «тафъилунмаф» / — у — —/, «ўлотумус» / — — у —/, «тафъилунмус» / — у — —/ ба вуҷуд меоянд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фоилотун / — у — —/, мус-тафъи-лун / — — у —/, фоилотун / — у — —/, фоилотун / — у — —/, мус-тафъи-лун / — — у —/, фоилотун / — у — —/-ро мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Хафифи мусаддаси солим; агар аз ҷузви сеюми рукни дуюми доира, яъне аз «и» / у / сар кунем, «илунмафъў» / у — — —/, «лотумустаф» / — у — —/, «илунмустаф» / у — — —/, «илунмафъў» / у — — —/, «лотумустаф» / — у — —/, «илунмустаф» / у — — —/ ба вуҷуд меоянд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мафойлун / у — — —/, фои-ло-тун / — у — —/, мафойлун / у — — —/, мафойлун / у — — —/, фои-ло-тун / — у — —/, мафойлунро / у — — —/ мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Музореъи мусаддаси солим; агар аз ҷузви якуми рукни сеюми доира, яъне аз «мафъ» / — / сар кунем, «мафъўлоту» / — — — у /, мустафъилун / — — у —/, мустафъилун / — — у —/, мафъўлоту / — — — у /, мустафъилун / — — у —/, мустафъилун / — — у —/ ба вуҷуд меоянд, ки вазни як байт шеъри баҳри Муқтазаби мусаддаси солим; агар аз ҷузви дуюми рукни сеюми доира, яъне аз «ў» / — / сар кунем, «ўлотумус» / — — у —/, «тафъилунмус» / — у — —/, «ўлотумус» / — — у —/, «тафъилунмафъ» / — у — —/, «тафъилунмус» / — у — —/, «тафъилунмафъ» / — у — —/ ба вуҷуд меоянд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали «мустафъи-лун» / — — у —/, фоилотун / — у — —/, фоилотун / — у — —/, мус-тафъи-лун / — — у —/, фоилотун / — у — —/-ро мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Муҷтасси мусаддаси солим; агар аз ҷузви сеюми рукни доира, яъне аз «ло» / — / сар кунем, «лотумустаф» / — у — —/, «илунмустаф» / у — — —/, «илунмафъў» / у — — —/, «лотумустаф» / — у — —/, «илунмустаф» / у — — —/, «илунмафъў» / у — — —/ ба вуҷуд меоянд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали фои-ло-тун / — у — —/, мафойлун / у — — —/, мафойлун / у — — —/, фои-ло-тун / — у — —/, ма-

фойлун / у — — —/, мафойлунро / у — — —/ мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Мушокили мусаддаси солим ҳосил мешавад. Баҳрҳои Ҷадиду Қарибу Мушокил аз доираи М. берун оянд ҳам, дар байни шоирони араб маъмул нестанд. Рукни якуму дуюми доира — мустафъилун / — — у —/ аз ду сабаби хафиф /«мустаф» — —/, ва як ватади маҷмӯъ /«илун» у —/, рукни сеюми доира — мафъӯлоту / — — — у/ аз ду сабаби хафиф /«мафъӯ» — —/ ва як ватади мафруқ /«лоту» — у/ иборат аст. Дар ҳар ду рукн фосила иштирок надорад.

Мисол: Сареъи мусаддаси матвии макшуф:

Дида ба меҳроб ниҳодан чӣ суд?
Дил ба Бухорову бутони Тироз. *(Рӯдакӣ)*
муфтаилун / муфтаилун / фоилон
— у у —/— у у —/— у ~

Ҷадиди мусаддаси солим:

Эй нигоринрӯй дилбар, кам кун ситам,
К-ин дили ман бе рухи ту пур шуд зи ғам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилотун / фоилотун / мус-тафъи-лун
— у — —/— у — —/— — у —

Қариби мусаддаси макфуфи мақсур:

Маро чун ту ҳазорон ҳазор ҳаст,
Валекин ба ту бар ихтиёр нест. *(Хусрав)*
мафойлу / мафойлу / фоилон
у — — у/ у — — у/— у ~

Мунсареҳи мусаддаси матвӣ:

Эй дилбари чонфизой, тундӣ макун,
Бо ошиқон хуш сарой, тундӣ макун. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мустафъилун / фоилоту / мустафъилун
— — у —/— у — у/— — у —

Хафифи мусаддаси махбуни мақсур:

Эй куҳангашта дар сарои ғурур,
Хӯрда бисьёр солҳову шуҳур. *(Носири Хисрав)*
фоилотун / мафойлун / фаилон
— у — —/ у — у —/ у у ~



Музореъи мусаддаси мақбуз:

Ҳамекунам мехрубонӣ ба чои ту,
Ҷафо макун, гар тавонӣ ба чои ман. (аз *Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фоилотун / мафойлун
у — у —/ — у — —/ у — у —

Муқтазаби мусаддаси марфӯъ:

Эй Саътарӣ, беҳуда то кай маро,
Дорӣ ҳаме аз ҷафо андар ино? (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафъӯлу / мустафъилун / мустафъилун
— — у/— — у —/— — у —

Муҷтасси мусаддаси махбун (зарб — музол):

Дилам бибурдӣ, эй ёри бебаҳо,
Баҳо бинёру лабонро ба ман супор. (аз *«Меъёр-ул-ашъор»*)
мафоилун / фаилотун / мафоилун
у — у —/ у у — —/ у — у —

Мушокили мусаддаси солим:

Дар азобам аз он рӯзе, ки дур астӣ,
Дар ҳаётам ба чашми ман нур астӣ. *(Халқӣ)*
фои-ло-тун / мафойлун / мафойлун
— у — —/ у — — —/ у — — —

**Муҷтáс(с)** (ар. مجتث -аз бех баркандашуда), номи яке аз баҳрҳои фаръии арӯз. Ин баҳрро барои он М. меноманд, ки шакли мусаддаси онро аз баҳри Хафиф барканда гирифтаанд. Шакли мусаддаси рукнҳои М. ва рукнҳои солими баҳри Хафиф ба ҳам монанд буда, фақат аз ҷиҳати ҷойгиршавиашон тафовут доранд. Агар дар баҳри Хафиф рукни мус-тафъи-лун / — — у —/ дар байни ду фоилотун / — у — —/ омада бошад, дар М. рукни мус-тафъи-лун / — — у —/ бар ҳар ду фоилотун / — у — —/ муқаддам аст. М. низ мисли дигар баҳрҳои фаръӣ рукни махсус надорад. Рукнҳои солими М. мус-тафъи-лун / — — у —/, фоилотун / — у — —/, мустафъи-лун / — — у —/, фоилотун / — у — —/ буда, Халил ибни Аҳмад онро аз ҷузви сабаби хафифи дуюми рукни сеюми доираи арӯзи арабӣ, яъне аз доираи *Муштабаҳа* дар шакли мусаддаси солим ҷудо кардааст. Агар аз ҷузви сабаби хафифи дуюми рукни сеюми доира, яъне «ӯ»-и рукни мафъӯлоту,

/ — — — у / сар кунем, «ӯлотумус» / — — у — /, «тафъилунмус» / — у — — /, тафъилунмус / — у — — / ҳосил мешавад, ки ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мус-тафъи-лун / — — у — /, фоилотун / — у — — /, фоилотунро / — у — — / гузорем, рукнҳои солими баҳри М. ба вуҷуд меояд. Агар М.-ро дар арӯзи арабӣ аз доира дар шакли мусаддас берун оварда бошанд, дар арӯзи тоҷикӣ дар шакли мусамман / мус-тафъилун / фоилотун / мус-тафъи-лун / фоилотун / маъмул аст. Донишмандони илми арӯзи тоҷикӣ Шамсуддин Муҳаммад Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам», М.-ро дар доираи Мухталифа дар шакли мусаммани музоҳаф, Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» мисли Халил ибни Аҳмад М.-ро дар доираи Муштабаҳа, вале дар шакли мусаммани музоҳаф, Алишер Навоӣ дар «Мизон-ул-авзон» М.-ро дар доираи Мухталифа дар шакли мусаммани музоҳаф, Вахиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» М.-ро дар доираи Мухталифа дар шакли мусаддаси музоҳаф, Сайфӣ дар асари худ «Арӯзи Сайфӣ» М.-ро дар доираи Муштабаҳа дар шакли мусаддаси солим ҷой додаанду дар шаклҳои мусамман ва мураббаъ имконияти таълифи шеърро низ таъкид кардаанд. Рукни аввали М. — мустафъи-лун / — — у — / аз як сабаби хафиф / — /, як ватади мафруқ / — у / ва боз як сабаби хафиф / — /, рукни дуюми он фоилотун / — у — — / аз як сабаби хафиф / — /, як ватади маҷмӯъ / у — / ва боз як сабаби хафиф / — / иборат аст, дар ин рукнҳо фосила иштирок надорад. Шаклҳои солими М. аз ҷумлаи вазнҳои сақили арӯз ҳисоб мешаванд, зеро дар онҳо ҳиҷоҳои дароз нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳ бештаранд. Аз рукнҳои солими М. се навъи он: мусаммани солим, мусаддаси солим ва мураббаъи солим ба вуҷуд меояд. Барои сохтани навъҳои дигари ин баҳр аз рукни мус-тафъи-лун / — — у — / зиҳофҳои махбун / мафоилун у — у — /, марфӯъ / фоилун — у — /, машкул / мафоилу у — у у / ва аз рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — / зиҳофҳои махбун / фаилотун у у — — /, махбуни мақсур / фаилон у у ~ /, махбуни маҳзуф / фаилун у у — /, машкул / фаилоту / у у — у /, аслам ( صلم ) / фаълун — — /, аслами мусаббағ / фаълон — ~ /, мушаасс / мафъӯлун — — — /, мақсур / фоилон — у ~ /, мушаасси мусаббағ / мафъӯлон — — ~ /, маҷҳуф / фаъ — /, маҷҳури мусаббағ / фоъ ~ /, махбуни мусаббағ / фаилиён у у — ~ /, мувассаъ / мафоилотун у — у — — /, музаффо / мафоилиён / у — у — ~ /-ро истифода мебаранд. М. аз ҷумлаи баҳрҳои серистеъмоли арӯзи тоҷикӣ буда, аз омезиши рукнҳои солим ва зиҳофҳои онҳо дар шаклҳои мусамману мусаддасу мураббаъ навъҳои зерини он сохта мешаванд. Шаклҳои солими М. каммаъмуланд. Мисол: М.-и мусаммани солим:



Эй зулфи ту аз ҷаҳолат дар гарданам банди маҳкам,
Раҳме надорӣ ту, ҷоно, зулми ту нашуд бар ман кам.
мус-тафъи-лун / фоилотун / мус-тафъи-кун / фоилотун.
— — у — / — у — — / — — у — / — у — —

М.-и мусаддаси солим:

Эй лӯъбате сарвқади симсоид,
Шояд агар бо Раҳӣ бошӣ мусоид.
мус-тафъи-лун / фоилотун / фоилотун
— — у — / — у — — / — у — —

М.-и мураббаъи солим:

Ёро, ба ман меҳрубонӣ,
Лекин диламро ту донӣ. (аз «*Ал-мӯъҷам*»)
мус-тафъи-лун / фоилотун
— — у — / — у — —

М.-и мусаммани махбуни мақсур:

Миёни олиму ҷоҳил ҳамин қадар фарқ аст,
Ки ӯ кашиданнон асту ин гусастамиҳор. (*Абтарии Бадахшӣ*)
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фоилон
у — у — / у у — — / у — у — / — у ~

М.-и мусаммани маҳзуф:

Сабо, ба лутф бигӯ он ғизоли раъноро,
Ки сар ба кӯху биёбон ту додай моро. (*Ҳофиз*)
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилун
у — у — / у у — — / у — у — / у у —

М.-и мусаммани махбун:

Қадом гул, ки ба хубӣ зи бағ руста барояд,
Миён ба хидмати ту баста бандавор барояд. (*Аёнӣ*)
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилотун
у — у — / у у — — / у — у — / у у — —

М.-и мусаммани махбуни мақсур:

Дило на ишқ, на оташ, на офтобу замин,
Надорад ин ҳама кудрат, ки халқ бо Ленин. *(М. Раҳимӣ)*
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилон
у — у — / у у — — / у — у — / у у ~

М.-и мусаммани махбуни аслами мусаббағ:

Зи номаат шудам он гуна шод, к-ин ашъор,
Ба рӯи сафҳа равон ҳамчу об меояд. *(Лоҳутӣ)*
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаълон
у — у — / у у — — / у — у — / — ~

М.-и мусаммани махбуни аслам:

Мушавваш аст дилам аз карашмаи Салмо,
Чунон ки хотири Мачнун зи турраи Лайло. *(Рӯдакӣ)*
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаълун
у — у — / у у — — / у — у — / — —

М.-и мусаммани махбуни мусаббағ:

Дилам, ки сӯхт зи ишқат, чароғи чони ман аст он,
Ғубор, к-аз ту расад, нури дидагони ман аст он. *(Сайфӣ)*
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаилиён
у — у — / у у — — / у — у — / у у — ~

М.-и мусаддаси махбуни мувассаъ:

Асири ғамзаи он рӯи чун анорам,
Бикард фуркати ӯ талх рӯзгорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фаилотун / мафоилотун
у — у — / у у — — / у — у — —

М.-и мусаддаси махбуни музаффо:

Бикост собирию оби дида бифзуд,
Дил аз нишот тихӣ гашт, тан бифарсуд. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фаилотун / мафоилиён
у — у — / у у — — / у — у — ~

М.-и мураббаъи махбун:

Қушода рохи дабистон
Мисоли субҳ дурахшон. *(Фарҳат)*
мафоилун / фаилотун
у — у — / у у — —



М.-и мураббаъи махбуни мақсур:

Дилам ба ту ҳаст шод,
Туро зи ман нест ёд. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фоилон
у — у — / — у ~

М.-и мусаммани махбуни мушаасси маҳҳуф:

Сиёҳчашмо, ни дил чӣ гуна бурдӣ?
Кунун, ки бурдӣ, боре бад-ӯ чӣ кардӣ? (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / мафъӯлун / мафоилун / фаъ
у — у — / — — — / у — у — / —

М.-и мусаммани махбуни мушаасси аслами мусаббағ (ҳашви якуми мисраъи дуюм — махбун):

Дарегам ояд хондан газофвор ду ном,
Бузургвор ду ном аз газоф хонад ом. *(Рӯдакӣ)*
мафоилун / мафъӯлун / мафоилун / фаълон
у — у — / — — — / у — у — / — ~

М.-и мусаммани махбуни маҳҳуф:

Асири меҳнати он рӯи чун нигорам,
Бикард фуркати ӯ талх рӯзгорам. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фаъ
у — у — / у у — — / у — у — / —

М.-и мусаммани махбуни маҳҳуфи мусаббағ:

Бикост собирию оби дида бифзуд,
Дил аз нишот тихӣ гашту тан бифарсуд. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фаилотун / мафоилун / фоъ
у — у — / у у — — / у — у — / ~

Баъзе арӯзиён байтеро, ки барои М.-и мусаммани махбуни маҳҳуф мисол овардем, ба таври мафоилун / у — у — /, фаилотун / у у — — /, мафоилотун / у — у — — / у — у — /, фаилотун / у у — — /, мафоилотон / у — у — ~ / тақтеъ карда, М.-и мусаддаси махбуни мувассаъ ё зарби мувассаъ ва байти мисоли бахри М.-и мусаммани махбуни маҳҳуфи мусаббағро ба таври мафоилун / у — у — /, фаилотун / у у — — /, мафоилотон / у — у — ~ / тақтеъ намуда, М.-и мусаддаси музаффо ё зарби музаффо мехонанд.

М.-и мусаммани машкул:

Туро дили ман, нигоро, ба ҳеҷ намегирояд,
Аз он ҷиҳат аст, нигоро, ки дарди дилам физояд. (аз *Ал-мӯъҷам»*)
мафоилу / фоилотун / мафоилу / фоилотун
у — у у / — у — — / у — у у / — у — —

Агар ин байтро ба тарзи мафоилатун / у — у у — /, фаӯлун / у — — /, мафоилатун / у — у у — /, фаӯлун / у — — / тақтеъ кунем, вазни баҳри Вофири мусаммани мақтуф ба вуҷуд меояд. М.-и мусаммани махбуни машкули аслам:

Шаби сиёҳ бад-он зулфакони ту монад,
Сапеди рӯз ба покии рухони ту монад. (*Дақиқӣ*)
мафоилун / фаилотун / мафоилу / фаълун
у — у — / у у — — / у — у у / — —

М.-и мусаммани махбуни машкули махбуни мақсур (ҳашви дуюми мисраъи якум: — солим, зарб — аслам):

Ду чашми оҳую ду наргиси шукуфта ба бор,
Дурусту рост бад-он чашмакони ту монад. (*Дақиқӣ*)
мафоилун / фаилотун / мафоилу / фаилон
у — у — / у у — — / у — у у / у у ~

М.-и мусаммани махбуни машкули аслами муъаббағ (ҳашви дуюми мисраъи якум — солим, зарб — аслам):

Туро ба сарвини боло киёс натвон кард,
Ки сарвро каду боло бад-они ту монад. (*Дақиқӣ*)
мафоилун / фаилотун / мафоилу / фаълон
у — у — / у у — — / у — у у / — ~

М.-и мусаддаси марфӯъ (ҳашви мисраъи дуюм — матвӣ):

Эй санам, май биёру боз борбат,
Мурғи мусамман биёру боз бар бат. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
фоилун / фоилотун / фоилотун
— у — / — у — — / — у — —

М.-и мусаддаси махбуғ:

Баҳор буд ба чашмам хазону дай,
Ки шод буд ба рӯям нигори ман. (аз *«Ал-мӯъҷам»*)
мафоилун / фаилотун / мафоилун
у — у — / у у — — / у — у —



М.-и мураббаъи махбуни аслам:

Расид аз сахро
Саҳар ба гӯши мо,
Суруди хурсандӣ,
Суруди хурсандӣ. (*Фарҳат*)
мафоилун / фаълун
у — у — / — —

М.-и мураббаъи матвии мушаасси мусаббағ:

Сулҳу амонӣ аз мост,
Бахту ҷавонӣ аз мост. (*Мақсуди Гулчин*)
муфтаилун / мафъӯлон
— у у — / — — ~

М.-и мураббаъи аслами мусаббағ:

Дар сохтмон ҳар рӯз
Дорад бародар кор,
Бар дӯстон ҷонсӯз,
Бар ҳамрахон ғамхор. (*Фарҳат*)
мустафъилун / фаълон
— — у — / — ~

М.-и мушаасси мусаббағ:

Илм аз китоб афзояд,
Дилро чу боғ орояд. (*Фарҳат*)
мустафъилун / мафъӯлон
— — у — / — — ~

М.-и мураббаъи махбуни мусаббағ:

Насими гул мевазад боз,
Шамими гул мерасад боз. (*Фарҳат*)
мафоилун / фоилийён
у — у — / — у — ~

М.-и мураббаъи махбуни мақсур:

Маҳмуд рафт ба бог,
Дид ин ки боди бахор. (*Фарҳат*)
мустафъилун / фаилон
— — у — / у у ~

М.-и мураббаъи махбун:

Бобои Файз ба саҳро
Ҳамроҳ бурд Амонро. *(Фарҳат)*
мустафъилун / фаилотун
— — у — / у у — —

**Мӯътадил** (ар. معتدل -рост, баробар, миёна), дар илми арӯз байтеро гӯянд, ки арӯз ва *зарби* он дар вазн баробар бошанд. Яъне агар рукни охири мисраъи якум мафоилун / у — — — / бошад, рукни охири мисраъи дуюм низ мафоилун / у — — — / шавад ва агар а р ӯ з фаӯлун бошад, з а р б низ фаӯлун бувад.

М и с о л:

Мазраи сабзи фалак дидаму доси маҳи нав,
Ед аз киштаи хеш омаду ҳангоми дарав. *(Ҳофиз)*
фоилотун / фаилотун / фаилотун / фаилун
— у — — / у у — — / у у — — / у у —

Мисоли дигар аз Муиззӣ:

Гар об шавам, гузар ба ҷӯят ҷӯям
В-ар сарв шавам, ба пеши рӯят рӯям.
мафъӯлу / мафоилун / мафоилун / фаъ
— — у / у — у — / у — у — / —

Байти аввал баҳри Рамали мусаммани махбуни маҳзуф ва байти дуюм Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар аст. Дар байти аввал ва дуюм рукнҳои охири мисраъҳои онҳо якхела омадаанд (дар ду мисраъи байти аввал — махбуни маҳзуф / у у — /, дар ду мисраъи байти дуюм — абтар / — /.

**Мӯъталифа́** (ар. مؤتلفه -улфатгирифта, муттаҳидшуда), дар илми адабиётшиносӣ, номи яке аз доираҳои арӯзи араб (доираи дуюм), ки Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардааст. Ин доираро барои он М. меноманд, ки рукнҳои баҳрҳояш ба ҳам муносибати наздик доранд, яъне ҳама панҷҳиҷоӣ буда, аз як ватади м а ҷ м ӯ ъ / у — / ва як Фосилаи с у ғ р о / у у — / сохта шудаанд. Баъзеҳо ин доираро *Муттафиқа* номидаанд, ба сабаби он ки аркони баҳрҳои он ба ҳам муттафиқанд.

Агар аз ҷузви якуми рукни аввали доира, яъне аз «ма» / у / сар кунем, ҳашт бор мафоилатун / у — у у — / ба вуҷуд меояд, ки вазни як байти шеъри баҳри Вофири мусаммани солим; агар аз ҷузви сеюми рукни аввали доира, яъне аз «и»

/ у / сар кунем, «илатунмафо» / у у — у — /, «илатунмафо» / у у — у — /, «илатунмафо» / у у — у — /, «илатунмафо» / у у — у — /, «илатунмафо» / у у — у — /, «илатунмафо» / у у — у — /, «илатунмафо» / у у — у — /, «илатунмафо» / у у — у — /, «илатунмафо» / у у — у — / ба вуҷуд меояд ва ба ҷои онҳо рукнҳои мустаъмали мутафоилун / у у — у — /, мутафоилун / у у — у — /, мутафоилун / у у — у — /, мутафоилун / у у — у — /, мутафоилун / у у — у — /, мутафоилун / у у — у — /, мутафоилун / у у — у — / мегузоранд, ки вазни як байт шеъри баҳри Комили мусаммани солимро ташкил медиҳад. Рукни асосии доира мафоилатун / у — у у — / буда, аз як в а т а д и м а ҷ м ӯ ъ / «мафо у — / ва як ф о с и л а и с у ғ р о / «илатун» у у — / иборат аст. Дар ин рукн сабаб иштирок надорад.

Арабҳо дар асли доира ашъори ҳарду баҳрро бештар дар шакли мусаммани солим овардаанд. Шоирони форс-тоҷик кам бошад ҳам, дар шаклҳои м у с а м м а н, м у с а д д а с ва м у р а б б а ъ и ҳарду баҳри доира шеърҳо эҷод кардаанд.

Баъзе арӯздонони форс-тоҷик, аз қабили Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам», Ваҳиди Табрезӣ дар «Ҷамъи мухтасар» ва диг. дар доираи М. баҳрҳои Ҳазаҷу Рамалро ҷой дода, баҳрҳои Вофиру Комилро умуман ба арӯзи форсӣ-тоҷикӣ дохил накардаанд.

Мисол: Комили мусаммани солим:

Ба ҳарими хилвати худ шабе чи шавад нуҳуфта бихониям.
Ба канори ман бинишинию ба канори худ бинишониям. *(Ҳотиф)*
мутафоилун / мутафоилун / мутафоилун / мутафоилун
у у — у — / у у — у — / у у — у — / у у — у —

Вофири мусаммани солим:

Чи шуд, санамо, ки сӯи касе ба чашми ризо намехониям,
Зи расми ҷафо намегузарӣ, тариқи вафо намесипарӣ. *(Сайфӣ)*
мафоилатун / мафоилатун / мафоилатун / мафоилатун
у — у у — / у у — у — / у у — у — / у у — у —

**Мӯҳмал** (ар. مهمل -беэътибор, беаҳамият), номи яке аз баҳрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик Баҳромии Сарахсӣ, Бузургмеҳри Қойинӣ (а. 11) ва диг. баъди Халил ибни Аҳмад ихтироъ кардаанд. Сабаби М. номидани ин баҳр он аст, ки рукнҳои асосии онро аз рукни охири доираи *Мунғалата* — фоилотун / — у — — / ҷудо кардаанд. Агар аз ҷузви аввали рукни сеюми доираи Мунғалата, яъне аз «фо» / — / сар кунем, фоилотун / — у — — /, мафоӣлун / у — — — /, мус-тафъи-лун / — — у — / ба вуҷуд меоянд, ки вазни як мисраъ шеъри баҳри М.-и мусаддаси солимро ташкил медиҳанд. Дар аркони солими М. сабаби хафиф / — / нисбат ба ватади маҷмӯъю / у — / ватади мафруқ / — у / зиёд буда, дар онҳо фосила иштирок надорад. Азбаски шумораи ҳиҷоҳои дарози рукнҳои асосии М. нисбат ба ҳиҷоҳои кӯтоҳи он бештар аст, вазни солимаш аз ҷумлаи авзони сақили арӯз ҳисоб меёбад. М. чун ҳамаи баҳрҳои фаръии арӯз рукни махсус надорад ва рукнҳои солими он дар натиҷаи омезиши рукни асосии баҳри Рамал — фоилотун / — у — — /, рукни асосии баҳри Ҳазаҷ — мафоӣлун / у — — — / ва рукни мус-тафъи-лун / — ~~у~~ ~~—~~ — / сохта шудаанд. М. камистеъмолтарин баҳри аруз буда, дар анвоъи он шоирон ниҳоят кам шеър гуфтаанд. М. бар хилофи баҳрҳои аслии арӯз навъҳои зиёд надорад. Шеърҳое, ки дар анвоъи ин баҳр суруда шудаанд, фақат дар шакли мусаддаси солим аст. Шаклҳои мусамману мураббаю мусаннои солими он тамоман маъмул нест.

Мисол: М.-и мусаддаси солим:

Чашма дар чӯш меояд аз мағзи кӯҳ,
То ки обаш ба кӯҳистон бахшад шукӯҳ. *(Мақсуди Гулчин)*
фоилотун / мафоӣлун / мус-тафъи-лун
— у — — / у — — — / — — у —



## ФЕҲРИСТИ МАЪХАЗИ КИТОБ


*Абулфараҷи Исфаҳонӣ.* Ҳикоёти Иброҳими Мавсилӣ ва фарзанди ӯ Исҳоқ / Аз русӣ тарҷумаи И. Раҳимов ва Гулнозар. — Душанбе: Адиб, 1988. — 192 с.

*Айнӣ С.* Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик//Куллиёт. — Ҷ. 12. — Душанбе: Ирфон, 1976. — 563 с.

*Гулшани адаб* / Намунаҳои назми форсу тоҷик, асрҳои IX—XIII. — Ҷ. 1. — Душанбе: Ирфон, 1975. — 429 с.

*Осори Рӯдакӣ* / Дар таҳти таҳрири Абдулғанӣ Мирзоев. — Сталинобод: Нашрдавточик, 1958. — 542 с.

*Сабаки Рӯдакӣ* / Муқаддима, таҳияи матн ва луғату тавзеҳот ба қалами Аҳмад Абдуллоев тааллуқ дорад. — Душанбе, Адиб, 1991. — 368 с.

*Фирдавсӣ Абулқосим.* Шоҳнома: Ҷ. 7. — Душанбе: Ирфон, 1987. — 652 с.

*1000 мисраи Рӯдакӣ* / Таҳияи матн аз Р. Ҳодизода ва А. Афсаҳов. — Душанбе: Ирфон, 1984. — 191 с.

*Ҳодизода Р.* Танбӯри дилкаш. — Душанбе: Ирфон, 1967. — 141 с.

*Абдуллаев И.* Поэзия на арабском языке в Средней Азии и Хорасане X — начале XI вв. Ташкент: Фан, 1984. — 292 с.

*Абдуллоев А.* Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI. — Душанбе: Дониш, 1972. — 283 с.

*Абдуллоев А.* Адиб Собири Тирмизӣ. — Душанбе: Маориф, 1983. — 208 с.

*Абдуллоев А.* Заҳири Форьёбӣ. — Душанбе: Дониш, 1974. — 226 с.

*Абдуллоов А., Саъдиев С.* Адабиёти форсу тоҷик дар асри XI ва аввали асри XII. — Душанбе: Дониш, 1986. — 262 с.

*Абрамович Г. Л.* Элементы стиховедения//Абрамович Г. Л. Введение в литературоведение. — М.: Учпедгиз, 1961. — С. 176—204.

*Абуль Фарадж аль-Исфахони.* Книга песен/Перевод с арабского А. В. Халидова, Б. Я. Шидфар. — М.: Наука, 1980. — 671 с.

*Авдиев В. И.* История древнего Востока. — М.: Высшая школа, 1970. — 608 с.

*Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII—XIV*//Муҳаррири масъул Р. Ҳодизода. — Қисми якум. — Душанбе: Дониш, 1976. — 348 с.

*Адмони В. Г.* Свободный стих и традиционные формы организации стиха//Адмони В. Г. Поэтика и действительность. — М.: Советский писатель. — 1975. — С. 256—282.

*Азер А.* Рифмы персидского стиха/Проблемы восточного стихосложения. — М.: Наука, 1973. — С. 16—24.

*Азер А. А.* Персидское стихосложение и рифма: Автореферат диссертации доктора филологических наук. — М., 1967. — 110 с.

*Айнӣ С.* Ба Деҳотӣ//Шарқи сурх. — 1962. — № 14. — С. 128—131.

*Айнӣ С.* Ба М. Турсунзода//Шарқи Сурх. — 1956. — № 4. — С. 107—110.

*Акрем Джафар.* Теоретические основы аруза и азербайджанский аруз/ /В сравнении с арабским, персидским, таджикским, турецким и узбекским арузами/. Баку. Елм. 1977. — 412 с.

*Алиева Н.* Взгляды Надерпура на «Новый стих»/IV Всесоюзная научная конференция по иранской филологии. — Тезисы докладов. Ташкент: ТГУ, 1964. — С. 36—37.

*Ал-Фахури,* Ханна. История арабской литературы. — Т. 1. — М.: Изд. иностр. лит., 1959. — 368 с.

*Альтман И. В.* Применение Поливановского принципа звуковых повторов к некоторым особенностям поэтики аруза//Проблемы восточного стихосложения. — М. Наука, 1973. — с. 111—114.

*Амонов Р., Шукуров М.* Вазни шеър: Мутақориб//Амонов Р., Шукуров М. Адабиёти Ватан: Барои синфи шашум. — Нашри 4. — Душанбе: Маориф, 1981. — С. 58—61, 79—82.

*Аристотель,* Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насируддини Тӯсӣ, Фанни шеър/Танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш. Хусейнзода, Х. Шарифов. — Душанбе: Ирфон, 1985. — 192 с.

*Асланов В. И.* Проблемы тюркоязычного стихосложения в отечественной литературе последних лет//Вопросы языкознания, 1968. — № 1. С. 118—120.

*Асрорӣ В.* Баъзе мулоҳизаҳо дар бораи вазни рубоиёти халқӣ//Уч. зап./Душанбе: гос. пед. ин-т им. Т. Г. Шевченко, 1957. — Т. 17. Сер. филол. Вып. 7. — С. 5—15.

*Асрорӣ В* Кофия ва вазн дар фардбайтҳо, рубоӣ, дубайтӣ, рубоӣ ва дубайтии мустазод//Асрорӣ В. Жанрҳои хурди фольклори тоҷик. Қисми 1. — Душанбе, Маориф, 1983. — С. 4—25.

*Атоулло Хусайни.* Бадоеъ-ус-саноеъ/Бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Р. Мусулмонқулов. — Душанбе: Ирфон, 1974. — 223 с.

*Афсаҳзод А.* Лирика Абд-ар-Рахмана Джами/Проблемы текста и поэтики. — М.: Наука, 1988. — 326 с.

*Афсаҳзод А.* Шаклу вазни ашъори Мирзо Турсунзода/Суннатҳои устувор ва навпардозиҳои эҷодкор. — Душанбе: Дониш, 1989. — С. 231—244.

*Бабур Захириддин Мухаммад.* Трактат об арузе/Факс. рукописи, изд. текста, вступ. статья (с. 13—32) и указ. И. В. Стеблевой. — М.: Наука, 1972. — 363 с.

*Беляев Е. А.* Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневековье. — М.: Наука, 1966. — 279 с.

*Бертельс А. Э.* Трактат по поэтике Вахида Табризи//Советское востоковедение. — 1956. — № 2. — С. 77—82.

*Бертельс Е. Э.* Грамматика персидского языка. — Л.: Изд-во Ин-та живых вост. яз. им. А. С. Енукидзе, 1926. — Гл. 12: Стихосложение. — С. 96—126.

*Бертельс Е. Э.* История персидско-таджикской литературы//Избранные труды. — Т. 1. М.: Изд-во вост. лит., 1960. — 556 с.

*Бертельс Е. Э.* Литература народов Средней Азии от древнейших времен до XV века н. э./НМ. 1939, № 6. С. 210—238; № 7, С. 246—264; № 9. С. 264—281.

*Бертельс Е. Э.* Носири Хисроу и его взгляды на поэзию. — ИАН Тадж. ССР, отд. общ. наук., вып. IV, 1953. С. 139—153.

*Бертельс Е. Э.* Отрывки из Авесты. — Восток. 1924. № 4. С, 3—11.

*Бертельс Е. Э.* Персидская поэзия в Бухаре X век. М.— Л.: изд. АН СССР, 1935. — 57 с.



*Бертельс Е. Э.* Поэтика Низами//Избранные труды: Низами и Фузули. — М.: Изд-во вост. лит., 1962. — С. 475—481.

*Бертельс Е. Э.* Суфизм и суфийская литература//Избранные труды, Т. 3. — М.: Наука, 1965. — 524 с.

*Бируни Абурайхан.* Избранные произведения. Т. 4. Ташкент, 1974.

*Берунӣ Абурайҳон.* Осор-ул-бокия. — Душанбе: Ирфон, 1990. — 432 с.

*Биллури А.* Традиция и новаторство в художественной форме современной поэзии Иранского Азербайджана//IVВсесоюзная научная конференция по иранской филологии; Тезисы докладов. — Ташкент: ТГУ, 1964. — С. 39—40.

*Бируни Абу Райхан.* Избранные произведения. Т. 1. Ташкент, 1957.

*Бобоев Ю.* Асосҳои шеъри тоҷикӣ//Назарияи адабиёт. Душанбе; Маориф, 1987. — С. 171—191.

*Бобоев Ю.* Вазн ва сохти шеъри тоҷикӣ//Бобоев Ю. Мукаддимаи адабиётшиносӣ. — Душанбе: Ирфон, 1974. — С. 135—142.

*Брагинский И. С.* Дар бораи китоби Баҳром Сирус//Сирус Б. Арӯзи тоҷикӣ. — Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. — С. 3—4.

*Брагинский И. С.* О возникновении газели в таджикской и персидской литературе//Советское востоковедение. — 1958. — № 2. — С. 94—100.

*Брагинский И. С.* О мастерстве Рудаки//Брагинский И. С. Из истории персидско-таджикской литературы. М.: Наука, 1972. — с. 3—4.

*Брагинский И. С.* От Авесты до Айни. — Душанбе: Ирфон, 1981. — 255 с.

*Брагинский И. С.* Очерки из истории таджикской литературы/АН Тадж. ССР, Ин-т яз. и лит. — Сталинабад: Таджикгосиздат, 1956. — 452 с. — О метрах: Хазадж, Рамаль, Мутакориб, Музореъ, Муджтас, Мунсарех. — см. С. 109, 134, 136, 185, 241—243.

*Брагинский И. С.* Очерки из истории таджикской народной поэзии. М.: АН СССР, 1956. — 496 с.

*Валихӯҷаев Б.* Заҳириддин Муҳаммад Бобур ва адабиёти тоҷик//Масъалаҳои филология ва робитаи адабӣ. — Самарканд. — 1977. — С. 5—11. (Тр. Самарк. гос. Ун-та им. А. Навои: Н. С. № 318).

*Ватват Рашид ад-дин.* Сады волшебства в тонкостях поэзии/Хадоик ас-сихр фӣ дакоик аш-ши, р. — Пер. с перс., исслед. и коммент. Н. Ю. Чалисовой. — М.: Наука, 1975.

*Вахид Табризи.* Дажам-и мухтасар. Трактат о поэтике. Критич. текст, перев. и прим. А. Е. Бертельса. Отв. ред. А. А. Стариков, М: Наука, 1959. — 158 с.

*Ворожейкина З. Н.* Приёмы усиления рифмы в малых стихотворных формах персоязычной лирики XII в.//Проблемы исторической поэтики литератур Востока. — М., Наука, 1989. — С. 269—285.

*Госпаров М. Л.* Семантический ореол метра/Лингвистика и поэтика. — М.: Наука, 1979.

*Госпаров М. Л.* Современный русский стих/Метрика и ритмика. — М.: Наука, 1974. — 487 с.

*Гринцер П. А.* Санскритская поэтика и античная риторика: теория «Украшений»/ Восточная поэтика. Специфика художественного образа. — М.: Наука, 1983.

*Грязневич П. А.* Развитие исторического сознания арабов (VI—VIII вв.). Очерки истории арабской культуры V—XV вв. М.: Наука, 1982. — С. 75—155.

*Давронов С.* Вазни арӯз дар ашъори устод Лоҳутӣ/ / Ёдбуди Лоҳутӣ.— Душанбе: Дониш, 1974. — С. 144—158.

*Давронов С.* Вазни ашъори Абулқосим Лоҳутӣ. — Душанбе: Дониш, 1965. — 164 с.

*Давронов С.* Метрика поэзии Абулкасима Лохути: Автореферат диссертации кандидата филологических наук. — Душанбе, 1966. — 34 с.

*Давронов С.* Навпардозиҳои Лоҳутӣ//Садои Шарқ. — 1967. — № 2. — С. 138—147.

*Давронов С.* Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ. — Душанбе: Маориф, 1993. — 175 с.

*Давронов С.* Сохти шеъри тоҷикӣ. — Душанбе: Ирфон, 1976. — 25 с.

*Давронов С., Рачабов И.* Бахр/Энциклопедияи Советии Тоҷик. — Душанбе, 1978. — Ҷ. 1. — С. 396.

*Давронов С., Рачабов И.* Вазн//Энциклопедияи Советии Тоҷик. — Душанбе, 1978. — Ҷ. 1. — С. 573.

*Девонақулов А.* Пойдевори назмшиносӣ//Маориф ва маданият. — 1983. — 29 май.

*Динаршоев М.* Философия Насриддина Туси. Душанбе: Дониш, — 1968.

*Домин А.* Историческая обусловленность метрики синтайси в японской поэзии/Литература и время. — М.: Наука, 1973. — С. 243—250.

*Дьяконов М. М.* Очерк истории древнего Ирана. — Под ред. И. М. Дьяконова и А. Г. Периханян. М.: 1961.

*Елизаренкова Т. Я., Топоров В. Н.* Древнеиндийская поэтика и ее индоевропейские истоки/Литература и культура древней и средневековой Индии. — М.: Наука, 1979.

*Жале.* Нима Юшедж — отец новой поэзии в Иране//Проблемы теории литературы и эстетики в странах Востока. — М.: Наука, 1964. — С. 319—339.

*Жирмунский В. М.* Введение в метрику//Введение в литературоведение: Хрестоматия. — М.: Высшая школа, 1979. — С. 211—245.

*Жирмунский В. М.* Сравнительное литературоведение. М.: Наука, 1979.— 492 с.

*Жола Бадеъ.* Шеъри нав чист? Мақола доир ба шеъри шоирони Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон//Садои Шарқ. — 1966. — № 2. С. 91—99.

*Зеҳнӣ Т.* Баъзе лаҳзаҳои муҳимми арӯз ва вазни ҳиҷо//Комсомоли Тоҷикистон. — 1961. — 6 авг.

*Зеҳнӣ Т.* Мухтасари арӯзи тоҷикӣ//Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. — Душанбе: Дониш, 1979. — С. 240—324.

*Зеҳнӣ Т.* Чанд сухани судманд. — Душанбе: Ирфон, 1984. — 156 с.

*Златоверхова В. Г.* Метрическая система бирманской классической поэзии//Проблемы восточного стихосложения. Сб. статей. М.: Наука, 1973. — С. 142—159.

*Зуҳириддинов А.* Рисолаи арӯзи Ҷомӣ//Адабиёт ва санъат. — 1989. — № 46. — С. 4.

*Зуҳириддинов А., Умаров М.* Сарчашмаи илми сегона//Адабиёт ва санъат. — 1990. — 27 сентябр.

*Ибни Сино.* Махориҷ-ул-ҳуруф ё асбоби ҳудус-ул-ҳуруф. Ҳикмати арӯз//Осори мунтахаб. — Ҷ. 2. — Душанбе: Ирфон, 1980. — С. 228—243.

*Кайковус Унсурулмаолӣ.* Дар расми шоирӣ./ /Кайковус Унсурулмаолӣ. Насиҳатнома. — Душанбе: Ирфон, 1968. — С. 106—110.

*Каримов У.* Вазни ғазалиёти шоир//Каримов У. Мирзо Содики Мунший. — Душанбе: Дониш, 1972. — С. 93—109.

*Кашифи Камал ад-дин Хусайн Воиз.* Бадан ал афкор фи санои ал-ашор (Новые мысли о поэтическом искусстве). Изд. текста, предис., примеч. и указ. Мусульманкулова Р. М: Наука, 1977.



*Киром Остон.* Мизони арӯз ва мушкилоти имло//Садои Шарқ. — 1990. — № 8. — С. 129—133.

*Киром Остон.* Сайри авзони «Суруди балхиён»/ /Адабиёт ва санъат. — 1990. — 13 сент.

*Кляшторина В. Б.* «Новая поэзия» в Иране. М.: Наука. 1975.

*Кондратов А. М.* Математика и поэзия. — М.: Знание, 1962. — 48 с.

*Кондырева Н. Б.* Аруз//Краткая литературная энциклопедия. — М., 1962. — Т. 1. — С. 327—330.

*Корш Ф.* Очерк персидского стихосложения. — М., 1901. — 63 с.

*Крачковский И. Ю.* Абу-л-Фарадж ал-Ваъва Дамасский. Петроград, 1914.

*Крачковский И. Ю.* Арабская поэзия//Избранные сочинения. Т. 2. М.—Л.: Изд-во АН СССР, 1956. — С. 246—266.

*Крачковский И. Ю.* Арабская поэтика в IX в./ /Избранные сочинения.— Т. 2. — М.— Л., 1956. — 702 с.

*Куделин А. Б.* Средневековая арабская поэтика. — М.: Наука, 1983. — 260 с.

*Маниёзов А.* Шеъри нав ва баъзе масъалаҳои шеърият/Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. — Душанбе: Ирфон, 1970. — С. 243—252.

*Мардонов Т.* К характеристике двуязычия в персидско-таджикской поэзии в IX—X вв.//Масъалаҳои шаркшиносӣ. — Душанбе: Дониш, 1987. — С. 102—110.

*Мирзод Туйчӣ.* Таълиму тахлили асархои лирикӣ. — Душанбе: Маориф, 1992. — 96 с.

*Мирзозода Х.* Рӯдакӣ ва такомулоти шакли назми рубой//Рудакӣ ва замони у.: (Мачмуи мақолаҳо). — Сталинобод: Нашр. давточик, 1958. — с. 142—147.

*Мирзозода Х.* Таърихи адабиёти тоҷик: Аз давраи кадим то асри XIII. — Душанбе: Маориф, 1987. — 488 с.

*Мирзозода Х.* Таърихи адабиёти тоҷик. — Асрхои XIII—XV. Душанбе: Маориф, 1977. — 399 с.

*Мирзохоҷаев Н.* Илми арӯз ва баъзе масъалаҳои назарияи он//Масъалаҳои назария ва таърихи адабиёти тоҷику ӯзбек. — Самарқанд. — 1975. (Тр. Самарк. Гос. Ун-та им. А. Навои, № 262).

*Мусулмониён Р.* Вазни шеър//Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. — Душанбе: Маориф, 1990. — С. 234—248.

*Мусулмонқулов Р.* Андешаҳои гирди шеър//Мусулмонқуллов Р. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар. — Душанбе: Ирфон, 1964. — С. 142—146.

*Мусулмонқулов Р.* Асрори сухан. — Душанбе: Ирфон, 1980. — 152 с.

*Мусулмонқулов Р.* Дарахти дӯстӣ бишон. — Душанбе: Адиб, 1987. — 239 с.

*Мусулмонқулов Р.* Насируддини Тӯсӣ ва назарияи шеър//Садои Шарқ. — 1982. — № 7. — С. 121—126.

*Мусульманкулов Р.* Персидско-таджикская классическая поэтика (X—XV вв.). — М.: Наука, 1989. — 239 с.

*Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ.* Тарҷумон ул-балоға. — Рашидаддин Ватвот. Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър/Таҳияи мати, муқаддима ва тавзеҳи Х. Шарифов. — Душанбе: Дониш, 1987. — 144 с.

*Муҳаммад Ғиёсуддин.* Ғиёс-ул-лугот/Таҳияи мати бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи А. Нуров. — Ҷ. 2. — Душанбе: Адиб, 1988. — 416 с.

*Наимбоев С.* Роли овозу ҳиҷо дар шеър: Такомули шеър дар назми советии тоҷик//Наимбоев С. Таълими шеър дар мактаб. — Душанбе: Маориф, 1982. — С. 39—58, 88—96.

*Низомии Арӯзии Самарқандӣ.* Чаҳор мақола/мураттиб, муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Х. Шарифов, У. Тоиров. — Душанбе: Ирфон, 1986. — 159 с.

*Низомов А.* Арӯз ва созмони шашмақом//Садои Шарқ. — 1991. — № 11. — С. 117—121.

*Никитина В. Б.* К постановке некоторых проблем в изучении классической поэтики иранских народов//Иранская филология. — М.: 1971.

*Нуров А.* Мулҳақот бар Ғиёс-ул-луғот. — Ҷ. 3. — Душанбе: Адиб, 1989. — С. 37—50.

*Нуров А.* Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ. — Душанбе: Маориф, 1990, 368 с.

*Оганесян Д. А.* «Книга поэзии и поэтов» Ибн Кутайбы (828—889) как источник для истории классической арабской поэзии: Автореферат кандидатской диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук. — М.: 1980. — 21 с.

*Османов М.-Н. О.* Синтаксическая структура бейта/на примере «Дивана» Хафиза//Проблемы восточного стихосложения. — М.: Наука. — 1973. — с. 60—67.

*Османов М.-Н. О.* Стиль персидско-таджикской поэзии IX—X вв. — М.: Наука, 1974. — 267 с.

*Остонов К.* Арӯз дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик//Садои Шарқ. — 1979. — № 7. — С. 121—122.

*Остонов К.* Омӯзиши баҳри Рамал дар синфҳои IV—X//Мактаби советӣ. — 1979. — № 9. — С. 30—33.

*Остонов К.* Таснифи баҳри Ҳазаҷ//Изв. АН Тадж. ССР. Отд-ние обществ. наук. 1983. — № 4. — С. 66—74.

*Остонов К.* Таълими вазни Мутақориб дар синфҳои IV—VIII//Мактаби советӣ. — 1980. — № 7. — С. 19—23.

*Остонов К.* Таълими мавқеи И. ва У.-и дароз дар мизони шеър//Мактаби советӣ. — 1977. — № 10. — С. 43—49.

*Остонов К.* Таълими ҳичоҳои шеъри арӯзӣ дар синфи VIII//Мактаби советӣ. — 1978. — № 8. — С. 36—40.

*Остонов К.* Усули таълими баҳрҳои аслии арӯз дар синфҳои VIII—X// Мактаби советӣ. — 1983. — № 7. — С. 8—13.

*Остахонова Х.* Хусусиятҳои вазн ва қофияи достон//Отахонова Х. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик. — Душанбе: Дониш, 1983. — С. 226—237.

*Пригарина Н. И.* Образное содержание бейта в поэзии на персидском языке//Восточная поэтика. Специфика художественного образа. М.: Наука, 1983.

*Раҳмонов Ш.* Байт ва муносибати он дар шеър. — Душанбе, Ирфон, 1980.

*Раҳмонов Ш.* Таҳаввули воҳидҳои лирикӣ. — Душанбе: Адиб, 1988. — 143 с.

*Саидбек Ҳасан.* Бобирнинг мухтасар асари ҳақида/Бобир, Мухтасар, Тошканд: Фан, 1971. — С. 5—13.

*Саидбек Ҳасан* Бобирнинг «Мухтасар» асарида ҳазаж баҳри/Адабий мерос., кит. 3, Тошканд. — Фан, 1973. — С. 35—42.

*Самадов Т.* Анварӣ ва ғазалиёти ӯ. Душанбе: Дониш, 1988. — 162 с.

*Санчес А. А.* К вопросу о сущности системы арабской метрики//Арабская филология. — М.: Наука, 1968. — С. 86—95.

*Сатторов А.* Шеъри Рӯдакӣ ва муаммои таҳлили каломи манзум//Садои Шарқ. — 1979. — № 9. — С. 95—104.

*Сатторӣ Н. Аминов А., Қозиҷонов М.* Маълумоти мухтасар дар бораи арӯз/Хониши ифоданок. — Душанбе: Маориф, 1971. — С. 76—95.



*Саъдиев С.* Поэтикаи шоирони Мовароуннаҳри асри XII. — Душанбе: Дониш, 1980. — 137 с.

*Саидов Ф.* Метрика азербайджанской поэзии: Автореферат диссертации кандидата филологических наук. — Баку, 1955. — 18 с.

*Сирус Б.* Арӯзи тоҷикӣ. — Душанбе: Нашрдавтоҷик. 1963. — 287 с.

*Сирус Б.* Вазни ашъори Ҳабиб Юсуфӣ/ Ҷашнияи Баҳром Сирус, Душанбе: Дониш, 1977. — С. 57—86.

*Сирус Б.* Вазни осори бокимондаи Рӯдакӣ//Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. — С. 128—142.

*Сирус Б.* Назарияи нави қофиябанди дар назми тоҷик. — Душанбе: Ирфон, 1972. — 47 с.

*Сирус Б.* Оид ба метрикаи ашъор ва сурудҳои халқии тоҷик//Ҷашнияи Баҳром Сирус. Душанбе: Дониш, 1977. — С. 53—57.

*Сирус Б.* Оид ба рисолаи арӯзи Ҷомӣ/Абдурраҳмони Ҷомӣ. — Маҷмӯаи материалҳои ҷашни 550-солагӣ. Душанбе: Дониш, 1973. — С. 55—60.

*Сирус Б.* Оид ба шеъри нав//Садои Шарқ.— 1965.— № 8.— С. 112—130.

*Сирус Б.* Реформа в таджикской поэзии. Сталинабад: Таджикгосиздат, 1951. — 16 с.

*Стариков А. А.* Аль-Бируни о метрике индусов/Проблемы теории литературы и эстетики в странах Востока. — М.: Наука, 1964.

*Стеблева И. В.* О проникновении арабо-персидских метров в тюркоязычную поэзию/Проблемы теории литературы и эстетики в странах Востока: М., Наука, 1964. — С. 285—303.

*Стеблева И. В.* Трактат Бабура об арузе/Захираддин Мухаммад Бабур. Аруз рисоласи. М.: Наука, 1971. — С. 13—32.

*Султон И.* Арӯз назарияси. Ритм//Султон И. Адабиёт назарияси. — Тошкент: Укутувчи. — 1980. — Бет. 231—301, 315—331.

*Сыркин А. Я.* Некоторые особенности метрики «Гитакновинды»/Проблемы восточного стихосложения. — М.: Наука, 1973. — С. 80—99.

*Сӯфиев А.* Сохт, қофия ва вазни чистонҳо//Сӯфиев А. Чистонҳои халқи тоҷикӣ. — Душанбе: Дониш, 1972. — С. 139—154.

*Табаров С.* Вазни ашъори Пайрав Сулаймонӣ//Табаров С. Пайрави Сулаймонӣ. — Душанбе: 1962. — С. 378—387.

*Табатабаи А.* Заметки о рифме в «Шах-наме»/Проблемы восточного стихосложения. — М.: Наука, 1973. — С. 77—79.

*Тагирджанов А. Т.* Первый трактат Шамси Фахри Исфахани по персидской поэтике. — «Вестник Ленинградского университета», Сер. ист., яз. и лит., № 14. — Вып. 3, с. 61—66.

*Таджикова З. М.* К вопросу о соотношении метрики стихосложения с метроритмикой напева в таджикских песнях//Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. — 1968. — № 2. — С. 84—94.

*Таърихи Систон.* История Систана/Перевод, введение и комментарий А. П. Смирновой. — М.: Наука, 1974. — 574 с.

*Тилавов Б.* Метрика//Тилавов Б. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок. — Душанбе: Дониш, 1967. — С. 62—74.

*Тоиров У.* Ал-мӯъҷам//Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик.— Ҷ. 1. — Душанбе: 1988. — С. 140.

*Тоиров У.* Арӯз//Илм ва ҳаёт. — 1989. — № 7.

*Тоиров У.* Арӯзи тоҷикӣ/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 1. Душанбе, 1988. — С. 181.

*Тоиров У.* Ахраб/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 1. — Душанбе, 1988. — С. 203.

*Тоиров У.* Басит/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 1. — Душанбе, 1988. — С. 244.

*Тоиров У.* Бахрҳои аслӣ. — Бахрҳои фаръӣ/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 1. — Душанбе, 1988. — С. 257—258.

*Тоиров У.* Васл/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 1. — Душанбе: 1988. — С. 320.

*Тоиров У.* Доираҳои арӯз/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 1. — Душанбе, 1988. — С. 409—411.

*Тоиров У.* Зиҳоф/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 1. — Душанбе, 1988. — С. 469—470.

*Тоиров У.* Комил/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 2. — Душанбе, 1988. — С. 51—52.

*Тоиров У.* Макфуф/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 2. — Душанбе, 1989. — С. 143—144.

*Тоиров У.* Матвӣ/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 2. — Душанбе, 1989. — С. 183—184.

*Тоиров У.* Махбун/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 2. — Душанбе, 1989. — С. 188—190.

*Тоиров У.* Музореъ/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 2. — Душанбе, — 1989. — С. 303.

*Тоиров У.* Мунсарех/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 2. Душанбе, 1989. — С. 318—319.

*Тоиров У.* Мунъакиса, Мунъалика, Мунгалата/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 2. — Душанбе: 1989. — С. 322—324.

*Тоиров У.* Мутадорик/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 2. — Душанбе, 1989. — С. 351—352.

*Тоиров У.* Мутақориб/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 2. Душанбе, 1989. — С. 353—354.

*Тоиров У.* Мушокил, Муштабаҳа, Муштабаҳан зоида, Муштабаҳаи музоҳафа, Муштабаҳаи мусаддаса, Муштарак/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 2. — Душанбе, 1989. — С. 362—367.

*Тоиров У.* Муктазаб/Энциклопедияи Советии Тоҷик. — Ҷ. 4. Душанбе, 1983. — С. 617—618.

*Тоиров У.* Муҷталиба, Муҷталибаи зоидан музоҳафа, Муҷталибаи солима, Муҷтамеъа, Муҷтасс/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 2. — Душанбе, 1989. — С. 391—394.

*Тоиров У.* Рамал/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 3. — Душанбе, 1993.

*Тоиров У.* Рачаз/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 3. — Душанбе, 1993.

*Тоиров У.* Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам. — Душанбе: Маориф, 1991. — 560 с.

*Тоиров У.* Ҳазач/Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 3. — Душанбе, 1993.

*Томашевский Б. В.* Стилистика и стихосложение. — Л.: Худож. лит., 1959.

*Тӯйчиев У.* Арузшиносликга доир. — Тошкент, Фан, 1973.

*Умаров М. А.* Бахри Ҳазач дар шеъри тоҷики ва шеъри арабӣ//Масъалаҳои шарқшиносӣ. — Душанбе: 1987. — С. 50—54.

*Умаров М.* Халил ибни Аҳмад/Энциклопедияи Советии Тоҷик. — Ҷ. 7. Душанбе: 1987. — С. 602.

*Фильштинский И. М.* Арабская литература в средние века: Словесное искусство арабов в древности и раннем средневековье. — М.: Наука, 1977. — 211 с.

*Фильштинский И. М.* История арабской литературы: V — начало X века. — М.: Наука, 1985.



*Фролов Д. В.* К вопросу о становлении и эволюции классического арабского стиха/Проблемы исторической поэтики литератур Востока. — М.: Наука, 1988. — С. 243—268.

*Фролов Д. В.* Теория аруда: просодия и ритм//Проблемы арабской культуры. — М.: Наука, 1987.

*Хамраев М. К.* Метрика/Хамраев М. К. Основы тюркского стихосложения. — Алма-Ата: Изд-во АН Каз. ССР, 1903. — С. 90—133.

*Хасанов С.* Трактат Бобура об арузе: Автореферат диссертации кандидата филологических наук/Самарканд. гос. ун-та им. А. Навои. — Ташкент, 1972. — 22 с.

*Ходжа Алтаф Хусен Хали.* Поэтика/Перевод с урду. Отв. редактор З. Ш. Хасанова. — Душанбе: Дониш, 1989. — 241 с.

*Холшевников В. Е.* Основы стиховедения: Русское стихосложение. — 2-е изд. Перераб. Л., изд-во ЛГУ, 1972. — 168 с.

*Шамси Кайси Рози.* Ал-муъчам, Душанбе: Адиб, 1991. — 464 с.

*Шарифов Х.* Рисолаи қадимтарин роҷеъ ба илми шеър//Садои Шарқ. — 1971. — № 6. — с. 125—134.

*Шарифов Х.* Қаломи бадеъ. Душанбе: Маориф, 1991. — 160 с.

*Шарифов Х.* Шоҳмухаммедов Ш. М. Форс-тоҷик арузи. — Тошкент, 1970. — 115 с.

*Щербак А. М.* Бобирнинг аруз хакидаги рисоласи ва унинг Навойи ижодини ўрганишдаги аҳамияти/Адабий мерос, кит. 2. Тошканд: Фан, 1971. — С. 284—287.

*Щербак А. М.* Система староузбекского стихосложения//Грамматика староузбекского языка. — М.—Л., 1962. — С. 247—256.

*Эберман В. А.* Персы среди арабских поэтов эпохи Омейядов. — «Записки коллегии востоковедов», т. 11. — вып. 1, 1926. — С. 113—154.

*Қаҳҳорова Н.* Вазни ғазалҳои Саъдӣ//Масъалаҳои забон ва адабиёт. Кисми 1. Ун-ти давл. Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин. — Душанбе, 1975. — С. 140—153.

*Кулиев Т.* Ми йар-ўл-ашар-ның йени нешри//Адабийат ве инчасанат. — 5.9.1986.

*Хакимов А.* Таҳаввули арӯз//Хакимов А. Шеър ва замон. Душанбе: Ирфон, 1978. — С. 129—184.

*Ҳодизода Р.* Абӯалӣ Сино: таксимоти илм ва фанҳои адабӣ//Ҳодизода Р. Аз Рӯдакӣ то имрӯз. — Душанбе: Адиб, 1988. — С. 90—122.

*Ходизода Р.* Назари Ҷомӣ ба иазм//Ходизода Р. Аз гузашта ва хозиран адабиёти тоҷик. — Душанбе: Ирфон, 1974. — С. 22—44.

*Ходизода Р.* ва диг. Маълумот дар бораи арӯз//Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. — Душанбе: Ирфон, 1966. — С. 159—179.

*Хожиахмедов А.* Мактабда аруз вазнини урганиш. — Тошкент. Ўкитувчи. — 1978. — 122 бет.

*Хотамов Н., Саримсоқов.* Арӯз//Адабиётшинослик терминларинг русча ўзбекча изохли луғати. — Тошкент, Ўкитувчи, 1979. — Бет. 35—36.

*Хусейнзода Ш.* Адабиёти тоҷик (Барои синфи 8-ум). Душанбе: Ирфон, 1972. — 196 с.

*Хусейнзода Ш.* Арӯз/Энциклопедияи Советии Тоҷик. — Ҷ. 1. — Душанбе: 1978. — С. 253—256.

*Хусейнзода Ш.* Сохти шеъри тоҷикӣ//Адабиёти тоҷик: Барои синфи 8. — Душанбе: Маориф, 1980. — С. 28—46.

*Хусейнзода Ш.* Шеъри классикӣ ва масъалаҳои шакли нав//Хусейнзода Ш. Гуфтор аз ганчи сухан. — Душанбе: Ирфон, 1985. — С. 38—43.

*Хусейнзода Ш., Тоиров У.* Арӯз//Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. — Ҷ. 1. — Душанбе, 1988. — С. 178—180.

ابن یمین فریومدی، دیوان اشعار، بتصحیح و اهتمام حسینعالی باستانی‌زاده، تهران ، ۱۳۴٤
ابوالفرج رونی، دیوان، باهتمام محمود مهدوی دامغانی ـ تهران، ۱۳٤۸
ابوالقاسم جنتی عطایی، نیما، زندگی و آثار او، تهران ۱۳٤۳ هـ. ش.
ابونثر فراهی، نصاب‌الصبیان، تهران ۱۳٦۸
ابوتواب رازانی، شعر و موسیقی و ساز و آواز در ادبیات فارسی، تهران، ۱۳٤۲.
اته هرمن، تاریخ ادبیات فارسی، ترجمه با حواشی رضازاده شفق، تهران، ۱۳۳۷
احسان یار شاطر، شعر فارسی در اهد شاه‌رخ یا آغاز انحطاط در شعر فارسی، تهران، ۱۳۳٤
ادیب طوسی، پیشنهاد تازه در فن عروض، نشریه دانشکدهٔ ادبیات تبریز، ۱۳۳۹، سال دوازدهم، شطرهٔ چهارم
ازرق هروی، دیوان، با تصحیح و مقابله و مقدمهٔ سعید نفیسی، تهران ـ شاهاباد، ۱۳۳٤
امام فخر رازی، جامع العلوم، فن بیستم علم عروض و فن چهل و هشتم علم موسیقی (چاپ تاشکند)
انوری، دیوان، بکوشش سعید نفیسی، تهران، ۱۳۳۷
اوحدی اصفهانی معروف به مراغی، کلیات، با تصحیح و مقابلهٔ کتابت ۱٦۷۰
سعید نفیسی، تهران، ۱۳٤۰
ایدوارد براون، تاریخ ادبیات ایران (از فردوسی تا سعدی)، ترجمه و حواشی فلح‌الله مجمبای، تهران، ۱۳٤۸
بابافغانی شیرازی، دیوان اشعار، بتصحیح و اهتمام احمد سهیلی خوانساری، تهران ۱۳٤۲
بهار ملک‌الشعرا، سبک‌شناسی، تهران، ۱۳۳٤



بهار ملک‌الشعرا، شعر در ایران پیش از اسلام، در کتاب شعر در ایران، مشهد ـ تهران
بهار ملک‌الشعرا، شعر عروض در دورهٔ اسلامی، در کتاب شعر در ایران، مشهد ـ تهران،
بهمن ساروق، نیما و شعر فارسی، تهران، ۱۳۵۰
تاج الحلاوی، دقایق الشعر، بتصحیح و با حواشی و یادداشتهای سید محمد کاظم امام، تهران، ۱۳٤۲
تاریخ سیستان، بتصحیح ملک الشعرا بهار، تهران ۱۳۳۹
جامی عبدالرحمن، رسالهٔ عروض در صناعت شعر و قافیه، در کتاب کلیات جامی
جعفر سامنی، فنون شاعری، تهران، ۱۳٤۱
حکیم ابو معین حمیدالدین ناصر خسرو قبادیانی، دیوان اشعار، با تصحیح آقای حاجی سید نصرالله تقوی، اصفهان، ۱۳۳۹
حکیم سوزنی سمرقندی، دیوان، تصحیح و مقدمه و شرح احوال و فهرست لغت و ترکیبات و جایها با معانی و تفاسیر از دکتر ناصرالدین‌شاه حسینی، تهران، ۱۳۳۸
حمید حسینی، نگاهی به تاریخچهٔ عروض فارسی و سیر تحقیقات عروضی از آغاز تا امروز، کیهان هوای، شمارهٔ ۹۷٤، چهارشنبه ۲۸ اسفند ۱۳۸۰ ـ ۱۸ مارس ۱۹۹۲
خاقانی شیروانی، دیوان، بکوشش دکتر ضیاالدین سجادی تهران، ۱۳۳۸
خانلری پرویز ناتل، تحقیق انتقادی در عروض فارسی و چگونگی تحول اوزان غزل، تهران، ۱۳۲۷
خانلری پرویز ناتل، عروض عرب هندی، مجلهٔ ادبیات، شطره ۳ سال پنجم ۱۳۲۷
خانلری پرویز ناتل، وزن شعر فارسی، تهران، ۱۳٤۵
خواجه نصیرالدین طوسی، اساس الاقتباص، چاپ دانشگاه تهران، ۱۳۰٦
خواجه نصیرالدین طوسی، معیار الاشعار در علم عروض و قوافی شعر فارسی، تهران، ۱۳۲۵
خواجه نصیرالدین طوسی، معیارالاشعار در علم عروض و قوافی، به اهتمام محمد فشارکی جمشید مظاهری، نشریات سهروردی، تهران، ۱٤۰۳
دکتر خلیل رهبر، فرخی سیستانی، به معنی واژه‌ها و شرح بیتهای دشوار و برخی نکته های دستوری و ادبی، تهران، ۱۳٤٤

دولت‌شاه سمرقندی، تذکرة‌الشعرا، به تحقیق و تصحیح محمد عباس، تهران، ۱۳۳۷
رادویانی محمد ابن عمر، کتاب ترجمان البلاغه، استامبول، ۱۳۴۹
رشیدالدین وطواط، دیوان و حدایق السحر فی دقایق‌الشعر، با مقدمه و مقابله و تصحیح سعید نفیسی، تهران، ۱۳۳۹
رشیدالدین وطواط، رساله فی‌العروض من تصانیف (نسخه خطی)
زین‌العابدین مؤتمن، تحول شعر فارسی، تهران، ۱۳۳۹
زین‌العابدین مؤتمن، شعر و ادب فارسی، تهران، ۱۳۳۲
زهرای خانلری، راهنمای ادبیات فارسی، تهران، ۱۳۴۰
سعدی، گلستان، به تصحیح جی‌تی‌یلانس (و ضمیمهٔ آن در بارهٔ اوزان اشعار مختلف فارسی و عربی که در گلستان آمده است)، چاپ لندن، ۱۸۷۴
سعید نفیسی، احوال و اشعار ابو عبدالله جعفر بن محمد رودکی سمرقندی، مجلد اول، تهران، ۱۳۱۹
سعید نفیسی، احوال و اشعار ابو عبدالله جعفر بن محمد رودکی سمرقندی، مجلد دوم، تهران، ۱۳۱۹
سعید نفیسی، احوال و اشعار ابو عبدالله جعفر بن محمد رودکی سمرقندی، مجلد سوم، تهران، ۱۳۱۹
سعید نفیسی، احوال و اشعار ابو عبدالله جعفر بن محمد رودکی
سعید نفیسی، احوال و اشعار ابو عبدالله جعفر بن محمد رودکی
سنای غزنوی، دیوان، بسعی و اهتمام مدرس رضوی، تهران، ۱۳۲۰
سیفی، عروض صیفی، کلکته، ۱۸۹۷
شبلی نعمانی، شعرالعجم، جلد اول، چاپ دوم، تهران، ۱۳۳۷
شبلی نعمانی، شعرالعجم، جلد پنجم، چاپ دوم، تهران، ۱۳۳۸
شکوروف محمدجان، صدرالدین عینی، دوشنبه، ۱۹۷۸
شمس‌الدین محمد بن قیس الرازی، المعجم فی معاییر اشعار العجم، بتصحیح محمد عبدالوهاب قزوینی، تهران، ۱۳۳۸
صفا ذبیح‌الله، تاریخ ادبیات در ایران، جلد اول و دوم، تهران، ۱۳۳۹
صفا ذبیح‌الله، گنج سخن، تهران، ۱۳۴۰
صفا ذبیح‌الله، مختصر در تحول نظم و نثر پارسی، تهران، ۱۳۳۳
صفی‌الدین عدا بن صفی الدین علی البسطامی، تحفه الشعر در علم عروض (نسخه خطی)



عبدالقهار بن اسحق الملقب به اشرف، عروض همایون مزان الاوزان و لسان القلم در شرح الفاظ عجم، مختصر المعجم، قیس رازی، تهران، ۱۳۳۷
عبدالواسع جبلی، دیوان، با اهتمام و تصحیح و تعلیق ذبیح‌الله صفا، جلد اول، قصاید، تهران، ۱۳۳۹
عمعق بخارای، دیوان، با مقابله و تصحیح و مقدمه و جمع‌آوری سعید نفیسی، تهران، ۱۳۳۹
عنصری بلخی، دیوان، بکوشش محمد دبیر سیاقی، تهران، ۱۳۴۲
غلام‌حسین یوسفی، فرخی سیستانی، بحثی در شرح احوال و رازکار و شعر او، مشهد، ۱۳۴۱
فاطمه سیاح، نظریات چند در باب شاهنامه و زندگانی فردوسی، سخن، سال دوم، شماره ۸، تهران، ۱۳۳۴
فرخی سیستانی، دیوان، بکوشش محمد دبیر سیاقی، تهران، ۱۳۳۵
فروزانفر بدیع‌الزمان، سخن‌وران، ج ۱، چاپ دوم، تهران، ۱۳۸۱
فرهنگ رشیدی، تهران، ۱۳۳۷
فرهنگ عمید، جلد اول، تهران، ۱۳۳۷
قبول محمد، هفت قلزم، جلد چهارم، لکهنو، ۱۳۱۸
کاشفی کمال‌الدین حسین واعظ، بدایع الافکار فی صنایع الاشعار، با مقدمه و سعی و فهرستهای رحیم مسلمانقلوف، مسکو، ۱۹۷۷
محمد جعفر محجوب، سبک خراسانی در شعر فارسی، تهران، ۱۳۴۵
محمد حسین ابن خلف تبریزی، برهان قاطع، باستمام معین، در پنج جلد، جلد ۳، تهران، ۱۳۳۳
محمد عوفی، لباب الالباب، بسعی و اهتمام و تصحیح ایدوارد براون، جلد اول، لیدن، ۱۹۰۶
محمد عوفی، لباب الالباب، بسعی و اهتمام و تصحیح ایدوارد براون، جلد دوم، لیدن، ۱۹۰۳
محمد قزوینی، بیت مقاله، تهران، ۱۳۳۶
مسعود سعد سلمان، دیوان، بتصحیح رشید یاسمی، تهران، ۱۳۳۹
مظاهر مصافی، پاسداران سخن، تهران، ۱۳۳۵
معزی سمرقندی، دیوان، بسعی و اهتمام عباس اقبال اشتیانی، تهران، ۱۳۸۱
منوچهر دامغانی، دیوان، بکوشش محمد دبیر سیاقی، تهران، ۱۳۳۸
مولانامفتی محمد سعدالله، میزان الافکار شرح معیارالاشعار مع رسالهٔ رباعی، نول کشور ۱۲۸۲

МУНДАРИЧА

ДАРЕИ РАВОН . . . . . 3
ОҒОЗИ КИТОБ . . . . . 22
ФЕҲРИСТИ МАЪХАЗИ КИТОБ . . . . . 497

---

میرزایف عبدالغنی، رودکی و انکشاف غزل در عصرهای ۱۵ ـ ۱۰ استالین‌آباد، نشریات دولتی تاجیکستان، ۱۹۵۷
نظام‌الدین احمد بن محمد سلح الصدیقی، مجمع الصنایع، دستخط، سال
همای جلال‌الدین، تاریخ ادبیات ایران، جلد اول، و دوم، تران، ۱۳٤۰
وحید تبریزی، رسالهٔ جمع مختصر، متن کامل و تصحیح‌شده بسعی و اهتمام اندره برتلس، ادارهٔ نشریات خاور، مسکو، ۱۹۵۹
همای جلال، رودکی و اختراع رباعی، مجلهٔ دانشکده ادبیات، شمارهٔ ۳ ـ ٤، سال ششم
همای جلال‌الدین، تاریخ ادبیات ایران، جلد اول، و دوم، تران، ۱۳٤۰

*УРВАТУЛЛОИ ТОИР,*
*САИДМУРОДИ САИДАЛИ*

**СЛОВАРЬ РИФМ**
**И СТИХОСЛОЖЕНИЙ ПОЭЗИИ АДЖАМА**

В двух томах. Том I

(на таджикском языке)

Мухаррири бадей
И. Ғаниев

Мухаррири техникӣ
Л. Шашкова

Мусаҳҳеҳ
И. Ҳамроев

БИ № 2770

Ба матбаа 07.04.93 супорида шуд. Ба чопаш 24.12.93 имзо шуд. Формати $60\times84^{1}/_{16}$. Қоғази типографии № 2. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш баръаста. Ҷузъи чопии шартӣ 29,76. Ҷузъи рангаи шартӣ 30,108. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 26,73
Адади нашр 6000. Супориши № 1046.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», к. Н. Каробоев, 17.

Матбааи аввалини Вазорати матбуот ва ахбори Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

ФОНД